*Сорбон*

# МАҒЗРЕЗА

## *Дида ва шунида*

Душанбе
«Адиб»
2013

ББК 84 Тоҷик 7-4
С-35

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

С-35 **Сорбон. Мағзреза** (дида ва шунида).
– Душанбе, «Адиб», 2013, 352 саҳ.

«Нон ҳам нону мағзреза ҳам нон» – ба эҳтироми нон чунин гӯяд халқ. Вале ин «Мағзреза» аз чанд мағз таркиб ёфта: мағзи сар, мағзи устухон ва мағзи дил. Ин пораҳо андеша, дидаву шунида ва мушоҳидаҳоянд, ки нависандаи ҳунарманд тавонад, қиссаву роман нигорад ва ё достонҳои кӯтоҳ гӯяд, намоишнома созад ё филмнома. Мағз гирад, пӯстлоху пӯчоқ ё карка андозад. Хонанда низ бояд чунин бомулоҳиза ва бодиққат бошад, то дарёбад, ки қаламкаш чӣ мегӯяд.

ISBN 978-99947-2-223-5

© Нашриёти «Адиб», 2013

## ДИДА ВА ШУНИДА

«Нон ҳам нону мағзреза ҳам нон» ба эҳтироми нон чунин гӯяд халқ. Вале ин «Мағзреза» аз чанд мағз таркиб ёфта: мағзи сар, мағзи устухон ва мағзи дил. Азбаски навиштанӣ зиёду умр кӯтоҳ, ба қароре омадам, ки ҳар мағзрезаро нон пиндошта кӯтоҳ нависам, ки ба нигоштани достонҳойи баланду дароз рӯз намерасад. Ин пораҳо – андеша, дидаву шунида ва мушоҳидаҳоянд, ки нависандаи ҳунарманд тавонад, қиссаву роман нигорад ва ё достонҳойи кӯтоҳ гӯяд, намойишнома созад ё филмнома. Мағз гирад, пӯстлоху пӯчоқ ё карка андозад. Хонанда низ бояд чунин бомулоҳиза ва бодиққат бошад, то дарёбад, ки қаламкаш чӣ мегӯяд. Кӯтоҳ гуфтанӣ будаму кам, вале гоҳи таҳриру такмил пораҳо пайиҳам меомаданд ба сар андаку беш; менигоштам яксара ва наметавонистам ба гунаҳо ҷудо бикунам чунонки Саъдии бузург карда; зеро поёни навиштаҳо рӯз ниҳодааму сол, хостам чунон бошад, ки омада. Андаку хурдакҳо ба дафтари дигар гузаштанд бо номи «Реға». Гар омадаҳоро сари вақт ба риштаву реҷа намекашидам ва ба умеди «фардо» мегузоштам, мепариданд чун ғози мизони мавсимӣ, дубора намеомаданд ба сар; чунонки фармуда: «Оҳанро дар гармиаш бояд кӯфт!» Барои навиштани «Мағзреза» фаслу сол ҷудо накардаам. Онҳо миёни навиштаҳои дигар омадаанд ё гоҳи ба нигоштани повесту романҳо омода гаштан ва ҳангоми гирифт кардани бобе аз асар ё худ миёни андешаҳои дигар, пешдастӣ кардаанд. Ба қавли деҳқон: «вақти нонхурак» ангушт задаам ба тугмаҳои компутер, то оҳанги хуш бароранд бароям. Дар эҷодам гунаи «шунида» корбаст шуда, ки ҳикоя ё қиссаи бофтаву сохтаам нест, балки аз касе шунидаам. Аз ин рӯ «шунида» номидам, ки касе пеш аз ман низ шунида кор фармуда бошад, хуб нашавад; дуздӣ бошад, ки дар адабиёти имрӯзаи мо кам нест, ки аз гузашта беш гиранд, аз имрӯза дузданд. Ин муаммо рӯзе ошкор гардад. Эҷодкорро хуб набошад.

*Муаллиф*

## АЙБИ ДАНДОНИ ФИТОДА

Мастони Шариф гӯяд: «Дар хизмати ҳарбӣ будем дар Афғонистон. Аз машқгоҳи ҳарбӣ ба қисми ҳарбӣ мерафтем. Ҳаво замҳарир. Саҳл монда, ки мусичайи белона барин дар болойи чор хаси лона пиндошта хобида, шах шуда мурем. Аз куҷое нафаре аз сарбозон як шиша нӯшокӣ баровард, ки Худо донад, вай чӣ буд. Қарор шуд, ки аз лаби бӯтал як қулт-як қулт менӯшем. «Ҳар кас ду қулт гирад, аз болойи мошин ба замин партофта, меравем, арзашро ба Худо кунад.» Вале чиро бояд газак кард? Як нафари дигар аз куҷое як дона конфет баровард. «Мелесиву бӯй мекунӣ. Газидан, хойидан ё хӯрдан мумкин не… Касе чунин кунад, аз пайи дуқултхӯрда меравад.»

Қонун ва низоми ҳарбӣ сахт.

Як қулт мегирифт ва конфетро мелесиду бӯй мекашид сарнахуст. Давра мегашт бӯталу конфет. Яке Бедандон гулӯяшро дудаста дошта зӯр мезад, ки чизи дар гулӯяш дармондаро баргардонад. Ва якбора дастон дар гулӯ қарор истод мурдаосо. Наметавонист ҷунбидан ё баргашта ба чашми касе нигаристан. Эҳсос мекард, ки чизе гулӯ, сурхной ва сари синаашро сӯзонда гузашт. Зиёдтар аз он як алами сахт, ки ягон чиз ба он баробар шуда натавонад: «Охир таъкид шуда буд, ки танҳо лесанд ва бӯй кашанд, ин конфети сабилмондаро. Лекин фурӯ додам. Бароӣ чӣ? Намедонам. Шояд аз гуруснагӣ бошад? Нафси бад маро ба ин роҳ бурд. Аммо нафаҳмида мондам. Айби бедандонӣ … Зор монад».

– Рафиқон! Рафиқон! Ина!

Ду дандони афтидайи пешро нишон дод ба ҷойи узр.

– Рӯта сиёҳ мекунӣ, баднафс! Мо ҳам метавонистем даруни дандон гузошта қулт кунем. Лекин ин корро накардем, ки дар миёни дӯстон ҳастем. Ҳама баробар. Ҳеҷ кадоми мо аз осмон наафтидаем.

Ин ҷавони сиёҳи девсурати баҳонаталаб, ки дар ҳама ҷо зуд остин бар зада майдонталаб мешуд, эҳтимол, барои аз гулӯйи ин баднафс гирифта аз мошин зер афкандан хеста буд, сараш ба рави болопӯши мошин бархӯрд ва алами ӯро даҳчанд кард.

– Ман ин баднафса аз болойи мошин ба зер намеандозам. Балки шикамашро чок карда, конфетро мегирам.

Аз сарийи мӯзааш кордчаеро баровард.

Бедандон ба умеди он ки шояд конфет аз гулӯ нагузашта бошад, даст дар гулӯ дошт, то баргардонад конфетро, якбора дастон раҳо карда пеш бурд, то зарби теғи шарикхидматро боздорад. Ногоҳ теғ аз дасти ҳамхидмат афтид ва ӯро чӣ андеша ба сар омад, ки ба гиря оғозид:

– Ман медонам, ҳамаамон гушна, аз роҳи дур меоем, хунук гузарондааст. Лекин як дам тоқат мекардӣ, намемурдӣ! Ин ҷо рафоқат ҳаст, дӯстӣ ҳаст! Хидмат ҳаст. Лекин ту чӣ кор кардӣ?

– Ҳамин хел шуд, старшина. Намедонам, ки айби бедандонӣ, гуруснагӣ ё ягон чизи дигар. Худам надониста мондам. Ту кордчаатро напарто. Аз баройи Худо, чок бикун шиками носери маро ва конфетро барор. Вагарна инҳо чиро мелесанд? Чиро бӯй мекашанд? Ман аз ту хоҳиш мекунам!

– Аблаҳ! – оринҷ зад ҳампаҳлӯяш. – Ба ҷойи узр пурсидан ба оташи ғазаби ӯ равған мерезӣ! Узр пурс!

– Чӣ хел урз? Ман онро қасдан накардаам. Худаш рафт. Моҳӣ барин. Ту ягон бор аз об моҳӣ гирифта, суст нигоҳ дошта бошӣ, мефаҳмӣ, ки он моҳӣ боз ба об меравад. Ин ҳам ҳамин хел шуд. Ба номи Худо, айнан ҳамин хел. Доштанӣ шуда, худкушӣ кардан хостам, лекин дер шуда буд. Ҳамаатон дидед…

– Ӯй! Ӯй! Худата надаррон! Маълум, ки ту худатро дар ягон ҷо, ягон маврид даст гирифта наметавонӣ. Чунки ҳикояҳойи Ҷек Лондонро нахондайӣ. Ман рост мегӯм, нахондайӣ. Мехондӣ, медонистӣ, ки нафсро чигуна бояд кушт, то туро накушанд. Дӯстро, душманро, рафиқро, ҳамсафарро чигуна бояд қадр кард.

– Эй бародар, «Дар талоши ҳаёт»-ро мегӯйӣ? «Матонат»-ро мегӯйӣ? Хондаам… Лекин нашуд. Дошта нашуд. – гуфт ва оҳиста кордчаро бо нӯки мӯза зери пой кашид.

«Ягон бушлати қарқгирифта ҳаст?»

Ҳама ҳайрон монданд аз пурси старшина. Лекин бедандон маънийи ин саволро дарёфта, посухе нагуфт, балки бушлатро

аз тан кашида ба вай дароз кард. Старшина ҳатто нигоҳ накарда пушти даст тела дод:

«Ин ҳаром… бушлати ту худат барин ҳаром…»

Бедандон чизе нагуфт. Лекин сахт кина гирифт: «Барои як конфет-а?» Пурсид аз худ.

«Старшина, бисёр хафа нашав, ман ба хона менависам, тонна-тонна конфет мефиристанд.»

– Он вақт ба сарат мезанӣ. Ба қисм, ки расидем, ҳама сер мешаванд. Касе ба конфет нигоҳ намекунад. Ҳозир лозим, ҳозир…

– Хайр, чӣ кор кунам? Худамро дарронам? Чок кунам? Ина, биё! Чок бикун! Ҳама халос мешавем.

– Вай аллакай ҳазм шуд, дар заводи ту.

– Не. Ҳоло об нашудааст. Ба ҳурмати Худо, дар кучҷойи рӯдаам андармон шуд, часпид. Сӯрох карда мебароям, мегӯяд. Сабр кунед, худам мебароям, мегӯяд.

– Боз забон дорад, гап мезанад, масхара мекунад. Таллоғу… Заҳри баданат.

Гарчӣ ҳавои бордони мошин сард буд ва ба ҳавойи даҳони онҳо заҳраш намешикаст, бедандон бушлатро напӯшида рӯйи зонуҳояш гузошт ва баъдтар зери пой ғалтонида, ҳамроҳи кордчайи таги мӯза пинҳон кардааш бардошт.

– Рафиқ старшина! – дод зад нафаре.

Бедандон гумон кард, ки кордча бардоштани ӯро дида ба вай хабар медиҳад. Шах шуд: «Яқин, дигар ҷойи раҳойӣ нест».

Старшина шишайи назди даҳон овардаро пас бурд:

– Чӣ мегӯйӣ?

– Пайтоба мешавад? Пайтоба?

– Ҳаром!

Ва шиша зер рафт. Пиндоштанд, ки шиша аз дасти старшина афтида, шароб мерезад, баробар дод заданд: «Эй!!!»

Вале старшинаро даст ҳам баробари шиша хамида буд. Шишаро дар дасти ӯ дида баробар нафас бароварданд: «Оо-оо!!!»

– Кори безеб мекунӣ, старшина. Дами арақ баромад. Маззааш гурехт.

Старшина чизе нагуфта, шишаро сӯйи ҷавони сияҳмӯйи ба назар, чашмонаш хунгирифта дароз кард.

– Нeee, ман дар омади гап гуфтам, дар умрам нахӯрдаам.

– Нахӯрда бошӣ, акнун мехӯрӣ!

– Не. Падарам фаҳмад, ки арақ хӯрдаам, хона равам, мекушад.

– Хона намеравӣ. Туро дар ҳамин ҷо мекушем.

– Шӯхӣ накун, старшина.

– Ҷойи шӯхӣ нест. Гапи мард якта. Ман фаҳмидам, ки ту киноя мезанӣ. Ба назарам, ҳамшаҳрийи Бедандон ҳастӣ.

– Э мон!

– Чиро монам?

– Охир ман, ишора кардам, ки зудтар арақро хӯред, то…

– Не, ту прокурори ҳарбӣ ҳастӣ? Як фисин! Аз мошин пар! Пар! Ман ҳам мепарам…

– Хайр. Агар ин хел биё баробар парем…

«Арақро заҳр кардед, дар баданамон!»

Ин садо аз пешгаҳ омад. Старшина надонист, ки кист. Олуғда ба ҳар кадом менигарист:

– Боз инаш кӣ?

– Охир, рост мегӯм. Як туйӣ дар ҳамин даста?

– Ҳааа… Ту? Ту ҳам дорӣ. Ман кайҳо инро пай бурдаам. Маллабой! Ба ту чӣ намерасад? Арақ? Ина! – шишаро тори сар бардошта, ба фарқи сари ӯ заданӣ буд, ки аз пас дошта, дасташро тоб дода гирифтанӣ шуданд. Ӯ дудаста дошт шишаро. Арақ рехт. Фазойи бордон пур аз бӯйи арақ шуд. Ҳама баробар фурӯ мекашиданд бӯйи онро.

Старшина шишайи холиро раҳо карда, даст ба соқи мӯза бурд. Кордчаро пайдо накард.

Мошин такон хӯрда, истоданӣ шуд. Аммо рӯйи ях лағзида ба чизе бархӯрд.

«Омадем».

Садойи оне буд, ки аз ҳама қафо дами дари пушт бепарво менишаст.

Ронанда омада аз берун дарро кушод.

Ин ҷо хобгоҳи қисми ҳарбӣ. Ҳама як-як аз мошин бурун омада, саф кашиданд. Гӯё чизе нашудааст. Танҳо бӯйи ош-

нойи карами пухта димоғҳоро мехоронд ва зери забон луоб ҷудо мешуд. Бӯйи хлеб низ буд. Боз бӯйҳойи омехта, ки ҷудогона фарқ карданашон осон набуд. Вале аз байни ин ҳама бӯйҳо ба машоми Старшина бӯйи хун расид. Баргашта ба атроф нигарист. Ҳамаро ором, сархам, вале хеле ҳариси хӯрдан дарёфта, андаке ором гашт. Аммо муаммойи гум шудани кордча ӯро безобита гардонд. Бедандонро дид, ки баъди чанд тан, қафотар аз ӯ қарор дошт. Истод дар гӯшае дигаронро пеш гузаронида. Чун Бедандон наздик омад, баногӯшӣ кард.

«Ана нозу неъмат. Хур! Сер шав!»

Бедандон чизе нагуфт. Ба косааш ҳам чизе нагирифт. Аз саф набаромада пеш рафт. Косайи холиро бурда рӯйи миз гузошт. Бушлатро ба муттакойи курсӣ андохт ва берун рафт.

Барнагашт.

Дертар баъзе сарбозҳо безобита гашта, бурун омаданд. Ва ӯро дар пешгаҳи мабраз пайдо карданд:

Шикамаш чок. Чашмонаш кушода. Зери гулӯяш – бар сари сина кордчайи Старшина меистод. Рӯдаҳояш канда-канда буданд. Мазмун: аз миёни рӯдаҳо ҳамон конфетро ҷустааст…»

15.12.06.

## БИСТАРИ МАРГ

Пиразан рӯйи бистар хобида, чанд бор лабонашро бо оби забон нам карда, сари вазнину гаронашро сӯйи нишасти мард тоб дод, то чизе бигӯяд, магар сухан гаронӣ мекард ё гуфта наметавонист, ки миёни абрӯяш гиреҳ зада чин дар пешониаш ҷӯя мебаст ва пуралам нафас мебаровард:

«Мардак, аз гуноҳам гузаред…»

Паст буд ин ҳарфи нафасӣ. Аммо баройи мард аз садойи бомба ҳам сахттар ва баландтар. Чизе нагуфт. Ба андеша рафт. Аз тиреза берун нигарист ва дар дил пурсид: «Чӣ гуноҳе бошад?»

– Мардаак!

Боз садо набаровард пирмард ва тамоми зиндагийи якҷояву ноҷояашонро пеши назар овард. Лек садо набаровард.

– Мардак, аз гуноҳам гузаред, мегӯм…

– Ман гуноҳи туро намедонам.

– Медонед! Ҳамаашро хубтар аз ман медонед…

– Бигӯй, то ба ёдам ояд!

– Ман як бор Шуморо «ту!» гуфта будам.

– Ин чӣ ҷойи узрпурсӣ дорад? Ту Худойи худро «Ту!» мегӯйӣ, маро чаро шумо гӯйӣ? Гузаштам!

– Як бори дигар «Мур!» гуфтам.

– Кошкӣ мемурдам!... Бахшидам!

Зан дуру дароз хомӯш монд. Ҳайрон буд аз посухи мард ва андеша дошт, узри дигарро пурсад ё на?

– Мардак?!

– Ҳа.

– Гуфта наметавонам…

Ва хомӯшийи дуру дароз шуд. Пирмард гумон кард, ки хобаш бурд. Низ хомӯш монд ва андеша дошт, ки аз донистаҳойи ӯ кадомашро мегуфта бошад. Садойи сахт омад, гарчӣ ӯ оҳиста мегуфт:

– Ман шумоя сахт ранҷондагӣ: Як матоъи ҷир-ҷир буд, чӣ буд? Дар тани занҳо пайдо шуд. Ҳавас кардам, ки ман ҳам аз ҳамон курта пӯшам. Аз шумо хоҳиш кардам, ки як либос бихаред. «Пул надорам» гуфтед. Ман бовар накарда, боз илтимос кардам. «Пул надорам!» гуфтед. Бори сеюм зорӣ кардам. «Пул надорам!» гуфтед. Ман сахт асабӣ шудам, ки дурӯғ мегӯед ва дилатон ба пул намешавад. Қариб буд сарам кафад: «Ким-чӣ деҳу бихар!» гуфтам…Хомӯш мондед, ҳозира борин. Дигар мард мешуд, рост чок мекард ё ҷавобамро медод.

– Мо аз ҳамон лаҳза ҷудо будем.

– Лекин дар як хона зиндагӣ мекардем.

– Ба хотири фарзандон. «Хор нашаванд, як кас бепадар нагӯяд» андеша мекардам.

– Як бори дигар ман аз номи зани ҳамсоя гуфтам: «Мегӯяд, ки чӣ коре шавҳарам кунад, ман ҳам мекунам!» Шумо зуд гуфтед, ки ин гапи зани ҳамсоя не, гапи худи ту!» Рост гапи худи ман буд. Ман хафаву ғамгин мегаштам. Зани ҳамсоя гуфт, ки «биё ба кор дaро» Ман аз шумо напурсида, коргар шудам. Баъд он зан ҳар коре, ки мекард ба ман ҳам ёд медод…

Хомӯшийи гарон ба миён омад.

Пирзан боз садойи паст баровард: «Об…»… «Пуф…»

17.12.06

## БОЧӮРАБОЙ

Боҷӯрабой дар умраш ба андозайи пояш кавш напӯшидааст. Зеро ӯ ягон бор аз мағоза ё бозор пойафзор нахаридааст, ки ба пояш чен карда бошад. Ҳама умр кӯҳнайи касеро мепӯшид, ки калон, гарон ва кушодгашта буд. Аз ин рӯ он поафзорро бардошта, пой пеш намеандохт, балки кашола мекард; чун лижаронон, ки лижайи зери пояшонро набардошта сойида ба барф роҳ мераванд, ӯ низ пойафзори кушоду гаронро ба замин сойида қадам пеш мебурд. Шояд таъсири чунин роҳгардӣ бошад, ки қоматаш хамида ва монанди хирси роми дар танаш либоси одамӣ пӯшонида, дастонаш баробар ба пеш; беҳаракат дошта, тахтапушташ андаке кӯз роҳ мерафт. Такаббур, ғурур ва даст партофта рафтанро намедонист. Суду зиёнро ҳам намедонист. Ҳамин қадар медонист, ки аз хоб хеста дасту рӯй бояд шуст ва ба хидмати ягон кас бояд расид. Зеро дар хонае, ки ба номи ӯ аз гузаштагон мондааст ягон кори мекардагӣ нест: молу ҳол нест, кишту кор нест, ягон кас нест, дуду алоб ҳам нест; баъзан чароғ ҳам нест; зеро умри ӯ дар хидмати дари мардум мегузарад. Ӯро касе маҷбур намекунад, ки ба дари ӯ омада кор кунад, балки худаш фаҳмида, дониста меравад, ки ёрмандӣ кунад. Ва баройи кораш ягон музд ҳам намегирад. Худашон дониста ягон чиз, ё либоси кӯҳна диҳанд, мегирад; хандида завқ карда мегирад. Хандон аз он даргоҳ баромада меравад. Баъзан эълон ҳам мекунад, ки акнун ба хонайи Фулонӣ меравад, маърака дорад. Аз ин ҷо ба он ҷо расида, хобаш мегирад ва дар ҳамон ҷо шабро рӯз мекунад ё ошпазу чойҷӯшон бедораш мекунанд, ки вақт шуд. Ӯ медонад чӣ кор карданро: Оташ меафрӯзад – гӯлахӣ; об мекашонад аз рудбор; ҳезум мешиканад; оташи самоворро мегиронад; чой дам мекунад. Дар фаслҳойи гарм бо шавқу завқ мегузаронад маъракаро; хастагӣ ва мондашавиро намедонад. Механдад. Ягон сухани ноҷо гӯянд ҳам, иллату сарзаниш кунанд ҳам, ҳарфи нек пиндошта «билло ҳа!»

мегӯяд ва механдад. Одами ба ғазаб омада ҳам рафтору гуфтори ӯро дида завқ мебарад. Аммо дар зимистон андаке кораш вазнинтар мешавад: зеро либосаш тунук, пойафзораш дарида ё ноинҷол; баройи сармо мувофиқ нест. Валек парвойи ин чизро надорад; тиҳипой ҳам он корҳоро иҷро мекунад ва ба худо шикоят намебарад. Ин баройи онҳое сахту мушкил метобад, ки аҳволу азоби ӯро мебинанд: дар яхбандиҳо табар бурда яхи ҷӯйборро шикаста, дусатила об мекашонад ва ҳамин ки назди оташи дегдон омад ҳис мекунад, ки сармо кашидааст ва кафи дасташро ҷониби оташи фурӯзони дегдони заминакӣ медорад; сонӣ рӯйи кундае нишаста, кафи пояшро низ медорад ва андаке гарм, ки шуд: «Хунук хӯрдам» мегӯяд. Баъзеҳо механданд ба чунин хунукхӯрийи ӯ, ки гарм шуда, хунук мехӯрад; бархе дар дил хун гириста, чизе гуфта наметавонанд. Ягон-ягон дилашон обмехӯрдагиҳо баройи дилдорӣ ё ҳаваси ӯро овардан мепурсанд: «Боҷӯрабой, тӯй кай?» «Баъди ҳамин маърака!» ҷавоб мегӯяд ва завқ мебарад. Синни ӯ ба ҳафтод расидааст. Сол намешуморад. Валек ҷавобаш чунин.

Тобистонҳо ба лой мезанандаш; ҳар куҷо ҳашар бошад, ӯ ҳозир. Омӯхта шудааст бо корҳову тарзи зиндагийи кӯҳна. Дар замони нав одамон ба қадами гузоштаашон пул мехоҳанд. Ӯ ба маънийи ин чиз сарфаҳм намеравад. Диҳанд, мегирад; дурударoз ба он чиз менигарад «билло ҳа» мегӯяду завқ мебарад ва касе намефаҳмад, ки Инсон чӣ мегӯяд; шояд худаш ҳам нафаҳмад, ки завқу ҳарфаш чӣ маънӣ дорад; агар мефаҳмид, шояд мегуфт. Шояд мегуфт, ки ӯ чӣ андеша дорад дар рӯзгори мо ва чаро ин қадар ба боло менигарад дар танҳойиҳо, вале миёни мардум касе надидааст, ки ӯ сар боло карда бошад; гӯё ҳама умр аз замин, аз роҳи пеши пояш чизе меҷӯяд. «Боҷӯрабой!» ин садоро шунида таққӣ дар ҷояш меистад ва ё пойафзори вазнину гаронаш тормоз дорад, ки зуд қарор мегирад ва ӯ оҳиста сар тофта, сӯйи овоз менигарад, то андешаҳояш аз сар напарранд. Баъд он одамро шиносад, хандида бо сар ишора мекунад: «Чӣ мегӯйӣ?» Нашиносад, беҷавоб боз роҳашро идома медиҳад. Пойафзораш заминро харошида-харошида меравад. Танаш пешравтар аз пойҳояш;

гӯё танаш аспу пойҳояш ароба. Ба назар, на пояш барад танро, бал тан кашад пойҳояшро.

Кас рафтору кирдори ӯро дидаву мушоҳида карда, пиндорад, ки дунё танҳо барои Боҷӯрабой барин касон сохта шудааст, ки дар борайи он фикру андеша накарда, умр ба сар баранд...

27.01.07

## ҲАР ЛАҲЗА МЕКУШАНД, БОЗ ЗИНДА МЕШАВЕМ

Модар даромад ба хона, ки духтараш гиря дорад. Чунон гиряйи ҳиқчоқдор, ки ба сад «чӣ шуду чаро гиря мекунӣ?» гуфтани модар посух дода наметавонист, балки баландтар мегирист ва ғалтанак мерафт.

– Чаро? Чаро? Бигӯй, ки чаро гиря мекунӣ?

– А... А... А... Ама... ама... амакам... ро...

– Чӣ амакатро?

– Ку... кушшш...

– Куштанд?

– Ҳҳа...

– Кӣ гуфт?

Сар ҷунбонд духтар:

– Ди... ди-дам.

– Дидӣ?

– Ҳҳа.

– Дар куҷо?

Гуфта натавонист ӯ. Бо ангушт телевизорро нишон дод.

– Ба-баройи се, се сум. Дуздон.

Модар дарро кушода, аз паси дари ҳамсояйи дарбарӯ гӯш андохт. Хомӯшӣ буд. Аммо дили занак дук-дук мезад. Дер истод. Касе дарро кушода набаромад. Чанд бор ангушт ба тугмайи садо расонд, аммо пахш карда натавонист, ки агар дарро кушоянд, чӣ гӯяд. Ҷуръат накарда баргашт. Духтар ҳанӯз мегирист.

– Гиря накун, дурӯғ барин, ҳама ҷо оромӣ.

– Худам дидам, худам дидам. Аввал куштанд, сонӣ кисаҳояшро кофта як сесума пайдо карданд. Садойи ҳуштакро шунида, партофта гурехтанд. Чӣ хел амаки нағз

буд-э! Пеш аз одам салом мегуфт. Ҳама нағз медиданд, ҳама эҳтиромаш мекарданд.

– Ин ҷо биё духтар! Ҳӯ ҳамон кас, артист амакат нест?

– Не, ӯро куштанд. Дигар...

– Ана омад. Ту дигар касро дидайӣ.

– Худи худаш буд. – Аз тиреза нигоҳ бикун! Меояд. Хандаҳойи худи худаш.

– Ҳааа... волло! Амакҷон, шуморо нав дар телевизор дидам, ки куштанд. Чӣ хел зинда шудед?

– Духтари амакаш, ҳунари мо дар ҳамин: ҳар лаҳза мекушанд, боз зинда мешавем...

3.02.07

## ГӮЯЙИ САРИ ГӮР

«Падарҷонам!...

Инак дарёфтам, ки бекас шудаам. На танҳо ман. Очаам ҳам бекас шуд. Ҳарчанд мегӯяд: «Соҳиби гӯру чӯбам ту ҳастӣ, пушту паноҳам ту ҳастӣ; ҷуз ту дар дунё касе надорам...», лек ман мебинаму медонам, ки танҳойи зор аст.Зеро аз дасти мани ятим коре намеояд. Ақаллан худамро сариштаву ҳимоя карда наметавонам; чӣ монад ба пушту паноҳи модар будан. Агар даҳ сол пештар ин ҳарфро мегуфт, бовар мекардам... Зеро ту барҳаёт будӣ, падарҷон! Қуввайи дили ман, соябони хонадон будӣ; ман ҳам нерӯманд ба каси бадгӯву бадкор дӯғу даранг карда метавонистам. Медонистам, ки зӯрам нарасад, касе ҳаст, ки зӯраш мерасад. Кошкӣ нозӯр мебудӣ, ки мисли дигарон сар хам дошта зиндагӣ карда мегаштӣ. Лекин ба ту намезебид сар андохтан; кадом баҳодурони афсонавиро ёд меовардӣ; миннати касеро кашидан намехостӣ. Ҳеҷ аз ёдам намеравад, ки мегуфтӣ: «Шайтон куштан наомӯхтааст; «аз куштан даст кӯтаҳ доред!» гуфтааст». Лекин таълим медиҳанд, ки Одамзода куштан намедонист. Шайтон ба сари мор санг кӯфта, ба баччайи Одам куштан омӯхт. Рустам ҳам писараш Сӯҳробро кушту як кам чил шабонарӯз рӯйи даст бардошта гашт, ки зинда шавад, зинда нашуд. Маъниаш чунин буд: «Куштан нашояд!» Аммо мекушанд. Туро ҳам куштанд, падарҷон! Намедонам баройи чӣ? Лек куштанд: дар дами дарвозайи худамон камонбадастони сияҳпӯши рӯсиёҳ, ди-

лу чигарашон ҳам сиёҳ, тиршап карданду гурехтанду рафтанд, ҳоло, ки онҳоро пайдо мекунанд. То ҳанӯз сабаби куштанашонро на ман медонам ва на очам. Шояд худат ҳам намедонистӣ. Медонистӣ, ба мо мегуфтӣ ё худро ҳимоя мекардӣ.

Падари азиз! Агар донӣ, ақаллан дар хобам омада бигӯй, ки туро кӣ кушт? То ман ҳам қасд ситонида тавонам!»

3.02.07

## САНГИ САРСАХТ

Санге буни дарахти чанор ва ними он зери танайи дарахти азим монда ва касе ёд надорад, ки онро кӣ шинонда ва кай он аз замин руста. Аммо азиму парешоншох ва баъзе шоххҳойи хушки нобуридааш ва ё аз вазни гарони барф ва боду боронҳо шикастааш бинандаро дар ҳайрат монад; баъзе шохаҳойи тамоми фаслҳойи сол урён ҳам. Ҳайратангез он аст, ки ними танайи чанор бар он бор ва шояд дар солҳойи наздик ин санги сарсахти силаву шаллоқхӯр ва бисёр зарбаҳойи беҳуда ба сар дида бо ранги хокистарийи пӯсти танайи паҳлавони афсонавӣ пӯшида гардад ва ба мағзи дарахт фурӯ рафта онро низ сангӣ гардонад ва ё баракс ширайи дарахт ин сарсахтро оҳиста-оҳиста макида, маҳлул дар худ созад. Ин ҳама тахмин. Аҷаб он аст, ки пештар аз фурӯ кашидани чанор сангро пораҳойи хурду калони ҳамагуна шиша, сафол ва ҳар чизе, ки ба сари санг зада шикастан имкон дошта бошад, гӯр кардаанд; танҳо мисли он ки гоҳи тухмҷанг бо кафашон ҳама ҷойи тухмро пӯшида, сари тухмро баройи бо тухми дигар задан озод нигаҳ доранд, сари ин санги абрранг аён аст. Ва ҳар зарбае, ки аз ноҳаққӣ зананд, ба ҷое мерасад, ки андаке сираш рафта, аз ҷабру ҷафо мӯяш рехтааст.

7.02.07

## ДУ ДӮСТ

Пеш аз Табаддулот Фатир қиссае овард ба Надир. Надир қиссаро хонду нуктаву эрод ва андешаҳояшро гуфт. Фатирро нафорид: «Худаш, ки сустак, гумонаш дигарон низ суст менависанд. Ҳама гуфтаҳояш аз ҳасаду бахилӣ. Ман медонам, ки қиссаам зӯр. Хааайр!» гӯё ришак кашида дар дил гиреҳ кард кинаро...

Табаддулот шуд. Фатир соҳиби «Калашников» гашт. Бисоти ифтихорӣ дар даст, афзори низомӣ дар тан, рӯзе бе огоҳӣ ворид шуд ба ҳуҷрайи корийи Надир. Қомат рост гирифта, пойҳо андаке кушод гузошта, автомат дудаста дошта, рост менигарист ба чашмони Надир, аммо чизе намегуфт. Надир бисёр қиссаҳо шунида буд дар борайи камондорон, валек ҷуръати навиштан надошт. Аммо нияти дӯст равшан буд...

Ин замон занги телефон баромад. Надир гӯшакро бардошт. «Ана райис, дар дастам, се варақ. Мебарам...» гуфт ва ба меҳмони нохонда рӯ овард:

– Бубахш Фатирҷон! Читу шуда омадӣ, сӯҳбат накарда, райис аз гулӯ гирифт. Ҳамин коғазҳоро месупораму бармегардам...

Аммо Надир барнагашт: на танҳо барнагашт, назди райис ҳам надаромада, аз даричайи паси бино буромада ғайб зад. Замона орому осуда шуд. Аммо ду дӯст то имрӯз рӯ ба рӯ наомадаанд.

9.02.07.

## ХУРӮСИ ҲАМСОЯ

Як хурӯси хушҳайкали аз ранги сафеду сиёҳ мойил ба кабудча гашта хеле гаранг кард Сарварро. Сарвар чанд мурғ дошту ду филмурғ. Рӯзҳойи ҳавойи хуб мурғонро ба беруни дарвоза меронд, то аз буни буттаҳойи кайҳо боз дасти инсон нарасида кирму чирм ё гиёҳе пайдо карда хӯранд, то сангдонашон бесангчаву шишарезаҳо хушк нагардад. Вале аз ин кораш осуда намегашт, балки безобита ва пурташвиш мешуд. Хурӯси ҳамсоя қиғу биғ карда аз сари девор парида меомад ва хурӯсӣ мекард: гирди мокиёнҳо мегашт; чӯҷаҳойи наврасидаро пешандоз карда медошт. Минқор ба паси сарашон зада бо зӯрӣ пахш мекард ва фарёдашонро мебаровард. Babarойи он аз паси сарашон пахш мекард, ки чӯҷаҳо ҳоло тоҷ нарасонда буданд. Хурӯси пирчаро duздида буданд. Хурӯсчӯҷайи сафед, ки нав тоҷ намоён карда майли мокиёнҳо мекард ва онҳо писанд накарда нӯл зада норасидаро меронданд, селаро ҳимоя карда наметавонист ва зӯраш ба хурӯси ботаҷрибайи ҳамсоя нарасида, сари дӯнгие баромада машқи фарёд мекард. Аммо мокиёнҳойи тоҷдор, ки аз офтоби фарвардин ба рӯю тоҷашон

сурхӣ дамида буд, хурӯси зебо ва хушсуратро майл доштанд. Хурӯси ҳамсоя аввал кебида меомад. Сонӣ омада, намерафтагӣ шуд. Аввал мурғон мегурехтанд аз ӯ. Сонӣ ба қуд-қуди донхӯрӣ ё маъзураташ бовар карда ба умеди дон наздаш мерафтанд ва хурӯс гирди мокиён давр мегашт. Оҳиста-оҳиста чунон шуд, ки хурӯс сари девор баромада фарёд занад ё даъват кунад, мокиёнҳо он сӯ равона мешуданд; чун зани сабукпо. Аввал мокийи сиёҳи гарданаш зардча рафт. Ду бор – се бор. Сонӣ хурӯс ӯро фирефта, ҳар ҷо – ҳар ҷо қуд-қуд карда, аз сӯрохие гузаронида то хонаашон бурд. Сарвар ин ҳолро дида, сари мокиёни сабукпой бурриду ҳаром донista назди саг андохт. Саг нахӯрд.

Филмурғи сафед ору номус карда, сӯйи хурӯс рафт ва гардан ёзида, ҳуҷумовар шуд. Хурӯс пас рафту пари гардан дамонд ва ҷаста панҷа ба филмурғ зад. Мокиёни сафед як бор бол кушода зад, писанд нашуд. Бори дигар, ки хурӯс чашми онро дид карда ҷаҳид, сафед низ ҷаҳида дупоя зад ӯро ва ғел гашт таги пой. Зуд бархоста аз нав ҳамлаву ҳуҷум кард. Инак филмурғро бо ҳилаву найранг зада аз пой афтонда соҳиби мулк шудан хост. Ҳама мокиёнҳо зери пой ва қаноташ буданд; ҷӯҷаҳоро парвариш мекард; аммо хурӯсчӯҷаро рӯйи хуш намедод. Аз паҳлӯяш гузарад меғуррид ё пешандоз карда дур меронд.

Филмурғхурӯс, ки то ҳол фахида, хартум кашол карда, бол аз ду ҷониб фуроварда замин мехарошид, ғуҷ-ғуҷ карда ва ён дода ба хурӯси беадабу авбош наздик шуд, то алами ба маҳбубааш беэҳтиромӣ кардаашро биситонад. Хурӯс аз ширайи муҳаббати чашмгир ҳама чизро якранг донista ва хешро баҳодури афсонавӣ пиндошта рӯ ба рӯ шуд бо филмурғ. Ҷаҳид якбора, ки чашми ӯро нӯл зада кӯр кунад. Филмурғхурӯс, ки аз нангу номус ва орияти хонадон; ҷаҳлу қаҳру ғазаб гардану марҷон ва пӯсти сару хартумаш чу пӯсти бӯқаламун ранг ба ранг мегашт, боли рост ба оварди хурӯс сипар кард. Хурӯси ҳамсоя бархӯрда ба сипар баргашта ба пушт зад рӯйи хок. Зуд хест ва тез-тез ҳуҷум меовард, то аз хартум дорад ё ба чашми пилонааш нӯл занад. Аммо ҳуҷуми пашша буд ба гӯши пил. Ҳамла мекарду зери филмурғ мешуд

ва аз таги дум баромада боз ҳуҷум меовард. Ин бор Филмурғ аз тоҷи хурӯс гирифт ва бардошта муаллақ дар ҳаво дошт. Хурӯс панҷаву бол мезад. Сари тоҷаш дар нӯли Филмурғ монду худаш ба замин зад. Аммо намегурехт. Бори дигар Филмурғ аз паси гарданаш гирифта пахш ба замин кард ва буни девор бурда дер нигаҳ дошт. Хурӯси ҳамсоя тан намедод: «Мемураму аз нозанинон дур намешавам».

Сарвари тамошогар, ки аз нангу номуси кӯҳистонӣ худаш чунин корро бо он ошиқи берӯву риё карданӣ буд, хурӯсро мурда пиндошта омада аз пояш дошт ва аз даҳони Филмурғ раҳо карда ба болу ёли ӯ нигарист; ёли гардани ӯ ранги байрақи Шӯравиро дошт. Пушти девор афканд.

Панд нашуд хурӯсро. Рӯзи дигар ҳам омад ва сари девор баромада бонг зад. Мокиёне нарафт он ҷониб. Хурӯс даруни мурғонча даромада мокиёни рӯйи мояғӣ хобидаро безобита гардонд. Сарвар камон медошт, мепаррондаш. Худдорӣ кард. Хурӯс дари мурғонча истода қуд-қуд кард. Пирчамокие, ки ба хурӯсчӯҷа сар намефаровард, равона шуд он ҷониб. Сонӣ Сарвар онро ҳам сар бурид. Ва кордро ба роғи дари мурғонча халонда монд... Баъд як-як мокиёнҳойи сабукпоро сар гирифт. Охирон Хурӯсчӯҷаро, ки селаро ҳимоя карда натавонист...

Зери филмурғмокиёни курк бисту ҳафт тухми мурғ гузошт, ки шояд бонангу баномусҳо рӯянд.

5.03.07

## НАСИҲАТ

– Охирин бор туро насиҳат мекунам. Баъд, ё аз хона баромада меравам, ки дигар маро набинӣ ё худамро мекушам. Бодиққат гӯш деҳ! Касеро салом намегӯйӣ; саломи касеро алейк намегирӣ. Хуки гуроз барин ба одамон нигоҳ накарда, гардан натофта, рост гузаро шуда меравӣ. Ба касе дастӣ ёрӣ дароз намекунӣ; дасти фитодаро намегирӣ. Ҳоҷати касеро намебарорӣ. Ба доди касе намерасӣ. Медуздӣ! Мезанӣ! Мекӯбӣ! Мекушӣ!... Дар ягон корхона ё муассиса кор намекунӣ. Гапи касеро намехӯрӣ. Як гӯяд, сад мегӯйӣ. Моли мардум, пули кас, хонайи бегонаро дӯсттар медорӣ аз он ки худат дорӣ... ва боз худат медонӣ, ки дар ин дунё боз чӣ бадӣ,

нокасӣ, номардӣ, ноҷавонмардӣ, хуносойӣ кардан мумкин аст.

Чунин мегуфту хун мегирист падари пир. Ва чашмони писар торафт кушоду фарох мегашт; гӯшаш боз мешуд; рангаш парида арақ пахш мекард ва аз сутурдани он пеши падар шарм медошт; бори нахуст чунин ҳолат дар ӯ рух дод, ки сухан таъсираш мекунад. Ҳайрон буд, ки чаро падар насиҳате мекунад, ки ҳеҷ падар накардааст. «Чаро? Чаро чунин?» Сар андохт, низ гирист.

– Ҳамааш ҳамин?

– Ҳамааш ҳамин.

– Ҳеҷ падар чунин насиҳат накардааст фарзандро.

– Оре. Ман аз тифлиат то имрӯз насиҳат мекардам, ки нек шав, одам шав, некӣ бикун, савод омӯз, кор омӯз ва ҳама некиҳо. Ҳамаашро баракс кардӣ. Тариқи насиҳат дигар кардам,ки...

– Ман акнун одамкуш мешавам...

Гӯши фалак ҳам кар шуд; гӯши падар ҳам. Як пардайи сиёҳ оламро фаро гирифт. Чашмони падар чизеро намедид. Гӯшаш намешунид. Гӯё набуд. Ё рафта буд ё худро кушта. Аммо садойи писар ба фалак расид:

«Худамро мекушааам!!!»

5.03.07

## БАЪДИ ПОНЗДАҲ СОЛ

«Мулло!»

Ман номи нопуррайи ӯро гирифта фарёд задам. Гарчӣ дар аввал ҳиҷойи дигар дошт, ӯ баргашта нигарист. Гӯё ки ман ӯро нигарон будам ва ӯ маро ҷуста, дида мечаронд, баробари аз дур дида ба дида афтидан «Э!» гӯён хитоб кард ва гоҳи оғӯш кашидан баногӯшӣ кард: «Баъди понздаҳ сол-а?»

– Умри одамӣ.

Пурсон шудем аз якдигар. Вале хеле парешон; ҳарҷозанак буд чу тезгӯяк:

– Ёдат ҳаст, ки дар зимистони қаҳратун касеро нигарон будӣ, гуфтам: «Нигарон нашав намеояд» аммо ту ба ваъда вафо карданӣ шуда истодӣ. Ман ба фурудгоҳ рафта меҳмонро гусел карда омадам, ки ҳоло ҳам нигаронӣ ва гирди лабону

канори биниат кабудча гашта буд аз шиддати сармо... Баъд омад?

– Ёдам нест.

Воқеъан ӯ мегуфту ман ҳайрон будам ва ҳеҷ чиз ба ёдам намеомад. Сонӣ сухан аз тиҷорату бозургонӣ рафт ва ман чизе намефаҳмидам аз дунёйи ӯ. Ман ӯро хуб шинохтам. Ба назарам, ӯ маро нашинохт. Се бор даст дода хайрухуш кардем, аммо сӯҳбат анҷом напазируфта буд. Ман шитоб доштам. Ӯ низ. Қавл додем, ки воситайи телефон якдигарро пайдо мекунем. Ӯ рақами телефони маро дар телефони дастиаш чид ва пурсид:

– Бозор ё Бозорбой?

– Ман – Сорбон. Бозор дар Амрико...

6.03.07.

## ИШҚИ Ӯ МАРО КУШТ

Котиба ба ҳадде зебо, ки ҳуҷрайи корӣ, мизу курсӣ ва компутер зебу оро мегирад; коғазҳо ва зарфҳо ранга мегарданд. Ҳар кас ба он ҷо дарояд котибаро дида ҳайратзада мегардад ва баъди аз ҳусни ӯ об хӯрдани чашмонаш ба худ омада чизе мепурсад ва ё забонаш мегирад. Котиба сар набардошта ин ҳамаро мебинаду мушоҳида мекунад, аммо чизе намегӯяд; зеро одат кардааст ва чӣ гуфтани онҳоро медонад. Аммо бинанда сурати котибаро мебинаду намедонад, ки дили ӯ чӣ мегӯяд. Ашки чашми дили ӯро касе намебинад. Аз ин рӯ низ забонгирифта хештанро овора мегардонад бо ҷогардон кардани коғазу пайғоми ҷашнвораҳо. Ва он ки омада ё муроди омад фаромӯш карда ва ё бо амре омада, ки касе фармуда. Котиба ҳам чизе намепурсад, зеро пурсида посух нагирифтан ба дилаш задааст. Дар сараш андешайи дигар: «Рӯзе хоҳад баргашт... паёми мурдаву зиндааш нест... Бояд кӯҳ ба кӯҳ ниҳону аён бозояд». Лек аз ӯ дарак нест. «Бисоти тӯй ғун меорам» гуфта ба ҷанги Афғонистон рафта буд, хати сиёҳаш ҳам наомад. Дар мӯйи котиба сафедӣ афтод, пешониаш чину ожанг гирифт, наомад. Пирдухтар шуд, наомад. «Вафо» гуфта, китоб-китоб «Муҳаббатнома»-йи касонро гӯш накард, наомад. Оқибат...

Фаррошзанак саҳаре ӯро дар ҳуҷрайи корӣ дарёфт, ки сар-

синааш бар мизи корӣ вазн андохта ва сараш яктарафа, чашмонаш боз сӯйи дар нигоҳ карда, ҷонаш баромада буд ва пеши рӯяш коғазпорае:

«Ишқи ӯ маро кушт...»

10.03.07.

## ШАВҚАНГЕЗ

Ба буққаҳойи зотӣ доруйи ангез медоданд. Баъди ним соъат буққа каллайи гарон бардошта таги думи модговро бӯй мекашид ва вазни яктоннагиашро бардошта ду даст бар он бор мешуд. Мардони ҷавони фермаро ҳаяҷон пахш мекард, пирон «оҳ!» мекашиданд; занон дар хонаҳо ҷой шуда аз тирезаҳо ё сӯрохиҳойи оғил мепойиданд. Маъракайи шодмониро мемонд. Байтору говпизишк ва подабон арақшор ин маъракайи муҳимро мегузарониданд. Аммо Назрӣ дар ҷойи каҷпаҳлӯзадааш эзор дар арақ тар карда буд: даҳонаш воз ва чашмонаш буққаро сӯрох мекард, ки боз кай мепаррад. Сонӣ араќи пешониашро бо пушти даст сутурда, рӯ ба подабон овард:

«Чӣ дорад ҳамун дору, ки вазни яктоннагиро фишангвор мебардорад?»

«То онро начашӣ, намефаҳмӣ. Донайи арзан барин ё як сари забон бичаш...»

«Э, не-йе!»

Кабк аз садойи худ тир мехурад; ӯро миёна гирифтанд ва ба гап афтонданд.

«Ана, гули зағир барин» гуфта пизишк дароз кард ба Назрӣ шӯхиомез.

Назрӣ аввал сар тофт. Сонӣ гирифт. Дар дӯлча об оварданд. Назрӣ хӯрд. Ва хеле бо ҳаяҷону изтироб таҷанг гашта диққат медод, ки чӣ мешавад. Даҳ понздаҳ дақиқа гузашт. Чизе рух надод. Дигарон ҳам тангу таранг гашта буданд, ки чӣ шавад бо Назрӣ.

«Вай – дору боройи ҳайвон. Доруйи инсон дигар.» Фармуд подабон хешро ниҳоят доно гирифта, ки ҳама қойидаву қонуни чорводориро медонад.

Назрӣ ҳанӯз ҳам каҷпаҳлӯ зада буд.

«Андаки дигар бичаш!»

Чашид. Боз чашид...

Ним соъат гузашт. Назрӣ ҷунбид ва вазн аз замин бардошта нишаст. Дигарон мушоҳидааш мекарданд. Баробари ба пушти модгов паридани буққа аз ҷояш парида хест ва ба касе нигоҳ накарда, сӯйи хонааш тохт. Ба хар ҳам савор нашуда пиёда тохт, ки зудтар мерасида бошад. Раҳораҳ дар сараш ҳазору як андеша буд: «Кош занам дар хона бошад...»

12.03.07.

## МОДАРИ ПИР

Мастон модари пир ба кохи «Ташхис» овард.

Пизишкдандон: «То дандонҳойи очаро наканем, ташхис муайян намешавад. Кандани ҳар дандон панҷ сомонӣ».

Гурдапизишк: «Ҷарроҳӣ накунем, гурдаҳо аз кор мемонанд».

Дилпизишк: «Хунашон вайрон».

Оча дар остонайи ошёнайи чаҳорум лақу дақ монд: «Биё, гардем, Мастонҷон! Буд-набуд, зӯрам намерасад. Ҳамайи инро бардошта наметавонам».

– Ин хел бошад, аз дандон сар кунем,оча?

– Дандон гӯр-ба...

– Яке вақти хобатон решакан шуда дар ҳалқатон наравад, ки дар балойи додаратон таго-Даврон монам.

– Намедонам... Намедонам... Духтур ягон чиза медониста-гист, ки мегӯяд?

Он рӯз се дандон канд пизишк. Мастон очаро ниммурда овард то хона.

– Чӣ кор кардед? – пурсид Таго.

– Се дандон канондем.

– Се дандон канондед?

– Ҳа, се дандон канондем. Ҳар кадомаш панҷсомонӣ.

– Боз панҷ сомонийи дигар надодӣ, ки каллаашро ҳам канад?

12.03.07.

## ГАДО

Ӯ чорпо мегардад: ду пойи равон дорад, боз ду асобағал гирифта мегардад. Лек асобағал баройи вазнашро бардоштан кӯмаке намекунад, балки бори зиёд дастонашро ва ҳатто

пойҳояшро. Лек ӯ вонамуд мекунад, ки чигас ёрманду мададгор бошад. Ва чӯбҳо на баробари пой, балки пештар мераванд, «як-ду» гуфта, ба ҳавойи даст. Одат кардааст ба чунин гашту рафтор: сусту оҳиста мегардад. Ба паҳлӯҳо, ба роҳ, пеши пой, ба дару дарвозаҳо, ба бинову тирезаҳо, ба мардумони роҳгузар, ба мошинҳойи истодаву равон нигоҳ карда қадам мезанад; истодаву равон менигарад ба ҳама чизу ҳама кас; нигоҳи тамаъомез дорад. Ниммӯза дорад; тобистонҳо кавш мепӯшад. Ҷомайи сиёҳи ласк ё тавор дар бар, аз болойи он фӯтайи сурхи нусхадор мебандад, ки мардумро расм нест; рӯзи азо чунин миён банданд. Лек қабилаҳое ба ном тоҷик низ ҳастанд, ки одоби шаҳрнишинӣ надониста, чунин рафторҳо кунанд. Фӯта дарида ва риштаву гӯшаҳояш кашол. Андаруни фӯтайи миёнбаста чизе ҳаст, ки ҷуфтгарони деҳот рӯзҳойи ҷуфт нонро чунон баста саҳро раванд. Телпакаш низ телпаки онҳоро монад: телпаки сиёҳи кӯҳна, шояд аз пӯсти заргӯш бошад, ҷо-ҷо рехтамӯй. Гӯшабандаш канда шуда як риштайи сафеди чиркин дорад, ки рӯзҳойи сармо зери гулӯ бандад; гарданбанд низ мегирад. Рӯзҳойи гарм телпакро як арақчини ҳоҷигӣ иваз мекунад. Ва ҷомаро яктаҳи рах-рах. Ниммӯзаро калӯш. Аммо фӯтаву асобағал ҳамон. Риш нотарошида. Қадам мезанад дар кӯчаву бозорҳо. Тамоми роҳ суруд мехонад. Ниёйиш кунад ё талаб, рӯшан нест. Ба ҳар ҳол сурудаҳойи зерилабиаш оҳанги дилобӣ ва ноумедӣ дорад. Баъзан сохта ё ҳақиқӣ аз дидагонаш ба рухсораш ашк мешорад. Аммо касе онро намепурсад ё нодида гирифта мегузарад. Касоне низ ҳастанд, ки ба кафи дасти аз асобағал раҳо кардааш танга ё дирами коғазӣ мегузоранд. Ашкаш зиёда мегардад...

Ҳамин ки ба хона омад, писараш ба ҷанг мехезад:

– Ту чӣ хел падарӣ, ки моро миёни мардум шарманда месозӣ?

– Чӣ хел? Ман кор мекунам!

– Гадойӣ ҳам кор шуд?

– Ин гадойӣ не! Қатори ҳама... Имрӯзҳо қариб ҳама гадойӣ мекунанд. Фақат роҳу тариқаш фарқ мекунад. Ту, ки аз ман пул мепурсӣ, гадойист?

– Не! Ту гадойӣ мекунӣ! Даст меёзӣ!

– Даст наёзӣ, падарат ҳам чизе намедиҳад.

– Не-не! Ту моро шарманда кардӣ!!!

– Худо ба ман чунин касб додааст. Ин шармандагист?!

– Не-не! Ту моро бадном кардӣ! Ман кӯча баромада наметавонам!

– Хайр, набаро! Падарат аз пули гадойӣ туро мехӯронад!

Падар чигасҳояшро такя ба девор гузошта, рӯйи остона нишаст.

Писар чашмонаш беҷо ба ҳар гӯша менигарист. Чизе меҷуст ва ё коре кардан мехост. Ва якбора чигасҳойи дар девор такя гузоштаро рабуда бурун аз девори ҳавлӣ андохт. Падар зуд бархост ва чолок тохта буруни дарвоза баромад ва чигасҳоро ба сар бардошта аз дарвоза даромад. Писар набуд.

... Рӯзе чун дарвозаро бо нӯги чигас тела дода, кушода ба ҳавлӣ даромад, писарро дар шохи дарахти хурмо овехта дид. Пеш тохтанӣ шуда, ба чигаси уреб доштааш пешипо хӯрда афтид ва пешониаш ба марзайи бетонӣ бархӯрда дигар барнахест.

13.03.07.

## БАЗМ БАРОЙИ ДУ КАС

Абдулло ба хаёли худаш ягона касест, ки ҳаққу ноҳақро дар рӯйи одам мегӯяд. Ва инсон бояд ҳамин хел бошад. Вагарна номаш одаму худаш шайтон ба шумор меравад; ба хусус шоъир шуданӣ бошад, нахуст поку нексиришт бошад. Аз ин хотир рӯ ба рӯйи қасри «Адолат» истода соъатҳойи дароз гуфта дилашро холӣ медошт, сонӣ бо роҳрави миёнайи хиёбони марказийи шаҳр қадам зада ҳама гуфтаҳойи дар ёдаш мондаро такрор мекард ва ҳукм ҳам мебаровард, ки ғайри ӯ касе чунин ошкору фошофош ин ҳарфҳоро гуфта наметавонад. Гоҳе дар роҳ ӯро боздошта, шиносҳо эрод мегирифтанд, ки ноҷогӯйӣ мекунад; ба як сағирайи детдомӣ кӣ мондааст чунину чунон гуфтанро? Посух медод: «Моро чунин таълим додаанд; адабиёти гузаштаамон ҳам чунин фармудааст: «Ҳақро бигӯй!» Чун дар шаҳр як қаср буд, низ бори дигар рӯ ба рӯйи он бинойи мӯҳташам истода, сухан мегуфт: «Ман рудамро – Панҷро «райиси рудҳойи ҷаҳон» гуфтаам, касе эъти-

бор намедиҳад! Як раиси колхоз дар маърака пайдо шавад, ҳама аз ҷой мехезанд!»

Ӯро ба идорайи дахлдор бурда бозпурс ҳам карданд; ба девонагӣ бароварданд. Баъди он ӯ дар ҷое кор накарда хешро ба девонагӣ зад: хиёбонро аз таг то боло ва аз боло то поён гом мезад ва истода-истода худ ба худ ваъз мегуфт, ки танҳо девона метавонист чунин рафтор кунад. Дар сармо як палтойи кӯтоҳи аз сари линг мепӯшид; палтойи даврони донишҷӯйиаш. Он солҳо аз сари линг либос пӯшидани духтарон ё ҷавонон мӯд буд; «Стиляг» мегуфтанд. Ба замми он қаду қомат ва тану тӯши ӯ мисли пештара: ягон ангушт қадаш наёзидааст, чени пуффак шикамаш надамидааст. Ҳамон палтойи кӯҳна дар танаш қойим.

Абдуллоро ҳолате фаро гирифта буд, лек худаш пай намебурд: шарикдарсон, ошноҳо, ҳамсӯҳбатҳо аз ӯ хешро канор мегирифтагӣ шуданд ё гурезон. Агар рӯ ба рӯ омада монанд, бо оҳанге пурсупос мекарданд, ки дилашон ба ӯ месӯзад; зеро эшонро ҳолати Абдулло раҳмовар аст. Осема пурсупосух мекарданд ва зуд ҷудо шудан мехостанд. Дуртар рафта гаштаву баргашта ба пас нигариста, рафтори ӯро диданӣ мешуданд. Ва ҳаргуна фикру андеша ва пиндорҳоро аз зеҳн ё сар мегузарониданд. Аммо Абдулло рост мерафт; андешаҳое, ки онон доштанд, намефаҳмид ё аслан намедонист, чунин андеша ҳам надошт. Якрост мерафт; ба сӯе ё кӯчаву тангкӯчае каҷ нашуда.

Абдулло як дӯсти дигар ҳам дошт: Алихон. Ягон бор нашудааст, ки Абдуллоро дида, рӯй панаҳ карда бошад. Ҳатто дар роҳи хиёбон ӯро бинад, савора бошад, мошинро боздошта фуромада вохӯриву ҳолпурсӣ мекард ва дар кисайи палтойи кӯҳнааш даст андохта чизе мегузошт ва мегуфт: «Биё, хабар бигир!» Ин сухани кӯтоҳ маънийи зиёд дошт ва бештар ба ҳоҷатбарорӣ даъват мекард. Баъдҳо мушти азими Алихон ба ҷайби ӯ намегунҷидагӣ шуд; зеро марди барбастайи кулангӣ ва расоқомати китфу бозӯдор шуда буд ва мувофиқи ҳайкалаш ҳиматаш низ боло рафта буд: «Абдулло, костум бихар; кавш бихар; каллапӯш бихар; шиму курта бихар!... Палтоят фарсуда шудааст...» пул дода мегуфт ба ӯ. Абдулло та-

бассум мекард: «Палтойи донишҷӯйӣ». Ва Алихон ваъда медод, ки китоби шеърҳояшро нашр мекунад.

Дар чунин ҳолатҳо дили Абдулло мегирист ва баройи он ки ашкаш нарезад ба нӯги кавши рангпаридайи аз андозайи пояш зиёд менигарист; баъд зӯран хандаашро оварда дандон менамуд. Алихон кафи даст ба китфи ӯ гузошта «одам китфашро боло мегирад, сарашро ҳам...» мегуфт. Абдулло «Пати ятимхона задагӣ» гуфтанӣ мешуд, аммо наметавонист.

Бо мадади Мирзоҷону Боқиҷон ба Абдулло хонайи якҳуҷрагийи тахтасохт доданд. Акнун арӯс меҷустанд. Як ҷавонзани мисли худаш парешонавзоъро пайдо карда, хонадораш карданд. Аммо хонадориашон дер накашид. Табъи ҳарду нозук баромад; аз якдигар рӯ гардониданд. Аммо як русзанаки тоҷикидон ҳар гоҳ либосҳойи Абдуллоро бурда шуста, вале дарзмол накарда оварда медод. Зеро Абдулло мегуфт, ки либоси дарзмол карда ба танам хориш меорад. Бо вуҷуди ин ҳама Абдуллоро аз меҳри руди Панҷ муҳаббате ва аз «Руднома» олитар асаре дар дунё набуд.

Абдулло боре май хӯрда ҳушёртар шуд ва дарёфт, ки чунин зиндагӣ зиндагӣ нест. Аз Олам, аз Одам, аз худ дилмонда шуд. Аз кирдору рафтораш шарм кард; дар чунин ҳолат умр ба сар бурданро бори гарони зиндагӣ ва беномусӣ донист. Чунин андеша дар сар боз ба ҳолате гашт, ки дар кӯчаву бозорҳо мегашт. Акнун бозориҳо ва роҳгузарҳойи дойимийи хиёбони марказӣ ӯро аз дур бинанд, мешинохтанд: «Абдулло меояд...» ва ба дигар роҳ каҷ мешуданд.

Ӯ қасди куш кард. Кушт худашро: дар трубайи гази ошхонайи шарикӣ ҳалқа овехта кашол кард хешро... Вале ин дар хоб буд. Бори дигар дар амборхонайи гӯшайи ҳавлийи хобгоҳ аз сар карасин рехта, гӯгирд зад, гӯгирд дар нагирифт; зеро гоҳи аз сар карасин рехтан гӯгирд тар шуда буд...

«Алихон, ман шастсола мешавам...»

«Шастсола? Кӯдак метобию?»

«Рост. Шастсола мешавам.»

«Фардо соъати панҷ ба дафтари кориам меойӣ...»

Абдулло вақти муайяншуда ба дафтари корийи Алихон омад. Алихон ҳамроҳи як марди барояш ношинос менишаст.

Абдулло баргашта дари кушодаашро пӯшид ва садойи «даро-даро!»-йи Алихон баромад.

«Одами гуфтаам ана ҳамин кас» ба Абдулло ишора карда, ба ҳамсӯҳбаташ фаҳмонд вазир ва афзуд: «Ту дербоз мехостӣ, ки ҳамчун шарикдарс ба ман ягон хизмат бикунӣ. Хизматро ана ба ҳамин одам бикун! Чӣ хеле, ки ба ман хизмат кардан хоҳӣ, ҳамон хел».

Баъди чанд рӯз боз Абдулло пайдо шуд: тамоман каси дигар метофт: «Одаму либос» гуфтаанд. Алихон дар дил шодӣ дошт.

– Либосҳойи кӯҳнайи ман куҷост?

– Сӯхтанд.

Абдулло сар андохт ва хеле хомӯш монд. Алихон пурсид:

– Ягон ҳуҷҷат буд дар кисааш?

– Нобуди ҳуҷҷат... Пеш маро дар он либос дида баъзе ошноҳо як сум – ним сум медоданд. Ҳоло мегӯянд, ки доро шудайӣ, ту моро бидеҳ...

Алихон даст ба киса бурд:

– Ин пулро бигиру ба чойхонайи «Роҳат» бирав. Баройи ду кас хӯроки шом фармо. Ман соъати шаш меоям. Шастсолагиатро ҷашн мегирем...

14-15.03.07.

## ХУДО ҶОНАМРО НАМЕГИРАД, КИ...

– Чӣ ҳол доред, хоҳар?

– Худо ҷонамро намегирад, ки халос шавам...

– Ин хел нагӯед!

– Ҳамин хел, додар. Ҳаштод сол азоб кашида, зиндагӣ кардам. Бачаҳо калон шуданд. Акнун роҳат мебинам, гуфта будам, ки ба ин дард гирифтор гаштам.

– Духтурҳо чӣ мегӯянд?

– Рӯзҳойи башумор мондааст, мегӯянд. Ба ин гапашон ҳам нӯҳ моҳ шуд.

– Хафа нашавед, апа, духтур Худо нест ва рӯзи Худо бисёр. Худо хоҳад, нағз мешавед.

– Не, нағзшавӣ надорад. Хок нағз мекунад. Дигар ҳама беҳуда. Дилдорӣ чизи нағз. Рӯйи одамӣ гарм, сухани талхро

ҳам ширин карда мегӯянд. Мурданро зиндагӣ хаёл мекунанд.

15.03.07.

## ҲАЙКАЛИ СИНО

– Шумо мегӯед, ки баройи ин асарро навиштанам, кӯҳистониҳо ҳайкали маро гузоранд. Мулло Боқӣ ба муносибати ҳазорайи аллома Ибни Сино нимпайкарайи ӯро дар саҳни бемористон гузошт – аз гач. Шикастандаш. Муллоро ба шиканҷа кашиданд. Аз кор сабукдӯш карданд. Инфаркт гирифт. Фалаҷ шуд. Худи Сино ҳам мадад расонида натавонист.

– Замона дигар буд. Ҳолиё замони озодӣ. Ҳайкали ҳар киро хоҳед, мегузоред.

15.03.07

## ПОДАБОН

Подабон ҳама говҳоро мешиносад; имрӯз дар пода кадом гов нест, пай мебарад. Навъ ва ба кӣ тааллуқ доштанашро медонад; аз рӯйи рангу андому рафтораш баҳо медиҳад; говҳойи ба соҳибонашон монандро ҳам сахт нигариста суханашро мегӯяд. Подабон дар муҳиту ҷамоъа бузургтарин кас. Зеро дар ҳаёт касоне ҳастанд, ки бачайи худро намешиносанд ё падарашонро ва ё модари зорашонро, ки ӯро нӯҳ моҳу нӯҳ рӯзу нӯҳ соъат дар қад бардошта, бо сад азоб – ҷон дар кафи даст, зода, бо кадом сабабу шаройитҳойи мубҳаму нофаҳмо дар зойишгоҳ партофта рафтаанд. Инак ӯ бузург шуда, донистааст, ки модари зойида, вале шир надодааш кист? Бинад ҳам намешиносад. Аммо Подабон на танҳо ҳар говро мешиносад, ҳатто дар кучҷойи танаш чӣ аломате дорад, медонад; дар торикӣ ҳам он чорпоро мешиносад. Лек аз шохи тезу чуккайи буққа метарсад. Зеро на танҳо говҳойи ба табъи нозукаш нафорро зада сағраву гардан ё думғозашонро чок мекунад, балки шикамашонро сӯрох карда ё дарида рӯдаву рӯбчакашонро мебарорад: буққачаҳойи чолоку чаққонро ҳамин хел мекунад, баъзан модговҳойи нофармони саркашро. Соҳибони осебу зиёндида подабонро сарзаниш кунанд ё товони говашонро талабанд, «Илоҷ надорам; Буққайи Райис!» мегӯяд.

Буққа чунон аз худ рафт, ки подабонро ҳам нашинохт. Рӯзе гоҳи обхӯрӣ бурдани пода, бо нӯги шохи тезаш ҷомайи подабонро бардошт. Подабон ба шохи ӯ асо зад. Буққаро сахт расид. Ситезид. Дуртар рафта ҳуҷум овард ба подабон. Сар хам карда ду шохи тезу чукка дунайза сохта ҳамлавар шуд ва рост шиками ӯро дид карда омад. Подабон асо гардонида онро боздоштанӣ шуд. Аммо натавонист. Подабонро зада дусинона шикамашро шикофт. Ду шохи тезаш аз пушт баромада, ба дарахте бархӯрдху фурӯ рафт, ки бозгирифта натавонист.

15.03.07.

## ЧИЛТОҶ

Бори чилум аст, ки Чилтоҷро назди табиб меоранд. Ин мурғаки жола – хол-хол сиёҳу сафедро – шояд дар обрав ягона бошад, зуд-зуд назди табиб меоранд; мурғак бемор нест ё руҳан азоб намекашад, балки аз баройи беморони дигар меоранд; дар халтайи бозорӣ андохта меоранд ва ҳар бори овардан табиб як кӯҳайи тоҷи ӯро хунӣ мекунад. Тоҷаш сурх. Рухсору ғабғабааш ҳам. Гӯшаш сафед. Миёни ин рангҳо чашмонаш сиёҳ метобанд. Нӯлу пойҳояш зард. Парҳойи аз ҳама баланди думаш чун матоъи бодбони киштӣ таранг кашида ё ҳамранги қарси сафеди сари табиб аст. Аммо пойи табиб маҳсийи сиёҳ дорад; куртааш ҳар рӯз ранг ба ранг иваз мешавад. Либоси Тоҷдор ҳамон ки буд, ҳаст.Худи табибзан фармудааст чунин мурғро. Зеро бори нахуст, ки бемори файзободӣ чунин мурғро овард, табибро хуш омад.

– Аз куҷо ёфтед?

– Аз фабрикайи мурғи Файзобод.

Азбаски чунин мурғро очааш дигар намезояд, бозор меравад боз назди табиб меояд ва нархаш ҳам чун нархи ивази доллар боло меравад; аз нархи дигар мурғони бозорӣ фарқ ҳам мекунад. Онро касе мегирад, ки табиб фармудааст. Мурғи зебо бошад ҳам ошиқони мурғи хуб намехарандаш, зеро нархаш гарон. Чунки чил тоҷ дорад ва кулоҳи хонумҳойи румӣ барин пастаки нисбатан ҳамвор; пардор ҳам метобад.

Нахуст беморе ин мурғакро назди табиб овард, тоҷи аз ҳама баландашро хун карду ба пешонийи бемор холи ҳиндӣ

канд ва мокиро ба худ гирифт. Ба беморони дигар фармуд, ки маҳз чунин мурғи ранга пайдо карда оранд. Ҷояшро низ таъйин кард: «Ин хел мурғ дар бозори паррандафурӯшийи Шоҳмансур мешавад. Аз фабрикайи мурғи Файзобод меоранд. Лекин ниҳоят камчин. Ҳар рӯз ба бозор бароед...» Дар ин муддат сари тораки буридайи мурғ карахш баста, рӯ мегирифт ва ба савдо мерафт. Ин мурғро писараки донишҷӯ – хеши дури табиб ҳафтае як бор, рӯзи чоршанбе ба бозор мебаровард. Рӯзҳойи дигар мурғонаш ҳарранга мешаванд ва дар сар захми пайи теғи уротеппасохт низ доранд.

Дар чиллайи дигар Жоларо мадор намонд: «Ин ҷонвар дарду балойи ҳама ҳоҷатмандонро ба худ гирифта, оқибат ба чунин ҳолу рӯз гирифтор шуд».

Ин ҳарфи табибзан буд. Дилсӯзӣ буд ё пушаймонӣ ва ё таъна, занак бо ҳасрат сухан мекард:

«Ина бинед-а, ба ҳолаш мурғони ҳаво мегирянд».

Ба ҳар тақдир, Жола ҳолатеро гирифт, ки ранги сурхийи рӯяш заъфаронӣ гашта ба ранги нӯлу пояш монанд шуд. Аз иштиҳо монд. Ҳатто ба куштан муносиб набуд:

«Пушти девор партоед, саг ҳаст, пишак ҳаст, мехӯрад...»

17.03.07.

## ШОЪИР МАШРАБ

Посбони бинойи Иттиҳодияйи нависандагон ба автобуси сафарӣ дохил шуда паҳлӯйи банда нишаст ва баъди ҳолпурсиву муборакбодийи Наврӯз гуфт: «Одати мо дар Наврӯз аз шаҳр берун бояд раванд. Ба ман гуфтанд, ки бо «корвон» ҳамроҳи шумо равам, «Тамошо карда биём». Ман пардадариро дӯст надорам, аз ин рӯ напурсидам, ки «кӣ гуфт?», балки сӯҳбатамон аз дигар тараф қӯр гирифт: ӯ лаб кушод: «Дар қаровулхонайи дами дари Иттифоқ як телевизор мондагӣ. Бекор монем, тамошо мекунем. Аз иҷлосияйи Қасри Арбоб то имрӯз кору барори президентамонро нишон медиҳад; авҷи одам меояд, ки ин ҷавонмард дер подшоҳӣ кунаду зинда бинад... Ёдатон ҳаст, ки ҳардумон аз толори бино тир мечидем?»

– Ҳаст албатта...

– Тир дар пешонайи бино мезад, шишаҳойи ғафсро сӯрох карда гузашта, шишайи тарафи дигарро шикаста мебаромад, ё ба сутунҳо бархӯрда пачақ гашта, ба замин меафтид, мо мечидем... Ман будаму шумо, аз паси бино меомадед. Хонаатон наздик буд-дия. Дигар ҷонзоде набуд. Ҳама гурехта буданд... Регариҳоро фирефта, оварда буданд... Аҷаб рӯзҳое буд... Ин шоҳи сафеддилро бинед, ки имрӯз дар Регар Наврӯз мегузаронад...

– Дар Раштонзамин ҳам гузаронд-ку?

Қандаша занад! Фақат ба ҳамин хотир меравам. Шумо ҳам ҳамин ҷо будаед, хуб мешавад...

– Ҳамон тирҳоро чӣ кор кардед? – пурсидам чӣ гуфтанамро надониста.

– Ба хаёлам, дар як латта баста, заминро канда, дар куҷое гӯр карда будам...

Мардуми ду тарафи роҳ, ки гулҳойи наврӯзиву сияҳгӯш афшонда, «Корвон»-ро хайра мақдам мегуфтанд ва халқони деҳот дар ҳар идгоҳу рӯйи сабзаҳойи навдамида наврӯзӣ доштанд, диққати моро рабуданд. Заминҳойи кишта, шудгор ва майсайи тирамоҳӣ чашмрабо буд; барфи сафеди сари силсилакӯҳи Ҳисор ҳам...

Рафтем. Азбаски аз миёни анбӯҳи одамони идхоҳ мошинҳо дер гузаштанд ва сухани табрикийи Шоҳи тоҷикон сар шуда буд, посбони Иттифоқ ҳам бепурсиш ҳамроҳи аҳли зиё гузашта ба курсийи тамошо нишаст. Чун тамошо тамом шуд, дар дами роҳрав, ки нишаста будем, аз ҳама пеш баромада сӯйи қароргоҳи мошинҳо рафтем. Як марди айнаки сиёҳ пӯшида ба чашм моро боздошт: «Ҳоло наравед!» Аммо посбони мо матлабро дуруст нафаҳмида «мо ба мошин савор мешавем!» гуфта равон шуд.

«Ӯй! Сабр кунед, мошинҳойи асосӣ бароянд, баъд...»

Валек Посбон «Мошини мо хӯ...» гуфта буд, ки нозир аз китфи ӯ дошт.

«Ҳа? Аз китфи ман дошта мекашӣ, ки ягон гуноҳ кардам?»

– Ин кас, кӣ? – пурсид аз ман.

– Ин кас шоъир Машраб. Иштирокчӣ набошад ҳам, мушоҳидачийи ҷанги тақдирсози 1992. Ёдатон бошад, Фрон-

ти Халқӣ... – Вазъу ҳолро пай бурда, ҳамроҳдорӣ карданӣ шудам.

– Ҳуҷҷат доранд?

– Не. Ҳоло узви иттифоқи нависандагон нашудаанд.

– Гапа намефаҳмаду?

– Шумо парешон нашавед, гапа нафаҳмад ҳам, нияташ пок. Мегӯяд, ки дилкушодиву бекинагиву мардонагийи шоҳро бинед, ки...

– Ин хел бошад, бо ин роҳ.

Ӯ моро бо роҳҳойи каҷу килеб, миёни ошхонаву танӯрҳойи самбӯсапазӣ ва анбӯҳи одамони шоду масрур, ки консерт тамошо карда баромада буданд ва аз хубиҳойи Наврӯз, ки бори нахуст чунин идро дидаанд, ба якдигар мегуфтанд, убур карда, ба ҷое расидем, ки пештар он ҷо истода будем, аммо гузаштан имкон надошт. Ҳамин лаҳза мошинҳойи ҳукуматӣ гузаштанд ва мо назди автобуси «Ориёнбонк» омадем. Дер нигарон шудем дигаронро. Касе наомад. Сонӣ ишора ё амре шуд, ки мо панҷ-шаш нафарро автобуси рақамаш ба ном – 21,22,23... то тарабхона барад. Дигар мошинҳо холӣ рафтанд.

Дар даромадгоҳи тарабхона ҳуҷҷат пурсиданд. Шоъир Машраб даъватнома надошт.

– Як тараф истед! – гуфтанд ба он кас ва ба ман рӯ овардан: – Ин кас аз куҷо?

– Аз иттифоқи Нависандагон. Шоъир Машраб. Ин кас дарбони бинойи Иттифоқи нависандагон низ ҳастанд. Ҳар рӯз ҳазор кас аз он дари кушод медарояд. Меҳмонеро намепурсанд: «Ту – кӣ?» «Гузарнома» ҳам намепурсанд. Одами аҷиб. Дилашон аз Осмон ҳам васеъ.

– Шумо худатон ҳуҷҷат доред?

– Бале!... Ин шиноснома, инаш даъватнома.

– Шумо Облоқулов нестед?

– Аз куҷо медонед фамилияйи кӯдакийи маро?

– Мо пӯсти ҳар кадоми шуморо дар чармгарӣ мешиносем.

Ин хел бошад, шоъир Машрабро пӯст наканда, рухсат диҳед, дароянд.

– Кафолаташ бар дӯши шумо. – Табассум карда фармуд ӯ.

– Бошад...

– Сари хони наврӯзӣ шиштему хестем. Зеро Шоъир Машраб нагузошт, ки бароҳат нон хурем: «Хезед бародар, ҳамин хӯрдаамон кифоя. Якгазӣ нон гирифта бошем ҳам ҳаққи ду кас шуд. Аз ин зиёдаш ноинсофӣ...» Ман ҳайрон шудам аз ҳолату гуфтори ӯ, ки андеша карда, чӣ дард кашида бошад?

22.03.07.

## ЯПОНЧА

Мурғе нӯҳ чӯҷа дошт. Шаш чӯҷааш бо ҳар сабаб нобуд шуд. Ба назари соҳиби мурғ чунон метофт: ин ҷонвар то ҷое беларво, ки ба марги фарзандонаш «қурт» намегӯяд. Ҳол он ки дигар очамурғон то ба воят расидани чӯҷаҳо нагузоранд наздик омадани душману сайёдҳоро. Гардан ёзида, ёл бардошта, пару бол фаххонда, минқорқавию тезнохун ҳуҷумовар шаванд, ки саг дошт дода натавонад. Аммо ба мурдайи фарзандон ё сарпечак шуда нӯли зардак аз тухм намоён карда, нобуд шудани бачаҳояш беларво... Шабе мурғ ҳамроҳи чӯҷайи сафедак аз шохи дарахт фитода мурд; маълум нашуд, ки онҳо харак хӯрда, фитода, мурдаанд ё ҳамсоя боройи ба ҳавлиаш гузаштан гандуми маргимушомехта додааст. Ба ҳар тақдир мурданд ҳама; танҳо Японча монд. Вале чунон ҳайрон монд, ки ӯро чӯчабарак аз як мамлакат ба кишвари бегона бурда раҳо карда бошад; ҳеҷ чизро намебинад, ҳеҷ чизро намедонад. Ҷуз «чу!» гуфта, фарёдзанон аз як сӯ ба сӯе тохтан кори дигаре надорад ва касе ба фарёдаш намерасад. Мондаву хаста шуд аз тохтан, аз ҷустан. Худро ба ҳар села мезад, аммо мурғони чӯҷадор нӯл зада, дур меандохтанд. Ғелида бозмехест ва «чу-чу!» фарёдзанон гириста, так медавиду боло... Японча бо ҳазор озору азоб бузург мешуд. Лек қаду басташ ба мурғони кулангӣ монанд намешуд. Пастаки нӯлу пойҳояш зардаки сағира. Аз пайи болдорҳойи хурд метохт боройи рӯзӣ. Мокиёне дигар куркиаш нарафта, аз зарурат бошад, чӯҷаҳояшро ба воя нарасонида, нӯл зада онҳоро аз худ дур андохт ва боз болойи тухмҳойи нав нишаст. Чун гоҳи ҳаво додани тухмҳойи гарм мерасид, аз сӯрохийи коҳдон бурун омада, бол меафшонд, об мехӯрд, дон мечид; садо дардода чӯҷаҳойи новақт ятимча кардаашро пеш мехонд, навозиш ме-

кард ва боз «қуд-қуд» зада аз сӯрохийи коҳдон гузашта, тори тухм парч мешуд.

Чӯҷаҳойи ҳанӯз шикору сайёдӣ наомӯхта «чу-чу!» ҳайрон мегаштанд. Япончайи аз навозиши модар сер нашударо раҳм боло гирифт ва бо онҳо ёр шуд. Хурӯсона рафтор карданӣ мешуд, лек балад набуд. Норасида низ буд. Ризқҷӯйӣ ва шикор меомӯзонд: мӯру малах, пашшаву хомӯшак ва шапарак пешандоз мекард. Чунон мерафту метохт, ки анқариб парвозро монад. Бол кушода чун шутурмурғ метохт ва ба пас нигариста, чӯҷаҳоро ишора мекард низ битозанд. Онҳо аз бевафойӣ ва беэътинойии модар ранҷида буданд ва «аз дунёноумедӣ дунёбаумедӣ беҳтар» гуфта, ба дастайи Япончa дохил шуда, «Ятимон» ном гирифтанд. Инак ба амру фармони ӯ гӯш медоданд:

«Бичаҳед! Парвоз омӯзед! Уқобона! Шоҳинвор! Бозу боша барин! Ончунон бояд омода шуд, ки аз Осмон уқобона сангвор гашта, тори шағол бол кушода, то баландиҳо бардошта ба замин чунон зад, ки дигар касе тухми моро шикаста натавонад!»

Машқу таълими Япончa баробар мерафт. Дар осмони орзуҳо мегашт, ки рӯзе уқоб мешавад ва аз ғами ятимиву нотавонӣ озод мегардад. Шохи дарахт баромадан омӯхт, тори бом шудан омӯхт ва аз он ҷо ҷаҳидан. Вале онҳо на уқобона, балки мурғона ба замин меомаданд ва сари синаашон ба хок бармехӯрд.

Япончa ғамӣ мегашт, ки онҳоро зери болаш ҷой карда halметавонад. Онҳо наздику ҷафс мехобиданд шохи дарахт ва сарҳо зери боли якдигар медароварданд аз тарси шағол ё сармо.

Шабе шағоли зарди думдарози сихгӯш омад ва аз таг нигариста, бо афсун чӯҷаҳо аз тор афтонидан хост. Нашуд. Тани дарахтро харошида таҳлукайи баромадан кард. Япончa «қиғ!» гуфт. Ин аломати Чорчашмро бохабар кардан буд. Шағоли ноогоҳ садойи хурӯсакро тарс пиндошта боз ба танайи дарахт часпид. Ва якбора садойи «пинг!» баровард. Чорчашм аз миёни шағоли зард газида буд.

1.04.07.

## ГОВАМОН ЗОЙИД

Дар моҳи рамазон нархи шир боло рафт. Ҳамин хел расм шудааст, дар моҳи Рамазону иди Қурбон нарх ба ҷойи паст рафтан боло меравад ва баландравийи пули ивази долларро сабаб нишон медиҳанд. Роҳи зиндагиро доллари аз дуриҳойи дур омада нишон медиҳад; ҳатто оби худодод ҳам қимат мегардад. Дар борайи шири гови ҳамсоя ҳоҷати сухан нест.

«Шир нест! Гов хушк кард».

Аммо хидматпешайи Ҷамила дар бӯтал ба хонайи корманди бонк шир мебурд.

Дар ин миён ҳамсояйи дигар дами роҳ дӯкон сохт. Аз дӯкони Ҷамила фарохтар, равшантар ва озода. Ҳама навою навола ва ширу ҷурғоти дастгоҳӣ меовард. Арзонтар низ буд. Ҳамсоязан, ки пештар аз Ҷамила шир мегирифт, сӯйи дӯкони нав омад. Ҷамила, ки дар нимароҳи миёни ду дӯкон меистод, дандонҳойи мисинашро намойиш дода пурсид:

– Ҳамсоя, шитоб доред?

– Дӯкони нав шир доштааст...

– Э, бед, худам шир медиҳам!

– Гови шумо хушк кардагӣ-ку?

– Э не, ҳамсояҷон, говамон нав зойид!

1.04.07.

## Ё-Ё

Рӯзи сафар моро дар автобуси «Амонатбонк» шинонданд. Нафаре гуфт:

– Наврӯз аст. Амонатбонк идипулӣ медиҳад.

Нафари дигар таҳрир кард:

– Ё медиҳад, ё мегирад...

3.04.07.

## ОДАМШИНОСӢ

– Ӯзбакро нигар, ки тоҷикӣ мехонад.

– Вай ӯзбак нест. Тоҷик.

– Аз куҷо донистӣ, ки ӯ тоҷик?

– Ӯзбак ин хел харобу лоғар намешавад.

3.04.07.

## БАҲОНА

– Гоҳи маҷлиси Намояндагон чаро хоб рафтед?

– Дар бисёр маҷлисҳо ҳузур доштам, теле як бор нишон надод. Ин бор хобидам, ки зоро теле нишон диҳад.

3.04.07.

## БӮЙИ ВАТАН

Одина дар Афғонистон хизмат мекард дар гурӯҳи пештоз. Рӯзҳойи аз кор озод буданаш бо кӯчайи ошно суйи бозор мерафт. Пирмарде риши тоҷикона дар манаҳ бар хараки беруни дарвоза менишаст ва ёде аз ниёгони водийи Зарафшон меовард. Ҳар бор, ки Одина аз роҳ мегузашт пирмард дида ба ӯ дӯхта бо нигоҳи хеш ҷавони ношиносу ноошноро то хамгашт мегуселонд. Одина мувофиқи касбу вазифааш ҳама ҳаракатҳойи ӯро медиду рамуз мегирифт. Аммо чизе гуфта наметавонист. Зеро гоҳи пур кардани варақайи аъмол паҳлӯйи «Дар хориҷа табор ё шиносе доред?» «На!» навишта буд... Чун зиёд мегузашт боре нигоҳи якрости пирмардро дида ба ишорайи сар «салом» дод. Пирмард низ бо ишорайи сар алейк гирифт ва аз дил гузаронд: «Мақоли халқӣ ҳаст: Харе, ки бор надорад, иш магӯ!» Аммо боре аз борҳо пирмард посух ба ишорайи сари ҷавон даст пеши бар хест ва забон кушод:

– Ота, аз куҷо мешавед?

– Аз Шӯравӣ.

– На. Аз Кадом маҳалли тоҷикнишин?

– Аз Самарқанд.

– Ҳааа... Эҳсос кардам, бӯйи Ватанро.

– Ман ҳам пай бурдам, ки шумо аз ҳамон обрав ҳастед.

– Чӣ тур?

– «Ота» гуфтед. Мо низ падарро ота гӯем. Пирон чун шумо дами дарвоза харак сохта, дам гиранд.

– Ман аз Боғи Баланд.

– Боғи Баланди Самарқанд?

– Бале!

– Чун ба ин ҷо афтодед?

– Қиссааш дароз... Солҳойи Инқилоби Бухороро ба ёд оред...

Саропойи Одинаро арақ тар кард. Рангаш ҳам канд. Курта ба пӯсташ часпид. Пирмард вазъу ҳоли ӯро пай бурд: «Имкон ёфта ягон вақт биёед, отаҷон. Дарвозайи мо ҳама вақт кушода...»

Одинаро чунин сухан лозим буд. Зеро медонист, ки аз кадом гӯша контрразведка чашм медавонад. Ӯ чанд муддат аз ин кӯча гузар накард. Балки бо роҳҳойи дигар то бозор мерафт. «Шуморо ташвиш додам, отаҷон?» Гӯшҳояш садо доданд, аммо танаш ларзид. Муддате баъд ба худ омада гардан тофт ва пирмарди шиносчеҳраро дида, тааҷҷуб кард: «Либос чӣ оройишгар аст?» Ба назараш тамоман дигар тофт ӯ: ҷавонтар, озодатар ва чолок; пӯшоки афғонӣ дорад дар тан ва дастори пишоварӣ. «Гумон кардам ба ватан баргаштед ва маро фаромӯш кардед».

– На, соҳиб! Ишколе пеш омад ва маро ба Қандаҳор фиристоданд.

– Ҳааа... Пиндоштам ба Ватан рафта, бӯйи Зарафшон овардед. Бӯй кашиданӣ будам...

Одина дарку эҳсос мекард дарди пирмардро, худаш низ пазмон шуда буд бӯйи диёрро. Бо ҳамватани дар солҳойи мудҳиш фирорӣ шуда, то ҳаштодсолагӣ заҳри ғурбат чашида сӯҳбат оростанӣ буд, лек пай мебарад, ки корманди шӯравӣ аз ӯ канора меҷӯяд.

– Кай ба ватан баргаштаниед?

– Номаълум...

– Агар, ки ба мураххасӣ рафтед, Боғи Баланди Самарқанд равед. Боғи анҷир ҳаст. Аз соҳиби он боғ пурсида як каф хок гиред ва маро оред.

Одина дарёфт, ки пирмард «атри кафан зи хоки Ватан орзу дорад». Хеле сукут варзид. Ҳамон арақи ҳаяҷон боз саропояшро тар кард. Пиндораш: аз кадом дидгоҳ пурбин ё дурбине ба сӯяш нигаронида шуда буд.

– Шуморо огоҳ хоҳам кард, соҳиб...

Чашмаш ба чашми пирмард рост омад, ки зиёдтар аз арақи тани ӯ сиришк метаровид.

Одина чизе гуфта натавонист. Сар андохту рафт.

Пирмардро низ арақи сард пахш кард ва дар курсийи назди қуттиҳойи ширинворийи самарқандисохт нишаст. Набот,

ҳалво, печаку парварда, оби дандон, оби набот, ҳалвойи мағзӣ ва бисёр чизҳойи дигар рафи дӯкони ӯро зебу оро дода буд.

«Аҷаб ҷавоне. Чашойӣ ҳам накард. Аз чӣ рӯ тарсӯст? Вазифа касро тарсӯ гардонад.»

Вале рӯзи зиёд нагузашта, Одина бо кӯчайи ошно гузар карда пирмардро дар хараки дами дарвоза надид ва рост то дӯкон омад.

– Биёед, отаҷон!

– Омадам, соҳиб. Инак ман аз ширинворҳойи самарқандиёнайи шумо хоҳам чашид.

– Нӯши ҷон!

– Чунон ки дарёфтам, шумо майли Боғи Баландро дидан ҳам доред?

– Агар Худо расонад...

– Пайғом (виза) шавад, меравед?

Пирмард чизе гуфта натавонист. Ашку ғамбода гулӯяшро баст. Ӯ ба ишорайи сар тасдиқ кард...

... Тайёра то Москов парвоз кард ва Пирмард ҳамроҳи зан ба тайёрайи дигар нишаста то Самарқанд омад. Чун аз дари тайёра рӯйи зинаҳо баромад, ҳавойи форам ва бӯйи гуворойи Самарқандро шамид. Вале буйи карасини сӯхта, ки ин бӯйи гуворойи зарафшониро ғашовар мегардонд, нафоридаш. Бо вуҷуди он дароз-дароз нафас мегирифт; гӯё ғанимат мегирифт.

– Ман аҳд карда будам, ки поям ба хоки Самарқанд расад, намози шукрона гузорам...

Нахуст ҳарисона ва носер ба ҳар тараф дида мечаронд; нафас кашида, сари сина медамонд; медид ҳамаро дигаргуна.

Саҷҷода густурд рӯйи хок ва пешонӣ ба замин зад.

Ва дер истод. Сар рӯйи пушти дастон ноҷунбон буд. Ҳамсараш омада ҷунбон-ҷунбон кард. Нимрӯ афтид. Оби даҳон саҷҷодаро тар карда буд.

6.04.07.

## МЕҲРИ ВАТАН

Тайёрайи мусофиркаш аз Лейпсики Олмон сӯйи Эрон парвоз дошт. Танҳо як нафар хешро ноҷӯру нороҳат эҳсос мекард. Аммо дар дилаш умеду орзу меҷӯшид. Дигарон ба гӯйишҳойи микрофонийи роҳбалад, оҳангҳойи шӯху ҷаззоб

гӯш диҳанд, наҳору обу қаҳва хӯранд, бо ҳамроҳи паҳлӯ ё пасу пеш сӯҳбат кунанд, ӯ дар худ ва андар курсӣ фурӯ рафта буд. Гумонаш ҳама ба ӯ менигаристанд ё ҳарфашро мегуфтанд. Аз ин рӯ торафт фурӯтар мерафт, то набинандаш. Аммо касе намедонист, ки ӯ кист ва чаро ин ранг нишаста? Дигарон китобе, маҷаллае, рӯзномае мехонанд ё аз тирезаи гирда оламро тамошо доранд, вале ин марди солдидаи гандумгун ва миёнақомати абрӯсиёҳ, ки ба чашмон айнаки сиёҳ низ гузоштааст, ба ягон чиз эътибор намедиҳад, ҳатто ҳалқаш хушк гашта, дилаш тапида-тапида то гулӯ ояд ҳам ҳалқашро тар кардан намехоҳад, ки мабод об дар гулӯяш дар монда, сурфааш омада диққати бисёриҳоро ба худ гардонад. Миёни хомӯшийи мутлақ (ӯ чунин пиндорад) садойи муҳаррики тайёра қабатҳойи ноаёни фазоро сӯрох карда сӯйи манзили умед роҳ мепаймояд ва Дастурӣ як бор саргузашт аз сар мегирад, ки анҷомаш то куҷо бошад. Инқилоби озодихоҳӣ, фирор, ғурбат, мулки бегона, дарёфти кишвари ҳамзабон, мусофирӣ, миёни ҳамзабонон ҳамдил наёфтан... ахиран сӯҳбатҳойи Дайламиву Тарбият ва духтараш Гулнисо, ки дар радиойи тоҷик ҳамроҳи мардон шоҳномахонӣ мекунад.

– Рӯйи дарёйи Хазарро убур мекунем!

Дили ӯ сахт метапад. Чунон сахт, ки аз даҳон омаданист. Зеро ӯро кӣ ва чигуна пазиройӣ мекарда бошанд?

– Ҳуҷҷатҳойи шумо?

– Ман Дастурӣ ҳастам. Эронӣ!

– Чӣ ҷур бовар кунем, ки шумо Дастурӣ ҳастед, эронӣ?

– Шиносномае дорам аз Тоҷикистон.

– Чипта, ки надоред?!

– Ман, ки ғариб будам. Ёди Ватан мекардам. Орзӯям ин буд, ки Эронро бубинам, хокашро бибӯсам...

– Хуб оғоҷон! Ин кор аз дасти мо намеояд. Шумо қойидаву қонунро фаромӯш кардед...

Дастурӣ хун мегиряд:

– На! Ман ин ҳамаро медонам. Аммо илоҷи дигар надоштам. Агар чунин накунам, меҳри Эрон дар дилам зангор мебаст. Ман бӯйи Ватанро намешунидам, хоки Ватанро намебӯсидам. Ҳамасола орзӯям буд, ки Эронро бубинам.

– Шумо эронӣ нестед,оқо!

– Чиро? Ман эронӣ ҳастам!

– Агар эронӣ будед, ин ҷо мурда будед ва фирор накарда будед.

– Бале, оғоҷон! Он вақт ҷон ширин буд. Зеро ман Эронро доштам. Ин дам Эрон ширин, зеро ман аз ҷон гузар кардаам... Эрон маро ҳама чиз бувад.

– Аз дасти мо коре намеояд, оқо канор истед!

– Аз дасти кӣ меояд?

– Сарпос ҳаст.

Дастурӣ хун мегирист. Айнакаш ҳавр баста буд. Чизеро намедид. Айнак кашид аз чашм. Кӯртар шуд.

– Куҷост он мусофир?

Садое омад. Дастурӣ гирён буд, ки мусофири диёри хеш аст.

– Он ҷост! Ҳуҷҷате надорад. Мегӯяд эрониам.

– Ӯ эронӣ аст! – садойи сарпос омад.

– Аз куҷо донистед?

– Аз чашмонаш... Аз чашмони гирёнаш!!!

06.04.07.

## КӮЗА

«Дада, зери шар-шар кӯза метобад...»

Се тан пинҳонӣ аз ҳама ба баҳонайи саёҳати боғ то шар-шари зери чормағзи шашпаррайи лаби ҷӯйбор, ки дар дома-найи Сурххок воқеъ буд, омадем. Чараксаҳойи оби шар-шар ба камари обканд бархӯрда хок резондааст ва сафолпораҳойи кӯзайи шикастаро аён гардонидааст. Чашмам ба пораҳо бархӯрда тааҷҷуб кардам, ки Хиромон... Аммо ӯ чӣ андешае дошт, ки сӯям менигарист ва ҳайрон буд. Пиндоштам, ки то ба ин ҷо расиданамон кӯза пора-пора гаштааст. Зеро ривоятҳойи зиёд шунида будам, ки касе кӯза пайдо кунад, дуъоҳое бояд хонад; ангушт хун кунад; аз се кас бояд яке де-вона шавад. Мо се тан, аммо кӯза худ аз худ пора гаштааст. Худоро шукр! Вагарна бо сад кӯза зар девонаро сиҳҳат гар-донидан имкон надорад.

«Дада, вай не!»

– Чӣ мегӯйӣ? – ман таҷанг гаштаам аз кирдорҳойи ӯ.

– Он кӯзапораҳо не! Аз паҳлӯйи гулӯлайи об нигоҳ кунед; дар камар.

– Вай санг!

– Санг не, дада, кӯза!

– Об тар кардааст, санг кӯза метобад.

Дилам ба тапидан даромад. Ҳар чӣ бошад, ранги хокистарӣ гирифтааст.

– Мисрон лозим! – Беихтиёр гуфтам. Хиромон тозон мисронҷӯйӣ рафт, вале гаштаву баргашта сӯйи мо менигарист. – Ту ягон дуъо медонӣ, очеш?

– Дуъо медонам, аммо дуъойи кӯза ё тиллоро намедонам. Аз ҳама зӯраш «Ихлос». Се бор мехонед...

– Яке тилло дошта бошад, чӣ кор мекунем?

– Бозори «Дупула»-ро месозед.

– Не. Ба ҳукумат маълум мекунем...

– Ин хел бошад, монед худашон омада, канда, кушода бинанд ва ҳар балое бошад...

– Буд – набуд, «кушода бин, чӣ буданашро муайян бикун, ба мо хабар деҳ!» мегӯянд.

– Пас хабар додан чӣ лозим?

– Фаҳманд, пайи соли сиву ҳафт мекунанд.

– Занед, шиканед!

Мо ба қароре наомада Хиромон ҳишшасзанон мисронро бардошта омад ва хандон сӯям дароз кард. Ман ҳама қойидаҳоро фаромӯш карда, паҳлӯйи он чиз нӯки мисрон халонда, нӯки дигарашро сӯйи дарахти чормағзи азим пахш кардам. Кӯза ғелон шуд ва аз сарам об рехт. Гумон кардам нофаҳмида сар зери шар-шар андохтаам. Аммо либосҳоям хушк ва зери он тар. Арақ будааст. Гӯшам қуфл зад ва дил тапид. Се тан мисли гурги гурусна ба кӯзайи гарданпаридайи рангаш хокистариву тар ҳарисона гаштаву баргашта менигаристем. Дастонам меларзиданд. Кӯзаро пеш кашида бардошта наметавонистанд. Ба онҳо нигаристам ва безабон ишора кардам: «Бардоред». Батар аз ман буданд. Зеро шунида буданд, ки аз се тан яке бояд девона шавад. Ба якдигар менигаристем. Вале ман мехостам, ки бо мисрон зада кӯзаро шиканам ва зудтар донам, ки андарунаш чист? «Андарунаш шайтон бошад, дуд гашта сӯйи осмон меравад...»

Се тан ба ҳоли якдигар нигариста аз дил гумонҳо мегузаронидем. Фикри «девона шудан» девонатар гардонида буд.

Кӯза тар. Лойи гулӯйи тангаш низ тар. Оби шар-шар лойро равон мегардонад. Ба ҳар тақдир хешро мард гирифта, кӯзаро як бори дигар бо мисрон тела дода қади ҷӯйбор ғелондам. Гаронвазн тофт. «Тилло вазнин мешавад». Мисронро дудаста медорам, то бардошта ба сари кӯза занам. Онҳо ба ҳоли ман нигариста, ранг дар рӯяшон намондааст ва гирди лабонашон кабудча гашта.

Мисронро канор андохта нимҷону ларзон кӯзаро ғелонда аз ҷӯйбор баровардам ва то пали беда овардам.

«Биёед, секаса бардорем, ин кӯза чунон вазнин, ки...»

Аз дил мегузарад. Баъд беҳушона вазни онро муайян мекунам: «Хуб бошад, даҳ кило мебарояд». Аз беҷонӣ, аз ҳаяҷони зиёд таслим мешавам ба васвосиҳо.

«Ангуштро бояд хун кард, дадеш!» Сӯзанаки дар буғаки гиребони курта задаашро кушода пеш меёзад очеш. Ва ман беихтиёр сӯйи сӯзанпизишки дармонгоҳи ҳукуматӣ баройи хунгирӣ ангушт меёзидагӣ барин дасти ларзонамро пеш меёзам. Ӯ ба ангушти сағир сӯзанак мезанад, вале дардро эҳсос намекунам. Хун ҳам намебарояд. «Хунатон гурехтааст, дадеш». Ҳолиё чунин ҳарфҳо аҳамият надорад. Руҳ низ гурехтааст. Танҳо васвосийи дунёйӣ пойдор аст.

Аз лаби кӯзайи якпаҳлӯ хобида зардоб метаровад. Ва ман онро бардошта воруна медорам, то ҳар чӣ бошад, резад. Лой мерезад андаке ва қарор мегирад. Меафшонам кӯзаро. Дигар мадор надорам. Сари пой нишаста ду сойид бар зону мегузорам; базӯр вазни кӯза медорам... арақшор як чашм ба онҳо, ки чӣ рангу раҳмон доранд. Онҳо ба кӯза на, ба ман менигаранд, ки ана-ана девона мешавад. Чашми дигарам ба даҳони кӯзаву замин, ки чӣ мерезад? Лой, хокистар ва лахчайи сиёҳ...

«Хайрият!»

«Хайрият!!»

«Хайрият!!!»

Вагарна ҳар се девона мешудем!

06.04.07.

## ГОВХӮР

«Говхӯр» номи корхонаи ӯст. Мӯҳраш сари гови тезшох дорад. Сураташ монанд ба шакли сари гов, ки ҳар бори рӯйи коғаз пахш кардан равшантар мегардад. Танҳо ду шох намерасад ӯро. Аз куҷо пайдо шуда аз бинойи Иттиҳод ҳуҷрае иҷора гирифта корхона кард, ки ҷуз номи «говхӯр» маводе надошт. Лофу газофаш чунон буд, ки доллари бонк дар ҷайби ӯст. Бо даҳонаш биноҳо месохт, шаҳрҳо обод мекард; маводи сӯзишворийи зери баҳри Хазарро кашида то Душанбе меовард; ҳама чӯбу тахтайи русӣ ҳам ҳавойӣ то ин ҷо мерасид. Андому сӯробаш одамони доқёнусиро мемонд, ки якрӯя истода сӯҳбат кунанд. Гашташ гашти гурозро мемонд; гарданаш ба чапу рост нагашта, рост мерафт. Лекин пойҳояш рафидайи пойи филро ёд меовард.

– Ака! Пеши шумо омадам. Гардан кач карда омадам.

– Гардани шумо кач намешуд-ку?

– Шуд... Гуфтанд, ки ҷуз шумо каси дигар чунин муҳимро иҷро карда наметавонад.

– Хӯш...

– Вагон дар сарҳад. Худатон медонед шаройитро, надиҳӣ, гузар нест. Бензин овардам. Ҳама пулам сарф шуд. Вагонро дар Саросиё аз қатора ҷудо кардаанд. То фалон қадар наорӣ...

– Чӣ қадар?

– Камакак. Баройи гумрук. Ду ҳазор...

–... рубл.

– Доллар.

– Аз бева ... гадойӣ.

– Шумо доред. Дина занаки сиёҳак бо пули шумо Хитой рафта омад. Пулатона оварда дод. Ман ҳам бо фойидааш оварда медиҳам. Забонхат медиҳам. Мо мард.

Судхӯр сар фаровард. Говхӯр забонхат дод...

Ба даст дода, ба по давидан сар шуд. Говхӯр ҳуҷраро холӣ карда, ба касе чизе нагуфта ғайб зад. Судхӯр ба хонайи Говхӯр рафт, ки дами дараш навбати судхӯрон, аммо дари оҳанӣ қуфл. Як нафар дар даст ҳуҷҷатҳойи хона, арза дошт:

«Ин хона ба гарав гузошта шуда буд; хонайи ман шуд. Дигар наоед!»

Говхӯр пайдойи судхӯрро хӯрд.

7.04.07.

## ВОПАСИН

Вопасин ҷанговари Ҷанги Бузурги Ватанӣ фавтид. Дина мурд. Ҳоло ҷанозааш дар рӯйи хона. Бо аҷали хеш мурд. Аммо тамоми умр ба худо зорӣ мекард: «Марги беаҷал бидеҳ!» Зеро аз рӯзе, ки ба деҳа баргаштааст «пленник» мегӯяндаш. Гӯё ба тарафи немис гузашта баройи ба эшон хидмат кардан боз ин сӯ омада бошад. Вале ӯ кар. Ҳазор гӯянду замину осмонро аз баройи ӯ шуда ба ҳам часпонанд ҳам намешунавад, пай намебарад. Гӯё дар паси гарданаш оҳанпора ҷой шудааст, сар такон медиҳаду халос; садама дорад. Аммо карӣ, хомӯшӣ ва касро нашинохтани ӯро баҳона медонанд; гӯё қасдан чунин мекунад, ки таъна назананд ва ба идораҳойи дахлдори ноҳия накашанд. Пештар – баъди ҷангро ба охир расонида се сол дер омаданаш, бофтанду гуфтанд ва ӯро хеле тафтишу назорат ҳам карданд. Вале ӯ дар ҳама ҷо як чиз мегуфт: «Аминов Амон!» Гӯё бо ҳамин таркиб ҳама чизро мегуфт ва кушанд ҳам дигар ҳарфе намедонист. Чунин ҳол шубҳаовартар буд. Ба номаш бастанӣ шуданд «гуреза»-ро. Лек ягон ҳуҷҷат ҳасдиқ накард, аммо бадномӣ монд. Аз ҳама имтиёз маҳрум ҳам монд. Зеро ақли даву тоз ва ҳуҷҷатсозӣ надошт. Чуноне ки «Аминов Амон» буд, монд. Ӯ даҳон пур карда, бо ифтихори тамом мегуфт; зеро чунин талаффузро аз сардорони фавҷи низомӣ ёд гирифта буд. Баъди бомбаборони корзор ва аз таги хок кашида баровардан... ҳамин қадар чиз дар ёдаш мондааст ва дар забонаш танҳо ҳамин чиз меояд.

Ана ҳамин хел одам дина мурд. Бо ҳама орзуву армон; ранҷу азоб, аламу дарду ҳасрати пинҳониву хомӯшӣ аз олам гузашт. Мурдааш дар рӯйи хона арзу ҳасрат мекунад, касе намефаҳмад чунон ки дар зиндагиаш.

«Аминов Амон дар ин дунё чизе надид. Ҳамаашро дар он дунё хоҳад дид!»

Ин ҳарфро гоҳи ба хок супорида, нав даҳони лаҳадро чимбаст кардан касе гуфт, ки идора ба идора гашта ғаммозӣ мекард, ки Аминов Амон асирафтода ва ҳам гуреза.

7.04.07.

## ХОНУМИ ҚАШАНГ

Хонуми қашангу зебо марди барбастайи ношиносро ба рақс хонд. Марди ботамкини одамсар чандон дар ҳавойи

«Валс» арғушт рафта натавонад ҳам хоҳиши хонуми пурра-пайкари сарсинадамида ва чун тойча фиркандаву қантарро рад накард. Аён буд, ки қашангхонум аз чизе меболид ва дар чунин базми солинавӣ марди ба назар синну солаш ба худ мувофиқро ба рақс хонд.

– Бубахшед хонум, ман чандон ба рақсҳойи аврупойӣ балад нестам.

– Пас ман бояд барам?

– Куҷо?

Хонум механдад:

– Шумо кафи дасти рост ба кафи чапи ман гузоред; ман даст аз камари шумо гузаронам; шумо дасти рост ба китфи ман монед...

– На, масъала чунин нест. Ман пойи шуморо меҷиқам...

– Мебинем, кӣ пештар меҷиқад? Ин ҳам ҳунар.

Ба пойкӯбийи зери чодари арӯсӣ ишора кард хонум. Мард худро ба нодонӣ зада посух надод. Баъди чанде по ба по рафтану гирд гаштан хонум кафид аз хусуси чизе, ки меболид:

– Истиқлолият даҳ сол дер омад.

– Сари вақт омад.

– На, дер омад.

– Аз чӣ рӯ?

– Даҳ сол пеш меомад, ман ҳоло миллионерша будам.

Мард хомӯши хомӯш монд. Арақшор гашта буд.

– Зулукатон гирифт?

– Ман ин хел гапҳоро намефаҳмам... Оҳ бубахшед!

Пойи хонуми қашангро қасдан ё аз нодонӣ пахш карда узр пурсид мард:

– Ҳазор бор узр! Гуфтам ба шумо, ки...

– Боке не. Мо то ба маданият мерасем, ки...

– Ҳамин тавр: «Буда муайян созад шуурро!»

7.04.07.

## АСАЛРО ГУРГ БУРД

«Ҳооо... Асалро гург бурд-ооо!»

– Чӣ мегӯяд, занак?

– Ин ҳамон девона. Ҳар шаб Асали ӯро гург мебарад.

– Ҳааа... Вай? Лабисойӣ? Ҳарфҳойи ӯ намозӣ нестанд. Асал холааш-а?

– Холааш, аммааш... ланг ҳаст-ку...

– Ин шумбача, тахмин бо ягон кас дастогиребон шудагӣ, қасдан Асалашро бурдаанд. Дар ин вақт гург аз куҷо? Мол дар сари ағба, гургон гирди мол мегарданд.

«Ҳооо... Асалро гург бурд-ооо!»

– Ҳар шаб як бор мегуфт. Имшаб ду бор гуфт.

– Барад, бурдан гирад. Ҳамин хел зани дайду хоҳ бошад, хоҳ не...

«Ҳооо... Асалро гург бурд-ооо...»

– Се бор шуд мардак. Ягон гап ҳаст!

Марди бепарво парво карда кӯча рафту овард:

«Гоҳи аз роҳи байни ҳамсоядеҳа гузаштан ҷавонон канори роҳ нишаста ба Асали харсавор нигоҳ карда, чизе гуфта механданд. Ҷияни девона ор карда ба онҳо дӯғу даранг мекунад. Онҳо чизе нагуфта аз паяшон меафтанд ва қарибн сойчаҳо омадан ду нафарашон девонаро мекапанд, чанд тани дигар Асалро сӯйи Сойчаҳо мебаранд... Бонгаш аз ҳамин».

8.04.07.

## ОВОЗХОН ВА РАҚҚОСА

«Ба шумо, ки майл кардам, гумон доред, ки бо ҳама... а?»

«Гумон намекунам. Медонам».

«Хоки шумо мардҳоро аз як хоктӯда сириштагӣ. То коратон буд шудан... баъд нағма мебароред. То наздик шудан пеши поям афтида...»

«Он вақт дар дойирайи ҳар ҳофиз ракс мекардӣ...»

«Акнун ки ба зарби шумо одат кардам, нағма баровардед».

«Боз дар зарби Ғилдирак ракс кардӣ-ку?»

«Аз шумо пурсидам. Рухсат додед. Пеши назари ҳама дар саҳна буд. Ягон кори ноҷойи баҷойӣ накардаам-ку?»

«Кардӣ – накардӣ, дилам хунук шуд...»

«Ба Гавҳар ҳам гуфта будед: «Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре».

«Айб аз худаш гузашт: пеши чашми ҳама кино режисурро рӯйирост ба хона овард».

«Ман...»

«Ту рӯйирост дар саҳнайи олам пеши Ғилдирак пасс шудӣ, вай чун хурӯс бол овезон карда гирдад танид».

«Бо шумо Худо баробар наояд, банда баробар шуда наметавонад. Дар баҳона устухон надоред».

«Ту бо ман ҳамзабон нашав. Ягон лафзи нохуб аз даҳонам бараояд, суд надорад. Бо хубӣ ҷавобатро диҳам... Дунёйи бӯқаламун. Кӣ медонад? Шояд дар ягон саҳнайи бузурги Олам «нумури навбатӣ»-йи ҳардуямонро монанд».

«Не! Нумури навбатӣ намешавад. Дар дунё чӣ бисёр? Овозхону раққоса...»

8.04.07.

## ҲАҚГӮЯК

Писарак чӯҷайи парранда овард риштадарпо. Касе муайян карда натавонист, ки он чӯҷайи чист? Чӯҷайи уқоб, боз, боша, калхот, чӯҷабарак, мушгир, бум ё чӯҷайи мурғи пайғомбар, ки ҳар сол дувоздаҳ рӯз пеш аз Наврӯз омада дар шохи чинор лона мегузошт. Ҳафт сол аст, ки касе онро надидааст; намеояд. Шояд аз бачаҳойи камонғӯладор тарсида намеомада бошад. Зеро бачаҳо зиёд камонбозӣ мекардагӣ шудаанд... Ин чӯҷайи зиндачашми ҳушёр ба ҳама паррандаҳойи гӯштхӯр монанд, вале касе номашро намедонад. Гӯшт мехӯраду ҷурғот меандозад. Ба кас нигоҳ намекунад. Лек илоҷ ёбад, чашмро канда мегирад. Мурғон мегурезанд; ҳатто хурӯси ҷангӣ. Аммо филмурғ бо болаш зада меғелонад. Ӯ панҷаву минқор тез карда меҷаҳад, пой дар ришта аст. «Ин чуғзро гум бикун! Ин кӯри бумро дафъ бикун!» Модарро хуш наомад ин чӯҷайи хаппак; на «чуғ!» мегӯяд, на «бум!». Пой ба замин тира карда парвоз кардан мехоҳад, риштайи таранги пояш сӯйи замин мекашад. Якпоя ба замин менишинад. «Ҳамту озод накун, ки як чӯҷа намемонад! Бикуш!» Модар ин ҳарфро гуфту як қад паррид: «На-на! Бубар аз сари шахи Сафед ба ҳаво андоз! Пешониашро Худо кушояд!»

Писаракро дил намешуд, ки ин корро бикунад. Ӯ боз пиндошта буд. Сайёдӣ омӯхтан мехост. Аммо модар исрор мекунад, ки ин мурғи баднигоҳ хушӣ намеорад... Орзуҳояш муранд ҳам сухани модарро ду накард: Сари шах баровард.

Ришта аз пояш кушод. Ба ҳаво андохт. Чӯҷайи навпарвоз дур нарафт. Бол афшонда баргашта сари санг нишаст ва «Ҳақ! ҳақ!» гуфт. Писарак нафаҳмид, ки ӯ нек гуфт ё бад?

9.04.07.

## БАЗМИ ЗОҒОН

Шаб борони тирамоҳӣ борид. Чаҳормағзҳойи хушккаркайи шохи дарахтон нам гирифтанд. Рӯзона зоғон базм карданд. Села-села шохи дарахтон бор шуда, суруди зоғона мехонданд ва чормағз ба нӯл гирифта, сӯйи адири паҳлӯйи шахи Сафед, ки зиёда аз сесад бозу қулоч баландтар аз боғ буд, мепариданд ва дар ҷойи боб маъво гирифта, гирдакон ба замин гузошта нӯл бар он мезаданд, то сӯрох кунанд ё дукафон. Гирдакон дар адири тез қарор наистода, ғелида паст мерафт ва зоғ аз дунболи он мурғобивор хамида дарёфт карда наметавонист. Дарёфтан душвортар аз он буд, ки бори дигар парида аз шохи дарахт чормағз орад. Гирдакон то роҳи пушти девори боғ ғелида бозмеистод. Баъзе зоғон олуғда гашта аз чанги дигаре ҷавз бурданӣ мешуд ва мағалу хархаша бармехест. Базм чунин буд. Ҷасту нишаст; рафту омад ва ғалоғула базмро мемонд, зеро чунин ҳол ҳар рӯз рух намедод як рӯз ё ду рӯз дар ҳамин адир ид мешуд ва зоғон ба ҷойҳойи дигар мерафтанд. Аввал бинанда гумон мекард бори имсолайи дарахт зоғчаҳоянд; онҳо зоғҳойи ҷойдорӣ нестанд, балки раҳгузаранд ва насиба гирифта мераванд; гоҳи базм адир сияҳпӯш мешавад. Сурудашон баланд садо медиҳад. Ҷасту хезу нишасташон рақсро монад. Аккаҳо низ буданд миёни онҳо: дум ликконида ва хиш-хиш миёни зоғон чарида, меангехтанд, чуғулӣ ё иғвогарӣ мекарданд; ҷанг меандохтанд. Пасон чормағзҳойи ғелидаро бардошта дар камарҳойи шах пинҳон шуда, гирдакон зери хок мекарданд. Тори шахи Сафед кабутарон кирдору користони аккаву зоғонро тамошо доштанд ва аҷабашон меомад, ки чӣ ҷонваракон ҳастанд онҳо, ки чун одамони мумсику бағиём ҷон мекоҳонанд. Аз донойист ё беақлӣ, ки чормағз зери хок мекунанд. «Меёфта бошанд гӯркардаашонро?»

... Кабутарон то ахир мулоҳиза накарда садойи тир баромад. Чанд кабутар аз ҳаво сарозер ба замин омад. Зоғон

даҳонхолӣ парвоз карда чу абр пеши офтобро як лаҳза гирифтанд ва мағалкунон норозиёна сӯйи ҷануб шуданд.

9.04.07.

## САГЕ ЁРИ РӮБОҲ

Мурғдор дар роҳи омади рӯбоҳ, даруни обмӯрӣ дом гузошт, то дуздро дорад. Саги худӣ ба дом омад. Паҳлӯяш мурғе мурда фитода, ки даҳони саг нарасад. Соҳиб пойи саг аз қапқон ҷудо карда гуфт: «Агар ту саг будӣ, ҳоҷат ба қапқон набуд, дузди хона!»

9.04.07.

## ДУЗД

Як ғояти шаб. Сагро аз дарвоза бароварда андаке гардонидам ва боздароварда дарвозаро бастанӣ будам, ки садойи хорҳойи анбӯҳи марминҷонро пахш карда пеш омадани ҳайвоне ё дигар чизе баромад. Зеро бо он роҳи касмагузар дигар ҷондор омада наметавонад; ҳатто дар рӯз. Лек ба чашмам омад; сурате меояд деввор ва ҳадафаш манам. Зеро сагро дароварда баста будам ва бо мани танҳо мубориза бурдан осонтар буд. Мӯйи баданам дамид ва косайи сар низ ҷунбид.

«Баҳ-баҳ! Гиркиш!» – дигар чӣ кор карданро надониста аз куртасафеди девонавору хорнописанд ҳаросида сагонро ба ёрӣ даъват кардам.

«Э ака, сагота фарёд накун!»

Садойи одамӣ омад, ки на саг, балки сагҳо доштани моро медонист. Бо ӯ тую ман накарда зуд паси дарвоза шудам ва калид гардонидам. Саги бадҳайбати Ошно дарвозайи оҳаниро ханҷол зада, тела дода баромаданӣ буд ва баробари ҳаракатҳояш дилам метапид. Сагчайи резапайкари зангӯла ва ба ном Полвон маҳалларо ба дод оварда буд. Ба назар аз тарси хеш меҷакид. Ошно дер-дер «ҳаф!» мегуфт ҳавливу ҳарамро ба ларза андохта.

Ҳамсояҳо дар хоб буданд ё аз тарс кӯрпа ба сар кашида. Зеро гоҳ-гоҳ чунин ҳодиса такрор мешавад ва баъди замонҳо мефаҳмем, ки дузд ин кардааст ё он. Замона баройи дуздӣ мувофиқ. Чанде пеш саги ҳайдавро чизе хӯронданд, ки як шаборӯз хун шошида мурд ва баъд дузд даромад ба ҳавлӣ.

Вақти говгум. Ҷовидони бебок аз девор парида даромадани ӯро дида, пешандоз то назди масҷиди гузар бурда, фарёд зад: «Дузд! Дузд!» Дуздро дошта ба милиса супориданд. (Муомилаву муносибати милиса – як китоб. Ҳоло дар ин бора чизе намегӯям, зеро дузди навбатӣ дар паси дарвоза.)

Бузургписарам аз фиғону мағали сагҳо бедор шуда омад. Ӯ як шохи буридайи бедро ба даст гирифт. Ман хаскашакро. Вале намедонистем, ки дузди нотарс чӣ олоте дорад. Эҳтиёт – ними ҳаёт, дарвозаро накушода аз роғи он менигаристам. Касе ё садое набуд. Яқин кардам, ки дузди маст чанде омада бо хори марминҷони часпаку боздор дакка хӯрда ё ба даҳан рафтааст, ё ноҷунбон монда, ки на садову на шарфа.

Сагҳо низ орому хомӯш гаштанд. Ошно ягон-ягон меғуррид. Ман аз тарс дар кулбайи дами дарвоза нахобида дар ошхонайи бинойи асосӣ рӯйи мизи наҳор дароз кашидам. Хоб парида буд аз сар. Ҳама duздиву дуздоне, ки медонистам ё аз куҷое хонда будам, ё дар филмҳо дида, аз лавҳи хотирам мегузаштанд. Дуздӣ ҳам ҳунар. Лекин дузди бетаҷрибаву нодон зуд ба даст меафтад. Инҳо хасдузд ё қотил. Вагарна дуздҳойи ҷаҳонӣ бонкҳойи Оламро ғорат мекунанд...

Хулоса, ҷон дар таҳлука. Чароғи саҳни ҳавлӣ фурӯзон. Ду чашми ғафлатзадаам ба дарвоза. Дами субҳ Полвон фиғон бардошт. Аз паси шишайи тирезайи айвон нигаристам, ки костумпӯше зинаро фуромада андаке пеш омад. Полвон худашро мекушт, аммо аз Ошно садое нест. «Ин дузд не, қотил. Ошнoro кушта, ин ҷониб меояд».

Аммо дузд аз роҳаш гашт. Ё маро дид ё аз садойи Полвон ҳаросид. Баъди андаке Полвон низ хомӯш гашт.

Писарбузургро бедор кардам. Ҳодисаро мӯ ба мӯ гуфтам. Олоту аслиҳа дар даст нав дарро кушода будем, ки дузд намоён шуд.

– Омад!

– О дада, ӯ набераатон-ку?! Комёр!!!

Аз бемадорӣ сари по нишастам: «Уффф... хайрият, ки камон надоштам...» Лек куртасафеди шабина дигар кас буд, ин костумпӯш каси дигар...

10.04.07.

## «ОДАМ МУРД»

Дар ду соъате, ки дар деҳот чароғи барқӣ фурӯзон мегардад «EURONEWS» воқеъаҳойи оламро ба такрор нишон медиҳад. Дар кадом мамлакат обхезӣ шуда нафаре ғарқ гаштааст. Бо аламу ҳаяҷон ва шӯру валвала гуфтор мекунад: «Одам мурд!» Дар паси девори ҳамсояйи телевизордор шаш мурдайи сӯхта қатор гузошта шудааст, расонаҳо бехабаранд ё аз гуфтанаш метарсанд.

«Хона оташ гирифт аз берун ва шаш нафар дар кӯрдуд монда, илоҷи баромадан наёфта, дамгардон мурданд. Зеро оташ чунон фарогир буд, ки на аз дарун ва на аз берун дару тиреза кушодан имкон надошт. Аммо...

... аммо касе намедонист ва касе собит карда натавонист, ки он чигуна оташ буд. Ҳар кас ҳаргуна мегуфт:

Чӯпони девлохи камари паҳлӯйи шахи Сафед: «Бедор будам. Гирди мол мегаштам. Як даста оташ бо кӯчабоғӣ омад; таги дарвозахонайи худораҳматийи Бобо ғайб зад. Боз даруни ҳавлӣ пайдо гашта, рӯ-рӯйи роҳ давид ва ба хона часпид...»

Фолбин: «Як мӯйисардор аз тарафи Ғор омада, ҳамин корро кард».

Аз «Барқи тоҷик»: «Аз сандалӣ». Лек сандалӣ ва кӯрпайи рӯяш осебе надидааст.

Аз идорайи зидди сӯхтор: «Аз сими барқ». Дар ҳолате, ки дар як шабонарӯз ду соъат нерӯйи барқ мешуд ва симҳо даруни девориянд.

Дар соъати 23 шаб ҳама ҷо торикистон.

Милисайи музофот: «Аламзада буданд; худашон қасдан кардаанд».

Хулоса: «Аз сандалӣ».

Хулоса раднашаванда. Зеро ба сандаливу кӯрпайи рӯяш ва онҳое, ки дар он хона мурдаанд гули оташ ҳам нарасидааст.

Баъд телевизору радиойи даҳанакийи деҳа ба кор даромад. Ҳазору як тахмин. Тахминҳо ба гӯши мурдаҳо даромада, то гӯр рафтанд. Аммо муайян нагашт, ки хона чигуна ба он суръат сӯхт. Бӯйи дудаш ҳам набаромад. Лекин расонаҳойи олам ҳанӯз ҳам он нафари мустағрикро мегӯянду нишон медиҳанд.

«Фарсудаҷисм ғарқа ба хун зери хоку ман,
Мустағрақи мушоҳидайи қотилам ҳанӯз». (Ҷомӣ.)

10.04.07.

## ЁРУ ҶӮРА

Эшони Сайидхон ҷӯра буд ба чандин меҳмонхона аз рӯйи эҳтиром ва гаштак намедод. Боре дар меҳмонхонайи худ гаштак барпо кард. Ҷӯраҳойи меҳмонхонайи Муқаддас аз ин ҳол огоҳ гашта, маслиҳату машварат оростанд, то як шӯхӣ кунанд; «Илоҷе ёфта деги оши меҳмонхонайи Эшонро бояд дуздид». Намояндагони андоз Муқаддаси Исо ва Мукаррами Ҷӯра бо салоҳдиди ёру ҷӯраҳо Сӯфиро ҳамроҳ гирифта то мемҳонхонайи Эшон омаданд. Сӯфиро паси дарвоза гузошта ба меҳмонхона даромада нишастанд ва дафтари ҳисобу китоби андозро бароварданд. Як-як ҷӯраҳойи меҳмонхонанишинро пурсиданд, ки андози замину обу молро супоридаанд ё на?

– Ягон кас монд?

– Шарифи ошпаз!

– Ҷеғ занед!

Шарифи ошпазро ҷеғ зада дароварданд. Сӯфӣ, ки паси дарвоза фурсати муносиб меҷуст, шиппӣ сари ошдон омад. Деги тафсони оши паловро бардошта бар сари пӯстакниҳода гузошт. Пӯстак пушт лағзид. Дег танҳо чанд тора мӯйро пахш карда пӯстакро дошт. Сар сӯхт. Сӯфӣ сари мардӣ, дандон ба дандон монда, дегро оварда дар коҳдон ҷой кард ва аз ҳуш рафт.

Андозчинҳо аз Эшон рухсат пурсида рафтанӣ шуданд. Эшон исрор кард:

– Ба пойи худ омадед... Ош дам кардагӣ.

– Миннатдор, эшонбобо... хӯрдагӣ ҳисоб.

– Аз меҳмонхонайи мо касе даҳони хушк нарафтааст.

Шарифи ошпаз ба дар омада Эшонбоборо имо карда баровард. То дигарон нашнаванд, даст ба рӯй кашид: «Дегро бурдаанд...»

«Зуд деги дигарро мон...» – сирр бой надода хандон ба меҳмонхона даромад Эшон ва ба андозчинҳо рӯ овард: «Дар пойи қадаматон ҷонам...»

– Моро дар гуноҳ нағӯтонед... Бе ҳамин ҳам...

– Хуш омадед! То саҳар шумо меҳмони мо.

Пасон Эшонбобо ду-ду ҷӯраҳоро ба берун хонда ба меҳмонхонаҳойи ҳар гузар фиристод, то рамуз гиранд, ки чунон кор кӣ карда. Ду тан ба меҳмонхонайи Муқаддас низ омаданд. Ёру ҷӯраҳо чакак мезаданд:

«Чакакбандон омадем,
Чеҳрашиносон омадем,
Чакак ба дасти мо, ба кадом дасти мо?»

Ду гурӯҳ рӯ ба рӯ истода, зери як ҷомайи рӯйи зонуҳо гусturда дастҳо даровaрда суруди чакакро мехонданд ва баробар муштҳо аз зери ҷома баровaрда сӯйи ҳарифон медоштанд: «Ба кадом дасти мо?» Чеҳрашиносон пайдо кунанд, чакакро гирифта низ чунин амал мекунанд. Ҳар гурӯҳ то марра бой диҳад, зиёфат мекунад: чанголу.

Фиристодаҳо хуб озмуданд, чизеро сарфаҳм нарафтанд. Ҷӯраҳо ягон-ягон бурун мерафтанд: яке дарояд, дигаре баромада коҳдон рафта, ош мехӯрд ва ба лаб кулӯх молида, омада менишаст. Дигаре мерафт. Меҳмонҳо диданд, ки ҳама саргарми чакакбозӣ, ҳеҷ зиндагӣ нест, хотирҷамъ шуданд. Халифа ҳар гоҳ оташкоб ба зери кӯри қашқарча мезанад, ки кӯмоҷ пухт ё на. Дар корсон равғани зард.

– Ба мо рухсат, як бинем, гуфтем.

– Сабр, кӯмоҷ кариб пухт...

– Лутфи шумо зиёд. Эшони Сайидхон гаштак доранд...

– Дер нашуд?

– Деги дуввумро нав монданд...

11.04.07.

## ҲОҶИЙИ ҶАВОН

Ҳоҷийи ҷавонро пурсиданд:

– Чаро бо чунин ҷавонӣ сафари ҳаҷ кунӣ?

Гуфт:

– Пургуноҳам.

Гуфтанд:

– Зудтар бирав! То ба пирӣ расӣ, гуноҳатро гӯр нагунҷонад.

## ДИЛ ГУМ ЗАД

Ҷавонҳоҷӣ як моҳ одоби ҳоҷигӣ дошт. Дили одаткарда – балойи ҷон, ба кирдору рафторҳойи пешин боз дил гум зад. Боре табассум дар лабонаш ба дӯсти ҳамкирдораш гуфт:

«Аз афти кор, бори дигар ҳаҷ рафтан лозим меояд...»

## ДОМОД

Ин хел домоди берӯ, беадаб, бешармро таърих ёд надорад. Ягон бор тугмайи зангро пахш намекунад, ки пирмард ё пирзан дарвозаро кушода ин домоди сип-сиёҳи чашмонаш оташбор ва думликкони хушомадзанро бинанд, лафзи ба забонашон омадаро гӯянд: «дафъ шав!» ва дарвозаро сахт ба рӯяш пӯшанд ва боз чанд соъат дар ҳаққаш дуъову сано хонанд: «Рӯта Бӯалӣ бинад, бадсӯроб!» Аз ин рӯ домоди ошиқ аз сари девор парида мегузарад ва сар-сари бом гашта, суруд хонда Арӯсро даъват мекунад. Арӯс ҳам аз рӯйи ҳавас кор мекунад; ё дер мебарояд ё намебарояд. Домод шаб то рӯз дар ягон кодок ҷой шуда бо ҳазор дарду алам, сӯхтаму пухтам; «Бе ту марг аст, ай парирӯ, бар сари мо зиндагӣ!» мехонад. Чун арӯс дер кард, ба дӯғу пӯписа мегузарад; таҳдид ҳам мекунад; ҳамаро зеру забар карда, дуздида бурданашро низ мегӯяд. Аммо арӯси «бениқоҳ» аз тозиёнайи хунини пирмарду забони тези пирзан ибо мекунад; Ҳар ду ба кор дароянд, дошта намешавад; чунки часпаки тормузҳо хӯрдашуда.

Ҳамсояҳо рӯзона ба сари соҳиб захр мечаконанд. Гуфта намешавад талху кинояйи онҳоро: «Зудтар шӯ тед-дия! То кай нисбатбозӣ?» Баъд кампир калтакро гирифта духтарро пешандоз мекунад: «Гум шав! Назди мазанги сиёҳат рав! То кай аз пушти ту гап мешунавам?! Дар балойи шумо – ҳофизҳо мондам-ку!»

Арӯс хуштар аз ҷон, гӯё соҳиб рухсат дода бошад, ҷаста сари девор мебарояд, рӯйи бом мегузарад, ба кодоки домод меравад. Дуэтхонӣ сар мешавад: домод мегираду арӯс; арӯс мегираду домод... Гӯши фалак кар мегардад. Ҳамсояҳо ба сари девор меоянд:

– Ӯй, ҳамсоя! Мемонед хоб кунем?!

– Чӣ кор кунам? Пеши роҳи ошиқонро гирифта мешавад?

Худатон ҳам ҳамин хел будед-ку! Як дам Шоъира набинед, нафасатон гашта, зери забон валидол мепартофтед. Сабр кунед! Онҳо ҳам пир шаванд, ба гӯшашон мағал намефорад...

– Охир, мо ин хел набудем, сар-сари девору пушти бом намегаштем! Хонаяки хилват меҷустем!

– Инҳо ҳам хонадор шаванд, ба якдигар пушт мегардонанд... Мав ҳам намешаванд; «мяв» ҳам намегӯянд...

11.04.07.

## МАЛАХИ БЕГОНА

Мурғбон малахеро дошт. Ба малаххҳойи маҳаллӣ монанд набуд. Бузург, сараш сари аспро монад, болаш қаноти тайёрайи дорупошро; таги болаш сурх. Мурғбон ба кадом мурғ додани онро надониста як пояшро канда пеши мурғон андохт. Онҳо бар он дарафтида хунхорӣ карданд. Мурғбон ба қароре омад, ки малахи пойкандаро пеши мурғон андозад, то малахкашӣ кунанд; тамошо шавад. Малахи якпоро бар тори сари мурғон андохт. Малах бол кушоду парвоз карда аз девори ҳамсоя гузашт. Мурғбон ҳайрон нигоҳ мекард:

«Э, ин мепаридааст-э! Хаёлам, ки танҳо меҷаҳад...»

## МАГАС

Магасе омаду рӯйи дастархон нишаст бар нон. Хонсолор каф заду дошт. Ва аз дил гузаронд: «Як болаш канда даруни қафаси чӯҷаҳо андозам, чӣ шавад? Кашокаши нафс!» Чун ангушт ковок кард, магас раҳо шуд. Хонсолор ҳаво мушт мекард.

Боз омад магас. Хонсолор каф заду дошт. Як болаш канд. Раҳо кард. Магас ҷувозак гашт. Ба қафаси чӯҷаҳо андохт. Онҳо нодида буданд; ҳайрон монданд. Сонӣ нӯл заданд. Магас малахона ба нерӯйи пой ҷаҳиданӣ шуд, натавонист. Зӯри ӯ дар болаш будааст. Чӯҷаҳо ба бозӣ даромаданд: яке нӯл зада гирифт ва аз қафас баромаданӣ шуд. Магас берун афтид. Чӯҷаҳо якрӯя беруни қафас ба холи сиёҳ менигаристанд. Хонсолор бори дигар магасро даруни қафас андохт. Зираке, ки нав чӣ будани онро дониста буд, нӯл заду фурӯ бурд. Дигарон ҳайрон монданд, ки он сиёҳак куҷо шуд: «Чу-чу!»

11.04.07.

## САНГИ ГӮР

Аз рудхона санг мебароварданд. Бобо санги сиёҳи ба қади хеш баробарро бо мисрон тела дода бехи шах бурд, ки роҳи мошингардро соз кунанд, бор карда мебарад.

Ёр роҳсозӣ омаду сангро бурд.

Бобо: – Ёр! Як бор омадиву ҳамон сангро бурдӣ-а?

Ёр: – Ҳааа...

Бобо: – Вай санги ман буд.

Ёр: – Бесоҳиб ёфтам, бурдам.

Бобо: – Ту ҳамин хел: бесоҳиб, ки ёфтӣ, мебарӣ.

Ёр: – Чун ҳама...

Бобо: – Пеш мемурдагӣ бошӣ, майлат. Ман яка ба ҳазор розӣ.

Ёр: – Кафаниам тайёр.

Бобо: – Кафаниат тайёр бошад, ҳаққу ҳалол он қайроқ санги гӯри ту...

11.04.07.

## АЛО!

– Ало?

– Лаббай!

– 50-58-189?

– Не! 505-81-89!

11.04.07.

## ҲАВОЙИ САРД

– Ҳаво хунук шудааст.

– Аз чӣ донистӣ, Бобо?

– Ҳамин шаб дар бағалам пишак даромад.

11.04.07

## БУКСИР

Тракторчӣ ошнояшро харсавор дида гуфт:

– Биё сувор шав!

– Хар дорам.

– Харро буксир банд.

Харсавор магар шавқманди саворийи трактор буд, ки зуд фуромада, нӯхтайи харро дар ҳалқайи паси трактор баст ва зуд паҳлӯйи тракторчӣ нишаста, ба чақ-чақ даромад. Тракторчӣ оҳиста ҷунбонд тракторро. Хар як фӯк пас заду ноилоҷ ба роҳ

даромад; чунон ки курра аз паси хар. Хар ба рафти трактор йӯрға гирифт, лӯкка гирифт ва чорхез. Тракторчӣ аз ойинайи пасбин ҳамаро медид. Соҳиби хар фаромӯш карда буд харро. Ҳолиё ронанда ҳазор нигоҳ кунад ҳам харро намедид. Чунки вазза мерафт. Чун тарктορро боздошта «расидем!» гуфт.

Соҳиб харро ба ёд оварда худро аз трактор ба замин андохт.

Хар пой ёзонда буд.

11.04.07.

## ОСИЁЙИ МИЁНА

Дар деҳа се осиё буд.

Муаллими ҷуғрофия аз шогирд пурсид:

– Осиёйи Миёна дар куҷо ҷойгир шудааст?

– Дар рӯбарӯйи хонайи Гулбой.

– Аҳолиашро номбар бикун!

– Мавлон, Абдумухтор, хола Сипорат, Субҳиддин.

11.04.07.

## БАҲОЙИ 2

– Маро даъват кардед, муаллим?

– Ҳа, акойи Бобо. Писаратон аз математика ду гирифт.

– Ту ду намон! Вай нагирад!

11.04.07.

## МАРДЗАНАК

– Шумо ин қадар саросема, мардак?

– Дар кӯча занзанак! Занзанак-ба мерам.

– Майлатон! Шумо занзанак-ба равед. Ман мардзанак-ба мерам.

11.04.07.

## СЕ БОР...

– Шоҳназар, додот аз масофайи понздаҳ км ҷӯй канда, об овардам, гуфт, Рост аст?

– 15км не, 5км...

– Ба номи Худо? 5 км бошад ҳам, се бор гуфт.

11.04.07.

## МУҲАББАТ

– Оҳ занааак... Рафтӣ. Танҳо мондам. Чӣ кор карданро намедонистам. Ғам хӯрдам. Либосҳоятро сари мех овехта

рафтайӣ. Мегирифтаму бӯй мекашидаму ба чашм мемолидаму мегиристам.

– Наход рост бошад, мардакҷон?

– Рост! Ба виҷдонам, рост!

– Чаро наздик шинам, «дуртар шин!» мегуфтед?

– Ноз буд. Оби дари хона қадр надорад. Баъди рафтанат қадратро донистам.

– Ман ҳам як куртаатонро дар сумкаам бурда будам. Меоровардаму мебӯсидам, мебӯйидаму мегиристам.

– Рост занакҷон?

– Рост! Худо бизанам, рост!

– Рост бошад, чаро як бор худама бӯй накашидӣ?

– Охир танатон ҳама вақт бӯй дорад. Ҳоҷати бӯй кашидан нест...

11.04.07.

## ЗАНМУРДА

Усто чӯбкори занмурда аз рустойи дур шӯмурдаеро овард. Зиндагийи Усто чандон хуб набуд. Шояд аз ҳамин сабаб бевае таҳҷойӣ ба ӯ нарасида бошад? Замонҳойи пеш, ки буд, онҳо болойи пахоли шолӣ умр ба сар мебурданд. Аз ин рӯ зани нав чиллайи арӯсиаш набаромада ба деҳи падарӣ баргашт ва баъди чанд рӯз шолу кӯрпа ба хар бор карда ҳамроҳи писари қадрасаш овард. Писар ҳолу рӯз ва зиндагийи модарро дида имову ишора кард, ки баргарданд. Модар «Ту бирав, ман аз пас меравам» гуфта писарро гуселонд ва шол рӯйи пахол, тори шол кӯрпача густурда, ҳаёти нав оғоз кард. Занак зуд ба обу ҳавойи деҳа мутобиқ гашт ва ба кори саҳройӣ ҳам баромад.

Занмурдайи дигар таъбелчӣ буд. Коргари наву тозаро дида, шавқангез менигарист ва чун нигоҳи занак ба нигоҳаш бархӯрад, хешро порсо ва шармӣ вонамуд карда, дида медуздонд; ё ба нӯги мӯзайи саҳройӣ менигарист ё ба осмон, то занак фаҳмад, ки ӯ одами бад нест. Вале занаки бегона дар ин мулк, ки роҳу равиши мардумаш хуб намедонист ва аз заҳри забону таъна метарсид, гӯшайи рӯймол зери лабу дандон гирифта, дос ба қабзайи гандум меандохт. Ва номаълум дуздида-дуздида гӯшайи чашм мекард. «Чӣ хел мардак? Зан

надидагӣ барин. Айнакат кафад!» аз дил гузаронд ва дигар ба кори саҳро набаромад. Таъбелчӣ аз рӯйи вазифаву одат чанд бор ба дарашон омада бо Усто гуфтугӯ карда бошад ҳам, набаромад. Боре омад, ки шӯ устокорӣ рафтааст. «Ба кор баромадан ё набаромаданат аҳамият надорад... Лекин ман бояд туро ҳар рӯз бинам...» Зан чизе нагуфта дарвозаро пӯшид.

Сонӣ зани рӯкушоди фаъол Санам, ки худро ҳамдеҳайи зани Усто медонист ва миёнаравиро дӯст медошт, ба дарвозайи ӯ омада, фармуд: «Қонун сахт; дар ин колхоз одами бекорро роҳ намедиҳанд: «Аз бекор худо безор!» мегӯянд». Дигар ин ки «чаро-чаро?» зиёд шудааст. Оқибати «чаро-чаро?» – сиёҳчаро!»

Занак чизе нафаҳмид аз ҳарфҳойи подарҳавойи Санам. Зеро ӯро хуб намешинохт; одату хизматашро низ хуб намедонист: «Таъбелчӣ одами нағз. Занмурда. Бепрогул ба кор равӣ, ба гапаш гӯш диҳӣ, аз ту коргари пешқадамтар намешавад».

– Ҳоло пешқадам кист?

– Нест. Худат мешавӣ.

Зани Усто чизе намефаҳмид. Ба никоҳи Усто даромадааст. Марди бебисот бошад ҳам, бад нест. Меҳнат карда, як газ ноншро ёфта меҳӯрад. Аммо сабаби ба ӯ паст нигоҳ кардани ҳамдеҳагонро намефаҳмад. Сабаби ба худаш даҳан наандохтани занмурдаҳойи ҳамдеҳаашро медонад. Баъзеҳо медонистанд, ки чунин зани пурнозу карашма ба ҳар кас зан намешавад, бархе «моли хуб аз қӯтан дур намеравад» мегуфтанд. Ба тухми мард қирон омадагӣ барин ҳамболини марди бегона шуд. Ба ҳисоб гӯё зани ҳаштум. Занҳойи пешинаш ё мурдаанд ё баромада рафтаанд. Ҳоло чунин нозукиҳоро занак хуб намедонад; агар Санам нафаҳмонад.

Таъбелчӣ чизи дигар гуфт: «Ин хел зани дилкаши об барин тозаву чун офтоб гармрӯ ҳайф мешавад дар дасти Усто».

– Намефаҳмам, ки шумо чӣ мехоҳед, апа?

– Бефаҳм нестӣ-ку?

– Бофаҳм мебудам, аз Андар ҳамин ҷо меомадам?

– Ман, ки пеш аз ту омадам, ба гумонат беақлам?

– Ҳеҷ чиз гуфта наметонам. Лекин аз рафторатон пай мебарам, ки реша гирифтагӣ.

– Ту ҳам ба гапи калону одамони обрӯманд гӯш деҳ, реша медавонӣ.

– Не. Намехоҳам, ки чун маразак береша дар тани ҳар гиёҳ часпида сабзрӯ намоён шавам.

– Ин хел, ки нек будайӣ, чаро дар Андар реша нагирифтӣ?

– Намедонистам, ки хурӯс дар ҳама ҷо як хел бонг мезанад. Дер нашудааст. Баргардам, мегӯм...

– Саросема нашав... Дарахтро ҷойгардон кунанд, ҳазор дар бехаш об монанд, оқибат хушк шавад... Дурусттар фикр бикун: таъбелчӣ одами нағз.

«Чӣ мехоҳад ин далла?»

Андарӣ чӣ хостани ӯро медонист. Миёнаравони олам кам нестанд. Фарҷоми чунин ҳавасҳо низ хушӣ надорад. Аммо шайтон дар чунин корҳойи лағжонак касро бод диҳад.

«Усто, заната дар хона нигаҳ надор! Ба кори колхоз барояд!»

Ба дили Усто ҳам зад чунин зандорӣ. Гӯё ӯ занро баройи кори колхоз мегирад. Ба пешиниён он қадар ширеш нашуда буданд. Ба Андарӣ ҳама ҳавасманд. Зани сиёҳҷурдайи сурхрухсор ва чашмонаш оташбор ба онҳо хуш омадааст. Худи Усто низ ҳайрон, ки аз дасти мардони Сoярӯ чигуна ин зан ба Офтобрӯ афтод. Кадоме ӯро диду хостгорӣ кард... инак Усто шаборӯз дар андеша:

«Занак, саргузашт-паргузашт дорӣ, ки гӯйӣ, шаб кӯтоҳ шавад?»

«Аз мӯйи сарам ҳам зиёд. Лекин чӣ лозим коҳи кӯҳнаро бод кардан?»

«Охир ман донам, ки ту чӣ касӣ?»

«Ҳамин хел зан! Асп он, ки зери рони савораш налангад...»

Усто чизе нафаҳмид. Аммо, ба таври хеш, дар олам кӯчаву тангкӯчае намонд, ки даробаро накарда бошад. Бунбаст буданд кӯчаҳо. «Ин зани зан мешудагӣ нест». Ӯ марди пургӯ нест. Аммо пурандеш. Ягон ҳарфу ҳодиса шавад, ба сони замбӯри сиёҳи чӯбхӯр аз кодок ба кодок «ғу-ғу!» карда мегардад. Чун сӯрохиву роғе пайдо кард, ҷой мегузинад ва резайи вассаву болорро руйи хона мерезонад. Устоийи ҳар ду якранг; чӯбхӯрӣ.

Зан ин саҳар ранги рӯйи Усторо дигаргуна дарёфт. Пушт гардонида хобида буд ва зиёд ҷунбид. Зан ҳам напурсид, ки ягон ҷояш дард мекунад ва ё ягон хаёли ноҷо хобашро паронидааст. Дастархон кушода чойники чойро пешаш гузошт ва «кори колхоз» гӯён баромада рафт. Зери чашмони Усто халта шуда буданд. Ба худаш монанд набуд: лабу лунҷаш овезон; ҷиготаш ҳавойи гирифта барин. Фикраш ҳам фурӯ хуфта: «Кори колхоз... Дигарон таҳ карданд, ту маҳ мекунӣ...»

Чунин андешаҳо дар сар ва афзори дуредгарӣ дар сандуқчайи дастадор ва потеша сари дӯш ба боғи Усмонбой рафт, то биное бунёд кунад. Лек парешон буд: тешаву потеша рост ба нишон намерасид. Ва ҳеҷ зан ӯро ба чунин ҳол наоварда буд. Хаёлаш – ҳама афзори корӣ дар хонайи Усмонбой гузорида ба хона давад, ё сари дашт, ки занаш чӣ ҳол дорад. Гургони гурусна мағзи сару дилашро чангу ханҷол мезананд: «Карру кӯр буд-ку дар ҳамин ҷо? Ман ҳам мисли Раму шудам: Ҷӯраҳояш аз пушти кӯҳи Қоф зан ёфта оварда буданд барояш. Маро кӣ овард? Ҷӯра. Аввал худаш аз ҳамон деҳа зан оварду ба ман ҳам ёфт. Худо гирад бодовардро! Боз барад... Намефҳмам рафтори занакро. Ё касе дар миён ҳаст, ё дил ба касе баста, ё аз омаданаш пушаймон. Хаёлӣ. Шояд доштааст ҳамин чизро, ки дар диёраш касе даҳан наандохта... Ҳозир ҳамин хел ҳам ҳаст. Ҷавонон шаҳрҳойи азим хонданӣ рафта барнамегарданд; шӯмурдаҳо шӯ намеёбанд. Мешавад, ки худашонро ба савдо монанд... Чунин рӯз ҳам мерасад. Лекин аз ҷое зан оваранд, бадмастҳо тагу тирезашро надониста қош мепарронанд; чашмакӣ мезананд. Ҳол он ки шояд зани омада бадтар аз занҳойи бетолеъи худамон бошад. Табъи одамӣ харонаву миҷозаш сагона...»

– Сабил мон! Дигар ҷо наёфтӣ, ки ба пойи соҳиби худат задӣ?

Потеша кавшро буриду маҳсиро пай кард ва ангушти сағири пойи ростро лат дод. Усто аз рӯйи феълу хӯ бояд потешаро канор андохта ҳама қаҳру ғазабро рафъ мекард. Аммо онро оҳиста канор гузошта дастайи аз сов-сову рафту омади даст лайс гаштаашро сила кард ва буридайи кавшро бо ангушт сойида хабар гирифт: «Бало назадааст...»

Кавшу маҳсӣ чандон дилсӯз набуд, аммо Усто аз он хубтарашро надошт: кавши қутканда; пушти пошнааш чағида. Усто аз кадом мӯкийи кӯҳна бурида, дарун-берун қат гардонида, дарбеҳ андохта буд, ки кӯки аз андоза зиёд кори ноусторо мемонд. Маҳсӣ ҳам кӯҳнайи рангпарида буд ва чарми қабати боло пулакча-пулакча ворафта метофт. Усто баъди оши маърака дасти равғанолудашро ба он мемолид, то ранги кандааш пинҳон гашта маҳсиро сиёҳтоб намояд. Ва чанги онро кӯрпачаҳойи маърака тоза мекард. Вақтҳойи безанӣ Усторо хуш намеомад, ки маҳсӣ аз пой кашида бихобад. Чӣ навъе аз кор омада бошад, ҳамон зайл таги кӯрпа медаромад. Ҳоло Андарӣ намегузорад, ки маҳсидарпой хоб кунад.

Аҷаб одаме: аз мардум мегурезад, ки гапашон зиёд; худаш ба касе чизе намегӯяд; одам дорад ё ягон бало, ки худ ба худ ғур-ғур карда чиҳое мегӯяд; ҷуз худаш касе намефаҳмад, ки чӣ мегӯяд: «Дар номи худо мурам, одамро беҳуда офарид. Ҳайвон бас буд дар рӯйи Замин. Алаф хӯрда мегашт. Акнун бин, ки баройи гӯшти ҳайвон инсон миёни якдигар хунхорӣ мекунад. Ҳайвонро ҳам мекушад, одамро ҳам. Лек ҳайвон одамро бинад, мегурезад. Хаёлаш хунхортар аз ҳама одам аст. Шабҳойи танҳойӣ аз ҳайвон бим надорам, зеро медонам, ки вай аз одам худро канор мегирад. Тарсу ваҳмам аз одам аст, ки ба хона дарояд, ё ба даҳон ягон чиз пахш мекунад ё куллук, ё чӯпонӣ баста хонаро шуста меравад; дилаш дур равад, баройи як пули пуччак кушта, ҳамаро метозад. Хубаш бо одам рӯ ба рӯ нашавӣ. Ҳайвон кирдору рафторе дорад, ки кас меомӯзад. Аммо инсон чун Аҳмади порина ҳоло ҳам то одамӣ нарасидааст. Аз ӯ бояд гурехт. «Шарофати одамизод баланд, аз ин рӯ ҳайвонҳо мегурезанд» мегӯянд. Дарёфтам, ки онҳо аз ночорӣ мегурезанд. Баракс одамизод шарофати баланд дошта бошад, ҳайвонҳо ба ӯ наздик мешаванд...»

Фаҳмидан душвор зоҳиру ботини ин касро. Худро ба бечорагиву хоксорӣ мезанад, лекин андешааш дигар. Гӯё чунин ҳаёту чунин олам ӯро хуш намеояд. Чизи дигар мехоҳад. Чунон, ки дигарон орзу мекунанд. Тамоми аҳли башар ин орзуро доранд; ба сериву пуррӣ ва зиндагийи хуби дигарон шодмонӣ мекунанд: «Агар чунон бошад, хубтар...»

«Маҳсӣ мекашед, мардак?»

«Бегоҳи ҷумъа...»

Занак ҳам ба умед як дег об гарм кард.

«Об мондайӣ, занак?»

«Мурдашӯҳо фармуданд...»

Усто фаҳмид маънийи сухани ӯро. Суханро ғоз надода, бинокорӣ рафт. Лек андеша дошт, ки помонийи зан дигар шудааст; хусусан баъди оби гармро бароварда шалап-шалап рӯйи ҳавлӣ пош додан. Кошкӣ оббиёрӣ осон бошад? Аз худи Тангӣ дусатила об кашонидан лозим меояд. Зеро то аз миёни деҳ гузашта ба ин ҷо омадан оби сой ғажду ифлос мегардад; бавижа тобистонҳо, ки писарони Амин луб-лучи модарзод аз даруни об берун намебароянд ва мардум бачаҳо аз хоб нахеста, мурғфарёд об мекашонанд.

Ва аз ҳамон вақт, ки Андарӣ оби гармро ба саҳни ҳавлӣ «макруҳ» гӯён пошид, дилаш аз зиндагӣ, аз ин хонаву дар ва мардак сард гашт. Мардак ҳам аз паси панҷа нигоҳ мекардагӣ шуд ба кору рафтори занак...

... ва Санам наздиктарин каси зани Усто гашт. Ва ба хонааш равуо мекардагӣ шуд. Андарӣ хонайи Санам мерафт. Таъбелчийи таърифийи Санам низ ба он хона меҳмон мешуд. Усто аз нигоҳу миш-мишҳойи мардум рамуз мегирифт, аммо аз касе чизе намепурсид; вонамуд ҳам намекард, ки коре шуда бошад. Занро низ напурсид, ки чаро ба хонайи Санам меравад? Ӯ феълу атвори Санамро хуб медонад; рафтору кирдори таъбелчиро низ. Занмурда. Ба ҳар зан чун саги гурусна нигоҳ мекунад ва ҳоло ба донистайи Усто ба оши соли занаш нигарон нашуда, зан гирифтанист. Ва Санам ҳамин чизро ишора кунад, Андарӣ «Ман дар никоҳи Усто» мегуфт. Баъд фаромӯш кард чунин ҳарфро. Таъбелчӣ низ оши соли даргузашти занро баҳона оварда зангириро фаромӯш кард.

Аммо чӣ балое шуд, ки занак ба таъбелчӣ одат кард: «Рӯзе, ки туро набинам, он рӯз мабод!» мехонад. Сарторики аз бӯйи пиёздоғ қимоб барин, Усторо бинад, қай карданаш меомад. Ва Усто ҳамаро дида бо сабру тоқат паси сар мекард, аммо гиреҳ мезад дар куҷойи кинадонаш.

Ғӯрайи нарми чормағз донак шах кард, сонӣ чунон сахт

шуд, ки ба дандон шикаста намешуд. Ба сараш санг ё болға зада шикастан рост меомад. Тирамоҳ фаро омада буд. Чормағзҳоро зоғу аккаҳо аз шохи дарахт мебурданд. Рӯзе Усто гӯё аз ҳодисаву рухдоди ҷаҳон ноогоҳ назди таъбелчийи машҳур ба чормағзафшонӣ рафта, хоҳиш кард, ки ҷуз ӯ касе чормағзи он дарахти дерсола ва парешоншохро афшонида наметавонад. Таъбелчӣ чӣ дилаш раг зад, ки «Хуб» гуфту зиёд андешид ва ҷиянаш Амонҷонро фиристод, ки чормағзи Усторо афшонад. Ҷиян омад. Он рӯз зан бо фармуди Усто ба кори колхоз набаромад. Худи Усто низ ба кор нарафт. Ба ном рафта буд. Аммо аз девори гаштайи пушт дар оғил ҷой шуда, пойид...

Рӯз пешин шуд. Яке таъбелчӣ аз дарвоза даромада омад ва зан косакуҷомонам шуд. Ба хона хонд. Ӯ надаромад. Кӯрпача броварда рӯйи марза андохт. Хушдораш нанишаста зери дарахт гашт. Чормағзи ахча чид. Зан низ сатили кӯҳна гирифта ба чормағзчинӣ даромад.

– Усто куҷо?

– Кор...

Ҳамин қадар сӯҳбат шуд. Зан гоҳ-гоҳ чормағз ба сатил андохтанӣ шуда тани хеш ба ягон ҷойи таъбелчӣ мерасонд. Мард меларзид.

Усто низ андаруни оғил меларзид ва чашмонаш аз чашмони Отеллойи сахтрашк кушодтар мешуд ва ғазабаш аз ғазаби ӯ зиёдтар оташ мегирифт. Дандон месойид. Ангушт мефишурд. Лабонаш мепариданд. Хун ба сар зада буд. Тапиши дилаш Оламро меларзонд ва теппайи пушти боғ чун қафаси сина садойи дилкӯбиро парешон мекард. Хаёлан ҳардуро гардану гулӯ ба қабза меовард ва ба якдигар мезад. Ё ходайи эҳтиётийи дар шохи дарахт уреб гузоштаро гирифта бар фарқи сари онон бо навбат кӯфт... На! Чунин корҳо намешавад. «Онҳоро бояд паҳлӯйи ҳам хобонд ва баробар аз миёнашон арра кард... Дигар онҳоро бо потеша ҳам тарошида рост кардан имкон надорад... Магар гӯр...»

Усто халал нарасонд эшонро. Танҳо дилу торҳойи асаби хеш эҳтиёт карданӣ шуда, то накафанд, боз аз девори гаштайи паси оғил баромада рафт ва дертар аз дарвоза омад. Чормағзҳоро чида дар халтаву сабаду сатилҳо ҷой карда бу-

данд. Таъбелчӣ набуд. Хона даромад Усто. Шоли кунҷи хона тар метофт. Лаби шолро бардошта дид: Обзада ва пайи панҷаву пой боқӣ монда буд. «Сар шустааст». Аз дил гузаронд, аммо нагуфт ба зан. Аёнро чӣ ҳоҷати баён. Кори уздиро ғуслаш ҳам уздӣ мешавад. Дар кинадонаш гиреҳи дигар пайдо шуд...

– Писар пагоҳ ҳам вақт дошта бошӣ, биё ба янгаат ёрӣ деҳ! Ана дар ин ҷо (айвони ошхонаро нишон дода) чоҳ кофтан лозим.

– Як даҳан аз тағом пурсам...

– Пурс аз тағот. Бояд «не» нагӯяд...

Дили зан раг зад, ки чаро Усто корҳойи қасдона мекунад.

– Бачаро овора накунед, мардак, ман худам чоҳ мекобам.

– Ин бача бояд хизмат кунад... Ту ҳам мекобӣ... Дар дигар ҷо...

Рӯзи дигар ҳам ҷавон омад ва дар ҷойи гуфтайи Усто чоҳе канд. Вале Усто намегуфт, ки чоҳ баройи чӣ. Ҳарчанд занак пурсид, дам андарун, лом нагуфт. Гирифтори андешаҳойи хеш буд ва чӣ реҷае дар сар дошт. Баъди ду рӯз «Замин хушк шуд. Чормағз намепусад» гуфт. Ва дили зан кушода шуд, ки нияти Усто нек будааст.

Аввал як намадпорайи кӯҳнаро, ки «ҷули хар» ном дошт дар таги чоҳ андохт: «Сабз намешавад...» гуфт худ ба худ. Сонӣ ҳама калопучҳоро он ҷо андохт.

– Ахчаҳоро гӯр кунед, калопуч ба кӣ лозим?

– Ман ҳам инро медонам, калопуч ба касе лозим нест. Баройи ҳамин дар ин ҷо гӯр мекунем. Ахчаҳоро дар дигар ҷо гӯр мекунем... Аз дасти ин мушҳо ахчаҳойи луччакро даруни сандуқ гирӣ ҳам халос намехурад.

Ҳар ду ба таври хеш андеша мекарданду мегуфтанд. Усто чӣ кор карданро медонист: Аз тораш ду сатил ахча рехт ва ҷули дигарро бар он паҳн карда, хок бор кард.

– Ана ин ҷо чормағзҳойи ғалбераку ахчаро гӯр мекунем. – лаби шолро бардошта замини тарро нишон дод Усто.

Тани зан ларзид. Вале худро ба даст гирифт.

– Ин ҷо дӯнг мешад. Меҳмон-пеҳмон дарояд, хуб намешад.

– Ба хонайи мо меҳмон намеояд. Пайи қадами худат-катӣ наояд, намеояд.

Ҳарфҳойи Усто духӯра. Таги зан тар. Ба таври хеш мефаҳмад. Аммо чизе гуфта наметавонад.

– Хоная безеб накунед! Дар паҳлӯйи чоҳи берун кофтан гиред.

– Дидӣ-ку, чӣ хел замини он ҷо сахт?! Дастони хешбаччаат овла (обила) кард. – Занак пай бурд кинояйи ӯро, аммо «чӣ хел хешбачча?» нагуфт. Усто суханро идома дод: – Касе ин ҷоро обдорӣ кардааст. Замин мулойим шудагӣ. Канданаш осон. Ту худат бояд канӣ. Чунки ваъда дода будӣ.

– Хонаро безеб мекунед...

– Дар ин хона зебу зинат лозим нест. Чӣ хеле ки буд, ҳамон хел бояд бошад.

– Бадният будаед, ки обод нашудаед...

Усто суст шуд як лаҳза. Хаёлаш ба дуру наздик рафт. Лаб газид, забон газид. Ғазаб фурӯ бурд. Аммо нашуд:

– Ҳоло обод шудаем?

– Не, гӯед! Тори пахол хоб мекардед. Палосдоратон кардам...

Хун ба сари Усто зад. Кучое мӯяке канда шуд; дар мағз ё чаккайи сараш, пай набурд.

– Ихтиёрат! Канӣ, кан! Наканӣ, хонаро холӣ бикун!

Занак чунин ҳол гирифтани муомиларо чашмдор набуд. Лекин ҳамин гуна ҳарфро як вақт мехост. Замоне ки Таъбелчӣ сахт ӯро дидан мехост; ба як сухани Усто хонаашро тарк гуфта назди ошиқ рафтан имкон дошт. Аммо гоҳе ки ӯ соли даргузашти занашро баҳона овард, ҳама нақшаву умедаш барбод рафт. Ҳоло бел мезад ба ҷойи намкашидайи бурҷи хона. Лек тагаш сахт баромад ва ҳаргуна сангу шағал. Зан меканд чоҳ, шӯ мекард тамошо. Аз дилу мағзи сари зан чӣ мегузашт, худаш донад, аммо дар сари Усто як андеша буд: «Хонаи охирати занро сохтан».

Хулоса, чоҳ фурӯ рафт ва сари зан наменамуд. Усто ба ӯ мадад мекард: сатили пур аз хокро боло кашида рӯйи хона мерехт; тепачае пайдо шуда буд. Дар ин миён Усто халтаҳойи чормағзро оварда такя ба девор гузошта буд, то хотири зан ҷамъ гардад. Валек аз меҳнату ҳаракати зиёд ё андешайи фишурда, ва ё тангиву гармийи чоҳ аз арақ куртайи зан ба танаш

часпида, аз гарду чанги хок лой ҳам шуда буд: «Ин пиракӣ чунин усули кор доштааст, ки занонаш намепоийдаанд... Бароям, як лаҳза ҳам дар ин хона намеистам...»

– Ма! Инро аз таг андоз! – шолро ба чоҳ андохта фармуд Усто.

– Ин гилеми ман-ку?!

– Гилеми ту! Дар он чоҳ бисоти маро гӯр кардем! Дар ин чоҳ бисоти туро гӯр мекунем! – халтайи чормағзро ҷунбонида садо дардод, вале кӯрпаҳойи паҳлӯйи он гузоштаро зан намедид.

– Э, вой-э! – хитоб кард зан ва бар шол нишаст.

Усто, аз ҷон хуштар, халтайи чормағзро ба сари зан бизад ва якбора кӯрпаҳоро бор баст. Ва зуд-зуд хок кашид... Чунон тез кор кард, ки садойи зан шунида намешуд.

«Дигар ба касе хиёнат намекунӣ...»

Хоки канда рӯйи хона изофа монд. Усто пешакӣ ҳама чизро андешида будааст, зуд лой хобонд. Рӯйи чоҳро лойи сахт зад, аз болояш андова кард; замини хонаро андова кард. Баъди андаке рӯ гирифтан пахоли кӯҳнаро рӯйи хона андохт. Буд ё набуд. Дарвозаро қуфл зада ба кори устойӣ рафт.

Баъди ду рӯз, ки араҷи танаш андаке хушк шуда ва тапиши дилаш суст гашта буд, гӯё ҳама ҷоро орому осуда дарёфта қуфли дарвозаро кушод. Аз дарун ғалаҷа андохт.

Садойи ҷавоне, ки чормағз афшонда буд, омад, ки «Усто-бобо!» гӯён дарвозаро тақ-тақ мезад.

– Ҳӯӯӯ! Кадомӣ?

– Ман, Усто-бобо!

– Чӣ мегӯйӣ?

– Мухбир омадаст, сурати холайи Андариро мегирифтаст!

– Холайи Андарӣ ҳамин шаб ҳама бисоташро ба харе бор карда, ба диёраш баргашт!..

21.04.07.

## НӮШБОДИ ВОПАСИН

Рустойи Даҳана дар соҳили рости руди Варзоб ҷойгир аст. Ҳамин ки чап гашта пули дар он замон нимободи болойи рудро убур кардед, ба дасти рост мегардед. Дарвозайи

оҳанинӣ на чандон бузургу фарохи кабудранг боз мешавад. Ин дарвозайи бӯстонсаройи Иттиҳодияйи Нависандагони Тоҷикистон аст. Шояд дар ин қадоба хубтар ва хушҳавотар аз он манзиле набошад, ки бузургтарин оламиёни қадамранҷакарда аз боду ҳаво ва садойи дилхурӯшу гӯшнавозаш хушҳолу болидаруҳ гаштаанд. Албатта ҳолати хубу руҳи болидаро меҳмоннавозийи устоди бузург Мирзо Турсунзода низ мебахшид. Яке аз чунин алломаҳойи Олам Бобоҷони Ғафур буд, ки устод Турсунзода ба шарафи эшон дастархон кушода буданд. Меҳмондориҳойи устод бе шашмақомхонони бузург Барно Исҳоқова, Аҳмад Бобоқулов, Нериё Аминов, Ҷӯрабек Муродов намегузашт. Миёни авҷи базм Устод ба ҳавойи мусиқийи руд хурраму шодон шеър гуфта, хидмат ва адофаҳмийи ромишгаронро сутуда; барори кори таърихиву фарҳангийи Тоҷикистонро аз хидматҳойи бедареғи аллома Бобоҷон Ғафуров дониста, пӯсти ковокгаштайи лаб ва холи сиёҳи модарийи абрӯро маҳин-маҳин бо ангушт ламс карда, сипосгузор аз аллома инони сухан ӯро доданд. Аллома бо тоқийи чоргули раххояш аз зарби қат карда ба ҷайбу ҷомадон задан теғадор, хеле фақир, фурӯтан, хоксор метофтанд. Шояд ӯ баройи тоҷик буданашро аз дуру наздик шинохтан вақтҳойи охир ин тоқиро фарқи сар гузошта мегашт. Ё ягон маънийи дигар дошт, ки ҷуз худаш касе сарфаҳм намерафт. Ӯқомат афрохт. Қоматаш аз бузургиаш ва овозааш пасттар метофт. Лек чорпаҳлӯ буд. Пойи андаке дардманду нимлангашро ҷобаҷо кард. Хеле ба шарфаву садойи оби руд гӯш дод ва хомӯшийи муҳиту атрофро дарёфта, як бор сурфид ва аз касе гиламанд афзуд: (мазмунан.)

– Ман ду бор ба Котиби Аввал занг задам, ки ба ин ҷо биёяд. Наомад... Шояд гумон кунанд, ки ман ин ҷо мансабталабӣ омадаам. На! Вақти мансабталабиам гузашт. Ман омадам, ки дар Ватани худам Тоҷикистони азиз хок шавам... Намедонам... ин хок маро роҳ диҳад ё на?

Устод Турсунзода (Луқма):

– Ин хок шуморо роҳ надиҳад. Киро роҳ диҳад?

Аллома Бобоҷон Ғафуров (Ба чашм об гирифта):

– Одаму ҳаводис, Мирзоҷон! Таърих гувоҳ аст, ки аз одамӣ

ва гаштанҳойи чархи таърих ҳама чизро чашм доштан рост меояд. Ман агар бисёр чизҳоро аз сар намегузаронидам; ба чашми худ намедидам; ба гӯши хеш намешунидам бовар намекардам... Ҳар чизи нави ҳоло ба чашму дили мардум нанишаста бегона ё дурушту дағал метобад. Аз ҷумла муҳоҷиргардонӣ аз кӯҳпораҳо ба водиҳо. Ин чизро мардум ё баъзе касони маҳалгаро кори носавоб донистанд ё қасдкорӣ. Чунки ҳиссу фаҳму дарки онҳо то миллатгаройӣ нарасидааст. (Бубахшед, ҳоло маҳалгаройиро аз миллатгаройӣ фарқ карда наметавонанд.) Муттакойи ман таърих аст. Ҳарчӣ омӯхтаму фаҳмидаму донистам аз китоби таърих аст, ки бисёр касони мо ноогоҳанд. Ҳатто таърихи хешро варақ назадаанд. Донишашон даҳонакист. Баҳо доданашон ба ин ё он ҳодисаву воқиъаҳо низ даҳонакист. Кӯчонидани мардумони кӯҳпора ба водӣ тасодуфӣ нест ва ноҷо ҳам нест. Аввал мо бояд донем, ки аслу насаби кӯҳнишинон аз куҷост. Сода карда гӯям: инҳо ҳамон касонанд, ки замоне шаҳрнишин, водинишин буданд. Аз дасти зулму ситами тохтоварон, душманони тороҷгар, аҷнабиву бегонагон гурехта, дар қабати санг бо тарсу ваҳм насли боору номуси хешро нигаҳ доштаанд ва афзудаанд. Инҳо ҳамон суғдзодҳо ва тоҷиконанд, ки хонайи хеш ба душман гузоштаанд. Ва имрӯз мебинем, ки хоки тоҷикон торафт танг мегардад. Душман дар хонайи ӯ ҷой мегирад... Баройи он ки хоки пок аз даст наравад, мо роҳи муҳоҷиратро пеш гирифтем, ки марзҳову покбумҳо бетоҷик набошад... Сухан кӯтоҳ: Онҳоро бояд ба асли хеш баргардонд. Ин ниҳоят андешайи дурбинона мебошад, ки ман мурдаву шумо зинда, баъди панҷоҳ – шаст сол самари онро хоҳед дид; ҳам водӣ обод мегардад ва ҳам Кӯҳистон...

22.04.07.

## ИМШАБ ТАМОМИ ШАБ...

– Мардак, намехезед?

– Имшаб тамоми шаб кор кардам, занак...

– Шумо тамоми шаб кор мекардагӣ набудед-ку?

– Гумонат тамоми шаб кор кардан фақад ҳамроҳи...

– Ман надидам. Ба рости ҳамин мегӯм.

– Ин кор, он коре, ки ту пиндорӣ нест. Аз офариниш то имрӯз ҳар чӣ медонистам, бори дигар аз фикр гузаронидам. Гӯё ҳама аз мағзи сару дилам гузашт ва таърих шуд. Лекин медонам, ки касе онро нанавишт. Медонӣ занак? Дунё соҳиб дорад. Номи ӯ Худо. Хонадон худо дорад. Номи ӯ кадхудо. Тан ҳам худо дорад. Номи ӯ худ. Тан боз чун гетӣ чизҳое дорад, ки беҳисоб. Масалан тан шоҳ дорад. Номи он Ақл. Тан хазина дорад. Номи вай Дил... Дар ин бора фикру хаёл накунӣ, намешавад. Яъне, Дунё ва ҳеҷ касу ҳеҷ чиз бесоҳиб нест! Ба рости ҳамин ман фикр мекунам. Хобам намебарад. Гӯё ман ин ҳамаро медонам. Аммо оқибат чӣ мешавад, намедонам.

– Ман медонам, мардак!

– Хӯш?!

– Ба наздикиҳо мо нобуд намешавем...

22.04.07.

## МАҲМУДБЕК

– Ҳа Сироҷиддин! Ин қадар шитоб дорӣ? Шаҳри Нав меравӣ? – Аз Шаҳри Нав қимоб будани Сироҷи мизоҷро дониста шӯхиомез пурсид шаҳрдор мошинро боздоронда.

– Астағфируллоҳ! Салом райис! Хушдоманам бандагӣ кардаст. Оби Гарм рафтанӣ...

– Худо раҳматаш кунад!

Маҳмудбек бору бӯғчааш дар мошин чизе нагуфта сӯйи ронанда нигарист. Ронанда китфон дарҳам кашид. Райис баргашта аз Сироҷ пурсид:

– То Оби Гарм чандсоъата роҳ?

– Тахмин, дар пеши мошин яксоъата роҳ.

– Рафт як, омад як... Дусоъата роҳ будааст... Сувор шав! (Ба ронанда рӯ оварда) Бачам ҷомадонҳо дар мошин меистанд, ман назди идора мефуроям. Дав-катӣ Сироҷа бурда ба ҷаноза мерасонӣ. Ҳамин ки омадӣ, роҳи Исфараро пеш мегирем. Истироҳат намегурезад...

Сироҷ тамоми роҳ дар борайи Маҳмудбек фикру андеша меронд ва хаёл мекард, ки ҳоло ҳам чунин касон будаанд. Лаҳза ба лаҳза сӯйи ронанда гӯшайи чашм меандохт ва мехост пурсад: «Райис чӣ хелин одам?» аммо пурсида намета-

вонист. Он чӣ аён аст, чӣ ҳоҷати баён аст? Аммо дар худ мепечид: «Ӯ калонпоя. Паси дари идорааш навбат мепоянд. Лекин назди мани... (намедонам чӣ кас бошам) мошин медорад. Тавба... Ҳайату салавоташ бас, ки боэҳтиёт дасти вохӯрӣ дароз бикунӣ. Лек бо ман ширингӯйӣ мекунад. Мегӯйӣ, ки якҷоя калон шудаем. Кулоҳу галстуку либоспӯшиаш дунёйи нав. Муносибату одамгариву одамшиносиаш – дунёйи кӯҳна. Ангуштшумор чунин касон. Ба мани назарногири аз дастам ҷуз оҳанваслкунӣ коре намеомада ин хел муомилаву муносибат мекунад...»

– Чаро пиёда мегардӣ, Сироҷиддин?

– Охир, райисҷон...

– Фаҳмо... Мошингирӣ осон нест... Ман, ки аз дамгирӣ баргаштам як наздам даро...

«Ба номи Худо, дигар кас бошад ба ҷойи ӯ, ҳамроҳат оши худойӣ намехӯрад!»

22.04.07.

## ТОҶИК

Ӯ чӣ хел меҳмон буд, мо нафаҳмидем. Сари дастархон нанишаста, аз чӣ хотир мағалгаройӣ кард:

«Дер хабар кардӣ? Боз худат не, як одами бегона омада гуфт. Тоҷик-дия! Забонаш ба хабаркардан намегардад, кимкиҳоро восита мекунад. Дастархонаша бин. Тоҷик-дия!»

Тоҷиддин ба ман менигарист бо савол, ман ба Сироҷ ва Сироҷ ба Тоҷиддин: «Ӯ кист?» Китф дар ҳам мекашидем, ки ӯ кист. Сари диламон пур буд. Забонамон мехорид. Аммо худдорӣ мекардем. Зеро намедонистем, ки ӯ кист? Шӯхӣ ё ҷиддӣ гуфтанаш аён набуд. Аммо соҳибмаърака ба гуфтаҳойи ӯ шакарханда мекарду сар меҷунбонд ва сафедийи дандонаш базӯр менамуд. Сафедмӯй буд ӯ; сафедрӯй буд ӯ. Дар рӯяш хун надошт. Шикамдамида. Кадом муаллимро ба ёд меовард, бо чунин гуфторҳо миёни ҳамкасбон ва шогирдон хешро обрӯманд гардонидан мехост. Гӯё хушгӯйӣ мекард:

«Тоҷик-дия, ошпазиро ҳам намедонад. Ин ошро бин...»

Наҳ мезанад? Кинояву гӯшона мегӯяд? Ё ягон вақт касе аз нишастагон дар борайи тоҷику тоҷикгарӣ чизе ноҷо гуфтааст, ки ӯро нафоридааст? Ё гоҳи консерт тамошо кардан сароян-

дае «Тоҷикам!» хонда хол гирифтааст, ки ин қадар ҳудаву беҳуда ба боғи пурмевайи «Тоҷик» санг меандозад.

«Шумо худатон аз тоҷикҳойи куҷо?»

Ин пурси Тоҷиддини ростгӯ. Аммо худдорӣ мекунад, ки киройи сухан надорад. «Тоҷик» гуфтанаш шояд баҳона бошад. Суханчин низ будагист? Ё шояд ин як воситайи ангехтани тоҷикҳо бошад миёни ҳам?

«На! Ҳар кӣ хуни туркӣ дорад, тоҷикталошӣ ё тоҷиктарошӣ кунад!»

## КОШ ЗОДА НАШУДАМ-Э!

Одам бимирад!

Бо ҳама буду набудаш; доройиву нодориаш бимирад!

Бо ҳама фисқу фуҷур; ҳаромиву расвойӣ; покиву порсойӣ, яҳудиву насрониву буддойӣ ва мусулмониаш;

Бо ҳама эҳтиёту беэҳтиётӣ; хуш хӯрдану аз даҳон рехтан ё заъфи меъда; гулу гиёҳ; асалу оби бемаргӣ ошомидан; моҳиро чок карда тухм ситонидану рӯзӣ кардан; аз пайи ҳазор соҳиру ҷодугар гаштан; буду нобуди хешро баҳри сиҳҳатӣ дареғ надоштан – бо умеди бемаргиву безаволӣ бимирад!

Мурдани Одам саҳл, вале зиндагиаш душвор; сахт душвор! Ҳама ҳунарашро сарф кунад, то намирад. Хӯрдан баройи намурдан... Аммо бимирад: даҳонбаста, забонбаста, манаҳбаста бимирад. Орому хамӯш, бесухан, на шоду на маҳзун; сер ё гурусна; доро ё гадо; кӯр ё бино бимирад чунон ки буд...

Агар намирад, миронандаш; кушандаш!

Аммо заҳмати қотил зиёд бувад: чӣ ҳунарҳойи нобудӣ бофта барорад; чӣ қадар мағз обу адо кунад; чӣ ранҷу шиканҷа ва бехобӣ кашад, то якеро нобуд созад дар куштори аввал; ноогоҳ аз он ки сӯйи аҷал бишитобад, шояд пештар, шояд сонитар аз оне ки мурданашро хоҳад?

Дар ин саройи дудар чӣ сар одам буду ҳасту меояд, ҳамон ранг, ҳамон навъ, ҳамон шумор марг бувад. Танҳо онҳое – гурӯҳҳое, ки ташкил карда бо «Белорус» чоҳ канда зиндабагӯр мекунанд, якранг миранд; гарчӣ якранг гӯр карда шаванд, якранг ҳаво наёфта, дамгир, ҳатто даҳон воз карда натавониста, соф шаванд, ҷудогона ҷон бидиҳанд. Ҳама орзуву ҳавас, саргу-

зашту ёддошт ва ният зери як пардайи сиёҳи батар аз зулмот, ки нафас кашидан имкон надорад, печад; мирад.

Дигаргуна мурдан бангиёнро мурдан ҳисоб наёбад. Бавижа бо аҷали хеш мурдан. Аммо чунон мурдан ва сӯхтан, пӯст кандан, овехтан, маслуб кардан, дар ҷувол андохта, борсанг карда ба руду шату дарё ҳаво додан таваҷҷуҳи сарзадаҳоро афзояд. Зеро онон дар ин гетӣ бисёр бозиҳойи куштор ихтироъ карда, мардумро андармон доштан хоҳанд, гарчӣ чархи таърихро боздошта натавонанд. Бавижа борсанг бастан, ки ба зудӣ ҷанозаро пайдо карда натавониста, рудҳоро баргардонидан ё хушконидан рост меояд...

Бо тир куштан кори осон; корд задан дардовар; сар буридан чу ҳайвон ҷон додан аст: сар ҷудо, тан ҷудо ҷон диҳаду бозӣ кунад ва чашмон аз Олам носер боз монанд.

Чӣ ҳоҷати куштан? Накушта ҳам худи одам мирад. Яке шикам чу бом мирад, дигаре пӯсту устухон. Мурдааш хӯрдаашро аён созад ва дар ин Олам чӣ карданашро; чӣ баномус ё беномус, бенанг, беъор буданашро... ва ба гӯр чӣ бурданашро!

Шикам дарида, рӯда пеши чашми пурхӯр баровардан низ аҷиб; ӯ бубинад, ки хӯрдаҳойи ҳалолу ҳаромаш чӣ ранг гаштаанд. Аз рӯдаву шикамбайи пури ҳайвонро дидан ғаши кас наояд, зеро ҳайвон ҳалол; сагро мо нахӯрем, дар баъзе ҷойҳо хуранд чунон ки хукро. Инсон ҳаром. Аз ин рӯ рӯдаву меъдааш ғашовар; бо вуҷуди гули гиёҳ хӯрданаш. Инсонро ё баройи бадиаш кушанд ва ё баройи моли ҳаром ғундоштанаш. Ҳайвонро кушанд баройи нафси одамиро қонеъ гардонидан...

Менависаму намефаҳмам, ки чаро чунин нависам. Кӣ маро ба ин роҳ такон диҳад? Зеро аз Азал то Аҷал нависанд ҳам кӣ будани одамро муайян карда натавонанд. Агар муайян кардан имкон дошт, як китоб навиштан кифоя буд. Вале... Ҳар қаламкаш садкитобӣ нависад ҳам Одам ноомӯхта монад. Зеро ҳеҷ кас хештанро надонад ва нашиносад, ки кист. Агар чизеро дар шомоти хеш хонад, хандад, ки ҳамсояро навиштаанд, на ӯро. Зеро пиндорад, ки хубтар, донотар, бофаҳмтар, одилтар, сахитар... аз ӯ касе набувад. Гиламанд низ бошад: «Ӯро нашинохтанд, ба қадраш нарасиданд...» Ҳамин зайл, Одам дар ин дунё кори шойистае накарда, ба қадру қимати хеш сӯхта

мирад ва норозӣ равад аз дорулфано ба дорулбақо бо умеде, ки он ҷо дарёбад хостаашро.

Шоҳу гадо мирад; пайғамбару умматаш низ. Яке шоҳона, дигаре гадоёна. Дар он дунё низ аз рӯйи мартабаву садрнишиниаш ҷою манзил гузинад ва мурдагӣ кунад. Ҳеҷ гадоро «дар олами ҳастӣ азобу шиканҷа кашидӣ» гуфта, бар маснади шоҳӣ нанишонанд. Мурд. Маъошаш ба қадри маъоши пешинааш. Рӯзгораш низ. Аёлаш ҳам ҳамон зани бечораву берӯзӣ. Дастпонаву ангуштарийи зани шоҳро ба дастони ӯ наандозанд; гӯшворайи духтари хазинадорро ба гӯшаш наовезанд; ҳатто ӯ зани ҳаштуми банкир нашавад. Қумондонҳо низ надуздандаш ва ба ивазаш доллар талаб накунанд... Ҳамон фиқири нодори бо ҳазор орзуву армон ва хаёлҳойи талху ширин мурда, бори дигар бимирад норозӣ аз ин Дунё низ ҳам:

«Оҳ! Рӯз надидам дар ду сарой!»

Дар чунин ҳолу ҳолат беҳтарин сухан гӯяд:

«Кош зода нашудам-э!»

26.04.07.

## САНГФАРСО

«Худо маро он қадар бандайи нек надонистааст, ки дар рӯзҳойи барфу борон ҳам нагузорад ором бошам, дам гирам. (Сангро ишора карда) Охир ин сарсахтро бинед! Рӯйинтан. Ба сараш ҳазор бодкон мезанӣ, устухони дастат мешиканаду сари ин беҷон на! Э, сарсахт-э! (Путки гаронро як сӯ андохта. Сангеро тела дода.) Номаш ба худаш – Санг! Чаро нағелӣ? Биғел! Ҳарра бишав! Ҳама чиз биғелад ҷуз ту! Вазнин-дия! (Ба осмон нигариста.) Ана бин, самолёт чӣ хел меравад! Чархаш нагардад, як ваҷаб ҳам намеравад... Баъзан ситораҳо дар он баландӣ парридаву ғелида, дар пешонийи фазо абрӯ кашида мераванд. Лекин ту ландаҳӯрро бо мисрону фишанг бардошта, тела дода ғелонданӣ шаванд ҳам нағелӣ. Ғел охир! То ба кай ман туро рӯйи даст ё бар дӯш бардошта барам? Бар сангкаши пушти хар; ба чигина; бар мошину ароба бор карда арӯсона барам? Нишебӣ-ку? Ҳарра бишав! Одам шав! Ба пойи худ бигард! Инсоф ҳам чизи хуб... Ё ту ҳам. Ё ту ҳам мисли ҳама ноинсофҳо беинсоф? Аз мӯр мадад, гуфтаанд; ана ман то зӯрам расидан мадад мекунам, худат биғел! Азобам

надеҳ. Дар ин умри кӯтоҳ он қадар азоб кашидаам, ки Худо донаду ман. Умрам ба сангшиканиву сангкашонӣ гузашт. Дастонам пур аз обила, ки пӯст баста – пӯст баста устухон шудааст. Банди пойҳоям пур аз пайи сангпораҳо... Шояд аз ман ранҷида бошӣ, ки як умр ба сарат путк мезанам? Саратро кафонда, пора – порaат мекунам? Бубахш. Илоҷи дигар надорам. Агар ҳамин хел нашавад, вазни туро ҷуз Замин касе бардошта натавонад. Устое кор фармуда ҳам натавонад. Айби худат, ки масолеҳи зарурӣ шудайӣ: арзонтар нисбати дигар чизҳойи сохтмонӣ. Сонӣ, Худо моро додааш ҳамин санги сахт. Агар чӯб медод; заминҳойи ҳамворро ба мо ато карда сарву санавбар мекошт, он қадар азоб намекашидем. Инак аламамонро дар сари санги сахт мешиканем. Ҳарра бишав! Ман барин кӯр нестӣ, ки роҳи рафтро набинӣ. Рост биғел, рӯйи сой меравӣ. Онҷо ҳамвортар ва шикастанат ҳам осон. Лекин дар ин нишебийи лағжон пойи кас намедорад. Хаёлам оқибат ҳарду такорӯ то таг меғелем ва... Худо нишон надиҳад, ки як умр дар даҳони мардум мисол шавам. Боз мегӯям: «Ман барин кӯр нестӣ!» (Айнаки аз ду рӯ пур аз чангу ғуборро гирифта бо лаби домон тоза карданӣ мешавад, гарчӣ донад, ки аз он суде нест; чизе аёнтар нагардад. Шояд танҳо баройи ба чашм нарасидани сангрезаҳойи пошхӯрда онро ба чашм гузорад.) Ҳазор қабат ғубор гирифтайӣ-ку! Равшан нагаштӣ, нагаштӣ... Не айби ту не, айби чашм, ки равғанаш тамом шудааст, равғани чароғи сиёҳ барин. Э Худо! Лампочка барин дар мегирондӣ, ки ялаққос зада мерафт; ҳама ҷоро як хел рӯшану тозаву озода медидам! Давраҳойи кӯдакӣ барин. Ҳӯӯӯ дар сари кӯҳи Ҳисор як зоғ менишаст аз ҳамин ҷо медидам... Ҳозир худамро бинам, намешиносам... Нигар, трактори ҳамсоя чӣ хел давр мезанад; Замину Осмон барин; санги осиё барин. Ҳама чизро фурӯ мебарад-гандумро сурма мегардонад. Фақат ба ту зӯраш намерасад. Ту он қадар ҷонсахту зӯрӣ ва чунон боқадрӣ, ки ба дӯши одамон, бордони тарактору мошин бор шавӣ. Ва имрӯзҳо пурарзишу пурэҳтиром гаштайӣ, ки... зеро дастгоҳҳойи оҷурпазӣ ҳама фурӯхта ё валу вайрон гаштаанд. Замонҳое буд, ки гардунаҳойи боркаш бепул мекашониданд. Ҳолиё вазни киро

гаронтар аз вазни санг шудааст. Ва ҳамсоя чунон бо ҳамон тартарракаш мефахрад, ки замин пояшрову осмон дуди папиросашро бардошта наметавонад. Кош чашми ӯ ҳам чашми ману ту барин намедид! Аламам зиёд: бо ҳамин чашми кӯрам дидам, ки ба занам чӣ хел нигоҳ мекунад; ҳамсоягӣ-дия – ба ҳаққи Худо баробар. Ҳазор бор рӯ ба рӯ омадан нахоҳӣ ҳам як бор рӯ ба рӯ меойӣ. Аз нигоҳаш маълум мегардад, ки дар дил чӣ ният дорад. Ҳамон вақт мил наёфтам-дия, вагарна ба тоз бурда ба чашмаш мекашидам. Тир наёфтам, ки андозам. Эй Худо! Ин қадар дар баландӣ ошён гузоштайӣ? Албатта мебинӣ азобҳойи маро. Лекин алорағми мардумамон маро некӣ намекунӣ, ки бадхоҳам зиёд нашавад. Феълу хӯйи бандаҳоятро хуб медонӣ. Дарвозаам дутабақа шавад, корро бало мезанад: аз райиси ҷамоъат сар карда то худи шоҳ менависанд, ки Замон аз куҷо ёфт пули дарвозайи дутабақаро? Лекин Гови Қутос рӯйи Заминро лесида лайс гардонад, касе кор надорад. Чун ки аз шохи чуккаву тирмонанди ӯ метарсанд. Аммо айнаки кӯри маро ҳама нишон мегиранд. Нафаҳмидам, нафаҳмидам ин дунёро! Ту ҳам намефаҳмӣ, санг. Зеро ту низ чу ман ҷонсахтӣ; ҳазор путк ба сарат кӯбанд, чашмат аз косахонааш ҷаста барояд ҳам ғинг намегӯйӣ. Ё ману ту ҳиссиёт надорем? Дардро эҳсос намекунем? Аз ин рӯ касе ба дардамон намерасад. Ба дари ӯ рафтам: «Ҳамсояҷон, санги бо азоб ҷамъкардаамро то сари замини нав бурда резед...» Гӯш надода фӯк каҷ кард. Сонӣ занак рафта бо ӯ баногӯшӣ кард. «Ҳамсоя ба ҳаққи Худо баробар!» гуфта розӣ шуд. Лекин ман рад кардам. Занак мағал бардошт. Хару сангкашони Мухторро талабида кашол-кашол дидаву надида бо хари лангам кашондам сангро... Нарасид. Акнун ба сари ту бодкон мекӯбам. Бубахш гуноҳи маро. Иморат буд шавад, писарам аз ғарибкорӣ баргардад. Хонадораш кунам. Дигар як мушт ба сарат занам, одам набошам!

Эй санг! Биғел охир! Ин қадар мурдаатро партофта маро силу зардоб карданат чӣ маънӣ дорад? Рост: хуб нест бачаро аз оча ҷудо кардан. Реға-реғаву тоба-тоба шикаста абгор карданат хубӣ надорад, аммо илоҷи дигар нест. Ман ҳамин қадар ҳунар дорам. Ризқу рӯзиам аз паси ту! Ба сарат ҳазор бодкон

мезанаму як сум, ду сум мегирам. Ҳамин ҳам кор шуду! Ба болойи ин ҳама аз ҳукумати шаҳр, аз кумитайи ҳифзи табиат омада ба сарам ҷарима бор карданд, ки муҳити зистро халалгор шудӣ. Ту намедонӣ, ки вай чӣ ҷарима ҳаст. Баробари он ки ба сари санг чанд зарба зада бошам ба сарам ҳамон қадар зарба заданд. Тамоми ин кӯҳҳоро талқон карда фурӯшам ҳам, қарзи ҷарима адо намешавад. Ин дунё корҳое дорад, ки то фаҳмиданаш ба чашми кас нур намемонад; дар сараш мӯй. Ин қадар бофта мебароранд! Худо ин шаххҳойи осмонсоро баройи он офаридааст, ки бечорагон истифода баранд. Ҷою манзил созанд. Девор месозӣ, андова мекунӣ; сафедорҳойи боғатро бурида болору васса метарошӣ, тори бомро гиландова мекунӣ. Ҷонат осуда меёбад. Қарзи падарӣ ҳам адо мешавад. Аммо нозирон буду нобудро рӯфтанд. Устопулӣ ҳам намонд. Ин навбат баройи ҷаримаро адо кардан худамро фурӯшам ҳам пул намерасид. Лекин нозирон одамони хуб будаанд «муомила» кардем: Доштаамро ба кафи дасташ қаппондам. Санад-панадро дарронда партофт. Насиҳат ҳам кард: «Натарсида коратонро кардан гиред. Меҳнатӣ будаед...»

Биғел! «Не!» гӯйӣ, ана ин сангфарсо ду пуд вазн дорад. Зада-зада, сарат, дасту поят, ҳама устухонҳоятро мешиканам... Алам аз ту нагирам, аз кӣ гирам?... Э сарсахте! Даставу даст аз зарб мешиканаду сари ту намешиканад. Дастам лат мехӯрад; мадорам меравад... чӣ ҷонсахтӣ, санг! Ё ту низ чун ҳама? Аз дасташон коре ояд, чунон ноз мекунанд, ки...

Ана он нобакор тракторашро дар сояйи чинор гузошт. Дар нишебӣ. Зеро оташафрӯз надорад, ғелонда дар мегиронад.

Ана омад! Гӯш андоз! Тракторро дар пиллаҷо гузошт. Газ дод. Дудаш аз чинор ҳам боло баромад. Ин чинори сабз хушк намешаваду бас. Гӯё мисли мо кӯру кару гунг; лом намегӯяд. Лек он қадар сирру савдо медонад, ки фолбинзанак намедонад. Ҳама ҳодисаву сӯҳбатҳо зери баргҳояш пинҳон мемонад. Бисёриҳо аз чашми офтоб руст мешаванд. Молҳойи дайду ҳам зери сояаш думак мезананд; пашша кишк мегӯянд. Аммо чинор дар шиками чокаш бисёр касонро ҷой дода, асрорбозӣ мекунонад; сонӣ ба лаб кулӯх молида мешинад. Баргаш намеҷунбад. Хайр, дигар корҳо ба роҳи худ. Лекин занак ос-

тин бар зада, поҷома бардошта ҳай шустушӯй мекунад зери шаршараш. Ҳаминро ҳам намебинад? Тую он чинори баланд бахилтарини бахилон. Ҳатто забонаш намегардад, ки чизе гӯяд. Ҳамин хислаташ ба ман монанд: «Забони ман ҳам намегардад, ки тракторчиро гӯям: «Ин зани ман, чӣ ин қадар нигоҳ мекунӣ?!»

Бар падари ту барин санг лаънат! Ба худи ман ҳам! Сарам гиҷ шуд. Қариб поям ба зерат монда қӯр-қӯр гашта буд. «Ғел!» гуфта, ба тагат мисрон андохта бардорам, намеғелӣ! Лекин худ ба худ мелағҷӣ! Борон борид. Тагат нам гирифтдия-а? Ғел! Ҳарра шав! Мазори бешафоъат барин замин зер мекунӣ? Ҳарра нашавӣ, ҳама ашкамро ба сарат мерезам. Хаёлат аламам фақат нашикастани ту? Неее... аламам зиёд. Аз реги селовард ҳам зиёд. Лек аз ашки ман суде нест... (Сангфарсо ба сари санг зада) ана... ана... ана!!! Дигар илоҷ надорам. Алам аз ту меситонам... Охир кай меойӣ, писарҷон! Ту аз кирдори Оламу одам бехабар: доллари фиристодаатро очат гирифта ба тракторчӣ қарз дод; Чунки ӯ қартабозӣ карда ҳама бисоташро бой додааст; қариб занашро ҳам. Акнун ҳар рӯз очат пеши ӯ метозад. «Ба ӯ чӣ кор дорӣ?» гӯям, «Доллари бачаро гирифта буд. Намедиҳам» мегӯяд. «Аз ӯ забонкӯтоҳӣ?» пурсам. Бад нигоҳ мекунад. Гӯё ба ҳама кору кирдори бади олам ман гунаҳгор бошам. Ё ман маънийи Одамро намефаҳмам ё маро гӯлу гумроҳ ҳисоб мекунанд. Ягон чизи Олам бемақсад офарида нашудааст. Ягон кораш ҳам бемақсад набояд бошад. Ман сангшикан. Шабу рӯз (агар чашмам бинад) бароям баробар. Чунки буду шудам, бисотам, доройиам ҳамин; ана ҳамин сангфарсойи якманӣ. Ба сари ту барин санги қайсари якрав мезанам, то рӯзам гузарад. Бубахш маро Санг! Ин якманиро ба сари бадон бояд занам; ба сари онҳое, ки гуфти Худоро намекунанду аз пайи нафс медаванд Худоро фаромӯш карда. Ҳайф, ки дастам кӯтоҳ, забонам ногиро, чашмам кӯр, гӯшам кар... ақл нест; ҳамон ақле ки дигарон ҳам надоранду ба кас ёд медиҳанд... Ту наранҷ Санг! Ба сарат кӯфтанам аз ноилоҷӣ. Ҳеҷ кас нагуфтааст, ки аз дасти Замон кори дигар намеояд. Меояд Сангҷон. Дуздӣ ҳам аз дастам меояд; нокасӣ ҳам, чунон ки аз дасти дигарон. Дуздӣ карда;

нокасӣ карда, ба даст афтода зиндон шавам ҳам азобаш аз ин кори ман вазнинтар набудагист? (Ба кафи дастони боз нигариста) Дар Аристон ҳам дасти кас ба ин ранг обчаку обила намекардагист. Ина бин-э: қабат-қабат пӯст дарида, пӯсти нав баромадааст; қабатҳойи замин барин: хок, рег, сангчол, шах, шағал, зарраҳойи тилло... Охиринаш дар хунам ҳасту дар дастам нест. Мешуд, ин қадар озору азоб набуд. Дар офаридаву додаҳоят мурам, Худованд! Оламро дидиву як бор ҳоли маро надидӣ... Айб аз худам ҳам будагист: Зеро ба фармудаву навиштаву додаат қаноъат мекунам. Яки туро ду намегӯям; пешаам сабру қаноъат...

Э ин тракторашро овардааст-ку! Ё ин трактори Бомирзо бошад? Не. Овози аробатрактори ӯ не. Вай тап-тап-тап карда меояд ва гоҳ-гоҳ газ баланд мекунад. Ин тир-тир дорад. Аз они ҳамсоя. Лекин чӣ хел гардонда гирифт? Бой дода буд-ку дар қимор? Ҳааа... Доллари бачаро аз дасти занак баройи ҳамин гирифтааст. Доллар дар нӯли зоғ. Занака мӯяш дарозу ақлаш кӯтоҳ мешавад. Ба ягон дурӯғи ӯ бовар карда доллари бачаро дод; акнун ёбу гир! Намефаҳмад-дия, намефаҳмад. Агар фаҳмад, ки азоби писар дар мулки бегона аз азоби падар сад бор зиёд, ин корро намекард... Неее, мекард. Гуфтам-ку, ақли зан кӯтоҳ. Ба саҳл дурӯғ бовар мекунад. Доштаву надоштаашро бароварда медиҳад... Ин трактори ӯст. Чунки дудаш аз қадди чинор болотар баромад. Якбора гази баланд дода хомӯш карданаш ҳам кори пойи ҳавай. Ба таги чинор, пушти дарахт, дами дарвозайи мо андаке пойи рафт суст карда аз роғ нигаристанаш; ба атроф чашми тарс давонданаш; duздона қадам партофтанаш аз они ҳамсоя. Дигар кас мебуд, ҳоло дод мезад: «Замонбой, ҳӯ Замонбой! Санги фурӯшӣ ҳаст?» Ин хаппаки таги таппакро кору рафтор чунин. Оҳ, чунон муғамбир, киии...

Бор борон! Дар вақташ наборидӣ. Киштаҳоро хушк кардӣ, пуштаҳоро сӯхтӣ! Акнун боридан гир! Дар намат садқа, сабз нагардонӣ ҳам мулойим мекунӣ-ку! Дар тани санги сахт ҳам нам расад, шикастанаш осон мегардад. Лекин ин хел не-дия. Аз оби чашми ман ҳам гузаронидӣ. Медонӣ, ки аз оби чашми ман гиёҳе сабз нагардид; ҷуз рухсору сари сина ва замини пеши пой

ҷое нам нагирифт... Дар ин вақт бориданат – ъузри бадтар аз гуноҳ. Тани маро мешӯйӣ, тани сангро мешӯйӣ, гарди чанорро мебарӣ; корат ҳамин. Офтоб, ки баромад, боз замин қайроқ мегардад. Монанди пӯсти дасти сангкане мешавад, ки дар умраш палови равғанӣ кӯва накарда бошад. Шахи сафед! Ман мурдаву ту – зинда, туро ба кандану шикастан паст карда натавонанд; решаат дар фарқи замин; қуллаат дар нӯги Осмон. Малул нашав, ки касе туро нобуд месозад. На! Ман шикастаҳоятро лахтҳойи паридаатро, пора мекунам; зӯрам расидаашро. Ҳамин ғӯтакатро чанд рӯз боз саркӯб мекунам; дастайи сангфарсо шикасту сари ту на. Гумонам, оқибат сарам ба сарат ҷанг андохта, халос мехӯрам. Онгоҳ ту ҳам халос мехӯрӣ. Дигар ба сарат каси боткон мезадагӣ намемонад. Чунки одамон роҳи осонро пайдо кардаанд; пулдорон албатта. Молхонаҳо, саройҳо, гаражҳо ва бисёр ободониҳоро ба як мирӣ харида, вайрон карда, сарпаноҳ месозанд. Қадру қурби санг кам шудааст. Лекин муваққатӣ: давидани гӯсола то каҳдон. Гӯсолахонаҳо низ валангор гаштаанд. Гӯсола ҳам намонда. Аз ин рӯ ғарибкорҳо аз шаҳри дур доллар фиристанд, инҷобудаҳо чӣ кор карданашонро медонанд; очаш барин. Санги ҷон! Ман ҳам баройи писар ба сарат санг мезанам. Ин қадар сар сахт макун! Танатро макаш, мафишор! Ба номи Худо, баройи худам. Баройи писар хонаву дар мекунам. Дигар кӣ дорам? Аз сари ғазаб фуро! Андак нарм шав! Ба ман ҳам раҳм бикун! Дар дастам мадор намонд. Дар сару тани ту на мӯй монду на пӯшок; варақ-варақу тора-тора париданд. Вале устухонат маҳкам будааст. Гӯё бо асалу мумиё устухонатро шах карда бошанд. Мешунавӣ бо ту чӣ хел муомила мекунам; чунон ки зани ману тракторчӣ. Агар ба ҳарфам гӯш накунӣ, хашму ғазабамро орӣ ва ҷонам гулӯгир гардад, чархи трактори ӯро канда, оварда ба сарат бор мекунам, санг, аз тораш як шиша солярка рехта оташ мезанам; суп-сурх мегардӣ, мағзат месӯзад оташ гирифта ва аз сарат оби сард мерезам, ки чун шишайи чароғи тафсида торс-торс пош мехурӣ; ту бо одам шӯхӣ накун; роҳашро меёбад, лекин баъди аз дасту пой мондан.

Бор борон! Аз кор монондӣ. Пой намедорад дар ин адири лағҷонак. Магарам, ба ҷойи ту худам ғелида то рӯйи сой равам. Э Худо! Ин ҳама ашки чашмони мананд. Аз рӯзе ки худ-

ро мешиносам, фаслу нофасл, ҳудаву беҳуда оби чашмам мерезад; гумон дорам, ки ҳамон ашкҳо ғубор шуда сӯйи осмон рафта, инак меборанд. Ба лаби сатил мерезанд.

Бас будагист борон? Сарамро шуштӣ, танамро шуштӣ. Вазни ҷомайи сангшиканиро бардошта наметавонам. Хайрият, ки поям луч. Вагарна даруни пойафзори надоштаам обхона мешуд. Ҳамааш баройи писар. Ҳамин ки хизматро соф карда омад, дар ин мулки бекорӣ барояш кор ёфт намешавад. Ё баргашта меравад, ё дастайи бодконро аз дастам мегирад. Чунки ба қавли радио «корҳо фалаҷ!» Худоҷон! Ягон кас духтар медода бошад ба писарам? Ман – ин хел; занак – ун хел; писар дар шаҳри урус.

«Ъай-е! Дар шохат бало! Дар рӯйи санги ман чӣ кор мекунӣ? Аз шайтониат намондӣ-дия! Ъай! Шохат шиканад, бесоҳиб!» (ъайнакро гирифта, бо чашми оддийи нобино менигарад, ки дар рӯйи санг чизе нест. Дастмурӯсак мекунад. Чизе ба дасташ намеояд. Механдад. Дар зери борон бо он аҳвол ханда аҷиб метобад, вале ӯ намебинад. Тасаввур мекунад.) Аҷиб. Худи Дунё аҷиб! Мӯйсафедон чунин мегуфтанд. Ҳамаашон зери хоканд. Ба ҳарфи ман касе бовар намекунад. Монанд ба гуфтаҳойи онҳо гӯям ҳам бовар намекунанд; зеро сухани ман асар надорад. Арбоб бояд сухан гӯяд. Дурӯғ гӯяд ҳам рост мебароранд. Назири Сиёҳ чун маст шавад сурудаш чунин буд: «Бепул суханат асар надорад, ҳоле, ки ту дорӣ, хар надорад...» Баъд аз сари девор садо мекард: «Замонбой! Мефаҳмӣ маънийи ҳамин ашуларо?» «Мефаҳмам ҳамсоя, лекин илоҷ надорам!» «Чӣ хелин илоҷ?» «Мефаҳмаму гуфта наметавонам!» Аз ин рӯ ман гунг. Мебинаму шинохта наметавонам; баройи ҳамин ман кӯр! Мешунаваму ҷавоб намегардонам; ман кар... (Сӯйи деҳа, дарвоза ва чанор нигариста.) Ин пардайи борон дидан намемонад-ку? (Тоқийи тарро аз сар гирифта, бо дасти дигар айнакро бардошта рӯю чашмон пок карда.) Ин пардайи тар пешбанд кардааст. Миёни душоха дурроҷ лона мегузошт. Чанд сол боз намеояд. Ягон сайёд шикор кард? Дар шохаҳойи дигар мурғакон лона мегузоранд. Баъд парида мераванд. Ба ҷойи чӯҷа хазон мешинад дар он лонаҳо... ман ҳам лона месозам. Чӯҷаяконам аз ғарибӣ барме-

гарданд. Хонадор мекунам. Онҳо ҳам чӯҷа мебароранд. Чашми кӯрам бино мешавад. Э Худо! (Сӯйи осмон дида дӯхта.) Мекушояд. Ҳавойи бад хуб мешавад. Одами бад бад мемонад. Абрҳойи сиёҳ сафед шуданд; мисоли муйи ман. Пеши қибла кушода шуд. Аммо занак нек нашуд. Ҷогаҳгурез шуд. «Аз ту бӯйи такка меояд» мегӯяд. Аммо бӯйи соляркаро нағз мебинад. Шабу рӯз дастат ба кор бошад. Ресмону дастайи бодкон аз дастат канда набошад, дар охури гову сари санг ҷӯлида гардӣ, ҳолат чӣ мешавад? Ун кас борин дойим зери шаршари чанор шустушӯй бикунӣ, озода мегардӣ. Олуфта! Хайр, боло худост. Ҳама чизро мебинад, мешунавад. Лекин чу ман пурбардошт; чизе намегӯяд. Баъд мегӯяд; фарҷоми кор. Сарат, ки ба девори лаҳад зад, суд надорад. Сари ман борин: Ана ин хел! Ана ин хел! (Сар ба санг зада.) Ана ин хел! Не, азоб. Коре кардан лозим, ки азобро кас нафаҳмад. Азоби дунёро кашидам бас. Дар пеш азоби гӯр. Як кас бошад, ки ман гӯяму ӯ амал кунад... Ҳамин хел кас – занак.

– Занак! Занак!! Занак!!!

– Чӣ мегӯйӣ?

– Сангфарсоро бардошта метонӣ? Ана ҳамин сангфарсойи аз зарби ба сари санг задан лабгардон шударо?

– Не!

– Натарс! Санг шикан намегӯям!

– Ҳа!

– Ман сарамро рӯйи санги сахт мегузорам. Ту сангфарсойи вазнинро боло мебардориву сарфарсо мекунӣ...

2.05.07.

## ПЕШМАРГИ ПИСАР

Гӯрканҳо ӯро жӯлидамӯй ва харошидарӯй диданд андар сари гӯр, вале муайян карда натавонистанд, ки аз кадом музофот аст ва чунин рӯйканиву мӯйканӣ одати кадом маҳал аст. Аз куҷое бошад, чеҳрайи ғамзадааш ва ранги коҳидааш аз кадом тухма буданашро аён месозад.

«Ман хонайи охирати ҷигарбандамро бо чашмони сар диданӣ».

«Хуб нест».

«Чӣ хел хуб нест? Модар аз аҳволи писар бохабар бошад, нохуб аст?»

«Не... Шумо озодапӯш метобед. Либосатон хоколуд мешавад».

«Хок бар сари озодагиам. Писарро аз даст додам...»

Гӯрканҳо дигар чизе гуфта натавонистанд. Ба рӯйи ҷавонзани пиртоб нигариста сар афшонданд, ки чунин ҳол барояшон нав нест:

«Гӯронидан – мерос. Аммо на модар писарро...»

Модари сияҳпӯш ба айвони лаҳад даромад ва аз гӯркобҳо напурсида хам шуд андар даҳонаи танги лаҳади торик. Гӯркане бо теша метарошид девори хонаро. Модар чӣ гуфта ӯро аз гӯр бароварданро намедонист.

«Намебаройӣ, ака?»

«Андаке монд».

«Буро, ака... Бинам, ки чени қади ӯ шудааст ё чени қади худам...»

«Чӣ хел?»

«Қомати ӯ аз қади ман ду ангушт боло шуда буд...»

Ва якбора баланд садо кард модар:

«Мошин очата мезад, намешуд, бачам?!»

Ва дигар чизе нагуфта, пеши чашмонаш пур аз ашк ҳаракати ба лаҳад даромадан кард.

«Андак, хоҳар! Канор биист, хокро берун партоям...»

Гӯркан бо ин сухан модарро боздоштанӣ буд. Рӯйи бел хок бардошт. Вале модар андар даҳанайи лаҳад монандайи чиму хишт истода буд, ки баъди ба хок супоридан даҳонгир кунанд. Дар ҳолате ки нишаста нигаҳ ба гӯри писар мекард, каме якбара лағзид. Ва ҳаёти чордаҳсолайи ягона писар пеши назар омад, ки бо чӣ душвориҳо ин моҳро пурра гардонида буд. Инак шомхӯрда мегардад моҳ; шаб тиратар мешавад ва субҳ дар гӯшайи фалак пораабри сафед метобад.

«Буро, ака!»

«Ҳозир, хоҳар! Ина буромадам...»

Сухани нарми гӯркан аз тир ҳам сахттар расид ба мағзи сари модар ва сӯзонда гузашт...

... ва ӯ гоҳе ба ҳуш омада равшанойиро дид, ки дар гӯр барқад мехобид ва гуфтори мардум ба гӯшаш мерасид:

– Ягон маҳрам дорад?

– Ягона маҳрамаш ҳамин писар буд.

Хуршед сӯйи мағриб рафта буд ва равшаниаш аз берун метофт. Дар сари гӯр рӯйи хоки канда қоматҳойи баланд сӯроб метофтанд. Зеро модар хуб намедид ва намешинохт онҳоро.

«Чен карда шудӣ, хоҳар?»

Шунид ин ҳарфро, лек посух надод. Балки андешид: «Чӣ ҷойи роҳату орамидан?.. Наход, ки ман ӯро озору азоб дода будам. Ранҷида буд? Дилозурда гашта буд? Пеш аз мӯҳлат аз олам сер гашта буд... Не... Худо медонад ҳамаашро, ки ман чун дар банди дилам бардошта бузургаш кардам, аммо ба бузургӣ нарасид... Гӯркоб танг кофтааст гӯрро... Ду кас ҷой намешавад. «Баро!» магӯ маро. Ман нав ҷоямро ёфтам. Писаракам ин чизро пай бурдааст, ки дер ё зуд ба ин хона меояд. Азобҳойи маро дида, рӯ аз азоб тофт... Ба гумонам ӯро мошин назадааст, балки худро зери мошин андохтааст. Дидаву doneста кард ин корро. Инак ман ҳам ҷойи роҳатамро ёфтам... Дигар намебароям. Писаракамро гузоред паҳлӯям. Зеро ман бояд пештар мемурдам аз ӯ. Зеро дертар мирам каси маро ба хок месупоридагӣ нест. Он вақт аз ягон гӯрков илтимос мекунанд: «Худатон монед, халифа!» Ман он вақт наъра кашида хоки гӯрро ба сар бардошта хеста наметавонам. Ин беҳтарин лаҳза аст, ки пешмарги писар шавам...»

«Буро хоҳар!»

«... Буро магӯ, ки ҷонам баромада...»

«Чӣ хел хоҳар? Чен кардӣ?»

«Боз кофтан лозим. Ҳоло ӯ ба воят нарасида... Боз кад мекашад...»

3.05.07.

## ГӮР РОҲ НАМЕДИҲАД

Ҳаво он қадар гарм, ки мардуми ҷанозахон дар сояйи дарахтони тутони каллак араҷи сару гарданро ба зӯрбо рӯймолчайи аз арақ таршуда, остини яктаҳ, фаши салла ва ё кафи дастон пок мекунанд. Ва гурӯҳ-гурӯҳ рӯ ба рӯйи офтоби ғуруб сар хам дошта нигарони сухани бакавулмарде мешаванд, ки навдайи

думетрайи дасташро кай як сӯ гузошта оҳи сабук мекашад. Зеро нашумурдаанд, ки ин навдайи дарозро чанд бор ба қади мурдайи даруни тобут чен карда, ба гӯри нимкан мебарад, ки бар қадди лаҳади кандаашон дароз кунанд. Сонӣ ӯ сар афшонда боз ҷониби тобути дар сояйи тутони панҷазада меояд, ки ё ӯ хато мекунад дар чен кардан ва ё гӯркобҳо чен карда наметавонанд: «Аз субҳ гӯр мекобанд... қариб, ки офтоб ғуруб кунад. Замини Фарғар барин сангу шах набошад, ки канда нашавад. Замини пахтакорӣ. Худо худат донӣ...»

Ҷанозахонҳойи ба тангомада ҳам миёни худ миш-миш карда наметавонистанд. Зеро саршуморе аз эшон майитро хуб шиносанд. Бисёриҳо ба хотири хотирҳо ё савобгирӣ омадаанд. Аммо ба якдигар менигаранд бо суол; чизе намегӯянд. Маънийи нигоҳашон равшан: «Гӯр роҳ намедиҳад». Дафтари аъмоли ӯро варақ мегардонанд. Лек касе намедонад, ки раҳматӣ ягон кори носавобе карда бошад. Мегашт, мехӯрд; рафиқдориву ҷӯрабозӣ мекард, вале ёд надоранд, ки хуни ноҳақ рехта ва ё касеро озор дода бошад. На. Касе ёд надорад кори бади ӯро. Ин ҳамин хел гирифте ё гиреҳе бояд бошад аз ҷониби Замин. Лек маънийи чунин ҳолатро ба ҳар сӯ мекашанд; ба бадкориву хунхорӣ мерасонанд. Аммо ягон бадкор ё хунхорро Замин аз гӯр бароварда напартофтааст. Танҳо як ривоят ҳаст, ки дар кадом замон гӯре таркида бахилеро рӯйи хок андохтааст. Ин масал аз он замон боқӣ монда: «Бахилро дар ду олам гӯр танг аст...»

«Як ваҷаб дароз гиред!»

Чунин маслиҳат сахт нафорид ҷӯббадастро. Як ҷониби овоз норозиёна нигаристу чизе нагуфт. Ҷойи сухан нест: «Аввал ба ҳамин ченак роҳ диҳад!» Аммо гуфта натавонист. Ба назар либоси меросӣ – кавшу маҳсӣ, тоқийи сабзи гирда ва яктаҳи сабзу фӯтайи обинусхааш сухан мегуфт. Ва сари маърака ё райиси маҳалла буданашро аён месохт. «Шояд меҳмон бошад ӯ. Ё бехабар аз ҳама воқеъоту ҳодисоти олам?» Ӯ арақи сару гардан пок кард бо остини яктаҳ. Нарди дароз дар даст сар афшонда ҷониби гӯр рафт.

Ҷанозахонҳо ба миш-мишу баногӯшӣ даромаданд. Зери лаб дуъо мехонданд; ҳар кадом кардаву накарда ёд меоварду

гиребони хеш мегирифт ва сар андохта, дида ба замин медӯхт: «Худованд нишон медиҳад бандаҳояшро!» Ин лаҳзае буд, ки ҳама аз кардаҳойи бад пушаймонӣ доштанд. Шояд то роҳ додани гӯр чунин андеша дар сарашон давр гардад... Лек дили одаткарда – балойи ҷон... Ба назар зери куртаву эзорашон кайк даромад: дар баданашон чизе меҷунбид ё танашон хориш мекард: «Омадани чунин ҳол ба сари ҳар кас аз эҳтимол дур нест. Чунки бандайи бегуноҳе нест. «Ҳар кӣ хеш порсо гирад, гунаҳгортар аст».

Яке садойи бакавул баланд шуд:

«Ҳар кас аз роҳи дур омадаст, хуш омадаст! Чунки...»

Меҳмонон як-як нигаристанд ба ҳам ва пурсу посухе накарда, яке нафаси аҷиб, дигаре садойи пасту ғариб бароварда, қомат барафрохтанд аз замин; баъзе дастрӯймоли ба зер густурдаро фаромӯш карда, дилу нимдил рафтанд бо роҳи омадаашон.

Офтоби монанд ба ташти оташ бар сари девори канори ин дунё амонат ҷой дошт ва ҳамин замон паси девор меғелид.

Гоҳи рафтан яке гуфт: «Дигар корҳояшро намедонам. Лек раҳматӣ кам-кам одати хабаркашӣ дошт. Дӯстро душман мекардагӣ ҳамин одат...»

4.05.07.

## НИШОНИ ШОЪИР

Аз Шоъир фарзанд ва китоб ба мерос монд. Аммо унвоне ё нишоне аз мукофот намонда буд. Зеро новақт падруд гуфт олами рӯшанро. Ҷавонмарги пойтахтнишинро аҷал пешандоз карда ба зодгоҳаш Кӯҳистон бурд ва дард расиду фавтид. Пайвандонаш ҷасади ӯро дар як баландийи ба таъбаш мувофиқ ба хок супориданд; лек «шашмақомхонӣ» нашуд. Нишонҳойи давлативу ҳукуматӣ ҳам надошт, ки рӯйи болиштакҳо бардошта, пешопеши тобут бубаранд; сураташро ҳам дар чорчӯба нагирифта буданд; бо латтаҳойи сурху сиёҳ ба сарсина назада буданд. Оддӣ, чун як кӯҳистонӣ, ки ҳеҷ замон зиндагиаш дабдаба надошт, чунон ки ҳоло мурдагиаш; тобутро сари дӯш бардошта ба он баландӣ бароварданд...

Пасон ӯ дар зери теппахок шастсола шуд. Ана дар ҳамин синну сол пайвандон шасти ӯро ҷашн гирифтанд ва нишони

сари синагӣ низ сохтанд. Аз ҳамон рӯз Собит медалдор шуд. Нишони падарро болойи дил бардошта мегашт ва ба ҳамин хотир тамоми фаслҳо костюм мепӯшид. Касоне, ки чунин нишонро дар сари синайи «қаҳрамонон»-и Замон надидаанд, хам шуда, чашм ба сари синайи Собит оварда, ӯро шинохтанӣ мешуданд. «Ансориро монад...» Сари синайи писар медамад аз чунин ҳарф. Сонӣ худаш ҳам сар хам карда ба нишони сари синааш менигарад ва ҷойи ифтихорро хорӣ мегирад. Ба қадри хеш бошад ё ба қадри падар дилаш мегиряд. Ҳувайдо намесозад. Дили тафсидааш ашки ҷӯшидаро фурӯ мебарад. Ё ҳамин нишон нагузорад сиришк шоридани писарро. Зеро нишон дар сари синааш ҷон гирифта, чашм кушода ҳама чизро мебинад ва ҳоҷати ба гӯши қуфлзадаву чашми пӯшидааш гуфтани ин ё он ҳодисаву воқеъа нест. Ҳама чиз равшан ва ҳама касу ҳама ҷо ошно; ягон чиз тағйир наёфтааст. Собит ҳам чунон зиндагӣ мекунад, ки падар мекард: ҳамон чордевор; ҳамон сурати даруни чорчӯба; ҳамон дастархони як лабаш қатгардонида аз ҷабри пашша. Ана ҳамин пашша душмани бадтоли инсон, лекин ҳама дар хонааш роҳ медиҳад; аввал ӯ аз хӯрданиҳо чашойӣ мекунад, пасон одамон мехӯранд: «Пашша хӯрду намурд. Захр надоштааст».

Собит намедонад, ки падараш чун мурд: аҷалаш расида ё беаҷал? Дилаш сӯзад, ки новақт рафт. Аз нозу неъмати гетӣ сер нашуд; чизе надид; дониставу сигол гуфта натавонист... рафт. Шояд Оламеро, ки пиндошта буд, надид; одамонро, ки буданашонро орзу мекард, дарнаёфт; ҳамсӯҳбатеро, ки зиёд мехост, пайдо накард... Ин дунёро киройи зистан надонист ва рафт. Аммо касе надонист, ки чун рафт. Ба хонайи падарӣ омаду «хунук мехӯрам» гуфт ва кӯрпа ба сар печиду хобид ва бедор нашуд. Аз ин рӯ алами Собит зиёд, ки падар дар миёни як олам ҷондор мурду касе намедонад, ки чун мурд.

Ӯ нишони падар бар сарсина бардошта мегардад; болотар аз ҳамагуна нишонҳо. Дигарон нишонҳойи бегона бар сари сина бардошта бо ифтихор, баландсар, нерӯманд қадам заннанд, Собит нишони падар мебардорад, ки доштааш дар ин дунё ҳамин аст.

9.05.07.

## ҶАНГ

– Ту чаро дар вақти ҷанг мегурезӣ?

– Охир...

– Не-не, чаро дар авҷи ҷанг мегурезӣ?

– Охир...

– Не-не, чаро хомӯшу тарсу мегурезӣ?

– Нагурезам...

– Нагурезӣ, мекушад-а?

– Нагурезам, мемурам...

– Ягон кас мекушад?

– Не... Дилам торс мекафаду мемурам.

– Чӣ? Ягон кас ба ту зулм кард, ситам кард?

– Не...

– Баъд чӣ хел дилат торс кафида мемурдайӣ?

– Дилам соф шудагӣ. Об якзарба чакидан гирад, сангро шикоф мекунад.

– Ба ту чӣ бадӣ кардам?

– Бадӣ накардаед. Лекин магнитафонатон як қартаро тоб додан мегирад... Лентайи магнитафони шумо мана хӯрда кард... Гап як бор мешудагист, ду бор мешудагист!?

– Агар ба як бору ду бор камбудӣ ислоҳ мешуд...

– Як умр «чоят маззайи зак медиҳад!» мегӯед...

– Рост мегӯям!

– Ман зак ҳамроҳ кардам ба об? Худатон вақти ағбаро гузаштан раҳораҳ нишон дода мегуфтед, ки мардуми қадоба обхона надорад. Ҳар ҷо рост ояд, мешинад. Барфу борон, ки борид, шушта ба рудбор нишеб мекунад... Ман чӣ хел он маззаву таъмро аз ин оби равон ҷудо кунам?

– Гуфтам-ку, ҷӯшонда дар зарфҳойи калон гирифта мон, такшон шавад.

– Ҳамин хел кардам, батар шуд. Ҳал гашта батар шуд.

– Хӯрок мепазӣ, гӯшт бӯйи ҷин мекунад.

– Боз айби ман. Худатон гуфтед, ки дар кӯҳ мол мурад, чӯпони баинсоф мурдаро бар хар бор карда то деҳа меорад, ки ишкамбаву рӯдааш якҷоя мешавад. Соҳиби мол он гӯштро ба қассобхонайи шаҳр мебарад. Қассоб, аз сад навадро зада, гӯшти ӯро насия мегирад ва ба гӯшти моли хеш сарборӣ карда мефурӯшад ва...

– Ва ту онро пухта наметавонӣ?!... Чаро ман ба ту гап мезанам? Ҳама гуфтаҳоямро ба рӯям мекашӣ. Ман ин чизҳоро барои он мегӯям, ки ту бо эҳтиёт кор кунӣ. Хӯрокҳои болаззат пазӣ... Бе хизмати ту ҳам дар ошхонаҳо заҳру зақум мехӯрем. Агар кас дар хонааш ҳам як умр заҳр хӯрад... ин дунё чӣ дунёест?

– Ва шумо заҳратонро ба ман мечакконед!

– Не! Андешаи ман дигар: ин дунё кирои зистан надорад. Тарзе бояд зиндагӣ кард, ки кас ба он дунё рафта пушаймониашро зоҳир накунад.

– Ин аз ману шумо вобаста?

– Боз аз кӣ?

– Биёед, лаби об равем; ҳалолро аз ҳаром ҷудо кунем...

– Ин кори ману ту не! Мо дар хонаи худамон хӯҷайин!

– Зӯри шумо фақат ба ман мерасад.

– Барои он ки ту – хурд, ман – калон! Ман – калон, ту – хурд...

16.05.07.

## ПАЙМОН

Дина чилсолагийи пирӯзӣ бар фашистони гитлерӣ ҷашн гирифта шуд. Дар тантана касе номи Степан Сергеевич Салимовро ба ёд наовард. Пеш аз ин дар солгардҳои ҷашни ғалаба сират ва сурати Степан Сергеевич ҳама рӯзномаҳоро пур мекард, ки башардӯстӣ аз ин зиёд намешавад. Ӯ садрнишин, болонишин ва пешгуфтори ҳар маъракa буд. Як костуми махсус дошт ва ҳама ордену медалу нишонҳояшро сари синаи он ба тартиб нишонда, як навъ рӯйин гардонда буд ва хеле гаронвазн. Аввалҳо «даҳ баробари дигар вазнин бошад, мебардорам» мегуфт ва оҳиста-оҳиста гаронии онро эҳсос мекард. На аз он ки солаш меравад, нерӯяш низ. На! Кадом хаёл ё андеша ва ё дарди дарун озораш медод. Дар базму ҷашнҳои бузург шинад ҳам, шодмониву ситойиш зиёд бошад ҳам зери нишонҳои қатору розпӯш дилаш метапид ва гоҳе меларзид. Чунин ҳол гоҳ-гоҳ рух медод; гоҳе ки дар борайи ордену медалҳо пур андеша кунад. Ё баъди сахт ба ҳаяҷон омада, корзорҳои ҷангро пеши назар оварда, ҳикоят карданаш; ба фашистони олмонӣ лаънат хонданаш ва марги

Степан Сергеевичро ёд овардану «паймон» бастанашонро ибрат нишон доданаш... сахт меларзиду зери обу арақ мемонд ва аз ҳолат мерафт. Ҳар бор чунин ҳолати ӯро қаҳрамонийи нав мепиндоштанд. Валек ҷиготаш гирифта, дилаш афшурда. Қаҳрамонийи чунин касро, ки дар корзорҳо баҳодур бошаду гоҳи ёд овардани саргузашт чунин пажмурад ё хешро нигоҳ дошта натавонад, баъзеҳо шубҳа карданд. Аммо барои он ки ҷавонон ва наслҳои ояндаро ибрат бошад, бо мошин ё бо замбар бардошта то вохӯриҳо бурдан зараре надошт. Худи Степан низ ҳамин чизро мехост... Аммо якбора ба сараш зад, ки аз ин ҳам зиёдтар хушбахтӣ ҳаст: номзадиашро ба депутатӣ бояд гузорад. Қаҳрамонӣ – кам; намояндаи халқ бояд буд. Номзадиашро ба депутатӣ пешниҳод карданд. Он солҳо нав телевизор бо номи Ойинаи Ҷаҳоннамо ба намойиш сар карда буд. Ин номзадро ҳам дар қатори ҳарифон нишон медоданд ва сӯҳбат мекарданд.

– Шумо зодаи Тоҷикистон, миллататон тоҷик. Чарономатон тоҷикӣ нест?

– Даҳани захми мана яла кардед... Худатон медонед, ки Ҷанги Бузурги Ватанӣ фақат ҷанг ба муқобили русҳо набуд. Бар зидди ҳама одамони Иттифоқи Советӣ буд. Дар ин ҷанг аз ҳама гӯшаву канори мамлакати паҳноварамон ватандорон иштирок доштанд. Бо якдигар ёру бародар шуда буданд. Яке барои дигаре ҷон медод. Ману Степан Сергеевичи тулагӣ паймони бародарӣ бастем: «Касе аз мо зинда монад, номи дигареро бардорад». Ман мурам, ӯ бояд Суръат мешуд. Ӯ мурд, ман Степан шудам...»

Ларзид. Арақ пахш кардаш. Дигар чизе гуфта натавонист. Ойинаи нилгун сиёҳ шуд. Боз равшан гашта, гӯянда намуд. Ба ҷойи қаҳрамон узр пурсид аз тамошобинон...

Аммо тамошобиноне низ буданд, ки ҳам қаҳрамонро дашном дода, фиребашро ошкор карданӣ мешуданд ва ҳам барандаи ноогоҳро сахту сақат мегуфтанд:

«О, ин Сурат-ку?!»

Гӯйӣ як деҳа тамошобин ва шиносҳои атроф ӯро шинохтанд, ки баъди аз майдони ҷанг баргаштан (чанд сол дер) дар деҳа умр ба сар бурд ва мишмишу баногӯшийи шиносонро

пай бурда, дум хода кард ва бенишон гашт. Дар мӯйҳояш сафедӣ афтода бошад ҳам шинохтанд:

– О, ин ҳамон Сурати гуреза... пленафтода... Гапҳое, ки ӯ мегӯяд рӯсиёҳист. Нағма. Бофта...

– Шумо намедонед, ман медонам ин чизро: аз асирӣ гурехта, ноилоҷ монда чунин найрангро сохтааст. Гӯё ҳамяроқаш Степан мурдаву Суръат таги хок мондааст. Баъди чанд рӯз аз зери хок ҷунбида баромадааст... Касе ё маҳаллеро пайдо накарда оввораву сарсон, батар аз мурда, то қисми ҳарбие расидааст ва арза доштааст паймонро. Сонӣ ному насаби Степан Сергеевичро дар шиноснома дарҷ карда як тану ду ҷон ба диёр баргаштааст...

Ва ариза навиштанд ҳамдиёрони ҳақгӯй. Номзадиаш ба депутатӣ боздошта шуд. Аммо ҳамчун қаҳрамон дар таърих монд.

25.05.07.

## ШОХИ ШИКАСТА

Шохи тут худ аз худ шикаст. Наход ба вазни як нарди печидайи ток, ки нав ғӯра баста буд, ҳамин хел шохи неруманд хам оварда шиканад. Боз чӣ хел шикастан? Чунон ки шикаста афтад ё дар пӯст овезад, ё сар ба замин расида нигаҳ дорад, на. Хам оварда чунон, тана дукафон ҷаққида, роғ пайдо кард, ки аз байнаш гурба мегузашт. Баъдтар нард хам хӯрда ба замин расид ва мурғон ангурро хомохом ғӯраоб карданд. Сонӣ ҳамон мурғон нест шуданд: аввал хурӯси сафед, баъд хурӯси сурх ва мокиёнҳо ба навбат. Шағол бурд, саг хӯрд ё муш ва ё дузд бурд, маълум нагашт. Лекин як мокиёни тарсончак кучое баҷо шудааст, ки тухмӣ монд. Вале чунон пару бол резонд, ки суп-сурх гӯшт гашта ғашовар шуд. «Мурғу пару бол» будааст.

Айёми баргрез шохро буриданд. Арра шикаст: «Балойи омада ба ҳамин занад!» гуфтанд. Муаммойи сарбаста.

Рӯзе Ҷовидон ҷӯра овард. Ҷӯрааш дар кулбайи ӯ чӣ бӯй гирифтааст, ки фармудааст: «Ҷилди кӯрпаро чок бикун». Ҷовидон хандидааст: «Чаро?»

– Корд ё дукорда биёр!

– Мон шӯхиҳота!

– Не-не, бешӯхӣ! Ман дур меистам. Ана паҳлӯйи кӯрпаро чок бикун.

Ҷовидон абраву астари кӯрпаро чок карда, чизе надидааст.

– Пахтаашро тит бикун!

Аз қабати пахта бастае баромадааст ба андозайи нохун. Андарунаш печида ба клёнка риштайи сергиреҳ, мӯйи сар, нохун... ва баъзе чизҳойи норавшан.

Чароғи хонайи ӯро фурӯзон дида дарро кушодам. Ҷӯрааш як қад парид, ки асрор ҳувайдо кардам. То онҳо парешон набошанд, салом гуфтам.

– Дада, ин кас ҷӯраам...

– Кӯрпа чаро ба чунин ҳол?

Ҷовидон чизе нагуфта он чизҳо рӯйи вараҷе пеш овард ва хомӯш маро намуд.

Баъди шиносойӣ бо Шамс, аз назари кунҷкобӣ, хоҳиш кардам, то ба кулбайи ман низ сар халонад.

Шамс пой аз остона дарун ниҳод ва ба рафи китобҳо дида дӯхт; ҳама ҷоро дида давонд ва баромада «зери остонаро бинед» гуфт. То фармуда иҷро шавад остонаро бояд канд. Аммо зери тахтайи остона роғе дошт, ки неши корд ҳам намерафт. Сӯзан ё симаке лозим буд. Симаке пайдо шуд. Андохт ба роғу кашид. Баъди чанд раҳ амал кардан риштае омад ба нӯки сим. Кӯҳна, рангбохта буд ва ҳуллида, ки тораке андармон медошт. Гиреҳи зиёд дошт. Ман тааҷҷуб кардам. Шамс дур рафт. Корде, ки дошт зери бинӣ овард ва бӯй кашида рост ба бехи ток нигаронд ва гуфт: «Бехи токро кобед!» Азбаскӣ шаб буд, афзуд: «Хокашро зери айвон оред ва дар равшанийи чароғ тит карда бинед!» Ду-се бел хокро оварда тит карда диданд. Чизе нест. «Даруntар кобед!» Оқибат гиреҳе омад ба лой ҷӯлида. «Дар косае об оред!» Гиреҳро андаруни оби коса андохта шустанд ва латтааш ворафт. Боз баромад риштайи садгиреҳ, мӯй, нохун, дандони сафед, ки муайян карданаш сахт душвор буд, ки дандони чист ё кист, зеро бо решааш буд, лек решайи душоха на. Миёни решайи рости монанд ба пласмасӣ борикшуда; мехе қатгашта ба шакли ҳарфи «Г» буд ва ҷойи қатро занг хӯрда, тораке медошт.

– Амак, ин амал бар нобудийи шумо. Аввал бояд току дарахтро нобуд мекард, сонӣ ба шумо осебе мерасид. Дарахти

тут балогардони шумо шудааст. Акнун корҳоятон пешрав хоҳад шуд...

– Наход ба мани ба роҳи худ рост ҳам чунин бадӣ кунанд.

– Душмандорӣ... Душманатон хонагӣ...

26.05.07.

## БАЙТҲОЙИ СОҲИБ

– «Дарди Дил» ҳаст?

Соҳиб ба пой рост шуд, аммо садо набаровард, ки омади баҳор хубие надорад.

– Ҳамон шоир шумо?

Соҳиб чизе нагуфт. Андеша дошт: «гӯсола чаппа омадагӣ барин...»

– Шумо дар кадом замон ва дар куҷо кор мекунед?

– Дар замони Истиқлолият. Дар шӯъбайи «Амрози Дил»-и бемористони ноҳияйи...

– Ноҷо омадаед. Шумо – шоир. Бояд, ки райиси иттифоқи нависандагон мешудед... Лекин «бо ҳазор дард» сарпизишки касалиҳойи дил шудаед?

– Рафиқ сардухтур...

– ... деворҳойи касалистон аз шеърҳойи шумо ранга шудааст:

«Аҳволи ман мапурс, ки бо сад ҳазор дард,

Мебоядам ба дарди дили дигарон расид! (Соиб.)

– ... Ра...

– Кам не, ғам не! «Сад ҳазор дард». Инсоф кунед, аз баройи Худо! Ин хел одам, ки сад не, ҳазор не, сад ҳазор дард дорад ва худашро муолиҷа карда наметавонад, чи хел дигаронро табобат мекунад? Ҳӯй! Инсоф кунед! Ман ба ҷойи шумо бошам, як дақиқа ҳам дар ин балниса кор намекунам! Шармандагӣ! Ман аз шумо бошам, аз худи ҳамин зол буромада меравам! Шумо на танҳо касалиҳоро табобат карда наметавонед, ҳар дардатон ба як касал гузарад, сад ҳазор одамро мекушед! Ҳол он ки ноҳияйи мо сад ҳазор одам надорад! Инсоф кунед!!!

Соҳиб инсоф кард: Бархосту рӯ гардонд ва рост рафта дари толорро ба пой кушод...

26.05.07.

## ЁЛИҚЧА

Онҳо ба Олимпиада омада буданд. Дар он солҳо, ки зан нақши занро бозида наметавонист, Ҳасан ағоча шуда нақши кадом занро бозӣ мекард ва Ёлиқчаро чун тифли парпеч бағал гирифта, мегардонд. Ҳамон Ёлиқчайи паканайи бурутдорро. Рӯзе чунин нақшбозӣ ба кор омад: Дар кинотеатри «Деҳқон» филми нахустини беовозро намойиш медоданд ва он қадар сафу қатор истода чипта мехариданд, ки то шом навбат намерасид. Лекин аз кӯҳистони дур ба Олимпиада омадагон он қадар шавқи тамошойи филмро доштанд, ки андоза надошт. Ҳасан боз нақш бозид: Либоси занонаашро пӯшида бачайи бурутчадорашро бағал гирифт ва ба навбат истод. Дар он замон ба тамошойи театру кинотеатр омадани зан ҳам шараф буд. Зани бачабағалро бенавбат пеш гузоштанд ва марде омада аз дасти «зан» тифлро бурд. Ағоча чипта гирифта аз ғурфайи хазина дур шуд. Чиптафурӯш сар бурун оварда садо дод:

«Бақияйи пулатонро гиред!»

Ағоча ба пас нигоҳ накарда даст афшонд ва саргиракаш пас лағзид.

27.05.07.

## ПАҲЛАВОН

Паҳлавон зӯр дошту ақл на. Аз ин рӯ баъзе нозукиҳойи маслаҳати дӯстонро нафаҳмид. Онҳо шарт монда буданд, ки дар дасти дуввуми гӯштӣ бояд биафтад ва Сангак пирӯз гардад; сонӣ Сангаки пирӯз бо Паҳлавон муомила мекунад. Аммо Паҳлавон нафаҳмид ва намедонист, ки муомила чӣ гуна бояд шавад. Аз ин рӯ дар дасти якум зери обу арақ монда зиёд андешид ва наъра кашида Сангакро ба сар бардошт. Довар тозон дошту гуфт: «Мекушиш...» Паҳлавон тарсид ва оҳиста ҳарифро росто ба замин гузошт: «Шӯхӣ накун...» як садойи паст буд. Паҳлавон сарфаҳм нарафт, ки садойи кист. Лек медонист, ки бо Сангак гӯш ба гӯшанд. Дар чунон ҳолат пеши назараш омад, ки Сангак сари фармони мошини жигулий нишаста аз назди истгоҳ гузашт ва ба Паҳлавон нигоҳ накард. Алам кард ӯро. Сахт алам кард ва сиву ду рагро тарангу ҷамъ карда ҳарифро бори дигар ба сар бардошт ва гардонда ба замин зад.

– Чӣ кардӣ?

– Ӯ паймон шикаст; ба ман нигоҳ накард.

Аммо ин муаммойи Паҳлавонро довар нафаҳмид...

Каф кӯфтанд тамошобинон.

Баъди чилу як рӯз мошинро зери ҷар ёфтанд ва Паҳлавонро мурда.

27.05.07.

## ВАЗИР МЕОЯД!

«Вазир меояд!» Ин ҳарф чун «шоҳ меояд!» садо дод ба гӯши кормандони бинойи «Харчанг». Онҳо дасту по хӯрданд ва косакуҷомонам шуданд. Зеро вазири нав ҳамонанди вазирони пешин хушмуомила, адофаҳм набуд; балки андешае ба сараш ояд, бояд он кор иҷро мешуд ва дар ҷойи ҳодиса даҳонакӣ фармони «Озоду қабул» мебаровард. Пизишкон он қадар не, лек сарпизишку муовинҳо ва баъзе тагтарҳо мисоли барги сафедор меларзиданд аз чунин бод. Ҳоло чунин ҳол рух дод. Чунки даҳ сол боз аз вагон он тараф замин ҷорӯб надидааст ё касе буттайи хори онро накандааст. Марминҷон маризи беморони ин бино барин ҳазорреша шудааст ва дармон надорад. Аз ин рӯ сарпизишк амр ба тоза кардани майдону даруни биноҳойи нимсохти ба обхона мубаддалгашта дод. Мудири хоҷагӣ крани борбардор фармуда, вагони зери чанорро, ки дар хазони дерсола қариб ноаён гашта буд, бардошта рӯйи роҳ уреб гузошт, то вазир он тарафро набинад. Лек бӯйи мушкро пинҳон карда нашавад; бӯйи ҷаму мағори зери вагон ҳаворо вайрон кард; бӯйи хазони чанор ва ифлосиҳойи дигар ҳам баромад. Сарпизишк ба шӯр омад. Чунки вагон дар паси девори ба шакли партовгоҳ сохтайи паси тирезайи ӯ буд. Хун ба сараш зад, ки то рӯзи вазиромад ин бӯйро аз дару девор ва пардаҳойи бемористон ва танайи дарахтон дур карда намешавад. Ин бӯй батар аз бӯйи таҳхонаву ошёнаҳойи бинойи нимсохт буд. «Як шабонарӯз вақт ҳаст. Ҳамаро тоза мекунӣ! Бӯйро нест мекунӣ!...»

«Наметонам, сардор... Ина арза...»

«Арзаат пешпешу худат аз қафо... Баъди омада рафтани комиссия дида мебароем арзаатро!»

Вале мудир ҳама қусурро аз ҳамсояҳо ситониданӣ шуд; як

ҷонфидо ва қаровули бемористонро ба сари онҳо фиристод: «Дарвозаҳойи ба рӯйи «Харчанг» кушодаатонро лой занед!» Амри мудирро чунин расониданд. Посух гирифта омаданд: «Мудиратонро гӯед! Харитайи масоҳати бемористонатонро бинад; агар замини дами дарвозайи мо аз они «Харчанг» бошад, ҳатман дарвозаҳоро лой хоҳем зад. Вагарна...»

Чунин хабарро расониданд ё на? Посух наомад. Аммо рӯзе як папкабадасти паканайи шикамкорсон ва пӯсташ офтобнадида пирмарди дами дарвоза ба мурғон донпошидаро дида пурсид:

– Мурғҳойи шумо?

– Бале.

– Шумо медонед, ки ин ҷо болниса?

– Медонам. Ин ҷо не! Ҳо он ҷо!

– Вазир меояд! Мо ин ҷойҳоро тоза мекунем. Шумо мурғдорӣ накунед! Ин ҷо шаҳр!

– Шумо аз қарорҳойи шоҳ бехабар аз афти кор? Беҳтар, ки шумо ба пешвози Вазир не, ҳар гоҳ масоҳати бемористонатонро тозаву тамиз кунед. Ишорайи шуморо фаҳмидам: аз тарс. Мамлакатҳое ҳастанд, ки баройи чидану тоза кардани ошхона ё ҷое мурғ сар медиҳанд. Шумо ифлосиҳойи бемористонатонро ба сари мурғони ман бор мекунед...

– Ӯӯӯй! Ман шумоя предупреждат карда истодаам...

– Ҳоҷат нест! Ман ин чизҳоро хуб медонам. Шумо партовҳоро бардоред! Таҳхонаҳойи аз ҳоҷатхона батари биноҳойи нимсохтаро тоза гардонед. Мурдайи сагҳойи байни оҳанбетонҳоро саришта кунед; марминҷонҳойи ба боғи адибон гузаштаро решакан созед... умуман ба одам монанд шавед... вале аз вазир натарсед. Агар вазир масоҳати касалхонаатонро дуруст бинад, гуфтаҳойи маро мегӯяд. Ҳоло ман «фоҳишахона» будани ошёнаҳойи нимсозро намегӯям, афгонаҳойи бесоҳиби миёни марминҷон пӯсидаро хабар намедиҳам... Дарахтони туту чанори даруни хонаҳо рӯйидаро...

– Ҳамсоя! Арзаам навиштагӣ... Як даҳан гуфтам. Оё якдигарро бинем ё набинем...

27.05.07.

## ТОҚИВОР

Аз тирезаи чархбол диданд кашокашро. Кашокаши оддӣ на! Маҳшар. Мардум якдигарро кашида як сӯ мебаранд ва боз ба ин сӯ мекашанд. Як чизи ҳисса нашударо чун мерос пора-пора карда гирифтанӣ мешаванд, аммо зӯрашон намерасад. Гӯё меросӣ ниҳоят гаронбаҳост. Бузкашӣ ҳам чунин намешавад. Ба д-он монад, ки ягон бадгуҳарро чорлахт карданианд. Волик аз Расул пурсид: «чӣ ҳодиса?» Расул гуфт: «Шояд бузкашӣ бошад». Волик бовар накарда ба Кумитаи амният занг зада огоҳонид, то аз воқеъа хабардор гашта, баёнот диҳанд.

Ҷанозаи Ҳазрат будааст. Тоқивор(иртиш) мекашидаанд ба табаррук. Кумита вазифадор шуд, то одамони намоёни дар ин ҷаноза бударо рӯйихат кунад. Агар узви партия бошад, ба Кумитаи марказӣ даъваташон кардanд.

– Раҷаби Кабуд! Будӣ?

Ӯ аввал ба тасдиқ сар андохт, сонӣ ба аломати рад ба ду тараф ҷунбонд.

Расул сӯйи Волик нигарист:

– Дидед? Рад мекунад!

– Онҳо буд мегӯянд-ку? Навиштаанд.

– Онҳо дигар касро дидаанд. Ин хел шофбурути сапсафеди ишкамдор ва чашмонаш кабуд дар тарафҳойи онҳо лаб задааст. Кадоми дигарро дидаанд... Ҳамин хел не: Кабуд?!

– Ҳамин хел, рафиқ...

– Ҷавоб!

Баъди чанд вақт Расулу Раҷаби Кабуд рӯ ба рӯ омаданд.

Расул: «Агар ҳамон вақт аввал буданатро рад мекардӣ, қабрата меканданд. Хуб, ки аввал ба ишора «Будам» гуфтиву сонӣ рад кардӣ...»

28.05.07.

## ПИЁЛА

Ҳамсоязан, ки «Би-би-си» ном бардошта буд, пиёла паси девор дошта моҷаройи хонаи ҳамсояро гӯш медод. Пиёлайи овоздузд аз байни оҳану санг ҳам садоро кашида мешунавонд. Моҷаройи заношӯйӣ буд:

– Ту бо ман шӯхӣ накун, мардак! Понздаҳ сол тоқат кардам, бас! Косайи сабрамро лабрез кардӣ! Ман аз кӣ кам? Дар вақташ пеши пом афтида, оби дида рехтӣ, ки гирам ҳам туро мегирам, нагирам ҳам... Нагирам, ҳур мегузарам... Акнун... (Пиёла хуб садоро накашид ё зани ҳамсоя гулӯгир шуд).

Пиёладор: «Занак рост мегӯяд. Силу зардоб шуд. Ҳамин хел шӯ хоҳ бошад, хоҳ не.»

Келин: «Мардаки хуб-ку, хола? Ҷангу бонг надорад...»

Пиёладор: «Аз ҷо медонӣ? Қатиш хоб карда будӣ?»

Дами келин гирифт. Чӣ хушдоман будани ӯро медонист. Бо вуҷуди он сахт дард кашид. Печид ба худ. Забон газид. Ангуштони мушт кардаашро кушод. Нарм гуфт:

«То ҳол садояшро ҳамсояҳо нашунидаанд. Бинед, ҳамин қадар занаш менавозад, ҷиққаш намебурод».

Пиёладор: «Тагаш тар-дия...»

Келин: «Э не-йе, мардаки хуб».

Пиёладор: «Ман беҳуда гап намезанам. Аз дилам, ки гузашт, ба забонам меояд.Ту ҳам ягон бало дорӣ, чӣ? Тарафашро мегирӣ?»

Келин: «Ба шумо гап зада намешвад... Аз Лайливу Маҷнун мегиред. Чӣ бадӣ кард ба шумо ҳамон мардак?»

Пиёладор: «Ба ман бадӣ накардааст. Лекин худат гӯш андоз!»

Пиёларо ба гӯши арӯс медорад:

– Ман ҳамту намемонам. Ба милиса мерам, милиса гӯш надиҳад, ба суд мерам, ба прокурор Эҳсонча муроҷиат мекунам! Яктааш баинсоф будагист, охир? Ба Эҳсонча пулро нишон диҳӣ, аз ҳукми куш мегардонад... Ҳеҷ нашавад ба Кумитайи партиявӣ менависам... Вай мӯро аз хамир ҷудо мекунад...

Келин: «Рост барин хола... Занак сахт гирифтааст... Лекин мардаки хуб...»

Пиёладор: «Ин хел мардакҳо кӯчахандони хонагирён мешаванд. Зани бегонаро бинанд, оби тагу болошон меравад».

– Рав! Куҷое меравӣ, рав! Ягон ҷойи нарафтаат намонд. Мардум ба ман таъна мезананд. Занат «ин хелу он хел» мегӯянд... Ман чӣ кор кунам? Ягон нангу номуси занона дорӣ? Агар ягон duздиву тозӣ карда бошам, аз баройи худам

кардам? Беройи ту кардам! Бачаҳо лучу гушна намонанд, гуфтам. Ту ба гапи кадом нохалаф рафта ба сарам борони тӯҳмат мерезӣ! Нахоҳӣ, худам ба суд ариза медиҳам!

– Нeee... Ман намемонам, ки ҳамту осонакак халос шавӣ. Аввал ба ҳама гуноҳҳоят ҷавоб мегӯйӣ, баъд...

– Ман чӣ гуноҳ кардам?

– Чӣ гуноҳ кардӣ? Чӣ гуноҳ кардӣ?! Маст шуда бачаяка бо мошинат зада куштӣ. Ин гуноҳ нест? Доштаву надоштаатро ба милисаву суд дода, гуноҳро ба сари ҷияни бечораат бор кардӣ, ки сари фармон ӯ буд. Баъд ӯро ба психболнисайи Кӯктош хобондӣ, ки девона... Ҳамайи ҳамин дурӯғ?

Хомӯшӣ. Аз он тараф садое нест. Ин тараф ҳам дамбадарун гӯш ба пиёла медиҳанд. Гӯйӣ аз даруни пиёла руд ҷорист...

Сонӣ ин намойиш бачаҳойи ҳамсоянро нафорид, ки гӯшаки телевизорро гардонд. Садо омад:

«Соқ-соқиҷон, пиёла пурмай кун!

Ороми ҷон пиёла пурмай кун!

Дардаш ба ҷон, пиёла пурмай кун...»

Пиёладор дигар ин мавзӯъро бо келинаш муҳокима накард. Тозон ба кӯча баромад, то моҷаро ба ҳамсояҳо гӯяд. Дарвозайи рӯ ба рӯ боз шуд. Пиёладор даҳон пур карда буд, то воқеъа гӯядашон. Лек онҳо даҳон пури ханда аз Пиёладор пурсиданд:

«Дидӣ? Телевизора дидӣ?»

«Не! Шунидам».

«Шунида кай бувад монанди дида?»

29.05.07.

## МАЗОР

Ин мазоре нест, ки ягон тасодуфан ба ин тарафҳо раҳгум зада фавтида ва мардум ғарибро дар гӯристон роҳ надода, дар ҳамин гӯшайи диёр ба хок супорида бошанд. Он вақт ин ҷо чӣ ҷое буд, касе намедонад. Касеро ба хок насупоридаанд ва гӯру гӯрхона ҳам нест. Як чанору як чашма. Касе намедонад, ки нахуст чанор рӯйида буд ё чашма. Сарчашма аз чанор болотар ва аз бехи чанор обаш мегузарад. Чанор аз шохи баландаш хушк мешавад, мегӯянд. Чанори азими парешоншох чу-

нин шохҳойи хушку шикаста дорад. Аммо соли онро аз танааш тахмин мекунанд. Бист-сӣ кас даст ба даст дорад, гирди онро мегирад. Як тарафаш дарона кушода ва мағзаш хона. Лек дар замини он чанораkҳо рӯйида, ки дар ҷойи дигар мислаш нест. Гирди чашмаву мазорро девор гирифтаанд. Ҳавзи бетонӣ ҳам сохтаанд; аз ҳавз то манзилҳойи дур қубур кашида об бурдаанд; беруни он обхӯрайи чорво сохтаанд. Лек мазор ба номи касе нест. «Мазори Ҷаландар» мегӯянд ба номи диёр. Ободие надошт ин ҷо; оби шорон, лойқайи равон ва макони ҳайвон буд. Молу пода об мехӯрду дар соя ҷой мешуд ва харҳойи ҳайдав пашша мезаданд дар соя. Мурғони роҳгузар лона мегузоштанду тирамоҳон ошён тарк мекарданд ва мемонд чанори бараҳна, лонаҳо андар шохсор. Обро ифлос мекарданд. Мардум аввал ҳавз сохта торашро соябон карданд. Гирди онро девор гирифтанд. Ва Мазор шуд. Дар паҳлӯ мусофирхонае сохтанд ва масҷид гуфтанд.

Рӯзе аз рӯзҳо мусофирони зиёд омаданд. Ҳама мусаллаҳ буданд ва бангӣ. Ҷой дар масҷид гирифтанд. Ҳарчӣ мехостанд, он мекарданд: майхӯрӣ, нашъамандӣ, духтарбозӣ; беҳуда тирандозӣ ҳам. Мурғакони аз ноогоҳӣ бар шохи чанор омадаро тир мезаданд, мехӯсониданд. Чунон шуд, ки роҳравон роҳашонро дигар карданд. Гарчӣ омадаҳоро огоҳонида буданд аз мазор будани чашмаву чанор, ба инобат нагирифтанд. Касе писанд набуд эшонро. «Сарам задагӣ!» мегуфтанд. Молу мурғ аз мардуми деҳот меситониданд ё бепурсиш мегирифтанд. Ҳар шаб нафареро дами дарвоза посбон мегузоштанд. Шириккӣ шавад, дарвозаро кушода нигоҳ мекард камонсаридаст.

Шабе се тан омаданд аз сӯи боло ва паҳлӯйи чанор қарор истоданд. Посбон бохабар шуд ва дар ширмоҳтоб аз роғи дарвоза нигариста се сафедҷомаро дид, ки дасторҳойи монанд ба саллакаду доштанд бузургу сафед.

«Шуморо огоҳонида буданд, ки бетамизӣ накунед!»

Посбон камон рост кард ва тираш оташ нагирифт. Тарсид. Дасту пояш ларзид. Тохт сӯйи масҷид. Гуфта натавонист. Ишора карду афтид...

Сарбозҳо автоматро ҷӯр карда баромаданд. Касе набуд.

Посбон чизе нагуфта даргузашт. Аммо мардуми гузар ин ҳодиса дида будаанд. Овоза шуд. Лек касе бовар накард.

Ҷавони малламӯйиро посбон гузоштанд, ки ту ба хурофот бовар надорӣ, касе бо ту рӯ ба рӯ намешавад. Агар дучор ояд, нопурсиш андоз.

Ҳамин тавр шуд. Ин бор ҳафт нафар омаданд. Малла диду ба қавли ровиён «зулукаш гирифт» автоматро бардошта натавонист. Лек тозон омада огоҳ кард ҳамроҳонро. Онҳо бо чашми сар диданд сафедҷомагони дасторбасарро.

«Шуморо огоҳ карда буданд!»

Лек ҳар ҳаракате шуд аз ҷониби сарбозони сарзада барор нагирифт. Малларо низ чун посбони нахуст марги беаҷал омад. Пасон сардори аскарон омада дар мазор нарзу ниёз кард ва сарбозонро кӯчонд.

30.05.07.

## МАН – МАНАМ!

Ду мошин ҳамонанди ду мӯрча рӯ ба рӯ омаданд. Фарқ чунин буд, ки мӯрчагон сар ба сар салом карда ба якдигар роҳ дода мегузаранд, аммо ду мошин на салом доданду на роҳ. Мошини сафеди хориҷӣ ҳаракат мекард, ки гузарад, лек жигулий на пас мерафту на пеш.

Хориҷӣ: – Пас бирав...

Жигулий: – Худат пас – пас бирав.

Хориҷӣ: – Ман коргари орган!

Жигулий: – Ман – депутат!

Хориҷӣ: – Депутат ҳам бошӣ, як ваҷаб пас намерам! Худат пас бирав!

Жигулий: – Депутат ҳеҷ гоҳ пас намеравад. Худат пас – пас бирав!

Хориҷӣ: – Қавли орган якто!

Жигулий: – Ин хел бошад, алови мошинро куштам. Бузгар... Ё пас – пас бирав!

Хориҷӣ: – Коргари орган дили гарм, ақли расо ва виҷдони пок бояд дошта бошад. Ту ба чунин кас бояд роҳ диҳӣ.

Жигулий: – Ман пеши роҳи туро надоштаам; Бузгар!

Хориҷӣ зӯр зада гузашт. Ойинайи паҳлӯ қат шуд... Лек ойинайи жигулий парид... Пасон пархошу хархаша пайдо шуд...

## БАДБАХТӢ

Падари писари ҷабрдида назди додситони ноҳия омад.

– Мирзоамин, медонед, ки ман ёру бародари падаратон будам. Наздатон омадам, ки...

– Писаратон ҷинояти сахт содир кардааст...

– Росташ ман надидаам ҷинояти ӯро.

– Дидаву дониста бо мошинаш одам задааст.

– Ин хел набояд бошад. Ӯро хуб задаанд. Илоҷе карда аз дасти авбошҳо раҳо ёфта ба мошин нишаста гурехтанӣ шудааст. Ба мошинаш часпида, шишаҳойи мошинро мушткӯбӣ кардаанд... Рост, ки вақти мошинро ҳаракат додан яке лағҷида афтидааст ва пояш зери чарх мондааст. Дар баёноташ ҳамин хел...

– Ҳамаашро тафтиш нишон медиҳад...

– Ҳамин хелу... ақаллан росташро ба инобат гиранд. Офатсум – полковник хешони арӯс будааст. Фармон медодааст, ки баёнотро тарзе нависанд, ки Офатсум – полковник мехоҳад.

– Ман мефаҳмам дили падарро... Лекин бадбахтӣ дар он, ки ману шумо ҳамшаҳр...

## ДАҲОНИ МАРО ДӮЗЕД

Зан ҳар гоҳ сухани шӯро қайчӣ мекард:

– Ҳазор бор ба шумо гуфтам, ки дар пеши ҳар кас даҳон накушоед. Чӣ шумо ақл надоред? Замонаро намедонед?

– Чӣ гуфтам? Гуфтам, ки ҷойи Калон он ҷо нест. Бояд дар курсийи пасттар менишаст.

– Лозим не. Девор муш дорад, муш – гӯш.

– Мо ҳардуямон. Каси саввум нест-ку?

– Як гапро каси дуюм, ки донист, каси сайюм ҳам медонад.

– Медонӣ, чӣ занак? Ҳамон Калони ману ту худогир шавад!

– Уҳ! Каппам дуд кард!

– Ман баройи ҳамин ба дунё омадаам, ки мисли бегомот хураму сукут кунам? Ман одам-ку? Ҳамон гов, ки гов аст, гушна монад, бонг мезанад!

– Шумо гов не-ку? Одамвор рафтор кунед!

Мард гӯё ҳама ҳарфҳояш гуфта шуданд, вазни гаронашро бардошта хест; батамкин ва хеле солорона қомати хамидаашро рост кард. Зеро бист сол аст, ки аз даҳони шӯ сухан набаромада, зан «даҳаната пӯш!» мегӯяд. Ва мард хона даромада сӯзану ришта бароварда занро фармуд:

– Чашмам намебинад; гузарон!

– Чӣ кор мекунед?

– Эзорамро медӯзам...

Зан ришта аз чашми сӯзан гузаронида сӯйи мард дароз кард.

– Не... сӯзану ришта ба ман лозим нест... туро лозим.

– Изори ман даридагӣ не, дадеш...

– Эзорро не, даҳони маро дӯз!

## ҶӮРАБЕК ГӮЯД:

«Мулло Шеръалӣ ба наваду ду даромада мурд. Лекин то мурдан менӯшид. Рӯзе падарам пурсиданд:

– Мулло Шеръалӣ, ҳаштод сол боз менӯшед, бас нест?

Гуфт:

– Не, Мулло Муродбек. То мурдана мезанам. Дар гӯр ҳам бояд бӯяш аз даҳонам ояд. Пурсандаҳо ба гӯр даромада, бӯйи арақро шунида, зоро напурсида, баргашта раванд...»

Душанбе.

## ФОТИМАЙИ АЖДАР

Ӯро аз ин рӯ Фотимайи Аждар ном ниҳода буданд, ки ба занони ин музофот монанд набуд; сафедпӯсти кабудчашм ва малламӯйи бузургдаҳон буд, ки камарчайи даҳонаш то баногӯш мерасид. Калонгап ҳам буд. Чени даҳонаш овоз мебаровард. Нозо буд. Аз армону орзӯйи хеш ва аламу номуродӣ ба касони бефарзанд раҳмхорӣ мекард; мехост ҳама бефарзандони ҷаҳон бачадор бошанд. Аз он ки аз бекасиву беҳосилӣ зиёд ғам мехӯрду шабони дароз гургосо нӯлаву зуза мекашид ва ғамиву ғашӣ сар ба ҳар кӯй мезад, чу нокасу ҳаромро рӯ ба рӯ меомад, дарафтида, сурати девор мегардонд. Ва касе ёройи сухани ноҷо гуфтан ва кирдори носазо кардан надошт. Зеро Фотима даҳони ғоросояшро фарох кушода, ба ӯ

чу аждар дармеафтид. Аммо бо одамони хуб чунон салому алейку пурсупос мекард, ки дар олам аз ӯ хубтар касе нест. Ҳар қадар ғам хӯрад, ҳамон қадар андеша дошт, то номуродонро чун расонад ба мурод? Аз миёни ҳавлийи Фотима наҳробе мегузашт. Ҳар боре бо коре машғул шавад, лаби наҳр нишаста гуфтор мекард. Аз ноомадийи кор худро ба наҳр заданӣ мешуд. Аз раъяш мегашт, ки дар чунин наҳрак кас ба зудӣ намемирад; азоби оламро мекашад. Бояд ба Зарафшон равад. Дар хаёл буд, ки ба сар рафт чу тимсо, дигар надонист, чӣ рухдоде ҳаст дар ин дунё... Вақте чашм кушод, ки берун аз об буд. Шаб. Ва Олам тира метофт. Чун хешро зинда дарёфт, ба хаёли ширин рафт: Худойи бузург ӯро фарзанд диҳад ва бо кӯмаки Худованд Фотима фарзандталабони нозоро зо гардонад. Нахуст дар батни хеш чизеро пай бурд, ки намерасид. Хаёлаш дар дигар занони нозо низ ҳамон чиз намерасид. Ба назараш боре сарторик шуда дилаш ба ғӯрайи зардолу гум зад. Чун зимистон буд, ҳавасаш шикаст ва андарунаш ҳасрат мурд. Ҳамону ҳамон. Дигар дилашу ҳавасаш ба чизе нарафт. Шояд дигарон ҳам ба чунин ҳол гирифтор шуда бошанд... Акнун ҳар занеро, ки ба умеду ёди фарзанд ҳасрат мекард, нахуст аз сарторикӣ мепурсид. Онҳо посух мегуфтанд: «Ёд надорам». Сонӣ Фотима шикаммол шуд ва гӯшти дар камар часпидаро мекандагӣ. Билохира бо хурма (гӯё) ҷанини часпида ва ҷоннагирифтаро меканд. Чунон буд, ки хурмайи меросиро равғани зард мемолид. Оташ афрӯхта гарм мекард ва бар шиками «бемор» мегузошт ва хурма шикамро фурӯ мекашид... Боре шиками занеро чунон кашид, ки саҳл монда буд чун аждар фурӯ барад. Фотима ҳарчанд зӯр зад хурма аз шикам ҷудо карда натавонист. Тораш баромада аз ду ҷониби хурма пой монда, то зӯре дошт хурмаро кашид ва шикаму рӯдаву рӯбчаки занак канда шуда омад...

Чунин ҳодиса дами Фотимайи Аждарро паст кард. Вагарна Худо донад, ки ӯ дар табибӣ то кадом зина мерасид?

«Фотима! Хурмаро мешикастӣ, чӣ мешуд?»

«Ақл ку?!»

5.06.07. Амондара.

## ЧАРОҒИ ФУРӮЗОН

Симин духтари шаҳрӣ. Баройи чароғи хонадони бобойиро фурӯзон доштан шаҳрро тарк карду деҳа омад. Шояд ин баҳона буд дар он айёми ҷанг? Аммо Симин чунин кард. Сонӣ падараш дар як сафар азоби мардумро дида, дар санглохи байни деҳот бозори мол сохт ва Симин бозордор шуд. Ҳафтае рӯзи ҷумъа дар миёни чордевори сангӣ бозори мол ҷӯшад ҳам пайдояш хароҷоти ҳафтайинаро намебардошт. Лек оҳист-оҳиста хуб шуд. Ҳар рӯзи бозор таги панҷсад сомонӣ пул рӯяд ҳам, баъди омада рафтани зиёда аз бист папкабадаст ва супоридани андозу ҳаққи хидматгузорон нисфи пайдо нопайдо мешуд. Симин ғамӣ мегашт, ки аз чунин суду пайдо ба падару модараш кӯмаке карда наметавонад. Чун илоҷу эҳтиёҷе надоштани падарро медонист, тасаллӣ медод хешро, вале пинҳонӣ хоҳаронашро ёрӣ мерасонд. Зеро зиндагийи шаҳриҳо бо маъоши ночиз хуб намегузашт ва сарчашмайи суду пайдое набуд. Ҳар гоҳ падарро гӯшона мешуд аз забони бозориҳо, ки бозорро обод намекунанд. Падар Симинро фармуд, то ними пайдо пасандоз кунад. Лек илоҷе нашуд. Ва бозор зайле монд, ки буд.

Масъала на пул. Дарвозайи шаҳрро бастан имкон дораду даҳони мардумро на: «Пулро мехураду обод намекунад...»Ҳамин ҳарфи ноогоҳон хотири падарро парешон мекунад, ки дар як ҳафта чаҳор соъат бозор мешавад; мардум чӣ нигоҳу назар доранд? Намефаҳмад. Лекин медонад, ки пул меояд, аммо харҷу хароҷотро намедонад. Аз ин рӯ баъзан ҷигот андохта зуъмӣ мешавад ва Симинро сахт мерасад, ки буд-набуд, падар аз хусуси пул фикр мекунад.

«Дадаҷон! Ҳазору чанд сомонӣ пул ҷамъ шуд!» занг мезанад ба падар.

«Хуб... Ягон лаби бозорро обод бикун!»

Лек ба чунин пул ягон ҷойи бозорро обод карда намешавад; зеро пул – хазону нарх дар осмон. Санг кашонад, семент мемонад; сӣ дона бомпӯш бихарад, ҳама чиз мемонад; ҳатто ба пули оби кашонда намерасад. Симин ҳайрон: «Зиндагӣ сахт. Хайрият, ки падар ҳамин санглохро гирдогирд сангдевор кардааст; молбозорҳойи баъзе ноҳияҳо дар дашти кушод. Ҳатто молбозори зери деҳайи Чорбоғ, ки дар таги фӯки пой-

тахт воқест. Зиндагийи хоҳарон низ хуб нест... Зиндагийи падару модар ҳам. Шояд нафақапулӣ аз моҳ ба моҳ нӯг ба нӯг нашавад. Шояд падар ҳам азоб кашаду забонаш ба «пул» гуфтан нагардад. Ӯҳамин хел одам: гушна мурад ҳам, аз касе чизе намепурсад... Худоё, бираҳон аз чунин банд!

«Дадаҷон! Ду ҳазор сомонӣ шуд!»

«Ягон гӯшаро обод накардӣ?»

«Намерасад, дада!»

«Ҷамъ кардан гир як рӯз мерасад...»

«Намерасад дада... Рӯзе ки сар кардам, шефир ҳашт сомонӣ буд. Сиву чанд сомонӣ шудааст... Як кило семент шиш дирам буд, сад дирам шудааст...»

«Лой...»

«Як мошин хок сад сомонӣ...»

«Сабр бикун, духтарам... Шояд рақами ҳисобгираки нарх тамом шуда, аз сифр оғоз гирад?!»

6.06.07. Амондара

## ШУТУРНОН

«Салим, биё нонатро шутур кунам!»

Салими кӯчак, ки баъди чанд рӯзи гуруснагӣ даҳонаш ба нон расида буд, аз чунин пешниҳоди бачайи ҳамсоя дар шигифт монд ва андаке кебида нонпораро зери каши чап ҷой дод. Ва ҳайратзадаву тарсӯ боре ба чашмони ҳилагар ё гуруснайи ҳамсоя нигарист, сонӣ сар андохта ба пойи бараҳнайи ёзидааш дида дӯхт ва нонпораро сахттар сӯйи дил пахш карда, бо чӣ хаёле фармуд:

«Додом дар ҷанг...»

«Ман медонам, ки додот дар ҷанг... Додойи ман ҳам дар ҷанг... Баройи он ки ту ҳам хурсанд бошиву ман ҳам, нонатро шутур мекунам, шутурро сувор шуда, ба суроғи додот меравӣ.»

Салим ҳайрони ҳайрон. Ранги пӯсташ дигаргуна шуд; хушӣ гирифт. Як бор ба писари ҳамсоя нигарист. Табассум дамид дар лабаш. Боз ба пойи бараҳнааш нигарист. «Қуртӣ» оби даҳон фурӯ додани писари ҳамсоя дар гӯшҳояш садо доданд ва боз ӯ рӯ овард: «Чигуна мешуда бошад?»

«Биё...»

Оби даҳони писари ҳамсоя баробари во шудани лабонаш пош хӯрд ва сар ҷунбонд: «Биё...»

Худ аз худ оринҷу сойиди чапи Салим ковок шуд ва нонпора аз зери бағал фитод.

«Бубин, худаш ба коми аҷал меояд.»

Писари ҳамсоя даҳсола. Салим чорсола. Албатта писари ҳамсоя ҳунари аз нон шутур сохтанро аз калонҳо омӯхтааст. Аммо Салим ҳайрон, ки чун аз нон шутур созанд; ақлаш намегирад. Зеро шутурро надидааст, бинад ҳам нашиносад. Ба чӣ андешаву хаёл ё ҳайрате, ки дар сар дошт, сарфаҳм нарафта, аз рӯйи ҳавою ҳавас нонро дод ба писари ҳамсоя. Ӯ як даҳон аз пушти нон газиду ғур-ғур кард: «Ана кӯҳон шуд. Зин!» Салимро дил сӯхт ба нон, лек пайи гази ӯро дида ҳайрон монд. Ӯ нони даҳон хойида фурӯ бурд ва фармуд: «Инак пой ва гардан месозем». Аз зер газид. Пойҳойи шутур пайдо шуд. Аммо як шиками борики шутур, ки ана-ана бояш шиканад, боқӣ монд. Сонӣ гардани борик ва сари бурида шакл гирифт.

«Ана, шери акош, инро шутурнон мегӯянд...»

Аммо Салими хурдсол пушти даст зада миёни шутурро шикаст ва ба замин ғелида фарёд кашид.

Модар тозон омад: «Чӣ шуд бачам?»

«Ҳамсоя... но... нонама шутур ка-ард!»

«Майлаш, бачам, гиря накун!»

«Не! Ъооооо!!!»

«Шодӣ бикун, бачам, Шутурдор шудӣ...»

«Не! Ъоооо!!!»

«Шутурдор шудӣ. Ба шутурат савор мешавӣ; пеши Юсуфи Мисрӣ меравӣ; Мегӯйӣ, ки соли қаҳтӣ... Гандум медиҳад, меорӣ; осиё мебарем; орд мекунем; Нон мепазем...»

«... Лекин ин шутурсоза намебарам!!!»

7.06.07. Амондара

## СУФРАДУЗД

Ҳар шаб ё шабдармиён суфрайи хонадоне гум мешуд; гумон аз сагони гурусна доштанд. Дар он замон саг аз одам

гушна буд ва одам аз саг гуруснатар. Вале касе чизе шоёну аён карда наметавонист; зеро дар ҷое гарди орд, ё дар гӯшае лахт, ё порайи суфра ба назар намерасид. Танҳо Ӯ медонист ҳама қиссаҳоро. Суфрайи аввал, ки ба андозайи себ хамирмояйи хушк дошт, як чумча гарди орд ҳам дошт. Суфраҳойи дигар холӣ ва хароботар аз он буданд, ки гарди орд доштанду хамирмоя надоштанд. Ва Ӯ ҳар суфраеро, ки бо ҳазор таҳлукаву тарсу ваҳм аз ошхона ва ё амбори холиву сари хамма медуздид, тарсону ларзон то хона оварда, бар суфрайи аввал метакид, то як фатир шавад, аммо суфрайи нахуст аз дигар суфраҳо фақат гарди орд мегирифт. Ӯғамӣ мегашт, ки номи суфрадуздро мебардорад, вале даҳонаш ба нон намерасад. Суфра метаконду дар хамма рах мезад, ки рӯзе расад, суфраҳоро бар аробае бор карда парчи пули деҳа мебарад ва ба ҳар кас мефармояд, то суфраашро шинохта бигирад ва аз гуноҳи ӯ гузарад. Аммо чунин фурсат нарасида суфрадузд бемор шуд ва аз миёни суфраҳо чандеро баргузида, канор гузошт ва Сӯфиро даъват карда, узру маънӣ гуфт:

«Ман пургуноҳтарин одами рӯйи Замин. Агар дар Олам як нодор гузашта бошад – ман... Аз кори ман сагҳо бадном буданд ва кушта шуданд. Қариб дар деҳа саг намонд. Вале ман чиқ нагуфтам. Агар гӯям пештар аз сагҳо мемурдам. Пай мебарам, ки рӯзам буд шудааст... Чанд суфраро ҷудо кардам. Кафанӣ... Сӯфиҷон! Рӯзи мурдаам ба мардум эълон кунед, ки ҳар кас суфраашро шинохта гирад... Гӯед аз гуноҳам гузаранд. Ба соҳибони суфраҳойи кафаншуда бигӯед: «Чорайи дигаре надошт». Барака ёбед, Сӯфиҷон!»

7.06.07. Амондара.

## ОДАМИ РОСТ

Дуздон хонаеро тохтанд. Неъмати ростгӯй дид. Дуздон ӯро чун дузд доштанд ва сахт гирифтанд: «Ҳар чӣ соҳиби хона пурсад «ҳа» бигӯй!»

– Ту задӣ хонайи маро?

– Ҳа!

– Ту хӯрдӣ шикамбайи рӯғанро?

– Ҳа!

– Ту гирифтӣ ҳамён?
– Ҳа!
– Ту шикастӣ шишайи чароғро?
– Ҳа!
– Ва ҳамаро?
– Ҳа!
Соҳиб баст ӯро бар посутун ва чӯб зад:
– Ин ҳаққи рӯған...
– Исмат гуфт!
– Ин ҳаққи ҳамён!
– Исмат гуфт!
– Ин ҳаққи шиша!
– Исмат гуфт!
– Ин...
– Ис...
– Қасам хур!
– Исмати пашмин!

Омаданд хонайи Исмати Пашмин. Баъзе чизҳоро пайдо карданд.

Исмат пурсид Неъматро:
– Ту гуфтӣ?
– Ҳа!

8.06.07. Амондара.

## АЙЁМИ ШУМ

Замонро чунин ном ниҳода буданд: «Айёми шум». Балки айём неву одамон шум шуда буданд. Аз бинӣ боло гап зада намешуд ва аз нӯки пой боло нигоҳ карда. Касон чу сангпушти рамида ё ранҷида гардан даруни гиребон мекашиданд. Кӯдакон чу чӯҷаҳойи қафас дилгир гашта буданд. Чун нафаси тозайи баҳор дамид, падар аз дасти писар гирифта «Боғи ҳайвон» бурд, то маймун тамошо кунанд ва ҳар чӣ гуфта дил хуш гардонанд. Ногаҳ гаронвазне пошнайи кавш бар пушти пойи писар ниҳод. Дили писар гум зада, дар ҷояш нишаст ва сар бардошта ба пушту паноҳаш – падар нигарист. Фарёд зада натавониста пойи падарро оринҷ зад. Дили падар ба як нигоҳ гум зада пеши пойи писар рехт. Ба пову

пошнайи чарминапӯши даҳманӣ нигарист ва ба гӯши писар фиччонд: «Тоқат бикун... Садо набарор, то рӯзамон батар нашавад... Ин аз ҳамон шохдорҳо. Мабод, ки пошна гираду шох бизанад!»

8.06.07. Амондара.

## ЗАҲРИ МОР

«Морро айёми ғамаш макуш, ки ғам орад!» Гоҳи шоҳроҳи Душанбе – Хуҷандро сохтан аз пешбели булдозери роҳсози чинӣ море баромад карахту ноҷунбон, лек гаронвазн. Ӯ морро аз раҳмдилӣ дар кабинайи гарми булдозер гузошт ва чунон саргарми кор шуд, ки мор аз ёдаш рафт. Мор аз гармӣ ҷон гирифт ва ҳушёр гашта захр ба банди пойи ронанда зад. Мурда зинда шуд ва зинда мурда.

9.06.07. Амондара.

## ДУГОНАГӢ

Онҳо дугонагӣ буданд. Пешу пас аз шиками оча бурун омаданд: аввал гӯшнақшин – сиёҳаки гӯшаш сиёҳу сафеди хол-хол, сонӣ сиёҳаки моҳрӯ. Чун шохашон чумак зад, соҳиб аз эҳтиёҷ бозор бурд. Касе харида хонааш бурд, ҷуз баа-бӯӯ коре надоштанд; ноошно буд соҳиб. Дар боғ ҳайдав кард. Сӯйи кӯҳ мекашиданд. Шахбаро шуданд. Соҳиби нав баст ҳардуро. Алаф нахӯрданд. Дод мезаданд ба ёди оча ё ватан. Якеро раҳо кард, дигареро баст. Озод гирди баста мегашт. Зуд ҷон гирифт ва чаро кард; гӯшт гирифт. Баста ҳамон лоғар буд. Бастаро раҳо кард; озодро баст. Баста лоғар шуд; озод фарбеҳ. Ҳардуро озод кард, ки одат ба боғ карданд. Боз аз сари девор парида сӯйи шах рафтанд. Шабҳо намеомадагӣ шуданд. Соҳиб аз тарси хӯрдани гургу шағол ҳар дуро бо як каманд дар ду сар баст ва раҳо кард. Онҳо чанд рӯз чариданд. Боз аз сари девор париданд. Ба шах часпиданд ва ба ҷое фуромаданд, ки одам намефуромад. Ҳарчанд «маҳ-маҳ»-у «биё-биё!» карданд; алафу йем нишон доданд, набаромаданд. Соҳиб писаракеро ресмон бар камар баст ва нишеб фуровард, то бузғолаҳоро дошта барорад. Онҳо аз омадани писараки ларзон хӯсида аз шах париданд баробар... Соҳиб «воҳ!» гуфту

каманд раҳо кард ва писарак бо майли вазни хеш низ парид бар асари дугонагиҳо.

10.06.07. Амондара.

## ЗАМОНЕ

«Бачам, замоне дар ҷойи ғилофакҳойи телефонҳойи дастӣ «зӯрҳо» таппонча дар миён зада намойишкорона мегаштанд. Расм шуда буд ғилофак дар тасмайи эзор гузаронидан; ҳоло ҳам расм шудааст. Тарси ғилофаки пешин ҷонситон буд. Ғилофаки имрӯза аз рӯйи ҳавас, ки як гӯшааш дар гӯши духтарон. Ҳамин хел ғилофдармиён ба мағозайи марказӣ даромад. Аз фурӯшгори зебову дилкаш чармина талабид ва ҳарфе нагуфта, пулашро надода сӯйи кӯча рафт. Зебосанам гирёну фарёдзанон аз дунболи ӯ шуд: «Касона! Ман пуле надорам, ки ба соҳибаш диҳам!»

«Биё, пул дар мошин, медиҳам».

Одамон зиёд буданд. Дар як лаҳза гирд омаданд. Бо як таппончадармиён коре карда наметавонистанд. Муҳокимаш карданд:

«Кай худогир мешуда бошанд инҳо?»

«Аз дасти ин бедодгарҳо рӯз нест».

«Ман ӯро медонам: ҷанг-панг накардааст. Касбаш ғоратгарӣ буд. Мағозаҳоро оташ задагӣ ҳам ҳаминҳо».

«Идигул нарав аз паси ӯ. Пулаш сараша хӯрад! Дар мошинаш шинӣ, ҳай карда, бурда дар ягон ҷарӣ кушта мепартояд. Нарав Идигул!»

«Рав-рав! Пулата гир!»

Чунон мағал шуд, ки чарминаву авбош аз ёд рафта маслиҳатчиён аз даҳонҷанг ба гиребонгирӣ гузаштанд. Аз куҷое касе либоси милиса дар тан пайдо шуд:

«Хуб кардӣ, ки аз паси ӯ нарафтӣ...»

10.06.07.

## САГҶАНГ

Челсӣ аз гулӯйи Тарғил гирифт. Сахт дошту раҳо накард. Соҳиби ба тангомадайи Тарғил чун дид, ки аз даҳони аждарийи саги навбаромад ва чунин ҳунарманд раҳо шудани сагаш

амри муҳол, ҳама шарту шаройити гаравро фаромӯш карда оҳан ба сари Челсӣ зад. Соҳиби Челсӣ мехи сагбандӣ ба сари Тарғил кӯфт хомӯш. Ва ҷанги эълоннашуда оғозид: гурӯҳҳое, ки пул ба гарав ниҳода буданд низ ҳамроҳ шуданд ба набард. Ду ҷанг мерафт: ҷанги ҳайвон ва ҷанги инсон. Тамошобинон намедонистанд кадом ҷангро бинанд. Барояшон яке аз дигаре тамошобоб буд. Онҳоро ҳангома мебойист... Челсӣ ҳамон хафагир карда буд Тарғили нашъамандро, ки соҳибаш чун одат ҳар бори ба ҷанг бурдан ширайи кӯкнор мехӯронд, сонӣ ба овардгоҳи сагон мебурд, ки ҳар якшанбе дар боғи паси кӯл баргузор мегардид. Ва Тарғили масти беёд ва пурзӯр деввор меҷангид ва оқибат пирӯз меомад. Соҳиб ин раҳ низ мукофоти калон гузошт ва тарафдоронаш ба ӯ таассуб карда даҳони ҳамёнҳо кушоданд; омади корро ноумедӣ пиндошта, ҳамаашон ба ҷанг хестанд, зоро базмро вайрон карда тавонанд...

Аммо Челсӣ чу тимсоҳ ҷоғҳо капкон зада буд; қуфлак афтида, кушода намегашт. Бо вуҷуди он соҳиби Тарғил гоҳи шӯру талош ҳам умед дошт, ки саги ҷангозмудааш илоҷе карда сурхнoю харной аз даҳони шерсаг раҳо мегардонад ва ҳилаву найранги ҷангӣ ба кор бурда, чун одат, Челсиро савор мешавад ва аз паси гардан дошта чунон меафшонад, ки олами рӯшан пеши чашмаш тира мегардад.

Чунон нашуд. Челсӣ аз гулӯйи Тарғил чунон гирифта, ки паланг аз гулӯйи ғизол; гӯйӣ хун даркашад. Соҳиб донад, ки Челсӣ ба ҷанг омодагӣ надидааст. Боре ба ҳавлӣ саге дуздӣ даромад. Соҳиби ҳавлӣ дида ҳою ҳӯй кард, саги дузд пуршаст гурехт. Челсӣ дар тозаш дошта чунон кард, ки Тарғилро. Сонӣ соҳиб дар чанд ҷо сагашро сифат кард. Онҳо маслиҳат доданд, як бор сагро ҷанг андозад...

Тамошобинони моту мабҳутгашта гиребон доранд бар ҳунари шерсаг ва чунин ҳол гаравмондагони то алвақт бетарафро низ ба ҷанг овард. Аммо соҳибони ду саг бо ҷанг машғул нестанд ва нигарон, ки кай сагони монанд ба гушнафтода аз ҳам ҷудо мегарданд.

«Гир сагата!»

«Сагҳо ҷанг доранд, на мо!»

«Ба нағзӣ гир!»

«Ин бозист. Дар бозӣ душманӣ нест! Бигӯй «Бой додам...» сагҳо ҷудо мешаванд».

«Дар умрам бой надодаам... Ғофилгир кард. Ин навбат бой дод, навбати дигар бой мебарад!»

«То навбати дигар Худо – подшост! Ҳолӣ бигӯй: Бой додӣ?»

«На!»

«Пас ман карру гунгам. Сагҳо муросо кунанд...»

Соҳиби Тарғил заданӣ шуд Челсиро. Соҳиби Челсӣ мехи сагбандиро чу шамшер пеши оҳани ӯ дошт ва пас гардонд. Соҳиби Тарғил зӯри ҳарифро пай бурд:

«Ӯхӯӯӯ... Зӯр-ку?!»

«Зӯр, нозӯр, фарқ надорад. Ба майдон, ки даромаданд, дунбаҷунбонӣ намекунанд».

«Ту нокаси ҷангнодида маро таҳқир кардӣ. Дашном додӣ! «Дунбаҷунбонӣ» гуфтӣ. Пуштиҳо дунбаҷунбонӣ мекунанд! Раққосаҳо дунбаҷунбонӣ мекунанд! Мо мардем. Ту ҳоло бо собуни ман ҷомашӯйӣ накардайӣ! Ман аз ту мегуфтагиҳо не! Ин ҷанг барои ман нав ҳам не. Умрам ба сагбозӣ гузашт!...»

«Маъзур хоҷайи сагпараст! Сагҷанг гуфтанд, саг овардем, ки ҷанг кунад... Ҷанг одамро ҳаром! Аз афту башараатон ва сару либосатон шумо бояд ин чизҳоро донед... Агар не, шумо бояд аз пӯсти саг ҷома мепӯшидед!»

Сӯҳбат анҷом нагирифта чӯбе бар сари соҳиби Челсӣ бархӯрд. Чашмони ӯ сиёҳӣ заданд мувозинат гум шуд; калавид; афтид.

Чун Челсӣ чунин ҳол дид гулӯйи рақиби пойёзида раҳо кард ва аз тори одамон ҷаҳида чӯбдастро бар дӯш нишаст ва дасти рости чӯбдорашро газид.

«Сагӣ ҷинӣ! Саги девона!»

«Парронед! Агар напарронед, дигарҳоро низ мегазад!»

Садойи тир ҳам баромад. Челсӣ бо вазни хеш чӯбдастро низ хобонд.

Тарғили базӯр нафас гирандаро кашола карда, оварда бар тори Челсийи хуншор хобонданд:

«Пирӯз Тарғил!»

Аммо пули миёна кайҳо миёни талотум ғози мизон шуда буд.

Ё ҳамин зайл хапу дам шуда меравад ва ё ҷанг аз сар оташ мегирад...

11.06.07.

## ХОНАРАВШАНКУНӢ

Тӯли чанд соъат калхурӯси монанд ба калхоти сафед, вале бо пару боли сиёҳсафед – мошубиринҷ ё кабудчатоб аз мурғонча то нами об омад, рӯшан нест. Соҳиб онро замоне дид, ки бар ду зонуйи хилофи зонуйи одамӣ пеш шикаста рӯйи замин нишаста, нӯл ба намзамин расонида, минқор меҷунбонд ё чу обкаш аз миёни хоки тар ташнашикан қатра кашиданӣ буд. Маълум, ки сахт ташна. Лек мадор ё зӯри обкашӣ надорад ва ё миёни хок обе нест. Аммо дуртар оби рӯйи хок дамида ҳаст, ки аз шӯълайи хуршед медурахшад. Ва дар паҳлӯйи рост ба андозайи ангушти сағир ҷӯяке об ҷамъ кардааст, ки ба сони ойина акси шуъо мегардонад. Валекин хурӯси шал, ки чун каси бепой думбамол равад, ҷуз вазъу ҳоли хеш, ташнагӣ ва дард чизеро эҳсос карда наметавонад ва чунин ҳолат ӯро ба дидани чизҳойи дур, ки барояш яксола роҳ метобад, имкон намедиҳад; аз нӯки нӯлаш дуртарро намебинад. Чун тифли ноҳолу нимҷон аз пистон шир кашиданист; зӯре надорад. Нами заминро мекашад; ба даҳан намеояд, ки сар бардошта ҳалқ тар кунад. (Соҳиб ёд овард, ки се шаборӯз бо хурӯси ҳамоя ҷанг кард; дигар ёд надорад, ки чӣ шуд...) Ба ҳар ҳол сар бардошт аз замин. Дар даҳонаш сардӣ ё намеро ҳис кард; сар бардошта ҳалқак зад, аммо нам то ҳалқ нарасида хушк шуд. Ҳайрону ноумед гашт, гирифтори дарди хеш шуд. Сукут варзид. Муҳитро медонист. Ҳама ҷойҳойи шинос. Лек ба атроф наменигарист. Соҳиби ба танайи дарахти ҷормағз такязадаро ҳам намедид. Як берӯзийи аз зиндагӣ умедкандаро мемонд. Дар борайи зисту ҳаёт ва Оламу одам на танҳо фикр намекард, дидан намехост. Шояд аз ин рӯ сар аз замин намебардошт.

Ба ҳар ҳол ҷунбид. Пойҳойи аз зону то панҷа ба замин дароз карда, ба рӯяш вазн андохтаро ҷунбонд; бардошта ё ка-

шида наметавонист. Аз он ки ба сар наравад ё паҳлӯ наафтад, ба дум низ такя мекард. Ҳамонанди ранҷуре хаёлӣ буд. Чашмонаш ҳаракат надошт; нур ҳам. Тани беҷон менамуд, ки хушк карда дар аҷойибхонае гузошта бошанд. Дар тоҷи хаёле дар фарқи сараш аён ва ғабғабаву пӯсти гирди чашмонаш асаре аз хун набуд. Сапеди хокистарзада метофтанд пӯстҳо. Пати мурда зада буд. Аммо боз минқор ба замини нам гузошта, чун каси дар ҳолати назъи ҷон ба даҳонаш бо пахта об чаконида лаб меҷунбонд. Муродаш аз зиндагӣ ҷуз қатрайи об чизе нест. Об дар паҳлӯ; об дар пеш, лек ӯ намебинад. Ё тавону мадоре, хуше надорад, то ба он расад.

Ҷунбид. Мурдайи ҷон гирифтаро мемонд. Шояд ҳамчунон ҷунбида, то ба нам расида бошад? Валек пеш ё пас рафтанаш аён нест. Ғайри чашмдошт, якбора як пой рост кард; бар зонуйи чап меистод. Такон дода роҳ рафтанӣ ё тарзи ситодро дуруст карданӣ. Наметавонад. Мадад мехоҳад аз касе. Ҳайраташ афзуд: «Наход худоҷӯе набошад?» Соҳиби аз раҳмдилиаш мушоҳидакориаш афзунтар садойи дил ва орзуву армони ӯро нашунид. Шояд ноилоҷ ва зору низор, ба кӯмаки кас эҳтиёҷ доштанашро пай бурд, ки як бор аз замин болотар нигарист. Ҳол он ки баробари одамро дидан мегурехт, то ба дасташ афтода тоҷ ё гулӯяш хунолуд нагардад. Зеро аз қуқуйи хурӯсони дигар тарзи дар тоба пухтану сӯхтанро шунида буд.

Чун дид, ки аз касе мададе намерасад, зонуйи қатро андаке пас лағжонд ва пойи чапи рост кардаашро хаёле пеш бурд... Чу паргор тоб хӯрданӣ буд. Соҳиб мушоҳида мекард: «Пешравӣ...»

Ба назар мерасид, ки ҳалқаш чу параш хаёле аз бод меларзад; на чунон ки мисли мурғони ташна даҳон кушода ҳалқак занад. На! Ҳар аламе ё азобе дошт, дар худ гирифта буд. Ба танг меомад. Месӯхт. Дард мекашид. Гирифтори дарди хеш буд. Ва он дардро ҷуз тани ӯ тани дигаре дарку эҳсос карда наметавонист. Дар нӯлаш боре гаронӣ кард, ки афшонд; оҳиста ва хеле боэҳтиёт. То озор наёбад. Зеро дардаш сахт буд: «Дарди бедаво».

Ва якбора вазн пеш андохт. Гардан ёзида чу ковши трактори «Белорус» ба замин бархӯрд нӯлаш. Як зайл истод. Андеша дошт, то боз чӣ кор кунад. Мисоли обкаши хароби Дупула чӣ хушаш омад, ки об кашиданӣ шуд. Аз ҷунбиши минқор аён мегашт муродаш. Сонӣ танобро кашид, ки ба сони дандонаҳойи фӯлодийи вайронайи ковш нӯлаш заминро харошида, рахи рӯяке пайдо шуд. Обаке заҳид. Нӯл набардошта даркашид. Лек баъди фурсатҳо сар бардошта ҳалқ тар кард. Қонеъ нагашт. Ҳамчу ғаниматёфта боз нӯл ба ғиҷоба ниҳод, то чу аждар фурӯ кашад.

Дар тоҷи кӯтаҳ, ғабғаба ва гирди чашмонаш ранги сурхи нимҳол дамид; наздик ба ранги гули шафтолу. Умеде аз зиндагӣ буд. Лек чун аввала мадоре набудаш. Ба назар ташнашикан шуд. Сонӣ пас-пас ҷунбида, дар ҷойи истодааш бо сахтӣ ним давр гашт. Хеле оҳиста аз санге, ки зонӯйи чапаш бар он такя дошт, гузашта, тоб хӯрд ва ба ҷилойи оби ҷӯяча, ки ба андозайи думчайи мурӯд буд, сахт нигарист. Ҷунбида-ҷунбида ҳамонанди «Белорус» панҷаву пой устувор кард. Хартуми дароз пеш андохт. Нӯлаш ба ҷӯя омад. Чун бохтаҷон монд ноҷунбон. Муддатҳо баъд, аз нав ҷон гирифта, об даркашид. Гулранг шуд гунааш. Мазмун, ба ин дунё бозгашт. Пуху пари зери гулӯ ва сари сина тар шуда буд. Гӯйӣ ба худ омада сар бардошт ва реҷайи ҳаёти ояндаро мекашид. Чунон ки омадшуди Хуршедро бо чашми оддӣ дидан имкон надорад, дар гирди зонуйи шал паргор кашидани Хурӯсро низ мушоҳида кардан имкон надошт; ба назар ноҷунбон тоб мехӯрд. Валек чоряки давраро гаштанаш аён буд; маълум шуд, ки нӯлаш чу ақрабаки соъат ба тарафи шахи Сафед гаштааст... Сонӣ тарафи Говхона гашт, сипас тарафи боғи эшони Маллахон. Қарор истод. Мазмун: гуфтанӣ буд, ки дарди ману дарди писари эшон якест: ӯро низ каландбадасте баройи об зада аз миён поён шал гардонидааст; аз ин рӯ ба он ҷониб дилсӯзона дуру дароз нигарист... ва баъд, қариби пешин, ки бояд мардум ба мазори Хоҷа Таваккул Ато намози ҷумъахонӣ оянд, сари ӯ ҷониби рахи об гашт. Рӯ ба рӯйи рахи борики об – ҷӯяйи кофтааш, магар ташнагиаш шикаста буд ва ё ҳангаш хушк гашта, ки хеле андешаманд ё парҳезгор истод. Магар

зӯру тавон ғун оварда, аз андешайи зиёд ба хулосае омад, ки гардан ёзид ва нӯли сиёҳгаштаашро даруни об гӯр кард. Нӯл заду ҳалқак ва оҳиста сар бардошта, оби даркашидаашро қулт бурд. Ва боз дуру дароз, хаёлӣ, ба кадом садойи ғайбӣ гӯш дода, якзайл умедвори чизе шуд: «Дар ончо... Дар қабати чаҳоруми Осмон Хурӯси сафед маъво дорад. Тулӯъи Хуршедро пешвоз мегирад...»

Инак ҳаловату гувороийи обро дар ҳалқу гулӯ ва тану ҷон пай бурд. Боз сар андохт ҷониби наҳри сохтааш ва кафтаркаш кард обро. Зеро ҷигараш ҳамчу Дашти Амондара ва Дашти Малла аз беобӣ кафида, лахт-лахт сафолак баста буд ё хун. Руди Зар ин ду даштро бурида мегузарад; обкашҳойи нерӯманди Дупула дар доманайи он бошанд ҳам Замин сингори Хурӯс ба як қатра об зор.

Хурӯс серӣ об хӯрду дамид; пару болаш фахид. Ба танаш хун давид. Сурх шуд. Сипас чу шоҳи қаноъатманд гашта орому қарор истод. Баъдтар сар ҷунбонида ба замин нигарист ва нӯл зад. Хӯрдан мехост...

Ҳамин замон ба дили Соҳиб раҳме омад, ки аз такяйи дарахти чормағз, ки муттакойи меросийи падар буд, хеста пеш омад ва мурғи донаҷӯро бардошт. Хасвор сабук буд. Вазни устухон ва пару бол монда. Гармийи мурғона низ надошт: «Хӯрдан мехоҳад ё хонаравшанкунӣ бошад?» Ҳамон зайл бурда бехи дарахти тут гузошт.

Мурғ хеле андешаманд бар зонуҳойи пойёзидааш истод, сонӣ ба тутҳойи рехта нигариста нӯл зад. То ҷое, ки нӯлаш мерасид, чид. Дигар пеш рафта наметавонист. Гирд гашта чунон тути рехтаро тоза мекард, ки рӯфта бошанд. «Гушназада будааст».

Хурӯс афтид ба ҷӯйбор, ки оби равон дошт. Аммо мурғи ташнагиаш шикаста дигар об хӯрдан намехост.

Соҳиб ӯро бардошта бехи тут гузошт. Ба зонуйи шал ҳам истода натавониста пойҳояш дароз шуданд ва танаш паҳлӯ зад. Соҳиб чанд бор бардошту монд. Вале Хурӯс торафт пой дароз мекард...

12.06.07. Амондара

## ШИКАСТАПО

Пояш шикаст...

Ду линг ҳезуми бурсро пушти полони хар бо ҳазор машаққат рост кард ва зардакиҳойи дарзакардаро аз бари ёна гирифта сарвора гузоштанӣ буд, ки пояш лағзид; дар адири хушки сангчадор, ки одатан пойафзори бедандона мепартояд, лағзида ба дунба зад ва баробари зардакиҳойи пошхӯрда дар адири тез лағзиду ғелид; бутта, бурс ё дарахти хорчаву бодом набуд, то даст гирад ва андармон шавад. Чунон мерафт, ки яхбози аз по фитода рӯйи ях. Сонӣ аз сари шах парида ба варта рафт. Пойи чапаш ба санге бархӯрд. Чашмаш сиёҳӣ зад. Дилаш ҳам гум зад. Дарди ҷонкоҳеро эҳсос кард. Вале худро гум накард. Дандон ба дандон монда, дарду алами тану пойро фурӯ мебурд. Гоҳе ки хестанӣ шуд, пай бурд, ки пояш шикастааст. «Ӯҳ!» гуфт, сонӣ «оббооо...» Ин ду ҳарф дарду алам ва таассуф олам-олам маънӣ дошт, ки ба феълу атвор ва матонати Ҳамроҳи Қодир созгор буд. Ва гӯйӣ ҳама бурду бохташ ба ҳамин ҳезум вобаста буд, ки бояд мебурд; ҳатто рӯзу рӯзиаш. Дареғ, ки... Ҷуссайи андаке аз замин ковок кардаашро бо эҳтиёт рӯйи сангчол бозмонд ва дуру дароз ба пойи шикаста, ки ҳоло андаруни мӯкӣ буд, нигарист: «Чӣ шуд?» Аз кӣ пурсид худаш донад. Ба дарди пой аҳамият надода, андешааш ба дуродур рафт; то фалак. Ҳамин қадар пурсиду хомӯш монд. Лаҳзае маъюс ҳам шуд, ки ин қадар ғаму азобу кулфат аз куҷост? Чаро озори гетӣ зиёду роҳате надорад? Вале зуд аз нияташ гашт. Зеро дар ин саройи пуросеб он қадар озору хорӣ дида буд, ки дасту пой шикастан роҳат ҳисоб меёф: «Гардан нашиканад... Дил нашиканад...» Гардан тофта, сӯе, ки ғелидаву парида омада буд, нигарист. Баландийи шахро дида дил фурӯ рафт. Бори дигар ба зер бархӯрданаш аз пеши чашм гузашт; Гӯйӣ ӯ на, балки каси дигар мепариду ӯ тамошо дошт. Чизе нашикаст ё пора нашуд. Чунки миёни корҳо, озорҳо, тангдастиву сабру қаноъат дил рӯйин гашта буд; шиша набуд, ки ба ҳар чиз бархӯрда шиканад. Нигарист ба танайи кӯҳ: шаху баландийи онро диду харро на. «Хар истода бошад? Ё...» Чунин хавф ҳам буд, ки агар хар гурезад, бо пойи шикаста дар ин варта мемонад. Зеро ҳазор доду фарёд

бикунӣ, ҷуз акси садойи хеш аз шахи Садо овозеро намешунавӣ.

Ба пой нигарист: варамида, сарийи чоруқро дамонда, таранг карда буд. Нахуст андешид, ки сарийи фишорёфтаро аз боло бо фӯтайи миён сахт бандад ва бо зӯри пойи сиҳҳат қомат афрозад. Лек пойи шикаста, ки гармиаш гузашта, сармӣ мегирифт, безобита мекард; пой омоси гуписурат мегашт ва сарийи чоруқро дарронданӣ буд. Дард тоқатфарсо гашт.

Корд кашид аз ғилоф. Сарийи чоруқро рост чок кард; чунон ки неш ба тарбузи чарс зананд, ё пӯсти дамидайи молеро чок кунанд – неши корд рост байни пову сарӣ андохта теғ сӯйи берун дошт ва ронд – ҷаррӣ дарид чарм; пой гуппӣ гашт. Лаҳзае ҳаво гирифт. Оне таскин ёфт мард. Боз дард хурӯҷ кард...

Пойтобаро кушод. Даст-даст кард пойро. Шикастааст; уреб шикастааст: «Дар мӯъҷизаҳот ҷонам!» Гирду пешро аз назар гузаронд. Як парохайи аз кадом замон боқимондаро дид, ки аз зарби табари ҳезумчие ин ҷо парида, чун ӯ ва аз гузашти айём, аз тобиши боду борон сиёҳ гашта ва реға-реға ковок шудаст; баробари ангушт дукорда карда, пеш кашидан пулакчаҳойи сиёҳ рехтанд. Дудаста қату рост карда дошташро санҷид ва ба қаду бари пояш андоза кард: «Як тарафашро мегирад... Чор дона лозим...» аз зеҳн гузаронд. Боз беху зеҳи сангҳоро аз назар гузаронд; чунин пароха ё чӯбу тарошайи бобро надид. «То ҳӯ он чолбурси бурида рафтан лозим... Дареғ...» Чӯбҳойи бодомча, хорча ё муша ҳастанд. Номувофиқ.

Ба ҳар ҳол фӯта густард. Пойтоба кушоду бар он паҳн кард. Тораш ҳамон пароха ва чанд чӯбчайи ғафсиаш ба пароха монандро паҳлуйи ҳам чид шиғвор ва пойи шикаста бар пойи сиҳҳат бор карда тори он овард; бо дастон дошта пойи чап аз зери пойи шикаста гирифт бо азоб ва онро бо дошти дастон бар шикастабандӣ савор кард. Лаб мегазид, то дарду азоб фурӯ барад. Аз зӯри дард ашк мешорид... Заҳрханда буд ё хандайи ҷонбаромад, ки дар андомаш ба ҷойи ҳолати гиря табассум ҳувайдо гашт: «Кори худаш...»

Лаби пойтобаро аз тарафи рост гардонида байнаш чӯбчаҳо чид шиғвор; бар пой низ чид ва лаби пойтоба аз рӯйи пой гу-

заронд. Аз тарафи чап ҳам чӯбчаҳо айнан чида, пойтобаро печ доданӣ шуд, натавонист. Зеро даст дар доштани чӯбчаҳо банд буд. «Танҳоӣ кори нохуб будааст. Дасти дигаре мебуд...» Пойи чап кор фармуданӣ шуд. Чоруқ намегузошт, то ангуштони пой чунин амалро иҷро кунанд. Нашуд. Пой вазифайи дастро ба ҷо наовард. Лекин пойтобаро сабук пахш карда дошта тавонист. Дудаста ду гӯшайи фӯтайи зери пойтоба андохтаро гирифта, пушти пошна гузаронида, навъе баст; сустак. Зеро ҳарчанд миён хам карда, сина то сари зону меовард, аз дарду тарс ё нотавонӣ фӯта таранг намешуд. «Ба ҳаминаш ҳам шукр».

Гӯйӣ кори муҳимеро ба ҷо овард. Шукр гуфту нафаси сабук кашид. Дам гирифтанӣ шуда тахтапушт ба санги пушт такя гузошт ва пай бурд, ки ҳама ҷояш тар аст. Чӣ андоза арақ карда тар шуданашро пай набурдааст. Аз он баландӣ ба паҳнойи водийи Зарафшон нигарист. Ҳар қадар дар баландӣ қарор гирифта бошад ҳам шахи Ҳисору шахи Гаҳвора намегузошт даштро бинад. Аз миёни ин шаххо роҳи гузар бошад ҳам роҳи назар нест. Чунон сохта шудааст ин дунё бо дасти Усто Карим, ки ҷойи айбу эрод надорад. Лаҳзае осуда гашт. Аммо пой ба луқ-луқ даромад. Набзе бо дард зарабон дорад.

Пойи чап оҳиста-оҳиста ба зер кашид. Сари зонуйи чап тан бардошт. Фӯтаро тарангтар кашида, печи дигар зад ва сахт кашида аз поёнтар баст: «Ғеҷида нафарояд, ки...» Давоми фикраш дар сар монд. Дил гум зад аз дард ва боз такя бар санг дод.

Сихи офтоби тамуз ба чашм мехалид. Ақики сари мижгон рангинкамон гашта буд ё сари ҳар тири мижгон яхаке[1] марҷон баста буд. Сӯйи Осмони бетаг нигарист. Худ аз худ чашмонаш раҳ дида ба як нуқта дурудароз часпид; андешааш низ сокит монд. Сонӣ андак-андак кушода шуда он чӣ дар борайи Худованду офариниш ва Осмону Замин содалавҳона аз шунида медонист, хомӯшона аз зеҳн гузаронд ва дарёфт, ки ҳаққи фарёд, ситеза ва иддаъо надорад: «Дар тақдир будааст... чӣ носипосие гузашта будааст... Кори худаш... Беэҳтиётӣ аз

[1] Мӯҳраҳойи хурди ранга.

худам гузашт... Мо ҳамин хел: аз ӯҳдайи кор намебаройему гила аз қазову қадар мекунем...»

Ба гӯшаш садое омад: ё наъли хар ба санг бархӯрд ё сайде мегузарад: «Беҳ-ҳеҳ!» оҳиста садо баровард ӯ. Зеро овози баланд ба пойи шикаста зӯр меовард: «Кучҷойӣ, Буча? Бе-беҳ!» Ин гӯйӣ машқу тамрин буд, ки пояш озор медиҳад ё на? «Беҳ-беҳ! Буча беҳ!»

Садойи фиркида, бинӣ афшондани хар баромад. Сонӣ гоҳи номаш гирифтан – «Буча беҳ!» Ҳум-ҳум кард даҳон накушода; омода ба ҳанг буд. «Шояд гоҳи йем шавад, фуромада ояд?»

Ва омад: пайроҳаро гирдгардон, сангу шағалро наъл зада ва суми пас харошу кашол омад рӯ ба рӯйи соҳиб ва баробари «Ишшш!!!» гуфтани ӯ таққӣ истод.

«Истодӣ-куя, ман чӣ хел мехезам? Ақлу фаросат надошта бошӣ, ки омада маро бардорӣ... Дарзайи беда ё як тоқӣ ҷав ҳам нест, ки нишонат диҳам, биёйӣ.»

Нони гоҳи фӯтаро кушодан аз дарунаш гирифта паҳлӯ гузоштаро ба даст гирифта сӯяш намуд ва пеш хонд: «Беҳ-беҳ! Биё! Ана йем!»

Бучайи нӯки гӯши чапаш қатгашта сӯйи соҳиб нигариста нони дасташро дид ва оби даҳан шоронда ҳиқ-ҳиқ кард.

«Беҳ-беҳ! Маҳ-маҳ! Биё! Зери бор мондӣ. Бори ҳардумон гарон! Беҳ-беҳ! Ҷонвари безабон, биё охир!»

Харона бинӣ афшонд. Шояд аз ҷафойи пашшаву кӯрпашша бошад, ки рӯзона пашшаву хармагас амон намедиҳаду шабона кӯрпашша. Баъзан кас ба хаёл меравад, ки чунин ҷонварон баройи он офарида шудаанд, кас ё ҷондорони дигар роҳату фароғат карда натавонанд; ҳама умр бояд чизе ононро халалгор бошад.

Чунин андешаҳо воҳимаангез буданд. Гӯйӣ кори номумкинро ӯ сомон мекунад. Бар зидди кадоме андешаронӣ мекунад, ки имкон надорад. Раъша давид дар андомаш. Ларзид. Пояш ба дард омад. Боз зӯри хаёл, ки ду линг ҳезуми чолбурсро дар замин тахт карда, бардошта пушти полон андохт. Ҳоло аз он кори ба сомон расида пояш сахт ба дард омад. Зеро ҳолиё вазни хешро бардошта ба по рост шуда наметавонист. Аз он зӯру хаёл бори дигар зери обу арақ монд. «Ба гузашта

салавот! Илоҷи корро бояд дид... Уҳ! Сабил мон!» дудаста банди пойи шикаста дошт, ки гусаста, меафтида бошад. «Зор мон!... Беҳ-беҳ! Маҳ-маҳ... Гушна намондӣ?»

Хар, ки то ҳол якрӯя истода ҷониби рудбор ташналаб менигарист, аз марҳамати соҳиб пешонӣ ба ӯ гардонд. Хӯрданийи дасти соҳибро пай бурд, ки ҳиқ-ҳиқ кард ва пойи рост он ҷониб тофт. Ду линг ҳезум бар пушт нимрӯ гашт ва андаке дуртар бо соҳиб рӯ ба рӯ омад. Гӯш чур медошт.

«Пеш биё, ҷонвари безабон, вагарна мурдайи ҳар дуямонро лошахӯрон саришта мекунанд... Сӯйи Осмон нигар! Аллакай каргасрез шуд. Онҳо хоб диданд ё бӯй гирифтанд, ки дар ин зови бекас одаму хар мурдааст. Биё! Дигар ба сарат халачӯб намезанам, ки ҷувозак гардӣ! Лошахӯрон ҷувозак гарданд дар фазо! Баройи ин ту бояд пеш ойӣ. Ман такя бар ту карда, аз гӯшат ё аз думат ё аз лингi ҳезум дошта ба як по рост шавам».

Хар гӯш андохт.

«Ба номи Худо намезанам! Одамӣ сари ҷаҳл ҳар кор мекунад, лекин ман дигар ин корро намекунам... Қасам мехӯрам. Чунки халачӯб дар он боло монд... Табару ресмони рӯкаш ҳам; ҷома ҳам. Биё ақаллан ба ҳам расем!»

Хар ҳиқ-ҳиқ кард. Оби даҳон ё оби дидааш рехт, ки соҳиб шориданашро дид. Низ дилаш ганда шуд. Хориаш омад. Ҳарчанд лаб газида худдорӣ кардан хост, чашмонаш ҳавзи об гашта, харро надид. Шараққоси сангҳо ва сафири хазон омад. Ашк густурду дид, ки хару ҳезум меғелад. Ба дарахти бодомча дакка хӯрда, андармон шудани ҳезумро ва бо зӯрӣ гузар карда ба варта рафтани онро надид.

Ӯ бо таҳлука ҷаста ба хар ёрмандӣ карданӣ шуд, натавонист. Ҳамчунон ки пояш дубора шикаст. Аммо иродаву матонати Ҳамроҳи Қодир барҷо буд. Медонист, ки ба чунин сурат то назди хар расидан лоимкон аст. Зеро пойи кашола сарборийи умраш шуд; чигасу асо надошт, то вазни онро бардорад ва ӯро якпоя «якалинг» то манзил барад. Валек коре кард, ки шахси варзида тавонад кардан: ду даст аз паҳлуҳо пушт ниҳод ба замин; пойи чап қат кард; вазни тан бардошт. Пойи шикаста базӯр аз замин боло шуд. Гоҳи ҳаракат ба сангу буттаҳо расида халалгор мешуд. Бо вуҷуди он нонхӯраки

рӯболо афтида барин дасту по мезад. Сар бардошта зудтар харро диданӣ буд, ки чӣ ҳол дорад? Зеро зиндаву мурдааш бо ӯ пайванд буд. Ӯ на чорғов, балки сеғови кӯдакона дошт чаппарӯ. Бо машаққат нишеб мешуд. Лек нашуд. Дунба бар замин гузошт ва бо зӯри дастони дар ду паҳлӯ чакушвор дошташ хешро пеш мелағжонд ва пойи шикаста баланд аз замини ноҳамвор медошт, ки бо санге ё буттае рост меомад. Баробари ҳар силтави пеш рафтан пойи шикаста дард мекард ва ҷон ба лаб меовард...

Хар хест бо талвосайи зиёд ва ҳезуми пуштороаш фитод. Соҳиб як назар дид ва гумон кард, ки ҳамин замон мегурезад. Ҷонвар низ дид, ки чизе мехазад миёни буттаҳову сангҳо. Сайд пиндошта, гӯш сих кард ва ҳанг зад. Ӯ хаёл кард ҷонвар аз тарс мегурезад. Магар ҷонвар озору лати зиёд дида буд, ки сукут варзида аз ҷой намеҷунбид. Гӯё ба андеша рафта буд, ки соҳиб чигуна аз варта раҳо кунад. Ҳамроҳи Қодир сурфид, то хар шиносадаш ва нагурезад. Валек ҳама хаёл аз сар дур карда ба андеша рафт: «Кори худаш. Вай ҳам тамошобин. Вагарна хафа мешавад. Агар ҳамин хафагӣ набуд, дар гулӯйи мо ғамбода намедамид... Ғами дунё андаруни ғамбодайи гулӯйи мост...»

13.06.07. Амондара.

## САРГИРАКИ ҲАМРАНГ

Занҳо мувофиқи синну солашон матоъи саргирак интихоб мекарданд. Матоъи саргираки зани Ҳамроҳу зани Усто Мухтор ҳамранг буд. Боре пешопеши Ҳамроҳбой зане мерафт. Саргиракаш монанд ба саргираки занаш буд. Ӯ тез по партофт, ки занро дарёбад. Наздик шуда аз бари саргираки якшоха ба сар гирифтааш дошта, шӯхӣ кард:

– Чаққон шудайӣ кампир, базӯр расондам.

Зан рӯ наовард. Балки овози ношиносро шинохта, дод зад:

– Даҳанат заҳр гардад, беимон!

– Ба ту чӣ шуд, кампир?

– Кампират пеш-пешу худат аз қафо!

– Воҳ! Ҳазор тавба, янга! Саргираки дугонаатон ҳам ҳамин ранг. Гумон кардам, ки...

– Ҳе гумонат сарата хӯрад! Мардууум!!!
– Бало нахезонед, янга!
– Қаврата меканам! Ба усто гӯм, даруни лойи девор монда андова мекунад.
– Ман худам мегӯм. Узр мепурсам, ки ман хаёли зани худам карда саргираки...
– Ҳе умедат хушк шавад! «Хаёли зани худам» нагуфта рав! Беимон!
– Инту нагӯед! Усто медонанд, ки ман одами софдил.
– Усто пеш-пешу ту аз қафо! Мардуми олама ба сарат наорам, зани усто набошам!
– Аз бало ҳазар! Ман шуморо зани худам пиндоштам... Тавба! Сад тавба! Янга, коре накунед, ки ҷанги ҷаҳонӣ хезад. На ман мемонаму на шумову на усто...
– Чӣ ӣ ӣ???

13.06.07.

## ГАРАВ

Нозирон як ҷавонписари парешонҳолу бегонанаморо мушоҳида доштанд, ки чу ватангумкарда саллона-саллона ва ғарибона, овораву сарсон; тарсӯву ларзон мегардад, лек касеро чизе намегӯяд ё аз касе чизе намепурсад. Мардум ва ё ободиву ҷӯшу хурӯши шаҳри Чоч ӯро эътиборе надорад. Хешро ангу сарзада вонамуд мекунад. Дар асл касеро меҷӯяд; яке аз шарикдарсонро, ки баҳс аз тайёрайи сарҳадшиканӣ карда, рост дар Майдони Сурх фуруд омада доштанд. Ҳолиё яке аз онҳоро чашмдор, то бинад, ки хонандайи синфи 5«в» Ашӯръалӣ чун дар шаҳри тоҷиконро сайру гашт мамнӯъ, пой мепартояд. Пойпартойиаш чандон баҷуръатона набошад ҳам кибру ғурури ботинӣ дорад, ки сарҳадшиканӣ душворие надоштааст. Дар чунин ҳолат ӯро дастгир карданд, ҳама фикру хаёлҳо аз сараш парид; айби худаш: ангу гаранг намегашт, касе гумон намекард, ки ӯ бегона аст. Зеро афту башара, тарзи либоспӯшӣ, ҳатто тоқийи чоргулаш тоҷик ё ӯзбак будани ӯро муайян намекунад. Танҳо ангу гарангу манг буданаш ӯро дастгир кард. Аммо ба ҳама азобу шиканҷа тоқат овард; нагуфт, ки куҷойист ва чаро девонаавзоъ мегардад?

«Ақаллан аз куҷо буданатро гап зан!»
«Аз Суғд...»
Сонӣ пурсуҷӯ сар шуд:
«Ман дар тарбияйи холаам. Модарам бемори рӯҳӣ... Ҳар моҳ шаш сомонӣ ёрийи башардӯстона мегирам... Ҳамин пулро ҷамъ карда ба саёҳати Олам баромадам».
Бовар накарданд. Истинтоқ сахт шуд:
«Гарав буд... Аз фанни таърих хондем, ки Мароқанд шаҳри тоҷикон. Вале имрӯз пойи тоҷик ба он шаҳр расад, зада мешикананд. Ҳамсинфон ба ситеза ё ба киноя Мароқанд шаҳри ӯзбакон гуфтанд. Ман сар бардоштам, ки Мароқанд шаҳри тоҷикон. Баҳс шуд; сухан аз ҳадду сарҳадди он рафт: «Паррандае аз сарҳад пар зада гузарад, параш месӯзад; ҷонваре убур кунад, пояш мешиканад». Чунки саросари ҳамсарҳади хоки Тоҷикистонро миназор гардонида буданд; чӣ қадар мол мурду чӣ сар чӯпону сайёд. Гарав бастем: «Ҳар кас хатти масдудро убур кунад, ҳамсинфон фалон доллар ҷамъ карда медиҳанд... Мани сағирайи бекас ба ин роҳ рафтам...»
«Ҷосуси хавфнок» ном ниҳоданд. Сонӣ чун «хойини ноболиғ» ба «Хонайи Бепарастор»-и шаҳри Хӯҷанд фиристоданд...

14.06.07. Амондара.

## ГӮСОЛАЙИ ХУДАМОН

Пода одат карда буд дар ин боғи чорроҳайи бедарвоза. Гоҳи ба чаро рафтан ба боғ даромада зиёрат карда мебаромад пода, гоҳи бозгашт ҳам. Дар ин боғ ҷуз сангу реги селовард гиёҳе боқӣ намонда бошад ҳам, чун даҳанмазза шуда буданд, безиёрат намегузаштанд. Чун боғдори шаҳри дур боғро санглох дид, дуди оҳаш ба осмон расид. Дарвозайи молманъ шинонд; дарвағна: устойи шинос аз тахтаҳойи сабук чун қолаби тахтачаҳойи бодбарак дарвозайи дутабақа сохт ва сар ба сар оварда гӯшак шинонду қуфл зад, вале гови шоххами худӣ сар аз роғи он даровара, сар бозпас гирифта натавонист ва зӯр зада табақайи онро ба гардан бардошта даромад; тахтаҳо арра карда, сари гов раҳониданд. Соҳиб дарвозайи оҳанӣ фармуд. Шасти подаро гардонд. Говон пеши шохашон садди чинӣ ди-

да ҳайратзада бозмеистоданд; ба якдигар нигариста бонг мезаданд, ки дари биҳишт ба рӯяшон бастаанд. Думак зада, пашша меронданд: «Ба соҳиб чӣ шуда бошад, ки роҳро бастааст?» Сонӣ саргин карда, наъразанон, ки ҷуз худашон маънийи чунин наъраро касе намефаҳмид, якдигарро шох зада, аз байни галагов роҳ кушода мерафтанд; пасомадаҳо низ ба дарвоза расида, ҳол дида норозӣ бонг мезаданд. Баъд чанд кӯчаву боғу рахнаҳоро тоб хӯрда аз дигар дарича меомаданд. Соҳиб ғамӣ мегашт. Чунон ки галайи гургон ба рама зада бошад ва як чӯпони асобадаст онҳоро ронда натавонад, аз як сӯ гардонад, аз сӯйи дигар меомаданд.

Боре соҳиб-меҳмон мошинсавор баромаду дарвозаро, ба умеди наберагон шуда, набаст. Наберагони ба боғи бедарвоза одаткарда дарвозаро напӯшиданд. Соҳиб бозгашт кард ва боғро «боғи ҳайвон» дид. Пур аз гӯсолаву навбасту ғунонҷини бесоҳибу дайдуву рихин, ки гоҳи рафтанаш дар кӯчаву паскӯча ва сари роҳу пеш-пеши мошин буданд. «Ба боғи мо меравand» гуфта буд. Ҳамчунон шуд. Онҳо, ки дар кӯчаҳо муши мурда барин буданд ва ба мошин роҳ надода ноҳинҷор мегаштанд, дар боғ дум хода карда, чаҳор дасту пояшон ба замин нарасида, аз як канора ба каронайи дигар метохтанд ва ҷасту хез доштанд. Бобоpo ҳаждаҳаш ба замин зад, мошинро ҳам хомӯш накарда калтак гирифт ва ҳамроҳи наберагон ба рондани сайёҳони нохонда машғул шуд. Лек чунин рафтор ҷонваронро писанд омад, ки дар зери ҳавойи мусиқийи говрона рақсу бозӣ мекарданд; наберагонро хуш омада, завқ мебурданд; бобо зери обу арақ монда «Чӯк! Бош! Сабил мон!» мегуфт. Сӯйи дарвоза ронанд, пешгаҳи боғ метохтанд. Гиёҳе надорад боғ, лек сайёҳонро хеле хуш омадааст. Шояд ҳавояш мувофиқ бошад? Бобо намешинохт, ки гӯсолаҳойи кӣ? Лекин тохтутози масхараомез ва сарсонкорашон ҷони ӯро ба лаб оварда буд. Зери обу арақ монда, даҳон кушода нафас мегирифт. Сари марза нишаста, ба думи қарқараашон нигариста «сари соҳибата хӯр!» мегуфт. Бавижа гӯсолайи ғуммачайи сермӯйи бетабъ, ки ресмондаргардан шодмонӣ дошт; ҷуфтак зада, ҳамонанди оҳубарра меҷаҳиду мепарид ва дигарон ӯро пайравӣ карда чанги замин ба осмон мебардоштанд, хашму

ғазаби ӯро афзуда буд. Бобо гарчӣ дилак зада, даҳон кушода, аз ташнагӣ ҳалқак мезад, асо сахт дошта пурғазаб аз сари марза хест. Гӯсола ба мошин расида, гардани хорида месовид. Дигарон низ тақлид карда худро ба мошин зада, гардану тан совида, хориш мекуштанд, ҳам тела медоданд. Мошини даргирон ин замон хомӯш гашта, андак ларзид. Ҳайвонҳо оне ҳайрон истоданд ва боз ба сов-сов даромаданд. Мошин ҷунбид ва равон шуд то танайи тут. Ба тут бархӯрд. Пешгиракаш каме фурӯ рафт. Гӯсолайи нозгунҷ боз бо ҷасту хез ба рақс омад ва пайи дамидайи шох ба мошин совид.

«Сари соҳибата хур!» гӯён соҳиб ба сари гӯсола чӯб зад. Гӯсола «бӯъ!» садо бароварду калавида афтид ва чаҳор дасту пояш боло шуд.

«Дада!!! Вай гӯсолайи худамон!!!» ба дари хона баромада дод зад духтар.

15.06.07. Амондара.

## РӮ БА РӮЙИ ГӮРИСТОН

– Муаллим! Бубахшед!

– Ҳаа, ин шумо? Писари...

– Бале, писари...

– Хӯш?

– Аввалан узр мепурсам...

– Чӣ ҷойи узр, кори шудагӣ шуд.

– Намедонам шумо дар кадом бора мегӯед... Лекин ман ба наздикӣ як гап шунидам, то ҳол ба гӯшонам бовар намекунам.

– Бовар кунед.

– Бовар кунам?

– Бале, бовар кунед, рост!

– Яъне: шумо дар солҳойи ҷанг гуреза будеду падари ман шуморо дошта ба орган супурд?

– Не, ман гуреза набудам. Лекин тӯҳмат карда, маро дошта ба орган супурданд.

– Ҳамин корро падари ман кард?

– Не. Худи орган дошт. Лекин дар ғор ҳаёт кардани маро танҳо Ҳамроҳи Қодир дида буд.

– Яъне, муаллимҷон! Шумо гуреза набудед; лекин дар ғор зиндагӣ мекардед; падари ман шуморо дар ғор дида...

– Не! Инту не! Ман саҳари баланд аз хона ба ғор мерафтам, ки падари шумо (шояд он вақт падари шумо набуд, чунки аз хонаи Усто Раҷаб баромад; шояд нисбатбозӣ рафта будааст) худораҳматийи падаратон рӯ ба рӯ омад. Ғайри ӯ маро касе надидааст.

– Шумо хафа нашавед, муаллим. Бояд ҳама чиз ба ман равшан шавад. Зеро таги таъна мондам, ки падари ман иштирокчийи Ҷанги Бузурги Ватаниро гуреза гуфтааст.

– Инту не. Ҳамайи ин корҳо пеш аз ҷанг рафтан буд.

– Яъне ин гапҳо дурӯғ?

– Дурӯғ не. Рост: Ман дар ғор ҳаёт мекардам...

– ... Камон ҳам доштед...

– Камон не. Милтиқча. Баройи он милтиқча, ки ман мили онро арра карда, милтиқча карда, зери ҷома гирифта мегаштам.

– Яъне, шумо гуреза не; дар ғор зиндагӣ мекардед; милтиқча ҳам доштед. Падари ман тӯҳмат карда шуморо дошта ба орган дод?

– Не! Он кас маро дошта насдодааст. Ҳар дуямон ҳамчун ду дузд, саҳари баланд рӯ ба рӯ омадем... Танҳо ӯ маро дида буд.

– Пас падари ман чӣ бадӣ дошт, ки шумо дар қасди ҷони ӯ шудед ва баъди шаст соли хотимайи ҷанг устухони ӯро мехоед?

– Шишта-шишта алам кард?

– Гуреза буданатон ё бо падари ман дучор омаданатон?

– Ман гуреза набудам... Ана бинед, гӯристон рӯ ба рӯ. Оқибат ҳама ҳамон ҷо меравем. Дурӯғ чӣ лозим? Ман хабар додани он касро намедонам. Лекин баъди рӯ ба рӯ омадан маро дастгир карданд.

– Бино ба шуниди ман – шумо дар Ӯсмат ҳам гуреза будед. Кадом шиносатонро пушту паноҳ дониста, гурехта ба ин ҷо омадед ва дар ин ҷо ҳам гуреза шудед. Рост аст?

– Гуреза не. Ҷойи ҳаёт кардан надоштам. Дар ғор ҷой гирифтам. Он ғорро ҳама медонистанд, аммо аз рафтан метарсиданд. Ғори Амбали бадвоҳима не... Камари Дукчӣ. Ҷояш бадвоҳима.

– Ҳамту ки бошад, бадномийи падари ман аз чӣ рӯ?

– Чӣ хел? О мана диданд-ку?! Боз «дар таги ҷомаат чӣ дӯнг?» гуфта милтиқчаро диданд-ку?

– Пас шумо бегуноҳу падари ман гунаҳгор?

– Албатта ман бегуноҳ... Кӣ мехоҳад, ки беҳуда мурад?... Аз баройи кадом мардуми бегона шуда... Ҳамту замони озодӣ, истиқлол мерасидааст-ку!? Чӣ лозим буд ҷавононро ба дами тиру тӯп фиристодан? Худатон бинед: ватандорҳо ҳама зери хок. Ба ном душманҳо, гурезаҳо сиҳату саломат.

– Аз назари шумо ҳамин хел. Дар асл – онҳо зиндаву ҷовид.

– Дидед! Писари душман, ки ҳастед, шумо ҳам мурдани маро мехоҳед... Неее... Ман то қасдамро нагирам, намемурам...

16.06.07. Амондара.

## ПЕШПАРДОХТ...

Райиси нав чун райисони замони Шӯравӣ дар пой латтамӯза дошт; латтамӯзайи тагрезин, гирди пой тасмайи сиёҳдор, чоки пушташ ҳам; сарӣ аз кандири сахти хокиранг. Навъе мори нақшинро ёд меовард. Райис бовиқор қомат боло гирифта ва телефони дастӣ ба гӯш оварда «ало!» гуфт ва дигар садо набароварда бо ишорйи сар посухи радду бадал кардан гирифт, ки ҳамсӯҳбати гӯшӣ рӯ ба рӯяш бошад. Даст сари сина гузошта тасдиқ ҳам мекард суханони шахси ғойиби ҳозирро.

Зери сояйи сада, андар лофгаҳ нишастагон чашму гӯш ба райис доштанд, ки дигаргуна метофт:

«Дидӣ раисата, Раҳмат?»

«Вай райиси ман не, раийси Аҳмад».

«Райиси ту!»

«Райиси шумо!»

«Аҳмад ҳеҷ гоҳ райисбоз набуд!»

«Раҳмат ҳам».

«Чӣ хел? Дар маҷлис «фарқ надорад, ки кадоме райис мешад. Ба мо як газ нон ёфта диҳад, мешад!» гуфта пардайи гулӯ даррондагӣ ту набудӣ?!»

«Ман гуфтам... Гумон кардам, ки Кӯксултон раис мешавад. Лекин намоянда маҷлисро пароканда карду Муши мурдаро раис монд: «Хоҳед ҳам ҳамин; нахоҳед ҳам ҳамин!» гуфта баромада рафт».

«Лекин ба ту панд нашуд... манша бо ман дорӣ».

«Манша накардаам... ба гапатон ҷавоб додам...»

«Пеш аз раис шуданаш телефони дастӣ дошт?»

«Надошт. Ҳатто ягон бор тарафи телефонхона рафтанашро надидаам... Тракторчӣ – одам...»

Тракторчӣ – одам аз бекорхӯҷаҳойи дар лофгоҳ нишаста канортар буд, зеро донистааст, ки калон ҳама замонҳо бояд аз хурд дуртар бошад. Бо вуҷуди дурӣ ҳарфи ононро шунид: «Ин раисӣ карда наметавонад... Бесавод... Аз рӯйи қоғаз ҳам хонда наметавонад...»

Ҳоло сӯйи овоз нигоҳ накарда телефони дар ғилофаки миён ҳабс кардааш садо баровард:

– Чӣ?! Серка?! Ё гӯсфанд?... Аз куҷо?... Ному нишонаш нест... Ҳамин хел... Чӣ хеле ки мегӯед, санад шудагӣ... Ҳа акт... Бале меҳмон... Албатта... Меҳмон ба як хӯрок қаноъат намекунад... Рост, айби худамон ҳам ҳаст; обрӯй гирем, гуфта... Дасти худамонро ҳам бурида кабоб мекунем... Рост раис. Мо мардуми меҳмоннавоз... Рост, дигар касб надорем... Ҳа, доштагиамон ҳамин... Аз бозор? Ростӣ гап... рости гап... Худатон аз ман беҳтар медонед... Дар хазинайи хоҷагӣ як дир... ҳам нест... Кайҳо... Аз оғилу сарой як хишт ҳам нест... пасттар гап занед!... Баройи он ки лофгоҳ пури одам... Аз ману шумо нағзтар медонанд... Гӯшакӣ не, баланд-баланд мегӯянд... Ҳа-дия... Шумо пасттар гап занед, ман чӣ гуфтани онҳоро дошта мегирам... Бар падаратон раҳмат... Худо як аст, агар шумо намебудед, ман дар сад сол ҳам раис намешудам... Наход надонам? Дар об ҳам мезадагӣ худатон... Бале, дар оташ ҳам... Ду карат ду... Ҳозир метавонед ин корро кунед... Бале, мард аз қавлаш намегардад... Ман ҳам дар қавлам устувор. Лекин шаройит нест... Ҳо бале, нав аз таги кӯрпайи маърака баромадагӣ барин... медонед-ку?... То ба сари қудрат омадани ман... Ягон чиз! Ҳатто сӯзан намондааст, гӯем ҳам мешавад... Баройи чӣ қабул кардам? Худатон медонед-ку,

райис... Аҳмаду Раҳмат дар лофгоҳ. Гӯшашон чур... Гӯши бузи кӯҳӣ барин... Шишта мехезанд, ки ман бо кӣ дуру дароз... Не-не... Ҳаргиз... Аз замин то осмон... Гуфтам-ку: шумо намебудед... Медонаам... Ҳеҷ вақт барои худатон намегиред... Аз шумо ҳам талаб мекунанд... Офарин! Дар ин дунё ҳама умедвор... Хайр, агар шумо роҳҳояшро ёд диҳед... Заминфурӯшӣ? Ҳа-ҳа: томарқафурӯшӣ... Мардум ташна... ҳозир ҳама ҷавонон дар Русия... ба падару модарашон доллар мефиристанд, ки замин харанд... Аз куҷо медонанд? Ҳозир ҳама медонанд, ки... Майлаш-майлаш... Ман аз забони шумо ягон сухан нашунидаам... Ҳатто шуморо надидаам... Ростдия! Надида бошам, чӣ хел «дидам» гӯям?

«Райисата дидӣ?»

«Райиси шумо. Ман даст набардоштаам...»

«Ғайри авлодаш касе даст набардоштааст...»

«Бо вуҷуди он таъин шуд... Каттагиша бин; гӯё бо Худо гап мезанад».

«Худат ҳам райис шавӣ, ба ҳурмати Худо, Худоро баробари Худодод шиносӣ. Беҳуда ҳар хел гап назан! Дидаву санҷида дар ҳаққи одам кӯҳ-кӯҳ китоб навиштаанд...»

– Лаббай?! Барои чӣ қабул кардам?... Гурӯҳи мо ҳам сахт... Албатта... Бо сардориии шумо... Ҳамин хел: бесавод лозим будааст... Ҳа... қуръа ба номи ман афтод... Гӯра... Худатон тасаввур кунед, ки баъди панҷ райис чӣ мемонад?... Мурғ? Мурғ он тараф, ақаллан тухм нест... Рост мегӯед: Бефайзро мудири фермаии мурғ монда будаанд, «далла хӯрд!» гуфта санад тахт кардааст... Далла? Рӯбоҳ-дия! Шағол-дия... Худи худаш: зарди ҳаром... Кӣ?... Ҳааа... Гумон кардам маро мегӯед... Дар ҳақиқат беақл будаанд: ҳамин хел ки вайрон мешудааст, чӣ лозим буд шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта, ҷон коҳонидан?... Не-не! Мо не, онҳо! Чанд солҳо аз мо пеш омадагиҳо... Рост мегӯед: мондагиашро мо вайрон кардем... Эээ вай дар замони гузашта вайронкоронро ҷазо медоданд. Ҳозир шараф... Лаббай? Неее, сари забони маро нагирифтаед; худам ҳамин хел: бисёр гап занам, зуллукам мегирад... Шумо, ки худӣ ҳастед, гапам бурро... Рост мегӯед: пурсидан ҳам ҷо дорад, ҳадд дорад. Рост! Дидаву дониста пурсидан

аҳмақист!» Ҳамин хел: «То сардор имзо гузошта, моҳонаашро нагирад, зердаст ҳақи гирифтан надорад... Лаб-бай?!»

– Пешпардохт намоед! Пешпардохт намоед! Пешпар...

16.06.07. Амондара.

## ХАРИТАЙИ ОЛАМ

Харитайи Олам пештар аз ин рухдод гум шуда буд. Муаллим-Шоҳинро истинтоқ карданд ҳамчун ҷинояткори сиёсӣ. Зеро дар он солҳойи пуразоби Ҷанги Бузург дар ҳар мактаб аз чунин харита як нусха буд ё на. Дар мактаби када як нусха буд. Онро ҳам дуздиданд. Он рӯз муаллим-Шоҳин дар борайи Ҷанги Гермону Рус ҳикоят карду шабона дуздиданд.

Рауф субҳи саввум миёни гӯристонро убур карда хабар аз гӯри падар мегирифт, то гӯркобе ё рӯбоҳе қабраш сӯрох накарда бошад. Зеро ривояте ҳаст, ки дар замонҳойи дур мурдаеро гӯронидаанд ва роҳгузаре шунидааст, ки аз гӯр садо ояд. Хабар расондааст. Гӯрро кушодаанд. Мурда зинда шудааст. Аз ҳамон вақт то ҳол се субҳ сари гӯри нав меравaнд, ки зоро зинда шавад мурда. Рауф дар зери пардайи хирайи субҳи козиб сиёҳиеро дид, ки миёни гӯристонро мегузашт. Онҳо рӯ ба рӯ назик шуданд. Сиёҳӣ паси гӯре хам хӯрд. Дили Рауф рамид. Низ нишаст паси гӯре ва дид кард сӯробро. Субҳ дамид. Магар сиёҳӣ аз омади рӯз ҳаросид, ки пеш омад. Онҳо миёни гӯристон во хӯрданд. Сиёҳӣ гӯркобро мемонд; сару либосаш хоколуд ва харитайи азиме дар даст дорад. Рауф чунин ҳол дида сарфаҳм ба ҳама чиз рафт ва донист, ки муаллими ҷуғрофия харитайи гумкардаашро ёфтааст. «Чаро?» гуфт Рауф ва аз ҳуш рафт. Муаллими ҷуғрофия, ки ҳама чизро медонист, ба чуну чаройи ӯ посух надода, аз паҳлӯйи гӯри фурӯрафта мебардошташ, то Харитайи Олам кафанийи писар низ нагардад.

«Чӣ мегӯйӣ?» ба ҳавойи даҳон пурсид Рауф.

«Мегӯям, ки бекафан аз кафану гӯру қиёмат андеша мекунад. Ҷуғрофидон аз рӯйи «Харитайи Олам».

## ШАМШЕР

Шамшер хирманкӯб. Ман ҳамон Бобаки шабкӯр – райиси ҳосилот. Шабона рӯйи нагаф (харийи гандум) хоб меравам. Дар поси аввал гандум чу реги равон паст мешорад. Чунин метобад, ки ман ҳамин замон мисоли як дона гандуми азим ҳамроҳи реги равон шорида даруни ҷувол меравам. То чунин ҳол рух назанад, месурфам. Зеро илоҷи дигаре нест; тоб хӯрда, паҳлӯ гашта наметавонам ё хештанро боло кашида аз селоб раҳо ёфтан амри муҳол аст. Мешорам бо сар сӯйи ҷувол. Чунон ки моҳисурат ба наҳр мерафта бошам. Дилам таҳ меравад. Зӯр зада ақаллан хаёлӣ худро боздоштанӣ мешавам, ки паст наравам. Зеро дар поён дунёйи гушна; ҳамаро чун наҳанг фурӯ мебарад. Ва ҳолиё бар тахти баландам; касе нахоҳад аз чунин тахти гарму нарм фурӯ равад. Воқеъан ҳам чунин тахтро шоҳи ҷаҳон надорад; дар чунин замони қаҳтӣ Юсуфи мисрӣ ҳам надорад. Кадом шоҳ хоҳад, ки чунин тахтро аз даст диҳад...

– Райис-бобо!

– Лаббай!

– Кабудро об дода биём?

– Майлат бачам! – Ба Шамшер рухсат медиҳам. Ва то бозгашти садойи суми Кабуд гургони олам мағзи сару диламро талаву тороҷ мекунанд. «Худоё – Худовандо, гушнагонатро сер гардон!»

Дашту саҳро ва ҳама ҷо хомӯши хомӯш; ҳатто фалаки ситорарез. Ман роз мегӯям бо онҳо. Вале ҷуз гуруснагийи халойиқ сухане афзуда наметавонам. Ба назарам ҳамин гуруснагӣ барҳам хӯрад, шаб ҳам мисли рӯз равшан мегардад.

Садойи суми аспро шаб хӯрд. Он ҳам гурусна ҳамонанди мардум. Аммо сариру нолайи гӯшхароши чирчираку зиллайи ташнаву аз гармо шикоятгар боло мешавад. Ва ман ин ҳамаро ношунида гирифта то он авҷи барин бо ситорагон роз мегӯям ва хаёл мекунам, ки ҳамин замон хурӯси сапед аз қабати чаҳоруми Осмон бонг мезанад ба пешвози Офтоб. Пештар аз хурӯс некӣ талаб мекунам: «Худоё-худовандо! Гушнагонатро сер гардон!»

Садойи бозгашти Кабуд мебарояд ва ман хешро ба хоб мезанам. Дери дер орому бесадо мегузарад вақт.

Садойи Шамшер шишайи хомӯшиву миёни чашмони нимхобу нимбедори маро мешиканад:

– Райисбобо, Кабудро ба об барам?

– Кабудро бигӯй инсоф кунад. Худат Шамшери гузаро бошӣ ҳам, Кабуд дар як шаборӯз як бор об хӯрад, кифоя!

## МУНДА

Шамшер рӯзона дар пеш тори полони хар кӯзайи мунда мебараду меорад. Андар даҳони шикастагардани кӯза қайроқсанге печида бо латта гузоштааст. Латта аз сари чашмайи зери чар сӯйи хирман тар меравад; сӯйи чашма хушк меояд. Чун сӯйи чашма меояд, ӯ сари роҳ ба хонааш медарояд. Зеро аз хирман дар он кӯза гандум меорад, аз чашма об мебарад.

Бобак ин ҳамаро мебинаду медонад, аммо ҳарфро зиёд намекунад. Фақат як бор гуфт: «Бенавоёнро фаромӯш накун!»

Боре Шамшер бекӯзаву беоб баргашт. Тори сари хар кафидаву хуншор буд. Бобак пиндошт аз кирдори ӯ огоҳ гашта, гуруснагон торочаш кардаанд. Гуфт: «На. Хари обсар аз сояйи халачӯб рамида чувозак гашт. Ба сараш задам, ки сар бардораду бозистад, хоб рафту ғел зад бар нармхок. Кӯза аз дастам фитоду ба санге бархӯрда шикаст...»

Бобак оҳ кашид. Шамшер пиндошт Бобак ба ғами кӯза оҳ кашид. Гуфт:

– Ғам махӯр райис, навашро меорам.

– На ғам. Шукр мекунам, ки кӯза шикаст! Вагарна бо чунин обкашийи ту дунё зери об мемонд...

## МУРДАШӮ

Райиси кумитайи ичроияйи шаҳр Мӯсо Икром марди дилобхӯру хушкор ва корбудгари идора Бобакро сари субҳ ба наздаш даъват карда фармуд: «Аробайи мурдакаш дар ихтиёрат. Дар кучое мурда дидӣ, бор карда бурда ба хок месупорӣ...»

Аз «Дарвозайи Бухор», аз паҳлӯйи мадрасайи Олим

Додхоҳ се ҷасади бесоҳиб; аз нишебийи таги бозор як лошайи пирмарди пӯсту устухонро ёфта, бо мададу ёрийи аробакашу ёрмандон шуста, суфи ҳукумат додаро кафан карда, Сарманзил бурда, ба хок супориданд. Бобакро касб шуд ин кор ва медонист, ки дар масҷиду чойхонаҳо ё мусофирхонаҳо касе мурад, дар ҷойҳойи муайян бароварда мемонданд; баъзан хабар ҳам мерасониданд. Ба таъаннӣ дарёфт, ки чӣ касон чунин мемиранд: нодорҳо, бесоҳибҳо, омадаҳо, бенавоҳо ва гуруснаҳо... Гарчӣ вазнин буду дилгир Бобак «баҳри савоб» хешро тасаллӣ медод.

Бобак рӯзе ҷанозайи занеро пайдо кард аз паси масҷиди ҷомеъ. Сиёҳгашта буду лоғар. Аз рӯйи қиёфаву андом ва рангу ҷусса ӯро ба гузари Вашанӣ бурд, ки шояд шиносе пайдо гардад. Чун касе нашинохту дигаре ба гардан нагирифт, аз занҳойи гузар хоҳиш кард майитаро шӯянд. Боз касе ба гардан нагирифт; гӯйӣ ҳазар карданд. Бобак музтар монд. Ба зориву тавалло даромад; музди ғассолӣ пешниҳод кард, покшӯе пайдо нашуд. Бобак ба ҳазор кӯчайи хаёл рафт; шахсияти занро муайян карданӣ шуд, натавонист. Касе нашинохт мурдаро. На некиаш рӯшан буд ва на бадиаш. Расму русум, таъомул, уболу савоб, равову нораво, маҳраму номаҳрамро ёд овард. Даст сӯйи Осмон бардошту зорӣ кард. Оби дида рехт; муҳиту айём, замони ҷанги хонумонсӯзро арза дошт, ки Худованд бехабар бошад аз ин ҳама...

... ва баъд рухсату ривоят хост ва фатво низ: «Аз ношуста ба хоки поку муқаддас супоридан, хоҳар хонда, худат шуста, гӯронӣ, равотар ва авлотар бувад...»

Ончунон кард: дасту рӯй бишуст. Чашмон бо фӯтайи хеш баст. Дастпӯшак ба даст кашид. Рӯйи тахта об рехт; шусту дар суф печонд ва миёни шоли ҳамапеч гирифта бар ароба гузошт... Дар гӯр ниҳод ҳамчу бародар...

Аз он баъд гунгу кару кӯр шуд. Мегурехт аз одамон; бавижа аз занон.

Аспу аробаро то назди бинойи комиҷроия бурда, лигом дар шохи дарахти бед баст ва назди райис ҳам надаромада, ғайб зад. Чунон ғайб зад, ки то қиёмат касе ӯро нахоҳад дид.

17.06.07. Амондара

## ГОВИ ПОРАГӢ

Модгови зард чун ба дарвозайи соҳиб наздик омад, бонг мезад. Магар хабар медод, ки аз пода баргаштааст. Гӯсолайи ба рангу хӯ монанд ба ӯ суруди ноз мехонд ва дум меликонд кӯдакона; ба соҳиби мол ҳам хуш меомаду ба оча ҳам. Ҳамин ки зери пойи оча даромада, дум қарқара карда, бо тамоми нерӯ фӯку шатта зада, шири очаро меовард, даҳонаш кафк мекард. Дареғ, ки чанде боз шодкомиву нозгунҷӣ нест ва модгови зард очавор бонгу нола мезанаду посухе нест... Дар як рӯзи офтобӣ, ки гӯсола сайри боғ дошт, сели ногаҳонӣ омаду бурдаш. Васаке нишона монд аз ӯ; пӯсти хушконида ба дарунаш коҳҷойкарда. Чун пешаш гузоранд, бӯй мекашаду бӯйи коҳ мешунавад, олуғда гашта наъра мезанад, ки ба садойи най, баъзан ба садои труба ва гоҳе ба овози хиррийи зиёд гиристайи модари ноком монанд мегардад. Сонӣ чун ошиқи нокому ранҷур бесарӣ карда шох задан мехоҳад дӯшандаро. Чун сару шох баста ба мех мебинад, лагад меандозад. Садойи сатил ё соғу мебарояд ва дуъову садойи дӯшанда:

«Дилат гум зада мур, ман накуштаам, ки лагад занӣ! Аз худо дон!»

Чанд рӯз нагузошт дӯшидан. Синааш дамида, аз чашми дораҳо шир мечакид. Ба пода ҳам намерафт. Бонг зада деҳаро ба сар кашида, рост омада дарвозайи бастаро шох мезад ва тела медод. Соҳиба рӯйи васак намак пошид. Гов муросо накард. Дар корсон кунҷораву сабӯсу себҳойи рехтаро тарид кард. Гов пора пиндошт. Чун шаборӯз гушна буд, тез хӯрд. Ӯ зуд-зуд дора кашид. Ҳанӯз дӯшида нашуда порагӣ хӯрда тамом кард ва лагад зад. Чун соғу миёни зонуҳо дошта медӯшид, баробари ба дунба нишастани занак, париду шир рехт. Пора зиёд карданд. Гов ё ба тақдир тан дод ва ё зӯри беҳудаашро пай бурд, ки ором шуд. Лек ҳар кас, ки аз наздаш мегузашт, сӯяш нигариста «ҳум-ҳум» мекард. Дар дили шаб бонги талху тунд мезад. Соҳиб намедонист, ки аз фироқи бача нола дорад ва ё дар ғами пора бонг мезанад?

Танҳо он гоҳ пай бурд оҳу нолайи говро, ки гоҳи васакро лесидан аз чашмаш сиришк мерехт.

## САЙЁДИ НАВКОР

Сайёди навкор чодар медошт; чодари чаҳоргӯшайи аз кандири сафед сохта, ки ду чашм дошт, чун айнак ба чашми сайёд менишаст. Инчунин парҳойи рангайи паррандагон ва латтапораҳойи тӯморшакл дошт, ки дар замини чодар андармон дӯхта буданд. Пару латтаҳо аз вазиши бод ва ҳавойи гашти сайёд ларзиш хӯрда, диққати кабкчӯҷаҳоро мекашиданд; онҳо ид мепиндоштанд, ки дар тирамоҳон гулу сабза рӯйидааст ва пеш меомаданд. Рӯёрӯйи чодар ду села кабкчӯҷаҳо қатор кашида шиқ-шиқкунон – суруди идона хонда пеш меомаданд, то ба сабзаву гулҳо нӯл зананд. Сайёди навомӯз бори нахуст чунин пеш омадани ду селаро медид ва даступо хӯрда намедонист ба кадоме села тир кушояд. Хеле нигарон истод. Мили камонро аз чашми рости чодар гузаронд. Ба ин раддаву ба он радда қаровулак рост кард ва биандешид, ки раддайи ростро занад, раддайи чап озод парида меравад ва баракс сафи чапро тир занад, сафи рост парида меравад. Ба хулосае наомада, таваккул кард: миёни ду села замини хушкро нишон гирифт. Кулангро пахш кард. Камонро суст дошта будааст, ки пошна дод ва китфаш лат хӯрд. Садойи тир баромаду чанги замин аз миёни ду села кабк. Кабкон баробар ба ҳаво хестанд ва беосебу зиён болафшон шуданд: «Ғичунғичуунннн!!»

Лек ба гӯши сайёди навкор чунин расид: «Камон сарозер бигир!»

## НОДИДА

Волиро дар ноҳияҳойи тобеъи вилоят чунон пазиройӣ карданд, ки яку якбора хешро аз осмон афтида пиндошт. Шодбошиҳо такрор бошад ҳам – ин ҳарфҳоро ҳазор бор ба дигарон гуфта бошанд ҳам, волиро нав буд; зеро нав ба унвони ӯ мегуфтанд. Рӯйи дасту забон то осмонҳо мебардоштанд. Дар зиёфатҳо гулрухон чунон рақсу нозу карашма мекарданд, ки... Бо нигоҳашон мехӯрданд волиро: «Биё, ки чашми каҷу зулфи сурмасо инҷост...» Бо нозу адо ва карашма сӯйи хеш мехонданд: «Карашма домани дил мекашад, ки ҷо инҷост...»

Тамаъу талабашон рӯйирост буд ва онро волийи зирак хуб мефаҳмид: «Биё, ки Зебунисо ҳамчу ман гадо ин ҷост...»

Волӣ тавонист ҳамин қадар баҳо диҳад: «Бечора...»

## ҶАНГИ МАЙНАВУ ЗОҒ

Майна пиндорад, ки зоғ хурад чӯҷаашро; зоғ пиндорад, ки майна барад бачаашро.

Онҳо аз субҳ то шом ҷанги ҳавойӣ мекунанд. Чӯҷаву баччаҳо аз гуруснагӣ мемиранд.

## АЗ БАЛО ҲАЗАР

Карам умед кашида ба дари ҳамдиёрие омад:

– Амак, маро шинохтед?

– Не.

– Домоди калонийи Лох. Ҷӯраатон Лох. Келини хурдийи ҳамон кас дар бемористони Қарияйи Боло...

– Фаҳмо. Писари кӣ шумо?

– Писари Мукаррам... Номам Карам...

– Хӯш?

– Келини ҷӯраатонро духтур оварда будам. Духтурӣ набудааст дардаш. Пеши табиб бурдам. Панҷсад доллар мегӯяд. Пул тамом шуд...

– Пули ман ҳам...

– Нeee!!! Доллар омадос. Дар роҳ. То омадани доллар... То се рӯза мерасад.

– Хайр, сабр кунед!

– Ман сабр мекунам-куя, табиб...

– Росташро гӯям, ман пул надорам. То понсад доллар ҷамъ карда ба шумо қарзи бебозгашт медиҳам, ки на бемор мемонаду на табиб.

– Қарзи бебозгашт не...

– Ин хел бошад, сабр кунед, қарзҳойи додаам бозгашт кунанд...

– Нeee!!! Шумо мана нафаҳмидед. Пул дар роҳ...

– Пули роҳ наздиктар аз доллари нопайдойи ман.

18.06.07.

## ШИКОЯТ

Амон шикоят дошт аз дарди пой.

Бародараш Салмон бо диққат гӯш дод, ки дарди бародар бедавост, дилсӯзӣ кард:

– Туро аз ду пой бояд овехт...

## СУДХӮР

Райисшаванда Раҳмат болойи сари райиси кӯҳна пайдо шуд ва якбора матлаб ифшо кард:

– Ӯй, Тағой! Бисёр қошу қавоқ карда нашин! Ман даҳ ҳазор бурда додам. Аз райисӣ дил кандан нахоҳӣ, ёздаҳ ҳазор ба ман деҳу дар ҷоят истодан гир!

## МУРҒИ ГУШНА

Мурғе тамоми рӯз «қа-қа!» зада нависандаро сахт парешон мекард. Ӯ «Кишк!» гуфт, нарафт. Санг андохт, нарафт. Сагро ҷонибаш ангехт, натарсид. Хеста пеш кард. Фикр аз сараш парид. Мурғ дур рафту боз омад. Ӯ донайи гелос андохт. Мурғ донайи ақиқранги гелосро пуршаст дошта, пуршаст гурехт, то мурғони дигар нӯл зада аз даҳонаш нарабоянд.

## ПУРСУ ПОСУХ

Паёмбар аз Худованд пурсид:

– Бандагони ту ва умматони ман зиёд мепурсанд: «Ин қадар ки месозем, оқибат кор намонад, чӣ кор кунем?»

Худованд гуфт:

«Бигӯй, ки хароб карда, боз созанд!»

## ДИЛСӮЗӢ

Модаре писари ягонайи падармурдаро хонадор кард. Чанде гузашт. Ба ранги рӯйи писар нигаристу ба чеҳрайи арӯс. Арӯс шукуфта, барқ мезад; писар лоғару бенур мегардид. Нон базӯр аз гулӯяш мегузашт. Парешон шуд. Дилаш сӯхт ба писар. Илоҷ ҷуст: «Писарам, биё назди тағоят барам, то фаҳмад, ки чӣ шуда бо ту?»

Даштеро мегузаштанд. Рама мечарид. Қӯче аз паси меш метохт; навозиш мекард; лабсуруд мехонд ва мепарид. Харо-

бу лоғар гашта буд. Думбааш обу адо ва кашол ба пӯстдумба гашта буд. Писар пешопеш мерафт ва гаштаву баргашта ба мешу қӯч менигарист, то модар низ бинад. Модар рӯй мепӯшид. Баъзан duздида менигарист. Чун дили писар ба танг омад пурсид:

«Оча! Ҳамон қӯч ҳам тағо дошта бошад?!»

## МО

Мо аз ҳеҷ чиз чиз сохтанро наомӯхтем.

Лек аз ҳеҷ кас кас сохтанро ёд гирифтем.

19.06.07.

## ОРЗӮ

Оне, ки зӯри ҷисмонӣ мезанад ва ҷисму ҷонаш ҳама умр арақшор аст, пиндорад, ки кори нависандагиву олимӣ саҳл бувад. Нависандаву олим, ки аз пуркорӣ дар танаш мадор на-монда, базӯр ҷисмашро мекашад, орзӯ кунад, ки низ нерӯйи бозу дошта бошад чун варзишгарон.

20.06.07. Амондара

## РӮДАКИВОР КӮРАМ НАКУНӢ

Гирди чашмони гӯсола пашшаву пашшачаҳое бастанд, ки мижа кушода наметавонист. Майнае сарборӣ шуд. Аз дӯстӣ буд ё аз душманӣ, ки болзанон меомаду тори сараш ҳамчун Наср менишаст ва бо мили тафсон пашша мечид. Гӯсолайи бечора, ки зери осмони тамузу ҷонсӯз «Шикоят аз ҷавонӣ» мекард аз зарби нӯлзанийи шоҳ беқарорӣ дошт. Сар такон медод, гӯш меафшонд; думак мезад, то болдор дур биравад, аммо шоҳи тозаҷулус тарки маснад намекард. Гӯсолайи пуртоқат ба тохтан даромад. Майна намепарид. Гӯсола ба танг омад ва бонг зад: «Ай нӯлтез! Пашша бигирӣ, майлат! Лек боинсоф бош, то Рӯдакивор кӯрам накунӣ!»

## АҶАЛРАСИДА

Дар он замон садойи тир бароядм, ҳама як қад мепариданд. Зеро аз ҳама чизи гӯшхарош ва ҷонситон тиру садойи он буд. Агар баъзаҳо нашунида монанд, бахтакҳойи шӯрангез зуд огоҳ мекарданд.

Аз Говхона садойи тир баромад. Аз Говхонайи воҳимадори ду тарафаш шах, ки кас рӯзона ин тангнойи подахуспро убур кунад воҳима мегирифт ва шабона касе аз он воҳимагоҳ намегузашт. Ду бор пайи ҳам садойи тир баромад. Ҳоҷат ба хабаркашӣ набуд. Ҳама шуниданд. Омаданд ҳам. Мутасаддиён ва посбонҳо. Ҳанӯз дар дасти подабон буд камон.

– Киро паррондӣ?

– Душманро!

– Душманро?

– Бале душманро!

– Ду кас буданд?

– Не, як... Як тир андохтам, нарасид...

Душманро надида камонаш гирифтанд. Дастонаш пушт бастанд. «Албатта шумо мо баринҳоро душман медонед?»

– Не. Душмани одамизод – якто! Дар хоб ҳам дар бедорӣ ҳам. Ана бинед. Ба шах часпида гурехтанӣ шуд. Дидам, ки аҷалрасида ҷониби шумо рост шуд; тарафи дача. Айшатонро мунағғас накунад, гуфта, андохтам.

Онҳо бехи шах Айнакдори дароз хобидаро диданд; аз ду қулоч ҳам дарозтар буд. Ба якдигар нигоҳ карда сар ҷунбониданд; айнакдорҳо айнак дуруст гузошта аз сар нигоҳ карданд...

Дасти сайёд кушоданд. Камонашро надоданд.

21.06.07.

## ТОРИ ДИЛ

Ҳар гоҳ мӯя-мӯя канда мешуд дар гирду атрофи дил ва чанд рӯз озурдаву дардманд гашта, сонӣ ҳамвор шуда мерафт, гӯё буду набуд. Ин бор тори дил канда шуд; ба фарёди талху тунди набера, ки тори марза истода аз тарс пахтайи кӯҳна барин сафед гашта буд, парида аз ҷой хестам ва кучуки аз наздаш гузаштаро дида, чашмам сиёҳӣ зад. Набераро монда худро эҳтиёт карданӣ шудам, то аз марза таг назанам. Девори чашмам дидаро дошта нишастам. Ба худ омадам, ки набера карахт. Ӯ аз саг тарсиду ман аз ӯ. Ба набера кӯмаке карда наметавонистам ҷуз ишорайи сар, ки «хона даро» мегуфт. Ӯ чизе намефаҳмид; яқин карахттар аз ман буд... Дилам беҳузур

шуд. Қай кардан мехостам. Вале ҷуз ҳаво аз дарун чизе намеомад. Зӯри набераро бардоштан надоштам. Магар ӯ ҳолу аҳволи маро дида раҳмаш омад, ки ба хона даромад.

Боз рӯйи кат дароз кашидам. Чунон ки тори рубоб аз тарангиву бори гарон тирс канда шавад, як тори дил баргусаст. Чунин ҳолатҳойи пешазмаргийи ёру дӯстон ва ғамзадагонро бисёр шунида ва ё дида будам, ноҷунбон рӯ ба Осмон хобидам. Чашм ба фалаки ҳафтум медоштам, ки то фикру хаёл ба он ҷо расидан осуда гардам. Ҳай дур будеее... Нури чашм намерасид то он ҷо, магар фикр. Лекин ҷойи фикру андеша набуд; зеро медонистам, ки ҳама торҳо бори гарони фикру андешайи зиёдро бардошта натавониста гусаста мегарданд. Чун тор гусаста шавад, на тор садо диҳаду на садтор. Танҳо нигоҳам ба он баландийи дури дур буд, ки ҳар чӣ расад, аз он баландӣ расад. Хешро ба мурда андохта, нафас ҳам намегирифтам, ки ороми ором бошам; наандешам; чизеро ёд наорам. Лекин ноаён ҳама чиз аз даруни чашми пӯшида ва мағзи сар мегузашт чун ҳисобот. «Беҳуда...» Хулоса чунин. Аммо кас мехоҳад бештар зиндагӣ кунад ва бештар азобу ранҷ кашад. Зеро одамӣ баройи роҳату фароғат офарида нашудааст. «Кулфати ин дунё – роҳати он дунё!» Лек чашмдор набудам чунин озорро. Кор карда, меҳнати зиёд карда азоб кашиданро дар назар доштам. «Умр ситорайи паррон... Ҳар қадар фузунтар дурахшиданӣ бошад, мисли ана ҳамин тори дили ман, якбора канда шуда, дар он баландӣ як хати рӯшан кашида, воруна меравад; як нахи абрранг, сонӣ хокистарӣ ва баъд сиёҳ боқӣ монда ба ранги осмон меомезад...»

Бо ҳар зарабон, ки нав тапиданашро мешунавам, мурғи ҳақ садо медод: «Як, ду, се... як саду панҷ...»Қарор гирифт мурғи ҳақ. Пештар шаборӯз садо кунад ҳам парвое надоштам. Ҳолиё мешуморам. Бо умеде, ки чанд бор «ҳақ» гӯяд, ҳамон микдор умр хоҳам дид. Бо чунин аҳволе ки дорам, хаёл мекунам ё орзу. Зеро дар дигар ҳолатҳо; бавижа дар ҳолатҳойи сериву мастӣ кас чунин хаёл намекунад; тавонгар ё оламгир ё бемарг метобад. Ҳарчанд донам, ки ин дунёйи «боду абр» киройи зист надорад, зистан мехоҳам. Шояд ягон беҳбудие пайдо шавад, шояд касе ба дунё ояд, ки ба дигар кардани дунё

зӯраш нарасад ҳам, тарзи зисти халойиқро дигар кунад; як бор бошад ҳам барои худ на, аз барои мардум ҷон канад; ҷон кандани даҳонакӣ не, ҷон кандани ҳақиқӣ.

Валек, чун ба ҳама сахтиву қаҳтӣ, дарду ранҷу азоб одат кардаам, зиндагӣ ширин метобад; ба назарам агар ин чизҳо набошанд, зиндагӣ беранг мегардад; дилбазан, безеб ва монанди ҳамон ҳофизе менамояд, ки ҳар рӯз аз ойинайи нилгун якранг мехонад.

«Як саду панҷ...» гуфту ором шуд мурғи Ҳақ. Умри маро муайян кард. Аммо ман ҷон меканам. Дар чашмонам хоб нест. Мурғак намехоҳад, ки ман хоб кунам. Зеро хобида дар ҳисоби мурда бувад.

Ӯ боз ба ҳисоб даромад. Умри баъди марги маро мешуморад...

22.06.07. Амондара.

## АҲД

Гург: Ту донӣ, ки номи ман Гург? Хӯрам – нахӯрам, даҳонам хунолуд?

Саг: Ту донӣ, ки номи ман Саг? Бобову бибиам Гург.

Гург: Ҳамин хел мегӯйиву лекин... ман рафта бузғолайи бастаро гирифта орам, нахуст худи ту фиғон мебардорӣ. Олам хабардор мешавад. Ту пешпешу камондор аз пушт ба сарам метозед. «Гург бурд!» мекунед.

Саг: Ту озодӣ; худову худодод надорӣ. Ман бандиву бастайи кас. Вазифадор ҳастам, ки чунин рафтор кунам. Агар чунин накунам, соҳибам шуста ҳам намедиҳад. Ё вулгард мешавам ё зери пашшаву кайку кана монда нобуд мегардам.

Гург: Магар озодӣ бадие дорад?

Саг: Озодӣ хуб аст, агар некном бошад.

Гург: Мон ин маталатро. Бобову бибийи ману ту Гург бошад, биё ҳарду якҷоя кор кунем.

Саг: Хӯш?

Гург: Бирав, ресмони бузича раҳо бикун...

Саг: Натавонам.

Гург: Ресмонро бихой, ғӯла бикун...

Саг: Натавонам.

Гург: Нафаҳмидӣ. Бузичаро озод бикун. Ҳар куҷо равӣ, аз дунболат равад. Туро озодибахши хеш хонад.

Саг: Натавонам.

Гург: Аҷаб гӯле ҳастӣ. Чун озодибахш ном мебарорӣ.

Саг: Ту низ аҷаб гӯле будайӣ. Бӯйи ту ба тани ман нишаст. Пеши бузича равам, бӯйи ту шунавад ва ҷаҳаду фарёд занад. Соҳиб бараояд. Ва маро гург пиндошта андозад.

Гург: Аҷаб беқлу нодон будайӣ. Бузу гӯсфанд бӯйи гург шунавад, ҳаловат бурда худаш пеш ояд.

Саг: Аҷаб. Аз мани хонагӣ мегурезаду?

Гург: Чунки ту ӯро бад мебинӣ. Гумон дорӣ, ки ӯ набошад, рӯзиат зиёдтар мешавад. Ношукрӣ накун. Як лингаш ба ту мерасад.

Саг: Нимаш.

Гург: Бошад.

Саг: Ҳамааш!

Гург: Бошад!

Саг: Чӣ кор кунам, ки...

Гург: То ин ҷо биёр. Ман кушта, медиҳамат.

Саг: Ман якбора ин қадар гӯштро хӯрда наметавонам.

Гург: Ман ёрӣ медиҳам.

Саг: Чӣ ӣ ӣ?

Гург: Чун сер шудӣ, мондаашро зери хок мекунӣ. Ҳарвақт, ки...

Саг: Не! Ман ҳаққи хиёнат кардан надорам. Соҳибам маро «Вафодор» мегӯяд. Хубаш бузичаро кушанд... устухонаш маро кифоя мекунад.

Чун Гург қайсариву вафодорийи Сагро донист, замоне орому хомӯш монд ва рӯбоҳ шуд: тани хешро кашида борик шуд. Гӯш хамонд. Дум миёни пой кашид. «Раҳм бикун; бачаҳоям аз гушнагӣ мемуранд...» Қомати Вафодор боло шуд. Гӯшҳояш чур гашт. Думаш низ қарқара шуд. Сари сина дамонда пой пеш гузошт. Бӯйи зиндагӣ ба димоғаш зад. Гург пай бурд ҳолати ӯро ва ба замин парчин гашта ғел зад. Яқин медонист, ки Саг дар чунин ҳолат аз гулӯяш намегирад, балки наздик омада мебӯяд. Саг тори сари ӯ омад. Ангехта буд; ҳама рагу пояш таранг, қоматаш боло, гӯшҳояш сиху чашмо-

наш ҳушёр. Гурги доно яқин кард, ки ба дом омада Саг. Оҳиста сар бардошта низ бӯй кашид. Саг беқарор гашт. Вале пахш карда наметавонист онро. Зеро ҳанӯз рам дошт; вафодориаш нарафта буд ва хешро аз даст надода буд. Масъала пеши ӯ дигаргуна гузошта шуда буд; ҳолиё масъалайи дигар пеш омад. Душманӣ гашт ба ошнойӣ. Гург гардан дароз карда хубтар бӯйид ва аз меҳрубониаш Саг худро гум кард; наздиктар шуд ва фӯк ба фӯк гашта баробар бӯйиданд ҳамдигарро; даҳон ба даҳон шуданд; қад ба қад гаштанд; гурезу дор карданд. Инак фармон дар дасти Гург буд; ҳар қадар дур гурезад, Саг зудтар ба ӯ мерасид ва Гург реб дода наздиктари бузича меомад. Саг ногаҳон ҷаҳид ба пушти ӯ. Гург лаҳзае ором истоду якбора раҳо ёфт ва дум ба замин ниҳода, ба ду пойи ақиб нишаст; чукка зад. Саги беқарор душманӣ фаромӯш кард ва он қадар ба оғӯш кашида беёду беҳанг гашта буд, ки забонаш кашол гашта ба замин мерасид; оби даҳонаш чакидаву шорида, оқибат хушк шуда буд; дилаку забонак мезад. Олуғда гашта, ғаш мекард...

Саг бори нахуст ба пушти ҳамҷинсаш савор шуд ва ҳамон замон фарёдзанон чаппа гашта ба замин зад.

Гурги борондида вазза кард ӯро. Махсус вазза кард, то дардро эҳсос намояд. Иринҷ-иринҷи саг гувоҳи дард кашиданаш буд. Баробари бозистодани Гург ба по шуд ва дум ба дум истод бо вай. Ду душмани қаҳрӣ барин рӯйи якдигар намедиданд. Гург чашмон нимкоф карда ором меистод, вале Саг ҷон меканд. Гург андаке гардан тофта ба Саг нигарист: «Ҳолат ҳамин?» Саг нафаҳмид кинояйи ӯро. Забонаш қариб ба замин расида ҳалқаку дилак мезад.

«Ту асири ман ҳастӣ, биё бо ман!» Вазза карда сӯйи бузғола бурдани Гург Сагро чунин маънӣ дошт. Аммо саг чорпоя ба замин часпида рафтан намехост, ки агар соҳиб дар чунин ҳол бинад, азоби алим он гоҳ пеш меояд: «Камонашро гирифта ҳам туро меандозаду ҳам маро...»

Гург ҷуз нияти бузичаро тӯҳфа ба бачаҳояш бурдан нияти дигаре надошт. Вазза мекард. Саг иринҷос мезад. Забонаш ба замин мерасид. Худаш чун мӯйи оташдида сӯхта ғинҷ мегашт.

«Ана бузичаву ту... То ҳуй накунӣ, ҳуй накунам...»

Саг гирист аз қарори Гург. Рӯ ба бузича гардонд. Гург пас тела дод, ки форид Сагро ва дандон ба ресмони бузича зад. Бузича хӯсида чаҳид баланд ва баргашта ба замин зад. Саг ресмонро дуру дароз хойида, ғӯла кард. Бузича гурехта аз назди Гург гузаштанӣ шуд. Дошт Гург. Ва қуфлро раҳо кард. Саг овора шуд бо хеш...

Бузғола дар даҳони Гург дасту пой зада фарёд мекашид. Гург сӯйи кӯҳ мебурд ӯро.

Садойи соҳиб баромад. Саги беёд аз тарси соҳиб ба фарёд омад ва аз дунболи Гург тохт. Ба назар гурггир мешуд. Аммо пеш намерафт.

«Гиркиш! Ҳо гир!!!»

Саг нисбати Гург беэҳтиромӣ кардан намехост.

23.06.07. Амондара.

## ДУЗД

Саги занҷирбастайи ҷониби бемористони «Харчанг» фиғон бардошта, қад-қад баланд мешуд, то занҷир гусаста меҳмони нохондаро бидаррад. Аммо меҳмон сагро сахт баста дида, нописандона тарбуз зери каши чап меомад. Чун фиғони саг боло шуд, Ҷовидон хабар гирифт.

– Шӯъбайи ҷарроҳӣ ҳамин ҷо? – бепарво пурсид марди парешон.

– Ин ҷо беморхона не, хона, ҳавлӣ.

– Ман Қассоббойро хабаргирӣ... Тарбуз овардам.

– Рӯта сиёҳ накун бо тарбузат. Аз кадом партобгоҳ хӯрдайи беморонро бардоштайӣ.

– Э ака, ман катӣ шӯхӣ накун!

– Шӯхӣ намекунам. Шинохтамат. Як бори дигар ҳам омада будӣ. Ба шӯъбайи корҳойи дохилӣ бурда, супурда будем.

– Тӯҳмат накун. Ман Қассобойро...

– Тӯҳмат? Калиди дар думаш риштабастаро бароварда «Ана ин калиди хонайи прокурор. Хонаашро таъмир мекунам. Ман дузд не» гуфтагӣ ту набудӣ?

– Хайр ман? Чӣ мегӯйӣ?

Ҷовидон, ки муроди ӯро қасосгирӣ дониста буд, нархи саб-

зиву пиёзро напурсида, кашидаву кушода зад. Тарбуз аз бағалаш парида ба замин хӯрд; ғелон нашуд. Ним паллайи холӣ буд. Дузд калавида даруни хори марминҷон зад ва «э-э-э!» гӯён хестанӣ шуд, ки саг ҳуҷум овард.

– Сагата гир!

– Намегирам! Ту дузди дипломдор будайӣ. Коргарони орган медонанд!

– Донӣ, чӣ дӯғ мезанӣ? Ҳамон дипломро ба инобат гирифта кор кун!

– Дипломи ту ба ман чӣ лозим?

– Вақте ки лозим шуд баъд ба ин саволат ҷавоб медиҳам...

Лекин як жигулийи дар танаш «МИЛИТСИЯ» навишта омад. Дузд дар ин вақт чӣ хел даруни хори анбӯҳи марминҷон ғайб зад, ҷуз саг касе надид.

28.06.07. Душанбе

## САНГРО ШИКАНАД САНГ

Сардори шӯъбайи корҳойи дохилийи ноҳия нав шуд. Нахуст касе ба зеҳнаш нашишт, ки ӯро пештар ҳам медонист. Ҳамдиёраш Эҳсон. Дар бораaш афсонаҳойи замонавӣ шунида буд, ки дар ягон китоб нахондааст. Чунон гурги борондида, ки барра аз даст барад, касе чизе гуфта натавонад, илоҷи воқеъа наёбад. Ӯро «чинори каҷ» лақаб дода буданд, ки бедонабозҳойи кӯкнорӣ беҳтарин ҷой дониста аз саҳар то бегоҳ дар сояаш менишастанд. Баройи он чунин лақаб дода буданд, ки Эҳсон сахт реша давонда, хонаву дар карда буд зану фарзанди дар Кофарниҳон доштаашро наоварда. Ин мавзеъ чунон хушаш омада буд, ки мардумаш Эҳсон баринҳоро зуд падар, бародар ё писар хонда шабу рӯз дар хизматаш мешуданд. Эҳсон сардори шӯъбайи контрразведка. Лекин корҳое мекунад, ки на додситон мекунаду на қозӣ. Зарбашро гузаронидааст. Номашро шунаванд, меларзанд.

Сардори нав омада бисёр фикр кард ва тадбир ҷуст, ки бо ин гурги борондида чӣ кор кунад? Надонист. Худи Эҳсон надониста сардори навро ба даст гирифтанӣ шуда наздаш омад бо ҳазор найранг, ки наздиктарин одами ӯ мешавад. Бисёр касонро шиносонд ғойибона ва бисёр касонро фурӯхт

барқасдона. Сардор гӯё гӯш медоду фикру хаёлаш дигар буд: «Аз ин мараз бояд халос хӯрд...»

– Ту одами мо, ака. Дар ин ноҳия бисёр кор кардӣ. Ҳамаро хуб мешиносӣ. Маълумот меорӣ. Ба худат сад фи сад бовар мекунам. Лекин дурӯғ намегӯйӣ, фиреб намекунӣ. Шуд?

– Шуд!

Ба оварданҳойи Эҳсон бовар надошт. Бисёр андешиду майна об кард, то чӣ кор кунад? Лек аз касе машварат напурсид. Рӯзе ба хидматгузорони дилобхӯраш фармуд, ки овоза кунанд: «Аз сарҳад ду одами хавфнок гузаштааст...» Овоза шуд. Он дуро террористи гуреза донистанд. «Ноболиғ, таълимдида, супориши махсус гирифта» овоза карданд.

Сардор Эҳсонро ба наздаш хонд ва пурсид: «Шунидӣ чунин овозаро?»

«Неъ!»

«Шунидӣ, нашунидӣ, кор чунин. Ин кор ба худат дахл дорад. Мегӯянд, ки кӯҳ ба кӯҳ мегарданд. Аз Работ то Кошона ва болотар ҷояшон. Лекин дар як ҷо намеистодаанд... Фаҳмо?»

«Фаҳмою...»

«Давай! Аз пайи кор! Пайдо кардӣ, кордат болойи равған...»

Пойафзори Эҳсон ғилбор, автоматаш сӯзан ва худаш пӯсту устухон гашт; террористро пайдо накард. Наврасони таҳҷойиро дошта оварданӣ шуд, натавонист...

Сардор оҳи сабук кашид: «Сангро шиканад санг...»

29.06.07. Душанбе

## БОБО ВА НАБЕРАҲО

Замона чунон шуда, ки касе аз баройи савоб кор намекунад; ҳатто муллову қозӣ, ки аз гуфтаҳо, парвардигор баҳри чунин корҳо халқ кардааст. Бобо пир гашта, зӯри санг аз сари роҳ гирифтан надорад. Хаёлаш, ки наберагон мададгораш бошанд: сангу хасу хошок ва селовардҳойи боғро саранҷом кардан ё бардоштану ба тартиб овардан аз дасташ намеояд.

– Дилшод, ту шаҳрзодӣ, корҳойи деҳиро сомон карда метавонӣ?

– Чӣ хел корҳо, бобо?
– Ана ин чӯбу чахсро бардоштан, сангу регро гирифтан...
– Ман метавонам, бобо! – Некӯйи деҳзод бозувон бардошт.
– Некӯҷон, ту ин корҳоро дидайӣ, бачайи кӯҳистон, лекин зӯрат намерасад.
– Ин чӣ? – мушак дамонд Некӯ.
– Ҳа-ҳа!...
– Сафедорро мегардонам, бобо!
– Ӯҳ, канӣ?!
– Трактора мебандам...
– Сима мебандам, гӯй... – ӯро ислоҳ карданӣ шуд Дилшод.
– Не, тарктора...
– Сима...
– Сима банду нигоҳ карда шин-канӣ, чӣ мешавад...
– Ха-ха... Банд трактора!
– Не, ҳоло не. Аввал ҳама чӯбу чинга, хасу хошок, сангу регро мебардорем, сонӣ... а, Некӯ?
Садо набаромад. Наберaҳо имову ишораҳойи махсус карданд ва паси бино гузаштанд.
«Сангпушт зери хок тухм мегузорад, Некӯ. Чӯҷа мебарорад. Дар телевизор дидам... Боз як бачаро дидам, ки тухми мурғро зери реги гарм гузошта, чӯҷа баровард».
Некӯ даҳон кушода гӯш дод ва ба суханони Дилшод бовар кард. Завқ бурд. Сонӣ хаёлаш ба тухмҳойи зери мурғи курк рафт ва реги селоварди боғро пеши назар овард, ки чӣ зайл гарм шудааст дар офтоб. Тухмҳоро оварда зери рег пинҳон кард ва дар рӯзи бисту якум чӯҷаҳо аз зери хок сар бардошта, «чу-чу!» заданд. Худ ба худ завқ карду рӯ ба Дилшод овард:
«Мо ҳам даруни реги гарм тухм гӯр кунем, чӯҷа мабарояд?»
«Намедонам... Шояд...»
«Аз бобом пурсам?»
«Не!»
Ва Некӯ Дилшодро бурда мурғеро нишон дод, ки аз тирезайи шишашикаста даромада, андар рафи ҷевон тухм гузошта, тораш хобида буд.

«Таҷриба мекунем, Неку. Яке ихтироъкор шавем... Ана рўзноманигоронро бин-дия... Чӣ хел каллаамонро гаранг мекунанд...»

Лек мурғи Жола намегузошт онҳо тухми зери пояшро гиранд. Нўл мезад, ғазаб мекард, медамид, чангол ба сару рўяшон задан мехост. Қуд-қуд мекард. Ба ҳимояйи тухмҳояш мешўрид. Некў каллапўши ҳоҷигӣ дошт. Онро аз сар гирифта ба сари мурғ пўшонд. Аз зери тоқӣ мурғ дасти ўро чуқид. Некў ғазаб карда ҷорўбро гирифт ва мурғро тела дода хезонданӣ шуд. Неши ҷорўб қат гашта, зўри мурғро бардоштан надошт. Мурғ фиғон бардошта бар тухмҳо парчин мешуд. Душоха овард Некў. Мурғро ба танайи тахтайи ҷавон пахш кард. Дилшод ларзону тарсон тухмҳоро эҳтиёҳкорона мегирифт.

«Фломастер дорӣ, Некў?»

«Не... Вай чӣ худаш?»

«Қалами ранга. Тарафи болоийи тухмро ишора кардан лозим, ки ҳамон зайл дар таги рег гузорем».

«Баройи чӣ?»

«Такорў шавад, ҷўҷа намебарояд.»

«Э худи очаш сад бор такорў мекунад. Бо нўлаш кашидаву тела дода ҷойгардон мекунад».

Дилшод ба донойиву мушоҳидакорийи Некў эътибор дода, чизе нагуфт.

Тухмҳоро дуздиву пинҳонӣ аз чашми бобо бурда зери реги пали боло карданд. Ва ба лаб кулўх молида, мусичайи бегуноҳ шуда нишастанд.

Мурғи курк фиғон кашида аз тирезайи шишашикаста баромад ва рў-рўйи ҳавлӣ давидаву фиғон бардошта посўхта шуд.

«Чӣ кор кардед?»

«Ҳеҷ кор!!!» ба пурси бобо баробар посух доданд набераҳо.

«Мебинам, ки коре накардаед. Лозим меояд, ки худам ҷунбам... Сафедорро кандӣ, Некў?»

«Не!»

«Меканиву дертар... Ба ин мурғ чӣ шуд?»

«Тухмоша хӯрдааст, бобо...»

«Баъзе мурғ ҳамин хел... Гушна монад, тухмашро мехӯрад. Маҳ, Некӯ. Ин пулро гиру ба хонаи Абдумухтор рав. Нӯҳ дона тухм биёр. Мурғҳойи сафеди хуб дорад... Тухм чанд пул?»

«Дина панҷоҳ дирам буд, имрӯз шаст дирам шудааст...»

«Ҳааа, ҳар рӯз дар тараққӣ».

Некӯ пулро аз дасти бобо гирифт, аммо карахт истод. Ба Дилшод аҷаб менигарист. Дилшод аз нигоҳи ӯ чӣ рамуз гирифт, ки аз бозӯяш дошта «рафтем» гуфт ва андаке рафта афзуд: «Ба назарам бобом ҳама кирдору рафторамонро диданд...»

... Даҳ рӯз гузашт. Наберaҳо нигарон, ки тухм дар зери хок чӯҷа мешавад. Беқарор. Зеро мурғ чанд рӯз рӯйи тухм хобида буд, намедонанд.

«Бобо!»

«Лаббай!»

«Тухм зери реги гарм чӯҷа мешавад?»

«Намешавад».

«Дилшод мегӯяд, ки мешавад...»

«Дилшод гуфта бошад, мешавад. Ба шарте, ки замин гарм бошад, рег ҳам. Лекин замин рӯзона гарм мешаваду шабона сард...»

Онҳо беқарортар шуданд. Зеро бобойи рӯзгордида бисёр чизҳоро медонад. Дуртар аз бобо рафта маслиҳату машварат карданд. Аз талхҷорӯб дастае баста, хоки рӯйи тухмҳоро рӯфтанд ва чунон рафтор карданд, ки бостоншиносон бо мӯқалам гирду рӯйи бозёфтҳоро устокорона ва боэҳтиёт тоза мекарданд. Тухмҳо ҳамон зайле ки гузошта буданд, истодаанд.

Бист рӯз гузашт. Дар ин муддат ба умед чандин бор тухмҳоро хабар гирифтанд, ки шояд нӯли зардаки чӯҷае аён гардад, нишоне набуд; тухмҳо надамида буданд. Некӯ ҳар замон ба Дилшод менигарист саволомез. Дилшод посух гуфт:

«Худам дидам, Некӯ. Чӯҷа баромад аз тухм, лекин як-то...»

30.06.07. Душанбе.

## МАНТИҚ – МУАЛЛИМ

Шогирд суолнома гирифта бар курсӣ нишаст. Чун ручка надошт, хомаи саршикаста бароварда, бо чоқу пай мезад, то посухи пурс нависад. Мантиқ-муаллим чун чашмаш ба кори шогирд афтид, рӯзнома ва суолномаро ғун оварда бошитоб аз дари синф баромад. Шогирд, ки феъли устод намедонист, ҳайрон монд. Декани факулта ва дигар шогирдон муаллимро арозгардон оварданд. Ва чоқу аз дасти шогирд рабуданд. Шогирд ҳайронтар шуд.

«Кори ҳамин будааст... Дар шаби торик ба муаллим бо кордча таҳдид кардагӣ ҳамин Раҳмон будааст!» – садойи декан ларзиш мехӯрд.

– Тӯҳмат накунед... Ман нав чоқу аз дӯкон харидам... Рӯғанаш пок нашудааст... Намедонистам, ки мантиқ-муаллим аз чоқу қимоб будааст...

– Акнун донистӣ?

– Акнун донистам. Хома пай задан маро одат. Хома тарошидан фикри парешонамро ҷамъ мекунад.

– Акнун хотиратро ҷамъ мекунад. – Хулосайи сардори синф буд.

1.07.07. Амондара

## ТАҒОВУ ҶИЯН

Ёр Гӯяд: «Тағо – бригадир, ман – хирманкӯб; гоҳи боди гандум дар қатори ҳашт бодгар – хидматгор».

Сарой. Фермайи гови колхоз дар ҳамин сарой ҷойгир. Пода тобистон ба айлох мераваду зимистонро дар ин ҷо мегузаронад. Баройи коҳро резу чош накардан банди гандуми дуруда ба ин манзил кашонда, хирман мекӯбанд. Чиллайи тобистон. Сару рӯй ва торҳойи абрӯву мижгон пур аз гарду чанги хирман. Бо оби руд ташнагӣ нашиканад; ғубори дар гулӯ баста чун балғами часпак канда нашавад ба ғарора кардану сурфидан.

«Ёр, рав, аз анбори колхоз панҷоҳ кило ангур биёр!»

Амри бригадир – тағо буд. Ёри хидматгузор пиндошт, ки ёрийи колхоз ба бодгарони ҷигарсӯхта аст, хушҳол харро савор шуду сӯйи амбор рафт. Мудир дар коғазе имзойи Ёрро гирифт ва панҷоҳ кило ангури ҳарранга дод. Овард.

Ҳаббачигарон ҳамин ангурро дар як нишаст хӯрданд; ҳашт бодгару тағову чиян. Лаб пок карданд... Рӯзе мудири амбор калли Ҳумро омад:

«Ёр, пули ангурро кӣ медиҳад?»

«Ман надонам. Касе фармудааст ё хӯрдааст, бояд диҳад».

«Онҳо мегӯянд, ки касе овардааст, бояд диҳад».

«Хуб, ман медиҳам, амак. Ин дафъа бед».

Ёр аз хирвори хирман як халта гандум бардошта, бурда дар посбонгоҳ гузошт.

Соъати ронанда омаду рост ба посгоҳ даромад ва халтайи гандумро дида чизе нагуфт ва зуд мошинашро дар гиронда аз Сарой баромад... Комиссия бор карда овард.

– Ин гандумро кӣ ин ҷо монд? – пурсиданд аъзойи комиссия.

– Ман.

Халтайи гандумро дар мошини Соъат бор карда бурданд. Сонӣ нозири музофот Саримсоқ-милиса Ёрро дар сечархааш савор карда бурд.

– Ёр, гандумро duздидӣ-а?

– Не, рафиқ милиса. Надуздидаам. Биргад фармуд...

– Ту медонӣ, ки дар чунин солҳойи вазнин гандум ба хун баробар аст?

– Не. Гандум бо ангур баробар буданашро медонам.

– Чӣ хел?

– Биргад фармуд, ки аз амбори колхоз панҷоҳ кило ангур биёрам. Гуноҳи ман ҳамин ки рафта ангурро овардам. Ҳашт бодгари гушнаву ташна дар як фас хӯрд. Баъди чанд рӯз калли Ҳумро «пули ангура кӣ метияд?» гуфта омад. Мусафедон пул надоштанд. «Касе овардааст, пулро диҳад» гуфтанд. Ба ман алам кард. Пул, ки надоштам, аз номи ҳама ҳамин гандумро бардошта мондам... Набурдаам, нахӯрдаам...

– О ин гандуми момот не, бача. Гандуми кӯб.

Ростӣ аз сиёсату сару либоси раххойи сурхдор ва шапкайи сурхи милисагийи Саримсоқ дилам фурӯ лағҷид. «Хайр, ман бо тағом маслиҳат кунам» гуфтам. Зеро дили пур ва пушту паноҳи зӯрам таго буд. Ангур оварданро ҳам ӯ фармуда буд. Ба об занад ҳам, ба оташ занад ҳам бояд таго занад:

«Ҷиян, ту мӯсафедони бодгарро ба ин кор ҳамроҳ накун. «Худам кардам» гӯй; ба ҳоли бодгарҳойи берӯзӣ дилам сӯхт, худам кардам гӯю мон. Нони хӯрдан надорам, ҳамин хел кардам гӯйӣ ҳам майлат... Одам турма шудан катӣ даррав намемурад... Худат медонӣ, ки Кенҷа ду сол шишта як халта пул бардошта омад. Розӣ шав. Гуноҳро ба гардан гир. Шояд ту ҳам...»

Тағо як сатил оби хунукро аз сарам рехт. Дасту дил шустам аз олам, аз тағо, аз зиндагӣ. Худо гӯед, ки кас сода ва сафеддил нашавад. Раҳмдил ҳам; дили раҳмӣ – ҳамеша ғамӣ. Сонӣ тоқат накарда росташро гуфтам:

«Тағо фармуд. Аз калли Ҳумро панҷоҳ кило ангур овардам. Ҳашт бодгар ва тағову ҷиян дар як фас ҳамин ангурро хӯрданд. Калли Ҳумро сари хирман омада пул талаб кард. Як халта гандум бардошта, бо маслиҳати мӯсафедон дар посгоҳ гузоштам. Соъати ронанда омада дид. Рафта комиссия овард. Чунки чанд бор дар мошинаш гандум баровардани ӯро дошта, гардонда будам. Нав фаҳмидам, ки «қасос дар қиёмат намонад» гуфта будааст...»

Пай бурдам, ки дар пӯстини тағо кайк даромааст. Парво накардам.

Рӯзе Саримсоқ бо сечархааш ба Сарой даромада, гирди хирману хариҳоро давр гашт. Бодгаронро «Монда набошед!» гуфт ва омада назди ман оташи сечархаашро хомӯш кард:

«Ҳа Ёрмаҳмад! Читу?»

«Нағз.»

«Ман ба ҷойи тағот...»

«Не. Ман ҷойи тағоя ба касе намедиҳам».

«Ту аввал гапа гӯш кун!»

«Медонам чӣ мегӯед.»

«Чӣ мегӯям?»

«Аз гапи тағо набаро...»

«Не. Ман худам ҳама корро тахт мекунам, лекин ин кор овозаву дарвоза нашавад...»

То ҳанӯз фикр мекунаму хаёл, ба ҳалли ин масъала ақлам намедавад...

24.07.07. Амондара.

## САЙЁД ВА ХИРС

Шикори ӯро ҳамдиёриён медонистанд. Вале ягон бор шикоят нанавишта буданд. Ин бор, ки хирсро зада омаду гӯшташро фурӯхт ва равғану заҳраашро гаронтар нарх монд, арза карданд; ба ҷойҳойи дахлдор шикоят рафт, ки Сайёд хирси дар китоби Сурхи Тоҷикистон даромадаро парронда, гӯшту пӯсту равғану талхаашро фурӯхт. Омаданд одамони кордон; дучор шуданд бо касони ҳолдон ва Сайёдро чор саду ҳафтод сум ҷарима бастанд. Дар он замон ин қадар пул доштан осон набуд. Сайёд чизе нагуфту рост ба назди шиносаш Насим рафт, ки дар бахши шиносномайи шӯъбайи корҳойи дохилийи ноҳия кор мекард.

– Сӣ сум меистад нархи ин кор...

Сайёд ном Шараф гирифт дар шиносномайи нав ва бепарво мегашт.

Рӯзе боз омаданд ҷарима бастаҳо ва Сайёдро доштанд.

– Ҷарима бидеҳ.

– Шумо киро ҷарима бастаед?

– Сайёдро.

– Ман Сайёд нестам.

– Пас ту кӣ ҳастӣ?

– Шараф.

– Ягон ҳуҷҷат дорӣ?

Ӯ шиноснома пешкаш кард: «Шараф Нисор. Миллаташ тоҷик...»

– Ин чӣ хел?

– Ҳамин хел. Касе, ки тӯҳмат навиштааст, ҷарима аз ӯ ситонед...

25.07.07.

## ҶАВ КОРИДА БУДӢ Ё ГАНДУМ?

Номвар дар ҳамсоягийи Саққо дар доманайи теппайи Шоён гандум корида буд. Азбаски роҳбарони корчаллони хоҷагӣ ҳар сол киштгардон замин мефурӯхтанд деҳқонҳоро, Саққо киштайи хеш аз киштайи дигаронро фарқ намекард. Номвар гандум кошта буд, Саққо ҷав. Рӯзе Номвар ба дарав омад, ки гандумаш дуруда. Ҳайрон шуд. Ҷави Саққо қавра карда буд.

Ба пурсуҷӯ даромад. Дарёфт, ки кори Саққост. «Аҷаб ӯ ҷав кишта буд, чигуна гандум даравад?»

Дарвозаи Саққоро кӯфт:

– Ҷӯра, ту гандум корида будӣ ё ҷав?

– Ҷав.

– Пас чаро гандуми маро дурудӣ?

– Не волло, ҷави худро даравидам. Ана бинед.

– Он бандҳойи пушти бом гандум-ку?

– Не ҷав... Кӣ гуфт, ки ман гандуми туро даравидам?

– Дарав рафта будам. Дидам, ки гандум дуруда... Фаросот кардам, ки кори туст.

– Волло фаросоти ту ба ин чиз намерасад. Касе гуфтааст.

– Чӣ фарқ дорад?

– Чӣ хел чӣ фарқ дорад? Касе дар миён ҳаст, ки дӯстийи моро намехоҳад...

– Ин гапҳоро монед...

– Хуб. Ин гапҳоро мемонем. Агар ман гандуми туро надониста даравида бошам, ту раву ҷави маро донисга бидараву ба хонаат бибар. Ман рафта меорам, ту омада бибар...

– Хуб.

– Ва ман то он вақт муайян мекунам, ки хабаркаши муттаҳам кист?

Номвар ҷави Саққоро дуруда, банд-банд кашонд ва тори бом ғарам зад. Сонӣ ба дари Саққо омад:

– Ҷаватро дуруда омадам, рафта биёр. Ман гандумамро мебарам.

Саққо гуфт: «Ташвиши зиёд ба дилам задааст... Ҳамон ҷав аз они ту; бахшидам. Ман розӣ. Ту ҳам розӣ шав.

– Агар ин хел, биё зарбулмасалро дигар кунем.

– Чӣ хел?

– «Ҷав корӣ, гандум даравӣ, гандум корӣ – ҷав».

26.07.07.

## ҶАЗЗА

Падар дунба реза карда дар дег андохт ва писарро фармуд: «Ҳушёр бош, ки ҷazза насӯзад!»

Саққо пайдо шуд ва даст ба деги тафсон зада ҷазза бардошт. Ва дона-дона ба даҳон андохта бепарво хӯрда мерафт.

Писарак ҳайрон монд: «Чӣ хел дасту даҳонаш намесӯзад?» Ба худ омад ҷониби падар тохт: «Додо! Додо!»

– Ҳа! Ҷазза дуд кард?!

– Не! Амаки Саққо хӯрд!

– Саққо гӯшт хомохом мехӯраду, ҷаззайи бомаззаро мемонад?!

## ГӮШТИ ХОМ

Бобо чашми рӯз накафида савори хари Сурх сӯйи кӯҳ баройи ҳезум мерафт. Заминро як парда шабнам пӯшида буд. Шибоғу хорбуттаҳо яхбаста метофтанд. Пешопеш нақши наъли харе рафта, ки шабнам пур накардааст пайро. «Саҳархезтар аз ман кӣ бошад? Ягон шикорчӣ будагист». Дар кӯҳтал хар вазни ӯро накашид. Пиёда шуд. Харро пешандоз карда ва уреброҳаро тоб хӯрда, ба тали ҳамвортар баромад. Аз пайи наъл соҳиби молро муайян карданӣ шуд. Натавонист. Рӯзномайи хунолуди маҷақ, ки боди сабо варақ гардонида, оварда дар хорбуттайи паҳлӯйи шахчайи сафед андармон кардааст, парешонҳол гардондаш. Ба сад кӯчаву тангкӯчайи хаёл рафта омад, ки молдузд ҳамин аст, ки пешопеш газета хондааст. Халачӯб зад ба паҳлӯйи рости думғозайи хар, то расонад дуздро. Сари баландӣ расид ва дар ҳамворийи он тараф, зери нури хирайи субҳдам сӯроби савореро дид, ки гӯйӣ хобаш бурда пушти хар майли пеш рафтан дорад. Вале маркабаш ба майлу ҳавойи пой сум мезанад.

Ҳаво рӯшантар мешуд ва хару савораш аёнтар: «Саққост?»

Хараш наздиктар омад ба дунболи хари ӯ ва бӯйид. Хари пеш тез шуд ва савор саҳл монд, ки афтад. Тарсид ғӯладинг ва гардан тофта ба пас нигаристанӣ шуд. Гарданаш тоб нахӯрд. Пуршаст дар пушти полон нимрӯя гашта, савори дунболагирро дидан хост. Бо силтаваш хар миён duздонда бероҳа шуд. Саҳл монд, ки савор биафтад.

– Ҳа, Бобойӣ?

– Ҳа амак!

– Тарсондӣ, сулфӣ намешавад?

– Шумо тарсончак набудед-ку? Соятон тунук шудаст магар?

– Неее... Хаёл карда мерафтам.
– Чӣ хаёл мекардед амак?
– Гург аҳмақ набудааст?
– Чӣ хел?
– Маззайи гӯшти хомро медонистааст.

Бобо аз чунин сухан ҳайрон монду рӯзномайи хунолудро пеши назар овард. Саққо дар пеш дастонашро ҳаракат дода коре мекард ноаён. Бобо тоқат карда натавонист:

– Полон медӯзед, амак?

Саққо посух нагуфта, хеле вақт дастонаш дар пеш ҳаракат доштанд. Сонӣ ӯ дасти чап аз сари китф пас гузаронида, зери остин чизеро дароз мекард: «Ма!»

– Ин гӯшти хом-ку?
– Ҳа, ман гӯшти хом мехӯрам. Гуфтам-ку: гург аҳмақ нест.

Ва чӣ хел ҳаракате кард, ки устухони дасти аз шонааш ҷудо накарда, ки нимхой шуда буд, аз сари китфи росташ боло шуд.

– Маед, амак. Ман гӯшти хом хӯрда наметонам. – қасдан ҳамин маҳал гӯштро баргардонд Бобо.

– Ман метонам.
– Гургхӯрда барин.
– Неее... Гургхӯрда не; ҳароммурда ҳам не. Моли ҳалоли худам.
– Пухта хӯред, чӣ мешад?
– Шумо одами бекор. Ман одами серкор. Насиҳат ҳамин, ки ҳар чизро пурсида нашинед...

27.07.07. Амондара

## КАРТОШКАДУЗД

Номвар омадани ҳамсоякишт Саққоро дида даруни ҷӯя нишаст ва бехи ниҳолҳойи картошкаро кофтан гирифт. Сонӣ нохункан карда ба шуморидан даромад: «ду... се... ҳашт...»

– Ҳа ҷӯра, чӣ мешуморӣ?
– Картошка. Як бех ҳашт-даҳ картошкайи калон дорад. То тирмоҳ, иншоолоҳ, ҳамин хел андозад, замину замонро картошка мегирад.

Саққо «ҳааа» гуфту ба киштзори хеш рафт. Миён думо

карда миёни ҷўяҳо хам хўрд ва дуру дароз қомат рост накард. Мекофт бехи ниҳолҳоро ва китфон дарҳам мекашид. Чанд донайи нахўд пайдо шуд. Аз шарм, то Номвар набинад, хокпўш кард.

– Ҳа акайи Саққо! Ҳосил чӣ хел?

– Аз они худат барин.

– Нағз.

– Чўҷаро дар тирамоҳ мешуморанд, ҳамсоя...

Ва тирамоҳ шуд. Гоҳи ҳосилғундорӣ ҳуш аз сари Номвар парид; бехи як ниҳолро меканд, калонаш донак барин; дигараш низ; ҳамааш...

– Акойи Саққо, картошкаҳойи маро касе дуздидааст.

– Чӣ хел?

– Калон-калонашро...

– Аз они маро ҳам... Калонаш нахўд барин.

– Дар вақташ ҳам азони шумо калонаш олуча барин буд...

– Ту аз куҷо медонӣ? Картошкаҳойи маро ту дуздидайӣ!

– Ин хел ки бошад, аз они маро кӣ дуздидааст?

– Касе, ки медонист, картошкаҳойи калон-калонатро...

28.07.07. Амондара

## ЧӢ ФАРҚ ДОРАД?

Саққо як тубра суперфосфат оварда ба пали шолӣ пошида, халта сари китф баргашта мерафт, ки Номвар рў ба рў омад.

– Монда набошед, акойи Саққо!

– Бале!

– Корҳо ба хайр?

– Ҳааа... Як халта дору оварда, ба шолӣ задам.

– О вай пали дору задаатон пали шолийи ман-ку?!

– Не волло, аз они худам. Як клёнкайи сурх дар сари воташ буд.

– Бод ҳамон клёнкаро ба сари воти пали шолийи ман овардааст.

– Чӣ фарқ дорад? Пали ту – пали ман; пали ман – пали ту!

Чун Саққо доруро аз андоза зиёд задааст, шолиро сўзонд. Саққо тирмоҳ ин корро дида гуфт:

– Чӣ фарқ дорад? Ҳар кас киштайи хеш даравад.

## ДАҲАНА

Саққо Номварро дида фармуд:

Даҳанайи заминамро ба пасоби замини ту рост кардам. Хоҳиш дорам, ки ба дигар даҳана нагардонӣ!

Бо умеде, ки имшаб киштааш об хӯрд, рӯзи дигар хабар мегирад, ки замини дигаре об хӯрдааст. Арбадаву хархаша бо заминдори дигар мекунад, ки обро ба заминаш гардонидааст.

– Ӯ акойи Саққо! Ман аз мурдани худ хабар дораму аз ин кор не. Нав омадам, ки майсаро хабар гирам.

– Не! Шаб баъди ман омада даҳанаро гардондӣ, ҳозир омадӣ, ки хабар гирӣ!

– Не, ако, ман хабар надорам. Ку биёед, даҳанайи заминатонро хабар гирем.

Чун ба сари даҳана меоянд, маҳкам; нишони пайи каланд нест. Саққо хиҷолат мекашад:

– Бубахшед ҳамсоя, шаб дар торикӣ, даҳанаро ба замини шумо кушода будаам.

28.07.07.

## ЭЪТИРОЗ

Ӯ зардолузорро чун «Хоҷагийи деҳқонӣ» сертификат карда гирифт. Вақти гули зардолу ҳаво сард шуд; тармотарид рехт. Райис фармуд чодарҳойи хирмани пахтапӯширо сарсари дарахтон кашиданд. То ғӯра бастан зери дарахтон чархи мошин оташ зада, дуд карданд... Он сол зардолузорони дигарро офат зад; зардолуҳойи хоҷагийи таҷрибавӣ ҳамчу ангур дар нарду навдаҳо овехт. Гоҳи ранг овардани зардолу ҳар бинанда «ҳаҳ! ё «ваҳ!» гуфт. Сол ба охир нарасида пасопеш чаҳор тан аз наздикони райис бо ҳар баҳона нобуд шуданд. Хулоса бароварданд:

«Пеши офати Худованд фиристодаро бигирӣ, эътирозест бо фармудаҳойи Ӯ».

31.07.07.

## ГОВБИЗНЕС

Суми гови Ало суда шуд; ҳамоне, ки аз рафту омади роҳи миёни бозорҳо кавшаки пояш кафида, нохунҳояш шикаста,

ланг гашт; лоғару хароб ҳам шуд. Он рӯз, ки нахустин бор пояш ба бозори саргаҳи водӣ расид, сешанбе буд. Ало чунин гови лоғари хоболуду хаёлӣ набуд, балки фарбеҳи тозаву нерӯманди буққамонанд буд; ба назар аз ҳар тори мӯяш равған мечакид; аз дами нафасаш дуртар истодан лозим меомад. Ҳушёри бозорнадида ва каме саркаш метофт ва дар ноомади кор шояд шох ҳам мезад. Гирдаш ҷамъ шуданд одамон, ки ба тамошо оварда бошанд. Харидорони ҳавасакийи «шояд канда гирем; соҳибаш кӯҳистонӣ барин» аз наздаш дур намерафтанд. Пайи ҳам нарх мепурсиданд: «Чанд?» «Бардошти бозор» посух медод марди кӯҳистонийи лачакбасар.

– Моли куҷо?

– Моли Саратоғ.

Лекин даллолҳо қариб китфи фурӯшгорро канда гиранд:

– Бед, барака ёбад! Ӯ! Ҳа гӯед!... Ана, панҷи дигар! Розӣ шавед! Ҳамин гова ба вай неву ба ман медиҳед!

Дар ҳар сухан дасту китфи фурӯшгорро такон медод даллол – ҳамонанди Ашӯр Сафар, ки гоҳи вохӯрӣ дасти адибонро аз китф ҷудо мекард. Даллол дудаста дасти соҳиби молро аз сараш боло бароварда, ба замин мезад: «Дигар ҳаққатон намонд! Хуб пул кард!»

Чун соҳиб қадри моли хешро медонист, даст аз шона ҷудо шавад ҳам ба нархи гуфтайи ӯ розӣ намешуд. Зеро медонист ин даллолҳоро. Аммо даллолҳо хаёл мекарданд, ки марди аз кӯҳ фуромада қиссаву қойидайи бозорро намедонад ба андак пул говашро мефурӯшад. Вале касе намепурсад, ки чаро чунин гови хушзодро мефурӯшад.

«Шумо говро ба тамошо овардед ё ба фурӯш?»

«Ҳамин хел...»

Лек даллоли бозордида маънийи посухи ӯро нафаҳмид. Даллоли дигар дасти ӯро гирифт:

«Даҳ зиёд! Бед тӯй-ба равад!»

Дили соҳиби мол ширин фурӯ рафт; дардманд фурӯ рафт: «Наход чунин гов баройи корд бошад?» Сари говро гардонда ба дари бозор рост кард: «Намефурӯшам...» Ва шохбанди говро кашид, то аз бозор барорад. Аммо говбизнесҳо пеши роҳи ӯро боздоштанд:

«Молатона касе наҳ назадааст. Моли хуб! Бед, эб-ба биёем!»

Оқибат Алойи зотӣ савдо шуд ва ба роҳ афтод: Сешанбе дар бозори Зери Ҳисор савдо шуд, чоршанбе дар бозори Шӯрча, панҷшанбе дар бозори Навобод, ҷумъа дар бозори Дупула, шанбе дар бозори Сӯҷина ва якшанбе дар бозори шаҳри Панҷакат. Акнун дастҳойи ботаҷрибайи даллолҳо ва ҳаннотону ҷаллобҳо дард мекарданд аз бардору зан. Ва нархи гови Алойи зотӣ чун доллари амрикойӣ ба пешвози иди рамазону иди қурбон бозорафзун ё «бардорад, зам кун!» шуда буд.

Дар як ҳафтайи мусофирӣ равғани гов об шуд; чашмонаш алотар гаштанд аз танаш. Устухонҳойи атрофи думу думғозааш чукка заданд ва пӯсти зери гулӯ, таги шикам ва синааш овезон гаштанд. Бо атола хӯрондан ҳам пӯсти ба устухон часпидааш ковок намешуд.

Душанбе рӯзи истироҳати бозорҳойи мол ва дамгирийи чорво буд. Аммо Алойи зотӣ аз бозори шаҳр то бозори Зери Ҳисор бозпас роҳ паймуд. Акнун қабурғаҳояш рӯ зада буданд. Шуморидан имкон дошт.

Даллолҳойи сешанбебозор ҳамроҳи Ало дар ҳама бозорҳо буданд. Ҳоло дасти соҳиби нави Алоро нагирифтанд, балки часпиданд ба говҳойи навдаромад. Як говхоҳи кӯҳистонӣ Алоро харидор шуд баройи говдорӣ кардан. Зеро Ало аз дасти аввалу охир гузашта, қимматтар аз аввала савдо набояд мешуд. Ало бӯйи марди кӯҳистониро шунида, ба сӯяш чашмони алогаштаашро дӯхт ва мӯя кард: «ҳммм...» Зеро дар ин муддат Ало озодийи чарогоҳи Саратоғу Қаратоғ ва омадшуди роҳи ноҳамвори кӯҳистону шаҳрро муқойиса мекард ва дилаш ба марғу сардобаҳойи боло гум мезад. Агар бори дигар то шаҳр рафта ояд, Худо донад то ин бозор расиданашро. Сонӣ соҳиби нави нодон ба корд расонад ё на. Гӯшташро фурӯхта ҳам натавонад. Даллол ё корчаллоне лозим, ки пӯсташро дам накарда, биканад ва гӯшташро ба қассобхонае барад; қассоби ошно арзон харида, ба гӯшти ягон моли парворӣ сарборӣ гардонад.

«Маро бихар, марди кӯҳистонӣ. Аз дасти даллолу ҷаллоб халос бикун, хизмататро мекунам...»

– Амак, нагуфтам, ки говбизнесҳо ин говро гардонда меоранд. Ана ҳамин.

– О ин хароби мурданиву?!

«Ҳуммм!»

Ало гардан тофта яктаҳи марди кӯҳистониро бӯйид ва дасти аз остин кашолашро лесид.

«Ҷонвар чӣ мегӯйӣ?» аз дили харидор гузашт. Рӯ ба фурӯшгор овард: «Андак фуроед».

«Худаш қимат омадагӣ... Боз ба мошин пул дода, бор карда овардам...»

«Атолайи додаатро ҳам гӯй...» Киноя буд ё маслиҳат луқма парронд даллоле.

«Амак, одам ҳам ба пойи ӯ гардад, мошин сувор шудан мехоҳад».

«Бед, даҳ зиёд».

«Равед, барака ёбед!»

Аз чашми Ало қатрае ашки шодӣ шорид.

01.08.07. Амондара.

## ҲЕҶ ЧӢ

– Акойи Полвон, аз бачагиам шуморо мешиносам, ки дойим сукут варзида, ба хаёл меравед. Ин қадар чӣ фикр мекунед?

– ...

– А, ин қадар чӣ фикр мекунед?

– ...

– А, акойи Полвон? Агар ҳамаашро ҷамъ кунем, ба назарам, олам намебарад. Ин қадар чӣ фикр мекунед?

– Ҳич-чӣ!

02.08.07

## ПЕШ АЗ ҶАНОЗА

– Домулло, пеш аз ҷаноза ғанав кардаам, таҳорат шикаст ё на?

– Муфтӣ донад.

– Муфтӣ – домулло, пеш аз ҷаноза ғанав кардаам, таҳорат шикаст ё на?

– Шуморо паҳлӯйи тобут бояд ҷой дод. Зеро мурдаву хобида – якест!

## ШУМО ДАР КУҶО

Телевизор рекламайи туркӣ намойиш медод: духтари сурхинапӯши зебое аз даруни обу оташ парвоз карда, аз соҳил ба соҳил ба дидори ошиқ меравад рӯ-рӯйи дастҳо. Марди тамошобин лаззат бурда, завқ карда, ба хаёли ҷавонӣ рафта буд, ки телефони дастиаш занг зад:

– Ало, шумо дар куҷо?

– Дар Туркия!

– Хайрият, дар дуриҳо будаед.

– Шумо дар куҷо?

– Ман дар хонаи ҳамсоя.

– Нағз! Ҳамсоя ба ҳаққи худо баробар...

03.08.07. Амондара.

## КӮЧАРӮБ

Ду зан аз миёни занҳойи бисёри кӯчарӯб монанд ба паррандайи эзорсурхак, ҷудо аз дигарон, аз субҳ то шом зери чангу бод хиёбони марказиро мерӯбанд. Камзӯрчайи зарди беостин пӯшидаанд. Ҷорӯбкашиашон айнан зарби ба танайи дарахт нӯл кӯфтани ҳамон паррандайи дарознӯлро мемонад. Инҳо кормандони (замонҳо хонанишини) кумитайи иҷроия мебошанд, ки солҳойи камбизоъативу гаронзистӣ ҳукумати ноҳия сарпараст гашта, андаке орд, равған, биринҷу чойи кӯмаки башардӯстона омадаро барояшон арзонӣ медоштааст. Аз саҳар то бегоҳ кор мекарданд ва дар ҳар гурӯҳ нарғӯле ё зани шаттоҳе сардор буд. Гоҳи дамгирӣ бар ҷорӯби думдарозашон савор шуда, аз ин замону аз он замон сӯҳбат мекарданд:

– Бева, ҳамин кора шӯт фармояд, намекунӣ.

– Чунки шӯйи ту ҳам, шӯйи ман ҳам пул надорад... Райис пул дорад.

– Ту пулаша дидӣ?

– Ҳооо...

– Ман надидам... як коса орд, як чика равған, шакар, чой...

– Медонам, ки ҳавлийи худата хазон гирифтай, намерӯбӣ, бехи дарахт нарм намекунӣ. Хори замин намеканӣ... дидам чӣ хел ба дарахт часпида баромадаст хор. Лекин...

– Шӯйи ту пул меорад?

– Чӣ хел намеорад. Меорад. Замони дар автобаза кор карданаш, хуб меоварd. Баъд, ки автобазаро боройи Дӯст шуда алов заданд... ҳолу рӯзамон ба кӯчарӯбӣ монд.

– Барои пулу мол неву аз хонашинӣ зардов мегират дилат. Дар сари роҳ ақаллан мошинҳойи ранг ба ранги хориҷиро мебинӣ-ку. Тез тараққӣ кард-а, шаҳр?

– Ниҳоят тез. Хаёл мекунӣ, ки мошинҳойи хориҷӣ аз осмон рехтанд. Пеш магазинчийи пулдор ҳам мошин харида наметавонист. Лотореяйи дар бозӣ бурдайи кадомеро рустиву пинҳонӣ харида мегирифт.

– Рост мегӯйӣ, дар чунин давлат ҳар қадар хизмат бикунӣ, кам.

– Садқаш бишам. Як вақтҳо мегуфтӣ, ки аспи душох барин мегаштем, помон кушода шуд. Ҳозир чӣ хел?

– Медонистагийи худат.

– Балоча. Язнам омад-а?

– Омаду рафт. Дар ҳамун Петербург кадомеро ёфтагӣ барин. Саросема омаду рафт. Ақаллан напурсид, ки чаро Санамро дар ансамбли «Пулрез» мондӣ.

– Аз номаш фаҳмидагист-дия...

– Неъ, намедонад. Духтара шӯ медиҳам, гуфтам, дам назад. Нашавад, пеши худам кор мемонам.

– Накун ин кора. Дилу ҷигараш тамом мешавад. Худамона бин, беғарзи сулфаву балғам чизи дигар надорем.

– Дар зимистони хунук бо як ҷӯробу калӯши резинӣ, мошинҳойи қиматбаҳо налағҷад, гуфта, барфу яхи арасот тоза кунӣ, ҳамин хел мешавӣ-дия! Мон дилхушӣ кунад. Аз ҳамин кӯчарӯбийи мо ҳазор бор беҳ. Ақаллан либосаш бечанг мегардад-ку!

– Рост мегӯйӣ... лекин... лекин... лекин... ваз... нин...

– Чаро зулукат гирифт?

– Ҳамун... Дар мошини ҷипи сафед шиштагӣ Санам нест...

– Ба назарам ҳамун...

– Илоҳӣ, хушбахт гардад...

05.08.07. Душанбе

## ОН ТАРАФ ҶАРӢ

– Ӯ-ӯй! Чӣ кор мекунӣ, бача?! Он тараф ҷарӣ!

– Туро баройи чӣ дар пеш шинонидам?

– Фармон дар дасти ту! Хобат барад, ман чӣ кор карда метавонам?

– Ту бояд чунон рафтор бикунӣ, ки хобам набарад! Гуфтам: Фаррух пеш шинад, ту пас...

«Девона нашав!...»

Сухани Фаррух дар даҳонаш монд, ки ба Устод неву ӯро сахт расида буд. Вале Устод чизе нагуфта дари мошинро кушод. Бурун омада хамёза кашид ва мавқеъу манзилро аз назар гузаронида сӯйи онҳо нигарист:

«Моро худо нигаҳ дошт: ин ҷо муқаддасгоҳ ё ҷойи касофат будааст. Туғ бардоштаанд он ҷо. Дар варта мошинҳойи пачақу маҷақ. Ҷойи назаркарда. Чӣ кардаатон пешро гирифтааст?...»

– Ин аз файзи шумо, Устод!

– Бобоҷон айбе надорад. Ин макон ҳамин хел касро мефирефтааст. Мекашидааст...

– Шинед, Устод, вақти фотиҳа мегузарад.

– Не! Фотиҳа пир намешавад. Шумо рафта оед. Ман ҳамин ҷо нигарон меистам.

– Ин хел намешавад, Устод!

– Мешавад. Ё аз дунболатон пиёда меравам.

– Ин раҳи каму ғам аст, ки...

– Фарқ надорад.

– Охир...

– Не-не! Рост мегӯм.

– Э дара пӯш! Равад, мерад; наравад, не!

Сӯйи Фаррух гардан каҷ карда дод зад ронанда. Садойи Устод омад:

– Волло ҳамин мошини Бобоҷонатон самолёт шавад ҳам, пома монам!

Мошин ҳаракат кард.

– Дор-дор! – Фаррух фуромад аз мошин.

– Ту ҳам фуро! – сӯйи Акобир дод зад ронанда.

Ронанда хеле сукут варзид. Оқибат фуромад. Ҳарчанд зӯр зада мошинро сӯйи ҷарӣ тела медод, зӯраш намерасид...

28.08.07.

## ХОЛДОР

Чанде сапедадамон аз ин ҳавлӣ мӯяву гӯя ва нолаву фиғони модаре меояд, ки фарзанд ба хок супорида, ҳар субҳ пеш аз сари гӯр рафтан пайвандон садо бароранд. Одатан ин маросимро мардон ба ҷо меоранду сӯйи гӯристон меравconfigured, аз паси онҳо модар овоз меандозад; алам тоза мекунад: «Алам! Алам! Алам!»

Ин садойи Холдор аст, ки якбора се кӯдакашро ба қатл расонидаанд. Нола дораду фиғон; хонаро ва агар тавонад, оламро ба сар мебардорад, лек додрасе нест. Ҳар кас боройи мурдайи худ гиряд. Ҳамон гирянда ҳам боройи мурда намегиряд, ба ҳоли худ ва озору азобҳойи мурда мегиряд. Холдор ҳам алам тоза мекунад, ки нав поравон шуда буданд кӯдаконаш; аз дар бурун омаданду мубтало ба бало гаштанд. Он қадар нолаву фиғон кардааст, ки овозаш ҳазорреша мебарояд. Айнан беморийи ҳазорреша барин, ки гоҳи сурфидан ҳазор решайи таранг озорманд мекашад. Ва кас пиндорад, ки решаҳо баргусаста шаванд, бемори лаби гӯррафта шифо ёбад. Вале Холдор «Вой, вой, вой!!!» мекунад, доду фарёд мезанад ва пардаҳойи нойи гулӯ мечаспанд ба якдигар. «Аз куҷо ёбам? Куҷо рафтед, бачаҷонакҳоям?!»

Аз роғи дар ба сари девор ё гӯшайи бом менигарад, ки он падари бачахор боз омадааст. Вақте буд, ки ҳамон ҷо пайдо шуда, Холдорро ба ишқбозӣ даъват мекард. Ҳолиё мепояд, ки кай бачаҳояш аз дар бурун оянд, то ӯ дандон зада бардошта гурезад. Шербаччайи носери баччахор! Холдор мепояд. Чун шӯйи дилозорро бинад бо замин яксон мешавад, то набинадаш... Ба шер монанд ё ба палангбачча; зард, раххойи сиёҳи нимранг дорад дар тан. Аз пеш бинӣ, баччайи шер ё баччайи паланг мегӯйӣ. Гӯшаш нисбат ба гӯши гурба кӯтоҳтари гирда. Як растанийи ба хурёк монандро аз кӯтоҳиаш «гӯши гургак» ном мебаранд; хеле шинам бо гӯши ин дузд. Лекин дум надорад. Аз бехи бех. Қудратулло барин худо бо нуқс офаридааст

ва ё аз бетамизиаш касе думашро бурида партофтааст, ки зоро одам шавад; ҳайвон мондааст. Боз ҳайвони носипоси дузди баччахор. Ҳоло Холдор аз роғи дар пойида, ҳазор нафрат мехонад; агар аз ӯҳдааш барояд, чун муш аз сараш хойида мебалъад, ки дигар дар олам чунин падар нарӯяд, зӯраш намерасад ё намехоҳад, ки бинадаш.

... Чун моҳи ҳут расад, боз майли ишқварзӣ мекунад модари меҳрубон, чунон ки худойи Замини юнониҳо Рея бо Крон – худойи Осмон...

3.09.07.

## ДАР ҚАСРИ ФАРҲАНГ

Аз осмони толор нур меборид. Толор равшантар аз берун буд. Чунон серодам, ки ҷойи нишаст надошт. Курсиҳо банд буданд. Аммо саҳнайи фарох холӣ. Ҳама дам ба дарун гирифта менишастанд. Дар паси парда ливойи ранга, ки ба ду тараф гашта, ду кабутари сафеди сулҳ шудааст. Миёни ду кабутар нишони тоҷдор. Тоҷи ҳафтситора ба шакли сафинайи рӯйи уқёнуси беохир метобад. Дар паси ин ҳама осмони тира. Ситораҳо низ шакл доранду нур на. Ин замон равшан шуданд ситораҳойи бешумор. Шоҳи хуҷистафол ба саҳна омад зери кафкӯбӣ. Суруди миллӣ садо дод. Қоматафрохтаҳо боз нишастанд. Паҳлӯйи чапам бонуе ва паҳлӯйи ростам ғӯле нишаста. Аз ҷониби бону бӯйи атри садбарг меомад. Оҳиста-оҳиста бартараф шуд ин бӯй ва як бӯйи нофори дилгир омад; аз куҷо рӯшан набуд; аз рост, аз чап, аз пеш, аз пас? Муайян намешавад. Сахт дилбеҷогар. Ман хиҷолат мекашам, ки чунин бӯй ба машоми бону низ расида бошад, чӣ гумон мекунад. Теғи чашм мекунам ба ӯ. Роҳат аст ва ду чашм аз маърӯзачӣ намеканад. Ва дар чеҳрааш нофорие эҳсос намешавад. «Худоро шукр, ки намешунавад биниаш...» Худро тасаллӣ медиҳам, ки аз ман надонад. Бӯйи обхона ва хари чанд рӯз пеш мурда барин баробари гармшудани толор авҷ мегирад он нофор. Ба дасти рост менигарам; ба чап, ба пеш, ба пушт. Чунон ки баройи маро шарманда кардан чизи бадбӯйро зери курсиам ниҳодаанд... Бону гӯшайи чашм мекунад ба мани ношинос; ё рамуз мегирад ё аз ман медонад бӯйи бадро. Зери обу арақ

мондам ва зери попӯшҳоям хориш кард. Хорида наметавонам. Чунин толор ҷойи ин зайл корҳо нест. Ба ҳама нишонҳое, ки дар ин толор ҳаст, менигарам, то хешро андармон гардонам; ба гуфтори маърӯзачӣ диққат медиҳам, то ҳамаро фаромӯш кунам. Намешавад. Касе сурфид аз паси сарам. Ба назарам безобитагийи маро дарёфт: «Масҷид ҷойи гӯ... не...» Бояд бароям. Аммо аз чунин ҷой, дар чунин маврид баромадан қатъан манъ аст. Магар ки бароранд. Ҳоло Бону дуздида менигарад ба ман... Зери обу арақ мондам. «Худоё ҷонамро бигир!» На Бону мешунаваду на дигарон. Ғӯли дасти рост як қад парид. Ба гумон бедор шуд. Як лаҳза бӯй гум шуд. Бону сумкачаашро кофта шишачае баровард ва сари синаашро нам кард. Димоғам рӯшан шуд. Лек дер давом накард. Ғӯли дасти рост ғанав карда буд ва даҳонаш кушода. Марди дасти рости ӯ оринҷ задаш. Даҳонашро пӯшид. Акнун ба назари ман аз димоғ ва гӯшҳояш он бӯй мебаромад. Дил беҳузур шуд. Толордорон наздик набуданд, ки худро ба нороҳатӣ зада бароям. Ба ҳар ҳол ҳила кардам: як даст ба даҳон дасти дигар дар шикам дошта, ки ғарора дорам, аз нишастаҳойи қатор бо ишорайи сар маъзарат хоста, бо азобе бурун омадам ва то обхона тохтам, ки ғарора накунам... Нафаси озод кашида, бурун омадам, ки садое ба гӯшам расид:

«Узр, ки ба шумо бад-бад нигаристам. Баъди баромаданатон ҳам ҳамон бӯй буд...»

8.09.07.

## КУРСИЙИ ЯКУМ

Дар умрам як бор дар қатори аввал нишаста будам; он ҳам дар як ҷамъомади мутантан. Аз афти кор ҳамон нишасти ман ба касе нафоридааст, ки қаторро дигар кардаанд. Қатор ёздаҳум, вале ҷой ҳамон ҷо: якум. Мани чунин маҷлисҳойи мутантанро нодида андаке пештар омадаам, ки дар ҳамон курсийи канорӣ вазнамро партофтам ва дигар ҷунбидан нахостам. Чунин рафтори ман шояд баъзе касонро нафорид, ки бад-бад менигаристанд. Ё шояд чунин нигоҳҳо дигар маънӣ дошта бошаду ман ба маънийи он сарфаҳм наравам. Ба ҳар ҳол дер омадагон аз худашон гиламанд нестанду аз ман

малӯл, ки кӯрдунбол шудаам ба роҳашон. Хушбахтона, ин чӣ қаторест, ки аксари курсиҳо холианд.

«Шумо дар ҷойи худ?»

«Агар чашмам фиреб надода бошад...»

«Дуруст. Қатори ёздаҳум, ҷойи якум. Лекин шумо бояд ба ҷойи бисту чаҳорум гузаред».

«Ташаккур... Ман дар умрам ба ҷойи каси дигар нанишастаам...»

«Охир ин ҷо канор; пушти сутун; қариб, ки чизеро намебинед...»

«Чунин ҷойро, ки маро раво ониста бошанд, бароям беҳтарин ҷой аст...»

«Гап дар ин не. Қаторро пур кардан лозим. Қатор холӣ бошад, вазирро сахт мерасад. Хезед-хезед! Деромадаҳо дар ин курсийи лаб мешинанд».

«Ташаккур, ҳар кас ояд, ман рост хеста, роҳ медиҳам...»

«Якравӣ накунед... Медонед, бисту чаҳорум ҷойи кӣ?»

«Ҷойи ягон...»

«Ҷойи Ҳамдам. Вай имрӯз омада наметавонад. Агар ҷойи ӯ холӣ бошад, зуд ба чашм мерасад. Ману шумо бошем-набошем, як кас парво надорад».

Ман баройи он ки ҷойи Ҳамдамро нагирам, оҳиста хеста ба роҳи омадаам баргаштам.

## ГИЛАГУЗОРӢ

Маҷлиси ҷумҳуриявийи зиёиёнро оғоз карданд. Маҷлиси гилагузорӣ низ кушода шуд:

Ҳодиса: – Боз дар як қатор менишастаему...

Гул: – Мо ҳеҷ вақт дар як қатор набудем, намешавем.

Ҳодиса: – Рост мегӯед. Шумо он вақт дар қатори пеш будед, мо дар қатори пас.

Гул: – Ҳозир ҳам ҳамин хел. Шумо аз паси сари ман гап мезанед.

Ҳодиса: – Чунки ман ҳамон вақт ҳам рӯйи шуморо дидан намехостам.

Гул: – Дилсиёҳ будаед. Дунё дигар шуду шумо ҳоло ҳам коҳи кӯҳнаро бод медиҳед.

Ҳодиса: – Рост мегӯед: он вақт шумо дилсиёҳ будед; ҳоло ман шояд дилсиёҳ намоям. Он вақт шумо сиёҳийи дили худро ба рӯйи баддидаҳоятон мемолидед. Инак ман ин рангро ба рӯйи шумо мемолам.

Гул: – Чӣ, дилбари ҳоким шудӣ?

Ҳодиса: – Шумо будед дилбари Котиб; ҳама масъалаҳойи идеологиро ҳал мекардед. Зери номи бегонаҳо қалами сурх мекашидед... Анидоро шумо накуштед?

Гул: – Беақл ҳам будайӣ. Ман худоям, ки...

Ҳодиса: – Кай боз худошинос шудаед? «Худо нест!» мегуфтед-ку? Ба ҷойи Худо худатон як касро ба осмонҳо мебардоштед, каси дигари бечораву бепуштупаноҳро, бетағоро ба замин мезадед...

Гул: – Магар дар ин масъала ягон тағйироте шудааст. Кулли явмин батар. Ё дар ин замон ба сари шумо шох шинонданд? Ҳамон Аҳмади порина. Ҳамон вақт ҳам дар қатори пас будед, ҳоло ҳам дар ҳамон қатор...

Садойи маърӯзачӣ: – ... ва зиёиёни мо хеле ва хеле пеш рафтанд; ҳар масъалаву мушкилотро бо замони гузашта муқойиса карда, хулосаҳо мебароранд...

9.09.07.

## НОМИ МАН ЧӢ БУД?

Дуҳулӣ то ҷое расида буд, ки косайи шароб ба сар мекашид, сонӣ аз дигарон мепурсид: «Номи ман чӣ буд?» Нохушие меовард миёни даста. Чун худашон ӯро ба чунин рӯз расонида буданд: «гир, бало намезанад!», илоҷи беҳбудийи корро намедонистанд. Ҳар чӣ мегуфтанд баногӯшӣ. Аммо ба рӯяш даҳон кушода наметавонистанд. Зеро Дуҳулӣ муштзӯр буд ва дар солҳойи «Ташаннуҷ» ҳифзу ҳимоя мекард дастаро. Рафтори ӯ ба дили даста зада, баъзе касон маслиҳат медоданд, ки гоҳи сафар дар ягон варта афкананд. Лек сардаста Шоҳ ба зима гирифт: «Дуҳулийи хушзарбро худамон ба чунин ҳол расонидем, бояд қартайи овозро чапа гардонем...»

– Дуҳулийи азиз, ё майхорагиро бас мекунӣ ва ё аз даста меравӣ!

– Ман бе шумо ҳаёти худро тасаввур карда наметавонам... Ба саломатийи сари шумо сад-то бояд зад!

– Дидед? Ин одам одам намешавад. – Фармуд дойирадаст.

– Ун нокас дойира зада наметонад... – ширакайф посух гардонд Дуҳулӣ.

– Бас кунед! – мушт бар миз зад Шоҳ!

Дастони Дуҳулиро бастанд. Дуҳул навохта натавонист. Лек аз рӯйи одат даҳон сӯйи пиёла мебурд. Чун бо ин роҳ ҳам нашуд, маъракаҳойи бебода оростанд. Аз базму сур ҳушёр бармегаштанд. Дуҳулӣ се рӯз шароб нахӯрд. Аз базми арӯсийи кӯҳпора бармегаштанд. Дуҳулӣ дар паҳлӯйи ронанда менишаст. Аз хушгӯйиҳойи ҳамкасбон завқ намебурд. Чунон менамуд, ки ғами олам ба сараш бор гашта; гардан миёни шонаҳо кашида, дар курсӣ фурӯ рафта буд. Якбора парид; дасту пояш парид; лабаш каҷ шуд; ангуштонаш чангак гаштанд; чашмонаш пушт рафт ва бедаму дуд монд... Ҳазор сила заданд ба рӯяш. Ҳама обҳойи маъданӣ рехтанд ба сараш. Дами дарун задааш набаромад.

Ҳазлу шӯхӣ, валвала ва гуфторашон аз хусуси Дуҳулӣ қатъ гашт; дами онҳо низ ба дарун зад. Мошин бол бароvard. Садояш ҳама гуфтору хандаро пахш кард. Оқибат дами дарвозайи дармонгоҳи Қарияйи Боло бозистод. Ба начотхона даровард анд. Пизишки навбатдор пахта ба спирт тар карда зери биниашро пок кард. Дуҳулӣ атса зада ба худ омад. Пизишк гуфт:

«Агар сад-то медодед, ба чунин ҳол гирифтор намешуд».

13.09.07.

## КОРИ ШАЙТОН

Агар ба танат дард омад, аз Худо мадон! Ин кори шайтон аст. Зеро 9999 дардро шайтон офарид, на Худо. Аз ин рӯ назди табиб ҳам нарав, ки оқибат ҳамин дард барадат аз Олам.

## ЭҲТИЁТ БИКУНЕД

Бемор табиби навбатиро шикоят пеш овард: «Раги поям мекашад. Ҷойи нарафта ва табиби надида намонд... Сиҳҳат намешавад».

Табиби навбатӣ фармуд: «Аз нарангушти пояш овезед!»

Овехтанд. Таноб канда шуд. Ба сар омад.

Айём гузашт. Табибу бемор дучор омаданд. Табиб пурсид: «Чӣ ҳол дорӣ?»

Бемор гуфт: «Дард ба сар гузашт».

Табиб фармуд: «Аз сараш овезед. Лек эҳтиёт бикунед, то таноб канда нагардад!»

14.09.07.

## ГӮСФАНДИ ДАРУНИ ДЕГ

Ҳунармандиашро ҳама медонанд, зихнагиашро бархе. Абду медонад рагкашийи дасти ӯро. Гоҳи аз берун гирифта ба ҷайб андохтан раги дасташ кушода мешавад; гоҳи аз ҷайб баровар-да, сӯйи касе ёзидан раги дасташ мекашад; то ҷое, ки базӯр ба кисааш мерасад. Абду гумон дошт, ки ҷаҳонгард шуда, зиёд хони неъмат дидааст. Бӯйидаасту чашидааст. Шояд дигаргуна шуда бошад. Аз ин рӯ меҳмони фарангиро ба хонайи ҳунарманд бурд. Ӯ даҳмардагӯйӣ кард аз сафару аз ҳунар.

«Меҳмон ҳанӯз чой нахӯрдааст» баногӯшӣ кард Абду.

Ҳунарманд чизе нагуфта, дамбадарун баромад. Чаппотие овард ва дар косае шакар. Як чумчаю як пиёла. Мисле ки ноштойи кӯдаконаш бошад. Боз нағма пардохт.

Абду дандон месойиду ангушт мушт мекард аз чунин меҳмоннавозӣ.

Касе дар кушода чойники чой дарун гузошт ва баргашт.

«Ӯй! Меҳмон ношто накардааст...»

«Сари гӯсфандро буриданд...»

Соъат ёздаҳ шуд. Чашмони меҳмон роғ мерафт ва шиками Абду танбур менавохт.

«Ӯй!...»

«Пӯсташ канданд...»

Соъат ду шуд. Меҳмон бурун омад аз хона. Сигарет дуд кард. Нағма намефорид ба гӯшаш. Боз даромад. Абду аз гире-бони Ҳунарманд гирифта ба девор рост карда буд:

«Ӯй!...»

«Гизала нашав, дар дег андохтанд...»

«Ношургит... Туро одам гуфта, меҳмон овардам».

Соъат панҷи бегоҳ шуд.

«Мо меравем!»

«Куҷо меравед?»

«Хонайи Сайёра!»

«Волло хеле шуд, ман ҳам ӯро надидаам...»

15.09.07.

## ДИЛУМ, ДИЛУМ, ДИЛУМ-Э!

– Ҳунарманд диданӣ омада буд.

– Ҳунарманд?

– Ҳо, Ҳунарманд!

– Диданӣ?

– Ҳо, диданӣ!

– Бовар намекунам.

– Чаро?

– Ҳунарманд аз қабили касонест, ки мурӣ, дар ҳалқат об намечаконанд.

– Лекин ҳунарманди нотакрор.

– Худо донад, ман ҳам донам, ту низ донӣ, ки ҳунарманди нотакрор. Боз хислатҳое дорад, ки на ту дониву на ман. Танҳо Худо донад.

– Фӯкчухт буданашро медонам.

– Неее... Гумон бурдед, маро диданӣ омад? Неее... Ана баройи ин чиз омад.

Аз зери пардайи кашоли тирезайи ҳуҷрайи «0» рубоби ҷилдаш аз махмали сурхро баровард. Ҷилдашро кашид. Рубоби товусие аён гашт. Сари рубоб сари товуси пӯпакдорро мемонд. Гӯшакҳойи ҳар тор дар он сар тоб мехӯрд. Хотамкорӣ буду садафкорӣ рубоб; мунаққаш метофт. Чашмрабою дилрабо. Навохта натавонӣ ҳам, дида, офарандаашро офарин мехонӣ. Як ганҷи бебаҳо ва санъаткорийи беназир.

«Ҳунарманд даҳони амма не...»

«Инашро медонам... Муроди ман ин аст, ки хислатҳойи паст надошта бошад».

«Одамизода бе камию костӣ намеояд ба дунё».

«Медонам, шумо ӯро хуш доред. Баробари он баъзе хислатҳойи нохубашро ҳам донед».

Абду бо як тор чӯби гӯгирд торҳоро ларзонда ноустойиашро рӯпӯш мекунад:

– Нохун нест, захма нест, мизроб нест... бо чӯби гӯгирд ин хел асбоб нағма намебарорад.

– Асбоби хуб бо ангушт ҳам нағма мебарорад. Ҳунар нест, гӯед.

«Дилум, дилум, дилум-э!»

– Дидед, ҳам нағмаи рубоб баромад, ҳам нағмаи худатон.

– Шумо медонед ин рубоби кӣ?

– Рубоби Ҳунарманд...

– На бобо, ин рубоби Муҳаммад Умар.

– Муҳаммад Умар?

– Бале. Рубоби Муҳаммад Умари ... Ин рубоб сайри таърихӣ карда, аз Афғонистон то Фаранг рафтааст ва Ҳунарманд онро дар он ҷо дида ошиқ гаштааст ва харида овардааст.

– Ҳунарманд бояд ошиқи касби хеш бошад.

– Яку ним ҳазор доллар харидааст. Меарзад-а?

– Нархи пӯпийи товусаш нест. Агар ин рубоб сайру сулуки олам дида бошад, ҷаҳонгард шуда бошад, асбоби таърихӣ шудааст ва чунин нарх ночиз аст.

– Ман ӯро боб кардам, устод. Аввал ӯ маро боб карда буд, инак ман боб кардамаш. Ҳоло дар пӯстинаш кайк ҷо шудааст.

– Чун?

– Дутору рубоби маро бурду барнагардонд. Ягона роҳ ҳамин буд, ки бобаш кунам. Рӯзе дар набудани Ҳунарманд ба хонааш рафтам. Аввал ӯро пурсидам. Янга гуфт: «Дар сафар». «Ҳамин ҷо ҳам маро гӯл зад!» гуфта гиламанд шудам. Янга пурсид: «Чӣ шуд?» Гуфтам: «Ман хоҳиш карда будам, ки дар ҳамин рӯз ба ҷое наравад ва рубоби Умархонро гирифта биёяд. Меҳмонони олиқадр меоянд. Афсус. Кор расво шуд. Ноумед кард». «Ин хел нагӯед, ака». «Янга медонед, ман ба меҳмонҳо чӣ қадар Ҳунарманд ва аз ӯ зиёдтар рубоби Умархонро таъриф кардам. Акнун чӣ мешавад? А, чӣ мешавад-а? Шарманда шудам!» «Ман надонам, Абдуҷон...»

– Ё рубобро бараму нишон диҳам ва тону нотон нохун карда вақташона хуш гардонам?

– О не-я! Ҳунарманд мара рост чок мекунад.

– Янга, мара нав дидӣ?

– Пур дидам. Лекин феъли ҷӯрата медонӣ: Худама кушу бузама накуш.

– Медонам, мумсукиаша медонам...

– Ита нагу...

– Не феълаша медонам, янгаҷон! Лекин илоҷи дигар нест. Ҳама калонҳо медонанд, ки ман баройи рубоб омадам, бояд бубарам. Ага не, бозӣ вайрон мешавад ва ман... гуфта наметавонам.

– Бугӯ!

– Ва ман хону монамро бой медиҳам.

– Э вой-э! Бубару зуд биёр!

– Ай! Баъд, янгайи ширина фиреб мекунум?

– Ина рубоб.

Абду хандид: «Устод, ҳоло Ҳунарманд мурғи парсӯхта шудай. Гумон мекунед маро диданӣ омад? Не. Рубобсуроғ омад...»

17.09.07.

## НОБАКОР

Бар падари ту дузди тайёрхӯри хира ҳазор лаънат... Гумон дорад, ки сол аз дувоздаҳ моҳ, баройи дуздийи ӯ хизмат мекунам. Дар рӯзи равшан ғорат мекунад лаънатӣ. Аз дар ронӣ, аз бом меояд. Он қадар хира, ки танҳо тир андохтан мондааст. Дигар ҳама корро кардам, аз дасти ӯ ба танг омадам. Дилзанӣ пайдо шуд, бемадорӣ омад. Кор кардан душвор. Зӯри кор надорам. Хаёли ӯ, ки як умр баройи он мумсики рӯйинатан хизмат кунам. Ҷиғилдонат пусад, нобакор! Наход баройи ҷиғилдони туро пур кардан боғ сабз карда бошам. Тут, ки бачахӯрак шуд, ба боғ дуздӣ меояд. На гелос мемонад, на зардолу, на шафтолу, на анҷиру ангур, на себу хурмо; ҳамаро ба яғмо мебарад. Пасхӯрдаҳояш хушк гардад, аз барфу борон нам гирад, ҳамонҳоро ҳам мекашонад. Сад муш дар пеши ӯ як пул. Шохи дарахт нишаста, ҳамраҳонашро ишора мекунад, дар як нафас боғ пур аз дузд мешавад; на ба калтаккорӣ, на ба сангандозӣ, на ба дӯғу пӯписа онҳоро ронда мешавад; на бо садо; сад ҳилаву найранг – як пул. Ҳамин қадар мондааст, ки

ба ҷойи шошма намаки ғурӯша ҷой карда, аз дунбааш ё сари синааш андозӣ, ки хуб сӯхта, мурад. Лекин ин кор ҷавобгарӣ дорад; аз нархи мевайи сад боғ гаронтар меафтад. Сабил мон! Охир як бор андеша бикун, ки мо ҳам нафс дорем; бачаву кача дорем; ба умед боғ кардаем. Ман розӣ будам дар роҳи савоб пурсида хӯрӣ. Лекин ту гӯрсӯхта дуздӣ мекунӣ. Чун дидӣ, ки ман аз зери дарахт дур шудам, гардан дароз карда меойӣ. Заҳри танат шавад. Ҷиғилдонат пусад! Ман ҳамту намемонам, ки дузд давру даврон кунад; дар бисотам бударо мефурӯшаму камон мехарам; қонунӣ мегардонам, сонӣ гуфтагиамро мекунам. Накунам, ман одам не! Ба ҷойи ман дигар кас бошад ҳам чунин мекунад. Ман ҳайрон: магар танҳо ба боғи ман медаройӣ, ки ҳамсояҳо на садо мебароранд, на парво доранд, на шикоят мекунанд... Ё ту маро доро, чоришкел, бойи бой мепиндорӣ, ё писанд намекунӣ! Намак, ки дунбаву сари синаатро сӯзонд, мефаҳмӣ, ки ман кистам. Айби худамон ҳам ҳаст. Ту, ки тори сарамон хуфту хез мекунӣ, чӣ ҷойи писанд кардану накардан? Туро ба ҳоли худат намемонам. Савганд ёд кардам. Ё мекушам ё дошта даруни panҷара мегирам... Ту зарднӯли, позарди дуздро... Ту майнаро...»

18.09.07.

## ЧАПАҒАЙ

Дар зағирпаяву гандумпая ва ҷавпаяйи кушоду беохир, ки ба лаби домони уфуқ пайваст мешавад, як мард, як кӯдак ва як хар ба чашм мерасад. Ҷаву гандум дуруда, пая боқӣ монда, ки зери суми пода поймол гаштааст. Аммо зағирпая пур аз шутурхору талха ва ҳаргуна буттаҳойи хори зардаку думи говак ва бӯйи модарон. Баъзе истех, бархе аз доси даравгарон бурида ва зери пойи онҳо шикаста ё каҷ шуда. Баъзан қабати буттаҳо хӯша, сарак ё буттайи зағиру индов монда. Замин ҷоҷо танайи бузи қайчитарош ва ё мӯйи сари писарбачайи дукорда задаро монад. Гӯйи аз байни ҳама чизи буда гармо медамад. Шояд ҳамин тафсо заминро ҷо-ҷо кафонда боло омада бошад, ки роғ-роғ аст. Замини гаронвазн хомӯш метобад ва осмон ба сараш шинад ҳам парвое надорад. Лекин зиллаҳойи дунёбехабар чунон «зӣ-й-й!!!» гуфта пайваста мекашанд, ки

кас гумон мекунад дунё гунбади пурбоди пӯстист ва нохалафе сӯзан зада дами онро мебарорад. Айнан чунин мақом дар сари Шайдост. Намедонад ин қадар садо аз куҷо меояд. Садойи гӯш пиндошта, ангушт ба сӯрохийи гӯшҳо медорад, тағйиротеро эҳсос намекунад. Пас чунин садо дар мағзи сари ӯст ва зиллаҳоро бадном мекунад. Муттасил садо медиҳад ва пури пур мегардад сараш, ки ана-ана ё пуффаки олам ё мағзи сари ӯ метаркад...

Шайдо санг мезанад досро. Хиш-хиш... садойи паст меояд. Зӯру тавони ӯро ошкор карданист. Ин садо сарборист ва нофор.

Ончунон тафсондааст ҳаво, ки хар аз наҳорӣ монда, бинӣ меафшонад ва фӯк, дасту пову думак зада магасу хомӯшак меронад. Боз чу кас андешаманд аст; чашмонашро пӯшида, хоб рафтанист, то оне осуда гардад дар ин дунё. Лекин ташвиш ва озори дунё тамомӣ надорад. Аз ғур ё яғири зери полон зардоб тароват ҳам ба пушти ӯ бор кунанд бор. Бо ҳар ҷунбишу ҳаракатҳойи он хунхорҳо як мепаранду боз ҳуҷумовар мешаванд... Дар ин дунё ба кас ё ба ҷонварони рӯйи замин рӯз набудааст. Ғузи хунхори баднеш ба сару гардан, думғоза, зери чатан ва ҳар ҷойи ростомада нишаста, хуни хар мемакад ва хуншор низ мекунад. Мефиркад хар ғузи дар биниаш нишастаро ронданӣ шуда. Ва сахт-сахт сум мекӯбад заминро. Агар побанд надошт, аз ҷабри хунхорийи хармагас кайҳо чорхез гирифта, деҳа рафта, хештан дар сояйи дарахт ё деворе гирифта буд. Торқатфарсост тафсойи дашт.

Писарак низ соя меҷӯяд. Аз дарёфти мушоҳидаҳойи кӯдаконааш ҳайрон, вале ба таги маъниҳойи кирдору рафтор намерасад. Ҳолиё ҷуз об ва соя чизи дигаре лозим нест. Дар сояйи хар ҷой шуданист, аммо ноормийи хар ва пову дум заданҳояш метарсонадаш. Мабод, ки аз ҷабри ғуз лагад занад ё қили думаш ба чашмаш хурад. Чаро омадааст? Шояд аз руйи ҳавас ё амакро ҳамроҳ. Лек аз чунин ҳамроҳӣ суде нест. Харро дошта наметавонад; бо доси чапайи амак хору бутта дуруда наметавонад, зеро ӯ чун амак чапағай нест; банд бастан наомӯхтааст; аз чашми хор худро эмин гардониданро намедонад.

«Амак!» – лаб бар лабаш часпида базӯр овоз баровард ӯ.

Амак аз санг бар дами дос кашидан бознаистода, як зайл сар хам медошт. Кӯдак ангошт нашунид зери садойи хиш-хиши сангу дос. «Чӣ мегӯйӣ?» – сар набардошта ва аз доссангзанӣ наистода пурсид.

«Хона меравам!»

Амак чизе нагуфт, гарчӣ гуфтанӣ зиёд буд.

«Агар наравам, мемурам...»

Гулӯйи амакро чизе сахт гирифт, ки ҳоло об бошад ҳам намегузарад. Лек мағзаш кор мекард: «Ман намедонам, ки кадоме аз мо пештар мемирем? Худо медонад». Аммо чунин гуфтори худ ба худи ӯро писарак нашунид.

«Хона меравам, амак».

Амак боз чизе нагуфт. Медонист, ки ӯ аз гармо, аз ташнагӣ ё аз гуруснагӣ ё аз он, ки сахт ба танг омадааст гурехтанист. Санг ба замин гузошт ва орому хамӯш бо дос банду дарзаҳо бардошта сарболо гузошт ва нӯг ба нӯг наздик овард; ҷомайи тан кашида тори он густард; ба таври хеш хоначаву соябон сохт.

«Даро шин, соя шуд...»

Ҳарчанд бозичахонайи кӯдаконаро мемонд, Орзу надаромад. Чашм аз танайи бараҳнайи ӯ намеканд ва дарёфта наметавонист, ки чаро амак курта надорад. Пӯсти танаш замбӯруғи аз зери хок баромада барин сафед метобаду таровaт надорад. Дар чунин тафсойи тоқатфарсо ба сони барф сард аст ба назар. Бехун. Пӯсти холӣ. Қабурғаҳояш метобанд. Боз каме чап равад, пеши офтобро мегирад ва тамоми дилу ҷигараш аён мегардад. Ё ба шикамаш сӯзан занӣ, аз он тараф мебарояд. Раҳмовар. Аҷаб, ки хол-холи сурхча дорад пӯсташ. Донаҳойи гарди хазинаро монад. Офтоб сахт сӯзон. Обилаҳойи яхакро сӯзонда медамонад ва онҳо ба шиддати тафсо тоб наоварда, пақ-пақ кафида, даштро хун пахш мекунад; «Аз чунин тани лоғар ин қадар хун?»

Лоғар. Сахт лоғар. Дар куҷойи чунин тани лоғараш захм ҳам ҳаст. Захми тири душман. Худи Шайдо онро хубтар медонад. Вале эзори ӯбадайи ҳоло арақаш хушк гашта, пай гузоштааш захмро пинҳон медорад. Ҳалолаш бод Шайдоро, ки

боре ба шикоят лаб накушода. Шояд аломати лоғариаш аз он захм бошад?

Зери офтоби тамуз чунин тани лоғар хуши кор дошта бошад ҳам мадор надорад. Бо вуҷуди он шутурхору талха ва дигар буттаҳойи молхӯрро бо ҳаччайи сада дошта, бо дасти чап дос меандозад. Чапағай. Гузаро шудааст теғаш баъди санг задан. Даставу дарзаҳоро бо досу душоха бар бандина монда мебандад. Неши шутурхор аз қабати буттаҳо гузашта, ба сойиду оринҷ ва зонуйи бандро пахш кардааш орувор неш мезананд. Лек Шайдойи дар майдони ҷангу арсайи меҳнат шиканҷаҳо дида ба чунин дардҳо парво надорад ва сӯзан гирифта хорҳойи зери пӯсташ мондаро намебарорад, балки меҳмон мекунад дар танаш. Чун варам карда зери пӯст обилачаҳойи сурхак барин даманд, пахш карда мекафонад ва худи нешҳойи аз хуну гӯшти ӯ сер гашта, баробари риму зардоб пиртӣ мебароянд, чунон ки ҳубобчаҳойи рӯйи кӯли Рангони Ҳафткӯл ба пешвози Офтоб худкушӣ кунанд.

Писарак хонаравиро фаромӯш кард, гарчӣ дар сояйи ҷома нанишастааст; хаёлу орзуҳо ва ташнагӣ низ аз сараш парид. Ҳушу ёдаш банди тану тӯш ва чигуна бо чунин ҳол кор кардани амак буд. Чашм намеканад аз ҳаракатҳойи ӯ. Ба назараш амак сиву ду рагро таранг карда, лаб газида, хаёле оби чашм бароварда дос мекашад. Гоҳи сари дупо рост шуданаш як ларзид. Писарак пиндошт ғуз ё замбӯре газид. Вале ягон хунхор ба ӯ наздик намешуд, ки хун надорад. Ба хар мечаспиданд ва гоҳ-гоҳ Орзуро ҳуҷумовар мегаштанд

Дарзаҳойи тухмбастайи шутурхор шаддайи марҷони гардани духтаракони деҳро ёд оваранд ҳам на Шайдо ба он эътибор медиҳаду на Орзу. Андаке зиёдтар дарза гирад донаҳойи ақиқини шутурхору кӯсакҳойи кӯкнорийи нӯгпатдори талха гаронӣ мекунанд. Досу ҳачча меандозад ба замин ва пас ба кафи дасти чап мениҳад.

«Чӣ хаёл мекарда бошад?» беихтиёр пичиррос мезанад писарак, лек амак намешунавад. Мушоҳидаҳояшро идома медиҳад: «Ҷуз орзуйи шикамисер армоне надорад... падарам низ аз пайдогарӣ мондааст...»

– Амак, ҳалок (хаста) шудед?

Шайдо баъди муддате гузаштан сар мебардорад аз каф. Мадор надорад ба забон кушодан; гӯё забон ба комаш часпида. Сар меҷунбонад: «Не!» писарак пай мебарад ҳолати ӯро. Хари бӯр ҳам ба тасдиқи андешайи писарак сар афшонда, атса мезанад...

Ва писарак чун ба амак чизе гуфта наметавонад, зилладорӣ мекунад, то хештанро андармон созад. Зиллаҳойи шишаболи аз тани буттаҳо доштаашро ба каф гирифта, пеши фӯки хар медорад, то хурад. Хар бӯй мекунаду чизе намефаҳмад. Лаб намезанад.

«Бихур, ҳангӣ мешавӣ...»

– Ба йем ҳамроҳ карда медиҳанд...

Писарак ҳайрон монд. Ва оҳиста даст аз лаби Бӯр кашид. «Худоё... Амак ҳам гап мезадааст».

Зиллаҳоро ба тоқиаш андохт: «Ба йем ҳамроҳ карда медиҳамат, Бӯр... Ту як бор ба амакам нигар, ки чӣ аҳвол дорад...»

Тоқийи нимдошти зилладор буни банд ниҳод ва ҷома аз сари девораҳойи хоначайи бандӣ бардошта, назди амаки хоб ё шахшудайи қолабгирифта омад. Оҳиста бар дӯшаш гузошт. Амак наҷунбид.

– Амак! Амак!! Амак!!!

– Чӣ мегӯйӣ? – гоҳе ки ҳайратзада дам ба дарун гирифта, орому хомӯш меистод, пурсид Амак.

– «Худоро шукр» мегӯям, ки зинда будаед.

– Ҳааа... Зиндайи батар аз мурда... Гир чапона... месӯзонад.

Орзу гапгардонӣ накарда бардошт ҷомаро. «Вазнинӣ кард». Ва дид, ки нури хуршед ба пӯсташ асар карда нимҳол гардонидааст. Рагҳойи борики хунгардаш хокистарӣ метобанд.

– Ягон чиз лозим нест, амак? – калонгирона баройи дилдорийи амак фармуд Орзу.

Гӯё амак нашунид. Мазмун, чӣ лозим буданашро намедонад ва ё чӣ лозим буданашро гӯяд, писарча аз куҷо пайдо мекунад. Лек худи Орзу дарёфт чӣ лозим буданашро: Курта лозим, то тан аз чашми офтоб пӯшонад ва ҳам зери ҷомайи кӯҳна баданашро бинавозад.

– Ҷомаро куҷо монам, амак?

– Соябом бикун. Зераш бишин, то офтоб назанад.

– Ман курта дорам, амак. Офтоб намезанад... лекин шумоя...

Шайдо чизе нагуфт. Аз байни бутта кӯсакҳойи нахӯдмонанди зағирро чида кафмол кард, сонӣ ба дами нозӯраш пуф намуда, патосашро ронд ва донаҳойи хурмоийи зағир ба даҳон андохта, ором истод. Даҳонашро батар хушк дошт. Сипас кавша кард. Ғоз дод дар даҳонаш хамира. Маззаву бӯйи зағир ноҳол кард. Фурӯ намерафт. Аз куҷо нам пайдо гашта зери забонаш об дод. Зӯр зада-зӯр зада фурӯ бурданӣ шуд. Дар монд. Дастомол карда, фурӯ бурданӣ шуд. Гирифт гулӯяшро. Ғарорааш омада гардонданӣ шуд. Оби чашмаш баромаду хамира барнагашт. Сурфид. Зӯр зада гардондан мехост...

Орзу ҳам кору ҳоли ӯро дид. «Гушна». Аз дил гузаронд. Лек аз дасташ коре намеомад.

Сонӣ оби чашм, оби бинӣ шорид ва дар даҳонаш низ нам пайдо шуд. Чизе дар даҳону гулӯяш буд, фурӯ бурд. «Мурад нафс...» чунин ҳарфро нагуфтааст, балки аз дил гузаронд.

Баданаш суст шуду арақ баровард ва аз ҳолат рафт. Дароз кашид рӯйи хору хасу сангчаву кулӯхчаҳойи сахт; чунин ранҷро эҳсос намекард, балки вопасин роҳату фароғат мепиндошт аз зиндагӣ.

– Камак ковок шавед, амакҷон!

Орзу ҷомайи ӯ оварда буд, то ба зераш андозад, ё ақаллан таги сараш гузорад. Ҳарчанд даст паси гардани амак андохта бардоштанӣ шуд, зӯраш нарасид. Пас қомат рост карда ба паҳнойи кушод нигарист, ки шояд корафтодае аз наздикиҳо гузарад, фарёд занад ва ё шубоне, подабоне бошад, имову ишорайи омадан кунад.

Якбора ғарора кард Шайдо. Аз даҳонаш ҷуз ҳаво чизе наомад. Аз паси чунин садо «Уффф...» гуфт. Ба назари писарак дами дарунаш баромад ва ӯ осуда гашт. Андак монанд ба ҳамин коре шуд: чашмони Шайдо равшан гашт; сари дилаш ҳам. Ба сараш хаёлҳое омад: «Кору ҳоле мешуд, бача маро то хона бурда наметавонист». Ин замон Орзу ҷома паҳлӯйи ӯ гузошт:

– Пӯшед, амак...

Ва чашми Шайдо ба буттайи индов афтод, ки даруни буттайи шутурхори ғулла кӯсакҳойи синонӣ баста буд ва баъзе кӯсакҳо чун кӯсаки нахӯду лӯбиё, наску боқила шукуфта донаҳояш рехта буданд. Дос бардошта бар буттайи шутурхору индов андохта кашид ва боэҳтиёт буттайи индов ҷудо кард, то донаҳояш нарезанд. Ҳарисона кафмол кард дар бари ҷома; бод дода аз пату палос раҳонид ва як бор ба Орзу нигарист: «Мехурӣ?»

– Не.

Боз ҳамон аҳвол такрор шуд, ки гоҳи зағир хӯрдан рух дода буд. Аммо талхи талх будааст индов. Забон баровvarда «лу-лу-лу» кард. Орзу шодмонӣ дошт, ки амакаш хушҳол гашт. Муддате баъд меъдаашро кофт хамирайи фурӯбурдайи индов. Бод дамида ӯро ба танг овард. Ғарора карданӣ шуд, чизе бурун намеомад. Сонӣ як боди таранг то гулӯ омада маҳкам шуд; аз зӯр зада баровардан чашмон аз косахонааш бурун омад. Ва якбора чизе таркида бурун аз даҳон омад: «Сабил мон!»

Писарак, ки то зӯррас дудаста сари амакро дошта пахш мекард, нафаҳмид, ки амак чиро гуфт:

– Чиро дуъо кардед, амак?

– Нафсро бачам...

– Мурад ин нафс, қариб кушта буд. –Яқин донаҳойи индовро «нафс» донистa буд писарак. – Амак, ҳамин хору хас даркор не. Харро савор шавед, ман ҳай карда то хона мебарам.

Шайдо дуру дароз хомӯш истод ба қатраҳойи ҳанӯз аз лабаш чак-чакон нигариста. Сонӣ туф-туф карда базӯр вазнашро бардошта сари по шуд ва ресмони пашмиро мисоли ду раҳи қатора ба замин густард ва бандҳо бардошта рӯйи он ниҳода ду линг баст, то чун ҳарвақта бардошта пушти полони хар бор кунад. Линги тарафи худро бардошта рӯйи зонуйи чап гузошт ва линги дигарро ба ҳаво бардошта пушти полон андохтанӣ буд, ки зӯри дасту бозӯяш нарасид. Баробари бо зӯри зону тела додан хар ҷунбид ва бор афтид ба замин. Шайдо болойи бор ба сар рафт. Дергоҳ наҷунбид. Яқин кард,

ки ин вопасин зӯр буд ва дигар наметавонад бардошта бор кардан. Аз дасти дародарзодааш ҳам коре намеояд. Ҷунбида, даст аз банди ресмон гирифт, ба думғоза зад ба замин. Хомӯшиаш мурдавор буд; дарду алами хорҳойи халидаро намедонист. Чӣ миқдор «чуну чаро?» ва пиндорҳойи бе ҷавоб дошт чунин ҳолату хомӯшӣ касе намедонист.

«Чаро нафаси ин зилла намегардад?»

Ӯ рӯболо хобидааст. Тахтапушт ба бандҳо дорад. Лаб мелесад. Лек забони хушкаш лаб нам карда наметавонад. Пеши назараш андар ҳаво ҳазор-ҳазор ҳубобчаҳойи ранга мегардад ба ҳар шакл. Фазо аз ҳамин чизҳойи беҷони муҳаррик таркиб ёфтааст. Олам ҳам. Дигар чиз надорад ин дунё. Сӯз менамояд ҳама чизро пеши назар ва беохир... чизе ба даст намеояд.

– Орзу!

– Лаббай, амак!

– Об нест-а?

– Нест... Рафта аз Зарафшон биёрам?

– Эҳ-э-э-э... То Зарафшон рафта меойӣ, ки ҳастам, нестам?

Хомӯшӣ.

– Орзу!

– Лаббай, амак!

– Замин аз таги пойи ту ҳам мегурезад?

– Не, амак.

– Аз зери ман мегурезад... Чӣ хеле, ки оби Зарафшон тез меравад, замин ҳам ҳамон хел.

– Шояд дами гармсер бошад, амак? Нигоҳ кунед, дар саросари дашт мавҷ зада, забона зада, моросо меравад.

– Не-не... Наход ман ҳамин чизҳоро фарқ накунам? Чунон тез, киии... Як бор дар кӯдакиам руйи пули миёни Панҷекату Ғарибак ин чизро дида будам. Аз паси падарам мерафтам. Яке пули ларзони чӯбӣ аз зери поям болорӯ гурехт. Якбора дод зада аз домони падар доштам. «Ҳа! Чашмата об бурд? Гуфтам ба об нигоҳ накун! Домонамро сар надода, чашмонатро пӯшида омадан гир!» Ҳоло намедонам домони киро дорам? Ту кӯдак. Зӯрат намерасад ба нигоҳ доштани ман.

– Зӯрам мерасад, амак... Хору хас лозим нест. Ба хар савор шавед, хона мебарам.

– Саросема нашав, омада мебаранд.

– Амак!

Хомӯшӣ.

– Чӣ мегӯйӣ?

– Овозатон паст шуд... Шояд дар ҷанг ин қадар азоб накашида бошед?

– Аз ин зиёдтараш ҳам буд... Лек... лекин намурда будам...

Замин аз тохтану гурехтан бозмонд. Шайдо низ ороми ором шуд.

Танҳо писарак ё аз тарс, ё аз танҳоийӣ мегирист ва ё ба қадри амак...

19.09.07. Кохи «Дил».

## ҶАНГИ ОБУ...

Як особгард об дорад деҳа. Дар чиллайи зимистону чиллайи тобистон чархи особро гардон карда наметавонад. Дар зимистон сари нов ях мебандад; дар тобистон замин мекашад обро. Дар болотар фаровон мебинанд; ба деҳа, ки наздик шуд, кам метобад оби сой. Кӣ медуздад обро касе намедонад. Гӯё Худованд медиҳаду аз нимароҳ боз мегирад. Гӯё аз ношукрӣ ва номуросоийи мардум ба миён меояд чунин ҳол. Аз азал ҷангҷолу пархоши об ҳаст дар ин деҳа. Бавижа дар душохайи ҷӯйбор, ки ними об ба гузари Ҳисор мераваду ними дигар ба боғи Гарон. Пештар миёни мардон ҷанҷолҳо мешуд ва то каландзанӣ расида, якеро сар мекафид, дигареро китф ё миёну пой мешикаст. Ҳоло ки қариб ҳама мардон дар ғарибкорианд, пархошу хархашаро ба занон мерос гузоштаанд. Мироб онҳоянд. Каланд сари китф қади обро меоянду мераванд ва сари ҳар даҳана кас мемонанд, то дигаре обро ба боғаш нагардонад. Лек чун чашм хато кард, мегардонад; дар дили шаб фиғони занон мебарояд, ки дуъову сано мекунанд; сагони деҳ бохабар шуда «гургомад» меҷаканд.

Ду зан андар душохайи паси девори Ҳақназар, гӯйӣ душмани якдигар. Як шоха аз обмӯрӣ даруни боғро убур кунад; дигар шоха бо қубури оҳанӣ ба ҷӯйи Боғи Гарон равад. Марҷон андар даҳони обмӯрӣ пойи эзор аз зону боло бардошта, курта нифа зада; пойҳойи сафедаш даруни об мешиканад,

боз рост мешавад. Дурдона даст дар миён сари қубур рост аст. Об ба ҷӯйи Боғи Гарон бастанист:

Марҷон: – хоҳӣ, ҳамин, нахоҳӣ, чунон қатрон кунам, ки ғиҷоба ҳам наравад! – санги сиёҳ аз дамма бардошта, пеши пойи зани сари қубур истода мепартояд ва об пош хӯрда либоси ҳардуро тар мекунад.

Дурдона: – Ин хел накун, занак. Пома маъиб накунӣ, ки дар балойи Полвон монӣ...

Марҷон: – Ёр аз Самара фаҳмад, омада, Полвоната хомохом хӯрда меравад.

Дурдона: – Шумо зӯр. Лекин аз рӯйи инсоф, обро баробар тақсим бикун! – Сангро бардошта дами даҳана мепартояд ва Марҷон фиғон мебардорад:

Марҷон: – Воҳ! Пома задӣ! Ман туя ҳамту намемонам! Хуната дам мекашам! – сангро ба пойи Дурдона меандозад.

Дурдона: – Ман ба пойи ту санг назадаам. Лекин ту дониста қасдан ба поям задӣ. Акнун бин! – сангро ба сар бардошта ба об мезанад. Либос ва сару рӯйи Марҷон шилта мегардад. – Инсоф бикун! Ин ғиҷоба то боғ намерасад. Хок мехӯрад.

Марҷон: – Худата хок мехӯрд, хубтар буд аз ин кори кардаат!

Дурдона: – Гуфтам, гӯш накардӣ. Худат сар кардӣ моҷароро!

Марҷон: – Нeee... Ман ҳамту намемонам! Ана ин санг! Ана ин санг! Ана ин санг! – Сари ҷаҳл сангҳоро аз банд гирифта даруни қубур мепартояд. – Ана акнун...

Сухани Марҷон дар даҳонаш Дурдона ба тори сари ӯ панҷа зада: рӯймолу мӯй мегирад ва хешро ба даруни оби ҷӯй андохта сари ӯ даруни об пахш мекунад. Чизе дар пояш бармехурад сард. «Э, мор!» дод мезанад. Сари Марҷон раҳо мекунад.

Марҷон: (нафасгардон) – Даруни эзорат даромад?

Дурдона: (Ишора бо ангушт карда) – Ана даруни эзори ту даромад! Баромад! Об то ҳавлиат мебарад ва имшаб ба ҷогаҳат медарояд.

Марҷон ҳанӯз ба худ наомадааст. Ғазаб дорад. Дастак зада:

Марҷон: – Хаёли худат мекунӣ-а? Ҳар шаб мурдаҳойи

гӯристон ба ҷогаҳат медароянд. Хирманкӯбҳо меоянд... Хаёли худат мекунӣ-а?

Дурдона: – Хайр, ман гуфтаму ту шунидӣ. Пагоҳ ҳама ҳамин гапа нагӯянд, ба рӯям туф бикун!

Марҷон: – Туф! Ана-ана: Туф! Ҳозир туф мекунам! Чаро пагоҳ? Туф! Туф! Туф!

Дурдона: – Боз сарата зери об кунам?

Марҷон: – Туф!

Дурдона: – Ғипчон, ки дар даҳанат ме...

Садойи каланд баромад. Аз боғи Ҳақназар поёнтар касе даҳана мегардонд. Марҷон он сӯ тохт. Дурдона ҳама сангҳойи даруни қубурро гирифта ба обмӯрӣ девор мекард. Марҷон гоҳ поён медавиду гоҳ боло. Садойи бо қубур ҷорӣ шудани об маълум буд.

20.09.07.

## УСТО – МОНТЁР

Монтёр лақаби ӯ. Номаш дигар. Номашро гӯям, ҳама мешиносанд. Ва зуд гардани кач ва ҷиддиро шӯхӣ гардониданаш дар ҳолатҳойи танг пеши назар меояд. Чунки дар ҳама мавриду маъракаҳо ӯ симу рӯда кашида, лаб-лаби бому сар-сари дарахтонро чароғистон мекунад ва як шиша – ним шиша зада, баробари раққоса ба майдон меояд ва давраро метафсонад. Дасту бозӯ, китфу сарсина меҷунбонад ва чашму абрӯ парронда ба бозӣ медарояд. Акси ҳол гарданаш кач мешавад; худро мусичайи бегуноҳ вонамуд мекунад.

Соҳиби бозор ӯро чунин дарёфт; гарданаш кач, ба чашми кас менигарад. Вале чизе нафаҳмид.

– Тӯю сур нест, хафа?

– Не...

– Чаро гардан кач медорӣ?

– Кори аниқ нест... Пул нест.

– Почангу афзори симчӯббаройиатро гирифта ба бозор биё, кор ҳаст. Моҳчароғ сӯхтааст. Фардо рӯзи бозор. Молдорҳо торик гуфта, ғав мекунанд.

Чунон шуд: Усто – монтёри худомӯз ин бор бенайранг омад. Чунки фардо ҷумъабозор; гардани качаш рост мешавад.

– Ҳама чизро фаҳмидӣ-а? Ман як дам ғанав мекунам.

Лекин ӯ ғанав накард; рафтору кирдори усторо аз миёни мижгон менигарист.

Усто – монтёр почанг ба по кашид ва занҷир ба миёни худу симчӯб баст ва қасдан садо дода, қади симчӯбро боло шуд. Гоҳ-гоҳ бозистода сӯйи почо менигарист ва боз пой боло мебурд.

«Почо, хобатон бурд?!»

Почо шунида бошад ҳам худро ба хоб зад.

Усто чанде ҷангар-ҷунгур боло рафт боз садо кард:

«Почо, хобатон бурд?!»

Саҳл монда буд, ки почо кӯдакона «ҳа» гӯяд. Худдорӣ кард. Аз миёни мижгон мепойид, то ӯ чӣ кунад?

Ӯ рӯбоҳвор сар боло карда ба шишайи 500 волта менигарист ва даҳонаш об мекушод. Дастрас боло шуд ва шишаро тоб дода гирифт; даруни курта андохт. Бори дигар ба почо нигарист ва оҳиставу бесадо фуромад. Почанг кашид. Ба ҳар сӯ нигарист ва назди танӯри самбӯсапазийи даҳонболо рафт. Ва лампочкаро даруни танӯр гузошта, бо коғазҳойи он ҷо буда рӯпӯш гардонд ва боз назди симчӯб омад.

«Почо! Почо! Хоб?»

Посух нашунид. Баданаш арақ баровард. Боз ба симчӯб баромад. Аз он ҷо дод зад:

– Почо! Ҳӯ почо!

– Чӣ мегӯйӣ?!

– О, ин шиша шикастагию?!

– Ку намо!

– Партофтам!

– Ку биёр!

Ӯ ба замин омад. Аз буни деворе шишайи шикастаеро аз гардан дошта овард.

– Ин шишайи шароб-ку?

– Ба худо ҳамин буд, почо! –Гардани усто – монтёр ликӣ каҷ шуд.

– Даруни танӯрро хабар гир, як лампочкайи нав ҳаст.

– Ӯҳ! Гаравро бурдам!

– Чӣ хел гарав?

– Ман бо як кас гарав бастам, ки «Бахудо, почоя фиреб дода шавад!»

21.09.07.

## ДАСТНОРАС

Кӯдакро телефони мобилӣ ба даст доданд, то андармон гашта, хап шавад. Ӯ тугмачаҳо пахш мекард. Боре «гуд-гуд» карду хомӯш гашт. Бори дигар садойи дағал омад: «Куҷо занг мезанӣ?»

Телефон аз дасти кӯдаки тарсу парида ба лаби марза зад ва ба тағорайи пӯчоқи говхӯр афтод. Кӯдак ноогоҳу ҳавасманд андаке хам хӯрда ба тағора менигарист, ки гов аз пода омад ва пӯчоқу порагӣ аждаросо дар кашид. Андаке пас гов бетоқат шуд ва ба бозӣ даромад. Чун аз шикамаш садойи одамӣ меомад: «Говону харони борбардор, беҳ з-одамиёни мардумозор!» ба рақс медаромад.

Модар аз хона баромад. Рақсу бозийи говро дида тааҷҷуб кард. Гиряйи кӯдакро шунида ҳайрон шуд. Завқ ба ғазаб гузашт: «Девона шудааст ин гов...»

Кӯдак говро бо ишорайи ангушт намуда «у-у» мекард ва даст ба гӯш меовард.

Падар омад: «Занак, телефонат дар куҷо? Занг мезанам. «Дастнорас!» мегӯд.

– Чӣ кор кардӣ, телефона?

Кӯдак боз говро ишора кард.

Зан телефони шӯро гирифта занг зад.

«Дастнорас! Дастнорас! Баъдтар занг занед!»

21.09.07.

## НОН БОШАД...

Ҷавонписаре сиёҳҷурдайи лоғар ҳуҷраҳойи бемористонро дар ба дар гашта, нон металабид.

Ногоҳ садойи фаррошзани солхӯрдаву лоғар баромад: «Дафъ шав аз ин ҷо! Тез гум шав!» Ҷорӯб баланд бардошта таҳдид кард ва маро дида рӯ овард: «Ҷӯгибачча ин. Дарҳоро кушода менигарад. Ҳуҷра бекас бошад, ягон чизро мебардорад. Одам бошад, нон металабад». Ҷорӯб ба кунҷ андохт. Чӣ

дарду алам дошт, рӯ овард ҷӯгибаччаро талха дода: «Нун! Нун!... Нон бошад, худамон ҳам хӯрда метавонем...»

22.09.07.

## ДАСТИ ХОЛӢ

– Шумо буромадед. Як мардаки қоматбаланди базеб омад. Пурсид.

– Пурсид? Боз чӣ гуфт?

– Ҳеҷ чӣ. Ду дасти холӣ омада буд.

– Ҳааа, ӯро дидам. Ҳамкасабаамон. Дар поён хоб...

– Гуфта-а-ам: ин қадар ба шумо монанд...

22.09.07. Кохи «Дил».

## САРИ БОРА

«Чӣ дунёе? Намефаҳмам... Наход мо то ҳамин ҷо расида бошем? То сари бора... Ъод ё Авҷ бошӣ ҳам, қадам монда гузашта наметавонӣ. Давр зада гузашта ҳам намешавад: Замин бо алмоси азим рост буридагӣ барин, он тараф ҷаҳаннам; сиёҳ, тира, варта... Болу пар дошта бошӣ ҳам ба ягон дунёйи рӯшан расида наметавонӣ... Ҳамин будаст-дия... Оқибати ҳама чиз ҳамин хел зулмот будааст...»

– Ҳамсоя, ба дасти чап хестед?

– Аааа?

– Мегӯм, ба дасти чап хестед?

– Ҳааа... Баландтар гӯед!

– Мегӯм, ба кӣ мегӯед ин гапҳоро?

– Чӣ гуфтам, ки...

– ... тира, ҷаҳаннам...

– Ҳааа, пирӣ-дия, чишмам ба ҳеҷ чиз намегузарад... Ба назарам, ки пеш ҷаҳаннам ва он тарафи замин тира...

– Хаёл не, ин рост. Шумо файласуф.

– Аааа?

– Шумо аз ҳад доно!

– Гӯра. Нав ба ҳаштоду се қадам мондам...

– Ҷуғрофидонҳо, астрофизикҳо ҳам чени шумо намедонанд.

– Гӯра. Чор сомонӣ пенсия медиҳад. Мурдапулӣ ҳам намешавад... Рост мегӯед: мурдапулиро бардошт. Лекин одам то мурдан бояд хурад.

– Ман дигар чиз мегӯм, холаҷон. Гапи шумо рост: Пешо – пеши Офтоб ҳам, пасо-паси он ҳам тира...

– Ҳамин Офтоб ҳам пушту рӯ дорад ё дурӯя?

– Дурӯя нею... Пешро ҳам, пуштро ҳам равшан мекунад. Худатон мебинед-ку?

– Аааа?

– Маълум-ку?

– Маълум не-дия!

## АНДАРУНИ ҚОБ

Бо кадом роҳ ба чунин мартаба нойил шуд, худаш донад. Чунон шоду хуррам, ки рӯзи висол чунон набуд. Ростӣ, дар базми оншаба он қадар суханони хубу орзуҳойи ширин карданд, ки то ҳол Висол мехоҳад бори дигар базми висол орояд. Онҳо орзӯ карда буданд, ки Висол чӣ армоне дорад, ба он бирасад. Ҳамчунон шуд: ӯ ҳоло ҳокими як вилоят. Ҳар коре карданӣ бошад, ба ҷо меорад; баъзан ба сарвар тақлид ҳам мекунад. Ҳоло дар девори пушти сараш сурати Сарвар. Чун табақайи якуми дари дуқабатаро кушояд, миёни ду дар бар остона андаке бозмеистад; гӯё аз фикри зиёди андаруни мошин тамоми роҳ кардааш хаста шудааст, нафас рост мекунад. Дар асл бо гӯшайи чашм ба котиба менигарад, боз ягон мизоҷе бошад, намойиш доданӣ шуда қабати дигари дарро мекушояд ва сӯйи сурати андар қоб нигариста, зайле ки сурат лабханди озод дорад, ӯ низ механдад, то бинанд; онҳое, ки дар қабулгоҳ ҳастанд, бубинанд. Агар касе набошад, ягон ҳаракате накарда – хандаву салом ё сар наандохта, рост рафта, пушт ба сурат гардонда менишинад. Пеш аз он ки бо корҳойи идора машғул гардад ё ягон корафтодаро бипазирад, аз хусуси сурат зиёд меандешад ва хаёлан сурати хеш андаруни чаҳорчӯба мебинад. Сурат он суратҳоеро монад, ки намойишгарон дар ҷашну идҳойи Бузург ёздаҳ адад чунин сурати муҷаллоро тори сар бардошта аз майдон мегузаштанд ё дар ҳама идорайи муассисаву корхонаҳо шишабанд мекарданд. Кас ҳар сӯе гузарад ин суратҳо бар асари ӯ дида дӯхта то пинҳон гаштан чашм намеканданд. Ҳолиё волӣ намехоҳад, ки сурати Котиби аввал андар паси сари ӯ бошад, балки мехоҳад

рӯ ба рӯ тори дар бошад. Ҳар гоҳ, ки сар аз коғазҳойи имзо бардошта ба ӯ нигарад, бояд бо аломати сар миннатдорийи хешро изҳор кунад; ё гоҳи дарро бечуръатона боз карда даромадани муттаҳаме ё тарсуе. Сахт эҳтиром дорад ба доҳӣ. Зеро ҳама чизро аз ӯ омӯхтааст; ҳатто либоспӯшиву сару тан росту қойим дошта кач-кач нигоҳ карданро; дар сару дил чӣ андеша дорад, бо чунин нигоҳ ҳувайдо сохтанро; ҳама – ҳамаро; инчунин роҳу тарзи зиндагӣ карданро... лекин доро шуданро шояд волиҳо ба ӯ омӯхта бошанд. Ҳама корҳо дуруст ҷараён доранд. Лек як чиз намерасад: сурати худаш андаруни чорчӯба дар тори дар ё паси сар. Чунин суратро дар девори хонайи нав овехтааст, аммо ҷуръат намекунад, ки ба идора оварда пушти сари хеш ба ҷойи сурати доҳӣ овезад. «Рӯзе мерасад чунин фурсат». Тугмачаро пахш кард, котиба даромад: «Лаббай муҳтарам...»

– Мудири хоҷагиро...

Чун мудири хоҷагӣ хандида даромад, волӣ фармуд бо нарангушт аз сари китф ба сурати девори паси сар ишора карда: «Сурати доҳиро аз паси сари ман канда, рӯ ба рӯям мезанӣ! Ба он тараф!» – тори дар ангушти ишорат тир кард.

– Ба назари ман, ҷояш хуб, райис. Баробари аз дар даромадан...

– Гапгардонӣ накун! Ин сурат дар ҳама ҷо ҳаст. Лекин ман дар ҳама ҷо нестам.

– Фаҳмо, райис!

Чанд муддат паси сари волӣ дар девор қолаби чаҳорчӯба ва як мех боқӣ монд. Волӣ ҷуръат намекард, ки сурати бузургтар ва равшанашрро дар он мех овезад.

«Гир аз пеши назарам! Пушти сарам бинад! Ин суратро дар бисёр ҷойҳо месӯзанд; поймол мекунанд...»

Ин фармони хаёлӣ буд дар ғайби мудири хоҷагӣ; ва навъе тамрин, ки баробари аз дар ворид гаштани мудир гӯяд, аммо забон мегазид, ки аз ду нафар яке мухбир дар ин замона.

Мудир омад. Волӣ сар тофта ба мехи девор нигарист ва фармуд:

– Ба назарам ҳар каси аз дар омада аввал ба он мех менигарад, сонӣ ба ман.

– Гуфтам, бовар накардед.

– Чӣ гуфтӣ?

– ... ки ҷояш нағз.

– Нағзу як фикр буд, нашуд.

– Мешад, райис. Ҳоло барвақт.

– Ту аз куҷо медонӣ?

– Наход ман надонам! Дар таги замин мор ҷунбад, ман мефаҳмам. Нияти шуморо ҳама медонанд. Ҳатто райиси Калон...

15.11.07.

## ОҲАНГИ ФАРМУДА

Шодӣ гӯяд: – Райиси кумитайи иҷроияйи Кӯҳистон ба Пойтахт меояд ва дар тарабхонайи ошно шом мехӯрад. Тарабхона ҳамон, вале оҳангаш дигар: лаълӣ ба лаълӣ мезананд ва кӯба ба нағора. Чӣ мехонанд, намефаҳмад. «ин хел набудку. Наход дар чанд вақти дер омаданам то ин дараҷа пеш рафта бошанд? Назди навозандаву сароянда меравад: «Ягон чиз хонед, ки мо ҳам фаҳмем, лаззат барем».

– Пул доданд, фармуданд. Мехонем.

– Ман ҳам пул диҳаму фармоям, иҷро мекунед?

– Чаро не?

– Ана ин пул. Гиру на навоз, на хон!

Ороми ором шуд толор. Лек дар гӯшу устухони сар ҳанӯз садойи оҳанги бемаънӣ ва овози сарояндайи дунбаҷунбон ҷарангос мезад чунон ки ҷаранги гӯш авҷ гирифта ва пасту хомӯш мегашт. Садойи ба тақсимчаҳо бархӯрдани корду чангак ва чиқ-чиқи қадаҳ шунида мешуд. Баъди шиддату фишор лаҳзае роҳат ҳам шуд. Дар чунин оромӣ бӯйи шаробу тамоку қаҳваю шакалод, чойи кабуд, сиёҳ, бӯйи хӯрок мерасид ба машом ва бӯйи сӯхтаҳойи ошхона низ, ки зери мағалу оҳанг ва овози сароянда, ки оҳанг аз саро ва саро аз оҳанг боло гирифтан мехост, биниву забон бӯю лаззатро эҳсос намекард. Ҷуфтони беройи дилхушӣ омада низ назди гурӯҳи ромишгарон омаданд:

– Чаро наменавозед?

– Пул доданд, фармуданд, то нахонем.

– Мо ҳам пул диҳем, фармоем, менавозед, мехонед?

– Чаро не!

– Ана ин пул...

– ... лекин то рафтани ҳоо он кӯҳистонӣ, хондану навохтан ғайриимкон...

16.11.07.

## ЗОНУШИКАН

Ӯ аз раҳи дур омад; ба ҷое, ки хуни нофаш рехта буд; сайри олам карда баргашт; гӯё оламро дид, аммо ҳоло фарози кӯҳтали Зонушиканро набаромадааст. Ватани худаш бошад ҳам, чанд бор то наздаш омада дида бошад ҳам; тангнову Санги Лағжону Оби Борикро ба ҳазор машаққат гузашта бошад ҳам ба домани ин кӯҳтали Зонушикан расида андеша кард, ки сад ҷувол ҷон лозим, ки ин фарози шахи лайсро баройӣ. Санги Лағжон ба хаёл чун пули сирот, навъе карда дилғеҷу дунбасо; ҳазор бор пой мондаву санҷида; дастро ҳам пой сохта, вазн бар он андохта, ғеҷида-ғеҷида гузаштан имкон дорад; қад-қади Оби Борик ҳам, ки аз тангно базӯр мегузарад, гурбасурат дарозу борик гашта убур кардан мумкин. Аммо чун ба пойгоҳи Кӯҳтал расидӣ, ноилоҷ мемонӣ. Гӯё ин фароз ҳамон шахи лайси «қиёмат» бувад, ки гови афсонавӣ шаби дароз шахро лесида қариб ба саргаҳаш мерасад, бомдод садойи муаззинро шунида, чаппа гашта ба зер мезанад ва боз шаби дигар ба он машғул мешавад ва садойи муааззин бомдоди дигар говро аз нияти бадаш мегардонад, то қиёмат нашавад; зеро муроди гов он аст, ки ба рӯйи олам бароядд; қиёмат шавад ва замин чун кафи даст ҳамвор гардад... Аммо мақсади ӯ ин хел нест, ки Зонушиканро барояду қиёмат шавад; на, чунин нест. Балки «ҳар кас пур азобу шиканҷа кашида, аз пой монда, бо нохуну дандон шахи Зонушиканро харошидаву газида ба тораш бароядд, ба мурод мерасад». Ӯ бо чунин ният ҷаҳонгардӣ кард; диду омӯхту донист; донову тавоно гашт ва азм кард барояд ин фарозро; зеро баройи тор расидан роҳи дигаре нест; тарафи рост зови Марг; тарафи чап шахи осмонбӯс; миёни ду шах боз Оби борик, ки аз фарқ об алмососо бурида-бурида танҳо обгузар сохтааст, одам гузашта

натавонад магар паррандаву мор. Як роҳ – Зонушикан. Ҳарчанд нияташ нек аст; мурод мехоҳад; боз хавф дорад: мабод, ки ҳамонанди Гови афсонавӣ аз гардана чаппа гашта ба ҷаҳаннам занад. «Ба номи Худо!» азм мекунад ӯ. Чанд қадам мегузорад, ки зонувонаш ба ларза медароянд: «Ин ҷо сеҳри дигар бояд бошад. Бе мақсаду мурод набояд кас ба ин ҷо биёяд». Сар то пой ба арақ меғӯтад. «Ният чист? Мурод чист аз ин қуллабаройӣ?» Рамузфаҳмон ва авлиё гӯянд, ки нияташ поку ҳадафаш аён бошад, кас мебарояд ба тор. Дар ҳар замон нафаре пайдо шудаанд, ки ба қулла расанд. Фиребгарону қаллобон ягон вақт ба мурод нарасидаанд: меафтидаанд ё сарозер рафта дасту пой ё гарданашон мешикастааст; аз ин рӯ одамон майли Зонушиканро баромадан надоранд. Аммо ин одам азму ҷазб дорад: зонувонаш шикастанд; дигар мадор, ҳанги боло рафтан надорад. Он ҷо нишаст; дар нимароҳи Зонушикан, лек пойҳойи бараҳнаву хуншораш аз шах канда шуда ба пас назад, балки чун оҳан часпид ба оҳанрабо, ё хун ба девор: на нишеб мешуд, на фароз мерафт. Ба поён менигаристу ба боло, сарҳисоб ба чизе намерафт. Сахт арақ карда буд ва метарсид, ки пойҳояш тар шуда аз танайи шах налағзанд. Дар алди биҳишту дӯзах аст; рӯйи пули сироти аз мӯй борику аз алмос тез. «Наход охири роҳ бошад?» Ба тор менигарад; чунон ки дар кӯдакиаш ҳамин хел сар боло карда ба лонайи уқоб менигарист дар орзӯйи чӯҷаҳояш, ки дораду ром кунад ва ба мурод истифода барад. Валек он замон ҳам лона чунон баланд буд, ки то осмон расидан осонтар менамуд. Ҳолиё ба камол расидааст ва азмаш ҷиддист, то фарози шахи ойина паймояд. Чун хобу хаёл намефаҳмад, ки ба ойина часпидани пояш рост аст ё чашмбандист? Инак бояд нохуни пой, нохуни даст ва даҳону дандонро ба кор барад: бо нохун шахро харошида кома кунад ва нохуни пой бар он гузошта мувозинат нигаҳ дорад ва даст болотар бурда боз нохун фӯлод гардонад; оҳиста-оҳиста боло равад. Валек чунон душвор ва тӯлонист ин кор, ки умраш бақо кунад ё на? Канавор часпида буд ба шах. Зери нохунҳояш хуншор ва танаш арақшор то шом чанд кома канд ва танро фарошо гирифт, ки шаб дар ин ойинайи лайс часпида мемонад ё хобаш бурда

гамбусквор ғелида, ба ҷаҳаннам меравад? Тасмим гирифт, ки хоб наравад; худро пучидаву газида хоб гурезонад, то мурод ҳосил гардад. Ҳама ҷонбозиву ҷонканӣ барои ҳамин аст, ки кас ба мақсади дар пеши худ гузошта бирасад; вагарна аз шах парида як тубра гӯшт шудан авлотар аст. «Худо нигаҳдор...» Аз зови касногузари бадвоҳима садойи рӯбоҳ меояд; садойи бум ва баландтар аз садойи ӯ овози уқобмонанд, бо инсони танҳойи аҳди куллапаймойӣ карда бо забони хеш ҳар чӣ мегӯянд, аммо одам суханони ононро намефаҳмад: шояд сано хонанд, шояд таъна зананд ё нафрин кунанд беақлийи ӯро. Бояд сано хонанд чунин азми инсониро, ки аз кори ношуданӣ шуданӣ месозад; азму иродайи инсони қавируҳ шикастнопазир бувад. Ӯ хаста гашт; арақи танаш пурра шорида, кому забон ва ҳалқаш хушк шуд. Аз бемадорӣ хоб бар чашмонаш пирӯз омада, мижа таҳ кард ва оне ғанав. Шояд садойи мушонайи харош-хароши нохунҳо низ бошад, ки ғалабайи хобро нафаҳмид. Пойҳо дар кома, нохунҳо андаруни санг чашмонашро гармийи хоб бурд... ва канда шуда, фурӯ рафт. Қариби ба замин задан бол кушод. Уқоб шуд ва боло парвоз кард. Давр гашта-давр гашта баландтар мебаромад ҳама ҷоро тамошо карда ва ҳамон канайи танайи шахро дид, ки чу мурда пой дароз кардааст. Уқоб боло баромад ва бар боми Зонушикан нишаст, ки танҳо сараш ба одам рӯ ба рӯ буд. Ӯ бедор шуд аз садойи пуртаҳлукайи хеш ва пойҳо кашол дид аз кома баромада. Аммо зеҳи нохуни дасту пой месӯхт: нохуни пой аз талвосайи наафтида санг харошидан, нохуни дастҳо аз талвосайи зиёду ба мағзи санг фурӯ рафтан. Пойҳо аз кома баромада, нохуну ангуштони даст кашшак бар санг шудаанд. Ба худ омада садойи таппиши дилашро аз мағзи шах шунид. Рӯйи бар санг парч гаштаашро оҳиста бардошт, то вазни пой гаронӣ карда фурӯ наравад. Илоҷе карда бо тарсу ҳарос пой боло кашида ба кома устувор кард. Дасту пой ва вуҷудаш ба ларза даромад. Садойи пасту беҷони дандон ба дандон задан ҳам баромад. Вале ӯ ҳама рагу пай ҷамъ карда дандон ба дандон монда фишурд. Сӯйи қулла нигарист. Ҳанӯз торик буд ва уқоби он ҷо нишастаро надид. Вале зери пардайи сапедадамон дар сари шах танайи борики дарахтеро монанд ба мори

сарбардошта дид, ки на шохча дошту на барг. Сари он ба кафи пойи обварзидаҳо мемонд, ки гоҳи рақси обӣ худашон зери обу ду каф кафлесак бурун аз об медоштанд. Рӯяш ҷониби одам, ду бари сари он болсурат гашта: «Марги яқин». Сонӣ чунон ки бод наррагийи сучро ҷунбонад, такон хӯрд. Боз қарор истод. Равшантар мегашт фазо. Он сиёҳийи кафлесаш сарболо гузошта низ аён мегашт. Гӯё нав чашмаш ба одами дар танайи шах часпида афтида, осема гашт, ки луқма пайдо кард. Одамӣ низ нав онро шинохт: аз ҳамон морҳойи сиёҳи одамхӯр; аз қабили барраву бузғолахӯр, ки осебу зиёни зиёд расонидааст: «Чунин будааст тақдир; аз сад ҷон як ҷон халосӣ надорад; қуллайи мурд ҳамин будааст. Кир-кири гӯшхароши шабона ҳам садойи ҳамин бадранг будааст. Шаб надида будааст, вагарна...» Инак беқарор албонҷ хӯрдану ба фаш-фаш дароматани афъӣ сахт безобита гардонд одамро. Ҳуҷумовар гардад ё захр пошад, одам ноилоҷ мемонад; то ба захри таллоғуйи он гирифтор нагардад. Ҳарчӣ бодо, бод! Нохуну ангуштони чангак гаштаашро раҳо мекунад. Пас Худованд чӣ фармояд... «На, бо дандон мегазам онро...» Болотар аз мор чашмаш ба уқобе афтод, ки шаб дар хоб дида буд; худаш буд он уқоб; афтида қарибн ба ҷаҳаннам расидан бол кушода уқоб гашта буд; ин ҳамон уқоб худи худаш. Уқоб безобита буд ва бол ковок мекард, ки паррад. Боз ҷамъ кард боли хеш. Вале парешон ба ҳар сӯ менигарист ва ҳозирбош буд. Ин дам мор ба замин хам хӯрд; чени қадаш пеш хазид ва боз аз миён болоро бардошта нигарист ба одам, ки истодааст ё чун келас гурехтааст? Чун кафи даст кафлесак шуд сараш; баландтар фаш-фаш кард, ки оташ аз даҳон мебароварда бошад: «Худоё чӣ балое буд? Ман мақсаду мурод доштам. Беҳуда Зонушиканро тай карданӣ набудам. Ҳар кас Зонушиканро барояд, ба мурод расад, мегуфтанд. Як қадди одам монд. Худо хоҳад, мебароям. Азоби гетӣ кам буд, ки бало омад ба сарам...?» Ва уқоб якбора садойи гӯшкар баровард, ки дар хоб дида буд. Мор тарсид аз ин наъра ва ларзиду баландтар нафас баровард ва чун обпошаки шишашӯйи мошин захраш пош хӯрд ҷониби одам. Ва уқоб аз азми ҷазб ва ташвиши он чӣ рамуз гирифт, ки якбора биҷасту сар-сари шахчаҳойи Зонушикан чархболо-

со омад ва хам хӯрду ба ҳаво боло шуд. Дар чанголаш мор алвонҷ мехӯрд ва ҳарчанд зӯр мезад, ки уқобро газад сараш намерасид ба пойи уқоб. Вале якбора раҳо ёфт аз чанги уқоб ва фурӯ рафт. Уқоб пару бол ғундошта сангвор ба дунболи мор рафт ва чанг зада боз боло баромад. Давр гашт – давр гашту морро раҳо кард ва мор рост бар харсанге омад. Бархӯрду наҷунбид. Уқоб якмаром бар сари мор нишаст ва ба чор тарафи шахбанд нигариста, ором у осуда дарёфт ҳама ҷоро. Нӯл ба айнаки мор зада бурун кашид...

... ва як бор сӯйи одам нигарист, ки ӯ чун хазанда тани хеш бар танайи шах сойида, боло мекашад...

21.12.07.

## ОБСОФКУНАК

Одами як умр орзӯйи райисӣ дошта ба мурод расиду девона шуд. Чандон обрӯву эътиборе надошт райисӣ; зеро райисони пешин ҳама чизро талаву тороҷ карданд; чунки ҳокими ноҳия маслиҳат дода буд, ки ҳама чизро ба пул зананд ё бартер кунанд. Ҳамин хел шуд: бартер карданд; ба даммаву обшикан сарф шуд; ба офатзадагон ёрийи моддӣ карданд; деҳадеҳа мардумро аз деҳаҳойи хароб ба биёбонҳо кӯчонданд; андоз шуд, ки ҳар колхоз ё хоҷагӣ як ё ду кулба пӯшонад баройи фалакзадаҳо. Чун колхоз монанди саги фермайи мол танҳо монда, ба кун нишаста буд, маҷбур шуд, ки сарое, ё ягон ғилдираки техника монда бошад, фурӯхта ин корро сомон диҳад, ҳеҷ илоҷ набошад, замин фурӯшад. «Замин фурӯхта намешавад!» «Дар мо мешавад; дар зарурат раво бувад!» ва сар шуд заминфурӯшийи тагитоқигӣ – сар раваду сирр не. Вале сӣ сол боз Толиб харидори райисиву ҳеҷ бахташ намехандад: «Ман обод мекардам...» чун дигар талабгор намонд; колхози «Хоҷагӣ» гашта, ҷуз аъзойи бекор, кас ё коре надошт, Толибро райис таъйин карданд. Вале касе намедонист, ки райисони пешин чӣ доданду чигуна доданд. Райис шуд, ба орзӯяш расид, лек лабаш нашукуфт. Ба худ гирифтор буд. Мардум гумон доштанд, ки ришва зиёд додааст ва аз хоҷагӣ пайдое нест: аз анборҳо сӯрохи муш боқӣ монда ва аз техника як кабинайи маҷақи мошини Газ-53-и аз садамайи

солҳойи шастум боқимонда, ки одам кушта буд; таърих. Баройи он маҳз он кабинайи мошини одамкушро ба маърази тамошо гузоштаанд, ки он солҳо бадтар аз ин кори ношойистае нашудааст. Ҳолиё фақат деҳа нофурӯхта мондааст дар қатори мурдаву зиндаҳо ва ҳамин кабинайи монанд ба устухони ҳазорсолайи фил. Райиси нав мошини осмонирангашро савор намешавад; умуман мошин наметобад. Мошини райиссавори хоҷагӣ ҳам нест; кадом райис гоҳи аз вазифа рафтан тӯҳфа гирифта буд. Ҳоким ба маҷлиси ноҳия даъват кунад, райисро ларза мегирад, ки чӣ хел рафта меояд; ё либосаш ҳамон костуми даврони донишҷӯйиаш, ки кисайи ду паҳлӯ хӯрҷинак гашта, дамида меистад; мардум гумон мекунанд, ки ганҷаш дар он ҷайбҳо. Аз мурдани як кас на хок сер мешаваду на дунё хароб. Лекин райис лоғар гашта буд, зеро хост ҳама аъзойи садоратро нав кунад, натавонист; мағал бардоштанд шаттоҳон, ки бе онҳо хоҷагӣ вуҷуд дошта наметавонад: «Онҳо пур дидаанд, меъдаашон сер шудааст; як гушнайи гадоро ба кор мегирӣ, то сер мешавад, ки дунё охир мегардад; ҳа, дунё фано меёбад; зеро корҳое, ки ба вуқӯъ мепайванданд – нишонайи охирзамон. Ҳафт пуштамон надидааст, ки заминро рустиву тозӣ фурӯхта бошанд. Лекин кашида гирифтани заминро, одамонашро кушта ё бадарға карда заминро миёна карданашонро бо чашмони худамон дидем...» Гургони борондида дар ҷойҳояшон монданд ва райисро дилдорӣ мекарданд: «Райис, андак дер омадед. Ин корро даҳ сол пеш кардан лозим буд: ҳама чиз дар ҷояш буд; ҳар кор кардан имкон дошт: худи ҳамон говҳойи аз Белорусия овардайи Бобоев бас буд. Ҳамон касро ҳам намонданд, ки кор кунад-э! Говҳойи овардаашро ба пояш заданд, ки ин говҳо дар шаройити мо тоб оварда наметавонанд. Лекин он говҳо дар ҳар деҳайи ноҳия тақсим шуда бит-бинойӣ гаштаанд. Фақат буққаҳоро ба қассобхона бурданд; акнун буққачаҳойи маҳаллӣ модговҳойи зотиро метозанд. Мову шумо барин райис!»

«Чӣ хел? Шумо...?»

«Неее, нафаҳмидед, райис: Буққаҳо сер шуда рафтанд, хоҷагӣ ба ману шумо барин буққачаҳо монд».

«Ту Ассом, хеши худам бошӣ ҳам, тафтиш мегузаронӣ,

дафтари хоҷагиро муқойиса мекунӣ: колхоз чӣ дошту чӣ дорад; Агар надошта бошад, нишон медиҳӣ, ки куҷо рафт?»

– Ман ин корро кардан наметавонам, райис, чунки ҳамааш аз дасти худам гузаштааст. Аз боло фармуданд, мо иҷро кардем...

– Агар ин корро карда натавонӣ, як кори дигар бикун: Дар колхоз чӣ мондааст ва шумо ба ман чӣ месупоред?

– Ин корро ҳам карда наметавонам, райис, чунки колхоз ҳоло ҳозир ҷуз шумо касе надорад.

– Пас...

– Мо метавонем ба шумо як кӯмак кунем: Заминҳоро ҳарсола барин ба мардум медиҳем, баройи як гектар аввал 200 сомонӣ мегирем, даҳони баъзеҳоро ширин мекунем...

– Об несту? Насосро ҳам фурӯхта хӯрдеду, лӯлаву қубурҳояшро канда бурдеду? Ҳамин хел шуд, ки дунё охир гашт, дигар ин чизҳо, лозим намешаванд. Акнун хоҷагӣ зӯри як қубур харидан надорад; обкаш он тараф истад! Ҳамайи ҳаминҳоро дар санади тафтиш менависӣ. Дигар набинам, ки дар бехи деворҳойи кӯча ҷамъ шуда, тоқиро якшоха монда, қарта занед.

– Корро аз ҳамин сар мекунем, райис?

– Ягон хел кор нест! Ҳамаатон ба прокурор супорида мешавед!

– Ба дасти Эҳсон? Вай ҷӯрайи худамон. Сад кило гандум диҳед, дарёро чаппа мегардонад. Сарвари хоҷагийи «Замин»-ро ба бузбозӣ андохту. Қариб қарори Ҳукуматро чаппа карда буд. Он одам пухта баромад. Аз боло пеши обро баст...

– Бинед-дия...

– Зӯри беҳуда миён шиканад, райис. Райис шудед, муборак! Ба мурод расидед. Акнун дилатон чӣ мехоҳад, кардан гиред. Фақат порӯро накобед, ки бӯяш мебарояд.

– Хайр, ана шумо гӯед, ки чӣ кор кардан мумкин?

– Як роҳ ҳасту мушкил... Ҳама чизҳойи фурӯхтаро «хато шудааст» гуфта, гардонида гирифтан мумкин будагист.

– Хоҷагӣ пул дорад, баройи пули мардакро дода, баргардонидан? Ана пули ҳуҷҷатиашро колхоз дод. «Шапка»-йи гирифтаро кӣ медиҳад?

– Рост мегӯед, райис, сахт мушкил...

– Ин корро фақат муфаттиши зӯр сомон карда метавонад: ё фош мекунад, ё сарашро мехӯрад..

– Худи шумо чӣ мехоҳед, райис?

– Худи ман? Худи ман мехоҳам, ки колхози пештара шавад; аъзойи колхоз аз ғарибкорӣ баргардад; дашт ин хел сӯхта неву сабз бошад. Чун пештара баҳри дили касро кушояд.

– Хестед, ки хобатон райис! Ягон мурда зинда шудааст?

– Куштан лозим набуд. Шумо ҳам дидед, ки дар ин замон қотилро ҷазо намедиҳанд, куштед! Ба шумо ҷавоб!

– Хобатонро ба об гӯед!

Табиб низ чунин маслиҳат дод ба райис: «Ин хобро ба ҳар кас нагӯед. Ба об гӯед. Рӯ ба рӯйи осиё тути марворидак ҳаст. Дар паҳлӯяш дарахти туғ. Он ҷо чилламазор. Оби ҳамон ҷо оромтар. Он ҷо рафта хуб ба об нигаред. Баъд хобатонро гуфта, дуъо гиред». Райис медонист, ки он ҷо чилламазори кӯдакон ва шохҳойи туту доғ пур аз либоси тифлона. Табиб чаро ӯро ба ин мазор фиристод, намефаҳмад. Лекин обсофкунакҳойи бозигари рӯйи об ҳушу хаёлашро рабуд ва ҳама чизро фаромӯш карда ба ин ҳашарайи нуқрафоми обтан менигарист, ки аз шуъойи офтоб равшантар ва сиёҳу сафед ҳам метобад; бисёр беқарору безобита ва нооpом ҳам ҳаст; тиросо мераванду ба якдигар намерасанд, дакка намехуранд, бархӯрд надоранд, чаппаву роста намешаванд. Лекин одамон дар роҳи рост якдигарро китф назада гузашта наметавонанд. «Кулли явмин батар» аввалин андешае, ки ба сари райис омад ҳамин буд. «Сахт хато кардам. Хаёл доштам, ки мисли пешин техникайи колхоз шабу рӯз кор мекунад, мардум ҳам хизмати Ватан, ҳам рӯзгор, гуфта ҷоннисори кор мешаванд; зарфҳойи сӯзишворӣ пур; обкашҳо наъра кашида аз Зарафшон об мебаpоранд; боғҳо сарсабз; сари вотҳо доруҳойи маъдан зери борону барф мемонанд; ба касе гандум лозим нест – орд дар магазин рахт задагӣ; касон орди навъи дуввумро ба гов медиҳанд; касе ниёз ба гандум надорад; Чарху санги ин осиёби аз замони Доқёнус монда дигар ҳеҷ гоҳ давр намегардад; дигар касе ба дастгоҳи атиқӣ рӯйи ниёз намеорад. Агар гардад, бостоншиносонро лозим гардад; шогирдони Раҷаб Амон

бори дигар омада дар қатори эҷоди шифоҳӣ сурати особи валу вайрона, шикастадар, вале бомаш гилӣ неву сафолпӯшро гирифта мебаранд; боду борон мехурад. Ин хел нашуд: Хешони Усто Нормуҳаммади сангтарош соҳиб шуданд ин дастгоҳи пурарзишро. Аз он қадар сарою тавилаву бошишгоҳҳо ва работу боғу боғхонаҳо ҳамин чиз боқӣ монд. Чун насӯзад дили касу натаркад мағзи сар ё хун тамма гашта, зада набарояд аз бинӣ? «Кӯр будаам-дия. Ё сахт қафо мондаам аз пешрафти дунё! Як булдозер ҳам намондааст, ки савор шаваму боқимондаро ҳамвор карда... аз нав созам... Эй ҷонваракҳо! Чӣ кор кунам, ки ақаллан чун шумо ҷойи худро софу озода нигоҳ дошта тавонам? Шумо гоҳе, ки бехалал мегардед, чунон орому бепарво мешавед, ки тифли дар гаҳвора хуфта ҳам он қадар осуда нест. Вале чун қатрайи борон ба об зад, он қадар безобита мегардед, ки дили гунҷишки ба дасти одамӣ афтода он қадар наметапад... Шумо бехабар, дили ман ба дили ҳамон гунҷишки дасти сармуҳосиб монанд шудагӣ. Бало будааст он якшоха. Ягон ҳуҷҷат нест, худи хоҷагиашон барин: ном ҳасту хоҷагӣ нест... Тавба! Табиб гумон мекунад, ки обу ин ҷонваракҳо девонаро сиҳҳат мегардонанд: «Рӯ ба рӯйи особ рафта, ба об нигаред...» Баройи ба обу ҷонваракҳо нигоҳ карда лаззат бурдан беғам, саломат, шодмон бояд буд. Ҳеҷ мурда ба лаби об омада зинда намегардад ё девона ҳушёр намешавад. Лекин ин парраҳойи чун дандони Рӯдакӣ фурӯрехта боз ба кор даромаданд. Сангҳойи он пирона дандон зада ғалладона хойида орд мегардонанд; дар чунин замонайи серхароҷот мушкили камбизоъатҳоро осон мекунанд. Дар дунё ғамбуроре агар бошад, чархи особу садойи он ва пош хӯрда аз зери паррахона баромадани об бувад. Табибро беақл гуфта намешавад; як чизро надонад, «Назди чилламазор – рӯ ба рӯйи Особ рав» намегӯяд. Зеро ин чархи рӯзидеҳ, агар бознадорӣ ё обашро шова накунӣ, мисоли чархи гардун мудом гирду давр гашта ҳамаро орд-орд мекунад; ҳатто маро...» (Чаро чунин андешид, худаш донад.)

Обсофкунакҳо ором мешаванд оҳиста-оҳиста ва бехи санги кабудча қарор мегиранд монанди рамайи хуфта. Вале чун халале диданд мисли хомӯшаки рамида пеши нури чароғ мета-

нанд ва ҳамранг ҳам метобанд; хомӯшакҳо чунон метананд, ки як тан чун ресмон дарозу тӯлонӣ ва ногусастанӣ бошанд; обсофкунакҳо низ ҳамин хел; тирвор мегарданд, яке ба дигаре дакка нахӯрда; дӯлоб намоянд ҳам роҳашонро ёфта беозор мегузаранд. Андешаҳойи зиёдро дур кунанд аз сари кас. Лек чаро Райис наҳ занаду дашном фармояд табибро? Шояд баройи афзудани андешаҳояш бошад, ки беохир гаштанд ва зиллайи сараш он қадар баланд «зӣ – зӣ» мекунад, ки на садойи об шунида мешаваду на овози ба рӯсанг бархӯрдани сагаки донрезони осиё. Ба ҷойи ин ҳама дили райис танг мегардад ва сараш васеъ; рӯшан мебинад, ки дар сараш як кадуйи азим бор шудааст, вале чаро ин қадар вазнину гарон? Аз ҳамон кадуйи аз кадом кишвари ҳамсоя харида ба ароба бор карда кӯча ба кӯчайи диёр гардонда ба мардум намойишдода ҳам калонтар; аз сояаш маълум: хаёлаш, ки ин сояйи сар неву кадом хӯшомадгӯе ба сари ӯ чатр медорад, то аз офтоб насӯзад. Баргашта менигарад, ҷуз сари хеш чизе нест болотар. «Ин осиё деву парӣ дорад; аз рӯйи ривоятҳо бисёр касон осеб дидаанд аз ин ҷо... Табиби бемурувват чаро маро ин ҷо фиристод? Торик! Сарата хам карда, хапу дам мегаштӣ хуб набуд? Дар пушт мазори кӯдакон, дар рӯ ба рӯ осиёби воҳимаангез; кас намедонад куҷо биравад. Лозим нест ба ягон ҷо рафтан ё дар ин дунё хидматеро ба ҷо овардан. Ин оби шаттахӯрда аз чарх асаби касро ором намекунад; шояд оби сари нов хубтар бошад; чунки пирмардон ё пиразанон он ҷо баромада «Ҳавойи баландӣ дигар» гуфта, пой бар оби ҷӯй монда роҳат мекунанд. Рост андешайи пирон дуруст: «Дар дунё зӯре – нерӯе ҳаст, ки чархи фалакро гирд мегардонад. Чархи осиёро об давр мезанонад. Ин об аз зери ағба – худи чашмайи зери шахи Сиёҳ нишеб шуда орому тез, аз шар-шарҳойи баланд сарро ба санг зада, хасу хошокро ғелонда, соҳилҳоро канда дар ҷӯйи Сари Нов дамма мекунад. Чун ба лаби нов расид, тезу шадид мегардад ва ба парраҳойи чарх бархӯрда, гӯё чархи гардун мегардонад. Ӯ дид чунин чархи гардонро аз сари нов дар зери осиё, ки нахуст чашмрову пасон ҳушро бурд. Чунон об бо нов тез рафта ба чарх бархурад, ки хаёл ончунон тез набошад. Ва сари гарону ба назар азимаш гирд гашт ё

ҷувозак шуд. Чун рост парида ба нов сарозер рафтанашро надонист. Аммо пуршаст ба чизи сахт бархӯрдани сарашро эҳсос кард; давомашро ёд надорад, ки чӣ шуд; сар ба зерсинҷи болойи нов бархӯрда, ҷуссааш бозистод ва оби нов бо шасте, ки меомад, боло парид ва ба ду паҳлӯ фаввора зада парешон гашт ва чархи осиё аз гардиш бозмонд.

17.12.07.

## ЯК МУШТИ ОБДОР

Эзорсафеду Зардэзор муштҷанг мекарданд. Ранги эзори ҳарду аз матоъе буд, ки ливойи мамлакаташон дошт. Шилшиладори поёнтар аз зону кашол. Мубориза баройи қаҳрамонӣ буд; ҳарду муштзан шарафи ватани хешро муҳофизат мекард. Агар пирӯз ояд, Қаҳрамони ҷаҳон мегашт. Дасти довар ишора ба оғози ҷанг карду Зардэзор ҳуҷумовар шуд ва хашмиву пурғазаб ба ҳариф дарафтод; ният дошт дар дасти аввал ҳарифро аз пой афканад. Аммо Эзорсафед монойи сангпушт гардан кашида, сар паси муштон медошт, ки он тараф қолаби сангӣ мемонад ва ҳар қадар мушт кӯбад боке нест. Муштборон мекард Зардэзор ва ҳар ҷое рост ояд, мезад; ҳатто бар ҷойҳое, ки мамнӯъ буданашро медонист. Аз миён поён ҳам зад. Эзорсафед баробари ҷангро боздоштани довар дудаста миёни пойҳо дошта, сари пой нишаст ва сахт ғунча гашта гирифтори дарди хеш буд. Довар таҳдид ба Зардэзор мекард. Ӯ сӯйи довар сар афшонда гуноҳ ба гардан гирад ҳам сахт хашмӣ буд, ки агар чунин накунад, душман парчами ба тан кашидаашро бирабояд. Ҷонибдорони зӯр ғирев бардоштанд ва қарсзанон ба по хестанд, ки гаравро бурданд; пули ба гарав гузоштаро чандболо меситонанд. Касони ба ҷонибдорийи Эзорсафед пул ба қимор монда ҳам хурӯҷ карданд: «Ҳаром!!» ва ба майдон рехтанӣ шуданд. Агар полис ҳамроҳ намешуд, «ҷанги ҷаҳонӣ» мехест. Довар гӯйӣ басанда гардонид оташи балворо: Ҷабрдидаро ба по хезонд ва дастони ӯро зӯрозмо болову поён карда ба ҷанг омода будан ё набуданашро муайян кард; сар афшондани ӯ доварро ишора буд, ки ба ҷанг дарояд. Эзорзарди омода ба ҷанг баробари бо теғи даст буридани садди мубориза вазн андохта ҳамла овард ба

душман, ки аз зарби ноҷояш нимҷон гашта ба мушти гарони ӯ тоб оварда наметавониста бошад. Вале пешониаш ба мушти чапи сӯяш ёзида бархӯрд ва нотандеҳ абрӯ чин кард, то бихурад ҳарифро. Садойи лаълӣ баромад – дасти якум ба охир расид. Зардэзор дандон гиз кард шағолона ҷониби Эзорсафед: «Ҷанг дар пеш» ва норозиёна ба кунҷе рафт, ки мураббӣ меистод. Нанишаст, то лаҳзайи танаффус зуд гузарад ва чун паланги хашмиву олуғда дарафтад ба ӯ. Суханони мураббӣ, ки ину он мегуфт, ба гӯшаш намедаромад. Аз банди иҳота дошта, пой мезад. Баргашта сахт сӯйи ҳариф нигарист, ки дар кунҷи рӯ ба рӯ бар курсӣ нишаста, боадабона ва орому ботамкин сухани устодашро гӯш медод: «Як мушт, бисёр не, як мушти обдор бояд зад!» «Ҳамон гӯши суханшунаватро зада кар накунаам...» Омода буд, ки баробари кӯба ба лаълӣ бархӯрдан мушти ӯ низ бар сари рақиб бархурад. Хурӯсона омад гардан ёзида ва ёли гарданаш низ чун ёли гурги ёлдор дамида буд. Парида, хурӯсвор чанг зад ва мушташ ба муштони Эзорсафед бархӯрд, ки вазни гарони ӯро бозгардонд. Муштони тиршап ба дастпӯшакҳойи сафедаш мерасид. Рақибонро аз ранги дастпӯшакҳо ҳам фарқ кардан имкон дошт. Эзорсафед ду мушти гарон пешрӯ дошта аз роғи миёни онҳо ба чашми ҳариф нигарист, ки ба куҷо нигоҳ мекунад? Чашми ҳариф мисоли чашмони келасҳойи обӣ сақҷовор гирд мегашт ва аз паси нигоҳ ҳар куҷо рост ояд, мушт мезад. «Фаҳмида намешавад ӯро, ки ба куҷо заданист». Инак мушти ростро пас кашид, ки бозӯяш дамида буд бузургтар аз муштон ва хурдтар аз сараш. Бо дасти чап ҳуҷуми адӯро дошта, бо мушти рост як-то заданӣ буд; фақат якто; зеро муштборон кӯшиши беҳуда. Кашидаву кушода бояд зад, ки ҳариф чун дарахти бурида барқад бипарад. Эзорсафед ҳар бор бо чунин ният омодайи як мушти обдор, зарба мехӯраду хешро ҳимоя мекунад; бо дасти чап рақибро андармон карда, ребу фиреб дода лаҳзайи боб меҷӯяд, ки кашидаву кушода занад, мушташ пеш нарафта, садойи лаълӣ мебарояд. Арақшор, ҷо-ҷо омосидаву кафида ва хунӣ сӯйи мураббӣ меравад: «Ту чихелин муштзанӣ? Зарбаназанӣ, душманро мағлуб карда мешавад?» «Мешавад...» Чунин посухи ӯ ҳам ғазаби муаллимро меовард

ва ҳам хандаашро. Лекин ӯ хандаро хӯрда, ғазаб туф мекард? «Ӯ хол мегирад ба ҳар мушт, ту масхарабози сирк барин тамошобинонро механдонӣ». «Ин бозӣ, муаллим. Бозӣ-бозӣ – рангбозӣ. Мардум танҳо баройи ғалтидану хестан чипта намехаранд ва дар хазина...» Садойи лаълӣ баромад ва Эзорсафед давоми суханашро гуфт ё на, ба ҳар ҳол як қулт ба даҳони ӯ об рехтанд, ки даҳан об гардонида ба дастшӯе туф кард. Усули ҷанг ҳамон ранг буд: Зардэзор мезаду Эзорсафед ҳимоя мекард ва гоҳ-гоҳ сари рақиб худ аз худ ба мушти чапи ёзидайи ӯ мерасид; ва тамошобинон шӯр доштанд, ки рақиб ӯро на танҳо бо мушт, бал бо сар низ мекӯбад. Чанд даст гузашт. Эзорсафед ягон хол гирифт ё на, намедонад; ғазаби муаллиму ба тарафдорийи ӯ ба хазина пул мондагонро намебинад, то бидонад дар чӣ ҳоланд; намебинад, ки онҳо шӯру ғазаб доранд; ҳам аз беҳунарийи паҳлавон ва ҳам аз сӯхтани пул. Баъзе ба бозӯйи дамидайи ӯ нигариста ишора ба шарике мекунад, ки пул гузоштааст ба қимор; дигаре лаб дӯл карда китфон дар ҳам мекашад: «Ҳеҷ чиз нафаҳмидам. Ба назарам ё хомфарбеҳ ё баройи тарсонидани ҳариф бод зада омадааст». Дигарӣ ҳам китф мекашад. Зардэзор зарба мезанад. Мушти рости Эзорсафед чу боли шикаста дар паҳлӯйи росташ кашол. «Ҳайфи он қадар орову торо!» Ин садойи тамошобини дил ба пулаш сӯхта, ки дар танаффус ҳам аз хидмати табибу пешкорон чашм наканда, бод додану об хӯрондан, арақ пок кардану равғану давойи ба захмҳояш молиданро дида, рӯҳафтода гаштааст. Ҳар гоҳ дунба ковок аз курсӣ карда, дашноми сахт дода аз майдон баромада рафтанӣ мешавад; вале ним ҳамла карданӣ Эзорсафедро дида, аз раъяш мегардад: «Бисёртар бирез!» Аз сари ӯ об рехтани мураббиро дида садо мебарорад ӯ. Ин ҷо театр нест, ки тамошобини рамузфаҳм ба маънийи намойиш сарфаҳм равад. Дар ин майдон ҷуз ғазабу муштзӯрӣ ва сухани дурушту дағал чизи дигаре нест. Танҳо Эзорсафед хомӯш, ботамкин ва чунон боодоб, ки як мушт намезанад душманро: «То назанӣ, Қаҳрамон намешавӣ, мефаҳмӣ?!» «Мешавӣ...» «Баъди ҷанг ту рост бояд ба сирк...» Гоҳе ки думи абрӯйи чапаш кафида хун шорид, устод дод зад: «Э войэ!» Довар ҷангро боздошта ба муштзан ишора кард, то назди

мураббиву табиб ва дигар хидматгузорон равад: «Дигар ба ту сухан надорам» гӯё рӯ гардонд аз дастпарвар ва нигоҳ накардаш. Хуни гармашро тоза накард, равғану давойӣ намолид, лекин аз сараш об рехт. Пизишк ба гӯшаш фиччонд: «Ин раунди ёздаҳум... Боз як раунди дигар...» Вазъу ҳоли ӯ дигар шуд; ё нав дардро пай бурд ё ғазаби устод бедораш кард. Ёли гарданаш ҳам баланд гашт. Ҳариф тозон омаду сахт ҳамла кард ва муште зад, ки Эзорсафед пушт рафта ба банди иҳота бархӯрд ва пеш омад. Ҳарифи зӯр ӯро мағлуб пиндошта ҳуҷумовар шуд ва зарбае ба ҷоғи чапаш хӯрд, ки дандонҳояш шароққос заданд ва паҳлавон ба сони дарахти бурида ба замин хобид. Зардэзор дар тӯли ҷанг ҳамон як мушти обдор хӯрд, ки Эзорсафед аз аввал то охир омода сохта, фурсати боб мепойид. Довар ангушти мушткарда як-як мекушод: «Як! Ду! Се! Шаш! Нӯҳ!...! ва ду даст ба ду тараф, ҳамчуноне ки Зардэзор мехобид, воз кард: «Даҳ!»

21.02.08.

## ДУ ДЕВОНА

Имшаб тамоми шаб саге зуза кашид; фӯк сӯйи осмон дошта нола кард ва сагони дигарро ба по хезонд: русто ба ларза даромад аз зузайи пуртаҳлука ва ёвомад. Моно ҳама балоҳойи осмонӣ ба сари деҳ мерехтанд ва саги Ало чунин пешомадро дониста ба нола даромад, то фариштайи бадбахтиро зорӣ бикунад балоҳоро дар фалак боздорад. Ак-аки сагон деҳаро акистон кард ва аз деҳайи дур ҳам садойи ҷакидани сагҳо омад; ба назар то он канори дунё рафт. Мардум нороҳат гашта бедор аз хоб шуданд, то балогардонӣ бикунанд. Сахт воҳима гирифта буд, ки балойи осмонӣ омадааст. Ҳатто ҳамсояҳо аз сари девори якдигар гардан фароз дошта, пурсон мешуданд: «Чӣ балост?» «Напурсед, балоҳойи осмониро дур карданианд сагҳо; баргашта сӯйи фалак мефиристанд. Агар балоҳоро осмон набардорад, Замин бардошта натавонад». Сагҳо ором нагирифта, аз ҷакидан намонда ва ҳанӯз чашми рӯз накушода ба кӯча баромаданд, ки ба девлохи моли кӣ гург даромада бошад. Вале ягон нишони ташвиш набуд. Деҳа низ аз хоби нороҳат бедор шуд ва касе чизе намедонист: «Офарини сагҳо!

Нолаву зуза накарда буданд, оламро бало пахш карда буд» балоро борону барф пиндошта, чунин мегуфтанд. Рӯзи корийи ду тани ноошно пештар аз рӯзи корийи дигарон оғоз ёфт; монанди касоне, ки субҳ надамида дар даруни сандуқи телевизор беҳуда даводав мекунанд. Тӯр қадди роҳи мошингардро боло равад, Саврӣ бо канори дигари роҳ поён меомад; Тӯр сарнишеб ояд, Саврӣ сарболо мешуд. Рӯ ба рӯ гашта аз паҳлӯйи ҳамдигар гузашта раванд ҳам якдигарро намешинохтанд, зеро банди хаёли хеш буданд. Тӯр асо дошт, Саврӣ саргирак; саргиракро якшоха чӯпонӣ гирифта, як бари он кашол, мерафту меомад; на ёди хӯрок дошту на ёди об; оби равонро бинад, рӯй мешусту пой бар об тар мекард ва боз қадам мезад заминро миннатдор карданӣ шуда. Гоҳе бари саргирак пушт зада, хешро озод нигаҳ медошт, ҷилва низ мекард; худ ба худ чизеро ёд оварда механдид – кадом лаҳзайи хуши зиндагиашро; вале дер давом намекард: табассум дар лабонаш шикаста, қиёфааш ҷиддӣ мегашт ва сахт менигарист ба касе. Дар чунин ҳол пойи рафт нигаҳ медошт ва худ ба худ ғуррида касеро сахт дашном медод; дуъойи бад ҳам мекард, лек номашро намегирифт. Мерафт-мерафту аз деҳа мебаромад; бо роҳи мошингард хаёлӣ то деҳоти дигар мерафт ва ҳамон зайл қоматаш рост, саргиракаш кашол, чашмонаш ба фарқи сараш кашида, лабонаш хушку пойҳояш бемадор, қадамшумор бармегашт. Сахт хаставу шалпар гардад ва дарди пойро эҳсос кунад ё пойяш даруни кавш сӯзад, кавш ба даст гирифта, тиҳипову хаёлӣ чунон бо нозу таманно пой мепартофт, ки танҳо худаш донад, ки чӣ маънӣ дорад. Соҳибони мошинҳойи роҳ рафтори ӯ дида паҳлӯяш тормуз мекарданд, вале ӯ нигоҳ накарда пеш мегузашт ва агар боз мошинашро дорад, Саврӣ пас мегашт. Ҳама девонаҳо ҳушёри кори худ ва кори бадро хубтар аз солимон мефаҳманд. Чун ба роҳи асосийи деҳа меомад, асари Тӯрро аз пайи моршакли асояш дармеёфт, ки бар нармхоки канори роҳ боқӣ монда буд. Тақрибан аз рӯйи раҳҳо медониаст, ки Тӯр чанд бор омадаву рафтааст. Ин чӣ ҳавсала буд ё пайи асойи кашоли мардак чӣ аҳамият дошт, намедонист. Зеро чанд сол боз мисли мӯрча дар як пайроҳа мегарданду якдигарро намешиносанд, ҳатто салом надоранд.

Наход зузайи шабонайи сагон ҳамин балоро пешгӯйӣ карда бошад? Пайи пойи истода дар як ҷо маърӯза кардани Тӯр низ аён; чунки дар ин ҷо хуб пой кӯфта, даст боло карда ё асояшро камон сохта душманро паррондааст; сонӣ амру фармонҳойи ҳарбиёна додааст ва оқибат Сталин шудааст: «Товариши! Ман аз шумо коммунистон чунин умед надоштам, ки баробари аз сари қудрат рафтанам, ҳамаро хароб мекунед ва чунин талаву тороҷ мегардонед! Ҳокимон ва райисони колхозҳо, мудирони фермаҳо ба Сибир фиристода шавад! Я думаю, ки шумо сарнагун кардед сохти моро! Инак ҷазоятонро Худо диҳад!» Магар балойи шабина чунин будаст, ки Саврӣ сахт ранҷонд ӯро:

– Э девона, ба ҳамун кучукат як чика об диҳӣ намешавад, шаби дароз намонд, ки хоб равам?!

– Ҳааа ту ташна мондайӣ... Дигар ин ки вай кучуки ман не, кучуки райис, девона! Дина гӯсфанд кушта буд, сагаш хунаша хӯрда, маст шудааст. Ҳамина намефаҳмӣ, девона?!

– Девона...

Ҳар кас ба хаёли хеш – ҳушёр: Девонаро «девона» гӯйӣ, «Худат девона!» мегӯяд; дуздро «дузд» гӯйӣ, «худат дузд!» мегӯяд; Муттаҳамро «муттаҳам» гӯйӣ, «Худат муттаҳам!» мегӯяд; ҳатто ба кӯҳи Нидо «Нокас!» гӯйӣ, «Нокас!» шунавӣ. Даҳони баста – сад тилло... Онҳо хомӯш мегаштанд; якдигарро девонанавозӣ намекарданд. Чу забон ба сухан кушоданд, таъна сар шуд: «девона».

– Ман шӯт мешам, ки гап мезанӣ, девона?

– Ман занат мешам, ки «девона» мегӯйӣ, девона?!

– Ту ин дунёро намефаҳмӣ. Хаёлат, ки зери саргирак печида, сарнишеб рафтаву сарболо омада, заминро миннатдор мекунӣ. Ҳол он ки заминро меранҷонӣ. Дар рӯйи замин гаштан ҳам ҳад дорад. Камак як ҷо шин, дам гир, нафас рост бикун. Ба поят раҳмат наояд ҳам, ба замин раҳмат ояд.

– Ин кори ман; ин пойи ман! Ба пойи ман кордор нашав. Асоятро маҳкам дор. Ҳама каттагиат аз пушти ҳамон. Хаёлат, ки ба куҷо занӣ.

– Ман медонам ба куҷо заданро. Ба роҳат рост рав, девона.

– Девона...

– Ҳушёр бишав, ки таги таракторнамонӣ, дайду!

Саврӣ таққӣ пойи рафт боздошт; ҳайкал шуд ё ях баст. То об кушод, ки Тӯр ҳодисайи таги трактор монданашро ёд овард: гоҳи бозгашти пода трактори Санг пая меовард ва гови аз миёни говон ҷудо гашта ба барги тут сару забон дарозкардаро накӯбам, гуфта, фармони трактор ба рост тофт ва Тӯри сари роҳ истодаро зада парронд; афтида сараш ба ғӯт зада беҳуш гашт. Бо ҳазор доруву дармон даво наёфта, сарзада шуд. Ҳолиё чизи аз ҳама баддидааш трактор ва садойи гӯшкаркунанда ва оламларзони он аст. Чунин садоро, Худованд ба гӯши кар ҳам дучор наорад. Аз дашти дур ҳам садояш ояд, гӯши Тӯрро ба хориш меорад. Баробари шунидани овози гӯшхарош Тӯр бероҳа мешавад ва пушти дарахте ё буни деворе паноҳ меҷӯяд. Ана ҳамон рӯзу чунин бедодиро мардак ёд оварда Савриро дилсӯзона маслиҳат дод, то хешро эҳтиёт бикунад. Вале ӯ ях басту об кушод ва зоғи даҳансиёҳ шуд:

«Худат таги трактор монӣ, бадният! Аз бадиат як бор мондӣ, боз монӣ. Худо ҷазоятро диҳад ҳам ба ту панд намешавад. Таги мошин монӣ! Таги девор монӣ! Таги ана ҳами симчӯби болойи сарат монӣ! Ана ҳамин сафедори баланд ба сарат гардад... Умедат хушк шавад! Илоҳи мурӣ! (ва нафас рост карда, чизеро ё аламҳойи кашидаро ёд оварда, аз нав авҷ гирифт) Умрама хазон кардӣ, девона. Ҳама чизро барбод додӣ, номард! Нағз мебинам гуфта, баҳори умрама дуздидӣ, ана хазон омад. Илоҳӣ таги хазонбод монда мурӣ! Ҳамту, ки девона мешудайӣ, чӣ номаъқул карда «гирам Савриро мегирам, нагирам, ҳур мегузарам» гуфтӣ? Шабу рӯз беғарзи хаёли ту хаёли дигар надорам... Илоҳӣ, мурӣ, ки на бинаму на сӯзам...»

– Ӯй! Ҳӯй! Девона! Ин гапота ба Бердӣ бигӯ! Ман шӯйи ту не. Ман – Тӯр; шӯйи Нисо – духтур. Ту баринҳоро бешӯ мезоёнад. Илоҳӣ дар дасташ афтода мурӣ, тозӣ! Сари хишт равӣ, тозӣ! Занак шуда як фас хона шинӣ, мемурӣ? Мардон ба афти хунуки ту зор, ки зоғ қар нагуфта, домони саргиракат – роҳрӯб, таг меравию боло, чӣ гум кардайӣ?

– Туро гум кардам, беимон! Маро фиреб додиву акнун гурехта мегардӣ!

– Беҳушона гап мезанӣ, девона... Ман шӯйи ту не! Ман – Тӯр!

– Худат девона! Ту набошӣ, ман дар ин кӯчаҳойи пурчангу хок, миёни подайи говон чӣ кор мекунам? Туро бинам гуфта, саргирак яклаба мекунам; лекин ту гирифтори суханони Сталинӣ. Дастак зада, ваъз мегӯйӣ ва худ ба худ завқ бурда механдӣ, девона.

– Ҳунари ҳар кас не Сталин шудан.

– Бурутат куҷо? Шапкайи пешонабаландат куҷо?

– Ҳамаашро баъд мебинӣ... ҳоло рав, дар хона шин ягон гандапири занмурда пайдо шавад, мегирад. Оби торат медиҳӣ.

– Умедат хушк шавад, номард! Ман ба ёди ту шабро рӯз кунаму сари азон кӯча бароям, ки бинамат...

– Бас кун-э, девона! Одамони рӯйи замин шунаванд, чӣ мегӯянд?!

– Одамони рӯйи замин мисли ту бузи ногиро не. Ҳама чиз-ро мефаҳманд, рӯзгори хуш доранд.

– Девона, Нисо фаҳмад, алов сар медиҳад.

– Нисойи ту ба ман чӣ кор дорад? Нисо, Нисо... Аз сарат монад Нисот!

– Ту аввал хонашиниву хонарӯбиро ёд гир, баъд ҳаваси марди озодаро бикун. Ту ҷорӯб кашида наметавонию...

– Номаъқул кардӣ, девона! Чунон кунам, ки рӯған резад, лесӣ. Ту ба хонайи ман, ба ҷогаҳи ман даромада будӣ?

– Гум шав-э!

Садойи трактор баромад. Тӯр зуд паси симчӯб пинҳон гашт. Саврӣ ба тангкӯчайи Домулло уреб шуд. Аммо трактор ин тараф наомада, бо кӯчайи миёна сӯйи Майкада рафт. Онҳо буромаданд. Саврӣ гӯё мардакро бори аввал дида бошад, сар бар китфи росту китфи чап тофта дурусттар ба мард нигарист:

– Ту... Ту ҳамон писари Табардаст нестӣ?

– Девона, нав шинохтӣ?

– Охир нав дидам. Ба хаёлам як аср пеш дида будам.

– Ҳо. Дар асри Сталин дида будем. Гап-гап, ки боз меояд. Ҳама бетартибиҳо гум мегарданд. Ту ҳам саргиракатро мепартойӣ...

–Не!

– Мепартойӣ. Исталин ун хел одам не, ки нози туро бардорад. Худат мепартойӣ.

– Не!

– Не, гӯйӣ, мефармояд аз поят дар шохи чинор меовезанд; оламро тамошо мекунӣ. Медонӣ ман ба чашмат чигуна метобам? Чаппа. Чӣ хеле ки ту ба чашми ман метобӣ: чаппа.

– Дурӯғ! Исталин мурда буд. Баъди мурдайи ӯ ба ман дард расид...

– Медонам.

– Дурӯғ! Он гапҳо ҳама дурӯғ! Ун худоноумед ҳамон баҳонаро баровард. Шарми рӯ шавад ҳам, занмиҷоз буд. Баъди шаш моҳ овоза кард, ки ман... Даҳанат заҳр гардад. Ман ҳоло ҳам духтарча. Чиба гурехт? Ғарибкорӣ баҳона, гурехт. Акойи Тӯр, дар қиёмат маълум гардӣ, ин дунё баройи ману ту не; ин дунё баройи девонаҳо, дуздон, нокасон, муттаҳамҳо...

– Лекин ба ягон кас чунин гуфта намешавад: дузд гӯйӣ, «худат дузд» мегӯяд, ҷалаб гӯйӣ, «худат ҷалаб» мегӯяд. Ба кӯҳи Нидо «нокас!» гӯйӣ, «нокас!» мешунавӣ.

– Дар қиёмат маълум шавӣ, ако... ягона касе ҳастӣ, ки... забонам намегардад. (Аз зери остинаш коғази сафедро баровარда.) Ана ин коғаза бигиру то омадани Бердӣ нигоҳ дор, ҳамин ки омад битиш. Ман сӯйи Зарафшон меравам...

– Девона!

– Не-не! Дигар илоҷ нест! Дилам ба худат об хӯрд... «илоҳӣ, хабари мурдет биёд, Бердийи номард, умрамро хазон кардӣ! Дигар тоқат надорам. Моҳиёни Зарафшон одамхӯр шудагӣ, мегӯянд. Бигзор маро хуранд. Дар ин ҷо набошӣ, ки тамошо бикунӣ. Ба ҳар ҳол ман саргиракро дар ҳамон сари шахча мемонам, ки Норҷон рӯймолашро монда буд; Сайрам кавшашро монда буд; Нигор рӯмолчайи гулдӯзийи баройи нисбаташ дӯхтаро гузошта буд; Қимат нома навишта баъди сараш як шаҳр одамро ба по хезонд... Э бисёр, ҳамаашро медонӣ. Ман ана ҳамин саргиракро мемонам, ки аз бисоти арӯсийи нокомам ёдгор. Саргиракро, ки гирифтӣ, бӯй бикаш, ки бӯйи муҳаббат медиҳад ё не?!»

23.02.08.

## МАДДУ ҶАЗР

Сафедҷомагон аз дур хеле пастқомату сустгом метобанд, аммо ҳазора бошанд ҳам аз пеш як нафар менамоянд; чунки дар раҳи рост саф кашида хеле ботартиб ва орому вазнин, ба назар таълимдида меоянд, ки яке аз рах берун қадам намезананд. Мегӯйӣ, ки ҳоҷиёни асрҳойи миёна аз саҳройи адам мегузаранд; саропо сафед. Чун баҳрро диданд тезтак гаштанд. Садойи баҳр ва мадду ҷазри онро мешуниданд; насими намнок меомад. Амвоҷи баҳр кӯҳа-кӯҳа ба соҳил бархӯрда бармегашт ва ҳар чизи нолозимро ба соҳил меандохт; баъзеро гардонда мебурд. Ин замон мусофирон ба лаби об расиданд ва чизе аз тан наафканда худро ба об заданд ва хеле гуруснаву ҳарис ба овардаҳойи об дарафтиданд. Сафедийи пешсина ва шикам пӯшида гашт; пушти сиёҳрангашон тофт. Пингвинҳо будаанд, одамвор дупоя саф кашида. Муборизае оғоз ёфт, ки мадду ҷазри баҳр пеши он ҳеҷ буд: пингвинҳо ба кирмҳойи мавҷ оварда дарафтиданд ҳама чизро фаромӯш карда. Гушна ба шер задааст. Тагтари баҳр тулумҳову (тюленҳо) далфинҳо аввал бозиву шодийи меҳмононро тамошо карданд ва рамуз гирифта, оҳиста – оҳиста боло шуданд ва об ранги сурх гирифт. Пингвинҳо монанд ба киштиҳойи коғазийи кӯдакона хеле сабук сар-сари мавҷҳо мерафтанд. Чунон ки киштичаҳойи коғазӣ тар шуда ба об фурӯ раванд, як – як ин сӯву он сӯ парида, номаълум фурӯ мерафтанд. Рӯйи об чу абри сӯхта хун ғоз мекашид ва обро рангин мекард. Тулумҳо онҳоро дошта, азбаски дар даҳонашон намегунҷиданд, дандон зада хунӣ мегардониданд ва рӯйи об меафканданд. Пингвинҳо зуд беёд гашта, дами дарунашон мебаромад; рӯйи обу зери об мешуданд. Зиндагӣ мурдагӣ мегашт. Қавмҳо меҷангиданд; яке зӯру хунхор, дигаре муфтхӯр, бархе нотавону нимҷон, ҷуз гурез илоҷе надоштанд, лек гурехта наметавонистанд. Пой доштанду гурез надоштанд; бол доштанду парвоз на. Баҳр рангин мегашт ва дар теғи офтоб, ки то таги баҳр метофт, рангинкамон пайдо гашта, зери носомониву шӯру шаафи тулумҳо ва ҷонканийи пингвинҳо, лошахорийи мурғони муфтхӯр на танҳо камони ранга, бал ҳама чиз ноаён мешуд. Тулумҳо даҳон мекушоданд ва пингвинҳойи беёд худ

аз худ ба даҳонашон меомаданд. Боз дандон зада ва афшонда пушти сар ё паҳлӯ меандохтанд, ки баъзеро лахте гӯшт дар даҳон меомад ва бархе бо вазни гарони худ аз пайи тӯъма фурӯ мерафтанд. Ранги гулобийи гӯшти пингвин, ранги сафеди сарсинайи рӯболо, ранги хун, ранги тулумҳойи ҳархела, паррандагони ҳарранга ва тарзи шикору муфтхориашон дунёйи бӯқаламун сохта буданд. Тулумҳо гӯшт дар даҳон сар аз об бурун меоварданд; об аз камарчайи даҳонашон рехта гӯшти тозаву ҳанӯз нафасу равон доштаро мебалъиданд. Онҳо бо ҳар партоб лахт-лахт гӯшт мехӯрданд, то даме, ки аз пингвин танҳо склет ва сару пой боқӣ мемонд. Ба қаъри баҳр мерафт ва баройи ҷонварони зериобӣ базм барпо мегашт. Рӯйи об низ базм мешуд: паррандагони гӯштхор ба ҳар резаву порайи рӯйи об ҳуҷум оварда, мерабуданд; ҷое, ки тулум пингвин қассобӣ мекард моҳихӯракҳову мурғони гӯштхӯр ва як мурғаки хокистарийи нӯлаш ба минқори мурғобӣ монанд пой бар об расонда боло мешуданд аз тарс, то ба коми тулум фурӯ нараванд. Зиндагийи обиён ба рӯзгори хокиён хеле монанд: зӯр нозӯрро нобуд созад; бузург кӯчакро фурӯ барад. Бо вуҷуди бузургӣ тулумҳо ҳарос доштанд, ки тимсоҳойи азим ё наҳангони фавворасоз айшашонро мунағғас нагардонанд. Каллайи пингвин зери об меравад, пойҳойи гулобиаш ва устухонҳо низ. Тулумҳо ғел мегарданд; орому бепарво шино мекунанд; сайди бисмил ё нимхӯрда дар паҳлӯяшон бо вазни хеш шино дорад ё ба даҳони онҳо меояд. Пингвинҳойи дандонзадаву нимҷон ҷое гурехта наметавонанд; гаштаву баргашта ба даҳони тулум меоянд. Мавҷ ба сӯе тела диҳад ҳам тулумҳо тӯъмаро ёфта мегиранд. Як пингвин бо мадади мавҷ аз даҳони тулум раста, ба соҳил баромад ва дар як лаҳза ҷомайи сафедаш сурх шуд. Дандони тулум пӯсти гардану сари синаро даррондааст, ки пингвин гулгунқабо гашт. Базӯр сари санге баромада сукут варзид ва ба андеша рафт, ки чӣ балое буд? Ба ҷойи он ки илоҷе дарёбад, аз тарсу ҳарос ларзида рӯ ба душманони нохонда дошт. Мурғон пайдо гаштанд гирди ӯ. Ва мурғи минқораш монанд ба нӯли мурғобӣ, рангаш хокистарӣ наздик омад ба маъюб ва ҳуҷумовар гашт. Пингвин худро ҳимоя карданӣ шуда, бо дасте, ки дар об болу

дар хок пой мегардад, мурғро зада ронд. Вале мурғи рамуздон ё ба чунин шикор одаткарда ӯро масхара гирифта, гирдгардон мекард ва шину пар дошт; дар ҳаво муаллақ бол мезад. Пингвини хунинкафан сахт ҳайрону гирифтор, ки шояд вуқӯъи фоҷеъаро медонист, хаставу нимҷон хештанро муҳофизат карда, мисли нартулуми аз рақиби зӯр дар ҷанг мағлуб паспас мерафт ва илоҷи аз мурғон наҷот ёфтанро дар об медонист. Ӯ одамона дупо ва рост меистод. Мурғон парвозкунон ҳамлавар бар сарсинайи захмийи вай мешуданд; нӯл мезаданд; пару пӯст меканданд; хунинтар мегардониданд, то равонаш суст гардад. Як нола ва садойи нимҷони имдодталабона ҳам меомад, вале ёру ёваре набуд ҳамонанди кори инсон, ки тамошо доштанду мадад на. Ҳар кас дар таҳлукайи наҷоти хеш буд. Пингвинҳойи солимро дар соҳил хатаре таҳдид надошт, магар андаруни об. Мурғон чунин гурусна ва ҳариси хӯрок буданд, ки тулумҳоро гоҳи зо ором намегузоштанд; бачайи ӯ олами равшанро надида гирду атрофашро гирифта модарро ба ташвиш меоварданд ва аз лаби ҷилдпардайи бо тифл бурун омада, дошта мекашиданд. Тулум аз хавфи бурдани бачааш парешон гашта мурғонро фӯк зада дур меронд ва пардаро кандаву лесида фӯки бачаашро раҳо мегардонид, то ҳаво бигирад. Акнун паррандаҳо ҳамроҳакро нигарон мешуданд, ки кай меафтад, то улоғ бикунанд. Онҳо ҳамроҳакро наафтида аз паси думи тулум дошта, кашола мекарданд ва гӯё бузкашҳо ба лоша дарафтода ба ҳар тараф мекашиданд; зӯр мегирифту зор мемонд. Ҳолиё пингвин ба ҳукми ҳамроҳак; аз чаҳор тараф мурғон ҳамлаваранд; нӯл мезананду дошта наметавонанд; ҷабрдида рамақе аз ҷон дорад. Хештан ҳифзу ҳимоя карда ба об расид ва сар ба об андохт ва ҳамон замон дасту позаданҳояш аён гашт. Аз борон гурехта, зери новадон афтод. Тулуме, ки ӯро хунӣ гардонида буд, лаби об омада, бинийи пучуқ, мӯйлаб ва даҳони гирдаашро, ки кадом қабиларо ба ёд меовард, аз об бурун сохта наззора дошт сайди нимбисмилашро. Шояд, аз таҷриба медонист, ки мурғони гурусна дар чунин ҳол осуда нагузоранд; ӯ хоҳ-нохоҳ бояд худро ба об бизанад. Чунон низ шуд: чун худро ҳимоя карда, то об расид, аҷал гулӯгираш кард: тулу-

ми мурдачашм шерона – чун усули сайди даррандаҳо аз гулӯяш гирифт. Ба дасту по заданҳойи ӯ ва ҷонканиаш нигоҳ накарда, сахт хашмӣ дандон фишурда хуни сайд мемакид, то дигар паҳлавонро сарсону нигарон накунад. Пингвин аз дасту по задан монд ва тулум ҳамон зайл аз гулӯяш дошта, боло аз пардайи об баровард ва бо ғазаб ба ду тараф афшонда, партофт. Пингвин шалаппос ба об зада, зер рафт. Тулум ҳам. Аз миёни об ҳубобчаҳо боло мешуд; рангину хунин ва рӯйи об ранга мегашт. Тулум нигарон буд, ки тӯъма чун ба даҳонаш меояд. Ва ин бор аз лаҳми сари синааш дошта боло шуда аз об ва сахт такон дода лахте гӯшт овард ба даҳон ва комак зада оболуд фурӯ бурд. Ранги гӯшти гӯсолайи парвориро мемонд: гулобийи тоза. На монанди гӯштҳойи ҳароммурдайи бозорӣ, ки хун бар гӯшт давида сиёҳ гардонад ва ё бӯйи ҷин диҳад. Пора-пора, луқма-луқма, газ-газ ҷудо мекард бо зарби ба ду тараф афшонда кандан. Тулумҳойи дигар ба луқмайи ӯ чашм ало мекарданд. Тӯъма паси сар меафканду ба муфтхӯрон ҳамлавар мешуд ва боз луқма ба даҳон меовард. Хӯрд-хӯрду қафасайи устухонро раҳид, ки он шино карда то қаър расид ва дунёӯи дигарро безобита гардонид. Гӯё колбади «ҳоҷӣ» ба биҳишт афтид. Биҳишт тозаву озода, ҳазорранг аз гулу гиёҳи обӣ буд; бошандагонаш низ озода, ранга ва ботамкин менамуданд. Чун аз боло омадани рӯзиро диданд, низ ба талош афтоданд ва чанги дурдаву таҳшин бароварданд. Ва аммо дар боло – дар дунёйи равшан шамшери аҷал обро буррида ҳаракат дошт; хаёле тахтапушти наҳанги азим зери пардайи об аён мегашту ниҳон; шамшери сирти пушташ матоъи обӣ мебуррид. Ва якбора чунон бархӯрду обшаппӣ шуд, ки ҳама ҷонварони даруни об безобитаву фирорӣ гаштанд. Вале паррандагони муфтхӯри беҳисоб бар тахтапушти наҳанг шину хез доштанд. Шояд баройи ҳавогирифтан бошад, ки наҳанг сар боло кашид ва дар даҳонаш даҳони тулум омада буд. Боз ҳар ду даҳон ба даҳон фурӯ ба об рафтанду рӯйи оби уқёнусро пардайи ҳарири хунӣ пӯшонд.

25.02.08.

## ЗАЪФИ ПИРӢ

«Ин одам беҳуда аз паси ман намегардад. Аз шакл, сару либос, тарзи рафтор ва кебидаву пой боздошта чун соя аз пасам гаштанаш аён, ки аз ҳамон тойифа; аз тойифайи duздон, қотилон ё зархаридҳое, ки сари маро ба касе ваъда кардааст. Ба автобус нишастам, нишаст; фуромадам, фуромад; ба чапу рост гардам, мегардад; равам, меравад; истам, меистад. Худоё, наход риштайи умрам канда шуда бошад? Не, имрӯз ӯ маро кушта наметавонад; нав пайдо шудааст; ё шояд чандин вақт боз пай гираду бехабар бошам; агар дар афтобус поямро пахш карда худро ба нодонӣ намеандохт, пай намебурдам. Шояд баройи узрпурсӣ аз пасам гардаду ҷуръат накунад. Шояд гунг ҳам бошад? На, онҳо хондагӣ, мактабдида, чӣ кор карданашонро медонанд: нахуст меомӯзанд, реҷайи роҳу равиш мегиранд, соъатҳойи рафту бозгаштро муайян месозанд, сонӣ... Буд ҳамин хел ... Яктову дуто не, зиёд. Ин рамуз мегирад, дигарон корро тамом мекуннад. Худоё, ҳалқам хушк шуд. Дар гирди ҳайкали шоҳ обе нест, ки ҳалқ тар бикунам. Ин ҳайкали нави шоҳи кӯҳнаву замони Қадим. Бо ҳамин баҳона муҷассамайи Ленини муборизро барандохтанду шоҳи Бухороро оварда монданд, то дигар дар ин майдон хунрезӣ нашавад. Аз ин рӯ гирду пешаш тозаву озода, шерони одамхор ҳам дорад, касе ҷуръати бетартибӣ кардан надорад; хаймайи саҳройӣ, дӯкончаҳойи самбӯсафурӯшӣ надорад; газоб ҳам намефурӯшанд... Ҳалқам хушк шуд-э, ноинсоф! Мон то Хонайи радио расам! Як чика об будагист. То Саҳройи Аҷалро тай мекунам, ки ҷон аз қолаб мебарояд. Ё аз танҳойиву ташнагӣ мемирам ё маро мекушад. Худоё, як рӯзи дигар ин майдон чунон серодам, ки китф зада гузашта намешавад ё ин гулгашт пур аз ҷуфти ошиқон. Кадом касофат ё балойи осмониро пай бурда мисли ҷонваракони пешдон ҳама ғайб задаанд. Ин бало ҳам вақташро ёфт. Инҳо медонанд вақту соъати ҳар корро. «Ҷони худойӣ!» гӯям? Он тарафи роҳ кохи Шӯро. Дарунаш пур аз милиса, ки паррандаро роҳ намедиҳад, лекин ҳолиё шапкайи сурхаш наметобад. Даромадгоҳи Хонайи радио ҳам милиса дорад. «Кучо меравед?» мепурсад. Вале ҳоло ҳамаро ғубори ангишт бурдааст, ки намоён нестанд. Дунёйи

акс ҳамин хел мешавад. Вагарна як рӯзи дигар «салом Устод» гӯён, рӯ ба рӯ меоянд. Ин ҳам шояд аз он қабил бошаду ба салом гуфтан шарм бикунад? Аз шарфайи пояш ва сояйи дарозаш аён, ки меояд. Замони пеш мебуд, шартӣ рӯ ба рӯяш истода «Ҳа! Чӣ мехоҳӣ аз ман»! мегуфтам. Дар ин замона чунин гуфта намешавад; рӯ ба рӯ ҳам истода намешавад; як корд ба сина мезанаду, гӯё чизе нашуда бошад, рафтан мегирад; ё як тири беовоз. Чунки касе намепурсад гуноҳу савобашро. Дуртар бошад; аз паси девору буни дарахт ё аз паҳлӯйи шерони Сомонӣ ҳам як гапе; рӯйирост, расамнарасам, пой бар асари пой гузошта меояд. Намедонӣ, ки чӣ касест. Дар рӯзгор зиёданд чунин кӯрон; теғ зери остин аз пасат кашол мешаванду фурсати нобоб дар синаат мезананд. Дӯсту душмани мо кай аз куштан сер мегашта бошанд? Касе пай намебарад, ки ҷосус аз паям мегардад; оҳанги куш дорад. Бинанд ҳам рӯй мепӯшанд, ки дар бало намонанд; зеро гуноҳро ба сари ӯ бор карданашон аз имкон дур нест. Ӯро бинанд, реб дода ба тарафи дигари ҳайкал гузарам ҳам гашт аз пасам. Аз «Девон»-и Рӯдакӣ пай намебарад, ки ман аз касони хавфнок нестам; ягон чизи дар ин дунё гузошта, ду даст дар бинӣ ба он дунё рафтанӣ надорам, балки кори хайр карданӣ ҳастам; Қасидайи «Шикоят аз пирӣ»-ро хонданиам. На, сари онҳоро парма карда чунин андешаҳойи некро сурбосо резӣ ҳам намеистад; мисли симоб баргашта мерезад. Аз ман чӣ мегирӣ, девона? Ба устоду фармудаат бигӯй, ки анбор бӯйи муш кунад ҳам, ҷайби ӯ ақаллан бӯйи нос надорад. Чунки бемансабу бевазифа; ҳаққи хешро рӯёнида наметавонад; бизнеси инзамонаро сарфаҳм намеравад; пулро мисли дигарон зоёнда наметавонад; чунки надорад. Агар пайдо шавад, зуд парешон мекунад; зеро баройи як пул касро калла гирифта ба наҳр меандозанд. Сабр бикун, ошно, даргузар аст ин ҳама; дунё ба умед: рӯйи хубиву хуширо ҳам мебинем. Сабр накунӣ, ба рӯят мемонад. Ин сухан дар ана ҳамин «Девон» ҳаст: «Киро куштӣ? То кушта шудӣ зор?» Ин дунёйи қаврунгардон. Накун ин корро бача! Даст нигаҳ дор! Дур бирав! Ё мон, ман рафта армони пириро бихонам... Сабил монад пирӣ! Сих мезанад... Бале ба ҷони ин дил: аз рӯзе ки ба дунё

омадааст – ҷанг. Рӯзи хушро надидааст. Истиқлолиятамон ҳам бо ҷанг омад. Ду бор. Ҳоло дил таскин наёфтааст. Дар чунин ҳол ҳам ором намегузоранд; ба д-он монад, ки морро фурӯ барад мор; аз сараш газида, бо зӯрӣ сарро аз ҳалқ гузаронида, чашмонаш ҷаста баромада, дам гирифта – дам гирифта, оҳиста-оҳиста фурӯ барад, то думаш пинҳон гаштан; сонӣ ба дарахт печида пахш бикунад, то ҳазм шудан... Лекин аз куштани ман чӣ? Чӣ мегирӣ? Хӯрда натавонӣ, баҳра наёбӣ... Ё одамхӯр шуда бошад? Ягон усул доранд. Рӯйирост – пеши назари одамон нахӯранд ҳам ба руд меандозанд, то моҳиёни ба одамхурӣ одаткарда хӯрда фарбеҳ шаванд ва эшон моҳӣ бихуранд. Ду понздаҳ – як сӣ. Сабил монад пирӣ. Рӯдакӣ шикоят кард бас набуд, ки ман ҳам мӯя кунам? Лекин пири хирад аз замона, аз дунёдорон, аз ҳамзамонони хеш шикоят надорад; шикоят аз пирӣ дорад ва давлати Оли Сомонро сано мехонад; саховати шоҳу миру авлиёйи онро сипосгузор аст. Мани беақл замонайи хунрезро гила дорам. Одамон беақлу дарранда бошанд, айби кӣ? Замона ҳамин касро аз пайи ман фиристод? На! Кадоме фармуда. Чунин фармуда, Туғралро ҳам ҳукми куш дода буданд... «Аз пайи кори дигар бишав, бача, аз ман шабуш намерӯяд!» Намефаҳмад. Ё ман гуфта наметавонам. Андеша дораму гуфта наметавонам; чунки... Гуфта наметавонам: «Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст!» Беҳтараш ба ин ҳайкали Сомонӣ бингар, ки чӣ некиҳо кардааст бо Рӯдакӣ? Туйи бемурувват маро дар паси ҳайкали шердори ӯ куштанӣ. Шояд баройи ҳамин «Девон» бошад? Агар чунин: ман розӣ. Зеро ту донӣ, ки ин китобро аз ман бо чизе наситонӣ, магар зӯрӣ ё хуни ноҳақ. Лек бидон: «Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт!» Ба умед мабош! Рӯдакиро кӯр-пӯр накардаанд. Агар кӯр карда буданд, дар қасидайи «Шикоят аз пирӣ» аввал онро гуфта буд. Баракс ситойиши ҷавонӣ ва заъфи пирӣ ва дигар гаштани замонаро гӯяд: «Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам; асо биёр, ки вақти асову анбон буд!» Лек ту ҳамчу некхоҳи ман, хоҳӣ, ки маро дар пояйи ҳайкал бикушӣ, то дар олам ҷор андозанд, ки фулониро дар рӯзи равшан, дар рӯ ба рӯйи Кохи Шӯро, ки депутату милисайи зиёд дошт; дар назди пусти Марказӣ, наздики

Хонайи Амнияту Вазорати умури дохила, рӯ ба рӯйи Хонайи Радио... дар паси ҳайкали шоҳи одил, бунёдгузори давлати Тоҷикон Исмоъили Сомонӣ куштанд ва номи ӯ ба туфайли теғи ту дар радифи номи шоҳ машҳур гардад. Зеро пусти барқияву Хонайи радио дар як мижазанӣ хабари чунин куш-торро ба Олам паҳн мегардонад. Баумед мабош, хукандеш! Ба номи Худо, миҷҷайи касе хам хурад! Дар зиндагиам чӣ некӣ дидам, ки дар мурдагиам бинам? Мон хизмати хирсонаатро! Чунон ки дар зиндагӣ маро чизе лозим набуд, ҷуз хидмату некӣ, дар мурдагӣ низ лозим нест! Бишав аз пайи кори дигар, ки ниятат армони одамиро надорад! Бе кушти ту ҳам борҳо худкушӣ карданӣ будам: боре баройи духтаре, бори дигар аз зиндагӣ сер гашта; аз зиндагйи хуру намур; аз шиканҷаҳойи беҳудайи ҳамкасбон; аз дасти замона... ва магар зиндагӣ озо-ри андак дорад? Пой мегузорӣ хор мехалад ё меху сӯзандорӯйи аз сари девор бурун афкандайи нашъамандон ё шишапораҳойи сари мастӣ шикаста. Гӯё ман мисли мирбачча рӯз гузаронидам ва ба зиндагийи ту халал мерасонам; пешипо медиҳам; мадади башардӯстонаро аз дастат кашида мегирам; ба савдоят халал мерасонам... бояд маро бикушӣ. Агар медонистӣ, ки кӯтоҳтарин ҳикояти замони ҷанг аз сари ман ҳам гузаштааст, набояд чунин азм мегирифтӣ: «Падар, мо имшаб дастпӯшакҳойи туро ҷӯшонда, хӯрдем...» Биё, ба ашки чашми ман нигар, аблаҳ! Ё фарёд зада мардуми оламро ба са-рат ҷамъ орам?! На! Овозам аз гулӯям набаромада тир мезанӣ ё дашна! Ман ин корро намекунам, чунки дар умрам ба сари касе дод назадаам, касеро озор надодаам. Медонам, ки баро-бари фарёд заданам ту тарсӣ, ки асрорат фош гардид ва бояд бикушӣ... Сабил монад ин дил боз сих зад... дар ин курсиҳойи гулгашти Сомонӣ нишаста нафас рост карда намешавад; чун-ки омада оҳиста аз паҳлӯ менишинаду корро тамом мекунад. Мурам, росто бимирам... Гуфтам-ку: зиндагӣ ширин. Кас мехоҳад боз оне нафас бикашад аз ин ҳавойи ғанимат. Вагар-на лаҳзаҳое буд, ки аҷалро ишора мекардам, намеомад; инак наздик омадааст, мегурезам, лекин пойи гурез нест; даму на-фаси гург задагӣ барин; дар хоб мешуд чунин, бедор гашта «хайрият, хоб будааст» мегуфтам. Инак бедорӣ: ба назар аз

паси гарданам сеҳру ҷоду карда меояд – куфу суф карда; зеро бисёр шуда чунин корҳо. Дар ҳар кӯчаву тангкӯча як ҷодугар дӯкон кушодааст, валвалаашро шунида дардмандон навбат меистанд; чунки ҳама дардманд шудаанд; ду каси ба дарди сахт мубтало гашта, ҳамдигарро бо нияти «хӯрдан» ва баройи якдигарро банд андохтан назди соҳире раванд, устоди ҳарду якест. Монанди фолбинест, ки хушдоманро бо арӯс ҷанг андозад. Ба гӯшам мерасад куфу суфаш, хаёлам то Хонаи радио расида наметавонам; пойҳоям чангак гаштанд, худ аз худ гирифтори доми ӯ мешавам. «Кистӣ?!» Посух намедиҳад; миҷааш хам намехӯрад: «Нинаксахт!» Ё гаронгӯш аст ё писанд намекунад; чунки қасду оҳангаш рӯшан: бояд маро нобуд созад, вассалом! Зеро гуфтаҳойи Рӯдакиро мехонаму мақсаду мароми хешро муайян месозам; мудом чунин фикр мекунанд рақибон. Ҳол он ки дар асри Заррини тоҷикон Рӯдакӣ чӣ гуфтааст, ҳамонро мехонам; фарқаш ҳамин ки дигарон ҳамту гап зада мехонанд, ман оҳангдор мехонам, чунон ки худи шоъир мехонд: «Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт...» Дар зери чунин хоҳиш чӣ ҳаст? Намефаҳмам. Аммо душман «чанг бигирифту навохт»-ро дар ҷойҳойи дахлдор «Афтомати Калашниковро гирифту андохт» тарҷума мекунад. «Ному нишони дӯсти душман намонад; натиҷааш чунин». «Чӣ мехоҳӣ?!» Муродат пул бошад, надорам. Зеро ҳеҷгуна ёрийи башардӯстона нагирифтаам ё ягон бинойи даврайи Шӯравӣ бунёдшударо харида нафурӯхтаам ё рӯйи он сиёҳаку сафедакро надидаам. Якеро сақичи суманак мегӯянду дигареро ранги орд. Бало занад, рафтори ин Соя аз дасти ҳамон чизҳо; вагарна кӣ ҷуръат дорад, ки дар замони сулҳу салоҳ ва тинҷиву оромӣ, дар рӯзи равшан, дар алди пойтахти Тоҷикон чунин рафтори ношойиста кунад? «Қазо гар доди ман настонад аз ту, ба сӯзи дил бисӯзонам қазоро!» На ман, Рӯдакӣ мехонад. Ман дар бало мондаам: «Шарт аст Рӯдакивор хондан?» Чӣ гӯям? Ба чунин пурс посух нест. Танҳо душмани баҳонаҷӯ чунин аз гиребонатон гирифта метавонад, ҷин занад! Лекин ин фиристода банд ба пой андохта, пас мекашад. Ба номи Худо илми фану фиребро намедонам; баройи пул бошад, надорам! Маро кушта тамоми кисаҳоямро, либосамро чаппаву

роста гардонӣ, як дирҳам намеёбӣ. Дидӣ-ку дар автобус бачаяки бетамиз синфи якро тамом кардааст ё на, «роҳкиро бите!» мегӯяд. Ҳуҷҷати ҳукумат чун имтиёзнома додаро ба инобат нагирифта касро муттаҳам мекунад: «Лав задай ин хел книшкаҳойи сурхак!» Чӣ гуфта метавонӣ? Ҳоло ба ин сӯроб чун фаҳмонам, ки ба Хонаи радио «Рӯдакихонӣ» меравам? «Девон»-и Рӯдакиро пушти бар дошта, рӯйи суратдорашро ба ӯ гардонидам, ки ришу дастори сафеди пири хирадро бинад ва донад, ки «шӯхӣ» бо кӣ дорад? Дареғо, ақлаш намерасад; чунки ӯ вазифадор аст, ки моро ҳамҷоя нест бикунад; чунин рафторҳоям суде надорад. Рӯдакиву банда ҷавонони имрӯзаро ҳамсони сурат. Ононро паррон-паррон мефорад – одамони «нав»; мо – қадима. Фарқ – замину осмон. «Худованд, наҷотам бидеҳ!» Ақаллан ягон милисайи дами дари Хонаи радио ностуфкунӣ ҳам намебарояд, ки даст бардошта «ҳой!» гӯям. Кори ҷаҳон – акс. Лекин ман чӣ хел пой пеш мекашам, намедонам. Ба ҳар сурат ба дари бози бинойи шишабандийи ҳаворанг наздик мешавам ва хаёлам, ки пой аз остонайи дараш дарун монаму дарро шарақӣ пӯшида, то милиса бохабар гаштан сахт аз дастааш дошта истам. Дар кушода, ба рӯ ва дар шишааш ба ҳарфҳойи сиёҳи компитурӣ навишта: «Илтимос, дарро пӯшед!» лекин касе чунин илтимосро ба ҷо намеорад. Ман илтимосро ба ҷо оварданӣ, лекин имкон надорад: Пойи ман даруни остона, пойи ӯ беруни остона, гоҳи даст ёзида дарро пӯшидан... Не, наметавонам; чунки поям, дастам, дилам ва танам меларзад; зӯри дарпӯшӣ ҳам надорам, мадоре надорам, ки ба милисайи бушлатпӯши вазн бар миз андохта сухан гӯям. Танҳо базӯр китоби суратбарӯйи «Рӯдакӣ»-ро ба ӯ намудам. Милиса монанди мурғи аз ҷӯйбор обкашида нӯл боло карда, то носи обдори даҳонаш нашорад, бо ишорайи даст «гузар» гуфт ва ба ҷавони шиппӣ гузашта чизе нагуфт. «Дароям ё на?» Ба ҳар ҳол аз дари қабати дигари девори шишабандӣ гузашта аз бемадориву заъфи пирӣ ба яке аз курсиҳойи чармийи толори васеъ нишаста нафас рост карданӣ шудам, то боло баромаданро имкон пайдо шавад... Ҷавонро ки гоҳи даромадан як назар либосашро дида будам, шинохтам; ӯ дари сандуқи бардор (лифт)-ро бо пояш дошта,

ки пӯшида нагардад, нигарони ман буд: «Марҳамат, устод!» Ман гӯё сухани ӯро нашунидам; аҳамият надодам. Зеро мақсади ӯро медонистам: дар берун, ки тираш хок хӯрд, акнун мехоҳад дар сандуқи оҳанийи тан ба тан маро гӯр бикунад. «Марҳамат, устод!» «Ташаккур писарам, ман як бор дар ин сандуқи зулбиёву зулкушо дар монда будам, метарсам». «Натарсед, ман ҳамроҳатон». «Шумо кӣ?» «Ман муҳаррири шӯъба. Студия омода, устод!».

8.03.08.

## РУСБАЧЧА

Русбаччайи малламӯйи ажриқчашм ҳафтсола шуда бошад ҳам мактаб нарафта, бо шайтонарробайи қисм-қисм аз ҳар ҷо ҷамъ оварда сохтааш нон мекашонд ба бозори «Шому саҳар». Дар пушти зини велосипедаш як қуттийи собунро васл карда, андарунаш нонро рахт мезад якпаҳлӯ ва аспашро гоҳ савор шудаву гоҳ этав карда сӯйи бозор мерафт ва нонро ба духтараки қариб ҳамсолаш супорида зуд бармегашт. Аз он сӯ ягон қадам пиёда намегашт; зеро қуттӣ холӣ ва бор сабук мегашт. Чун хурд буд ва солаш ба чунин кор номувофиқ, ҳам пояш ба поймонаки чархзанҷир намерасид, пойи рост аз зери рав бар он гузошта, қомат андаке каҷ ва мувозинат баробар медошт ва болову поён ба рафти чарх пойҳо ҳаракат медод. Бардору занро мемонд. Ва чаро ба дур нигариста, аз синну солаш зиёд андешаманд пеш мерафт, худаш медонист. Дар ин солҳо чунон ки дар солҳойи Ҷанги Бузурги Ватанӣ қариб ҳама бачаҳойи бепарастор ва камбағал коргар шуда буданд; духтарчайи нонфурӯш Зебӣ ҳам монанди ӯ коргар ба шумор мерафт, аммо дар ягон рӯйи хат номнавис набуд; қариб ҳамайи онҳое, ки дар бозорҳо ва ё дӯконҳойи худсарона сохтайи дороён менишастанд чунин ҳол доштанд. Валек бачаҳойи дороён, ба ном бойҳо ва зӯрони замон на кор мекарданду на мактаб мехонданд, зеро як навъ шиъор пайдо гашта буд: «Тавону зиндагӣ бикун!» Ва ҳар кас мехост ба навъе зиндагӣ бикунад: яке осону сабук, дигаре сахту нороҳат; аз рӯйи тақозойи замон. Ба ҷойи русбачча Боря дигар кас мебуд, дар роҳи бозор гирякунон

мерафту нолакунон меомад, вале ӯ хандакунон мераваду шод бармегардад, ки бо ҳазор ранҷу азоб ба чунин рӯз расидааст: зеро ӯ аз сесолагӣ то имрӯз бекас калон шуд дар ба дар ва инак нон мекашонад аз маҳаллайи нонвойҳо. Падару модараш ҳам дар ҳамин маҳалла ба дунё омада, умр ба сар бурдаанд то кӯч бастанашон. Он солҳо нонвой ангуштшумор буд ва бо ҳезуму зуғол танӯр метафсониданд; зеро заводҳойи нон шаборӯз кор мекарданд ва ҳоло бо касофати ҷанги шаҳрвандӣ ҳама заводҳо баста шуданд; шаҳрро нонвоён бо нон таъмин мекунанд ва танӯрҳоро барқӣ гардонидаанд. Нондору нонпазу хамиргар ва зуволагиру нонсоз ва нонбару нонфурӯш лозим. Падару модари Боря аз ҷафойи рӯзгор кулбайи гилийи дар ин маҳалла аз модарашон меросмондаро фурӯхта, чипта ба қатора гирифтаанд ва агар фардо наравандӣ, дигар бо чунин пули роҳкиро ҳеҷ гоҳ сӯйи Россия сафар карда наметавонанд; зеро ҳама аз тарси ҷанг рахти сафар бастаанд ва ба андак пул хонаву дар ба бору буна фурӯхта пойи гурез кушодаанд; чунки овозайи ҷанг сахттар аз худи ҷанг, ки дар мамлакат як бегона набояд монад. Аммо кор сахт омад гоҳи сафар: Падар Николай кушу куртаамро гир «писарро набояд бо худ гирем» гуфт. Галя шах шуда, дар шигифт монд ва то шӯ муроду матлаб нагуфт, ба чизе сарфаҳм нарафт: «Ин писар аз хуни ман не, аз Муслими ҳамкорат...» Галя ду мушт ба сари сина пахш карда буд, то дилаш накафад ва намедонист чӣ кор бикунад. Агар ҳозир ҳамроҳи шавҳар наравад, дигар ҳеҷ гоҳ рафта наметавонад; зеро аз Душанбе баромадану ба Душанбе омадан сахт душвор ва ҳатто лоимкон; чунки роҳҳо зери назорати ситоди «Наҷоти ватан»-у «Фронти Халқӣ» ҳар мусофирро аз чашми сӯзан гузаронида, миллату ҳалқият ва куҷойӣ буданашро ба инобат мегирифтанд. Мусофирони қатораро то аз сарҳад гузаронидан двизиони русӣ мадад мекунад, боз дар тӯли роҳ ба ҳазор роҳзану дузд рӯ ба рӯ мешаванд. Замона чунин – нобоб омад, вагарна то дуртарин гӯшайи Иттиҳоди Шӯравӣ кас рафта меомад, кордор намешуданд беҳуда. Галя ҳама чизро ба инобат гирифта, ба муколама даромад: «Тӯҳмат накун, Николай. Ман бо он мард чуз сӯҳбати корӣ, ҳарфи

ноҷое надоштам». «Ман ба гапи мардум бовар намекардам, лекин ба чашмам дидам ба мошинаш савор шуда рафтанатро...» «Худо ҳаст, ягон рӯз ҷазо медиҳад». «Боз чигуна ҷазо бояд шавад? Магар сахттар аз ин рӯзи сахт ҳаст? Мо ҳоло танҳо мегурезем аз ин ҷо. Лекин ба мулки бобойӣ рафта умр ба сар бурда метавонем ё...» «Ҳар чӣ шавад – нашавад, бояд Боряро ҳамроҳ бигирем», «НЕЪ!» «Ноинсоф! Ин бачайи бегуноҳи бекас дар ин ҷо чӣ кор мекунад? Сагҳойи гурусна мехуранд!» «Ин чизро бояд он вақт андеша мекардӣ!» «Охир дурӯғ, тӯҳмат! Биё ба духтур барем; хунашро бо хунат муқойиса бикунем!» «Дер шуд! Хоҳӣ, ҳамроҳаш бимон. Ман меравам!» Ду ҷомадони кӯҳна ва кӯдак буд миёни онҳо; Боря ба чизе сарфаҳм намерафт: ба хашму якравийи падар ва оби дидайи модар сарфаҳм намерафт; сухан ба гӯшаш дарояд ҳам мазмунашро рӯшан намефаҳмид ва марди ришдор, ки калиди дарвоза дар ангуштон печ-печ бозӣ доронда, хешро кадхудо мешуморид, нигариста, абрӯ чин мекард, ки ба даргоҳи онон пой ниҳода, зиндагиашонро ноҷӯр гардонд. Чунин набуд падараш. Баъзан сармаст меомаду ба модараш мечаспиду меафканд рӯйи бистар ё хона, сонӣ аз хоб бедор гашта ба ғур-ғур медаромад; боз сари дастархон мегуфтанду механдиданд; рафта аз магазин шишаву моҳичаҳойи дар қуттӣ кушта ва сигарет оварда хонаро пури дуд мекард ва восӯхтаашро бо ғазаб ҳар ҷое рост ояд, пушти нохун ҳаво медод ва худ ба худ ғур-ғур карда мушт меларзонд; мазмун, имрӯз он ҳама муштсозиву таҳдидҳоро рӯйи об оварданист. Ду ҷомадонро бардошт: «Хоҳӣ, ҳамин; нахоҳӣ ҳам ҳамин...» гуфт ва шитобзада ҷониби дар рафт.

– Ин хел накун Николай. Хоҳӣ, хонаатро гардонда медиҳам. Лекин баччаро партофта нарав...

– Ту намефаҳмӣ, мӯсафед.

– Ман, ки нафаҳмам, кори худат...

Мӯйсафед дарвозаро қуфл зад ва пушт ба эшон гардонида ҷониби дигар рафт. Ҳамсояҳойи чандин сол боз нону намакхӯрда як-як аз дарҳо баромада, оби чашми Галяро дида низ ашк рехтанд; ҳар кадом ғаму андешайи хеш дар сару дил. Николай пеш-пешу Галя аз пас сӯйи наҳр рафтанд, то

ягон мошин киро карда то истгоҳи қатора – вокзал бираванд. Боря чун ҳамеша хаёл дошт, ки онҳо ба кор мераванду боз-мегарданд, миёни ёру ҷӯраҳойи бозиаш монд ва бо духтар-чайи ҷингиламӯйи Мирзо, ки дар аробача менишаст, чун ҳамеша машғули «адӣ-адӣ» гашт; дар паси аробача пинҳон ва якбора пайдо шуда «адӣ!» мегуфт ва духтарча завқ ме-бурд. Ва гоҳе ҳама пароканда шуданд Боря ба дарвоза омада онро қуфлзада дид ва куҷо рафтанро надонист. Аз ҳамон лаҳза дарбадар гашт. Ҳар зани хуб модар шуд ва Ҷамила мо-дари бебадал. Ин зани зебочеҳрайи дидадаро, хушоянд ҳама мардонро буд ва аз ҳар шӯйи даргузар якписарӣ дошт ва Ко-ляро ҳафтум шуморид. Ҷамила нахуст мӯйи сари ӯ тарошид, ба ҳаммом даровард; либоси тозаву қойими писаронашро пӯшонд; либосҳойи чиркину бӯйини кӯҳнаро оташ зад ва дар бистари озодаву рӯкаши оҳорӣ хобонд... баъдтар чанд мӯйсафеду устои сартарошро хонда, сартарошон кард ва дасташро ҳалол: «Акнун аз дасти Боря об хӯрдан ҳалол». За-ни соҳибҷамол ду танӯри нонпазӣ дошт, ки хурду бузург машғули нонпазиву нонфурӯшӣ буданд. Боря нахуст ба ҳамсояҳо нон мебурд, сонӣ дар нонанбон бозор мебурд. Чун велосипеддор гашт кораш сабуктар шуд... Гӯё ба воя расид ва аз дасташ кор меомад. Дастмузд мегирифт ва сарфа ме-кард. Велосипеди шалақро ба велосипеди нав иваз кард; сонӣ ба мотороллер ва онро ба «москвич»-и боркаш, ки «Фургон» ном ниҳод. Бе маслиҳати Ҷамила коре намекард: «Оча, мехом футбол равам», «Бирав!» «Оча, имрӯз барқ нест, кино бирам?» «Бирав»... Дар ин муддат аз падару мо-дар хату хабар набуд. Ҳар гоҳ аз назди кулбайи фурӯхта ме-гузашт дарвозаро қуфл медид. Ва орзу мекард, ки онро боз бинаду обод. Пул ҷамъ карда аз мӯйсафед бозпас хариданӣ шуд, вале аз пирмард дараке наёфт. Гӯё рафтанаш ҳамон, гуреза гаштааст. Боря орзу дорад, ки ӯро пайдо кунад ва пу-ли ночизашро дода хонаро баргардонад, обод бикунад, танӯр шинонад ва худаш нон бипазад; хидматгорон бигирад... Па-дараш наояд ҳам рӯзе модараш дар суроғаш меояд. Вале онон низ чун пирмард бенишон буданд. Ҳоло ҳам бо Фургон ба бозор нон мекашонад, ба Зебӣ месупораду пулашро ба

Ҷамила меорад. Мехоҳад, ки озод бошаду дар ҳамон ҳавлийи танги меросӣ зиндагӣ бикунад, дарвозаро кушода Фургонро дарорад ва Зебӣ кадбону бошад. Орзуву пиндори кӯдаконайи ӯ ба ишқ табдил ёфта буд, вале ба Зебӣ ҷуз нигоҳ чизе ҳадя карда наметавонист. Дар идҳо як дона садбарги сурхи ҷигарӣ ҳадя мекард ва духтар хуш пазируфта, ба андеша фурӯ мерафт.

– Оча, духтар надорӣ, ҳамон Зебиро духтар намегирӣ?

Ҷамила хеле андеша кард ва чӣ рамузҳо гирифт, ки баъд фармуд:

– Мегирам... Медонӣ, ки ӯ бекас аст? Баройи пул ниқобдорон шабона ба хона даромада падару модарашро хафакуш кардаанд. Ҳамон шаб духтарча хонайи холааш рафта будааст... Бисёр касон хостанд духтар хонанд, нарафт.

– Ҳавличайи моро намефурӯхтанд, ман ҳам ба ҷое намерафтам, оча...

Хомӯшийи беохир ба миён омад...

Рӯзе аз рӯзҳо Зебӣ ӯро хидмат фармуд: «Боряҷон, баъди кор маро то хона бубар, бор дорам». Боряйи хандонрӯ ба ҷон пазируфт хоҳиши ӯ ва назди бозор омада то охирин нонро фурӯхтани Зебӣ нигарон бишуд ва бори ночизи ӯро то хонааш бурд. Зебӣ қуфли дарвозаро кушода хоҳиш кард, то Фургонро дарорад. Боря ҳайрон монд, ки чӣ қадар ин ҳавлича ба ҳавлийи фурӯхтаашон монанд ва чаро Зебӣ танҳо? Чизе напурсид. Зеро очааш ҳама рухдодро гуфта буд ва сабаби дилсӯзиаш аз ин ҷо сар зад, ки қисматҳо ба ҳам монанд мешаванд. Лек мошинро надаровард. Бори ӯро бурда ба саҳни ҳавлӣ гузошт ва чизе нагуфта, мошинашро савор шуда рафт. Раҳорах то андозае фикр кард, ки дар борайи падару модар ва азобу ранҷи кашидааш андеша накарда буд: «Хуб азоб кашидагист?» Баргашта омад ба дари ӯ ва шабро андаруни фургон рӯз кард. Хоб дид, ки ҳавлийи фурӯхтаро харидааст, ҳамин ҳавлӣ будааст он; танӯр кор мекардааст; Зебӣ кадбону ва ӯ кадхудо; хидматгорон нон пухта, бозор бурда мефурӯхтаанд... Нон дар хоб – дидор.

10.03.08.

## ТАНА

Анкабути сиёҳи дунбааш монанд ба саққойи ғунда дар рӯйи оби ҷӯйбор танид: чун дорбоз дор кашид аз ҳулбӯ ба ҳулбӯ, аз коснӣ ба коснӣ; аз ҳулбӯ ба коснӣ ва аз коснӣ ба ҳулбӯ ва то буни девори назди ҷӯйбор ва симчӯби лапаровезон, ки шабҳо чароғаш фурӯзон мегашт; тор танид бо ҳазор мақом, ки шаклу сохти тана панҷараҳойи зиндону маҳбасро ёд меовард. Доме кушод фароху сайдгир – монанд ба тӯри дарвозайи майдони футбол. Худ чу сайёди моҳир дар гӯшае камин гирифт; пояш бар торҳо, баробари бархӯрдани сайде бохабар гашта, тозон аз камингоҳ барояд ва росту дурӯғ будани ба дом омадаро муайян созад. Пойи ӯ начаспад ба торҳо, бал чунон гардад, ки моҳӣ дар об ва мурғ дар ҳаво озод. Лек сайд гирифтор шавад ба тана ва часпад пойҳояш, ки барканда натавонад. Анкабут пеш ояд ва нахуст танад бар сайд; мубталову гирифтор гардонад, то ҷое, ки сайдро ёройи ҷунбидан намонад. Сипас наздик шуда нойча бар даҳони сайд гузорад ва хунаш макад. Нахуст хомӯшак гирифтор гашт, баъд пашша. Ин хуношомҳо хуни кироийе надоштанд, ки мазанги сиёҳ қонеъ нагашт; боз камин гирифт. Мазмун, ин мири тортанакҳо буд, ки дар чунин ҷойи бобарор маъво гирифт; зеро шаб то рӯз ҳама гуна пашшаву хомӯшаку парвона, чирчирак ва мӯрону гамбускони болдор аз нури чароғ баҳра бардоштанӣ шуда меомаданд ва пару болашон сӯхта, сарозер рафта, ба тана бархӯрда, сайёдро шод мегардониданд; ғукҳо ва калтакалосҳо низ пайдо шуда парсӯхтаҳойи рехта ва бар девор андармоншудаҳо чида мехӯрданд ва тортанак аз ин сӯхтаҳо чандон рӯзӣ намегирифт, ки фардо малаху сӯзанаку гамбускони шохдор ба дом меафтанд. Ин ҷо маъвойи амир ва муфтхӯрони дигар аз ин ҷо то зери ағба қадқади об танидаанд. Баъзан мол мегузарад ё харе бабор ва танаро медаронад ё хароб мекунад. Анкабут аз нав метанад; зеро касбу ҳунараш чунин; кори дигар надорад ҷуз хунхорӣ. Мӯрон меоянд баройи хӯрдани сарқути анкабут, вале роҳи рафт наёфта, пояшонро тана медорад ва онҳо қурбони нафс мегарданд. Сонӣ хунашон тортан мемакаду танайи хушкгашта аз тана мерезад. Амири Вақт дар кохи муаллақ ҳукм

дорад ва касе ҷуръати пешрӯ гузашта ба рӯшанийи чароғ сайд карданро надорад; ба танидани тортанаки зард дар тори фалак қаноъат карда, шабҳо бароҳат хуфта рӯзон шикор кунанд ҳам кифоя. Аммо баъзе тану тӯшдорҳо ба зӯри бозӯ ва пойи тавоно имон оварда, аз сари девори ҳамсоя ё бо дори рӯйи об ба қитъайи мамнӯъ гузаштанд ва гирифтори бало гаштанд. Анкабути Ало, ки то рӯзҳойи наздик зиндонӣ буд, парер ба озодӣ баромада, касеро писанд намекунад. Шабҳангом аз симчӯб ба девор танид ва ба хиттайи амирӣ фуромад. Амир, ки одати посбон гирифтан надошт, бо чашмони хеш хиёнати Алоро дида, зеҳн ба рафторҳойи ӯ монд: «Ҷосусӣ дорад. Сад бор гуфтам, ки сабукӣ накунӣ; чунки ҳоло боди зиндон аз вуҷудаш набаромада буд, «Не, ака, ман аз реҷайи кашидаатон як ваҷаб берун намеравам» гуфт. Ана, чӣ кор мекунад? Мазанги сиёҳ аз тухмайи ҳатӯлон нест, ки «чашмаки ман, чашмаки ту» кунад. Кадом рагаш аз ғундҳову кадом рагчааш аз манғитиҳо; чунки худаш лоф мезанад, ки як поямон дар Мозанбия, пойи дигарамон дар Сибир. Кас бояд ақаллан ҳафт пушти худро донад. Амир шаҷарайи авлодиро зери болинаш монда хоб меравад ва баъзан варақ гардонда дар кадом солу кадом рӯз ба хонадонашон чӣ хушиҳову чӣ ноомадҳо рух дода буд муайян мекунад. Нимашаб, ки ғук ба дом омада, аз вазни гаронаш танаро парешон карда ба об афтода буд, аз хоби бад ҳам бадтар буд: «Худоё, агар хоби ман бад аст, нек гардон вагар нек аст, нектар бикун!» Андӯхтаву таҷриба ба кор бурд: ноаён пушт-пушти девор рафту даст ёзида ба гардани Ало ду ҳалқа таноб печонд ва пас кашид. Ало рӯболо гашт ва ҳарчанд дасту по мезад, дар ҳаво чизеро дошта наметавонист. Зеро аз табақайи паст буд, ҷуз бадӣ аз дасташ коре намеомад; даҳон дошту зӯр на. Мазанги таълимдида дар ҳолатҳойи зарурӣ чӣ кор карданро медонист ва ӯро ғофилгир кард. Бузургтарин муфтхӯру домгузор ва беҳтарин дӯсти Одам баъд аз Занбӯр. Зеро ҳамин анкабут буд, ки имоми охиринро аз хашми душман эмин гардонд: Кофирон Имомро пешандоз меоварданд ва Имом якбора ба ғор даромад ва тортан зуд тана бофт даҳони ғорро, Душман чун ба даҳони ғор расид, танайи ан-

кабут дид ва дудила шуд: «Агар ин ҷо медаромад, танаро медарид, яъне: гурехта...»

– Тавба кардам, ака! – Хаёли мазангро парешон кард Ало.

– Ту лафз надорӣ! Ягон лагер туро ислоҳ карда наметавонад!!!

Ва таранг кашид таноби абрешимийи ногусастаниро. Як донайи хурморанг ба андозайи донайи мош ғӯла гашта ба замин зад ва саққойи Ало низ ғелид ба ҷӯй. Анкабути сиёҳ туф кард бар он, ки ҳама нафрину хашму ғазабашро баровард ва баргашт ба камингоҳ. Дигар ҷондоре ҷуръат надошт пеш ояд. Лек дере нагузашта як гамбуски шохдор ғунгзанон пуршаст омада ба тана бархӯрд ва онро сӯрох карда ба об зад. Анкабут хашм гирифт бар ӯ ва зуд васл кард даридаро. Малах омад ба дом. Пойҳойи варзидаашро ба ҷаҳидан омода мекарду зӯр мезад, ба ҷойи раҳо ёфтан болҳояш низ ба бало мепечид. Анкабути соҳибмулк дилпур малахи аз худ чандон бузургу нерӯмандро бо итминони комил торпеч мекард; ба қавли чӯпонҳо: куллук мекард, то ҷунбида натавонад. Сӯзанаку чирчирак ҳам омаданд. Оҳиста-оҳиста хуни ҳама ҷонваронро макида, ҷасадашонро дар дораш хушк кард ва монанди Тулум фарбеҳ гашт, ки дигар ҳавасу ҳавсалайи сайёдӣ намонд. «Кас оламро фурӯ барад ҳам серӣ надорад...» Аз ғозу тори абрешими хеш маснаду ҳарам сохт карнайшакл, ки бо он роҳ то лаби айвон меомад; як назар ба олам менигарист; сайдҳойи гумроҳи ба домаш омадаро медиду дилаш беҳузур мегашт, ғарораш меомад; пасон нафрин мекард; чунон олуғдаву дилғаш гашта буд аз хӯрдаҳойи ноҷояш, ки дигар рӯйи оламро дидан намехост. Даҳони карнайро низ танид ва андаруни гӯри сохтааш монд. Инак мисли кирми абрешим бар худ метанид ва монанди ваҳмак гӯр месохт. Таниду сохт – таниду сохт ва пай набурд, ки охирин лаҳзайи умраш чун буду чун шуд?!

14.03.08.

## РЕГБИ

Берун аз девори дармонгоҳу бемористони Қаряйи Боло манзараеро дидам, ки бозийи регбиро дар ойинайи нилгун

медидам. Вале чунон бозӣ дар Тоҷикистон расм нашуда буд; аз чунин манзара дар шигифт афтодам, ки чаро касон бар чизе хам хӯрда, дар атрофашон тамошобин ғун овардаанд? Бозигарони регби як тӯби харбузашакли карчҳойи ранга доштаро бо зӯриву чолокӣ аз дасти якдигар рабуда, даву тоз ва ғалту хез карда тӯбро аз ҷон азиз ба банди дил сахт дошта, то марра мерасонанд. Чун ғалтиданд, дигаре бар ӯ бор мешавад ва қариб ҳама; тӯб зери бозигарон, ҳала-ҳала сар мешавад, то тӯбро рабоянд. Оқибат тӯб аз сари синаву миёни чатани кадоме пас меравад, онро шарик ё ҳариф рабуда метозад сӯйи марра, то ба даст афтодан... Ҳолиё гурӯҳи сари роҳ ҳамон хел ҳала-ҳала доранд, аммо ҳеҷ не, ки тӯб аз миён бараояд. Касе на пасрӯ, балки рӯболо хобида ва бар сари ӯ чанде хамида, дастон ба даҳону байни дандонҳойи зеҳзадааш андохта ҷоғаш кушоданӣ, ки тангайи тилло он ҷо пинҳон карда бошад. Аммо зӯрашон намерасад. Камарчайи даҳони ӯ хунӣ, лабонаш низ. Дар китфаш сумка овехта будааст, ки бар сари синааш гузоштаанд. Нафаре аз нишастагони «бозӣ» ба ҳушёр гаштан ё ҷоғ кушодани хобида коре надорад, балки сумка сари ангушт зада паст лағжонданӣ: «Халал нарасонед». Дигарон ҳарфи ӯро намешунаванд, амалашро пай намебаранд; зӯр зада, ё чорае ёфта дандонҳойи зиҳзада кушоданӣ, то аз миёни онҳо кафк рехта, батамом нафасашро нагардонад; зеро базӯр нафас мегирад марди беҳушу беёд. Боз ангушт зада паст мефурорад сумкаро: «Нафасашро танг накунед». Ягон тамошобини зирак ба кори ӯ диққат надиҳад, дигар ҳама гирифтори ҳолати марди хобида, ки ҳамин замон ҷонаш мебарояд. Назари нафари роҳгузар дигаргуна: «Паси девор шифохона, дармонгоҳ; ё бардошта баред ё пизишк оваред». Аммо онҳо бо зӯрӣ даҳони ӯро дарронданӣ, ки ҷоғҳо аз ҳам ҷудо гарданд, ба худ меояд. Он, ки сумкаро монанди тӯб аз миёни танаву пойҳо бароварда ба шарик доданист, ба ин чизҳо парво надорад; маслаҳат ҳам намедиҳад. Танҳо нафаре аз нафарҳо ҳама чизро фаромӯш карда ангуштон ба даҳони ӯ даровардa натавониста, бо як даст манаҳ пахш мекунаду бо дасти дигар пешонӣ, лек муроде ҳосил намешавад: «Дарди сахт... бори нахуст ҳам нест». Оби чашми ҳамин нафар бар рӯйи бемор рехта хуни кунҷи

лабонашро ҷӯя кашида, поён мешорад; «Ин бор сахт омад, зӯри дастонам намерасад... Худоё!» «Худоё!» гуфтани ҳамроҳи саръӣ сахт буд. Ангушти бегона ба сумка часпид, ки рафтори ӯро дида дод зад ҳамроҳ: «Мемурад-эээ!» Маълум шуд, ки бозӣ нест. Аммо бегона бозӣ пиндошта харбуза аз давра бурун оварданист. Сараш хам; рӯяшро пинҳон дошта, сари ангушт сумкайи аз сари сина поён омадаро зери шикам тела медиҳад, ки ду ваҷаб пас равад, аз миёни чатан мегузарад. Касе сумкайи аз пушт харбузавор баромадаро дидаву дониста ҳамроҳи даст бо пой ба мумфарш пахш кард, ки додаш баромад. Ношинос ба доди ӯ парво накарда, пой аз болойи сумка нагирифт ва ҳамин дам як мушти обдор ба сари ӯ бархӯрд ва худ аз худ сумка аз миён гум шуд. Ва ношиноси қоматбаландро хуб кӯфта, партофта гурехтанд ва касе надонист, ки чӣ сирру савдое буд.

Бемори саръӣ чашм кушоду даҳон ҳам ва даст ба сумка бурда, пайдо накард ва дандонҳояш аз нав зиҳ заданд. Чӣ асроре буд андар сумка? Касе намедонист...

15.03.08.

## МОДАРИ КӮЧАРӮБ

Модар кӯча мерӯбад. Бо ихтиёри хеш мерӯбад кӯчаро. Саҳаргоҳон пештар аз дигарон ҷорӯби монанд ба дастагули бар думаш чӯбдаста бастаро бардошта аз дарвоза мебарояд ва сари роҳ андак рост истода аз дил чӣ андешаҳое мегузаронад; ба чапу рости кӯчайи дарозу фарох нигариста, пиндор ҳама кунҷу дару дарвоза ва ҳама пайҷову қадами расидайи ӯро аз назар мегузаронад ва ба ҷорӯб, ки замоне асп буд писарро ва дар нӯги он латтайи сурх баста, лаҷом мегуфт; ҷорӯбро миёни ду рон чаппа гирифта, савор мегашт; бо дасти чап лаҷом дошта, бо дасти рост тозиёна мезад ва «ҳа, чу!» гӯён пойи хеш суми асп пиндошта, метохт аз ин сари кӯча то он сари кӯча. Кучуки то сагӣ расондааш низ нағмаву ноз карда баробар медавид ба пойи ӯ. Ду ҷондори хушҳолтарини рӯйи замин буданд. Шерак чун бозӯ гирифт ва ҷорӯб бардошта ба тори ғижаки роҳ камонак кашидан омӯхт, роҳрӯб гашт. Касе ӯро напурсида ё илтимос накарда, пеши худ роҳрӯб шуд; зеро

бачаҳойи бекори гузар қариб шаборӯз кӯчаро майдон пиндошта ҳаргуна бозӣ мекарданд: футбол, ланкабозӣ, буҷулбозӣ, таноббозӣ … ва гаштугузори зиёде низ буд дар ин кӯча, ки аз паси худ партобу афкандаҳойи бисёр мегузошт, ки кӯчаро нофору безебу ғашовар мегардонид. Шерак, ки табиат ва фаросати худодод дошт, ғаживу кажӣ намефоридаш. Кӯчаро тозаву озодаву обзада дидан мехост; баччаҳойи гузарро хушҳолу боодоб… «Бачаҳо, кӯчаро ғажду ифлос нагардонед, ки меҳмон меояд. Дар кӯчайи мо одамони машҳур умр ба сар мебаранд: мисли Икромиву Улуғзода. Мешиносед-а?» «Ҳа!» «Ана ҳамин хел; Улуғзода бисёр одами нозук: Ҳама чизро мебинанду гӯё намебинанд. Ранги Рӯдакӣ доно. Кинойи «Қисмати шоъир»-ро дидед-а?» «Ҳаааа!» «Боракалло! Боодоб бошед, бисёр хонед, шумо ҳам ранги ҳаминҳо мешавед. Ба шумо ҷавоб. Ман кӯча мерӯбам. Ҳозир райиси нависандагон Мӯъмин Қаноъат меояд. Лоиқро ҳамроҳ меорад; чунки имрӯз 20 май – зодрӯзи ҳардушон».

Модар кӯча мерӯбад; бо ҷорӯби чӯбдастабаста мерӯбад; бо ҳамон ҷорӯбе, ки замоне аспи писар буд; лигоми сурх дошт, ки хаёлан Шеракро то осмонҳо мебурд ва мисоли тайёрайи коғазӣ ё симурғи афсонавӣ сайру саёҳат медоду боз оварда нарму мулойим ва бо эҳтиёт бар кӯча мефуровард. Дӯстонаш тозон омада гирд мегирифтанд ва ба қаҳрамониаш каф мекӯфтанд, ки Шераки онҳо кайҳоннавард шудааст. Вале ӯ фӯк сӯйи осмон намедошт, ки то Осмон рафта омад, балки ҳамчунон фурӯтан буд ва боз чун донову ҷаҳондида эшонро панду андарз мегуфт содаву кӯдакона, ки аз бузургон шунида буд: «Одам бояд кори нек бикунад; кори хуб. Ақаллан тани худ ва ҳавливу кӯчаашро озода нигоҳ дорад». Модар ҷорӯб мекашид ва якбора ба тирезайи хонааш нигарист, ки касе бо диққат зеҳн мемонад сӯяш. Якбора истоду он сӯ нигарист, ки писараш Шерак менигарад ба ӯ ва инак фарёд мезанад: «Кӣ гуфт, чунин кор бикунӣ, оча?! Туро гуфта будам-ку! То зиндаам, нагузорам, ки даст ба оби сард занӣ!» Вале дар дами тиреза касе набуд. Ҳамин тавр ба назараш тофт; зеро гоҳе ки Шерак кӯча мерӯфту бачаҳоро насиҳат мекард модар аз тирезайи кушода – аз паси

баргҳойи дарахти тут менигарист ба ӯ ва аз Худо талаб мекард, ки тану ҷонашро беранҷ гардонад; зеро Шерак баъзан сахт азоб мекашид баъди дасташро баста бурдани милисаҳо; ки гӯйӣ духтараки дар наҳр ғарқшуда кори ӯ бошад. Бо Шерак чӣ муомила карданду чӣ гуфтанд худашон донанд, аммо баъди он писарак ба дарди саръ гирифтор шуд; гоҳ-гоҳ чизеро ёд оварда (шояд лату кӯби дар ҷисм гирифтааш бошад) як бора дардаш мегирифт ва рагони дасту пояш кашида, лабу даҳонаш каҷ мешуд ва чашмонаш пушт мерафт, кафк аз даҳонаш мерехт ва дергоҳ ҷон меканд; монанди моли магзада ҷон меканд. То ба худ омадан дасту пойи ӯро бо зӯрӣ медоштанд, то ором гардад. Ҳолиё ба назари модар Шерак аз тиреза менигарад ва ҷон кандани ӯро мебинад. Гарчӣ ҷон кандани ӯ сахттар аз ҷонкандани писар бувад, касе набинад онро; чунки дили ӯ андаруни синааш чунин ҷон меканад; дасту по мезанад; рагу пай кашида мешаванд ва кадоме аз торҳо ба чунин муборизайи шадид тоб оварда натавониста канда мегардад; монанди торе, ки баробари гусастан садояшро бод хурад. Аз паси баргҳойи тут менигарад, лек касеро намебинад; на! барги тут пеши чашми ӯро нагирад, бал як пардайи монанд ба ранги Осмон пеши чашм меояд, ки шаффоф намояду чизеро дидан нагузорад; айнан ҳамгунайи Осмон, ки пушти хеш чӣ доштану чӣ буданро дидан нагузорад. Мамнӯъ, сахт мамнӯъ. Лоимкон... Шерак нахуст об мезад роҳи тӯлониро рӯдайи резинӣ ба ҳар ҳавлӣ даровара ва аз ҷуммак об кашида, ки ҳамсояҳо ба кору рафтори ӯ одат карда буданд; сонӣ мерӯфт; чанге набуд. Баъд шуд чунин: баъде ки ҳамсояҳо хидматҳойи бедареғи ӯро дида моҳонахӯраш карданд; Кадоме оқсақол шуду аз дарҳо пул ҷамъ кард ва Шерак онро баройи хеш моҳона шумурд; онро ба ҷорӯбу рӯдайи об сарф кард. Аспҷорӯбро бо лаҷому зину бандаш дар таҳхона пинҳон дошт, то рӯзе қисса аз баччагиаш бикунад.Аммо модар, ки дигарон аз хоб бедор нагашта кӯча мерӯбад, хушк мерӯбад. Зеро дилёб намешавад саҳари баланд дари ҳамсояро кушода аз ҷуммаки обкаш об гирад. Андаке чанг мехезад ва ба абрӯву мижгон, торҳойи мӯйи дар ин муддат сафедгаштааш менишинад. Касе ин чизро пай на-

мебарад ва ягон нафар ба ӯ чизе намегӯяд; зеро ҳама шиносон аз дарду алами ӯ огоҳанд ва аз чӣ рӯ чунин гирифторӣ доштанашро низ медонанд. Модар ҷуз дами тиреза ба ҷое нигоҳ накарда ҷорӯб мекашад, вале садойи ҷорӯбкашийи Шеракро надорад; садойи ҷорӯбкашийи ӯ зайле буд, ки камонак ба тори ғижак лағзад; садойи хушӣ оварад ва фараҳ бахшад. Садойи ҷорӯбкашийи модар овози маъмулийи ҷорӯбу замин; сарири хомайи адиберо монад, ки дар хомӯшийи мутлақи дили шаб танҳо худаш шунавад: «хиш! хиш! хиш!» Монанд ба чунин хитобаҳо дар ҷойи рӯфта ду нуқта нам тобад, ки аз рӯбанда боқӣ мемонад; аз ин гӯша то он гӯшайи кӯча чак-чакон рехта мераванд қатраҳо, ки аз сатили сӯрох мечакида бошанд; худи ӯ донад, ки аз дили сӯрох, аз ҷигари сӯрох чаканд ин қатраҳо. Баъд лабони модар паридаву ҷунбида ва нойи биниаш фарох гашта, забонаш ба гуфтор ояд: «Ту зиндайӣ, писарам... Нигар чӣ тозаву озода кӯчаат...» Ва сари пой нишинад, ки аз рӯфтани дунёйи пурғубор хаста гашта бошад; ба ҷорӯби аз пули моҳона харидайи писар такя зада менишинад ва боқийи ашкро дар сари остин мерезад; зеро ӯ остинро зери чашм дошта мегиряд.

Ин дам садойи сойиш хӯрда кушода шудани кадом дарвозае мебарояд ва аробаҳойи нонкашони гузар нон сӯйи бозор мебаранд. Модар ба по шуда давоми роҳро мерӯбад; то ҷое ки Шеракро дард часпида, сараш каловида якпаҳлӯ афтида буд ва чаккайи росташ ба теғайи марзайи бетонийи роҳ бархӯрда, раги хунгард бурида шуд ва ҳеҷ кас натавонист фавворайи он хуни тезро боздорад. Танҳо Полвон фӯк сӯйи Осмон дошта зуза мекашид; гӯянд: «Нола ба даргоҳ мекард». Ва чиҳил рӯз чунон нола кард, сонӣ ғайб зад... Модар то ин ҷо расида ист мекунад ва баргашта аз ҳавлӣ як сатил об меорад ва бори дигар хуни рӯйи роҳ рехтаро мешӯяд; ҳар пагоҳ такрор мекунад чунин, то рӯҳи писар шод бошад: «Чаро Худо маро нагирифту туро гирифт: Туйи аз ин дунё чизе надидаро?... Рост будааст: Худованд нахуст дӯстдоштаашро мегирифтааст, то ӯ ба дарёйи гуноҳ нағӯтад...»

12.04.08.

## ДУШМАН

Як камон намерасад... Камон мешуд, медонистам бо ин душмани луссаки муфтхор чӣ кор карданамро: дар чашмаш мезадам ё дар сари синааш. Дареғ, ки нарасид маро камон. Ба дигарон расид; ба он тамаллуққорони одамкуш, хунхор, хонумонсӯзу бачадузд, аммо ба ман нарасид; ба мани содайи дилсӯз, наход одам касро кушад, нарасид; ба ман, ки хешро ҳимоя кардан мехоҳаму душманро чашми дидан надорам, касе нагуфт, ки ин туфангро бигир, рӯзе ба кор меояд. Туфанги зангхӯрдайи таги обу хок монда бошад ҳам розӣ будам; ҳамон туфангҳойи дар ғору камар ё гурбадави хонаҳо пинҳон карда бошад ҳам мешавад; душманро тарсонад ё кушад, мешавад... Лекин... Рост, ҳама медонанд, ки ман тир парронда наметавонам; чунки бояд ҳарду чашмро пӯшам гоҳи тир парронидан ё бо ду чашми кушода кулангро пахш кунам, ки аз гуфтайи мерганҳо «бо ду чашми кушод тир рост ба ҳадаф намерасад». Газоф мегӯям: пулемёт ё автомати Калашников диҳанд ҳам парронида наметавонам. Метарсам аз садояш; боз метарсам, ки ба чашми кадоме назанад. Таваккал ба Худо, камон ёбам, ин душманро бе ҳеҷ дудилагӣ мезанам; аз чашмаш мезанам, ё аз дилаш, ки оҳ накашида, пеши поям афтода, пой дароз бикунад. Гоҳи ҷон канданаш чашмонамро калон мекушоям, пештар гардан ёзида: «Ҳамин қадар ҷон доштайиву касро рӯз намедиҳӣ!» мегӯям. Илоҳӣ чунин рӯз фаро расаду бинам. Мурдайи душманро дидан чӣ лаззате дошта бошад? ба хусус мурдайи чунин душман, ки ризқи бачаҳо аз даҳонашон мерабояд. Ҳа сарғалтон равӣ, номусулмон! Оқибат хунат мерезад-куя... мерезад. дертар бошад ҳам мерезад. Ба чашмам бинам, армонам мешиканад. Тавбааа... Чӣ шудааст ба ман? Девона-ку нашудаам? Мане, ки дар умрам сӯйи кас оташ накушодаам, душман бошад ҳам ба нишон наовардаам; хун рехтан ҳам мувофиқи дилу ниятам нест, якбора нияти камондорӣ, тирпарронӣ ва хунрезӣ кардам; ё аз по зада аз сар, ки гузашт, кас бераҳму шафқат мешудааст. Ва ё ангур аз ангур ранг мегирад; чунки зиёд дидем, бисёр шунидем; мегӯйӣ ба хунамон ин хӯ на ба шир, балки бо тир ҷой карданд; куштору хунрезӣ омӯханд ва омӯханд, ки накушӣ,

кушанд; ҳеҷ не, ғорату тарака кунанд. Гӯям ҳам бовар намекунед, ки чӣ миқдор пешниҳоду хоҳиш буд: «Бо мо биё»... «Гуруснанишинӣ мекунем... Тирпарронӣ меомӯзӣ! Одам мекушӣ! Хун мерезӣ! Одат мекунӣ! Хуморӣ мешавӣ...» Ҳоло аз хуморӣ ҳам зиёд, ки чунин душмани рӯйинатанро бикушам, илоҷе надорам. Аслиҳа низ. На! Имкон надорад; зеро онҳо ҷоҳу ҷалол мехостанд, сари қудрат омаданӣ буданд, чун манеро қурбон кардан мехостанд; ҳазорон чун манеро. Чун муҳити зист, тарбият, буду шудам одамона буд, нахостам чунин кори нопокро. Ҳолиё пай бурдам, ки ситам ба хеш кардаам. Валек пушаймон нестам. Ҳазор азобу ранҷ кашам ҳам беимону бевиҷдон нашудам. Ӯ бародари ҳамхун бошад ҳам гӯш ба ҳарфаш надодам. Тир ба поям заду «Бардошт бикун, хунатро меошомам!» гуфту рафт ба ҷанги нобаробару зълом-нагашта... Барнагашт. Ҷарроҳон аз зону бурриданд пойи ростамро дар чунон замони даҳшатзо... Кору борам хонашинӣ... Зиёд мехоҳам, ки тиру камон дошта бошам. Ин душмани батар аз бародарро парронам. Гарчӣ ташна ба хунам буд, дилам сӯхт ба марги муфоҷоташ; гӯё ёронаш куштаанд аз пояш овехта «Бо бародари хуниат чӣ кардӣ, ки бо мо бикунӣ?!» гӯён. Медонистам, ки чунин овард баройи нангу номус набуд; аз бесоҳибӣ ҳар камондор соҳиби ҷоҳу ҷалол ва молу мулк шудан мехост. Баройи ҳифзу ҳимояйи Ватан ҳам набуд чунин пархош, баракс месӯхтанд бому бунро. Дониста ё аз нодонӣ ва ё ба иғвое ҷанг карданд онҳо; куштору хунхорӣ сар шуд ва «Хуношом» ном бардоштанд. Фаҳмида фаҳмид, нафаҳмида нафаҳмид, ки ҷанг ба чӣ хотир рух дод. Фарҷоми ҷанг аз ҷайби куштаҳо «Рӯзнома»-ҳо пайдо шуданд ва ҳама буғзу кинаву адоват ва бадбиниву бадхоҳийи якдигар рӯшод гашт; аён шуд, ки ду камондор дар як майдон якдигарро то чӣ андоза чашми дидан надоштаанд.; чӣ роҳи макру фиреб меҷустаанд, то пешдастӣ карда, «довталаб»-ро нобуд созанд. Аз «Ёддоштҳо» хондам ҳамаро: макру ҳилаву найранг, морбозиву рӯбоҳиву чоплусиро. Ба ҳеҷ чиз на, ба дунёйи дун на, ба офатҳойи табииву фармудайи Худованд на, ба даррандаву мору ғунда на... одамро нафрин фармудам; шоҳи ҳайвонҳоро, ки ӯ созад ҳамаро; ҳама ҳамаро – олоти кушторро, шоҳу па-

ямбарро. Одам офаридгори бад – офаридгори ҳама бадиҳо, ки Иблис ном дорад. Ва мо аз ӯ некӣ умед дорем – аз Иблис; адолат мехоҳем, саховат металабем.Сонӣ кӯҳи Мино рафта ӯро санг меандозем. «Туфу бар ту, эй чархи гардун, туфу!!!» На! Ба Инсон – Иблис туфу! Ӯ месозад ҳамаро; ӯ бикушад ҳамаро: ҳайвонро сайд бикунаду бикушаду бихурад... билохира худашро. Бузургтарин дарранда ӯст; ҳайвонтарин қотил низ ӯст! Ман монандам ба ӯ. Душмани ашаддии рӯ ба рӯямро сарнагун кардан хоҳам, лек камон надорам. Нагирифтам гоҳи тақсимот, нахаридам гоҳе ки дар фурӯш буд. Чунин душмани зираку чолок ва муфтхӯру дуздро ҷуз аз камингоҳ истода паррондан роҳи дигаре нест. Бояд ба пешонӣ ё сари дилаш тир зад, то наҷунбад; ба ҳамон сари синайи дамидааш, ки аз кибру ғурур ва дами оташин хун дар чашмаш меҷӯшад. Сухан, таҳдид, дашному нафрин, сангандозиву чӯбу оҳанзанӣ писанд нест; намешунавад. Ҳазор бор ронӣ, ҳазор бор парронӣ, боз меояд. Худованд ҳеҷ касро бо чунин душмани дузд рӯ ба рӯ нагардонад; ин дузд батар аз он дуздҳое, ки ҳам кушанду ҳам баранд. Зеро ӯ ризқу рӯзийи бачаҳоро мебарад дар замони ҷанг. Бенанг! Тир андозӣ, писанд намекунад. Як меҷаҳаду боз меояд. Масхара мекунад касро. Не-не, маёред, ман камондор шуданӣ нестам; он камони дӯсткуши шуморо намехарам! Гуфтам: «Ман камон парронда наметавонам, нишон гирифта ҳам наметавонам; зеро гоҳи кулангро пахш кардан ҳарду чашмро мепӯшам, тири каҷ ба ягон дӯст мерасад... онгоҳ ман бояд худкушӣ бикунам... Азм кардам, ки камондор нагардам, то тирам ба дӯсте нарасад, ҳамон нодӯстро ҳам куштанӣ нестам; шояд рӯзе дӯст гардад... Лекин аз рафтораш бармеояд, ки ҳеҷ гоҳ дӯст намешавад. Дар бисотам чизе намонд; хӯрду бурд ҳамаро. Ноинсофи рӯйинатан чунон берӯ, ки «кишк!» нагӯйӣ чашматро канда мегирад. Аз ҳад гузаронд. Напарронӣ, намешавад. Валек ман тир парронида наметавонам. Бигузор чунин бошад! То оташи ҷанг фурӯзон нагардад! Лекин ин дузди аз кадом кишвари дур омада инсоф надорад; тути нав бачахӯрак шударо нӯл зада мехураду мебарад. Хайр, бачаҳо тут нахӯрданд нахӯрданд-дия! ёздаҳ моҳ бе тут зиндагӣ карданд, як моҳи дигар ҳам шояд тоқат карда таво-

нанд. Лекин ба шохи дарахт нигариста нағмаҳойи майнайи зарднӯлро дида «Калон шавем, мо ин душмани ишкамро ҳамту намемонем!» мегӯянд...

30.4.08.

## ШОҲМОТИ УСТОД

Шоҳмоти Устодро бояд дуздид. Табаррукӣ... Чунки Устод дар чунин майдони набард ҳеҷ гоҳ ҷангро набохтаанд. Ҳама умр пирӯз будаанд; зеро эшон дар умри миёнаашон ҳама майдонҳойи набарди оламро дида чунон натиҷа бардошта буданд, ки кас осема набошад ва ҳама усулҳойи кордориву коргузорийи ҷаҳониро риоя бикунад, дӯсту душманро аз наздик дида фарқ карда тавонад, роҳи корро донад, ҳеҷ чиз бой намедиҳад; зеро афсару лашкару аспу пилу рух ва шоҳу вазирро дар ҷойи худ гузоштан ҳунар бувад. Пиёда, ман шоҳ мешавам, гуфта, бо сари сина замин чок карда, ба маснади подшоҳ ҳуҷум оварад, ба пояйи тахт нарасида, сари хеш бихурад. Охир даргоҳи шоҳ бесоҳиб нест! Ҳарчанд, ки вазир ба шоҳ роҳ намедиҳад, пиёдайи бегонаро намегузорад, соҳиби мулки ӯ гардад, лекин пиёдаҳойи зӯру ҳилагар ҳам мешаванд, ки аспвор мегарданд чапғалат зада. Худо паноҳ диҳад аз чунин мансабхоҳу ҷоҳталаб... Вале сипоҳу аспони лашкари Устод чунин набуданд; худашон андак таъхир мекарданд: дасташон мисли панҷайи кушодаи уқоб рӯйи майдон давр мегашт; сонӣ он панҷайи тавоно афсар ё сипоҳеро, баъзан вазирро мебардошту боз руйи корзор ба сони қартайи патифон гирд мегашт: яке аз ҷанговаронро шарақкӣ зада мегирифту худаш ҳам мемурд, ё устод сипоҳи бардоштаро боз ба ҷояш гузошта фикр мекард. «Бозӣ ин хел намешавад...» гуфтанист, вале гуфта наметавонад. Чунки имкон надорад – Устод ниҳоят нозукмиҷоз, нозгунҷи ҳама хурду бузург буданд; бовар ҳам доштанд, ки ҳариф фарзин ё руху аспу фили он касро зада гирифта наметавонад; зеро зӯраш намерасад; баъзе ҳарифон бинанд ҳам, задан имкон дошта бошад ҳам намезананд; одоби шарқӣ гуфтанӣ чиз ҳаст. Баъзан ба хадуки Устод расида, ягон ҷонварро ҳариф ба сони чанголи худашон аз корзор бардорад «Э, истед-истед, ин чӣ хел буд?»

мегӯянд. «Ана ҳамин хел...» гӯён ҳарифи хушфеъл мӯҳраро баргашта ба ҷояш мегузорад. «Ҳаа... Ин хел! О ман ҳамун филҷона дониста ба шумо тӯҳфа кардам. Бинед, аспи шумо аз сари роҳ бардошта шуд ва вазири доно Балъамӣ рост рафта бо ҳимояйи аспи Сомонӣ дар буни шоҳи шумо нишаст ва... Ин ҷо айб дар вазири шумо, ки шоҳ мешавам гуфта, назди кадом ҳамфикри хеш рафта буд; шоҳро танҳо гузошта. Ана ҳамин хел бо андешаҳойи хом ё бозӣ ба бозӣ давлатро аз даст медиҳанд шоҳони ғофилу танҳо монда. Намунайи олийи чунин ғафлат дар хонадони Ҳахоманишиён рух дода буд, ки бо хиёнати вазири маккор Боҳуйи сулола барҳам хӯрд...

Чунин шоҳмоти таърихиро бояд duздид аз Осорхона. Вале чунин дуздӣ саҳл нест; баробари он аст, ки Бонки Миллиро бизанӣ. Бонк чунон қалъабандист, ки пул надошта бошад ҳам (Зеро чанде пеш дар ҷанги шаҳрвандӣ ғорат гашта буд ва пештар аз он вақти шикасти пул бо самолёти АН пули то даҳсумаро бор карда ба Оренбург бурда ба пули калон иваз карданд, самолёт баргашту пул наомад) дарбон, посбон, мудир, хидматгузорони зиёд ва сармуҳосибу раис дорад. Номи раис Эшқувватов, чун баъзе бонкирҳойи нав ба сари кор омада нимҷон ё нодида нест. Чунон бо дарзайи пул мезанад, ки каллайи дузд ба шикамаш фурӯ меравад... Лекин бояд дуздид чунин шоҳмотро. Ин азми ҷазби муаллимони мактаб, ки бо чунин шоҳмоти беназир осорхонайи мактабро оро додан мехоҳанд. Оҳиста як паллайи тахтаро бардошта менигаранд, ки мӯҳра надорад. Ду дузди майдони набард ба якдигар нигоҳ карда чашмонашон аз косахонааш мебарояд. «Ба шумо кӣ иҷозат дод, ки...» садойи мудири осорхона боло шуд. «Не, мо ҳамту!» «Шумо ҳамту! Ҳамту-ҳамту як дона намонда дуздиданд!» «Лаънат ба душманони миллат! Наход шоҳмоти Устодро дузданд!» «Лаънат! Раҳмат! Ман намедонам. Лекин дуздиданд!» «О душманони халқи лаънатие, омада-омада, А? Мо ба умед, ки... мо ба умед, ки...» «Чӣ шумо ҳам...» «Не, мо умед доштем, ки бо шартнома, миллион сомонӣ бошад ҳам, шоҳмоти Устодро харида, ба осорхонайи мактабе барем, ки як бор воҳӯрӣ барпо гашта буд...»

– Ин хел ният дошта бошед, ҳамрангаш ҳаст.
– Ҳамрангаш намешавад. Аслаш лозим...
– Аслаш ҳам ҳаст!
– Ҳамон аслаш, ки нақши дасти Устод боқӣ бошад.
– Ҳаст!!!

4.05.08.

## ЯК ЧИКА БОРОН

Худо як чика борон надод, ки замин тар шавад. Зарфҳоро зери тарнову саҳни ҳавлӣ гузошта оби борон гирифта дегу табақро шӯем. Аз рӯзе, ки қубурҳо пур аз кирму чирм, хазону хокрӯба гаштаанд, аз ҷуммаки қубур як қатра об намечакад. Зор монад ҳамин зиндагӣ. Руд ҳама чирку чарби қадобаро рӯфтаву шуста меорад ва якрост ба хонайи мо тела медиҳад; такшину тоза накарда; гӯё ба даҳон меандозӣ, якрост нишеб шуда меравад. Чой дам мекунӣ, бӯйи ҳафт хар мекунад. Ҳазор гулу гиёҳ ба чой ҳамроҳ карда мехӯрӣ, маззааш бӯйи заки девлох. Аз ин рӯ зарфҳо зери борон мегузорем. Фатво ҳам шуд, оби боронро хӯрдан раво нест. Зимистон, ки сахт омаду ҳама қубурҳо як бастанд ва кафиданд, замини зарангро низ канда дуруст карда намешуд, барфро об карда истифода кардем, онро ҳам ҳаром буроварданд; ҳол он ки барф ба замин нарасида буд; аз сари девору тори бом гирифтем; зарфҳойи зери барф монда ба замин часпида, ях баста, канда нашуданд, лекин дастаҳояшон шикастанд; зарфҳойи пласмасӣ чун шиша аз оби ҷӯш гоҳи сармо порапора шуданд. Бо вуҷуди ифлосиву бӯйи баду маззае ногувор доштанаш мардум розӣ, ки оби қубур биёяд. Валек об аз ношукрийи мардум қаҳр кардааст, ки боз ба руд меравад. Ҳафтае як ё ду бор усто меорем, пафу пуф мекунад; насоси мошин мезанад; сим андохта, хала-хала мекунад; об меояд, пишакшӯ мекунем ҳама чизро ва усто пушт гардонд ё на, боз муқаттар мегардад; ба ҳамин ҳам шукр; зеро ба нон ношукрӣ карда, зор ба нонреза шудем. Ба ҷуммаки қубур бӯтал монда қатра-қатра ҷамъ мекунем, пур шавад ё на? Хидматгузорони вазорати Об бетаъхир пул гуфта меоянд, пули оби солонаро, ки ҳоло нахӯрдаем, талаб мекунанд. Ана мағали занҳо сар

мешавад... Лекин аз водоканал усто даъват бикунӣ, шири шутур мехуранд. Обхӯрийи мо дилбазан шудааст; гурезон гаштаанд. Номи маҳаллайи Шарафро шунаванд, ба мурахҳасӣ мераванд. Маҷбур мешавем, ки ба устоҳойи кӯчаву бозор рӯ оварем, ки асбобу ускуна надоранд; ҳама вақт кайфашон баланд, аз таҷрибайи кор нақл мекунанд: «Дар ин об ҳама чиз ҳаст; ҳар чизе ки дар қадоба ҳаст, ҳамроҳ шуда меояд, шаҳриёни ба маёфка рафта ҳам ҳар чизи бо худ бурдаашонро «вазифаашро адо кард» гӯён ба об меандозанд; сонӣ ҳама он чизҳо хона ба хона тақсим мешавад. Кори мо ҳамин, Ошно. ҳазору як бурду балоро мебинӣ. Ин пӯсти бодирингу харбузаву тарбузро мегӯйиву гулу сабзаро, хайр инҳо бо мурури замон мепӯсанду об шуда гузар медиҳанд ба об, лекин Худо паноҳ аз чизҳойи резинӣ диҳад, салафану клёнкаву турсиву синабандак... Ҳайрон мемонад одам; чунки ҳама чиз баробари об меояд; сел ҳама чизро пешандоз карда меорад; гӯё медонад, ки дар шаҳр танбал бисёр, ҳама чизро ба хонааш бояд бурд... Ана худатон бинед, ҳамаашро кушодем, як чика об намеояд. Маълум, ки ҳама чиз ҳаст; монанди тугуни ҷодугар: нохун, мӯйи сагу пишак ва боз ким чӣ хел мӯйҳойи дигар; риштайи ҳазоргиреҳ дандони хук ё гург; лату лут, сӯзану сӯзанак... Қубуратон ҷоду кардагӣ барин, Ошно». «Кадом ҳамсоя аз водоканал, ошно доштааст, оварда компрессор задааст, Шояд ҳама чирку ифлосиҳо тамма шуда бошад?» «Инаш ҳам мумкин, Ошно, лекин чизе ҳаст, ки дар нӯги сим ғиж-ғиж мекунад; устухон бошад, дандон бошад? Мо компрессор надорем. Пули зиёд лозим, ки онро фармуда биёред... Замона ҳамин хел шудааст, ки дунё дар рӯйи пул меистад...» «Гапатон рост: ҳамсояйи навамон, ки пулаш бисёр, устокобиву пулҷамъкунӣ ба дилаш зада, қубуру кафан-пафани аз сармо ҳимоятгар оварда, дар як рӯз аз раги марказӣ ҷудогона об гузаронд, бемалол мегардад; мо ҳоло ҳам дар замони коллективизатсия зиндагӣ мекунем; яке ба умеди дигаре, ки ӯ сомон бикунад ин корро…» «Шаб телевизор тамошо кардед, Ошно?» «Не! Параболический «Олами ҳайвон» ном канале дорад. Ман дойим ҳамонро тамошо мекунам...» Усто дар қубур чизе пайдо

кард, ки дер хомӯш монд; баъд дастонаш ҳам аз кор монд. Гумон кардам об омад ва ҳолиё фаввора мезанад ва Усто аз ҳамин чиз хавф бурда даст барнамегирад, ки саҳнро об пур мекунад; зеро саҳни танг обгурез надорад. Вале ӯ гардан тофта аз паст ба боло ба рӯям нигарист: «Ҳайвонҳоро тамошо мекунед?» «Бале, ҳайвонҳоро...» «Чӣ, одамон ба дилатон задаанд?» «Ба назарам чизе ёфтед аз қубур: ё ҳалқаии тилло ё ангуштарийи заррин...» инони суханро ба дигар сӯ тофтанӣ шудам. «Моҳийи тилло» гуфт киноёмез. Хомӯш мондам, ки Усто пурдида ва андарунаш пур аз ҳасрат: «Ман номзади илми техникӣ, Ошно. Замона дигар гашту ман дигар гаштам». Ва боз хомӯш гашт, маро низ ба хомӯшӣ даъват кард, лек даст аз сӯрохийи қубур намебардошт: «Ана об!» ман ба чоҳе, ки мурватхонаии обтоб дошт, нигаристам. Ӯ ба рӯйи ман нигарист ва аз чашмаш об мешорид. Чунин оби софу покиза дар ягон чашмаву сарчашма набуд. «Ташаккур, Усто! Об лозим не. Ҳамин оби ифлоси ҳаром хоҳ бошад, хоҳ не...» Усто сухани маро намешунид ва якзайл каф ба даҳони қубур медошт. «Усто Усто! Ба шумо чӣ шуд?!» «Натарсед, маро бало намезанад, Ошно... Ҳамин хел як дард пайдо шудааст, баъзан-баъзан мегирад... Бедаво метобад». «Шумо чунин андешаҳоро ба сар роҳ надиҳед, Усто». «Дар сар не, Ошно дар хунам ҷо шудаанд чунин андешаҳо; бо ҷон бояд бароянд... Лекин ман аз як чиз метарсам: мабод, ки фоҷиъаии Гулсум ба сарам ояд; ӯ ба дарёфти донае гандум хафоли муш кофта, ба гӯри кандааш пасрӯ афтида мурда буд... Тарсам аз он ки рӯзе дастам ба мурбати об, сарам ба чоҳ равад». «Ин қадар ноумед гаштаед, Усто? Лозим бошад пизишкони хуб ҳастанд, наздашон мебарам...» «Гуфтам-ку, дарди бедаво... Ҳоҷат ба ташвишу оворагӣ нест, Ошно». «Донед, ки аз чист?» «Мани дилтанг ба ҳар чиз ғам мехӯрам: чароғ мурад ҳам ғам мехурам, мотороллер дуду бод карда, садояш гӯши фалакро кар сохта аз дари ҳавлӣ гузарад ҳам, баччаҳойи беодоби гузар якдигарро очакорӣ дашном диҳанд ҳам ва ғайбату сарзаниши ноҷойи касон хунамро ба ҷӯш меорад ва... намедонам худро чигуна ором гардонам. Оби офтоба тори оташ ҷӯшидан гирад, оқибат хушк мегардад ва офтоба

ё мекафад ё сӯрох мегардад... Ман ҷӯши хунамро бо чунин даст ба сардоб доштанҳо ором мегардонам. Гумонам, алҳол хубтар аз оби сард давое нест; лек эҳсос мекунам, ки сардӣ кора дорад ба ҷонам.. Сипосгузор, Ошно, пизишкони хуб зиёд; панду тавсияаашон бисёр; ҳамин шаб тариқи телевизор панду андарз гуфтанд: «Обро наҷӯшонда нахӯред; илоҷаш бошад се бор ҷӯшонда, такшон карда, сонӣ хӯред!» Дар чунин замони бегазиву бебарқиву беҳезумӣ тавсияйи онҳоро гӯш кунед; духтурҳойи меҳрубон аз осмон афтидаанд. Баройи ҳамин гапи онҳо қонун; зеро саломатийи мо дар дасти онҳо: «Худоё Худовандо, гирифтор макун!» Ҳоло мебинед, рӯзе мерасад, ки «Нон нахӯред! Нон ба саломатийи инсон зиён дорад!» мегӯянд; бовар дорам, ки мегӯянд; чунки ҳамаашро гуфтанд: «шалғам ба саломатийи одам фойида дорад» гуфтанд, шалғам қимат шуд; «Сиёҳалаф даруна тоза мекунад!» гуфтанд, нархи чакка ба нархи гӯшт баробар гашт, яъне, замоне ба ин нарх даҳ кило гӯшт мегирифтед; кор то ҷое расид, ки сиёҳалаф дар бозорҳо рангзард гашт; пеши гов андохтанд, нахӯрд. Ҳамин хел бояд шавад, вагарна нардбон монда то назди Худо равӣ ҳам нафақапулиат ба як кило гӯшт намерасад... Одамон бояд роҳи зиндагийи хешро пайдо бикунанд, на савдогар ба онҳо роҳ намояд; чунки кас бояд истеҳсол карда бихурад; вагарна тоҷирон аз Чин на моли чинӣ, балки моли Гурумчиву ҳошияҳойи домани Чинро меоранд; чунин молҳо дар он ҷо арзону дар мо қимат. Либосашро як об мешӯйӣ ё на; бомпӯшаш то офтоб баромадан ё як жола боридан. Партовгоҳҳо ҷойи сӯзанзанӣ надоранд; зеро мо мисли чиниҳо аз партов чиз сохтанро наомӯхтаем. Сабил монад танбалӣ: дар пойгаҳ ҷойи аввал гирифтаро эълон мекунанду вопасин каси дар нимароҳ афтидаро на...»

– Усто, чунин чизҳо чӣ зарурате дорад, ки Шумо дилатонро ғамхона бикунед?

Усто аз чизе ҳаросида якбора даст аз сӯрохийи даҳони қубур гирифт ва об фаввора зада аз қади ростойи ман боло шуда ва баргашта ба сари ӯ мерехт. Вале ӯ намеҷунбид. Сангчае ба андозайи ғӯлунг бар сараш бархӯрда, рӯйи замин парид. Гумон кардам ӯ надид, аммо сараш андаке ҷунбида аз

паси пардайи об, ки аз сараш мешорид чашм дӯхта, дасти тар дароз кард ва онро баргирифта миёни ангуштон сойид. Китф дарҳам кашид. Тааҷҷубаш аз чӣ буд, надонистам. Ҳарчанд «Усто-усто!» гуфта ӯро аз зери об баровардани мешудам, эътиборе намедод. Лек медидам, ки сангча зери ангуштон мефишорад. Пасон аз зери пардайи об як садойи нимҷон ба гӯшам расид: «Ҳар хелашро дида будам; ҳамаашро гуфтам ба шумо – об чиҳо меорад, гуфтам. Аммо надида будам, ки сангро ҳам меорад. Инро бигиред, ошно. дар қатори доштаҳоятон дар «Осорхонаатон» мегузоред... ва ҳатман қиссайи оби «тоза»-ро зернавис бикунед..»

7.05.08.

## БАЛО ЗАНАД

Бало занад... Ҷин занад! Дарди сарам кам буд, ки ту сарборӣ шудӣ. Аз Осмон фуромада ноз мекунӣ. Нозбардоратро ёфтӣ. Нози болонишинҳо зиёд; ҳатто нозашон ҳама андешаҳоро мекушад. Монойи рафтори ту. Кош кам бошад! ҳабо, зарра, қатра, гарду ғубор ҳам чиз ё мавзӯъ нависандаро, лекин ин килки рангаро гоҳи авҷи илҳом хунаш мегурезад; бадал ба ҳаво мегардад, нависад ҳам чашм намебинад. Рах ё пайи неши қалам монад, ки базӯр ба чашм расад, аммо хонда нашавад. Обшустаҳойи Чилдухтаронро монад: ҳазор зеҳн монда нигарӣ, чизе дарнаёбӣ. Танҳо баъди илмӣ омӯхтану китоб-китоб маънидод кардан мефаҳмӣ, ки чӣ маънӣ доштаанд он раххо... Бало занад! Моли чинӣ нашуда, зери хок бишав. Фломастираш батар аз қаламаш, хомааш батар аз ручкааш... хулоса ҳама чизаш батар аз ночизаш. Фломастир харидам, ки чун оби особи хомӯш дар гармову сармо мерезад, кадоме усма пиндошта ба абрӯ кашидааст, ки ба як абрӯ расидаасту дигараш хушк мондааст монойи абрӯйи ширинкори сирк. Айб дар он ки харидори чунин рангҳо беҳисоб: фақат чашму абрӯ бошад, дарди бахайр, ба ҳама узвашон мемоланд; ранги камони Ҳасан-Ҳусейн мегардад тану сару рӯй ва нохунашон. Хаёлашон ки тану рӯяшон ба сони замини лолахасаку лолаарӯсак бошад. Бачаҳо низ дарёфтаанд чунинонро – сифати молҳойи хориҷиро: «пойаф-

зораш аз картону куртааш аз газет» мегӯянд; нам расад, медаррад мисли ҳасибу сосискаҳойи дар равғани тоба гузошта, ки фассӣ газаш барояду клиёнкааш чандир бандад; рӯйи таранги духтаронааш чунон чину ожанг мегирад, ки рону хартуми фил ба он андоза дилгир нест. Дилгиртар аз сармойи зимистони имсола. Қасд кардагӣ барин обҳо ях бастанд; барқ нашуд; офтоб рух нанамуд; ҳаво тира гашт; замину замон яхистон шуд; даст ба дастайи дар мечаспид; ранги ручка сахт шуд чу ях; ба ҳаври даҳон об накушод, баракс ҳавр бар ручка ях баст. Сонӣ ручка хӯ гирифт; дар гармо низ ранг надод. То нашканӣ ё зери чархи оташароба нагузорӣ, ранг намедод. Танҳо ручка на, то каллайи хӯҷайинҳоро нашиканӣ дастмузд намедоданд; чунки мағзи сар ях баста, ҳисобу китобро гум карда буданд. Замоне шуд, ки илми найранг пешдав, вале илми инсофу одоб танбал гашт. Сонӣ аз маърӯзайи ҳисоботийи Вазири Барқ аён гашт, ки айб на дар барқу оташ, балки дар коғаз будааст; коғазҳойи кимиёвӣ бароварда будаанд, ки монанди одами сохтаашон рангро қабул намекунад, ҳатто обро; дар оби ҷӯш андозӣ ҳам нам намекашад. Ҷони сухан дар ҳамин: ручка ях бастааст; коғаз сухан напазирад ва ҳар сухане аз осмон ба дунболи қалам ояд, аз гӯши рост даромада, аз гӯши чап баромада равад чун мурғони роҳгузар, ки боре бинӣ боз ҳавас бикунӣ. Мурғону турнаҳойи роҳгузар ресмон кашида раванд ва маро хаёл барад: «Бозгарданд ё на?» Чунки Худованд як бор фиристад суханро. Доштӣ, доштӣ, надоштӣ, гила аз худат; дубора ҳазор фикр бикунӣ ҳам ба ёд наояд. Ҳолиё ҳамин ду чизро Худованд гирифтааст; қаламу коғазро. Ба сахт пахш кардану дар мағзи дил ҷой додан ҳам ранг надиҳад қалам. Айби худро пинҳон дошта, ба гардани қалами аршӣ бор кунем айбро: «Қалами бахил». Худованд ваҳй мефиристад, қалам хиёнат мекунад; чун гови порагӣ шир намефарорад; пора бояд бидод; ё монанди ҳокимон бошад, ки то нагиранд, надиҳанд; ҳатто оби ҷӯйро, санги кӯҳро. «Даст дастро шӯяд, ошно!» Вале ба қалам чӣ шудааст, надонам. Замоне пеш худ аз худ ранг медод, ҳатто пешкисаҳоро рангин мекард; ба назар он замон ранг дошту ҳолиё обранг. Аламам на аз он, ки ин

қаламҳойи бизнесӣ ранг надиҳанду коғазҳойи кимиёвӣ ранг қабул накунанд. На! алам аз он ки чӣ қадар фикру андеша чун ҷавонони зӯран ё бо найранг ба овардгоҳ кашида ҷавонмарг гарданд; чӣ миқдор тифлон рӯшанӣ надида, дар батни модарон нобуд гарданд... Аз бебарқӣ компутери мушкилосон миҷаву чашмак ҳам намезанад, ки қайд бикунам. Замин – сахт, Осмон – баланд. Байту ғазали компутер ҳам зиёд, ҷин занад: агар танҳо аз барқ вобаста буд, генератор мехаридам. О не, намешавад; бензин ҳам ях бастааст дар чунин сармойи Яхбандийи Шимол. Аз барқмуриву барқкушиву зиёд шудани монтёрҳо ё пулдорону говзӯрҳо ҳар лаҳза компутер чашмак мезанад ва меҳнати кардаат барабас меравад. Сонӣ, дар ин Дунё ҷондори бедушман нест: бахилҳое ҳастанд, ки махсус майна об карда бар зидди компутери сохтайи Фулонӣ «вирус» мебароранд. Ана дар ҳамин лаҳза бартарийи ҳайвон ҳувайдо мегардад аз тинати инсон. Умуман дар борайи Одам сухан гуфтан ҳайф; зеро аз номи Худо сухан гӯяду фармудайи Ӯро ба ҷо наорад. Хулоса, компутери бебарқ – сандуқи холӣ. Нависандайи беқалам – ҳайкал... Дилам ба ғӯрамаргон сӯзад.

9.05.08.

## РОМИШГАРИ ХУНХОР

Шуморо дурӯғ, Худоро рост, безор шудам аз чунин ҳофиз. Чунин оҳангу сурудҳойи гӯшхарошу дилбазанро дӯст надорам; сахт бад бинам. То кай ойинайи ҷаҳоннаморо зада шиканӣ? Он қадар яксозу якнавоз, гӯшу майна хурад; ҷон бикунад сӯҳон. Ромишгари бадкорро нест кунам гуфта ба ойина мезанам; мешиканад. Сазойи сарам: навашро бихар. Боз ҳамон хушхон дар ойинайи рӯшан часпида. Ғашам меояд. Ин қадар ҳам набудгист-дия. Дигаронро бояд навбат дод. Бе дойираву думбак хонанд ҳам, форам мехонанд. Лекин ин касро оҳанг дар неши забон: «Ғинг-ғинг». Сухан аз оҳангу сурудҳойи бемаънийи инзамона нест, эстарадӣ ном дорад. Ин як оҳанги қадимайи баробари Дунё пайдошуда, ки дар ҳама гӯшаҳои олам навохта мешавад; садойи якранг дорад; ҳама

гӯши шунид надоранд, вале аз барнома берун гузошта натавонанд; на вазири Фарҳанг, на мудири қасри фарҳанг ва на худи навозанда. Оҳанги оламгир. Ягон чиз шунавандаро хушоянд набувад чун он; борони шикоят борад ҳам ин оҳанг тар нагардад. То замоне ки яхбандӣ нашавад саҳнаро тарк накунад. Чун яхбандӣ оғоз ёфт ба кишварҳойи гарм тозад; чунки тайёра тайёр. Ғинг раваду ғинг ояд. Ромишгари ғижжакнавоз гӯйӣ, аккордионнавоз гӯйӣ, зилла гӯйӣ, зиллайи сари нависандайи азияткашида гӯйӣ, бигӯй. Ҳунару истеъдоди худодод; нозгунҷи ҳар хонадон; меҳмони нохондайи ҳар кас; аз дар занӣ, аз бом биёяд, аз тиреза дарояд; ба навохтани оҳанги дерсола. Валек касеро нафорад он оҳанг, ки таҳдиди кадом хунхорро ёд орад. Безор гаштаанд. Аммо худи ӯро чунон хубу хушу писанд, ки нанавозад, аз он хонадон гурусна, бемадор, беҳангу оҳанг баргардад ва дубора даромада натавонад; зеро баъди консерти ӯ мардум ҳама дару тирезаҳоро барбанданд ба рӯйи чунин ромишгари золиму хунхор, ки ҳаво надарояд. Сонӣ ӯро рафта пиндошта тирезаҳоро боз гардонанд, боз ояд. Тӯру парда кашанд – пардатӯрҳойи симиву аз пай сохта. Нашавад. Аз дасти чунин оҳангсози қатаған раҳойӣ набувад. Марги муш оранд, ҳаргуна доруҳойи кушандайи кимиёвӣ пошанд, минаву таркандаҳо гузоранд сари роҳаш, осуда нагарданд. Лашкар кашидааст он. Гирди сар тоб хӯрда навозад; бехи гӯш сарояд, даркору нодаркор навозад. Хоб баронад. Сонӣ мисоли дамандоз сари болини кас нишаста, нештар занад; чун ҷӯгизани фиребгар, ки шох бар омос гузошта хун макад, даркашад. Чунон маккору дузд, ки торикиро авло донад аз рӯшнойӣ ва нохонда дарояд ба бистари ҳар кас. Сонӣ нағмаро тамошо бикун: ҳофизони дигарро, ҳатто ҳамон садо дар гулӯ дармондаро, бо пулу моли андак ва таваллову зорӣ оварда нашавад; он навбаромади фачхонро ҳам. Чанд моҳ пешакӣ фармойиву шартнома бандӣ, пешпардохту пешдод гузорӣ... ояд ё на рӯзи мурод? Валек ин ромишгари худодод, дойирахабар ҳам не, беихтиёр, бепурсиш, бе шартномаву пешдод чунон пайдо шавад, ки надониву нафаҳмӣ. Ӯро фарқу тафовуте нест, ки дар кадом ҳол хонад: базму сур аст ё мотам? Ҳамин рӯз падари Шаккокро ба хок супорида буданд,

ромишгари бемаъниву бехабар аз одобу фарҳанг бехи гӯши писар менавозад мисли замбӯри забонашро досак миқроз зада. Чанде пеш мурдайи Сахтҷонро аз мулки урус оварда буданд, ғижжакашро менавохт; духтарак аз номуродӣ худро ба мавҷи руд зада беному нишон гашт, нағма бардошта ба хонайи онҳо рафт; ба хонайи зани сари зо рафта ҳам бенағма надаромад. На кадхудову кадбону, на меҳмону мизбон ва на пиру ҷавон гӯяд; ба гӯши ҳама наво кунад якранг. Шабе, ки гургхӯрдаро устухон аз паси ағба оварда ба хок супориданд, нағмаашро мекард ӯ. Шаби тӯйи арӯсӣ ҳам навхонаҳоро нагузошт то рӯз хоб бикунанд, навохту навохт ва маҷбур гаштанд, ки ҳама дару тирезаҳоро тӯрпарда кашида аз чашми номаҳрам пинҳон шаванд. Шаби моҷаройи хонадону занашро талоқ додани Ниё ҳам ҳол чунин буд. Рӯз нест ба мардум аз дасти чунин ромишгари шилқини беадаби мадрасанадида. Аз баройи ӯ нархи «одеколон» осмонӣ шуд, вале суд накард. Боз пайдо шуд ҳофизи безабон. Чунин рафтору кирдор танҳо аз дасти душман ояд; аз дасти душмане, ки ташна ба хуни туст, ё аз тарси «шеф», то худашро накушад, шабохун занад. Каси хаставу шалпар ва хобпахшкардаро алла бувад оҳанги ӯ. Хобонаду нойча бар раги хунгард занад ва даркашад то дам кардан. Ба гӯши маст, бемору ҳушёр ҳам нафорад садойи ӯ; каф зананд, то ба даст оварда, ғиҷим карда хунашро бароранд. Гурезад; ҷаста, парида пинҳон гардад; боз ояд фурсате пас, ки пазмон гашта кас. Чун ба каф ояд ё зери пашшакушак зарба хурад, хунранг гардонад дасту дару деворро. Танҳо ҳамон вақт аранге миёни маргу ҳаёт пай барад: «Кушӣ, кушанд...» То намирад, аз хунхорӣ намонад... Номаш ба худаш – Хомӯшак!

3.06.08.

## ЧИЛЛАГУРЕЗОН

Арӯс ҳафт дарро гардонд фарзанд то чиллааш буромадан. Фарзандро дар хонайи худашон зойид. Чун бача чашм кушод, бадар бурд. Аз тарси падар бурд. Зеро падар медонист зодани занро ва чун Крон бача балъидани буд рабуда. Чунин кирдорро Рея – модар медонист. Аз ин рӯ Зевсро пинҳон кард дар

ғор. Чун бача чашм кушояд майли бадар рафтан кунад ва падари ноинсоф ӯро аз миён газида бурда зери кадом бутта бихурад ва аз нолаву фиғони модар тӯрида гурезад кӯҳ ба кӯҳ. Ба ошхона овард. Боз бурд. Чунки падар дид ҷойи пинҳон кардайи писарро. Ба амбор даровард. Дид. Ба гурбадави хона ҷо кард; ҷойи гурбайи нар он ҷо буд... Ба ҳезумхонайи ҳамсоя бурд. Ягон ҷо мувофиқ наомад. Ба ҳавлийи ҳамсоядармиён бурд, ки аз ду тараф сагҳо занҷирбанд буданд; агар гурбаро доранд, пӯст меканданд ё зинда фурӯ мебурданд чун Крон писарро. Бо тарсу ларз бача дар даҳон роҳи байни сагҳоро гузашта зери ҳезумҳойи дарза-дарза ҷо кард ва нафаси осуда кашид. Аммо дасту пойи бачча меларзид аз тарс. Нав чашм кушода олами рӯшанро дид, вале тарсро, касе ба ӯ наомӯхта бошад ҳам, зиёдтар аз куҳансолҳо дарк кунад. Чанд бор «мӣ-мӣ» карду хомӯш гашт аз тарс, то сагон занҷир канда наоянд. Чунки модар шикор рафт. Ва дил пур дошта буд, ки гурба – падар дилу гурдайи аз миёни сагон гузаштанро надорад. Чапғалат зада рафт ва буни девор шӯйро дид, ки нияти хона даромада писарро газида гурехтан дошт. Модар донист, ки падар ҷойи писар пинҳон кардаро надонад. Нолиду гирист, ки писарро наргурбайи ваҳшӣ бурд. Падар бовар накард. Модар ашк зери ғазаб пинҳон кард: шӯрид, фарёд зад; маҳалларо ба сар кашид; сагонро ба по хезонд. Шӯ бовар накард. Шерона ғуррид, фаххид; омода ба ҷанг шуд ва карраной навохт: «Вааа!!!» ва пештар рафта ба рӯйи шӯйи дамида, гӯшу думу миён бардошта ҷанг зад. Шӯ наовехт бо зан, балки дум хода карда сари девор ҷаҳид ва бепарво рафт. Дер пойид роҳи ӯро зан, барнагашт. Лек шабҳангом дуздона омад. Хона даромад. Зану фарзанд пайдо накарда, олуғда шуд, дуздона сарсари бому рӯрӯйи девор гашт. Шерона гом зада, бозистода, гӯш медод, то аз куҷо садойи писар ояд.

Писари ширхора гӯштхора гашт. Модар аз миёни сад гулбун сор дошт. Мурғаки хушхони ҳар субҳу шом дар шохи баланд нағмагарро, ки доначинӣ омада буд, чолоктар аз паррандa ҷаста дошт гурба. Сару пои сор кашол, ними сари синаву бол дар даҳон хона медароварду бурун меовард ва «мяв» мезад, то писар бохабар гардад. Дониста буд, ки писар он ҷо

нест; баройи фиреби назар мекард, то падар пайдо накунад маскани писар. Сор дар даҳон ҷаҳид сари девор. Гузашт миёни сагон. Хомӯш буданд сагон. Зеро дониста буданд, ки модар он ҷо фарзанд пинҳон кардааст аз чашми падар, ак нагуфтанд. Писар тозон баромад назди модар. Бӯйи гӯшти сайд шунид. Пеш омад. Гурба сайд ба замин нагузошта сӯйи девор рафт, то писар ояд аз пас. Каме омаду бозгашт ва пинҳон шуд паси ҳезум. Модар ба умеде, ки писар бӯйи гӯшт гирифта аз пас меояд, деворро ҷаҳида гузашт. Чашм чаронд ба атроф, то падари писархор пайдо набошад. Вале писарро надид аз думбол. Баргашт, боз гузашт деворро. Сайд бурд назди ӯ. Писар бӯйид сайди куштарову дунбола гирифт. То буни девор омаду баргашт. Модар олуғда шуд. Ғуррид сайд дар даҳон. Боз сари девор баргашт ва чашмаш ба гурбайи сари бом афтод, ки дид дошт писарро. Сайд сари девор гузошт. Сару гардан фароз дошта, ҳайратзада хеле ба шӯ нигарист ва якбора шерона сар хам карда, миён duздонда, ба назар хеле дарозу борик гашта, сари девор тохт; наздики қотили баччахор омада наъра зад: «Вааа!!!» Сагон ба шӯр омада, рост ба қади девор шуданд. Падари бадтол сахт нигариста ба зан, дандон гиз кард ва бурут пасу пеш ҷунбонда, дум хода кард. Зан дарёфт ғазабу ишорайи ӯро; кина гирифт, қасд кард.

Устухони писар шах шуд. Дигар дандони падар намегузашт. Балъида ҳам наметавонист. Он рӯз, ки бо модар чанг ба чанг шуд ва модар як чашмашро чанг зада кафонда буд, шинохташ писар. Бо ранг набошад ҳам бо чашми кӯраш фарқ кунад падар. Писар на танҳо нафрат дошт ӯро, душмани ашаддӣ гашта буд. Лекин чун дид, ки модар боз сари девору гӯшайи бом бо кӯри Шермат ишқбозӣ кунад, дил сард гашт аз олам: «Ҳамааш назарфиребӣ будааст; баройи наранҷонидани фарзанд...» Чун модар боз бачча овард, Кӯри Шермат пайдо шуд ва бародарони ӯро рабуд. Модар боз тане аз ононро ба ҳавлийи ҳамсоя бурд. Кӯр қасди бачча кард. Писари бузург сари роҳи ӯ истод ва чунон ки модар ба сайд ҷаҳиданро омӯхта буд, барҷаст ва чангол ба чашми сиҳати падар заду кафонд. Фарёди талх зад падар. Сагҳо шӯриданд. Модар омад. Ҳоли шӯ дид, ки чун лаби бом амонат истода, роҳи рав

набинаду надонад ва хуни чакконро боздошта натавонад. Аммо даҳонаш боз, дандонҳояш гиз, ки боз писар ҳамлавар шавад, хешро ҳимоя карда тавонад. Модар сахт дандон гиз кард ҷониби писар. Писар аз чунин рафтору ҳаракати модар ҳама чизро дарёфт: «Кӯр бошаду кар бошад, соябони сар бошад!»

4.06.08.

## БЕВАЗАН

«Тухм назояд, чӣ лозим?» гуфта хурӯсро фурӯхту ҷуворӣ харид. Дӯш хурӯс фурӯхту фардо ҷуворӣ харид; панҷ кило ҷуворӣ шуд. Бевазан аз карда пушаймон гашт ва алам аз мурғон ситонад; ғур-ғур дорад: «Лаънатиҳо! Тухмашонро хуранд!» Ҳамин ки ба мурғонча наздик омад ё чашмаш ба мурғон афтод, ғур-ғураш афзояд, вагарна чашмонаш нимпӯш, сар хам, зону дар оғӯш ба андеша равад ё муроқиба. Ин хел набуд. Даст дар миён бо ҳар касу ҳар дарахту гулу гиёҳ ё ҷонварон чун ҳоким мурочиат мекард; чунки райис набошад ҳам, зани райис буд; зани райиси маҳалла. Занҳо одиякак «зани райис» гӯяндаш. Ӯ шод. Андешааш аз ҳамин: «Мардак намемурд, пайдогариаш бас буд. Зори шумо набудам. То кай нигоҳ карда шинам, ки аз пасатон тухм афтаду нӯл назада гирам. Буду шуд чор мурғи фабрика, ки дар се рӯз як тухм кунед, ҳамонро ҳам хуред. Чӯҷа набаоред; зунг. Чӣ лозим? Зиён. Суде наоред. Пойида шинам, ки кай аз пуштатон дурдона афтад. Хок хурад... Ман одами зинда; бояд ба маъракаҳо биравам. Дар ин солу замон чӣ зиёд? Мурда. Ба ҳар баҳонаву дард он қадар муранд, ки... надонам, тобути кӣ вазнин буд, ки аз пасаш кашад ин қадар касонро. Наравӣ, нашавад. Чунки дар маъраҳойи мардак омаданашонро дидам. Ё дар хаёлу назари ман бошад, ки баъди мурдани мардак ҳама муранд. Баъди мурдайи худам, хаёлам, дар рӯйи замин кас намонад. Аз куҷо донам? Мардак рафту обурӯшро ҳам бурд. Як кас напурсад, ки чӣ ҳол дорӣ? Баъзеҳо, ки «райисҷон!» гуфта меомаданд, бинанд, рӯ сӯйи дигар гардонанд. Одамаш чунин махлуқ будааст. Аз ту чизе нарасад, вуҷуд надорӣ. Рост: аз мурда ҳеҷ гоҳ чизе нарасад, ҳарчанд ки мадад талабӣ, «руҳаш ёрӣ кунад» гӯйӣ, чизе нарасад. Надонам.

## ЭЭЭ...

– Дадеш! Дар хона рӯғану намак нест!

– Эээ каме сабр мекардӣ чӣ мешуд? Қариб бозорро сохта тамом мекардам. Лойиҳа дар дасти Рӯзӣ – еврей монд...

## ҒӮЛУНГ

– Ғӯлунг не, ғӯлинг!

– Ҷӯра, худатро кушӣ ҳам «у»-йи худро ба «и» – йи шумо иваз намекунам.

## ОБИ ТОЗА

– Ту – занак ҳеҷ инсоф дорӣ ё не?! Наход як гапро сад бор гӯям, ҳазор бор гӯям, як умр гӯям?! Гуфтам, ки обро аз ҷуммак ба чойҷӯш нарез! Худам-ку шиша ба лаби ҷумбак овехта қатра-қатра чаконда, шишаро пур карда баъд ба ҷойҷӯш мерезам. Ба ту ҳам ёд додам, ки дар набуданам чунон бикунӣ. Лекин ту донистаи худро мекунӣ. Аз ҷумбак ба чойҷӯш, аз чойҷӯш ба чойник, аз чоник ба пийла, аз пиёла ба даҳан... Ту намефаҳмӣ, эҳсос намекунӣ, намешунавӣ, ки чӣ таъму бӯйу мазза дорад ин об?

– Дорад – надорад, ҳама аз ҳамин об мехуранд; тамоми шаҳр. Баъд ман ин обро барои чой нагирифтаам; барои таъом...

– Ин чӣ гуфтаат? Мazzаву бӯй ба таъом намешинад?

– Не. Ба дег ҳар чизро меандозем, бомазза мешавад.

– Ман ба ту гуфтам, ки ин чизро аз мутахассисон пурсидам, онҳо роҳашро нишон доданд: «Як баклашкаро аз тагаш сӯзан зада сӯрох кунед; дар баклашка пахтаи тоза, албатта аз аптека бошад, андозед. Оби ҷумбакро муқаттар кунед. Ҷуммакро ба даҳани бӯтал андозед ва зери бӯтали сӯрох зарф ё бӯтал гузоред; нигоҳ карда шинед то пур шудан. Баъд оби бутал ё ба ҷойҷӯш, нағзаш тефал, ё офтоба андохта, ҷӯшонед. «Хубии тефал дар он, ки ҳама микробҳоро намекушад, чунки об наҷӯшида, дами дарун шуда, мепартояд. Офтоба ҳама шаҳду маззаю заҳро ҷӯшонда, обро хушлаззат мегардонад...» Гуфтам ҳамин чизро ба ту?!

– Гуфтед!

– А, чӣ-ба риоя намекунӣ?

– Барои як чойник об бояд як рӯз бехи ҷумбаки об шинам. Шумо тоқат мекунед?

– Ба тоқати ман корат набошад! Як умр тоқат кардам! Як рӯз тоқат намекунам?!

– Ошхонаи «Иттиҳод» равӣ ҳам ҳамин маззаву ҳамин бӯй, «Роҳат» равӣ ҳам ҳамин...»

– Чӣ онҳо мисли шумо даҳону бинӣ надоранд?

– Доранд! Ҳар чӣ ман дорам, онҳо ҳам доранд, лекин барои онҳо фарқ надорад; онҳо тайёр кунанд, дигарон хуранд. Гоҳи ҳисобу китоб гӯянд: «Ин қадар қимат шудааст?»

«За то, маззаро ҳам бинед-дия!»

– Лекин ин чизҳо барои ман аҳамият надорад; ман туро медонам; ҳамроҳи ту мехурам; мехоҳам, чойи ҳалол, хуроки ҳалол хурем. Худат донӣ: аз бозе ки дар рӯйи замин обхезӣ зиёд шудаст; ба қавли олимон: «Сайёраи мо роҳ кӯтоҳ карданӣ шудаст» ҳол чунин. Ёдат бошад дар ин чанд сол қариб даҳ бор қубурҳоро дигар кардем. Донӣ барои чӣ?

– Надонам!

– Ҷилва накарда гап зан! Барои он ки об якрост ояд аз кӯҳ ба хонаи мо. Касе пеши роҳи онро гирифта натавонад. Якрост, бо ҳама шарбату гилу рег ва резину такпӯшаку кирму чирм. Ба чашмат дидӣ ҳамаашро; оварда нишон дода будам... Боз кори худатро мекунӣ. Аз ту чӣ мерад як буталро ба нӯли ҷумбак часпониву ақаллан барои чой... «Чойи Сулаймон» ҷуз алафи бӯйи модарон барге чой надорад. Чӣ кор кунем бо ин зиндагӣ?

– Овезед!

– Рост мегӯйӣ, Туро аз забон бояд овехт. Як гапа як умр гӯйиву боз кори худатро кунӣ, бояд овехт. Дигар илоҷ нест... Лекин дер шуд. Ин корро сӣ сол пеш кардан лозим буд, то ислоҳ шавӣ. Неъ! Ислоҳ нашудӣ. Гӯсолаи шуданӣ аз пояш маълум...

– Об ҳам аз худатон, чой ҳам. Панотон ба Худо!

– Ӯй! Ношукр! Ин корро сӣ сол пеш кардан лозим буд, ки ман ягон тайёрӣ бинам. Дар ин синну сол на ту ба касе лозим, на ман! Моро ақаллан ба дарбонӣ ҳам қабул накунанд. Ту

ҳоло ҳам беақл будайӣ. Кампир шудию ақлат надаромад. Дардамро ба ту нагӯям, ба кӣ гӯям? Ин чизҳоро аз радиойу телевизор гуфта нашавад; зуд бурранд. Барои худамон мегӯям, ки як бор чойи «бемазза» хурем. Он тарафаш чӣ мондаст кампир?

28.03.10

## ДУЪОИ ГУРБА

Имом гӯшт овард, ки меҳмони олиқадр ояд. Гӯшти коғазпечро рӯйи кати чӯбӣ гузошту ташноб рафт. Гурба омаду гӯштро бардошт. Саг сур кард ӯро. Гурба гӯштро болойи сафедор баровард. Чун Имом баргашт, гӯштро надид. Сагро дид, ки ба сафедор рост шуда, баромада натавонад; ғуррад. Ӯ нигарист ба тори сафедор ва гурбаро дид, ки ба таҳдиди саг парво накарда, дар шохе савор гӯшт хурад. Мард ғазаб кард ба duzdii гурба ва дарахтро ларзонд, то гурба фурояд ё гӯштро андозад. Лек гурба на ба аку ғурри саг эътибор доду на ба дӯғу пӯписа ва сангу чӯб боло андохтани одам. Шӯрид мард ва косаи сабр лабрез гашт ва тозон рафта табар оварда ба бехи дарахт зад. Дар чунин ҳолат ҳам гурба писанд накарда гӯшт мехӯрд ва нияти фуромадан надошт. Сафедор қирс-қирс карда паҳлӯ рафт ва барқад афтид. Гурба ё аз тарс ва ё аз зарбу лат худро гум кард. Саг даррасиду ӯро хӯрд...

Рӯзе ба чашми Имом ғармиҷа (захм) баромад. Даво наёфт. «Аз паси зани ғар салом бидеҳ» гуфтанд; чунон кард, батар шуду беҳтар на. «Ба мурдории одам салом деҳ» гуфтанд; салом дод. Батар шуду беҳтар на. Табиби бемурувват «Равғани кӯрмор бимол» гуфт. Чунон кард. Мағоки чашм ҳуллонд ва чашмро нобино гардонд.

Гуфтанд: «Дуъои гурба гирифт».

29.03.10.

## КӮРРОҲА

*Гар мол надорӣ, саг мадор.*
*Халқӣ.*

Паймон карда будам, ки дигар саг нигоҳ надорам; зеро мол надорам ва нигоҳубин, хидмату гӯру чӯбе, ки барои онҳо кар-

дам, ба худ накунам: аз хурдӣ парво мекардам бо ширу гӯшт; чун нафсашон баду иштиҳояшон гурггир мешуд, ҳар чизро мехӯранд: аз об то устухону лоланг (саркут). Сагдориамон аз он сар шуд, ки набераамон сагбаччаи сари роҳ сари даст доштаро дида, ҳавас кард, харидем. Гӯшу думаш буридаи ҳушёр буд; фурӯшгор «саги зотии чӯпонӣ» гуфта сахт таърифу тавсиф кард. Полвон ном ниҳодем. Кӯдаконро ёр буд ва зуд касро ошно мешуд.Вале бузургшавиаш чун баччаи одам буд: сесола шуду як зайл хурдаки ғуммачаи пакана монд. Ба ҳар кас «Полвон» гӯён шинос бикунӣ, механдид. Зеро ҷисму садояш кӯчак буд; аз ин рӯ саг нею «кучук» мегуфтем. Тановар нашуд, аммо ғайрату бедориаш аз харсагҳо фузунтар буд. Шарфае шунавад, остонаи дарвозаи бастаро меканд. Вале касеро зиён нарасонидааст...

Коре шуд. ки нашавад, авлотар буд: Аз ноҳия як саги хирссуратро бо зӯрӣ ба мошин бор карда овардем. Соҳибаш «Рембо» ном гузошта будаст, мо низ Рембо мегуфтем. Касе аз сари девор нигоҳ карда наметавонист. Якбора гум шуд. Даракашро ёфтем, лек аз дасти ӯ гирифта натавонистем; зеро дузд буд ё маккор, ки «Харидам, мефурӯшам» гуфт. Гӯё касе дуздида, ба ӯ фурӯхтааст. Гумонамон аз хешбаччаамон буд; дар аҷаб будем, ки ӯ хонаи сагҷаллобро чун донад? Ӯ миёнарав шуд мову сагҷаллобро. Лек ман дасту дил шустам аз он саг... Аз бозор кучук харидем. Лек полвонча ӯро рӯз надод: бо ҳар роҳу равиш хӯроки онро ҳам моли худ мекард; гарчӣ сер бошад, хӯроки ӯро бурда баҷо мекард барои рӯзи мабод. Чунин хислати Полвон ба одамони бағиём монанд буд. Кӯдакон номи кучукро «Челсӣ» гузоштанд ба хотири тими футболи Инглис; зеро мухлиси он даста буданд. Ҳатто нагузоштанд, ки гӯшу думашро буррем. Гоҳи наҳорӣ ғур гӯяд ҳам зӯраш ба Полвон намерасид. Сонитар қад ба қад мегаштагӣ шуд, аммо Полвони ботаҷриба зӯр мегузаронд. Рафта-рафта Челсӣ ӯро зери пой кард. Полвон наздик омада натавонист. Лек худро ёр ва ёвар мегирифт ба ӯ. Агар дарвозаи ҷониби бемористонро кушоем, баробар баромада, тохтутоз мекарданд ва рӯйи хоку сабзаҳо ғел мезаданд. Рӯзе ба касе ғурид Челсӣ. То ӯ ба кас зиён наорад, ман тохта баргардонданӣ шуда, номашро гириф-

та, басиёсат дод задам. Он мард ба ман часпид: «Сагро ба ман ангехтӣ, мепарронам!» Ман ба таври хеш боздоштанӣ шудам сагро; ӯ ба таври худ, баракс пазируфт, ки қасде дорам. Гуфтам: «Бо роҳи рост равӣ чӣ шавад? Дуздвор аз девор гузашта, бо бероҳа меойӣ?!»

– Ман профессори ҳамин бемористон, бо ҳар роҳе хоҳам, меравам! Лек сагатро мепарронам!

– Паррон! – гуфтам бо ғазаб. Андеша накардам, ки он солҳо ҳар раҳгузар силоҳ дошт. Баъд бим карда, сагҳоро берун намебаровардагӣ шудам. Ба назарам ҳавлӣ тангӣ кард барои ду саг ва онҳоро аз дарвоза берун сар додам. Як бегоҳ Челсӣ ба хурок нигоҳ накарда, мисоли каси кулфатдида маъюсу озурда намуд. Дилдорӣ карда ҳол пурсам, ба ҷойи ӯ Полвон гирди Челсии ғамӣ гашта, ба ӯ нигоҳ карду ба ман ва ҷониби дарвоза «ак» зад. Чизе нафаҳмида, сӯйи дарвоза нигаристам ва дилпурсӣ кардам: «Ягон кас ранҷонд? Санг зад?» Полвон гӯшҳои бурида чур карданӣ шуда ҷунбонд, дум ликонд, аммо гӯшҳои дарози Челсӣ ба рӯйи чашмони маъюсу камнураш хамида буданд. Андар замини намдор ба шикам хобида, фӯк бар пойҳои ёзида гузошта, андешаманд тофт монои одами ранҷуру пурғам. Сонӣ беқарор гашта, хеста ба ҷӯйбор даромада дароз кашид. Чун аз ҷӯйбор баромад, хун мезид. «Сӯзан ё заҳр хӯрондаанд» гуфтанд ҳолдонҳо. Ду пойи ақиб кашола шуд ва ҳамон зайл ҷисми хеш бардошта натавониста, мурд. Баъди чанд рӯз Полвон ба чунин дард мубтало гашта, низ мурд. Ғамӣ гаштанд кӯдакон. Ман ҳеҷ илоҷ наёфтам. Ба ташхисгоҳи бемористони «Амрози саратон» рафтам, то профессори «дӯғмаст»-ро пайдо карда, савганд диҳам, ки чаро чунин кард. «Профессор Руссия рафт» гуфтанд...

Чун аз он тараф баргаштам, ҳамсояи навро дидам, ки аз сари девори ҳавлиаш гузашта, ҷониби бемористон меомад. «Роҳро монда аз сари девор...?» пурсидам.

– Дидам, ки сагатон нест... Ба бемористон наздик гуфта, аз сари девор паридам.

– Ҳааа...

Сӯҳбатро дароз накардам, чунки ба дилам нагунҷид. Лек баъди дуртар рафтанаш беихтиёр аз пасаш нигаристам. Сонӣ

дарвозаи ҷониби бемористонро баста, аз дарвозаи тарафи Офтобрӯ ба кӯча баромадам. Назди дарвозаи ҳамсояи нав чанд кас меистоданд. Нафаре маро шинохта, «э!» гӯён пеш омад ва вохӯрӣ карда дафтари достон кушод:

– Ҳамсояатонро мешиносед?

– Шинохтани ҳамсоя фарз, ҳам қарз.

– Бар падаратон раҳмат. Фарзу қарз, лекин моро гаранг кард. Рӯзи худо меоем, дараш баста. Қарздор. Гурехта мегардад.

Аз дилам чизе гузашт: андешаю мулоҳиза. Забон газида, китфон дарҳам кашидам: «Надонам».

– Ману шумо шиноси кӯҳна. Ман бародари додситони...

– Мешиносам... Салоҳиддин.

– Бар пааратон раҳмат. Ана ин визиткаи ман. Ҳамсоя пайдо шавад, як занг. Мо ҳар рӯз ба ин ҷо омада... худатон мефаҳмед. Шумо дойим ҳамин ҷо. Мо шумоя розӣ мекунем.

– Ташаккур ба ҳиммататон... Ба шунидам, ӯ намояндаи савдои ҷумҳурӣ дар Дубай ё Сингапур...

– Мо инро медонем. Шунидем, ки омадааст. Гурехта мегардад... Паймон буд, ки сари вақт пулро баргардонида натавонад, хонаро медиҳад. Ба ҳар ҳол, як хидмат.. «Хаёлашон, ин як хидмати оддӣ; саволу ҷавоби индунёйиву ондунёйӣ надорад. Мисли шумо ҳар рӯз чанд кас меояд. Ба ҳар кадоми он занг зада, «омад» гӯям, кор чӣ шавад? Сари худро зери ташвиш гузорам? Бе қарзу воми шумо ҳам сарам зери андешаву ғам, ки сагони маро кӣ кушад? Сабаби дарвозаро монда, аз обмӯрӣ баромадани ҳамсоя рӯшан. Лек сабаби мурдани сагон торик. Раҳми Худо ояду рӯ ба рӯ гардонад...»

Дузд пайдо шуд: сари девори пастаки ҳамсоя рахна гардид ва равғанӣ ҳам намуд чун либоси устоҳои мошин ё пӯшоки ҷувозкашон. Маълум нест, ки нақши пойи дуздон ё пайи дасти соҳиби ҳавлӣ? Сарам каду гашт аз фикру андеша. Ба ҳазор кӯчаву тангкӯча даромада, баромадам. Аммо чора набуд. Коғазчаи Салоҳиддинро аз ҷайб бароварда, рақами телефонашро чидам: «918...» Давомашро чида натавониста гӯширо гузоштам. «Ҳамсоя ба ҳаққи Худо баробар»; зеро мурдаи маро то онҳо хабар меёбанд, ки ҳамсоя бурда гӯронад. Лекин

боз пайдо шудани дузд моро ба ташвиш овард. Боз саг гирифтан лозим шуд. «Боз саг гирифтед, ҳамсоя?» Баргашта ҳамсояро дидам, ки аз девор гузашта буд. Ин бор напурсидам, ки чаро дарвозаро монда... балки хоҳиши Салоҳиддин ёдам омад; даҳон пур кардам, то чизе гӯям, боз забон газидам: «Пули кию, қарзи кию дахмаса бар сари кӣ?»

«Ҷияни Калон нотоб шудаст...»

«Ҷияни ҷаноб?»

«Нeee, наход ҷияни ӯ дар ҳамин ҷо хоб равад? Вай ҳам ҷӯрем. Ӯро дар беморхонаи Москва хабар гирифта будам. Ин ҷияни «Умури хориҷӣ».

«Ҳааа... Бо роҳи калон равед хуб нест?» – калонгариву калонгапии ӯро дониста бардор додам.

«Обраҳа як қадам... Вазир одами хуб. Чанд бор аз мурдан гардонданд... Сагча харидед-а?» инони сухан ба тангкӯчаи дигар гардонидан хост ӯ.

«-Не, худаш омад» гуфтам. Вале шарҳ надодам, ки киллае мурғхор дар зери буттаҳои марминҷон зойида, баччаҳояшро равон карда, ба сагкосаи беруни дарвоза хӯ гирифт ва ман ҳамин баччаи каллакалонашро гирифтам. Барои он ки ҳама андеша аз сар дур шавад, фармудам: «Одамхӯр мешудагӣ барин».

«Шумо сагшинос, ҳама сагҳоятон одамхӯр».

«Ба ҳар ҳол, саги одамхӯр, беҳ аз одами сагхӯр».

Ин ҳарф омад ба забонам. Онро фикр накардаам. Аммо ҳамсояро карахт гардонд. Сар андохт лаҳзае ва чизе нагуфта, равон шуд. Аз байни буттаҳо нигаристам, ки куҷо равад. Гаштаву баргашта ба пас нигарист ва паси бинои «Амрози саратон» пинҳон шуд. Рафту дидори шумаш дар чашмонам монд. Бад дидам худ аз худ. Боз визиткаи Салоҳиддинро баровардам: «Ҳамсоя омадааст...» Дар хаёлам будааст ин ҳарф...

Кучуки дуздиро «Дуздгир» ном ниҳодам. Дидбонгоҳро низ дигар кардам. Рӯ ба рӯйи ҳавлиамон қафасаи нави бинои «саратон» рост шуда буд. Чун «Дуздгир»-ро беруни дарвоза баровардам, ба он бино рафта, дидбонӣ кардам, ки бало аз куҷо ояд. Чанд бор кормандони беморхона раҳи кор гузаштанд, оромӣ буд. Ҳамсоя низ мегузашту мерафт. Сагча сӯйи ӯ

меғуррид ва «ак» мегуфт. Ҳамсоя чунон ки сӯйи каси бадкор бо ангушт таҳдид карда ларзонад, тарафи ҷонвар ангушт меафшонд. Оромӣ, ҳеҷҳодиса нест. Одамон ба роҳи худ раванд. Вале ин бор ҳамсоя аз девор париду пасу пешро аз назар гузаронд ва аз ҷайб коғазпечро бароварда, пеши саг андохт. Ман ҳам худро аз зинаи бино паст партофта, тохта омадам. Дуздгир ҳоло коғазро кушода натавониста, онро бӯ мекарду дандон мезад. Худро партофтам. Вале ман ба коғаз нарасида Дуздгири баднафс коғазу ҳар чӣ андарунаш буд, фурӯ бурд...

Дар ҷои сагҳо ӯро бараҳнаву чорпо дидам. Нӯхтаи саг дар сараш. Чорғов буд. Қади сими барқад медавид, худро ба оби мурдоби ҷӯйбор мезад. Хун мезид. Пойҳои пас кашол шуданд. Дарвозаро кушода ба сагкоса хӯрок андохтам, ки ӯро мурдаи шахшуда дидам. «Магар заҳр хӯрда, ки, сагона мурда?».

18.04.10

## ШОҲИДОНИ ДУЗД

Онҳо ду сар монданд: Алову Бӯр. Чанд хоҳару бародарро ҳар кас бурд, ин дуро касе нагирифт; чунки ин сол аз қабили он солҳо набуд. Он солро соли Муш хонда буданд шартан; зеро ҳама ҷоро муш зер карда буд. Аз сарварашон Росу сар карда то каломушу муши сиёҳу кӯрмуш ғоратгар шуда буданд; ҳатто гурба мехӯрданд. Ин сол низ мисли он солҳо мебуд, ҳоҷати ба Алову Бӯр дилбазанӣ кардан ё аз онҳо безор гаштан набуд; ё одамон аз бими муш талабу тавалло карда мегирифтанд ё мушҳо мехӯрданд... Ҳолиё гурбачаҳо аз бетартибу шӯху бебок буданашон дилбазан гаштаанд. Он сон нозгунҷ, ки мушу кафтару сору майнаву мусича ё гунҷишку гӯшти дуздӣ кашондаи оча як сӯ, ёфтаву тофта ба онҳо сарф карданаш дигар сӯ, худ ба хоб андохта шири оча макиданашон сад сӯ; сахт бетартибу беадаб шудаанд. Ягон гиёҳи рост намонд; гулу гулбутта намонд? Ҳамвор карданд ба замин. Ҳоло қасди дарахту токро доранд, ки афкананд. Часпидаву ханҷолкаш бароянд. Аз баландӣ сар тофта ба паст нигаранд; аз тарсу ҳарос гоҳ сарнишебу гоҳ пас-пас ханҷолкаш фуроянд; он қадр ба ҳам часпидаву панҷаву дандон зада,

ҳамдигарро ғелондаву талоши нобуд сохтан кунанд, ки баччаи одам бошад, ҷон ба саломат набарад. Лек ягон ҷои онҳо ҳарошида нагардад; ҳатто тори мӯй нарезад. Бо вуҷуди он ба дили соҳибхонаҳо заданд. Аммо набераҳоро воситаи бозиву шодмонӣ. Ҷонварон хислати кӯдаконаи онҳоро дарёфта, дур наравmember. Вале ҳайфи гулу гиёҳ. Як соли дигар лозим, ки аз сар сабзанд. Ҳатто бозёфти мардакро нобуд сохтанд: аз рӯйи фаҳму фаросот ӯ нардҳои дарози садбаргро бурида, барқад зери хок хобонд ва онҳо баҳорон неш кашида баромаданд ва ғунчабасар ҳам буданд. Соҳиб шодмон гашт, ки реша гиранд, баҳори дигар ба Боғи Боло бурда шинонад. Шӯхакони бебоку бепарво ранҷу меҳнати ӯро барбод доданд. Ӯ дигар сабр накарда, Алои монанд ба оча ва Бӯрро ба мошин савор кард, то бообрӯ ба ҷое бурда, иҷорашин гардонад. Он вақт онҳо аз модар ҷудо гашта, ҳайрон ҳам буданд, ки ин ҳама эҳтиром барои чист? Ронанда мошинро боздошт, садо ҳам дардод. Муддате гузашта зане омада ба мошин нишаст. Чиҳое гуфтанд. Гурбачаҳо шуниданду баъзе чизҳоро сарфаҳм рафтанд, аммо чизе гуфта натавонистанд. Канори руд бозистод мошин ва дарҳоро боз карданд, то ҷонваракҳо бароянд. Аммо онҳо ҷойи бегона дониста набаромаданд, балки зери курсиҳо пинҳон шуданд. Ронанда даст ёзида онҳоро гирифт ва зери маҷнунбед бурда, пӯсти мурғу устухонҳои нимхӯрдаро нишон дод: онҳо бӯй ҳам накарданд. Бӯр дум ба занак молида гузашт, Ало тақлид кард. Гоҳи рафтан онҳо аз пас кашол шуданд. Аммо ронанда дарҳоро баста, мошинро ронд. Гурбачаҳо чанде аз пас тохтанду мошинро гум карданд...

Онҳо он чӣ аз модар омӯхта буданд, ба кор бурда рӯз гузарониданд. Вале ҷою манзили навзодиашон дигаргуна буд; маззаи шири модар низ дигар.

Мошин омад; мошини шинос. Гурбачаҳо худро пинҳон карданд андар паси харсанг. Мошин канори хингбед қарор дошт. Занак аз мошин баромад. Ба оби руд нигарист. «Хунук!» гӯён даруни мошин шуд. Марди онҳоро оварда низ даромад ва дер ҷунбуҷӯл карданд. Ин замон гурбачаҳо худро зери мошин гирифта, паси чарххо пинҳон шуданд. Мошин

дер ҷунбид. Онҳо бозӣ пиндошта, боло нигаристанду ба ҳам. Сонӣ ором шуд мошин ва баъди фурсате дарҳо кушода шуда, онҳо канори об шуданд ва дасту рӯй шустанд. Гурбачаҳо фурсат ғанимат дониста, ба мошин даромаданд ва зери сандалӣ ҷой шуданд. Такпӯшаки зери пой афтидаро ханҷолкаш назди худ гирифтанд. Нафас дарун кашида нигарон истоданд.

Баъди аз ҳавои форами рудбор нафас рост кардан марду зан ба мошин даромаданд. Зан чизе ҷуст. Мард «надидаам» гуфт. Чун зан зиёд пурсид, «об бурдагист» фармуд мард ва афзуд: «Дар мошин кӣ мебинад?»

Гурбачаҳои зираку ҳушёр ба сухан сарфаҳм раванд, аммо фаҳмонида натавонанд; донанд, ки зан чӣ ҷӯяд ва мард чӣ гӯяд. Лозимӣ зери пойи онҳост. Зан тори сари онҳо нишаста. Ало пойи бараҳнаи занро чангол зада, ба хадукаш расиданист, аммо Бӯр нагузорад. Алоро ҳавас зиёд, ки моҳичаи сафеду таранги пойи занро лесад, лек Бӯр панҷа зада, амали ноҷо боздорад, то асрор ҳувайдо нагардад ё соҳиби бераҳм аз фарёди зан тарсида, моргазида пиндошта, мошинро чаппа накунад, ки ҳама яксара шаванд.

«Тарсам, ки гоҳи аз дар даромадан шӯям куртаамро бардорад» – ба гиря даромад зан.

«Чунин одат ҳам дорад?»

«Мард-дия, ҳиччӣ гуфта намешад».

«Агар доманатро бардорад, гӯй, ки тайёр шудам...»

«Шумо мардҳо ҳамин; маътали харатон аз об гузаштан... баъд масхараю таъна мекунед».

«Таъна не, ман ҳайрон, ки аспаки туро кӣ дуздид?»

Аз зери курсӣ Ало «мӣ» гуфтанӣ буд, ки Бӯр панҷа ба сараш зад. Зан садоеро пай бурда ба ронанда нигарист. Ӯ фармуд: «Роҳ ноҳамвор». Вале зан қаноъат накарда, дилхиҷил фуромад аз мошин ва аз рӯйи одат як бор ба камар даст бурд, ки банди трусӣ тоб дода, онро ба тартиб орад, аммо банди эзор ба даст наомада, ба чапу рост нигарист, ки шавҳарашро сари кӯча дида бошад. Бо кӯчаи рост нарафт, балки бо тангкӯчаи дигар рафт...

Баъди дари мошинро қуфл кардани ронанда Алою Бӯр аз

зери курсӣ баромада, бино ва дарахтони шиносро диданд ва бӯйи ошноро шуниданд. Садои кадбонуро шинохтанд. Сонӣ ба бозиҳое, ки рӯйи ҳавлӣ омӯхта буданд, машғул шуданд: даруни мошинро тагорӯ карданд; сар-сари курсиву нишастгоҳу таги курсиҳо тохтанду ғелиданд. Садои очашон омад, ки аз фироқи баччаҳо менолид; сахт монанд буд ба гиряи модари баччамурда. Онҳо қарор истоданд баробари шунидани овози оча: садо дардиҳанд ё на? «Миии» гуфт Ало тарсидаву ларзида. Бӯр нигарист ба ӯ, аммо садо набуровард, ки агар ронанда шунавад, бе чуну чаро бозпас барад. Чун кадбону аз рӯйи одат рӯдаи об кашола карда, мошин шуштанӣ шуд, онҳо пушти шишаи пеши мошин ҳозир шуданд ва латтаеро кашокаш карда даррондан хостанд. Занак бо ҳайрат наздик шуда нигарист ба гурбачаҳои шинос ва ба латта. Ҳангаш канда, рӯдаи обдорро кашола карда, назди шӯ овард, ки рӯйи тахтакат роҳат кардан мехост:

– Ношушта, чаро гурбачаҳоро боз овардӣ?

Шӯ бо ду кафи даст пеши оби пошидаро дошта, арбада кард:

– Девона шудай, занак?! Кадом гурбача? Ман онҳоро...

– Ту онҳоро ба хонаи фоҳишаат бурда будӣ, эзорашро duздида оварданд? Хез дафъ шав! Ҳароми ношушта!

Шӯ низ чиҳое бофтаю тӯҳмат карданӣ буд, ки шалолаи оби тез ба даҳону бинӣ бархӯрда, гуфтан нагузошт. Рӯй гардонда дод зад: «Ту... (нафасгардон) ту... девонаӣ?!». Зан наздик омада, аз гӯшаш сахт дошт ва чун кӯдаки гунаҳгор кашида, як даст ба гӯш, дасти дигар ба рӯдаи об назди мошин бурд.

Гурбачаҳо аз ду ҷониби трусии сафеди холдор дошта мекашиданд ва эътиборе ба омадани соҳибон надоштанд. Шӯ чун ҳолат дид, ба зан нигарист, китфон ба ҳам кашид: «О ин эзори ба худат харидаам-ку?!»

4.06.10.

## АГАР БОБОМ НАМЕБУД...

– Ба ту мурд оча! Чихел калонак шудаӣ? Фарбеҳак шудаӣ.

– Бибем-дия! Аз даҳани худашон гирифта, ба даҳани ман меандозанд.

– Сафед шудаӣ, мисле ки дар онҷо офтоб набошад.
– Ҳаст. Лекин бибем намонанд, ки ба офтоб бароям. Нагузоранд, ки дастамро ба оби хунук занам...
– Ҳа...
– Ҳама корро худашон мекунанд. Рӯз нашуда, дар сари дег. Шир мепазанд, тухм мепазанд, ҳасиб...
– Ту чӣ кор мекунӣ, баччаҷон?
– Ҳич кор. Мехураму ғел мезанам...
– Ғел мезанӣ? О мо туро фиристода будем, ки ба бибиву бобо ёрӣ диҳӣ.
– Ёрӣ медиҳам, лекин бибем намегузоранд, ки...
– ... намегузоранд, ки... чӣ?
– «Мон бебало шинам» мегӯянд.
– Чаро?
– Як рӯз пеши по хӯрда, як даста табақи чиниву тақсимчаро шикастам; бори дигар термос аз дастам афтида... Ман қасдан накардаам.
– Бибеш ҷанг карданд?
– Не. Бибем шикастаҳоро дам назада бардоштанд. Лекин бобом «Дигар ӯро кор нафармо» гуфтанд.
– Ҳааа, бобош дигар хел одам.
– Ганда-а?
– Кӣ гуфт ба ту ин гапро?!
– Худам мегӯм. Як кори беҳудаву берухсат карда нашавад. «Ҳа чӣ шуд? Ҳааа, чӣ кор кардӣ?!» Ғайри таъкиду таҳдид гапи дигаре не. Ҳамун гапҳо ҳама дар китобҳои дарсӣ ҳам ҳастанд. Боз бобош илова кунанд: «Беҷо нагард, дурӯғ нагӯ, фиреб макун, рост рав, рост гӯ, рост шунав». Аз шудагам, ки ҳамин гапҳоро мешунавам. Гӯё дар дунё дигар гап набошад. «Ооо. Вай ғилдирака гум кун! Ғалтида даст-пастатро нашиканӣ, ки дар бало монам!» Бибем ҳам чунин гӯянд. Ин «бало» чист?
– Ту ҳоло он «бало»-ро намедонӣ; ба собуни ӯ ҷомашӯйӣ накардаӣ. Корат афтад, мефаҳмӣ. Он бало ба сари онҳо об рехт, акнун худро аз дигар балоҳо раҳо карда натавонад. Ту бояд ҳушёр бошӣ ва аз ҳарфи бобо берун набарой. Зуъми бобо гирад, осмону замин ба ҳам часпад, аз феълаш нагардад.

Писар ба осмону замин нигарист ва боборо пеши назар овард, ки ҳайату ҳайкали бузург дорад ва сараш осмон сояду пояш замин. Сонӣ даҳонаш воз сӯйи модар нигашт: «Ҳамин хел».

– Чихел?

– Ман метарсам аз ваҷоҳати бобо... Намефаҳмам... ҳатто ба хӯрдану шину хез ҳам кордор: «Даҳонатро пӯшида, бихой; зӯр зада хӯрокро қулт набар; саросема нашав; чумчаву косаро ба ҳам назан; ин қадар наҷумб; ба як по шину ба як по хез; бинӣ накаш; гоҳи атса задан рӯй аз дастархон гардон; китоб хон; дарс тайёр бикун; дарсамро кардам, нагӯй! Дарсро тайёр кардам, бигӯй... кароче, илоҷи чапу рост гаштан нест...

– Яъне, ту дигар Душанбе рафтанӣ не?

– Агар Бобом намебуд...

7.06.10.

## САВДОИ УМР

– Ҳамин занак воқеъан модаратон, ё...

– Наход ман ба шумо дурӯғ гӯям. Ба шумо дурӯғ гӯям, ба Худо чӣ гӯям? Ана шиносномаашон: Ҳабибова Саъодат. Ана шиносномаи ман: Ҳабибов Табиб. Дар шаҳодатнома рӯйирост навиштагӣ: Падар – Ҳабибов Ҳалим. Модар – Ҳабибова Саъодат. Лозим намешавад, гуфта, шаҳодатномаро наовардам. Наход бовар надоред?

– Ман бовар дорам, лекин рафторатон ба писар не, ба миёнарав монанд.

– Не-йе, Худо нигаҳ дорад-э! Писари рӯирости...

– Пас чаро хиромонӣ доред?

– Хиромонӣ не, пул кам... Шумо директори гениалӣ-а?

– Гениалӣ не, генералӣ.

– Ҳа генерал, мо намедонистем, ки савдои умр ин қадар қимат аст. Бозёфтамонро овардем. Илоҷ бошад, кам кунед.

– Агар ин ҷо бозор мешуд, савдо мекардем. Ҳар чиз нарх дорад.

– Ҳамтую раҳмат ба ҳукумати Шӯро, ки худаш рафта, бо мошин оварда, табобат карда, мефиристод.

– Рост, ҳама корро мекарду дар охир мегуфт, ки рӯзҳои

башумор мондааст. Чунин табобати дил дар он замон набуд. Рост, ки то мурдан дорую дармон мекард.

Онсӯтар модари ранҷбар андар қатори курсиҳои рӯ ба рӯйи телевизори дар девор насбкарда нишаста, тарафи он нигоҳ ҳам намекард, балки гирифтори дарду ранҷи хеш буд ва сарбасукут хаёл дошт, ки чанд муддат монда аз умр. Аз он ки писар дар паси шишаи шаффоф бо доктор боқии умри ӯ савдо кунад, хабар надорад. Лек одати писари бозорнишинро донад, ки то нархро се ё сад бор наҳ назанад, савдояш напазад. Одати савдогари машриқзамин чунин; зеро дар рисолаи «Бозор» омада, ки молро наҳ назада ва нархро набуррида, чизро бихарӣ, ҳалол набошад. Писар шояд аз ҳамин назар нархро кӯтоҳу савдоро дароз карданӣ бошад, лек табибони ноогоҳ ба ҳоли ӯ хananд, ки умри модар савдо кунад. Ҳарчанд ба ӯ фаҳмонанд, ки ҷарроҳии рагҳои танги дилро бояд зуд ба ҷо овард, ӯ аз рӯйи касбу амали хеш бояд нахуст молро ҳалол гардонад.

«Чихел ба шумо фаҳмонам? Дарди модар саҳл нест: як раги дил наваду ду фойиз танг шудааст, раги дигар ҳафтоду чор фойиз. Раги сеюм бисту ҳафт. Раги сеюмро монда истем ҳам мешавад. Лекин ду раги аввал...»

«Ман фаҳмидам, доктор. Ангиография кардан лозим гуфтед; як «стен»-и амрикоӣ ду ҳазор доллар гуфтед. Ду дона гузаронед, чор ҳазор. Раги нимак ҳам... Хайр онро монда истем. Хидматонаву дастмузди ҷарроҳу дигару дигарҳо ҳам ҳамин қадар. Ҳашт ҳазор, гӯем. Ҳазорашро гузаштед, ҳазор ташаккур... Боз чӣ қадр имкон доред?»

«Ман дигар имкон надорам».

«Кӣ...»

«Намедонам... Тарсам, ки вақтро гузаронида, модарро...»

«Худо нигаҳбон, ҳамиқа вақт нигаҳ дошт... Лекин мо чунин имкон надорем. Дар ҳамин пойтахт ягон саховатманд ҳай, ки...»

«Шояд бошад, лекин ман надонам».

Дасте ба китфи писар расид. Ӯ баргашта модари замингирро дид, ки базӯр нафас рафта ояд. «Хезед, буравем» бо ҳавои

нафас ва ишораи остин фаҳмонд модари пир. «Дидед, доктор?» сӯйи доктори ноилоҷ нигарист писар. Писари паканаи қаду бар баробар, ки гардан миёни шонаҳо фурӯ рафта буд аз фарбеҳӣ ва монанд ба кисаҳои шими дамидааш буданд, даст ба кисаи шим андохт. Агар кисадамондаро рӯймолча пиндорӣ, чаро ӯ араќи сару гардан бо каф пок карда ба шим молад? Пул гӯйӣ, худро бепул гирад. Чӣ бошад андар ҷайбҳои ӯ?

«Модари мушти пара гирон буравам?»

Модар низ чандон болобаланд нест. Шояд замоне буда, ҳоло хамидақомати замингир. Ба сар дурра баста, аз болояш қарси сафед андохта, ҳайдав гузоштааст. Ё аз бемадорӣ ё сохта хештан уволак гирад, то раҳми дигарон орад.

«Ихтиёратон. – бепарво посух диҳад мудир.– Ин кори маҷбурӣ нест. Ихтиёрӣ. Қассоб гуфтед, а? Қассоб. Як кило гӯштро бепул медиҳед?»

«Ба шиносҳо насия медиҳем... бепул... чихел? Молро харида мегирем. Ҳисоб мекунем, ки ҳаққи корду обу сачоқро нагирем. Музди корамон ҳам ба қавли ҷаноб, ройгон; нархи пӯсту шоху думу кавшакҳо ҳам ба каллаи худамон. Ҳол он ки говфурӯш ин ҳамаро ҳисоб карда мефурӯшад. Бинед, мо чиқа саховат дорем. Як кел гӯшт дар Душанбе сӣ сомонӣ бошад, (чил сомонӣ ҳам ҳай) мо бисту панҷ сомонӣ мефурӯшем. Мо гуноҳи хуни молро ба калла мегирему ба халқ сабукӣ афтад, мегӯем. Ягон каси дигар ҳай, ки дар ин бора ӯй кунад? Нест. Шумо аз уруқи худамон барин. Гузашт кардед. Раҳмат. Бар падаратон раҳмат!»

«Одамон дурӯғ мегуфтаанд-дия».

«Чихел дурӯғ? Рост!»

«Мегӯянд, ки қассобҳо ягон чизро напартофта, ғадудро ҷудо накарда, ҳатто устухонҳои зиёдатиро бо табар қима карда, калларо пӯст канда, табарқассобӣ карда, бо дасти чап аз таги гӯшт чунон чашмбандона гузоранд, ки харидор гоҳи гӯштро ба дег андохтан онро бинад...»

«Дурӯғ! Кадом ғариб гуфтааст... О ғариб-э. Дар ягон соҳа кори ҳалол набудаст-дия...»

– Бед, буравем, болам.

– Сабр кунед, она. Савдо намепазад...

– Бед, буравем. Дар ватанамон «Ёсин» хонанд, манаҳамро банданд...

«Дар мо ҳам мисли гуфтаатон, чунин корҳо ҳаст; дигархелтар: барои маслиҳат, хидмат, миёнаравӣ, ҷой, хӯрок, тоза кардани зери ноф...»

«Лозим не!»

– Э, вой-йе!

– Бед як некӣ кунед, мо як ғариб одам. Боз ҳамон гап – по-палам.

– Ғариб бошед ҳам, аҷиб. Пулу муомила дар ихтиёри ман нест. Ба шумо гуфтам, ки ҳеҷ кас ба ин кор ҳамроҳ шуда наметавонад.

– Мани ғариб ин чизҳоро намедонистам, набошад аз ягон шинос қарз мегирифтам. Шумо албатта ин корро ба ҷо оварда наметавонед, мӯҳтарам мудир.

– Кадом корро?

– Қарз додан...

– Бед, худатонро гаранг накунеду маро ҳам...

– Ин хел бошад, шумо бо ҷарроҳ ошно, гапи шуморо мегирад; гӯед, амалашро гузарондан гирад. Ман назди ошноҳом рафта, қарз карда меоям...

– Чӣ лозим савдои хом?

– Не-не, хом не, пухта.

– Наёбед-чӣ?

– Наёбам, фармуди Худо... Ё худи докторро бинам?

– Кори шумо... Ӯ ҳам гузашт карда наметавонад, чунки барои ҳама хизмат мекунад.

– Ақаллан корро сар кунад, ман назди ошноҳо рафта...

– Ман ҳеҷ чиз гуфта наметавонам. Вақт мегузарад. Модар дардро бардошта тавонад ё не. Нигоҳ кунед, дар курсӣ хобаш бурд.

«Она! Чӣ шуд?!»

«Бед буравем, болам. Мадорам намонд».

«Она, ман ин ҳама корро аз барои шумо мекунам. Ман дигар кӣ дорам?»

«Ҳамаашро фаҳмидам, болам: сахт азоб доред».

«Азоб не. Масъалаи гӯру чӯбро ҳам фикр мекунам. Буду шудро сарф кунем, фардо барои гӯру кафан ҳам пул даркор».

«Хароҷоти гӯру кафан дар сандуқ, болам...»

Соати корӣ ба охир расид. Докторони хориҷии вақтбайъ дипломат дар даст баромаданд. Ба соат нигаристанд, то зудтар ба фурудгоҳ расанд. Писар даҳон воз монд. Даст дароз кард аз паси онҳо. Пасон осема гашт ва ба назди мудир тохт, ки низ дари корхонаро калид мегардонд.

– Медонед-чӣ? Мудир-ошно! Ҷамъияте моро ба воя расонд, ки бо чунин рафтору кирдори шумо муросо кардан имкон надорад. Аз пешоҳанг то академик як барнома дошт; пешоҳанг ва академикро якранг – бепул табобат мекарданд. Имрӯз дар таги даратон одам мурад, парво надоред.

– Дунёи бӯқаламун, ошно. Ҷав корӣ, ҷав даравӣ.

– Ҳааа, фаҳмидам шумо кӣ ҳастед; шумо мисли он занаке, ки ду танга ёфта, дар бозор ҷор андозад: «Агар Истиқлолият даҳ сол пештар меомад, ман ҳоло «миллионер» будам!»

– Бале, ошно! Қӯри Истиқлолиятро ҳар кас ба рӯйи кӯмоҷи худ мекашад. Диққат карда бошед, фоҳишаҳо дар кулбаҳо нағунҷида, сарироҳӣ шуданд. Савдогари тоҷикистонӣ арзонтарин моли чинӣ оварда, даҳболо нарх монд. Силоҳбадаст ҳар киро хост, парронд...

– Шумо ошно, бо чунин калла набояд дар чунин ҷойи масъулиятнок кор кунед. Шумо бо чунин мафкура, ҳар киро хоҳед, зери теғ...

– Ва шумо барои пул модари худро...

«Ваоой, болам!»

– Ана пул! Ана пул! Мана пул!

Аз ҳар киса доллар бароварда, рӯйи каф дошта, зери чашми мудир бурд писар ва дод зад:

– Чақа гуфта будед? Гиред! Модарро саломат кунед!

– Нӯшдору, ки пас аз марг ба Сӯҳроб диҳанд... Садои модарро нашунидед?!...

10.06.10.

## ДОМ

«Майлис шкоида... Мувафақиятҳоро ҳамамон медонем. Ай худмонам, ай ҷумҳуриро ҳам. Танҳо ба осмон париданмон монд. Имрӯз танҳо камбудиҳоро мегӯем. Натарсед, наларзед. Вагарна мо ба ҷое намерасем. Камбудӣ ҳаст?

«Нест!»

«Чихел нест?! Лав задай! Лекин шумо метарсед. Дар замони пеш аз Ғамзодуф пурсида будаанд, ки «коммунизм месозем» мегӯем. Ин қадар камбудӣ, аз чӣ коммунизм месозем? Гуфтаст: «Аз камбудиҳо!» Лекин мо аз мувафақиятҳо месозем. Шумо камбудиро гӯед, мо бартараф мекунем...»

– Мумкин?

– Албатта.

– Пул нест.

– Ин чизи нав нест. Ҳама медонем. Пул бошад, ҷогаҳи гармро партофта, дар ғарибиҳо мегарданд...

– Раис, камбудиро аз шумо беҳтар касе надонад; чунки шумо дар сари кор.

– Ман медонам, лекин мехоҳам аз забони шумо шунавам.

– Балоӣ, бало!

– Кӣ гуфт?

Як даст боло шуд.

– Худат?

– Не!

– Даст бардоштӣ-ку?

– Гап дорам.

– Ку гап зан!

– Ҳамин балнисаи мо-ку, аз замони пеш мондагӣ, лекин корош нав.

– Камбудӣ – камбудӣ!

– Камбудӣ ҳамин ки бемор, ки аз дар даромад, то баромада рафтан пул пошем. Ҳоло чизе рӯшан нагашта...

– Шумо ҳоло ҳам дар замони пеш зиндагӣ доред, ба назаратон тобад. Мо дар замони нав зиндагӣ дорем; корамон низ бояд нав бошад... Шинед муҳтарам Қурбонуф! Боз кӣ? Камбудӣ нест-а?!

«Барқ нест! Дастгоҳҳо...»

– Тӯҳмат! Дар дигар ҷойҳо нашуданаш мумкин, лекин дар мо... мебахшед-дия... Боз?! Боз-боз! Гуфта шинам?! Бошад, гуфтан гиред!

«Нест!»

– Нест?! Кӣ гуфт, ки нест?! Лав задай! Шумо метарсед!

«Доруҳои кӯҳнаро мефурӯшанд».

– Мард бошӣ, хеста гап зан! Сара миёни чатан карда, гап назан!

«Ман медонам кӣ буд, раис»

«Шуд. Ту ин аҷалрасидаҳоро номнавис бикун, ба дигараш корат набошад...»

«Газ нест!»

– Дуруст! Мо газ надорем, чунки ҳоло таги поямонро накофтаем, ковем, барояд! Дар рӯйи замин гардем, лекин зери поямон лағҷонак... Касони дар сиёсат ноустувор набояд бо мо бошанд! Ҳар кӣ аз мо нест, бо мо нест!

15.06.10.

## ДУЗДӢ

Ман ҳам дуздӣ кардам. Пас дар рӯйи замин ё зери замин каси дуздӣ нокарда набувад; чунки ман хешро чун ҳама поку порсо гирам ва панди зиёд гӯям, то дигарон дуздӣ накунанд.

«Наход, шумо ҳам ин корро карда бошед?»

«Ёд надорам. Лекин рост ё дурӯғ, ба хаёлам як бор чунин ҳодиса рух дода буд: Амакам халифа (ҷувозкаш) буд. Чун, он солҳо, мардуми деҳ қудрати рӯғани зағир харидан надоштанд, амакам рӯғани як ҳафта гирди кундаи ҷувоз гашта, ҳосил кардаро дар ду чалак ғун оварда, дар ду чашми хӯрҷин андохта, рӯзи якшанбе, харсавор ба бозори шаҳри Панҷекат меовард ва дар растаи «Рӯған» якеро зери пештахта ва дигареро бар пештахта гузошта мефурӯхт. Азбаски мардуми шаҳр дар рӯзи бозор харид мекарданд ва ҳар рӯзи истироҳат оши палов мепухтанд, растаи рӯған сермизоҷ мешуд ва сари фурӯшгорро гаранг мекарданд. Ман, ки дар омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳр таҳсил мекардам, амакам маро ба ёрӣ даъват кард. Вазифаи ман он буд, ки ӯ зуд-зуд равған чен карда ба зарфи харидор андозаду ман пул чинам. Пул дарза

шуд ва ақлам куҷо рафт, ки як бисту панҷсумаро қат карда, ба кисаи шим задам ва хеле худро ноҷӯру нороҳат ҳис кардам: «Амак дида бошад... Одамон дида бошанд... Чӣ шавад?» Сипас чашми ману чашми амак шуд, то аз нигоҳ, аз ваҷоҳат дарёбам, ки пай бурдааст ё на? Ӯҳар бори чалакро бардошта ба андоза равған гардонида, ба зарфи касе рехтан чеҳра ва лабу лунҷ, даҳону бинӣ ва амалу ҳаракатро ба ҳар ранг мегардонд: чашмаш тангу кушод мешуд, даҳонаш кушодаву пӯшида, лабонаш каҷу килеб, раги гардан мисоли тирак дамида ва бадану дасту пояш ларзида хаму рост мегашт ва имон дошт, ки ман бе ҳеҷ макру ҳиял пул чинам ва яке харидор аз назарам наафтад.

Ду зани ғайр дар шишаи бепӯк ним қадоқ равған гирифта, болои сар бардошта, рӯ ба ман оварданд: «Бача, бақияи бисту панҷсумаро намедиҳӣ?»

Як қад парридам, ки чаро маҳз «Бисту панҷсума?» Посух ба онҳо надода, сӯйи амак нигаристам. Ӯ чалак болои пештахта гузошта, сӯям нигарист. Хиҷолат кашидам: «Корро бало зад: дуздии маро амак дидааст, харидорон низ».

«Бача, мо вақт надорем!» – садо баланд карданд занони бегона.

Ҷиддитар ба амак нигаристам, вале гуфта натавонам: «Онҳо пул надодаанд». Лек тарсам, ки онҳо аз тори пештахта ҷаҳида, гузашта, аз кисаам бисту панҷсумаи қаткардаро бароварда, «ана пули мо» гӯянд. Танам тар шуд; надонам аз арақ буд ё... зеро дар умри сарам як бор дуздӣ кардам ва ба даст афтодам. Шармандагӣ. Шармандагӣ гуфтан кам; надонам боз чӣ ном дорад он? Баробар ба он аст, ки замин кафаду зери он шавӣ.

Вале мушкили маро ҷавонмарди сӯхтаранги тори пештахта нишаста осон гардонд: ӯ ҷаҳида поён шуд ва бо шаст омада ба шиками занаки даст сӯйи ман барои пул ёзида лагад зад. Зан шикам доштанӣ шуд; шишаи равған аз дасташ раҳо гашта ба замини бетонӣ бархӯрд ва шикаст. Равғанаш рехт. Занак низ баробари шишаи шикаста ба замин дароз кашид. Ҳамроҳаш занаки рӯймоли сиёҳ то паҳлӯи чашмон баста ба ҷавонмард дарафтод. Ҷавонмард ӯро низ лагад зад:

«Чандест, ки шумо маккораҳоро мушоҳида дорам. Аз куҷо пайдо шудед?!»

Занаки вовайло хуфта моросо хазид миёни одамон ва паси пойҳо паноҳ бурд. Зани дигар шаттоҳӣ карда, гурехт.

Даҳон воз ҷониби ҷавонмард нигарон мондам. Касе надонад, ки ӯ кист ва чаро чунин амал кард? Боз дасту поям ба ларза даромад: «Рафтору кирдори занҳоро, ки мушоҳида карда, ҳама чизро дида бошад, пулдуздии маро низ дидагист». Ба чашмам коргари масъул тофт ва ҳамин замон омада, дарзаи пул аз дастам гирад ва «бурор!» гӯяд. Ман саркашӣ накунам; зеро ӯ дида. Саркашӣ ё истодагарӣ суд надорад. Ӯ зӯр. Касе баробар шуда натавонад бо ӯ. Худ аз худ дасти рости пулдорам ҷониби амак ёзид. Ба назарам ҷавонмарди сиёҳ ҷонибам теғи нигоҳ андохт. Даст пас кашидам. Зеро амак карахт буду хомӯш ва майли пулгирӣ надошт. Чунин манзараву ҳолатро таҳаммул карда натавонистам ё дарку дарёфт накардам, ки чӣ маънӣ дорад. «Яқин барои бисту панҷ суми кисаам. Якҷоя гирифтанӣ...»

Ҷавонмарди сиёҳҷурда дигар коре накарда, касеро чизе нагуфта, бар асари занони ношинос рафт. Касе надонист, ки ӯ кӣ буд.

Амак аз болои пештахта гардан ёзида равғани аз шишаи шикаста рӯйи замин рехтаро, ки баъзеҳо пахш карда нақш бар роҳ гузошта буданд, аз назар гузаронд ва ҷигот андохт; сонӣ чӣ ба ёдаш зад ё чӣ андешае дошт, ки табассум кард. Агар андешаҳои пештара бошанд, донам, ки саргузашти ҷангиашро ёд орад ва ё шуморад, ки аз паси аспи ҷувоз чӣ роҳи тӯлоние паймуда; роҳи ҷабҳа тӯлонитар буд ё роҳи марзаи гирди кундаи ҷувоз, ки баъзан сарашро чархи фалаки гардон мекард. Ман ҳеҷ пиндори хешро бо андешаҳои ӯ баробар карда натавонам; хаёлҳои кӯдакист пиндорҳои ман, орзуву умед; андешаҳои ӯ саргузашт – дида ва шунида; гуфти худаш, ки чанд бор мурда, зинда монданашро ҳисобад. Ман дар оянда кӣ шуданро орзуву хаёл кунам... Бо ин ҳама донам, ки тарс дар пеш аст: Душмани ашаддиам дар киса ва илоҷи онро баровarda ба пулҳо ҳамроҳ кардан нест; хаёлам, чашми ҳама ба дарзаи пули дастам ва ба дасти рости холиам,

ки кай лағжида, ба киса дарояд. Хуб нигарам, ҳама гирифтори хаёлу андешаи хеш, ки имрӯз чӣ харид кунанд ва то якшанбеи дигар рӯзашон чун гузарад. Ҷойи ҳама андешаҳоро кирдору симои он ду зани хунукрӯву ҷавони сиёҳҷурда гирифт: аҷиб он, ки чаро хапу дам ғайб заданд? Шояд хомӯшии пеш аз тӯфон бошад. Онҳо бо ҳам омада маслиҳату машварат бикунанд, ки корашон омад накард, пасон баргашта моҷаро созанд; кашокаш шавад ва маро гунаҳгор донанд; овозаи кирдор ба гӯши падарам расад ва маро гӯшмол диҳад: «Бо чунин умед туро хондан фиристода будам?! А! Бо ҳазор умед фиристода будам, ки дузд бишавӣ? Як ғамамро ҳазор ғам бикунӣ? А! А! А!?!» Оҳанги зарбаҳои ӯ чунин: ё химча занад ё шатта. «Шояд ҳушат ояд... Лекин одам нашавӣ...»

Амак охирин қатраҳои рӯғанро аз чоба гӯё ғиҷ кунад ба зарфе. Харидоре пурсад: «Боз ҳаст?»

«Нест».

«Рӯғанчароғ ҳам нест?»

«Нест!»

Ба назар охири дунё аён гашт: нестӣ. Аммо мардум мӯросо аз пайи ҷустуҷӯйи ризқу рӯзианд. На, зиндагӣ идома дорад: Амак сӯям нигарист. Хаёлам каҷдуме дар ҷайбам ҷунбид; неш занад; танамро заҳролуд гардонад ва...

– Ин ҳаққи ту, – бисту панҷсумиро сӯям дароз кард баъди шуморида ба кисабағал андохтани пул.

– Ман ҳаққамро гирифтам, амак...

– Чихел?

– Ҳамон равғани рехта ҳаққи ман буд...

Бисту панҷ суми кисаро гуфтанӣ будам, гуфта натавонистам; зеро овоза мегашт ва то гӯши падар мерасид ва... андешидам, ки зарбаи ба дил расидаи бисту панҷ сум гаронтар бувад аз ҳазор зарбаю панди рӯзгори падар.

– Баччагӣ накун, гир! Аком гуфтанд, ки ман ин бозор ба шаҳр рафта наметавонам, ба бародарзодаат пул деҳ...

Мурда, зинда гаштам.

18.06.10.

## ГУРГИ МОДА

Гург даромад ба девлох; ба девлохи канори ҳавлӣ, ки монанд ба работ буд ва гирдогирд бомпӯш дошт. На, надаромад, балки аз лаби бом ба болои гӯсфандон парид. Рамаи хуфта аз вазни садои гург рамида хест ва худро ба дари аз берун зулфину занҷир шуда зад, аммо дар кушода нашуд. Садои баъбӯъ ва сару тана ба дару девор задани онҳо ба гӯши шубон расид. Чашм кушода гӯш ба беруни тори бом дод ва безобитагии молро донист. Ҷома ба тан кашид. Тозон ба дари девлох омад ва аз каноре ба канор мисоли сели дамон задани рамаро дид ва занҷир аз зулфин бардошта даричаро кушода даромад. Рама сахттар тӯрида, гӯсфандон аз тори якдигар паррида мегузаштанд; зери пойи ҳамдигар мемонданд. «Ҳэҳэээй!» садо дардод ба оромии рама. Лек онҳо қарор истода натавонанд. Оне рӯ ба шубон оварда фирканд аз тарсу ҳарос; чашмонашон дар гиранд аз нури моҳ; боз рамида, тозанд ва садое ояд: «баъ!» Шубон чунин садоро донад, ки дар кадом маврид баланд шавад. Садоест, ки сайд аз харнои мол гирад ва он як бор «баъ» гуфта, гулӯгир шавад. Шубон садо набароварда миёни рама шуд, то онҳо ӯро дида пушту паноҳ дониста, ором гиранд.Ин замон чизе бӯрранг ҷаҳид сӯйи бом, вале дасташ нарасида ба пушт зад ва ба пой шуда, рӯ ба рӯйи одам истод ва дандон гиз кард чу саги хашмӣ. Зери партави моҳ бӯр намуд рангаш ва дандонҳо миёни лабони хунолуди возаш чун дандони носкашҳо тофтанд. Гурги дамидашикам, мазмун, аз серӣ ҷаҳида, ба бом расида натавонист. Ҳоло омода ба ҷаҳидан аст, ки мардро пештана зада, афканда аз гулӯяш гирад, чун одат. Зеро дигар роҳи раҳо надорад; ҳама ҷо баста. Гарчӣ ҳайвонро беақл шуморанд, гург роҳи раҳоӣ ё пирӯзӣ ҷӯяд. Аммо шаъни одамӣ болотар аст аз ҳамагуна зӯру тавони ҳайвонӣ; ӯ ботадбир аст. Аз ҳайат, садо ва ҳилаву найранги ӯ ваҳшиён ҳаросанд. Барои раҳоӣ танҳо як роҳ монад: зӯр. Гург ҳамин олотро истифода карданист. Лек аз ҳилаву кордонии одам тарсад. Тану ҷонаш пур аз ғазаб, рагу пайванд таранг, ваҷоҳат нафратзо, лабон хуниву дандон тез, пойҳо истода ба ҳамла; дар нимравшании моҳ чашми одамро фирефта, ғофилгир карданист.

Чашми одам низ дӯхта ба чашми гург. Ҳама ҳолату сайёдии онро бинад ва омода ба ҷанг бошад: ду даст кушода ба ду тараф, дӯст ба оғӯш гирад ё душман. Зеро ҳамлаи гургро чунон дарёфта, ки ҷаҳида ба сари синааш занад ва аз гулӯ гирад мисли ҳамагуна дарранда. Вале ҳарду панҷа мушт дорад: дар дасти рост асои заранги шубонӣ ва панҷаи чап остини ҷома мушт кардааст, шояд аз бими дандони тези дарранда бошад. Ҳама чизи дунёро фаромӯш карда, ҷуз андешаи ҳаёту мамот. Қиссаи гургон беш донад, вале ҳолиё ҳама дур аз сар гашта, ҷанги одаму гург пеши чашмаш. Андешаи борик аз сар гузашт, ки зинда монад, чӣ шаваду мурда гардад, чӣ бинад? Магар пеши чашмаш гург ҳамлавар шуд, ки асо ронд. Асо ҳаво бурид, вале гург наҳаросид. Боз ба назар ҷаҳиданӣ шуд. Дили шубон низ ҷунбид, ки гург афсун дорад ва дами нафас сӯяш ронда гирифтор карданист. Беихтиёр пойи чап, ки пеш монда ба ҳуҷум тайёр буд, пас кашид. Дарёфт, ки гарм шуда, саропояшро арақ пахш кардааст: «Шарофати одамӣ баланд». Чунин нерӯманд гардонд хешро. Чашм аз чашми гург наканд, то чӣ рафтор бикунад. Гург саропо ғазаб буд. Одамӣ саропо оташ тофт ба чашмаш, ки марг ба шумор мерафт гургонро. Ҳазору як хаёли роҳи мубориза ва пирӯзӣ ба сар омад одамро, лек амалӣ гардондани онҳо амре буд муҳол. Зеро намедонист, ки гург чӣ андеша дорад; балки ба донистаи ӯ ҳайвонҳо қобилияти фикру андеша кардан надоранд; бояд якбора ҳуҷумовар шуда сайдро ба даст оранд; чунки онҳо камин гирифта, пас-паси харсангу буттаҳо синамол рафта, ба сайд наздик гарданд ва ҷаҳида, аз гулӯ гиранд ё ба тахтапушташ савор шаванд... Ҳоло чӣ нақша дорад? Одамро рӯшан нест. Ҳатто наҷунбад он ҳайкали ғазаб; дандонҳояш тези сӯҳонзада ва димоғаш пур аз бӯйи хун.

Гург: «молат лозим нест, бояд туро бикушам; кашола карда бурда пеши гургбаччаҳо андозам». Шубон ғазаби дарунии ӯро намедонист. Низ андеша дошт, ки илоҷе ёфта даррандаро бикушад ва қатори гӯсфандони ҳаромкушта бихобонад ва саҳари баланд бонг зада, мардумро ба «ҷашни пирӯзӣ» хонад, то донанд, ки душмани зараргорро чун нобуд сохтан имкон дорад. Гурги бо нияти шиками баччаҳои гуруснаро сер кар-

дан гирифтори девлох гашта пеши назар оварда, ки ҳама гӯсфандонро кушта, ором гирад ва ҷасади дарози шубонро кашола карда аз дарича барорад; зӯр ояд ҳам барозро бароварда, пушти шахи Себак барад ва баччаҳоро фармояд, ки нахуст аз гулӯяш гиранд; хеле муддат ором дандон сахт дошта, одамро бори дигар нафасгардон кушанд, сипас шикам дарида, дилу ҷигар хуранд, ки ин омӯхтаи одамист: аввал дилу ҷигар бирён карда, дар табақи чӯбӣ оварда, назди шишаи шароб гузошта хӯрад. Вале одамиро аз гург пӯсту чангу таносули модина ба кор ояд: пӯсташро ба дӯкони (заготконтор) супорад; чангашро барои шуҷоъат нигаҳ дорад (шубонҳо қатори ороишиҳои банди ғилоф овезанд); таносулро ош дода, тоза карда, чилёсин хонда, дар тан нигаҳ доранд чун мушкилкушо ва ҳоҷатбарор. Шубон андар ин хаёл аст; дошт чунинашро. Бо корду банду ғилофаш дуздиданд. Боз дар орзӯяш. Лекин надонад, ки ин ҳайвон нарина аст ё модина. Агар рӯз мебуд, аз ёли гарданаш ва андозаи сараш муайян мекард. «Бояд бикушам... шарафу шарофати одамӣ баланд».

Рама ором надошт: садои фирк-фирку фих-фих меомад ва овози пойкӯбии баъзе серкаву гӯсфандон; садои гӯсфанди нимҷони миранда низ, ки гардан бурида, мағз назада бошад, нафас хун пош диҳад. Лек ҳеҷ садое ба гӯши шубон нарасад ҷуз садои нафаси гург ва шиддат гирифтани нафаси хеш. Ва дид, ки гург лаб лесид ва хӯрда гардонданӣ шуда зӯр ҳам зад, то қай карда сабук шавад ва ҳуҷум ба одам оварад. Шубон андаке ҷунбид, то омода ба ҳолати хӯрдабарори гург шуда ҳамла орад, вале корди шубонӣ дар хона монда. «Ба ҷои остини миёни панҷа корд беҳ буд». Корд зарур буд; мебод рафта орад, Аммо пас рафтан имкон надорад; зеро гург тарсу пиндошта, ситезад.

Онҳо чашм ба чашманд, ки бо зӯри нигоҳ ё зӯрии дида якдигарро мағлуб гардонанд. Дар чунин набард сайду сайёд нест. Ҳарду сайданд ва ҳам сайёд, баробар; монои ҷанги девон; мисоли оварди қаҳрамону аждаҳо; мисли одаму ҳайвон. Дар ҳама набардҳои афсонавӣ одамӣ пирӯз буда; дар чунин ҷанги тасодуфӣ шубон бесилоҳ аст ва ноогоҳ рӯ ба рӯйи душман омада, чӣ андешиданро надонад. Андаки дигар истад

аз ҳаяҷони зиёд ва таранг доштани рагу пайи тан шояд мадор суст гардад. Аммо касби гург чунин: тохтану доштану куштан. Ҳама умр омодаи набарду куштор бувад. Шубон ҷунбид, гург ҳаросид; гург омодаи ҳуҷум гашт, дастони ранги шохи каҷдум доштаро тангтар кард шубон ва асо бардошта шуд. Дилаш ларзид. Якбора ҳуҷум оварда, асо задан хост, гург реб дод, асо нарасид. Якбора пойҳои пас ба замин тира карда, ҷаҳид. Асо зад шубон ва аз вазни гург якбара шуд. Гург ба замин зад ва зуд бархоста қад ба қад шуд бо шубон. Даҳон андохт. Аз нишон буд ё тасодуф асо ба даҳони гург омад. Тела кард. Ба гулӯ рафт, ки даҳон калонтар кушод. Дасти бо остин печидаро аз канори асо ба даҳони гург андохт ва пахш кард даруннтар; панҷа кушод, то дилу ҷигари ҷондори зараргори муфтхори дузд ва хунхорро кашида, дар орад; ку бинад, ки дилу ҷигари хеш бозгашт фурӯ дода тавонад ё на? Зеро беш фурӯ дода дилу ҷигари ҷонваронро; зиёд гулӯгир карда кушта молҳоро; баччадузд ҳам шояд ҳамин бошад. Аз ин рӯ шубон дар ғазаб, то ҳама қасд ситонад ва фардо ифтихор кунад, ки «баччахор»-ро куштам...

Аммо гург панҷаву чангол зад; даст ба сарсинаи одам гузошта, ӯро тела дод ва худро пас кашид, ки зоро раҳо ёбад. Барои ӯ раҳо ёфтан муҳимтар буд аз ӯро хӯрдан. Айни ҳол хӯрда ва дасту асои шубонро гардонданӣ буд; зеро ҳеҷ замон чунин сер гашта, хӯрда то даҳон наомада буд. Оне ки як молро дар шикам ҷой карда барои баччаҳо оварданӣ буд, чунин гирифтанафас, дамгардон ва гаронвазну ландаҳӯр набуд. Бо вуҷуди он нафаси дамгардон барорад, то ба даҳону димоғи одам зада, гаранг кунад ва дасту пояш суст шуда, биафтад ва чаҳорпо худро пас кашида, бираҳад ва хоста бикунад. Лек одам ҳанӯз ҷон дорад. Зӯртар аз ҳайвон тобад: хаёлаш даст аз гулӯ гузашта, даруннтар рафта ва панҷаи ӯ дилу ҷигар ҷӯяд, то канда барорад. Аммо нӯги ангуштон ба дилу ҷигар на, балки ба чизи сахт расад, Яқин кунад, ки асои хеш. Ба назар халал расонад; дастро фурӯтар рафтан нагузорад. Вагарна даст андар нимароҳ андармон нашуда то охир мерафт. Балки дарёфт ҷома халал расонад, ки аз оринҷ боло шуда, даҳони гургро сахт гирифта...

Ӯ майл ба афтидан дорад, на, гург майли афтидан дорад; вазн андохта ӯро афтондан хоҳад. Ҳарду афтоданд баробар. Гург ноҷунбон буд. Одам ҳуш дошт. Дасти чап ва асо андар даҳони гург буд. Ҳоло асо раҳо кард ва аз паси гардани ҳайвон тавоне ки дошт, гирифт; чунон ки гург барои бачча аз ҷое ба ҷое бурдан аз паси гарданаш газад. Чун яқин кард, ки гург ҳолату мадори ҷунбидан надорад, ёлаш раҳида, низ рӯйболо дароз кашид дасту асо ёзида андар даҳони гург...

Субҳ ӯро мурда дарёфтанд андар канори гург. Гург низ мурда андар канори ӯ. Гӯсфандони мурда ҷо-ҷо. Моли боқӣ дуртар зери кодоки пешгаҳ гардан ба гардан: гӯшҳо чур, чашмон тез, сахт ошуфта. Баробари дарро кушодан онҳо хӯсида, худро баробар ба дар заданд ва тира-тира ҳамдигарро дошта, баромада натавонистанд. На дарро пӯшида мешуд ва на онҳо рамида, то ҷое мегурехтанд.

Пасон фиғони зани шубон баромад, ки аз гирудори дӯшина ноогоҳ монда, гургро дида тарсиду шӯро дида, ларзид. Ва ҷамъ омаданд баъди рамаи бешубон миёни деҳаро убур карда, сӯйи кӯҳ кашидан. Дасту асо андаруни гурги беҷон базӯр нафас гирифтани шубонро дида низ ба фиғон омаданд, Аз садои талхи зан ӯ чашм нимроғ кард. Ва абрӯ парронд. Зан надонист, ки хандад ба шӯхии ӯ ё сахт гиряд ба ҳолаш; зеро сару рӯ ажғо ва ҷома дарида буд ва гург дасташ фурӯ бурда. На дасти шубон кашиданд аз даҳони гург, балки гург канор кашиданд. Аз даҳони вози он даст бурун омад хуншор; остин дарида. Асо низ кашиданд. Даҳони қолабгирифтаи гурги бӯр пӯшида нашуд.

Шубон чашм кушод. Андаке ҳушёр гашт ва мардеро болои сар дида шинохт ё на, пурсид:

«Нар ё мода?»

Мард хам шуда думи гургро бардошта хабар гирифт ва фармуд:

«Мода».

«Олоташро қолаб бурида ба ман бидеҳ... Гӯшташро ба деги калон андохта, бирён бикун... То кай гург моро хурад... Як бор мо ҳам гургро хурем...»

4.07.10.

## МУСИЧАИ БЕГУНОҲ

Ин баччаи беадаб ҳоло бол надароварда, худро аз баландӣ ба замин андохта, парвоз карда рафтанӣ буд, оча пеши роҳашро гирифт. Зеро дар чунин ҳолат ҷуз марг чизе ӯро пешвоз намегирифт. Шояд ӯ адаб аз ойинаи нилгун омӯхта буд, ки баччаҳо ҳар қаҳрамонӣ кунанд, осебу зиён набинанд. Тифлак сихпар набароварда ҳаваси парвоз дорад. Модар нагузорад. Зеро донад, ки онҳо бар олами амонат умр ба сар баранд, ки хасе аз ин бино фурӯ равад, кӯдак биафтаду нобуд шавад; аз лонаи чаҳорхаса, ки падару модар заҳмат кашида хас дар нӯл оварда сохтанд. Мардина як хас оварду болои душохаи ток гузашт ва дошта истод, то бод набарад. Модар рафту хас овард, падар аз нӯли ӯ гирифта бар хаси дигар гузошт, ошёни баланд шуд. Онҳо ҷуфт шуданд. Оча зоид як тухм. Нишасту хобид он ҷо; ҷӯҷа баромад. Дигар мусичаҳо ду тухм зоида, ду ҷӯҷа бароранд; аз сабаби тангҷойӣ ин мусича як ҷӯҷа баровард. Луччак буд. Ба ҷойи мӯяҳо сихпар баромад. Ҷӯҷа худро дар баландӣ дид. Парвози рафтану дар ҷиғилдон ғизо оварда ва зӯр зада, онро ба гулӯяш андохтани модарро дида, ҳаваси парвоз кард. Хайрият, ки чунин амалро дар ҳузури оча ба ҷо овардан хост. Оча чунин ҳолат дида, дидбонӣ кард, то рӯйи чаҳор хас истодан омӯзад. Вале баччаро парешон дид, ки дар чунин баландӣ истода натавонад ва парвоз хоҳад. Яқин кард, ки чун пояш аз тори хас канда шавад, рост ба ҷаҳаннам равад. Аз ин рӯ аз назди ҷӯҷа дур шудан нахост то парвоз омӯхтанаш. Лек ҳарду гурусна монданд ва аз ҳолат рафтанд. Мусича «ку-ку-ку!» гӯён ҷуфташро хонд, то хӯрданӣ орадашон. Аз ӯ ҷавобе наомад. Ба ҷойи он забони ширини кӯдакона овоз дод:

«Мусичаи бегуно(ҳ),
Болои сандалӣ буро!
Аз думакат қайчӣ кунам,
Аз нӯлакат муччӣ кунам!»

Мусичаи бегуноҳ чун ҳамеша нигоҳи маъсумонаашро кор фармуда сар яктарафа кард ва дид, ки маъсумаи ширин, ки пинҳонӣ аз дигарон рӯйи кафи кушода донаҳои гандуми бибиаш барои суманак эҳтиёт кардаро дошта, онон ба меҳмонӣ

хонад. Вале ин замон аз кӯча садое омад монанд ба овози тири таппонча. Ин замон оча аз тарсу бим баччаро фаромӯш карда, ба будан ё парриданаш эътибор надода, парвоз карда, аз миёни дарахтони гелосу хурмо нишаста, ошуфтаву парешон ба ҳар сӯ нигарист; зарабони дилашро шумурда ё қарор дода наметавонист; зеро омӯхта шуда буд ба ҷуфт-ҷуфт ё мусалсал омадани садо.

Чӯҷа низ аз тарс ё ҳавою ҳаваси парвоз ҷаҳид аз ҷой. Чун норасидабол буд, пир-пир заду ба замин афтоданӣ шуд. Маъсума кафи дигар кушод ва ҳамҷоя ба рафти паст омадани чӯҷа дошт. Чӯҷа рӯйи кафон омад. Духтарак дошташ. Бодиққат нигарист, ки чу тифл хуш тобад: минқори нозуки на устухонӣ, на тағоякӣ ва на чандири мӯдарозкунак дорад, балки резини сустро монад. Сӯрохиҳойи хурдаки бинӣ болои нӯл ва чашмонаш гирдаи камранг; мисли чашмони паррандагони дигар бозигар нестанд. Балки маъсум ва бештар хоболуд; танаш лоғари камвазн. Маъсума пеши чашм дошт ва оҳиста – оҳиста пеш оварда нӯли он зери лабҳо гирифт ва нами даҳон расонд, ки шояд лоғарии мурғак аз он бошад, ки дар баландии беоб ташнаю гушна рӯз гузаронад; боз афсонае шунида буд, ки мурғон шир надоранд: «ташна». Вале мурғак сар ҷунбонида нӯл аз миёни лабони духтарак бурун овардонӣ шуд. Ӯ табассум дар лаб нӯли мурғакро раҳо кард ва боз нигарист. Пас кафи даст боз карда донаҳои гандум зери нӯлаш дошт, аммо он нанигарист: «Бихур!». Чӯҷа як ҷунбид, ки тарсро монад. Сонӣ беқарорӣ кард, то аз дом бираҳад. Гарчи садои шинос буд; Маъсума пеш аз ин зери хавоза бозӣ дошт ва бо овози баланд шеър мехонду суруд; дар васфи мусича низ мехонд, ӯро наҳаросонда буд; чунонки нағмаву овои ҷонварон касро гуворо расад, садои духтарак низ форам буд, аммо тарсовар; зӯри раҳидан зад, раста натавонист. Ӯ хона даровард чӯҷаро, то ҳар хӯрданӣ дода, фарбеҳаш бикунад ва болои сандалӣ нишонда «аз нӯлакаш муччӣ кунаду аз думакаш қайчӣ». Аз пахта лона сохт. Дону об гузошт. Аммо чӯҷа ба чизе нигоҳ накард ё ақли хӯрдан надошт; зеро оча мехуронд ӯро аз дилу ҷигар баровардa. Маъсума ӯро сари китф ва тори сар гузошта роҳ мерафт. Мусича ҳаросида хаму рост

мешуд ва хешро нигаҳ медошт, лаззати парвоз чашида буд. Ба ку-куи оча гӯш медод. Гарданак мезаду чашмак. Чизе гуфтанӣ мешуд наметавонист. Чунин парандаи бецуръати рӯйи замин дигар вуҷуд надорад. Ба касе ё ҷонваре кор наддорад, дигарон низ ба ӯ кор надоранд. Соҳиби нозгунҷи амбору бозори ғалла ҳам ӯст. Аммо Маъсума чунон мартабаи баланд доштани ӯро надонад; лекин донад, ки иҷоранишини ҳар хонадон бувад; дар токчаву тори тиреза ва кодоки айвон лона гузорад; порӯяш низ чандон нанговар нест. Гунҷишкро ронанду ӯро на; зеро беозор аст.

Дастомӯз шуд, фарбеҳ гашт. Пару бол баровард. Хушрӯй шуд. Маъсума аз нӯлакаш мучӣ мекард. Рӯзе ӯро сари китф гузошта, рақс мекард, ки мусичае аз шохи дарахти хурмо «ку-ку» зад. Чӯҷа сар бардошт, гӯш андохт. Магар садои ошно шунид, ки фиррӣ париду рафт. Маъсума аз дунболаш даст ёзид. Барнагашт. Назди модар болу пар афшонд ва ҳамроҳаш парвоз карду рафт.

6.07.10.

## ТАШАККУР БА ДАНДОНПИЗИШК

Ӯ пештар беш мегуфт аз дидаву шунидаву дониста; ба ҳеҷ ваҷҳ даҳони ӯро пӯшидан имкон надошт: чанд бор бо каф доштанд, нашуд. Лабонашро бо скоч ба ҳам оварданд, нашуд; дӯхтанӣ буданд, ки «тавба» кард. Вале пеши одамони ноошно аз чунин ҳол мегуфт, ҳама дар таҳлука буданд: «Чӣ марди нотарсед». Пайвандон медонистанд, ки даҳони бефаровезаш рӯзи Акоро ба сар орад ё Ҷумъаи «Де»-ро. Вале ӯро дарс нашуд: дар ҳар ҳолат ғу-ғу мекард. Чун духтур бурда лабонашро дӯхтанӣ шуданд, хап кард. Аммо дар танҳоӣ мегуфт ба сангу кӯҳу дарахт ва бештар ба об. Эрод гиранд, «хоб ба об гӯям» рӯшод мекард. Хапу дам шуд. Аз пеш касе ояд, нахуст ба пас менигарист. Касе набошад, ба каси рӯ ба рӯ чизе гуфтанӣ мешуд, чун ёдаш меомад, тавба кардааст, кирдори Ҷумъаи «Де» мекард: як даст ба даҳону як даст ба мақъад. Бо вуҷуди он тоқат наоварда, ба он кас ё имои сар мекард ё абрӯ мепарронд. Огоҳ бошад, ӯ низ сар афшонда ё абрӯ парронда, табассум карда мегузашт. Оқибат дандондард шуд. Назди

дандонпизишк рафт. Ӯ дандонашро кофту гаҷ кард. Устухони паҳлӯйи дандон гоҳи нонхойӣ паррида тез шуд. Ҳангоми даҳон кушода пӯшидан, гуфтан ё хойидан забон мегазид. Мушкилот пеш омад: дандон бояд канд ё аз гуфтор бояд монд. Чашм пӯшиду даҳон кушод.

17.07.10.

## КӮРОФТОБ

Зани лоғарандоми читпӯш, ки рӯ ба рӯйи офтоб истад, аз зери пироҳан поҷомааш метофт, тубраи шол ба банди дил пахш карда буд, то синааш натобад, Зеро дар он замон занонро расм набуд ва ё надоштанд, ки аз таги пироҳан синабанд гузаронанд. Чашм ба дари бастаи анбор дӯхта, то андозае китфон ба пеш майл дода, синаи дамида пинҳон доштанӣ буд ва гоҳи рӯ ба ниёз оварда, халта дароз кардан бикӯшад оринҷҳо рӯйи сина дорад. Вале дер кашид интизорӣ. Ҳар гоҳ чашм ба роҳ гардонда, боз ба қуфли кашоли дарвозаи дутабақаи вазн ба замин андохта дӯхта, ба чизе ё рӯзие умед баста буд. Ва кӯдаки аз гуруснагӣ мурда, инчунин кӯдакони зиндайи дар ошхона беҳолу мадор ғелида пеши назар омад ва шӯйи беномунишони майдони ҷанг. «Бо умеде, ки шояд доне ба каф ояд, каллаи саҳар баромадам... Гушнагӣ давонад... лучӣ шинонад». Аз ин хаёл боз тубра ба тан ҷафс кард, ки пироҳани яктаҳ чандон напӯшонад; ёри лучӣ. Чун аз зиёд росто истодан пой вазн набардошт, ғарибона пушт ба дари анбор такя дода нишаст ва чашм ба хари думбурида дӯхт, ки даштбон карда он корро. Он замон чунин тартиб ҳам дошт, ки моли бесоҳиб набояд ба полезу мазраъи колхоз дарояд. Як бор дарояд, ҳабс бикунанд. Ду бор дарояд, гӯшашро бибурранд, бори саввум думашро. Шояд зан аз кӯтаҳдастӣ, «ризқи ҳайвон аз замин» гуфта, харро нигаҳбонӣ накарда, ки хари берӯзӣ чунин шаклу ҳол гирифтаст. Бегона ҳам пай барад, ки ин рӯзгор бемардина. «Худоё – Худовандо! Ба номат бимирам!» Чӣ буд, ки худ аз худ нигоҳаш аз ҳама чиз канда шуда ба осмони софу беғубор бархӯрд; чӣ чизҳо аз нури хуршед дар фазо ҷило дода, худ аз худ нопадид мегаштанд ва зан номи якеро ҳам намедонист, ҷуз ғози мизон. Зан ин чизро хуб

шиносад, вале надонад аз куҷо рӯяд. Оне ки ҳама киштаву рустаҳо пухта расиданд ин ғози абрешим дар ҳаво пайдо мешуд; ба сару рӯ, чашму бинӣ бархӯрда, касро безобита мегардонд; чун қатори турна мегузашт ва дар шохи дарахтону гулбуттаҳо мечаспид, вале ҳоло айёми мизон нест; аз куҷо пайдо шуд ин тори мизон? Ба парашут монанд. Тана ҳам нест. Худ аз худ ба боло нигарист, ки шояд анкабуд танад; ӯро чун магаси ба дом уфтода печонад. Ба раги гардан нояк гузошта хунашро макад. «Аз куҷо хун дар тани мурда?» чунин омад андеша ба сар, гарчӣ зинда буд. Ғоз ё танаи часпак низ вуҷуд надошт, лек ба назараш омад ва ба хадукаш расид. «Сабил мон...» пушти даст зад он чиро, ки набуд. Даст ба дарвоза бархӯрда ҳушёр гашт, ки андаке пеш кори тортанак пиндошта, ба он ҷо нигарист. Лек он дар хоб буду ҳолиё дар бедорӣ. Саросема шуд, ки дар деҳаи бегона зани калон хоб рафтаст. Каллаи азон хеста буд; як фарсах роҳро тай карда, хаста гашта, дар интизории анбордор ғанаб бурдааст...

Лек анбордор тубраи дароз кардаи ӯро нагирифт. Ба пушти панҷа пас тела дод. Чунон ки худи зан ғози мизонро пушти даст зад, сахту тез набуд, балки боодоб тела дод мард. Муроди зан ҳам аён буду радди мард ҳам: «Нест, хоҳарак, нест. Аз хаммаҳо бӯйи муш меояд». Гӯйӣ дасти зан шикаст. Даст пас кашида натавонист, балки тубра афтид; дасти беҷон борро бардошта натавонист ва тубра лағзиду ба замин зад. Дили занак ҳам фурӯ рафта ба тарозуйи азими борбардор, ки монои кати чоркас суфа дошт, бархӯрд ва чанги чандин вақт боз бар он нишастаро бо хуни гарм тар кард; нақшаш боқӣ монд. Чунин намуд; зеро зан ба рӯйи мудир нигоҳ карда натавониста дидаи умед ба тарозу дӯхта буд, ки марди «сағирпарвар» ном бароварда тубраи ӯро аз гандум пур кунад ва ба ҳамин тарозу баркашаду ба номи бевазан, ки шавҳар аз ҷабҳа барнагаштаст, бинависад дар дафтари «вом». Мурдааш-ку мурд, пеши чашми модар ду кӯдаки беҳол, ки рӯйи хона буду аз рӯяшон модар занҷири дар овехта омад, ҷунбиданд; ҷунбиданд; ҳарду баробар ғел гашта, бо илоҷе ҳамдигарро оғӯш карданд ва... Чунон ки тубра аз дасташ фитода буд, худаш донад; аз шарми куртаи тунук ё беҷонӣ аз пой фитод ва сараш ба тарозуи оҳан

зад. Тарозу аз хуни пешониаш рангин гашт. Рӯймол пеш кашида сахт баст. Вале хун мезаҳид. «Найранг накун хоҳар, модарам зинда гашта биёяд, ки як дон гандум дода натавонам. Як хамма тухмӣ, ки хуни халқ». Шунид зан сухани ӯро, дигар зорӣ карда натавонист. Балки аз ҳаё ва ё бемадорӣ, ё беҳушӣ қомат рост карда натавонад. «Номам одам бошад ҳам шармам ояд ҳайвонсурат наздатон истодан... Вале аз гадоёна даст дароз кардан шармам наояд, то онҳо намуранд.»

– Онҳо зинда монанд, сарак чида, гандуматонро баргардонанд.

– Гандуми ман не, гандуми ҷамъият. Ман ҳуқуқи онро ба касе додан надорам, баркаш шудагӣ. Боз баркаш ба дашт бурда, коранд. Умед ба ҳамин тухмӣ. Ояндаамон ба он вобаста. Ба ҳар дармонда диҳем, мондагиашро зоғу заған аз ангор чида хурад. Аз замин чӣ рӯяд?

– Охир гуфтам-ку...

– Фаҳмидам. Лекин дода натавонам. Хуни халқ... Ба ҷабҳа низ ғалла фиристодан лозим. Ман хиёнат карда натавонам.

– Наход як ғилбор гандум додан, то баччаҳо намуранд, хиёнат бошад?

– Хиёнат, Хиёнати рӯйирост. Дидаву дониста; замона, ҳолу рӯз, ҷанги немисро ба инобат нагирифта, тухмиро бароварда додан, хиёнат нест?! Ҳамон деҳқони деҳқон аз гушнагӣ мурад ҳам, дар таги хамма тухмӣ нигоҳ медошт... Хафа нашав, хоҳарак. Хона равам, бинам, дар бисот ҷав ё арзан бошад, мефиристам...

«Ака! Раис шуморо чеғ доранд!» – Кӯри Эгам – мудири анбори асбобу анҷоми хоҷагӣ буд ин одам ва дӯконаш дар паҳлӯйи дари анбори ғалла.

Аз ҷон хуштар мудири се ангушти миёнаи дастиросташ бурида бо ду ангушти башорату ангушти сағир кашакқуфли бар гардани тарозу бор кардаро гирифта, чанд қадам сӯйи дар андохта «бароед!» гуфт ва чӣ хаёле ба сараш зад, ки баргашта қуфл бозгузошт ва писари ёздаҳсоларо фармуд: «Касе ягон чиз орад, то омаданам нигаҳ дор... Мабод ки ба касе чизе диҳӣ!»

Занак ба пойи писарак афтод: «Мезаката хурам. Додаракот

мемуранд. Шояд мурда бошанд. Агар мурда бошанд, гандуматро гардонда меорам. Раҳм бикун! Як хокандоз, як заѓома гандум деҳ!»

– Шунидед падар чӣ гуфт? «Хуни халқ!»

– Мудир дар майдони ҷанг тарсидагӣ. Меларзад. Сараш ҳам меларзад. Лекин ту натарс. Ҳамонҳо намурда калон шаванд, ватанро посбонӣ кунанд. Қасам мехурам, ки мурда бошанд, гандуматро оварда медиҳам!

– Падар донанд...

– Мезаката хурам, аҳата хӯрам! Худо ба ту фарзанд диҳад; ба ризқу рӯзиаш диҳад. Чунин рӯзи шумро набинанд. Холат мурад ба ту!

Зан он қадар нолиду ашк рехт, ки дили бачча об шуд. Тоқии кӯҳна аз сар гирифт, то гандум пур карда ба тубраи занак андозад, аммо бозпас ба сар гузошт ва бурун рафта, аз паси дарвоза ба роҳ нигарсит, ки падар тобад ё на. Баргашт тарсону ларзон тоқӣ боз гирифт ва ба тубраи ӯ ду тоқӣ гандум андохт. «Мурамат, як тоқии дигар...» «Шумо чихелин занак?! Мекушанд!» гуфту ларзид сахттар. «Худо умрата дароз кунад... Хока гирӣ, зарр гардад. Намурам, дар тӯят арѓишт меравам». Фармуд зан ва писарак бо каф тоқиро аз гандум пур карда, ба тубра андохт. Зан тохт сӯйи дар, то анбордор баргашта, набинад. Дили занак он қадар заду ӯро аз пой афканд, ки нӯхтаи хар аз симчӯб кушода натавонист. Роҳгузаре ресмони хар кушода, ба дасташ дод. На ӯ харро пеш мекашид, балки хар ӯро этав дошт.

Падар наомада, кӯри Эгам аз дари анбор чанд бор ба писар кач-кач нигаристу чизе нагуфт. Дили ӯбозӣ дошт, ки падар фаҳмад, чӣ кор бикунад? Баъди чанд бор ба худ печида, дар тори суфачаи тарозу мурда, боз зинда гаштан худро ба хоб зад. То омадани падар азоб кашида, аз карда пушаймон буд, ки гуфтаҳои падар ҳақу ростанд, беҳуда тухмиро дод; хурсанд низ буд, ки баччаҳои занак зинда монанд, хидмати ӯ низ ҳаст.

Сояи падар анборро тира гардонд. Кӯри Эгам вазъу ҳоли ӯро дида ба ишора чизе пурсид. Овози падар омад: «Имсол ба замин чӣ мепошӣ?» мегӯяд раис!» Писар хешро ба хоб зада

бошад ҳам имову ишораҳои онҳоро бинад. Аз сухани раисро гуфтани падар тарсид. Аз имойи Кӯри Эгам, ки ба занак гандум додани писарро гуфт, сахттар тарсид; мурданивор тарсид.

– Занак куҷо рафт? – риштаи тарсашро тарси овози падар бурид. Вале ӯ хештан ба хоб зада, садо нашунида гирифт. То падар бо даст ҷунбондан гӯё чизеро пай набурда буд. Як қад парида ва гӯё тарсида хест.

– Занак куҷо рафт? – пурсид падар.

– Намедонам...

– Туро хобонда, анборро тохт?!

Чизе нагуфта, худро ҳайратзада вонамуд писар ва сӯйи дар нигарист, ки Кӯри Эгам сӯяшон чашм дӯхтаст. Вале падар дигар чизе напурсида, аз гӯшаш гирифт ва бардошт. Писар дарёфт, ки дасти дуангушта не, балки дасти солими чапаш амал дошт. Ба назар, гӯшаш ҷағида, аз бех канда шуд, вале ӯ рост истод. Аниқ кандашуда пиндошта, нигарист ба замин, ки хун чакад ё на. Гӯш раҳо карду бо дасти солим ба рӯйи росташ зад, ки аз чашмаш оташ парид ва кару гунг гашт. Падарро не, Кӯри Эгами зардро нафрат хонд, ки яқин ҳамаро мӯ ба мӯ фурӯхт. Фиғони баланд баровардани буд, ки ба болойи ноинсофӣ, ки баччаҳои зан аз гушнагӣ муранд, ёрӣ карда натавонанд, боз ӯ чунин озору шиканҷа кашад. Додаш набаромад, лекин дарунаш пур аз доду фиғон буд. «Бидав аз пасаш! Гандумро гардонда биёр!» Баробари аз даҳони падар баромадани ин сухан ба дарди гӯш эътибор надода, писар тозон бадар рафт ва даст ба гӯши ба назар даридаву варамида бурда, хабар гирифт, ки ҷағида, хун баромадаст ё дар ҷояш. Баъд чашмаш ба нигоҳи якчашма афтод; чашми чапи фурӯрафтааш ба назари писарак гӯри фурӯрафта намуд: «Худованд бояд ҳар ду чашми туро кӯр мекард!» беодобӣ бошад ҳам чунин фармуд ва аз таҳдиди Кӯри Эгам буд ё амри падар, ба дарди гӯшу рӯй нигоҳ накарда тохт. Гӯш луқ-луқ кард, садои бегона низ баровард. Чанде давида, дар дилу сар аҳд кард, ки аз дунболи зан натозад, балки ба ҷойи дигар ғайб занад, то падар умрибод гумҷӯй шуда, наёбад. Чун аз чашм ғайб зад, нишаст канори роҳ ва алам тоза кард; ҳар қадар андар ашкдон си-

ришк дошт, рехт: «Напурсидам аз модар, ки падари зойида аст ё падарандар?» Сахт алам кашида буд писар. Ҳеҷ гумон надошт, ки баройи як миқдор гандум падари худӣ чунин ситам бикунад. Баъд барои он ки баргардаду аз Кӯри Эгам қасду алам ситонад, ҷаста хест ва то дами дарвозаи Анор тохт. Дарвоза аз берун занҷир буд. Бардошт занҷирро. Як табақаро андаке тела дода даромад. Дари хонаро низ кушод ва ду кӯдакро дид, ки сарбапо ёзида буданд; чашмон боз, вале касро намедиданд. Пӯшидан ва занҷир овехтани дарвозаро фаромӯш карда, тохт, то тезтар хабар ба падар барад... Аммо дар миёндаштии байни деҳоти Амондараву Майкада оламро бесоҳиб ва хешро бепаноҳ дарёфта, нишаст рӯйи роҳ, ғаши кӯдакона кард ва тангдил гашт; чунон ки ҷомаи шустаи обкашидаро миёни муштон тофта, обашро ҷафида резонанд, хешро чунин афшурд; сипас монои кӯдаки ноилоҷ поча зад ба рӯйи хок дупоя ва сангчаву чӯбча пойҳо канду дарид, парво накард. Зеро ӯ дигар падару он занак ва ҳеҷ касро дидан намехост; аз зиндагӣ сер шуд дар навҷавонӣ; худкушӣ карданӣ буд. Сӯйи Зарафшон, ки аз баландиҳо шӯрида, сар ба сангҳо зада, омада дар ҳамин ҷо – пушти сари ӯ парешон, паҳновар, ҳамвор, суст ва ба шохобчаҳо ҷудо мешуд, сар тофт. Чун ойина нури офтоб баргардонда буд об ва ба чашми ӯ нимкора расид. Шуъо дар ашки сари мижгонаш низ акси дубора ёфт. Ашк сутурд, то раҳу рӯро хубтар бинад, ки касе сӯйи руд рафтани ӯро шоҳид нагардад. Аз роҳ гузашт сӯйи ҷарӣ, ки бузроҳа дошт ва ҳайвонҳо обхӯрӣ мефуромаданд. Аз ҷониби Майкада сӯйи офтобнамо харсаворе омад; хеле лаванд мегашт хар. Ҳарчанд савораш халачӯб ба гардану сари хар мезад, ҷонвар майли гашт надошт. Савораш зан бошад, хар чунин гашт бикунад. Писарак магар хару савор шинохт, ки аз қасду ният худдорӣ кард ва даррасидани ӯро нигарон шуд. Ин ҳамон зане буд, ки муштақ пинҳон накарда, талабида дар як гӯшаи тубра дошта, пеши полон гирифта буд ва сӯйи ҷарӣ майл кардани баччаи шиносро дида лингак зад, то маркабаш пой тез кунад. Аммо хари якгӯша кар ва бепарво ҳам буд, ки гардан мекашид. Омад-омаду зан хештан аз рӯйи полон ба замин партофт ва тубра тори полон гузошта, ҷониби писарак

тохт. Писарак истод, вале чизе нагуфта ба ӯ нигарист, чашм гирён, бари рӯйи рост сурх ва гӯш варамида дошт.

«Мезаката хурам, аз баройи ман?»

Писарак ҳарос дошт. Бачаҳои ӯро пеши назар овард. Аммо дигаргуна ҳарф зад: «Гандумро медодагед».

«Ман орд кардам дар особи Майкада...»

Писарак боз кӯдакона ба замин нишаста пой зад, ки илоҷи раҳойӣ нест.

«Гиря накун, шери хола; ордро бубар ба падарат. Бачаҳои ман мурдагистанд. Дигар ин чизи сархӯр ба касе лозим нест. Кам накардаам. Фақат осиёбон ҳақ гирифт. Биё ман ҳамроҳат меравам, ҳамаро мефаҳмонам, ки ту айб надорӣ. Хобат бурда буд, ман гандумро дуздидам».

«Ба онҳо орд даркор не, тухмӣ даркор!»

«Чӣ кор кунам? Ман Худо набошам, ки ордро гандум гардонам».

Писарак як ба рӯйи зан нигарист ва сар андохта ғурунгид: «Баред, барои бачаҳо баред... Ман илоҷи корро меёбам». Ва хесту бо пайроҳайи шеб сӯйи рудхона равон шуд.

– Ба куҷо?

Писарак лом нагуфта, бузраҳаро нишеб шуд. Чун зан дид, ки авзоъ ноҷӯр дорад, аз пасаш кашол гашт. «Наё!» «Гард писарам, ба роҳи шайтон нарав!» Вале ӯ писанд накарда, тохт. Қасди ӯ дониста занак низ тохт. Садойи пурҷӯши Зарафшони шӯху тезоб набуд. Балки шохобе ҳамвору ором мерафт. Писар бо шасте, ки рафт ба об андохт хешро ва дар об пеши по хӯрда, афтид. Зан низ расид ва афтида, даст ба ӯ расонд. Мӯйи расидаи писар ба даст омад, кашид. «Савобатро шуштӣ, бачам». Аммо писар нафаҳмид, ки зан чӣ гуфт. Нафасгардон буд.

– Холат мурад, ту маро зери гуноҳ мондӣ? Бигзор фарзандони ман муранд. Лек ту набояд... Ордро бубар. Ман худам пеши раис медаром. Мегӯям, ки гуноҳи ту нест.

Лек намешунид писарак. Зеро дар гӯшу даҳонаш об омада буд. Аз тану либосаш об мешорид; аз сару либоси зан ҳам. Занак сахт дошта буд писаракро, то боз нагурезад. Ӯ низ мисли барраи сур сар фуроварда, оҳиста-оҳиста ҳамроҳи ӯ қадам

зад; зеро дар чунин сину сол дар тани хеш санҷид, ки мурдан чун шавад.

Ва аммо дар роҳ фоҷиъаи дигар рух дода буд. Дар як қитъаи роҳ гӯё зимистон омада, барф борида буд, ки замин сафед метофт ва хари якгӯшаву думбурида сархам аз миёни барф йем мехӯрд. Чун наздик омаданд, диданд, ки хар орди рӯйи замин рехтаро лабакӣ занад ва тубраро бардошта афшонад. Орди ночиз замин сафед кардааст. Ва дами нафаси хару бод гарди орд паҳну парешон кунад ба рӯйи роҳ. Ҳаждаҳи занак ба замин зад. Ба ҷойи он ки раваду хар ронад, нишаст ба замин ва сар ба сари зону ниҳод, ки чӣ коре буд, ки кард? Писарак шах шуд ва баъди хеле вақт ба худ омада, тозон рафта харро ронд ва нақши пову қатраҳои аз либос чакида ба рӯйи роҳи ордзада нақш баст. Ба назари писарак занак мурд. На сар бардошт ва на нафасгириаш аён буд. Пайкараи сархам гаштааст. «Гуноҳи ман». Садойи ларзони писарак ӯро сабаб шуд, то сар бардорад. Сар бардошту ҷунбонд: «Не. Айби ман... Гуноҳи ҷанг». Баъд хест. Чизе нагуфта сӯйи хари якгӯшаи думбурида рафт, ки як умр гуноҳи кабира кунад: аз гӯшу дум маҳрум гашт, панд нашуд. Ба гӯши солимаш пичиррос зад: «Баччакуш!» Писарак шунид; як қад парид: «Аз куҷо донад? Ё медонисту...» Пеши назар омад, ки баччаҳояш «НОН!» гуфта, ҳамдигарро оғӯш кашида, гӯши якдигар макида, рӯйи хона орому сокиту хомӯшанд ва дигар ҳеҷ гоҳ «нон!» гӯён фарёд назананд... Сипас халачӯби аз шавҳари ҷанграфта меросмондаро, ки гоҳи пиёда шудан зери полон хаста буд, гирифта рӯ ба рӯйи хар истод ва ба гӯши сиҳҳати он зад. Ҷонвари беақл сар афшонд, ки ин зарбаҳои муқаррарӣ, ки гоҳи суст гаштан ҳам зананд. Аммо зан ба қоқаки сари он зад. Хар боз сар афшонд ва зан ба ҳуҷум гузашта, оламу одаму хар ва будану набуданро фаромӯш карда, резачин кард сари харро, ки ҷонвар ба чарх задан даромад ва зан баробари сари ҳайвони безабон гирд гашта, халачӯби заранг ба сари он мезад ва хар реб доданӣ шуда чап мегашт; зан ҳам чап гашта ба устухони сари хар мезад... Хари обсар ҷувозак мегашт. Чу чархи особ чу санги он давр мезад. Олам – замину осмон гирд мегашт. Сари зан

низ... Ба доду фарёди писарак ва доштанҳои ӯ, ки зӯраш намерасид, нигоҳ накарда, мезад, то он беадаби роҳзани муфтхӯри баччакушро аз пой дарорад ва мурдаашро миёнаи роҳ гузошта, ба чизе нигоҳ накарда то хона тозад... Аммо гарди орд аз такопӯйи зиёд ва чархаки олам шудани хару зан боло шуда ба домани почомаи тар часпида, ду либоси тани Анор ба ҳам дӯхта буд, то гурехта натавонад... Халачӯб ва сару пойи хар низ хамир баста буд.

Хар мечархид; зан мечархид. Фалак мечархид. Ва пеши назари зан омад, ки санги особ чархад. Аз зери санг гард-гард орд резад ба хамма...

Хар аз пой афтоду рӯйи роҳ гардан ёзид ва ҳанги хари дигар, ки аз сӯйи Майкада меомад, онҳоро ҳушёр гардонд. Ҳанги хари шинос. Ба тани писарак мурғак давид. Он сӯ нигарист. Хареро надид. Аммо кӯрофтобро дид, ки худро зери абри сиёҳ пинҳон карда буд. Пойҳои кашоли абри сиёҳ то замин расида буд ва дар тани он ғозҳои сафеди мизон часпидаву парвоз карда, рӯйи заминро пӯшиданӣ шуданд. Ӯҳайрон монд, ки чаро хуршеди тобон худро дар паноҳи зулмот гирифтаст? Ӯ посух ба пурс наёфта, сари хари резагашти шинос аз хамии роҳ шоён гашт ва тезтак омад. Ба хари рӯйи роҳ дарозкашида расида, бӯй кашиданӣ буд, ки савор ба гардани он сахт халачӯб зад, вале халачӯб аз миёни ду ангушти шохшакл канори дасти рост парида ба замин бархӯрд. Хараш фӯк хам карда хари хуфтаро ҳолат донистанӣ буд. Савор ба ҷойи халачӯб даст ба кор бурд; ба гардани он хам хӯрда, кафи даст ба гарданаш мезад, то қарор истад. Ҳолатро дида ҳайрон монд; ҷанг пиндошт ва орди рӯйи роҳ муаммо буд. Ақли писар нарасид ё зуъм дошт, ки халачӯбро аз замин бардошта ба падар диҳад. Ин корро занак ба ҷо овард. Гарчӣ мардро ҳоло раги гардан мулойим нашуда буд, халачӯбро гирифт. Зан гунаҳкорона ва илтиҷоомез ба мард зеҳн монд. Мард сар ҷунбонд: «Сабр кардан лозим буд». Баъд аз чашми хӯрҷин халтачаеро бордор бароварда, фармуд: «Худи раис рухсат дод». Зан сар такон дод: «Дер шуд, ако...»

27.02.10.

## ОСОН БИКУН!

Хоби хирсона рафта ва ё чилла хобида, аён нест. Маълум, ки на хурад, на хобад ва на берун равад. Танҳо як бор «Рӯзи сию панҷум» ва баъди он «рӯзи сию шишум» хабар дод дигаронро; баъди он ҳар рӯзро мешуморид. Имрӯз дигар чиз фармуд: «Худо ҷонамро нагирад, ки халос хурам». Вале касе нафаҳмид, ки аз чӣ халос хӯрданист.Ягон кас намедонист, ки касе ӯро ситам карда бошад ва ё ранҷонда; балки фарзандон ва хешон ҳама чиз муҳайё оварда, то пирамард камӣ накашад. Дар умри дарозаш хуб кашид ҷамарғаи рӯзгор ва азоби зиндагиро. Буд, набуд; пайдо кард, накард; дошт, надошт; хӯрд, нахӯрд; дод, надод... гузашт. Вале «чилла» чунон кашол ёбад, ки умри даргузар як сӯ, «чилла»-и нофармуда сад рӯ. «На мегирад, на бармегардонад. Оби дида чӣ суд дорад? Хандед! Ин дунё кирои гиря надорад; бояд хандид, ки ин қадар бозича сохтааст. Пирамон Рӯдакӣ гуфта буд, ман гуфта натавонам: «лӯъбад, лӯъбадабоз» гуфтаҳои ҳамон пайғамбар. Такрор кардани мо чӣ лозим?» «Чиро бобо?» аз нофаҳмӣ абераи нозгунҷ, ки Бобокалон пушти сараш «кокули назр» гузошта, вале ба гирифтанаш фурсат наёфт, пурсид. Бобо даст ба гулӯ бурд ва оҳиста фармуд: «Ҷонамро». Абера хандид. Дигарон низ хандиданд гиряолуд. Нигоҳи каҷу ҳасратзои боборо дида дандонҳои ҳаргуна пинҳон карданд. Абера аз чунин ранг гирифтани ҳол ханда байни лабон фурӯ дод; низ гирист. Бобобузург даст ёзида «кокули назр» дошт ва кашид, абера пушт рафта, то сар ба лабу даҳонаш ояд, бӯй кашад. Аммо мадори даст нашуд, кокул аз дасташ раҳо ёфт. «Худованд, бигир амонататро!»

«Осон бикун!» Ӯ фарқ накард, ки садои кист. Овози шинос, аммо ӯро равшан нест ва чандон номашро ёд оварда натавонад. «Махмал? Не!» ӯ чунин нагӯяд. Набераи нозгунҷи ботамиз. Кокулдор писари ӯ; номаш аз ёди бобо рафта. Чашм пӯшид; зеро осон ҷон додани боборо мехост. Худи бобо низ ҳар гоҳ мурочиат ба Худо дошт, кош, осон бикунад. Аммо чунин талаб кардани яке аз наберагон ё духтар беморро нафорид. Мазмун, бобо сер нашудааст аз зиндагӣ; чизе мондааст берун аз дасту ихтиёри ӯ. Худаш донад; зеро кори шоёнаш он буд, ки

рӯзгорро саришта кунад, пайдогар бошад; Худо давлати пирӣ диҳад; хор нагардонад. Лек надонад, ки давлати пирӣ чунин шавад ё чизе, ки ӯ мехост, муҳайё нест? Ба назари табор ҳама чиз ҳаст, бобои нороҳат хӯрдаву лаззат бурда натавонад. Аз ин рӯ ҳама ҷо холӣ, рӯфта ва пуч тобад. Осмон ҳаст; офтобу моҳу ситораҳо ба навбат омада, раванд; садои оби сой ҳам ояд; мошинҳо бо навбат садо диҳанд; хурӯс чун намози панҷвақта, қазо накарда, бонг занад... Ягон чиз дигар нашудаст. Аммо бобо мурд. Барои он ки ӯ хафа нашавад, чашм пӯшиду мурд, лекин ҳама овозу садову гӯяро шунавад. Чунин ҳол то «салоти ҷаноза» гуфтан, баъд гӯши мурда қуфл занад; кари кар шавад; кӯру гунг ҳам. Бобо шунавад, ки ба гӯяву мӯя оғозиданд. Ҳай гуфтанд, ки дар зиндагиаш нагуфта буданд: «Шунидӣ, бобоҷон?» Бобо беихтиёр сар такон дод. Онҳо чирри талх заданд; тарсиданд, ки мурда ҷавоб дод; ҷунбид. Бобо табассум кард. Онҳо канор рафтанд. Бобо хандида, чашм кушод. Онҳо бурун баромаданд. Бобо баланд хандид. Ба тавру тавони хеш баланд хандид, вале нашунид, ки садо баровард ё не? Шодмонӣ карданд, ки бобо зинда шуд. Дуртар нафаре ношод. Ин яке аз писарҳо, ки донаи гулӯи бобо буд ва намехост, ки падар боз ҳукмравойӣ бикунад. Зеро ӯ химча омода сохтаст, то ба сари ноаҳл шиканад. Инро танҳо чашми дили бобо бинад, ки писар гиря надорад, ягон тараддуд ҳам нест; фӯта кушода, аз зери ҷома баст ба камар ва ба хаёл рафт: «Бад мурдан надорад».Аммо пирмард бадиашро надонад. «Одам бишав!» гуфта, аз роҳи бад гардондан бад бошад, ӯ аз бад ҳам батар. Аҷаб он буд, ки гоҳи хандидан ҳалқи бобо тофт: даҳон мисли ғор тофт; зеро на дандон буду на он милку вораи фарбеҳ; бинӣ теғ дода болои бурут ва миёни устухони барҷастаи рухсор, чашмони фурӯрафта ва устухони пешонии аз чашму абрӯ ва бинию даҳон пеш баромада ва косахонаи бо як парда чарми сафеди офтобнадида пайваста аҷибтар аз ҳасту нести ӯ буд. «Ҳеҷ чиз надидам». Аз зеҳн гузашт ин андеша. Дилкашолӣ дорад ба зиндагӣ. Агар мисли Ҳоким мехӯрд ин дунёро, чӣ мегуфт дар чунин ҳол. Ба ҳар ҳол гуфт: «Осон бикун!» Валек гуфтаи кадоме сахт расид, ки мурдани ӯро хоҳад. «Банда – миранда». Ҳарчанд зӯр зад, ки гардан тофта соҳиби овозро пайдо кунад,

натавонист. Ҳамин қадар фарқ кард, ки ин овоз он овоз нест, ки «осон бикун!» гуфта буд. «Ҳама мурдани маро хоҳанд... Охир, ҳеҷ чиз надидам аз ин дунё! Ҳеҷ чиз надоштааст! Пуч будааст! Хӯрдану ридан магар ҳаёт аст? Мамот... Ҳама гап дар он ҷо...» То ин ҷо гуфт ба назари хеш, аммо баъд хаёл кард: «Ҷӯйҳои равони шарбату асал ва шароб». Чунин шунида буд. Медонист, ки чунин ваъда ҳаст, забони хушк ба лаб расонда нам кард ва кадоме аз калонсолон пахта ба об тар карда ба лаби ӯ молид ва қатра-қатра ба даҳон чаконд. Ҳаловат дошт. Ин нозукиро мурда ҳам пай барад. Дил кашол ба оби зиндагӣ, вале он ҷо Зам-зам ҳаст, ки намунаашро Ҳоҷӣ Расул аз Макка овар-да ба як чумчааш як сатил оби сой ҳамроҳ карда, хуронда буд. Боиси таассуф, ҳаҷ рафта натавонист; сабабашро ба касе на-гуфт. Умедвор, ки якрост ба лаби ҳавзи Кавсар рафта, аз он об шикамсерӣ бихурад. «Аз ин тараф он тараф наздиктар... Лекин кас нахоҳад, ки мурад. Одам мехоҳад донад, ки баъд чӣ шуд? мурда, баъди сад сол зинда шавӣ ҳам нағз. Лекин ҳамин хел мурда равӣ... ношукриш. Зода нашав буд; на медидию на месӯхтӣ... Тавба кардам, тавба... Азроъил ба Довуд пайғамбар панҷ рӯзак умр илова накарду ба ман илова кунад? Не... Ҳайфи сухан. Ҳайфи одам, ки беҳуда зери хок пӯсад. Ҳатто ба наздаш дарахт нашинонанд, ки меваааш ҳаром шавад... Ҳайфи кас. Аз ин рӯ намурӣ, хубтар. Чӣ қадар дуъо кунанд, ки «намурӣ!» Ле-кин боз мурад кас. Дурусттар биандешӣ, одам гапногир; қасдан кунад ҳар корро: «Намур» гӯйӣ, мурад, нек бикун, гӯйӣ, бад кунад. Мурдан беҳтар аст: «Худовандо! Ҷонамро бигир! Азобам надеҳ!»

– Чӣ шуд бобо?!

– Аааа?

– Дод задед?

– Ман дод назанам, кӣ дод занад?! «Гир!» мегӯм, нагирад, чӣ кор кунам?

– Вақташ ояд, гирад.

– Мегӯйӣ-дия... Қабз кунад, мефаҳмӣ.

– Мо аз ин дунё чизе надидем...

– Ман дидам-а? Хока дидам. Ғайри «зойид», «мурд» чизе нашунидам. Ба яке хандӣ, ба дигаре гирйӣ.

– Гапотон нағз, бобо, ҳолӣ намемуред!

Бобо хомӯш монд. Ҳама ҷо ороми ором шуд. Якбора дил раг зад ё раги дастонаш кашид, ки нимхез гашт ва панҷаҳо мушт карда, базӯр ба ду тараф кушод ва то охир ёзонда натавонист. Танаш ва дастони бардоштааш шах шуданд ва муштон таранг. Чунин амалро ӯ ба ҷо наоварда, балки худаш чунин рух дод. Ҷонканиро монад. Вале онҳо «Хонаравшанкунӣ» гӯянд. Баъд киро зӯр буд, кӯмак кард, то ӯро дошта хобонанд. Зӯр зад, дандон сойид; чун дандон надошт, даҳони бемор каҷ шуд... Набераҳо рӯй пӯшиданд аз тарс.

«Осон бикун» садо омад ва мушти бобо кушода шуда, танаш низ мулоим гашт. Ҷоғи зер низ дар ҷояш қарор гирифт. «Бобом артист шуден». Ҳама ё ними гирди бистари марги бобо омадагон хандиданд. Ин чизро бобо шунид; хаёле дар лабаш табассум хона монд. Аммо онро, ки «бобом артист шуден» гуфт, нашинохт. «Ҷони бобо» гуфт дар дил. Баъд аз ин ҷо рафт; ҳушу хаёлаш баланд рафт. Дар осмонҳо сайр кард. Аз баландӣ заминро хуб дид; чизеро сарфаҳм нарафт; сонӣ дуд ё абр пеши чашмашро гирифт: «Ҳамин пеши офтобро мегирифтаст. Вагарна одамӣ ҳеҷ гоҳ дар зулмот намемонд, шаб ҳам намешуд; одам раҳгум намезад... Худи ӯ наметобад, ки як-ду даҳан гапамро гӯям...» Аз ҳама баъд як садои гӯшдари бобо баромад: «Наомад!» Онҳо саволборон карданд боборо: «Кӣ – кӣ? Чӣ-чӣ?» Ӯ аз садои баланди хеш кар гашта буд, ки нашунид. Дертар худ аз худ ба олойӣ даромад: «Азроъил наомад... Мегуфтам, зудтар ҷонамро мегирифт. Дар дигар ҷо ҳозир; аз сари асп парронад; аз шохи дарахт ғалтонад... Аз ҷар. Аз ҷӯ... об... оташ... ҳааа... Маро азоб диҳад. Аммо ҳеҷ рӯ ба рӯ нашавад, ки муродамро гӯям... Аввал пурсам, ки ҷони чӣ миқдор одамро гирифтӣ? Ҷони ҷонварон ҳисоб не; чунки ҷони онҳоро одам гирад; баъд худашон аз беақлӣ муранд. Аз беақлӣ. Беақлӣ набошад, хояи хирс миёни ду шохи ҷафси дарахт монаду ӯ бо зӯри хирсона худро раҳо карда натавонад; чунки гоҳи шохи зерро пахш кардан ҷонваракаш миёни ду шох ҷой гирифта. Вақти пой аз шох гирифтан пучидаст. Сонӣ бо ҳама вазн бар он нишастаст. Лек одам чунон боақл, ки ҳеҷ нахоҳад мурдан; бо табар занӣ ҳам... Дареғ, намебинам, ки гӯям: «Сабр... сабр... сабр. Одам аз сабр ёфтаст. Аз маро куштан чӣ мегирӣ? Як мар-

каби хароб дорам, ки баччаҳо ба ту надиҳанд; онро ба ту диҳанд, ба худашон ҳеҷ чиз намонад; ҳатто дилхушӣ. «Боз гӯям: «Ту аз Худо зӯр нестӣ, Марг!» «Маро худи Худо фиристод!!!» «Дурӯғ! Ба номи Худо, дурӯғ!» «Марг» чунон беҷонест, ки Худоро медид, ҷонашро мегирифт...»

– Мӯсафед ҳеҷ аз қавлаш нагашт. Он дунёро ҳам мағозайи деҳа пиндорад. Ҳоло маълум нест, ки ба кадом шаҳр афтад: ба Биҳишт ё ба Ҷаҳаннам?

– Рафта омадӣ, кампир? Бе ман-а? Ба кадомаш равам?

Як чиз гуфтанӣ буд кампири нимҷонаш. Лекин забон газид, хуб хаёл карду ёд овард: «Аҳдамон буд-ку? Бояд ҳамроҳ биравем». Сар афшонд: «Ман нигарон меистам; бевафойӣ накунӣ... Тарсам аз танҳойӣ»

«Уввввв!!!» Боз ҳамон хел хамёза кашида, то миён рост шуд. Дастонаш чун боли кушодаи уқоб ё каргас парешон шуданд. Миёнаш ба тарафи рост тоб хӯрд. Сар ба пушт майл хӯрда, рӯ ба осмон бозмонд. Мисли телевизори лаълидор, ки рӯзҳои барфу борон чунин нағма кунад; чарс-чарс садо диҳад, ки донак мешикаста бошад; қарор истад бахш, сонӣ оташаш мурда, чизе нишон надиҳад ва якбора садо диҳаду сурат на: «Шумо чӣ ҳайвонед, ки дастони ӯро дошта, бо зӯрӣ нахобонед!» Ин садои телевизори хомӯш нест; чунки айб дониста онро нагиронда буданд. Бародари ҳоҷӣ гуфт ин ҳарфро. «Метарсем». «Аз бало наметарседу аз дасти бобoро доштан... Ако! Чӣ шуд ба шумо? Хоб кунед!» «Садо накунед, ҳоҷӣ, метарсанд. Руҳашон рафтагӣ. Шайтон бозӣ доронад. Айби магазин. Ин хел ҷойҳо «пирхона». Лекин ин кас баччагӣ карда, бисёр...» «Аҳмақ!» хулоса кард бемор. «Ин кас ҳолӣ намемуранд; ҳамаро месанҷанд. Дар зиндагӣ дӯсту душманро фарқ намекарданд, инак фарқ гузоштанӣ». «Аблаҳ!» Кебида, канортар шуданд. Пашша рез кард. Вале ӯ эҳсос надошт, ки ин хунхори болдорро биронад ва раги рӯю лабу даҳонаш наҷунбид. «Хабари марг». «Хуб нодонед шумо занҳо; ин болдоракҳо зиндаро мехуранду... Ҳол он ки «ин кас» ба ҳукми мурда». Садо баровард: «Худат мурдан гир... Ман мурданӣ нестам... Шумо чӣ донед, ки ин дунё чӣ зебо; зиндагӣ чӣ ширин? Дунёро пуштора карда нашавад. Агар мурам, Зиндагиро ҳамроҳам барам. Кампирро ҳам барам. Одамон – ҳаром... рӯз надиҳанд...»

– Худатон рафтан гиред, ман аз қафо меравам.

– Худо якта, бе ту як қадам монам! Ман дигар кӣ дорам?

– Дар он ҷо якто не. Дуто! Шуморо пешвоз мегиранд.

«Аком хона равшан карданӣ...»

«Бало! Аз рӯзе ки ман донам, ин кас хона равшан кунанд, ҳеҷ не, ки...»

«Бибӣ, мешунаванд. Рӯмо сиёҳ, наход ҳамин хел гӯед?!»

«Ман қасам хӯрдагӣ. Ҳамроҳаш барад ҳам қасдамро мегирам. Дар он дунё бошад ҳам, хафа карда кушам...»

«Астағфируллоооо!»

«Рӯмо сиёҳ, фаҳмиданд! Биллои азим, мекушанд! Нагӯед, охир ҳар гапа!»

«Чи-ба намегуфтагам? То ҳамин рӯза ба лабонам мӯҳр зада буд. Дар косаҳои талхак ош дод. Ду зани пешинаро кушт...»

«Ин хел нагӯед, янга!»

«Ман надидаам, лекин мегӯянд. Аммо дар пӯсти худ ҳис кардам. Вақташ омад, ки гӯям!»

«Ҳааа!»

«Дидед, ҳамаашро мешунаванд. Саломат шаванд, ана бинед-дия...»

– Кӣ ҳаст?

– Ҳама.

– Ааааа! Инҳо маро куштанӣ! Лекин ӯ намеояд. Беҳуда аз ӯ хафа шавем. Одамон ҳам мисли дигар ҷонварон худашон муранд... Ҳаром... Гӯшти одам ба касе лозим нест... Ааааа!!!

Зӯри ҳоҷӣ нарасад, ки дасти ӯро қат карда, хобонад. Бодфирракро рӯ ба рӯяш гузоштанд, то магасҳо дур шаванд аз сару рӯяш. Ҳулбӯву райҳону наъно гузошта рӯпӯшро гӯр карданд, то магасҳои гушна фирор кунанд. Онҳо дар девору ҳар риштаи кашол ва сими барқу чароғ нишаста, сими сафедро сиёҳ мегардониданд; чун бӯйи тези гиёҳ равад, боз ҳуҷум меоваранд ва болопӯш сиёҳ мешуд. «Дар лаҳад ҳам чунин гиёҳҳоро гузоред, то кирмҳо наоянд!»

– Ин хел беғайрат набудед-ку?

– Набудам... Шудам... Ҳоло аз худам тарсам... чанд рӯз шуд?

– Чилу чанд рӯз.

– Чилу чанд рӯз? Чилу... чанд рӯз... Ягон бандаи Худо ин

қадар дард накашидаст, ки ман... Лекин инҳо ҳамонро ҳам ҳисоб карда натавонанд... худам то таги чил ҳисоб карда будам; ҳушам рафту гум кардам. Ин гоҳи парвози осмонӣ буд... Чӣ касонанд инҳо. Ҳаштоду шаш сол, рӯз ба рӯз ҳисоб кардам; ҳамаш дар ёдам ҳаст. Осон аст? Чӣ рӯзҳое буд? Чӣ корҳое шуд? Солам аз сини пайғамбар гузашт. Ҳаминаш хуб нест. Набояд мегузашт. Бояд дар ҳамон сол мемурдам. Азроъил дар куҷое банди ҷонгирӣ буд, ки наомад. Ё худо нахост. Азроъилаш ҳам. Марг ҳам аз Худо зӯр нест. Зӯр худаш; ҳар коре хоҳад, бикунад. Метавонад маро аз нав... Лозим нест! Боз ҳамон азоб, боз ҳамон хориву зорӣ. Бода ҳам сабук накунад дарди касро. Лекин ман мераваму боз меоям. Бояд чунин гапзанон шавад. Бо Азроъил ҷӯра шудан лозим. Мард бошад, бояд бо гуфтаҳои ман розӣ шавад. Лекин як дипломат долларро аз куҷо ёбам?... Аааа! Илоҳӣ барака ёбӣ, Азроъилҷон, ҷонамро бигир! Осон бикун! Вагарна онҳо оташи дӯзах афрӯхтанд, ҳозир маро он ҷо партоянд. Коре бикун, ки оташ кушодаву фарох гардад ва мани мискин монанди Иброҳим дар гулистони миёни оташ фуроям; бо парашут фуроям; беозор... Омад-э, омад! Ба номи Худо, омад! Сабр мебод. О ин Шаҳин-ку! Чанд бор ҳаракат карда буд, ки маро кушад. Барои «келинчак» шуда. «Келинчак» ба ӯ нарасиду ба ман расид. Куштанӣ шуд маро. Чихел ман «келинчакро» партофта равам. «Ҳа?!» (Сӯроби Шаҳин гум шуд. Лекин Азроъил пайдо гашт. Бемор боз ба олойӣ даромад) Ҷӯрагӣ ҳамин, ки дар бехи дарахти чормағз, аз пасандозҳои магазин гӯр карда мондаам; дар як кӯза. Барои худат. Ҳамонро гиру... Ооох!!!»

Азроъил дар чашмаш ҷо гирифт, дигар аз он ҷо набаромад.

2.03.10

## ГАҲВОРАҶУНБОН ВА МАЛАХ

Филмноманависро зарур афтод, то ба коргардон занг зада пурсад, ки дар фасли зимистон кор оғоз ёбад, гаҳвораҷунбон пайдо кардан имкон дорад ё на? Ӯ посух дод: «То алҳол чунин мушкилот пеш наомадааст, «эҳтиёт – ними ҳаёт» агар пайдо гардад, саришта карда оред; чунки филмбардорӣ дар фасли зимистон оғоз хоҳад шуд». Аз доноӣ буд ё аз нодонӣ Асрор дар танги тирамоҳ гаҳвораҷунбони сабзранги дар

қиёми рӯз болои алафи дубора сабзида дидаро ҷустуҷӯ кард, пайдо нашуд. Гашти рӯз пой ба алаф сойида, боғро гашт, аммо ҷонвари пойдарози шикамдамида ва миёнборики аспсар асрорангез пинҳон гашта буд. Вагарна ҳоҷати ин қадар ҷустан набуд. Асрор нависандаи шинохта бошад ҳам, бори нахуст дар филмбардорӣ ширкат меварзид ва чун навкори ҳавасманд сахт мехост, ки бозёфти ӯро дар филм ҷой диҳанд, то бозиву рафторҳои кӯдаконаашро ҳама бинанд. Овози худашро шунавонанд: «Гаҳвораҷунбон, хамира мушт кун!» гӯяд ва ҷонварак ду даст мушт гардонида, алвонҷ равад мисли гаҳвора. Аммо гаҳвораҷунбон пайдо нашуд. Асрор умедканда гашт. Нахост, ки нобарориро ба коргардон фаҳмонад.Рӯзи дигар чун офтоб замину ҳаворо гарм кард, Асрор боз аз паи актёри ояндаи филм афтод. Аз пеши пой чун донаи чӯби гӯгирд малахи синонбинии хароб ҷаҳида, дуртар нишаст; малахчае хокиранг низ парид, ки зери болаш лоларанг тофт. Вале гаҳвораҷунбон натофт. «Чаро кори дунё акс? Лозим набошад аз пеши пой барояд. Лозим шавад, рӯй пинҳон кунад. Рост: рӯбоҳ бо харакӣ во хурад».

– Муаллим, аз замин чӣ меҷӯед? – чашмбанди кафшергарӣ ба пешонӣ бардошта ва рӯдаи васл дар дасти рост аз баландии оҳанрави шипанг нигариста пурсид усто.

– Дина як гаҳвораҷунбон дида будам, имрӯз мекобам, намеёбам.

Усто-муҳоботчӣ фармуд: «Ӯҳ, дар ҳавлии мо байни гулҳо як гаҳвораҷунбони гуларанг мегардад аз гунҷишк калонтару аз мусича хурдтар».

Асрор хеле шод гашта чунин гаҳвораҷунбони бузургу зеборо хаёлан дар экрани кино дид ва аз усто хоҳиш кард, ки ҷонвари Худо фиристодаро дошта биёрад. «Кинобоб будааст» гуфт ба худ, вале аз гумҷӯйӣ даст накашид. Ҳаво гарм шуд. Сангчаҳои рӯйи замин тафсиданд. Малахчаҳо зиёд шуданд, ки ранги алафи ҳар ҷоро доштанд. Ба ногоҳ аз миёни алафи аз борони нахустини тирамоҳ сабзгашта гаҳвораҷунбони алафранг парида канор нишаст. Дар дили Асрор фараҳ омад ва табассум карда, аз пайи ҷонвар афтод. Чу асп қантар монд. Пайгирии одамро дида огоҳ аз қасди ӯ гашт. Дуртар парид. Асрор нӯгнӯги пой гашта, андаке қомат хамида, наздик омад, то каф за-

да, дорад. Нашуд. Ҳар бор, ки наздик ояд, ҷонварак реб дода ба чапу рост ҷаҳад. Ба назар ҳар ду хаста гаштанд. Асрор қомат рост гирифта дарди миён рафъ карданӣ шуд. Гаҳвораҷунбон аз тарси он ки гирифтори доми тазвир нагардад, ду-се бор пайиҳам ҷаҳида, ба чапу рост тоб хӯрд ва ӯ ҷойи руст шудаи онро надид. Асрор низ печу тоб хӯрда рафт, то бори дигар парронда, ҷойи нишасташро аён гардонад ва нимтана ба болояш партофта, ба дом орад. Ин найранг ҳам кор надод. То нимтана ба замин афтидан ҷонвари тарсу парвоз кард. Асрор бозистод, чашм аз ҷонвар наканда, чанд бутта ҷорӯб канда, дастамонанд сохт ва хамида пеш омад ва пой пеш ёзида ҷорӯб ба рӯйи сабзранг андохт, ҷонвар зери ҷорӯб монд. Мурдаву зиндааш аён набуд. Ҷорӯбро оҳиста-оҳиста бардошта, пойи хоракдори онро дид ва даст ёзида ду ангушт амбурак бурда, дошт. Пой зад он. Хоракҳои пой ба дасташ халида, ғаши ӯро оварданд. Ба доштан дошту бо он чун муносибат карданро надонист. Намедонист, ки гаҳвораҷунбони пой ба ҷаҳидан омода сохта чӣ бояд бихурад.

«Доштед?» – аз сари бом садо баровард Усто.

«Ба доштан доштаму чӣ хӯрданашро надонам».

«Барги ток!» – аз таваккул буд ё рост фарёд зад Усто ва оташи кафшер шалола пошид.

Асрор дигар чиз напурсид. Балки андешид, то вақти наворбардорӣ онро чун зинда дорад? Зеро барги ток зарду сурх ранг гирифта.

«А, Усто! Чун нигаҳ бояд дошт?»

«Симу симтӯр оред, қафас сохта диҳам!»

«Хуш умри дароз! Зияд, назияд?»

«Саришта кардан даркор! Гаҳвораҷунбони ҳавлии мо аққол буд-дия! Боби кино!»

«Куҷост?»

«Наёфтам, соли дигар албатта пайдо шавад!»

Асрор дигар ба гап нагирифт Усторо, то кор намурад. Бутали «кола» пайдо карда бо гулмех танашро сӯроху ғилбор гардонд ва пойҳои ҷонварро рост карда, аз даҳони бутал ба даруни қафаси сохта андохт. Ҷонвар чанде пой зад, то озод гардад, вале ба девораи бӯтал бархӯрда ба дом омаданро дарёфт ва ба қади девор боло хазид, то раҳо ёбад. Зиндон актёр-

ро танг омад... То гушна намонад, Асрор нӯгбарги сабз канда, пилтапеч ба бутал андохт ва дер нигарист, ки хурад, ҷонвар нахӯрд. Малахак ҷаҳид. Зери болаш сурх парвоз карда, чанде дуртар нишаст. Асрор оҳиста пой гузошта наздик шуд ва бо як каф задан малах ба даст овард ва ду пой канда, ҷисми бепой назди гаҳворачунбон андохт ба сар. Чунон ки гурба муш рабояд, аспсар аз сари малах дошт. Оне қарор истод ва ба макидан оғозид. Чанд муддат гузашт, малах пажмурид.

Гаҳворачунбон талоши раҳидан дошт: ба девораи бутал рост шуда баромад, чун даҳони маҳкама баста дид, воруна гашт. Асрор фараҳманд буд аз амали хеш, ки фардо гоҳи филмбардорӣ чӣ нағмаҳо кунад актёри навзуҳур. «Гаҳворачунбон, хамира мушт кун!» гуфта садо барорад, сабзранг панҷа мисли тифл мушт карда, сахт нигаҳ дорад, ки хамир мушт карда бошад. Сонӣ ҷунбад ва бойиси ғулғула афкандани овозҳои якҷоя гардад. Хӯрданиаш ҳам рӯшан шуд, инак малах шикор кунад. Малахе парвоз кард, ки пештар надида буд ё дида бошад ҳам аҳамият надодааст; малахи синонбинӣ, ки чунин бинии найзасуратро сари бинии моҳие дида буд дар телевизор. Ҳоло малахи монанд ба донаи гӯгирд пайдо шуд, ки бо осонӣ дошта назди гаҳворачунбон андохт, вале актёри назарбаланд ба ӯ нигоҳе накард; надида ангошт. Малаххои дигари ба назараш ғуммачаи гӯштдор дошта андохт даруни бутал; баъзеро як линг канда андохт ва чандеро солим. Ва онҳо ба позаниву ҷасту хез даромаданд; баъзан ҳунарманди оядаро расидаву зада мегузаштанд. Ӯ чизеро эҳсос намекард. Мисли бум орому хамӯш буд. Дастон бардошта, ангушт мушт карда, омода ба базме гашта, мушоҳида дошт майдони базмро ё набардро; зеро Асрор онҳоро зиёд ҷо кард, то гаҳворачунбон хӯрда, фарбеҳ гашта кинобоб гардад. Чунон ҳам шуд: шикам бузург кард ва то дум дамид. Пойҳои дурушту дағалаш низ нерӯманд гашта, ҳайати паҳлавононаи ӯро мебардоштанд. Асрор аз бозёфти хеш шод буд. Ба режиссёр занг зада, изҳор дошт, ки актёр омода мегардад, ба суруди он оҳанги мувофиқ пайдо бояд кард. «Нахуст пул бояд ёфт!» садои ҳазини коргардон омад ва тарбуз аз бағали филмноманавис афтид: «Дунё дар болои пул устувор».

Ва он бегоҳ умедканда буталро ба мошин нагирифт. Буни девор гузошту рафтагор шуд.

Усто фармуд: – Пагоҳ – ҷумъа. То вақти намози ҷумъа ҳавлиро мебинам, гаҳвораҷунбонро пайдо карда меорам. Ганда калон-дия! Кинобоб...

Ними шаб аз хоб бедор гашт ва оварди гаҳвораҷунбону малаххоро пеши назар овард: ҷанги маҳбусонро мемонд, ки барои сарварӣ ҷонбозӣ доштанд. Аз ҷогаҳ бурун наомада, таъбири хоб ҷуст ва якбора ҷаста, дасту рӯй нашуста ба мошин нишаст ва бозорҷо рафт. Бутал дар буни девор. Андарунаш актёр нақши тоза меофарид: рӯйболо буд. дастонаш мушт, малахе дамидатар аз ӯ паҳлӯи шикамашро дарида, хун мемакид.

9.11.10.

## ГӮРИСТОНИ ҒАРИБОН

«Домулло... Домулло! Домод! Аҷаб... Касе нест магар? Ё кар шуда бошанд? Ман, ки кӯр шудам, онҳо бояд кар гашта бошанд. Зиндагӣ чунин будааст: мисли гул рӯёнаду шукуфонаду ҳаваси якдигарро оварад: чун рангу накҳаташ рафта, гулбаргҳо пажмурида, резанд, соли дигар рӯянд. Одам ҳам чунин. Аммо пажмуридани гулу гиёҳ аз фавти одам фарқ дорад: одам мурд, ки мурд... Куҷо шуданд инҳо? О домулло! Ҳааа... Овозам паст; ранги овози мурдаи гӯр... О домод!!! О очаш! О Идигул!... Духтар ҳам нест. Куҷо рафта бошанд? Наход бо чунин умри дарозу бемории домана ба дили ҳама зада бошам? Сад сол каму ғам нест. Дидагиамро дидам; шунидагиамро шунидам... Худо донаду ман донаму... Сад соли умр як рӯ, сад рӯзи бистарӣ як сӯ... акнун фаҳмидам, ки чаро пирон ба Худованд ниёз оварда «Осон бикун азоби ҷонканданро» мегуфтаанд. Лекин дарди ман аз азоби ҷонкандан, аз азоби гӯр сахттар. Худованд дод, ман саришта карда натавонистам... Аз худам гузашт. Худоро худодод донистам, бандаро хомӯшак. Беақлӣ будааст... Он қадар ҳам нею, баъзеҳо чунин донистанд; аз савлатам, аз давлатам... Худоё, фурсати васият фаро омадаст, ҳеҷ кас нест, то гӯям дарди дил. Вагарна бо фармуди кадом дилсӯзи ҷигарбиён бурда ба кадом лаҳади танг андозанд ва ман ҷавлон зада натавонам. Одами як умр ҷавлонзада андар ҳаргуна мазор ё гӯр ҷавлон зада натавонад. Аз дилсӯзӣ

паҳлӯйи падару модар гӯронанд, вале ман лойиқи чунон мазору чунин гӯр нестам. Як умр дур будам аз падару модар, дигар оби чашми онҳоро дидан нахоҳам; зеро онҳо «Ғаматро набинем» мегуфтанд. Агар паҳлӯи онҳо афтам, душманонам маро сахт азоб диҳанд, зодагонам дубора муранд. Лозим нест. Аз барои Худо лозим нест! Маро набаред назди зодагонам!»

Пирмард набинад ҳам хаёле намуд, ки дами дари хонаро касе гирифт. Ӯ абрувон боло бардошта, чашмон фарохтар кушода, сӯйи дар, ки дар чунин ҳолат ҳам дар куҷо будани онро медонист ва гоҳи бурун рафтан озод убур мекард, нигарист ва пурсид: «Кист?»

– Ман!

– Домулло? – аз садояш шинохта фармуд пирмард. – Куҷо шудед? Ин қадар, ки фарёд задам, ҳалқам хушк шуд.

– Ҳамин ҷо будем, бобӣ; дами дар. Нашунидем. Ягон ...

– Бишин. Домулло, худат як одами аз ду ҷаҳон бохабар; ҳама чизро фаҳмӣ... Ғайри ҳардумон касе нест?

– Нест, бобӣ, нест.

– Хушдоманат ҳам нест?

– Нест бобӣ, нест.

– Бачаҳои худат ҳам?

– Нест бобӣ, нест.

– Куҷо рафта бошанд?

– Савдогарони Иструшанӣ мол овардаанд, сари масҷид рафтанд.

– Савдогарони Иструшанӣ? Ҳамун сумкабардӯшон?

– Ҳамунҳо...

– Ҳааа... Домулло!

– Лаббай!

– Агар ман мурам, ба кадом гӯристон бурданӣ?

Домулло дам ба дарун гирифт. Ба андеша рафт, ки падарарӯс дар умри садсола чӣ корҳо карда бошад? Чаро якбора сахт гирифт? Деҳа се гӯристон дорад, дили бобӣ кадомеро мехоста бошад?

– А, ба кадомаш?

– Дили худат кадомашро хоҳад, бобӣ?

– Худат мулло, ҳама чизро медонӣ, мефаҳмӣ. Хаёлам, гуноҳу савобро бар кашида, муайян карда метавонӣ.

– Бо чунин умри дароз ҷойи худат «Мазори Мавлоно».

– Не, домулло. Ман йолиқ нестам. «Мазори Мавлоно» ҷойи бузургон...

– Аз ҳама бузург худат, бобӣ. Дар ин деҳа касе ба сад нада-ромадааст. Меҳрубоние, ки Худои таъоло ба худат кард, ба касе накардааст. Умри се-чор касро ба худат бахшид.

– Мазори Мавлоно бузургтарин мазор. Тарсам, ки гӯр мурдаамро дангал диҳад.

– Нафаҳмидам, бобӣ? Наход, гӯр бузургсолтарин марди диёрро дангал диҳад?

– Донӣ, ки ман савдогар будам; аз пайравони пайғамбар... Худат ҳам, домулло, ҳамин чизро дар назар дошта, духтарамро ба занӣ хостӣ. Аз бӯйи Муҳаммад пайғамбар донистӣ, тоҷир ҳалолтарин каси олам. Камбудии мӯҳтоҷонро буд гардонад. Ҳама савоб ӯро насиб гардад... Лекин ин хел нест: савдогар аз сад навадро занад. Хусусан савдогарони имрӯза. Ба шунидам чунин. Ҳатто санги тарозуро парма карда, аз мағзаш гирифта даҳони сӯрохиро сурб резанд, чӣ монад ба дигараш... Аз ин рӯ, мурдаи ман йолиқи «Мазори Мавлоно» нест.

– Ин хел нагӯ, бобӣ. Арзандатарин мурда мурдаи худат. Барои он ки дилат пур шавад, заминашро харида мегирем...

Бобӣ дуру дароз ба андеша рафт. Дер чашмони нобиноашро ба болору вассаҳои хона дӯхт ва оҳи бадард кашид.

– Гӯристони «Мардумӣ» чӣ? – баъди мулоҳизаи зиёд пурсид домод.

– Маро дар он ҷо роҳ надиҳанд. – Магар ҳамин чизро шуниданӣ буд, ки зуд посух дод. Домулло нигарон, то Бобӣ чӣ гӯяд. – Маро шиносанд, чӣ неку бад карданамро донанд. Кафанбасар хеста, асои рӯйи гӯрашонро канда, зада-зада аз биҳишт берун кунанд; ба нори ҷаҳаннам андозанд, ки тоқати азоби онро надорам...

– Қариб фаҳмидам. Худат бигӯ, бобӣ, ки йолиқи кадом гӯристон ҳастӣ?

– Волло, надонам... Касоне ҳастанд, ки мехоҳанд, гӯрашон аз «Мазори Мавлоно» ҳам баландтар бошад, ки оламро тамошо бикунанд... Ман ин хел намехоҳаму... лекин мехоҳам, ки як худам танҳо бошам. Ҳеҷ кас набинад; ҳеҷ касро набинам.

– Ҳамдиёрони азиз, ба ин кор роҳ намедиҳанд, ки дар

қуллаи баланди бекас Бобиро тани танҳо гӯр кунанд. «Моли танҳоро гург хурад» мегӯянд.

– Боз чӣ гӯристон ҳаст?

– Гӯристони «Ғарибон» Ғарибакҳоро, бекасонро гӯр кунанд он ҷо.

– Аз ҳад паст нест?

– Паст... Лекин дар он ҷо як кас ба чашми худат нигоҳ карда натавонад.

– Агар рӯзи дафн ҳафту ҳашт кунанд, бигӯй, ки худи Бобӣ васият карда буд.

24.11.10

## ХАЛТАИ ШАФФОФ

Халтачаи клиёнкаи сафед чун қуттии овоздиҳист, ки бардошта назди асир ё бемор баранд; андарунаш бюлетенҳо равшан тобанд. Қуттӣ шаффоф, халтача низ шаффоф. Пулҳояш то банд низ шаффоф. Яксомонӣ, панҷсомонӣ; танга ҳам дорад. Писараки қадпасти пилки чашмон баргашта, қиёфаи нимодамиаш мароқангез ва мӯйи сари истехаш, гӯшҳои монанд ба гӯши кафтор гирдааш низ диққати бинандаро рабояд. Халтачаи ӯ чун қуттии овоздиҳӣ дар ҷое мехкӯб нест, балки ӯ онро аз ду канораш дудаста дошта, аз як тарафи одамони ғамнок сафистода гардонад ё бар марзаҳои гирди гӯрҳо рӯймолча ё рӯзнома густурда, нишаста, гунгона ва орому хомӯш ба қиёфаи ҳар кас як бор нигарад ва сар андозад, то симои булаҷабашро набинанд. Вале аз ҳолату авзоъаш барояд, ки ба чунин андеша ақлаш надавад, балки безабониашро дониста, сар хам кунад. Зеро нияташро пайбурдан чандон душвор нест. Ӯ ин корро гоҳе ба амал орад, ки яке аз хешони мурда андар лаби ҷома ё фӯта хоки гӯр гирифта назди ҳар кас барад, то якмуштӣ гирифта «Аз хок рӯйидаем, бар хок шавем» хонда, суф бар он кунанд ва нигарон истанд, ки домони дигар ояду хоки дамидаро ҷамъ карда, бурда бар лаҳад андозад. «Аз хок бурун омада, бар хок шуда». Домони саввум халтаи ӯст. Халта шаффоф ва ҳар кас бинад, ки кӣ чанд дирҳам ё сомонӣ андохт. Писарак ба ҳар пули афтида ба дом нигарад ва ним қадам гузошта, рӯйи ниёз ба дигаре орад. «Фарз кардем, ки дар як рӯз ду мурда омад ба ин гӯристон?» ин одам коргари бонк, инаш иқтисодчӣ. «Ҳар гӯристонро намедонам-ку,

дар худи шаҳр ҳар рӯз, тавба кардам, чанд мурда ҳаст. Ин бачча ба ҳамааш расида натавонад». «Мерасад. Таксӣ гирифта...» «Шумо тасаввур кунед, ки ин бачча дар як моҳ чанд кор кунад?» «Аз пулҳо пули муш расад ба ӯ. Чӣ шумо гумон доред, ки ақли ҳамин бачча, бо ҳамин ҳол ба чунин кор расад? Неъ! Муаллим дорад, албатта». Чунин ҳарфҳо мичаи ӯро хам накунанд. Зеро гунгҳо одатан кар ҳам шаванд. Ӯ ягон чиз нагӯяд; як бор чашмони пилксурхро ба чашм дӯзад, сар андозад; боқӣ гунгу хомӯш, кар. Надиҳанд ҳам (чунин касон кам нестанд) чизе нагӯяд; халтаро зуд ба тарафи дигар гардонад; ба тарафи касе, ки ҳоло пул надодааст. «Мурда бинад, хайри шуморо». Ӯ хоҳад, ки чунин гӯяд, аммо забони гуфтор надорад. Шояд дошта бошаду гуфтан нахоҳад. Аммо ақли сипос гуфтан надоштанаш яқин; чунки барои сипос гуфтан забон лозим нест; имову ишора кофист. Ақлаш нарасад ё шояд барои пули ночиз миннатдорӣ кардан раво набошад; чунки милён-милён гирифта, кушта ҳам раванд. Аз хуни чашмаш барояд, ки аз дасташ ояд ё... Писарак, ки номашро касе аз ҷанозахонҳо намедонист, ҳамроҳи гӯркобон бимонд ва баъдтар назди дарвозаи қабристон пайдо шуд, ки имрӯз боз ҷаноза оранд ё на?

Чанд рӯз гузашт. Писаракро дар паси панҷараи дарвоза, андар курсии таҳпанҷара нишаста диданд, ки бас безобита, парешон ва гирён буд. Ӯ мегирист, вале чизе гуфта наметавонист. Валек чашм ба роҳ, боз тобуте оранд ё на? Пас сабаби гиряашро каси ғайр набояд донад. Шояд дар гӯристонҳои дигар мурда бурда, ба ин ҷо наоварда бошанд, ки бе рухсат ҳар гуна мурдаро дар ҳар гӯшаи манзили охират роҳ надиҳанд. Аз ӯ пурсида нашавад; чунки фаҳмонда натавонад ва ё гуфтан нахоҳад. Ҳолдонҳо гӯянд, ки писарак дар гӯристонҳои дигар низ по дорад. Аммо имрӯз дар сари гӯр нест. Дар домон хок биёранду баранд ба гӯр. Касе нест, то баъди онҳо он халтайи шаффоф сӯйи ҷанозахонҳо биёзад, ки андарунаш пул гузоранд. Андар сари синаи чанде суратест, ки сахт монанд ба он писарак. Вале на сурати зинда, бал сурати мурда, ки миёни гӯрҳои қабристон хуфта ва бар синааш ханҷаре халида...

Чӣ борони шадид, ки бораду борад, натанҳо аз чашмҳо, бал аз сари одамон ашк резад.

3.03.10.

# РАҚСИ СИТОРАҲО

Эълони озмун чунин буд: «Рақси ситораҳо». Ҳақиқатҷӯ эълонро хонду тасмим гирифт, ки баъди Худо додгаре пайдо шавад, бояд дар чунин бозӣ пайдо гардад. Зеро санъати тозаву соф аст ин ҳунар ва набояд касе ҳаромкорӣ бикунад. Дар як тараф доварон. Дар рӯбарӯ, гирдогирд ва болконаҳо тамошбин, ҷуфти рақс андар миёна. Оҳангҳои шаҳдрез, марғуб ва ҷуфтҳо ҳар гуна паррандаи зеборо монанд. Аз ҳар гӯша наворбардорон лаҳзаҷӯ, нуктагир. Толор равшан, моҳчароғҳо давр гарданд. Вале сардовар то ҳол рақами «10»-ро набардоштааст. Дигарон аз рӯйи дониш, фаҳмиш, арзиш ва ҳиммат баъзан бардоранд ин рақамро. Дар миёни рақси ҷуфти навбатӣ сардовар «олиҷаноб!» гуфт. Доварони дигар ба ӯ нигаристанд; рамуз гирифтанд. Марди раққос куртаи сафеди то ноф гиребончок дошт ва мӯйи сари сина пӯсти сарсинаро пинҳон медошт. Раққоса низ сафедпӯш ва нимбараҳна, домони чок-чоки пираҳанаш бод гирад. Доварон низ каф кӯфтанд. Зани сурхпӯши зебо, ки паҳлӯйи сардовари сафедмӯй буд, пешдастӣ карда, гӯё бо ин ҷуфт ҳамзабон бошад, шӯхиомез сухан гуфт ва бештар марди зӯрманд ва болоқомат будани ҳамрақсро сутуд. Ба ҳар сухани ӯ раққоса даҳон воз дошта ва баъд фарохтар кушода, ханда мезад. Дигарон илова карданд. Баранда низ фаҳмишу биниши хеш баён кард. Сонӣ микрофон ба даҳони онон дошт. Шодмонона сухан гуфтанд онҳо ва якдигарро бӯсиданд. Баранда рӯ ба сардовар овард. Ӯ рақами дӯстдоштаи ҳама «10»-ро бардошт. Толор ба чунин ҳиммат каф кӯфт. Доварони дигар низ ин рақамро бардоштанд якранг. Ҳосил – «50». Ҳунару маҳорати баланди раққосон қадрёбӣ шуд. Дар лаби тамошобинон, доварон ва ҳунармандон табассум дамид. Ва буданд онҳое, ки табассумро надонанд. Ҳақиқатҷӯй аз ҳамин қабил буд. Сахт мушоҳида дошт, вале ягон бор каф накӯфт; зеро як даст зери манаҳаш банд буд, то ҷоғ наафтад. Он қадар ба доварон дида дӯхта буд, ки раққосонро надошт чунин муҳаббат. Аз ин рӯ баҳои мондаи доваронро сарфаҳм нарафт. Ба рақси навбатӣ ҳама рақами ҷуфти «10»-ро бардоштанд ҷуз сардовар. Ӯ «9»-ро бардошт. Занаки сурхпӯши паҳлӯяш дод зад: «Даҳ гуфтию нӯҳ бардоштӣ!» «Ман гуфтам-

ку эродамро! Ин раққос бо чунин санами зебо рақсид, вале дар гардан рӯймоли зан бастааст. Галстук ё шапарак наёфт?!» «Охир бо либоси ӯ галстук, шапарак мувофиқат надорад!» «Шуд. 49 хол кам?!» ва дигар холҳо паст шудан гирифтанд; баъзе доварон рақами «5»-ро ҳам бардоштанд. Сардовар маҷбур шуд боз «10»-ро боло кунад. Вале ин бор «9»-ро бардошт. Дигарон «10»-ро ва нафаре аз зери рақами» «10» яки дигарро нишон дод.

– Ин чанд? Ёздаҳ ё як саду даҳ?!

– Сардовар чанде ҳисобад!

– Ёздаҳ! – эълон кард сардовар, вале мушавваш гашт, ки ду «50»-ӣ шуд. Баъд саф кашиданд. Ду ҷуфт дар миёна, сипас аз рӯйи хол қатор шуданд. Чашми довар ба кӯҳансолтарин раққос афтид, ки дар канор ҷой дорад; айнак ба чашм монда нигарист: Набоков. «хуб нашудаст» гуфт ба худ ва эълон кард: «Аз ҷуфти Набокову Ширин хоҳиш дорем, рақси «Чайка»-ро иҷро бикунанд!» Мазмун: «Ҷон кандани Чайка» буд.

5.03.10.

## ДАРГУЗАШТИ НАВИСАНДАИ НОТАКРОР

«Ман туро гуфтам, ки дасту дилатро аз онҳо бишӯй; онҳо киройи шишту хез кардан нестанд ва ҳеҷ гоҳ бо мо насозанд; як мардуми худдонами нописанди мағрури ҳавобаланд, ки ба падарашон ошноӣ надоранд. Ҳамин хел, ки моро одам ҳисоб накунанд. Албатта ҷон дорад, рафтору кирдорашон шоиста, доно, хондагӣ, бофаҳму фаросот; сиёҳу сафедро фарқ кунанд; мисли баччаҳои шаҳрии мо аспро гову говро хар, нагӯянд; онҳо бекаллаҳоро «харнавозӣ» кунанд...»

«Чихел «бекаллаҳоро?» Сарашон «ких?!» – даст ба гулӯ чун корд ронда бурид Дижам ва аз гуфтаҳои ӯ ҳайрон монд: – Ҳамон кас чӣ бадӣ кард, ки шумо ин қадар мегӯед?»

– Гуфтам, боз мегӯям; сад бор гуфта бошам, ҳазор бор мегӯям, ки онҳо, хусусан, касе, ки «устодаш» донӣ, одам нест. Моро баробари хомӯшак надонад...

– Чӣ хел? Ба китоби ман сарсухан навишт; дар онҷо чунин ҳарфҳо нест. На ман, на шумо, на дӯстони моро мазаммат кардаст. Баракс гуфтааст, ки адабиёт аз Дижам умеди зиёд дорад.

– Хондам! Хондам! Хондам! Ин гапро дигарон ҳам гуфта тавонанд. Ман ҳам гуфта тавонам!

– Овардам, аввал назди худатон овардам. «Вақт надорам» гуфтед. Лекин Устод бо ҳама серкориаш ин хел нагуфт.

– Ман намедонистам, ки ту чунин ҳикояҳо менависӣ. Сарсухани ӯро хонда, донистам, ки лаёқат доштаӣ, ҳатто ба гуфти устодат «истеъдод»... Ҳарчӣ бошад–набошад, онҳоро бисёр наздик роҳ надеҳ. Гург бо инсон ошнойӣ накунад... Ту ҳоло кӯдак, ин чизҳоро намефаҳмӣ. Ӯ ин таърифҳоро барои ту нанавиштааст, барои худаш навиштааст, то ба мо наздик шавад. Лекин ин кор номумкин. «Качдору марез» кардан мумкин. Аммо наздик гузоштан номумкин. Наход надонӣ, ки мо... Мо бояд қадамамонро дониста гузорем, сарамонро баланд дорем; китфонамон бардошта бошад; рӯямон сурх намояд; нағз пӯшем; нағз хурем ва ба ҳар гуна даҳон гӯш надорем... Мо бояд бошем. Шунидӣ-а?

– Устод одами хуб. Ба касе кор надорад.

– Баъд мефаҳмӣ нағзиву бадии устодатро. Вақте ки адабиётро обзор карду пучу фач ва мадҳу сано будани навиштаҳои моро ошкор сохт, саломат медиҳам.

– Устод ин хел кас нест. Рӯйи Худоро дида, баҳо диҳад.

– Мо рӯйи Худоро надида-а? Ҳамту гуфтанӣ-дия ту?! Ин хел гуфтан мумкин не! Наход вазъу ҳолро нафаҳмӣ-ту?! Бад бошад ҳам, аз они худамон хуб. Биринчамон оббардор. Ҳама чиз ҳаст! Наход ин чизро нафаҳмӣ?!

– Фаҳмидам... Лекин рӯйи Худоро дида бояд гуфт. Устод метавонист чизҳои шогирдонаи маро ба осмон бароварда, ба замин занад. Лекин...

– Пас устодат одами дурӯя, ҳаромкор, дурӯғгӯ... Тамаъ ҳам доштагист.

– Ба ман чӣ чашми тамаъ кунад? Чӣ дорам ман? Китобчаам чоп шуд. Ёздаҳ дона ба ҷойи ҳаққи қалам гирифтам.

– Мо кӯрнамак! Мо ҳамин хел кӯрнамак! Буро! Дигар ин ҷоҳо набиё! Ту одами мо не!

Дижам сахт гирифтору тангдил гашт. Назди Устод наомад, то рӯзи Олим ба сараш наафтад. Зеро ба Олим ҳам чунин гуфта буд: «Ту одами мо не!»

# КАЛЛАПӮШИ САРХӮР

Душанбе – рӯзи тозагии бозор будаст, хабар надорам. Лекин беруни бозор бозор: мевафурӯшӣ, сабзафурӯшӣ, алафучалаф. Растаи навсохт бо пайроҳаи миёни хоначаҳо ва девори истгоҳи мошинҳо кашолёфта то роҳи оҳан равад ва гузашта, роҳи мошингардро бурида, ду канори он васеъ гардад. Марди аврупоипӯши кӯзпушт пеш-пеши марди бредбасар гашта, ҳар ҷо барои пурсидани нархи чизе хам шавад, марди аврупойинамо ба он бор даст расонад. Лек ҳушу ёдаш ва чашмаш ба саруруйи бредпӯш бошад. Чун бредпӯш баъзе чизҳоро надида гирифта пеш гузарад марди аврупоипӯш аз паси сари ӯ нигарад. Бредпӯш ин бор ба шишаи тирезаи ошхона нигарист ва худашу он мардро дид, ки аз паси сараш сурат гирад. Кораш тамом шуд, ки суратгирак ба ғилоф ҷо кард, боз пеш гузашт. Тоқат накарда, пеши роҳи бредпӯшро гирифт.

– Бубахшед, ба шумо як савол: Ман аз ин кулоҳи сари шумо чанд хелашро доштам: сиёҳ, сафед, зард, сурх, сабз... яку якбора ҳамаашро гум кардам. Шумо ин кулоҳро аз куҷо ёфтед?

– Ман ин кулоҳро наёфтаам, писарам овард.

– Аҳа. Писаратон аз куҷо овард?

– Аз хориҷа.

– Аз кадом хориҷа?

– Аз хориҷ; берун аз кишвари мо. Ҳар бор, ки омад ҳамин хел кулоҳ меорад.

– Агар пай бурда бошед, ман худам аз хориҷа. Чунон ки гуфтам, бредҳои ранга доштам, гум кардам. Ҳозир ин хел чизҳоро истеҳсол намекунанд; чунки сарҳои солим кам мондагӣ. Ҳама хориҷаро бозор ба бозор гаштам, нишонашро надидам. Сари шумо ягона сарест, ки соҳиби он кулоҳаст. Агар хато накунам. Ин кулоҳ яке аз кулоҳҳои сари ман. Чунон ки мебинед, ман дигар чиз пӯшида наметавонам. Сарам шамол кашидаст; варам кардаст.

– Сари ман ҳам мисли сари шумо. Дигар чиз пӯшида наметавонам. Сарам бод мекашад.

– Дидед, ин маризи меросӣ. Аз сари ман ба сари шумо гузаштааст. Агар ин кулоҳи ман намебуд, агар ба сари шумо намеомад; сари шумо ҳеҷ гоҳ дард намекард.

– Пеш аз кулоҳ пӯшиданам...

– Дурӯғҳоятонро монед. Ман шумо мардумро нағз омӯхтам: бе дурӯғ зиндагӣ надоред. Ба дурӯғатон бовар намекунанд. Савганд мехуред, ки батар аз дурӯғ аст. Савганд зодаи дурӯғ.

– Шумо одами аҷиб-а? Чунин маншаатон аз барои чӣ? Ман каллапӯши шуморо надуздида бошам; шуморо надида бошам; дигар ин ки каллаи шуморо бинанду каллаи маро: яке ошкадуи таппа тайёр, дигаре тамошокаду.

– Аз они кӣ тамошокаду?

– Аз они ман. Барои ҳамин ҳам кулоҳи шумо ба сари ман кор наояд. Каллаи тамошобоби ман ба даруни кулоҳи шумо ғӯтида равад.

– Канӣ кулоҳатонро гиред, ман бинам. Эҳее. Ин чихел сар? На як тор мӯй, на як хол! Инхел-ба албатта ба кулоҳи ман рост наояд каллачаи шумо.

– Баъд чӣ хел кулоҳи шумо шавад?

– Худатона кушед ҳам ҳамин кулоҳи ман. Барои исбот: «Монек. Маде ин Чехӣ републик.1979».

– Ҳамин хел: «Монек. Маде ин Чехӣ республик. 1979».

– Пас чихел аз они ман набудаст?

– Аз они шумо. Гиред! Сар бошад, сарпӯш ёфт шавад.

– Чанд пул?

– Бепул.

– Ман бепул намегирам. Ҳозир бепул, мегӯеду аз пасам менависед. Ки хориҷӣ кулоҳи маро дуздид.

– Чунон ки шумо?

– Ман? Ман дар куҷо навиштам? Ба куҷо арз кардам?

– Ман ба куҷо арз кардам? Бахшидам кулоҳро.

– Бахшидед? Чӣ ман ба шумо... вай? Ман ба шумо ришвахӯр? Ман ба шумо, суд? Прокурор. Порахӯр? Дузд?!

– Ман ин хел нагуфтаам. Худатон гуфтед. Бинед, чӣ қадар одам ҷамъ кардед! Айб нест? Гиред! Ҳамин кулоҳ сару каллатонро хурад!

– Сару каллаи худатонро хурад! Ман ба кулоҳи шумо зор не! Ҳазортаашро пӯшидагӣ. Аз баччагиам мепӯшам. Ин шумо якторо дуздида, дар чунин ҳавои гарм ҳам каттагӣ карда, пӯшида мегардед!

– Сарам хунук мехурад.

– Сари ман ҳам... Саратона хурад кулоҳатон...

– Ин кулоҳи шумо-ку?!

– Ин кулоҳи сархӯр кулоҳи ман не. Партоед ба замин, одамон аз болояш гузаранд. На аз шумо шавад, на аз ман. Ин кулоҳи сархӯр аз сари ҳама монад...

16.03.10.

## ДУ ДАРДМАНД

Дардманд пирмарди шастсола, ки баъзан хешро адиб донаду баъзан бекорхӯҷа ва баъзан ошиқ; ошиқиҳояш хаёлӣ ё ба хотири хуш доштани табъу руҳи касе. Вақтҳои охир ин хамаро фаромӯш карда, дар қатори беморони «ноилоҷ» номнавис шудааст. Дардаш ба дардҳои заминӣ монанд нест. Осмонӣ. Ба табибон чунин фаҳмонад: «Рӯйи осмон кушода бошад, ман нағз. Чун осмон рӯ пӯшонад, ман бад; ҳолам бад: табъам гирад, баданам ланҷ шавад; хуши кор намонад; гӯшҳоям мисли зилла «зӣ-зӣ» кунанд.

– Аслатон аз куҷо?

– Аз ҳамон боло.

– Ҳааа. Барои шумо дар рӯи замин зиндагӣ кардан сахт душвор. Бояд ба ҳамон баландӣ баргардед.

– Чихел?

– Одам дар пирӣ бояд ба зодгоҳаш баргардад. Вагарна, сахт азоб кашад.

– Азоб ҳам гап? Аз азоб зиёдтар боз чӣ ҳаст?

– Марг.

– Неее... Ба назари ман, марг зиндагии аз ҳама осон. Сабук; ҳамон як даме, ки як умр одамро азоб диҳад, барояду зиндагиро сабук кунад. Шумо сабр кунед, ман суханамро хотима бахшам. Ман барои он ин ҳарфро мегӯям, ки якумр азоб кашидам, чизе надидам. Ҳатто ҳокимони вақт надонистанд, ки чун ман ҷондоре ҳамватан доранд.

– Худатон ҳама торикиро рӯшан кардед: модом, ки шумо осмонӣ бошед, ҳеҷ вақт шуморо чун ҳамватан напазиранд. Шояд мурдаатонро дар гӯристони маҳалла роҳ надиҳанд. Асоро ба торикӣ бояд зад. Дору надорро бояд фурӯхт, ракета бояд фармуд ва ба ҷойи омада бибояд баргашт. Дарди шумо, муҳтарам адиб, давои дигар надорад.

– Сахт, табиби муҳтарам, сахт.

– Илоҷи дигар нест. Аз ин сахттар шуданаш мумкин». «Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал», ман ҳам мисли шумо...

– Шумо ҳам аз он баландӣ...

– Неее, ман ҳам мисли шумо андеша дорам, ки дар ин пастиҳо зиндагӣ кардан сахт мушкил, лекин илоҷи дигар нест. «Шод бояд зистан, ношод бояд зистан». Аммо шумо метавонед баргардед.

– Чун?

– Чунон ки аз боло омадед.

– Неее... Ман наомадаам. Хаёл дорам, ки аз осмон фуромадаам.

– Ба шумо осон: хаёл кунед, ки дар он ҷоед. Зиндагиатон нағз... дар он ҷо чӣ мехӯрдед?

– Ҳич-чӣ.

– Чӣ хел нағз? Тасаввур кунед, ки ҳич-чӣ мехуред. Касе шуморо озор намедиҳад. Агар нохунатон дард кунад, боз биёед. Ман ҳоло ба шумо як роҳхат медиҳам. «Узӣ» мекунед...

Узӣ ва дигар табобатҳои электронӣ дар гӯшаи соҳати бемористон. Зани миёнасоли сафедрӯй андар хоначаи танг миёни чанд дастгоҳи электронӣ бар курсие нишаста, ба андеша рафта буд, ки марди сафедмӯйро дида, салом дода, сарипо шуд. Коғази доктор навиштаро аз назар гузаронида, пирмардро ба курсие нишастан хонд ва дастаи дастгоҳи хомӯшро тоб дода ба кор даровард ва як трубаи монанд ба шакли гули банги девонаро ба гӯши бемор рост кард. «Ҳа ҳамин – росташ. Аз боди сард ба дард меояд... Об ҳам меравад. Ҳамаашро ба доктор гуфтам, ҳамин коғазро навиштанд. Зиндагӣ гуфтани чизро нав фаҳмидем; як рӯз сиҳҳат не...»

– Як касро надидам, ки «ман сиҳҳат» гуфта бошад. Ҳама касал. Ин чӣ рӯз, худам нафаҳмидам...

– Худи шумо ҳам? Духтурон ҳам?

– Ҳама, ҳама...

– Аҷаб... Ман гумон кардам, ки дар ин дунё як ман дардманд... Пеш ин хел набудам... Ин гӯшмонакатон гармӣ надорад-у.

– Ин ҳамин хел дастгоҳ, ҷопонӣ, гармии баланд зарар орад.

– Ҳамту бошад ҳам, бояд гармӣ дошта бошад. Чунки дар Қариёи Боло як бор монда буданд, гармӣ дошт... лекин он дав-

рони Шӯравӣ буд. Шӯравӣ бошад ҳам нафъ накард. Хаёлам инаш ҳам...

– Шумо бояд бо ихлос қабул кунед; ихлос надошта бошед, ин корҳои мо як пул. Ихлосу халос...

– Як пул бошад, ман бояд чанд рӯз қабул кунам?

– Даҳ рӯз.

– Даҳ рӯз, даҳ пул. Арзон-ку? Дар он ҷо ҳар рӯзаш даҳ пул буд.

– Нафаҳмидед.

– Лекин нафъаша надидам.

– Аслан табобати халқӣ кардан лозим; заҳри набераҳоро чакконед.

– Заҳри бибеш кам буд, ки боз заҳри набераҳоро гирам. Аслан гӯшам аз заҳри забони бибеш ҳамин хел шуд: «Шумо чӣ хел шӯйи сусту муст? Шӯйи Махмалро бинед, як халта орда сари китф карда, мебарад... Домоди Ҳалим мошина мебардорад-э!» Зан-дия, ба вай чӣ мегӯед... Мӯйи дароз дошт, пеши сартарош бурда кӯтоҳ кунондам, ки шояд ақлаш дарояд. Не. Ҳамон хел мурду рафт... Ба ман ин хел нигоҳ накунед, духтур. Ман девона не. Лекин гӯшам ҷаранг дорад. Инро ба доктор гуфтам. Гуфт: «Мо ин хел дардро намедонем. Вақти ҷаранг задан сахт кашида, «Салавот бар Муҳаммад!» гӯед, мегӯд. Ҳар кию ҳар чӣ, ҳамин хел ҳам кардам, нашуд; чунки садо дар гӯш не, дар сар пайдо шуда будаст; зеро дар гӯш чанд қабат пахта ҷо кардам; бо ангуштон сахт доштам, нашуд. Якхел, дурудароз «зӣ-зӣ»мегӯяд; бетанаффус; шабу рӯз. Вақти зинда будани раҳматии бибеш ин чизро фарқ намекардам, чунки ӯ беист гап мезад; дигар хел садоҳоро намешунидам. Акнун беист мешунавам садои ғайбиро. Аз осмон меояд; чунки дар замин на одам, на ҳайвон ин хел садо карда натавонад. Ҷуз зилла. Ҳамон ҳам дар тамузи тобистон...

– Гарм шуд?

– Неее. Ҳоло зимистон-у?

– Гӯшатон гарм шуд?

– Гӯши ман бо ин хел алоб гарм намешавад. Як бор дар гӯши худатон монед...

– Рост мегӯед. Аслан гармӣ надорад.

– Хаёлатон, ки ман ҳич-чиро намефаҳмам? Мефаҳмам; дар

таги замин мор кавша кунад, мефаҳмам, аммо рӯшод гуфта наметавонам. Шояд айби тарбия ҳам бошад. Ба мо гуфтагӣ, ки чарм ба рӯй кашему пардаи рӯйи касеро надарронем. Масалан, ман шуморо гуфта наметавонам, ки ба кори худ сахтгир нестед; чун ки ҳақ надорам, бори аввал шуморо дидам: занаки хуб, хушмуомила. Боодоб, бамаънӣ; касро ранҷонидан нахоҳед, аммо ба зарари хеш кор кунед. Накунед ин корро... Аз ман хафа нашавед, дар дил асроре доред; ба касе намегӯед; як бори гаронро бардошта мегардед... Зарар дорад. Накунед ин корро. Одам бояд ҳама чизро кушоду равшан гӯяд, то дилаш холӣ шавад, зардоб нагирад...

– Шумо аз куҷо донед, ки дили ман зардоб гирифта?

– Ранг гувоҳи ҳол бувад... Дар зиндагӣ он қадар дидаму шунидаму донистам, ки ҳисоб надорад; ҳамаи онро гуфта нашавад. Ба кӣ ҳам мегӯед. Гӯши суханшунав нест. Мебинам, ки шумо гирифтори аламҳои хеш ҳастед, баъзе чизҳоро бароятон гӯям. Лекин ба гуфтан ҳам эҳтиёт бояд шуд. Девор муш дорад, муш – гӯш. Ҳамин қадар шуморо гӯям, ки ба ҳар чиз эътибор надиҳед. Занг оҳанро хурад. Андешаи зиёди нолозим батар аз занг аст... Чӣ дард доред?

– Ман? Ман дарде надорам... Ба назари шумо дард дорам?

– Ба назари ман... ба назари ман... чизе ҳаст. Як чизи номаълуме ҳаст. Аз осмон ё замин чизе шуморо коҳиш дорад.

– Чиз не, кас, – беихтиёр аз забони зан баромад...

– Ҳааа, фаҳмо: шумо касеро дӯст медоштед. Гум кардед...

– Аз куҷо донистед?

– Ба назарам, ҳама чизро ба шумо гуфтам... дарди шумо як роҳ дорад: боз ошиқ шавед.

– Он ошиқӣ дигаргуна. Нотакрор.

– Ҳама чиз илоҷ дорад. Ҷуз маргу дарди бедармон. Дарди шумо дармон дорад. Як бори дигар ошиқ шавед. Ҳама чиз фаромӯш хоҳад шуд... Хеле пеш аз маҷаллае ҳикояте хонда будам: ҷавоне дардманд гардад; дармон наёбад. Ӯро тавсия кунанд, ки пиразане бознишаста ҳаст ҳакиму табиб. Наздаш бирав. Дарди туро ӯ даво бахшад. Пиразан матлаби ӯ шунида гӯяд: «Ошиқ бишав». Ҷавон пиндорад, ки муроди пиразан хештан аст. Табиб калавидани ӯро дида фармояд: «Шарт нест, ки ба кас ошиқ шавӣ. Ба касбу коре ё чизе бояд ошиқ шуд...

Чун ошиқ шавӣ, маро фаромӯш хоҳӣ кард». Ҷавон ошиқ шуд ба кори хеш. Пиразанро хабар мегирифт. Сонӣ фаромӯш кард; пайғоми мурданашро аз рӯзнома хонд...

«Бе ғам тобад сафедмӯй, – баъди рафтани пирмард чунин андешид Ҳалима. – Худи ки кори дигаре надошта бошам; андешаи дигаре, ғами дигаре надошта бошам... Мард – мизоҷ як хел хаёл мекунад; ягон ҷойи зан дард кунад, мард мебод; навозиши дасти мард гӯё ҳама ғаму андӯҳ ва тафси тани занро паст кунад. Гӯё мард набошад, зан зиста натавонад. Таъсири маталу афсонаҳо ҳам будагист. Ин қиссаро ба ҳар мард фаҳмонида нашавад... Лекин ту – дастгоҳи азизи ман аҷаб коре кардӣ. Одами боақлу ҳуш натавонад чунин амалро ба ҷо орад. Ту чун тавонистӣ, ки дар умри сарат як бор чунин дам гирӣ, роҳат бошӣ; махсус дар чунин рӯз? Ба назарам, гоҳе ки гӯши туро ба гӯши ӯ гузоштам, чизеро пай бурда, чунин рафтор кардӣ; яқин пургӯйиаш нафорид. Лекин суханонаш беҷо не. Чизакҳое дорад дар мағз. Вагарна чунин ҳикояти пандомез намегуфт. Одам ба кор ҳам ошиқ мешудааст. Мардуми мо ишқро андар миёни марду зан бинанд... Минбаъд туро зиёдтар дӯст дорам, дастгоҳи азизам. Чанд бор тоза гардонам; гарм кунам; болоятро пӯшам; бӯсам. Коре, ки ту бикунӣ, ақл карда натавонад; зеро ту ҳосили ақл ҳастӣ.

* * *

– Не. Ҳар коре шавад, ман алами падарро фаромӯш карда натавонам. Ин хел падари меҳрубону хуб дигар ба дунё наояд. Ӯ нохост мурд, мо аз дидораш сер нашудем. Ҷуз андӯҳ чизе дар вуҷуди ман нест.

– Падару модарро дубора пайдо кардан имкон надорад. Лек Ошиқ бишав!

Мӯҳлати табобат поён ёфт. Пирмард гирифтори андешаҳои хеш буд, ки занги телефон баромад.

«Ало! Иди мардон муборак! Дигар наомадед?»

«Шумо «биё» нагуфтед».

«Ало! «Наврӯз» муборак! Дигар наомадед?»

«Шумо «биё» нагуфтед!»

«Ало! Зодрӯз муборак! Дигар наомадед?»

«Шумо «биё» нагуфтед!»

«Ҷаранги гӯш монд?»

«Кадом ҷаранг? Аааа! Ҷуз садои суханони шумо дигар ҷаранге нест дар гӯшам. Ба назарам ки набуд. Симойи шумо даруни чашмам; овозатон дар гӯшам; меҳрубониатон дар дилам; ёдатон дар ёдам... Ман соҳиби ҳама чиз...»

«Хоҳам, ки ҳамон ҳикояи гуфтаатонро хонам... Ҳамон ҳикояи табиби доно ва ҷавони хушкомро».

«Ало! Ман ошиқ шудам. Ҷаҳон дар назарам ҳеҷ аст».

«Муборак бошад!»

Ба назари бевазан ҷаранги гӯшаш гум нашуда: «муборак бошад!» гӯён марди занмурда аз дар даромад. Ду дардманд дида ба чашми ҳамдигар дӯханд ва хомӯш буданд. Мард пиндошт, ки зан ошиқ ӯро шуда бошад ва бо нигоҳи меҳрубон, вале занхӯр сӯяш майл кард, то танг ба канор гирад, лабони сард ба лабонаш гузорад ва об шуда бо қадаш резад. Вале зан ду даст ба сари синаи ӯ тира гузошта, боздошташ. Ҳатто латтаи сафеди маҳсе намдорро аз даст нагузошта буд. Пирамарди ба чунин мулоқот омоданабуда ҳайрон монд; сипоҳигарона табассум кард, ки ӯ ноз дорад ва ё пирхонаро риоя кунад.

«Гуфтед, ки ошиқ шудам?»

«Оре, ошиқ шудам...» гуфт ва баргашта ба дастгоҳ нигарист. Бо латтаи намдор онро пок кард. «Ӯ ҳам ба ман ошиқ шуд. Чанд қадам дур шавам, фарёд занад: «чӣ-чӣ, чӣ-чӣ, чӣ-чӣ!» Пеш чунин одат надошт. Баъди фармудаи шумо чунин хӯ баровард...»

«Ҳҳааа...»

«Шумо гуфтед-ку, набояд ба кас ошиқ шавӣ. Ба чиз, ба касб, ба коре ошиқ шудан ҳам имкон дорад. Ман ба ин боақлак ошиқ шудам, ки рӯзи аввал шуморо фан кард, баъд ҳунарашро нишон дод. Ба назарам «ҷаранг»-и гӯшатон гум шуд?»

«Не. Он чизи осмонист; фиристода. Гум нашавад. Лекин гоҳе шумо сухан мегӯед, фаромӯш гардад».

«Мисли ин дастгоҳ. Гоҳе наздаш ҳастам, ором; дур шавам, «чӣ-чӣ» гӯяд. Шуморо ёд кунад. Ман ҳам шуморо ёд орам. Аз ин рӯ ба шумо занг задам, то донед, ки... то донед, ки... дилро бақувват гиред, ки зиндагӣ хушиҳо дорад. Маъюс набояд буд...»

20.03.10.

# МӮКИҲОИ ДАРИДА

Хушмурод чун ҳама шубонон мӯкиҳои даридаи хешро кӯк андохтаву дарбеҳ карда метавонист. Вале тагӣ баста наметавонист. Тагӣ на аз чарм, балки аз резини ворафтаи чархи мошинҳои боркаши баъди Ҷанги Бузург ба ин мулк омада. Ин амалро устоҳои мӯкидӯз ихтироъ карданд, ки резин бадошт буда, кӯҳи Чорукдаррон ҳам онро хӯрда накунад. Риштааш низ бадошт; усто чанд қабат ришта тофта, мум зада, бовар кунад, ки дошти якумра дорад, аз резини чархи мошин бо теғи дашнасурати кӯтоҳ пораи базӯрӣ буридаро ба мӯкӣ так бандад. Албатта чунин амалро Хушмуроди шубон дар кӯҳистон ба ҷо оварда натавонад ва ӯро зарур омад, ки молро назди молшарик гузошта, ба деҳа биёяд ва мӯкиро ба усто Раҷаб диҳад, то так бандад... Аммо Хушмурод ба хонааш нарасида роҳзанҳо дастгираш карданд ва бурданд ба хонае. Онҳо барои он чунон карданд, ки Хушмурод камақл аст, ба ҳама чиз сарфаҳм наравад; ҳарчӣ фармойӣ, он кунад. Чун ӯ аз мақсаду муроди эшон огоҳ набуд ва баҳона овард, ки «мӯкиҳом дарида» гӯш ба ҳарфаш надода, бурданд ва ба меҳмонхонае нишонданд. Дастархон оростанд. Шиками чӯпонро сер карданд. Пасон масъала пеш оварданд: «Зани Бахтакро ҳалола бояд кард». Хушмурод хандид, ки чунин одат дошт; баъзан ба ҳарфи касон заҳрханда мекард ва мардумро гумон мерафт, ки камақл аст; ба ҳама гуна сухан сарфаҳм наравад; чунки аз хурдӣ аз паси мол шуда, аз ҳарфи олам бехабар мондааст. Аз ин рӯ ӯро пазируфтанд, ки даҳонаш баста, ба чунин амалҳо ақлаш нарасад ва гузаштаро нагӯяд. Анги гаранги зан нодидаро шояд ақл ба корҳои заношӯӣ надавад. Хушмурод марди муҷаррад, орому сархам, то напурсӣ, ҳарфе нагӯяд; ба назар дунёро об барад ҳам коре надорад. Баъзан ба ҳарфи хуш ё латифаи бонамак дандоннамо хандад. Аз ин рӯ созу хубтар аз ин кас ба ҳалолакорӣ марде набояд бошад.

– Расму русум, одату таъомули мардумамонро медонӣ-а, Хушмурод?

Фармуд домулло шубонро аз чизе огоҳ карданӣ шуда. Аммо шубон ба ҷои посух дандоннамо хандид. Домулло пай бурд, ки шубони як умр аз думи мол гашта чизеро пайхас наравад. Аз ин рӯ ба масъала рӯшанӣ андохтан хост:

– Худро ба гарангӣ назан. Донӣ, ки Бахтаки савдогар чанде пеш ба духтари Бикалони бева хонадор шуда буд. Бепадарро сина калон, навхонаҳо соз нагирифтанд ва Бахтак арӯсро ба кадоме рашк бурда, «талоқ» дод... Акнун пушаймон. Фаҳмидӣ?

– Ҳӣ.

– «Ҳӣ!» не! Ин масъалаи ҳаёту мамот. Худро ба гарангӣ назан! Ишкамат сер?

– Ҳӣ.

– «Ҳӣ», ки бошад. «Ҳалола» бояд кард. – Мулло ду даст ба рӯйи дастархон гузошта ва майл сӯйи Хушмурод оварда, гӯшона кард: – Барои чунин амал худи Бахтак туро хостааст...

– Ҳӣ...

– «Ҳӣ!» Худи шӯш туро хостааст, фаҳмидӣ!?

Ин бор Хушмурод лаб баста дошт ва аз рӯйи одат «ҳӣ» нагуфта, балки андешаманд қарор истод ва ранги рӯяш канд.

– Натарс. Танҳо аз рӯйи гуфтаи домулло бояд амал бикунӣ. Ман туро бо зани Бахтак никоҳ мекунам. Зани Бахтак зани ту мешавад. Медонӣ чӣ зани зебоест. Ба ҳар тори мӯяш як ҷавон овезон буд, лек Бахтак чӣ кор кард, ки гирифт... Соз наомаданд... Боз ҳусну ҷамолашро дида оламро фаромӯш накунӣ!

– Ҳӣ...

– Мон «ҳията!» Кори бозӣ нест!... Ба ҷогаҳаш медаройӣ... Уҳу! Худата гум намекунӣ... Кашу пархош намекунӣ. Оҳиста ресмони ба поят бастаро меҷунбонӣ. Нӯги ресмонро аз беруни дар мекашанд. Ту ҳамон лаҳза бояд парида хезӣ ва занро талоқ бигӯйӣ. Сабаби талоқ ҳамон ресмон, ки ошиқи зан аз беруни дар кашид. Фаҳмидӣ?!

– Ҳӣ.

– Бо «ҳӣ-ҳӣ»-ат, нашавад, ки ҳамаро шарманда гардонӣ?!

Хушмурод нафаҳмид маънии шармандаро. Дам ба дарун гирифт. Бори нахуст duздида ба муллои маҳалла нигарист. Ва ҷигот гиронд: «Нафаҳмам ҳарфҳоятро, домулло!» Мулло чӣ рамуз гирифт аз нигоҳи шубон, ки сар ҷунбонд: «Ана ҳамин хел: дам ба дарун ҳама кор бояд анҷом гирад ва ту «талоқ» гӯйиву ором аз дар баромада равӣ!

– Ҷунуб?

– Чихел ҷунуб? Ту набояд ба духтар бирасӣ! Ба ҷогаҳаш

медаройӣ. Каманд худ аз худ таранг мегардад. Аз беруни дар мефаҳманд, ки ту амал кардӣ. Ресмонро мекашанд ва ту бояд парида хезӣ ва «талоқ!» гуфта шапараквор баромада гурезӣ. Вагарна...

– Маро чӯпон гумон мекунед-а, мулло?

– Чӯпон набуда, кӣ будӣ?

– Ман – Хушмурод.

– Медонам Хушмурод, медонам! Хушмурод валади Гулмурод. Аз гузари Лаби Сой. Ҳафт пуштат чӯпон. Худатро гаранг вонамуда, гардӣ. Ҳама пиндоранд, ақлбохта ҳастӣ. Кори шударо надонӣ. Аз гузашта ёд накунӣ. Ояндаро наандешӣ... Вагарна туро ба ҳалола талаб накарда буданд. Ягон муҷарради боҳушро орад, зани касро зани худ донista, талоқ надиҳад, кор чӣ шавад? Аҳмақ худи шӯй, ки нархи сабзиву пиёзро напурсида, «талоқ» гуфтааст... Вагарна чунин зан дар олами рӯшан нест...

Дили Хушмурод оташ баровард. Ба чизе гарм шуд. Гармӣ ба рӯяш зад. Ин бор чу гарангон «ҳӣ» нагуфт, балки чу чӯпони боҳушу аҳли фаҳм сар ҷунбонд. Ва сухани муллоро дар дил такрор кард: «Аҳмақ худи шӯй...» пасон ба андеша рафт: «Чӣ мард, ки гуноҳи зан надидаву нашунида, талоқ гӯяд? Сонӣ бо дасти адаб ба оғӯши марди бегона андохта, ҳилаи шаръӣ кунад, ки зани ҳаром ҳалол шуд...»

– Чӣ фармудӣ?

Бад расид пурси мулло Хушмуродро ва як қад парид, ки баланд гуфтаст. «Ҳиччӣ!»

– Мункир нашав... Гуфтӣ, шунидам: «Ҳалолу ҳаром» гуфтӣ.

– Агар гуфтам, одамонро гуфтам, ки «саги қӯшков» гуфта сагро зада кушанд, чун ба молашон гург дарояд, пушаймон гарданд.

– Ҳумм...

– Мулло, агар кас дар зиндагӣ ду гуноҳ содир намояд, як савоб ба шумор равад?

– Чун? Як гуноҳ – як гуноҳ, ду гуноҳ – ду гуноҳ.

– Пас, чаро ду ҳаромро як ҳалол ҳисобанд?

– Чун?

– Як бор зан хиёнат кард – як ҳаром. Боз бо розигии шӯ бо марди дигар заношӯ шуд, ду ҳаром...

– Аҳмақ! Барои бефаҳмиат туро ба «ҳалола» кардан розӣ шуданд. Якумаш ҳарома, дуюмаш ҳалола. Чунки якумаш бе никоҳ, дуюмаш бо никоҳ! Фаҳмидӣ?!

– Ҳӣ. Якумашро шумо никоҳ накарда будед?

– Ман якуми ҳалолашро никоҳ карда будам. Рост ё дурӯғ, намедонам сабабгори ҳаромаи якум чист?

– Ҳӣ.

– Бо «ҳӣ-ҳӣ»-ат ҳама корро расво накунӣ?!

Хушмурод хомӯш монд. Ранги рӯяш дигаргуна шуд. Пиндошт, ки андешаҳои ботиниву пинҳониашро мулло пай бурд. Андешае, ба дилаш як ҷаҳон фараҳ ҷо карда буд: «Зандор мешавам... бачадор мешавам. Зиндагиам мисли зиндагии дигарон бо шодиву хурсандӣ мегузарад. Фарзандонамро хонадор мекунам; мисли дигарон; бо «ёр-ёр!». Онҳо намегузоранд, ки якумр аз паси рама кашолу молон гардам. «Мо ҳам бояд хонем, одам шавем» гуфта, маро назди худашон нигаҳ медоранд ва ман молро ба ҳамроҳам супорида ба деҳа бармегардам... Балки супоридам...»

– Фикрҳои ноҷоро аз сарат дур кун.

Ҳарфи нобаҳангом риштаи хаёли ӯро бурид. Ва Хушмурод, гӯйӣ касе тарсонда, аз хоб бедор карда бошад, тани хеш афшонду чанд бор мижа зад, ки ҳарфҳои аз зеҳн гузарондаи ӯро чун донист мулло.

– Ман ягон чиз гуфтам, мулло?

– Нагуфтӣ, лек гуфтан хоҳӣ.

– Ҳеҷ гоҳ...

Хушмурод андеша дошт ё медонист, ки мулло никоҳ бикунад, ӯ шӯйи Насиба шавад, лек намедонист, ки чун ба ҷогаҳи ӯ бояд дарояд? Чунки мӯкиҳо дарида, хеле регу хок даромада ва гоҳи аз пой бадар кардан онҳо бояд бирезанд, пайтоба аз арақи пову гарду хок бӯй бикунад ва арӯс хуш напазирад. Аммо Хушмурод надонад, ки пайтоба низ ба андозаи пошнаи даридаи мӯкӣ во рафта регҳо боз пас рехтаанд ва баъзе миёни панҷа рафта, они роҳпаймойӣ ғиҷинашро оранд. Ҳолиё ӯ андар канори мафраш вазн ба пойҳои мӯкипӯш андохта нишаста, то бӯйи пой набарояд.

– Ман бояд биравам, мулло...

– Ношукрӣ накун, ҳайвон! Ба даҳони мардум афтодӣ, калака

кунанд, ки Хушмуроди чӯпон аз зан тарсида, гурехт. «Ҳез» ном бигирӣ.

– Мӯкиҳом даридагӣ.

– Астағфируллоҳ, ҳолӣ як чиз мегуфтам... Ба ту фаҳмондам, ки ҳич кор намекунӣ! Чун ҷунбидӣ, побанд таранг гардад, онҳо аз он сӯ кашанд, ки ҳалола шуд... Гаранг! Як гапро чанд бор такрор бикунам?!

Ва майли хестан кард Хушмурод: «Хаёл кардам, ҳезумхаварон доранд. Мӯкӣ пӯшидаам, гумонашон ҳезум орам. Ана бинед, мулло, мӯкиҳоям чи хел даридагӣ». Ӯ пой дароз кард. Аз даридаи пошнаи мӯкӣ гард рехт.

– Ношуд! Ношукр! Ба никоҳ мӯкии даридаи ту чӣ дахл дорад?!

Ва дар кушода падаршӯ даромад:

– Чӣ ҷангҷол доред, мулло?

– Хушмурод шарм медорад.

– Шарм доштан лозим. Лекин шарм надор. Худо муносиб дидаст...

Падаршӯ сухан ба охир нарасонида Хушмурод «ҳӣ» гуфт ва ӯ сӯйи мулло ишора кард, то гапро ғоз надода, хутба хонад.

Занон арӯсро оварданд. Кунҷи хона нишонданд.

Мулло Хутба хонд ва аз домод пурсид: «Шумо, ки Хушмурод валади Исо ибни Мӯсо ҳастед...»

Исо ибни Мӯсо сурфид, ки шубон писари ӯ нест. Писари ӯ Рауф, ки занро талоқ дода, ҳоло Хушмурод бояд ҳароми ӯро ҳалол бигардонад.

– Э, ҳа. Шумо, ки Хушмурод писари Гулмуроди чӯпон ҳастед, зани талоқдодаи Рауфро қабул кардед ба занӣ?»

– Ҳӣ.

– Қабулаш кардед ба занӣ?!

– Ҳӣ.

– А, қабулаш кардед ба занӣ?!

– Ҳӣ.

«Ҳайи инҳо ҳамин хел».

«Шумо, ки Насиба бинти раҳматии Ҳошим ҳастед, тани нафисаи худро ба ҳамин ҷавони ҳозиру нозир Чӯпон бахшидед ба занӣ?»

«Бахшидам».

Ҳайрон буданд, ки чаро арӯс зуд тани худро бахшид? Чун дигар арӯсон аз шарму ҳаё, дурудароз худдорӣ накарда ё базӯр «ҳа» нагуфта, якбора фармуд: «бахшидам».

Мулло барои он ки аз чунин «бозӣ» раҳо ёбад, зуд ба хондани хутба дубора оғозид ва даст ба дуъо бардошт: «ҳампир шаванд!»

Янгаҳо ба ном ҷогаҳ оростанд. Ва бурун рафтанд. Арӯс рӯйи бистари ориятӣ нишаста буд. Домоди риштадарпо ҳайрон. Ҳама гуфтаву фармудаи мулло дар ёдаш ҳаст, аммо баҷо оварда натавонад. То каманди пойи домод наҷунбад, арӯс хест. Ғалақаи дар андохт ва омада назди шаҳ нишаст. Аз шаҳ бӯйи сӯхта, бӯйи гулу гиёҳ, бӯйи мол ва бӯйи Офтоб меомад. Ҳарорати Хуршед низ.

«Маро раҳойӣ бубахш» худро ба Хушмурод ҷафс гирифта, баногӯшӣ кард. Хушмурод дарёфт, ки чӣ ноҷӯрие ҳаст дар зиндагии арӯс, низ паст пурсид: «Чӣ шуда?» ва дасти дурушти офтобзада ва сахту гаронвазнро ба рӯйи ӯ расонд. Арӯс магар чунин навозишро нигарон буд, ки каф пушти дасти ӯ гузошта пахш кард. Дили ҳарду гум зад. Хушмурод чашмдор набуд чунин навозишро... чӣ карданро низ намедонист, зеро ошно набуд бо арӯс ва фурсати сӯҳбат низ танг; чунки каманди пой чанд бор дакка хӯрд ва ӯ беихтиёр гиреҳи бандро кушода, оҳиста ба замин гузошт ва рӯ ба арӯс овард: «Чӣ мехоҳӣ?» Арӯс латтаи суфи сафед аз зери остин бароварда ба мард намуд: «Хунӣ бикун». Хушмурод дарёфт муроди ӯро ва корди шубонӣ аз наём охта, нӯги ангушти сағир чок кард, то латта хунӣ гардонад.

Арӯс рад кард: «На чунин... Хуни духтарӣ бояд ба онҳо намуд...»

Касе аз беруни дар ресмонро кашид, ки он лағзида берун рафт ва он замон беруни дар мағал бишуд. Дарро кашиданд. Кушода нашуд. Кӯфтанд. Арӯс тани хеш сахт ба шӯ ҷафс кард ва пичиррос зад. «Маро сар мадеҳ...» Дили қавии Хушмурод битапид ва ӯро сахт бағал гирифт: «Рост гӯйӣ?» Арӯс дар чунон ҳолат сар афшонд. Ресмон ҳайдав аз роғи зери дар баромад. Ба ҷояш нӯги мисрон даруни дар омад ва дар бардошта шуд. Чандин бор амал такрор гашт ва дар шикаст. Онҳо чу селоба ба хона ҳуҷум оварданд. Хушмуроду арӯсро чун ҳайкали

часпида дида, муддате ҳайрон монданд. Зеро арӯс як муштипар ва бекасукӯй ба шӯ часпида, орзӯйи ба дили ӯ ҷой гирифтан дошт.

– Сар бидеҳ! – наъра кашид падаршӯ.

Арӯс, то Хушмурод розӣ нагардад ҷафстар ба ӯ шуд ва дудаста камари сахташро оғӯш кард.

– Ман зани сар медодагӣ надорам!

Баробари аз даҳони Хушмурод баромадани чунин ҳарф арӯс латтаи хунолудро нӯги панҷа ба онҳо намуд ва раҳо кард, то ба замин афтад. Ангушт ба шӯйи аввал рост кард: «Он ҳезалак ба ҷойи он ки номардиву сустии хешро ба гардан гирад, тӯҳмат ба ман зад, ки нодухтар баромадам!»

Ҳамаро дасту по суст шуд. Шӯйи аввал бори гарон бардошта натавонист ва чун муши дар роғе андармонгашта сар аз миёни хешон пас кашид ва берун рафт.

Дигарон ҳаваси боздоштани арӯсро доштанд. Аммо арӯси ба назари эшон шубонро бегона сахт ба ӯ часпида, ки ҷудойӣ мабод.

Бӯйи сӯхтаву дуд омад. Садойи чарсучурси бомпӯш баромад, ки мисли садои камон ва таппонча буд. Пасон аз паси дуд оташ забона зада коҳдонро дар як лаҳза фаро гирифт.

Мардуми деҳа даррасида бо сатилҳо обу хок пошида оташро фурӯ нишонданд ва баъди чанд муддат мурдаи сӯхтаи шӯйи аввали Насибаро аз коҳдон бурун оварданд.

18.06.11.

## МОДАР

Ду бор гурбачаҳоро мушон хӯрданд. Айёме ки шаҳрро муш пахш карда буд. Салом аз мулки дигар як гурбаи аблақ харида овард ва гурба даҳ сол дубара мезойид. Бачаҳои аввалро мушон хӯрданд ва Ало шаборӯз мегирист аз фироқ ва даъват ҳам мекард, ки ҳар ҷо аз тарс пинҳон шуда бошанд, бароянд. Вале саре аз онҳо пайдо нашуд. Ва боз гушн оварду зойид. Бачаҳояш касон мебурданд ба мушгирӣ... Ин бор панҷгона зойид, харидоре набаромад; чунки мушонро қир карда буданд. Панҷгона чунон бедодгар омаданд, ки соҳиброба ҷон расониданд: на кошта монду на кишта. Бозигар буданд, ки аз модар дур нарафта, ҳар гоҳ хоҳанд зери бағал даромада, мемаканд.

Модар ҳама ҷойи онҳоро лесида нозгунҷ кард. Соҳибхона надонад чӣ кор карданро. Онҳо чунон ҳушёру маккор, ки ба даст оварда нашавад. Пайванди ниҳолакҳоро шикастанд дорбозҳо; чизи надуздидаашон намонд. Аз ҳама баду ғазабангезаш луч кардани трубаи оби гарм. Салом бо чӣ машаққат шишапахта пайдо карда, як дорбозро фармуда то ошёнаи сеюм трубаро ҷилдпӯш кард, ки мисли зимистонҳои гузашта аз ҷафои сармо азоб накашанд. Лекин инҳо ҳамаро барбод доданд: оҳиста-оҳиста аз буттаву дарахт болотар рафтан хостанд ё дуздиро дар ошёни баланд машқ қардан хостанд. Чунки Ало ононро дар ошёни баданд зойида буд: Аз тирезаи боз роҳ ҷуста, баъзан тирезаро баста дида, хонаро бӯ гиронд ва ба ғазаби кадбону гирифтор гашта, бо баччаҳо аз ошёни баланд ронда шуданд. Аммо Ало аз даҳшати аккоси саг ва бими гурбаҳои нар, то тифлонро нахуранд, онҳоро аз паси гардан газида, бо ранҷу азоб бо дору труба аз тирезаи нимроғ ба зодгоҳ медаровард, то замоне ки бозигар шуданд ва гӯштхӯр. Рӯйи ҳавлиро пари гунҷишку мусичаву саъба ва сору кабутар гирифт. Нӯги боли паррандаҳо барои бозӣ мемонд, ки чанд пари ба ҳам часпида буд. Сонӣ баччаи муш меовард Ало барои хӯрдану бозидану шикор омӯхтан. Мушҳо худро мурда ороста, аз дасти гурбачаҳо раҳо мешуданду пинҳон. Гурбачаҳо фиғон мезаданд ва модари мушоҳидакор зуд омада, муши нимҷону гурезонро аз миёни бутта ё роғе пайдо карда, ба майдони «футбол» меовард... Кор то ҷое расид, ки на соҳибро писанд мекарданд ва на гурбаҳои нарро. Бачаҳои шум тофтанд, ба дили кадбону заданд; зеро овойи чизеро рӯкушод ё ноҷо мондан набуд; ба тороҷ мебурданд роҳзанҳо ё ҳаром мекарданд. Бахусус, шири чашми рӯз накафида овардаи занаки ҳисориро. Кадбону ширро мегирифту то пулашро дода аз дами дарвоза баргаштан гурбачаҳои дузди омӯхта забон мезаданд ғуррида ба якдигар. Баъд фиғони кадбонуи кампарво баромада, дуъову сано карда онҳоро бо тирак ё ҷорӯб меронд. Ҷонваракон бозӣ мепиндоштанд амали кадбонуро. То даме бозӣ пиндоштанд, ки кадхудо гурбачаи рӯйи помонаки нардбон пинакрафтаро ногаҳонӣ дошт. Ало ин ҳолро дида ҳушёр шуд ва пиндошт, мисли пешин баройи навозиш дошт мард. Чун ба тубра андохтани баччаашро дид, дилаш раг зад ва ҳушёр истод. Ин замон Ҳумо –

набера пеши гурбаҳо парсинг андохт. Модар шикам ба замин андохта, пораи дандоннагузари онро худ хойид ва баччаҳо ба пораҳои дигар часпида, низ чу модар шикам ба замин андохтанд. Мард, ки безор аз онҳо шуда буд, чанг зада якеи онҳоро аз паҳлӯйи модар гирифт. Чун ночо аз шикамаш дошта буд, гурбача вағғид ва дасти соҳибро дандон зад. Ӯ писанд накарда ҷониби тубра омад ва даҳони бастаи онро кушода, ҷонварро андохтанӣ буд, ки сӯзанҳои тез ба моҳичаи пояш халиданд. Пас гашта нигарист, ки модар дандон гиз дорад ба мард. Салом дарди поро парво накарда, пойи сиҳат ба замин кӯфта «ҳааад!» гуфт. Ало сахттар дандон сойида, ёл дамид ва ҳуҷум оварданӣ шуд, ки одам тубраи набаста даҳон андар дасти чап бо дасти рост ҷорӯб аз замин бардошт ва таҳдид кард. Ало нагурехт, балки омода ба набард буд. Гурбачаи пурғазабро ба тубра андохтанӣ буд, ки ӯ садои махсус баровард ва он сӯзанҳои тез боз ба моҳичаи пойи одам халиданд. Рӯ ба модаргурба овард, ки дандон гиз карда буд. Ин замон садое дардод, ки ҳама баччаҳо миёни буттаҳо пинҳон гаштанд. Салом даҳони тубра бубаст ва бар кати чӯбӣ гузошт, то ҳама гурбачаҳо боздорад ва дур бурда, раҳояшон бикунад. Зеро сахт ба танг оварда буданд шерзодаҳо. Ба бадранги порсола, ки дошта нашуд ва трубаи обро роҳ дониста зери бом барофуро дошт ва ҳама пату фалгаро лағжондаву дарронда буд ва андар сармойи сахт, аз бебарқӣ об ях баста қубурро кафонд ва аз яхбандӣ дилгазон шуда буданд, кина гирифт.

Чунон ки шер баъди ғазаб ё фароғат сари баландийи пиллаҷо баромада шер буданашро намойиш диҳад, Ало ба нардбон баромад ва бар тахти он қарор гирифт. Нахуст қомат баланд гирифта, думак зад морона. Чашмон нимпӯш карда ба одам нигарист ва чукка зад. Кӯдакосо рост нишаст. Хеле дида ба ӯ дӯхт. Чӣ хаёлҳо дошт, худ донад. «Пишӣ-пишӣ, мор чи тӯрин мекунад?» суруде навозанда буд, ки модарон аз номи кӯдак гуфта тахтапушти гурбаро моланд, ӯ чу мор думак бизанад. Аммо Ало думак назад, балки чашмон ниммурда гирифт; Саломро одам наҳисобид. Сонӣ дастон бар тахта гузошта, шикам низ пахш кард. Дар пушт нӯги сиёҳи думаш ҷунбид. Одам биангошт, ки гурба чу саг ошнойӣ дод, пеш рафт ва ӯро навозиш кард, ки ошнойи деринаанд. Ало ҷунбид, ки майли ҳамла

дорад. Фаххид. Бузург гашт. Тахтаи нардбон пур шуд, балки шорид пашму тибити танаш ва ҳамон зайл бар сари одам омад ва он сӯзанҳои тез, ки ба моҳичаи пояш халида хуншор карда буданд, ба сару рӯяш халиданд ва алмоси тез сарпӯши чашм чок карда гузашт ва Салом даст ба рӯй кашида ба замин нишаст ва пиндошт, ки кӯр шуд. Ӯ то чашм кушод, ки гурба тозон ба кат баромад ва тубраи бастадаҳонро, ки баччаҳо зории раҳоӣ доштанд, газид ва ба ҳамсоядевор парида, ба мулки дигар рафт.

23.06.11.

## ХИРСИ ПИР

Хирси пир аз сардии оби рудак, аз бими рабудани об ё аз нотавонӣ, ё аз хавфи ҷон тарсид, ки даст ба об андохту ҷуръати тар кардани пойро надошт. Вагарна замонҳое буд. ки чорхез оби равонро бурида, ба ғадапули як сараш ба оби руд нагун расида, чангол ба танаи чӯби дербоз тару лағзон чангак карда ва андар ду шохаи сарзер маъво гирифта, пойҳо кашол, шикам бар чӯб савор, дида ба қаъри оби равон медӯхт. Оби соф чунон буд, ки хас равад, бубинад. Сангҳои зери об рӯшантар ва лайсу ҳамвор метофтанд аз судани оби равон. Бобтарин нишеман хирсро. Ӯ ҳама ҷоро бинад; замину осмон, ҳатто қаъри обро. Аммо шиновар пай набарад, ки тори сар марг хона монда. Ӯ дер нигарад ба об аз фарти гушнагӣ, ки дертар аз он чунин лаҳзаву айёмро нигарон буд. Дар хоби чилла хоб медид савории чӯбро ва чашм мекушод, ки ҳаво хунук ва ҷуръати обдаройӣ нест. Баъди хоби гарон ва гушнагии чилрӯза ба ҷое расид, ки кашф карда буд. Ёд дорад девбоди онсоларо, замину замон ларзонида, дарахтонро аз бех ба ҳаво бардошта, ба руд мезаду ба соҳил ва садойи шикастани шоху тана меомад ва ҷонваронро сахт хӯсонду тарсонд ва аз беша ронд. Аммо хирсаки кӯдак ба дунболи оча фирор дошт, воруна ба руд задани санавбари азимро дид, ки чун садди роҳи об шуд. Аз он баъд боду борон бишикасту хӯрд шоху баргро; моҳидорон шикастанду сӯхтанд. Чӯб монд: танаву шохи дар қаър шикаста ва як шохи паҳлӯйи ғафсу сахт, ки даст зӯри шикастанашро надошт. Хирсакро ҷойи бозӣ шуд: рудобро убур карда, то ғада расид, дастмол кард болотар аз об танаи тару шилмаку лағзонро.

Пайи панҷа монд рах-рах. Истода ба по чу марди дарахтбаро танаи ғафси чӯбро оғӯш карда, вазн боло кашид, пойҳо низ ва чангол чангак андохта, боло шуд ва озод то душоха омада савор гашт, пойҳо овехт. Пойи чап ба шохи зер андармон гузошт. Ба оби соф нигарист. Нахуст хуршеди сурхро дид, ки нима тофт аз буни карона; ними дигар андар ҷар буд ва оҳиста-оҳиста пурра шуд ва чашми хирсро рабуд. Ӯ хештанро надид дар об; зеро пушти ғаддапул монда буд, танҳо пойҳои кашол метофт ва дасти рост. Чунки ӯ ҳамвор ба чӯб часпида, аз сайёде ё душман пиҳон медошт хешро. Чашму ҳуш ба рафти об дӯхта буд, ки ана-ана сайд пайдо гардад. Хирсак худро гоҳе дид, ки пойи чап тори ғада гирифта якбора вазн бар об андохт; аз зер ҳам хирсе ба об зад худро ва ду хирс ба моҳие ҳуҷум овард; яке аз тору яке аз зер. Ва аз пошхӯрдани об хирси зер ноаён гашту пойи хирсак ба чизе бархӯрд. Дошт. Гаронвазн тофт ё чангногиро афтод, ки ӯро кашид ба об. Фурӯтар бурд. Пиндошт хирси зер ӯро вазза бубарад. Пасон қад ба қаду чанг ба чанг шаванду даҳон ба даҳон барои луқма, ки сахт дилбазан гашта. Нахоҳад, ки дигар даҳондарида ва лангон гардад. Чун шалфаю пошхӯрии об ҳамвор шуд, Хирсак моҳии гаронвазнеро дид, ки андармон дар чанг омада, тан ба асирӣ надода, раҳойӣ аз чанг хоста, танаю дум занад. Сайёд натавонад боздоштан. Моҳӣ низ дар зоту гунаи хеш сайёд; аз худ хурдонро бихурад. Аммо ҳоло раҳидан хоҳад аз дом, ки ба ашки хирс андармон нагаштаст. Хирс низ ҳайрон, ки чун шуд? Хирси дигар куҷо рафт? Чаро ӯро тарсонд? Ҳарчанд пойҳо ба санги қаър расонида, тира карда, вазн андохта, боздоштанист насибаро, сангҳои ушнабаставу лағзон имкон надиҳанд; баракс имкони пеш рафтан диҳанд. Нағмаву ҷонканӣ ва ба чашми хирс об задани моҳӣ нагузорад, ки дандони хирс фурӯ ба ҷисмаш ояд. Лек Хирс сахт хоҳад, ки чун ҳамеша моҳӣ ба даҳон гирад; ба соҳил бароварда, зери пой пахш бикунад ё байни панҷаҳо дошта, дандон ба бехи дум зада, канад ва гӯшти сафеди хунолудро газ-газ фурӯ барад. Моҳӣ ҷонбозӣ дошта бошад ҳам боке нест. Кас бояд биситонад аз ҳастӣ насибаро! Чунин зинда бихуранд ҳайвонҳо якдигарро. Аммо расми одамӣ дигар гуна: кушта, пора карда, намак пошида, дар обу андар оташ пухта, пасон бихурад ҳайвонро... Моҳии даруни об пиндорад ё

сарфаҳм равад, ки чанги хирс суст шуда, майли раҳо кардан дорад, зеро моҳӣ ӯро дур бурд аз хати масдуд. Хирсони мулки дигар дучор оянд, чорлахташ бикунанд, ки хиёнат кард, ҳадд шикаст... Аммо чунин хаёл дар гӯшаи гумони Хирс нест; зеро нафс хун андуда пеши чашмаш, набояд сайди бадастомадаро бираҳад. Дандон зада ба даҳон оварданист Хирс моҳиро, аммо амонат ба чанг омада, пой пахш бикунад, гусаста гардад; дошта шавад ё на? Раҳо гашт моҳии гаронвазн ва чанги хун рӯйи об баромад. Пеши чашми Хирсро гирифт. Моҳӣ гарчӣ захм бардошт, чунон рафт, ки парранда дар ҳаво. Хирс андарун наъраи пурхашм дошт, дар гулӯ печид, дамондаш. Бурун аз об омад. Сахт наъра кашид: Чунон наъраро танҳо ӯ тавонист аз ғор ё аз харной бурун оварад; зеро бо сухан ифода карда нашавад чунин садоро, ки ба шер задани гуруснаро монад. Пасон истода ба по одамона қомат афрохт. Мулки бегонаро аз назар гузаронида, дӯсту душман диданӣ буд, касеро надид. Хеле дуру паст андаруни рудбор сиёҳ-сиёҳ зоғона метофтанд ҷонваракон. Донист, ки хирсони хиттаи дигар сайди аздастдодаашро нигаронанд, дошта чорлахт бикунанд ва аз баройи гӯшти ӯ ҷанги шаҳрвандӣ ба миён оянд. Зеро ҳайвонҳо низ донанд, ки ҳамагуна ҷанг ё баройи нафс оташ гирад ё баҳри дорунадор ё ҳадду ҳудуд, ки низ зодаи нафс бошад... Дил кард, ки он сӯ равад; аз нимароҳ дорад моҳиро ва... Ва тарсид. Зеро мадор рафта, бар асари гушнагӣ ҳанги пой намонда. Ғуррид. Пас гашт. Сархам, шонаҳои хеш лаппонда, сар ҷунбонда чанде гашт, боз одамона тан афрохта, сӯйи дарахти вожгун нигарист, ки дар дуриҳост. Хешро рӯйи сабзаи наврустаи соҳил андохт ва ғел зад... Каргасҳои фазо нагузоштанд ором бигирад. Ғашаш омад, нафрин хонд, ки мурда пиндоштандаш. Ғашовартар он буд, ки хирси ҷавон шалап-шалап обро пош дода тагу боло медавид, то моҳиеро рамонад ва ҳамлаваронро боздорад ва пеши назари хирси пир сӯздода, канда-канда хурад. Аламовартар он буд, ки хирси ҷавон ӯро надид ё надида ангошт; салом надод, балки ба рағми бемадории ӯ намойиш барпо кард, ки чӣ ҳунарманд аст. Хирси пир парво надорад ба кирдору рафтори ӯ; чунки худаш ҳам дар ҷавонӣ чунон буд: касеро писанд накарда, чӣ хоҳад, он мекард; чӣ сон хоҳад, чунон мекард. Наъра кашидан як пуф буд. Ҳолиё зӯр занад ҳам садо набарояд, балки

садо андар гулӯ печад. Ин ҳама аз он дарёфт, ки сайд аз даст дод, ки нашуда буд чунин кор. Балки дар шикори нахуст; замони кӯдакиву нотавонӣ, моҳии ба чанг оварда, лағзид ва ба об рафт, бозӣ-бозӣ аз пас рафт, хирси танумандро дучор омада, аз тарс шах шуд. Агар модар намеомад, шояд хирс луқмаи хомаш мекард. Он замон орзу кард, ки мисли ӯ тануманд шавад. Шуд. Ҳолиё ба асли хеш баргашта, кӯдаки нодон шудааст; зӯру тавон на ба пеш, балки пас барад. Ӯро тарсӯ, нотавон ва беғайрат сохтаст. Аз он дарёфт, ки сайди гирифторро аз даст дод. Замони ҷавониаш буд, дар рафти об ҳам медошт ва аз об набаромада канда-канда мехӯрд; одаташ чунон ки аз рӯйи душманӣ ва кинаву хусумат дошта бошад ва зӯру тавонро нишон дода, зинда хурад, ки зӯрӣ, қасосгирӣ чунин шавад. Ҳолиё бабри чолоки аз пойафтодаро монад, ки аз ду чашм ашки сиёҳ рехта, аз ду канори даҳону бинӣ шорад. Тӯшаи бабри сайдгирро каргасу зоғу заған хурад, аммо тарси хирс аз кафтору шағол; аз ин рӯ андар ҷазирачаҳо маъво гирифта, ки он лошахорони баднамо аз об нагузаранд. Сар боло карда натавонист, то бинад, ки каргасрез шуда фазо. Сар аз он андохта, ки боло париданҳо зер рафтан ҳам доштаст. Сайд аз даст равад. Парво надошт. Дигареро ба чанг меовард. Ҳолиё гирифтори ғам, ки ба зӯр рӯйи ғада баромада худро болои моҳӣ андохта буд, дигар баромада натавонад рӯйи чӯб. Дар хоб ё зери сарпӯши чашм намояд, ки моҳиёни зиёд ба об оянд, мавсими тухмгузорӣ расида, чунон зичу анбӯҳ шино кунанд, ки абр дар фазо, пеши офтобу Осмонро гирифта. Ӯ даст андозад, панҷаву даҳон занад, ҳаво ояд ба дасту даҳон ва хашмӣ дунболагир бикунад, моҳиён тирвор гурезанд ва ӯ дар ҷойи холӣ монад, ки пеш аз таҳдидаш моломоли моҳӣ буд. Фӯк рӯйи дастони ёзида сагона хобад; ба андешаи хеш доми тазвир дорад, моҳиён бояд худ оянд ба даҳон чунон ки ба даҳони кушодаи наҳангон моҳичаҳо бозӣ-бозӣ дароянд. Чун чизе набуд, аз беҳолӣ ғел гашт ва пиндошт, ки сер шуд ва лоланги хеш чун одат зери сар болишт карда, рӯйболо хобад, то лошахорон рабудан натавонанд. Лаб лесид; лаблесии шукрона набуд, бал пири фартутро монад, ки касе хуронад ва бо даст лаби ошолудашро пок кунад. На, ғели шукрона набуд, ӯ афтид. На аз серӣ ё ба роҳат, балки ба вазн доштан ҳанг надошт, ғелид рӯйболо. Як назар офтоб сурх тофт хунин, пасон

хун баста, тираранг гашт ва сиёҳ шуд. Дигар чизеро ёд надорад. Аммо зарбае ба чашм расид, даруни чашм каргасрез шуд. Сояҳо пеши чашм мегузаштанд. «Ҳаромхорон пайдо шудаанд. Аён ки мурдаам». Узве аз узвҳоро ҷунбонд; даст буд ё пой, дил буд ё гурда, надонист; ба ҳар ҳол рагчае ё мағз ҷунбид ва ӯ донист, ки зинда, талвосаи хестан кард; хост бихезад, одамона қомат афрозад, ба атроф нигарад, ки дигарон чӣ ҳол доранд: олам дигар шудааст ё ҳамон дунёйи куҳан; дӯст куҷову душман куҷо? Қад кашид чу сабза ва касеро надид. Ҳама ҷо мурда; об ҳам мурдоб гашта. Моҳиён низ мурда, рӯйболо сарсинаи широсо сапедро намойиш дода, рӯйи об омадаанд, касе нест, ки хурад. Ба назар ҳама мурда, гетӣ ҳам мурда, танҳо ӯ нимҷон, аз ҳама баъд ӯ бояд бимирад. Чӣ ҷонварони бегуноҳро дошту дарриду хӯрд? Ӯро кӣ хурад? Лошахӯрони ҳаром дар фазо ҷувозак гарданд, нигарони чашм пӯшидани ӯянд. Валек чашмони ӯ воз; каргасҳо охирин бор акс ёфтанд андар дидааш.

8.09.11.

## АНГОН

Он солҳо бозори кӯҳнафурӯшӣ дар авҷ буд; замона чунин тақозо дошт, ки аз доктори илм то донишҷӯ ё зани хона бозорнишин гардад. Ду канори хиёбони рӯёрӯйи қасри Ҳукумат бозорҷо шуд; аз сӯзан то либоси тан ба фурӯш баровbooарданд ба ҷуз нони даҳан. Дуздбаччаҳо аз ин канори бозор мезаданду ба он канор бурда мефурӯхтанд. Ғорату куш ҳам хонасӯз буд. Бӯстонсароҳои шаҳрнишинон низ андар канори рудборҳо ва беҳтарин ҷойҳои хушҳавои кӯҳистон валангор гашта буданд. Устоди донишгоҳ низ «аз пойи пода намонам» андар Ангон кӯшке бино карда буд ҳавасангез. Имтиҳони қабулро пешакӣ дар он ҷо муайян мекард. Ҳафт сол ба он ҷо рафтуомад карда натавонист аз ҷафои Ҷанг; зеро роҳҳо зери назорати қумондонҳо буд. Дастаҳои ғоратгару дуздон ҳадду ҳудуд доштанд. Касе бегузарнома ба он гоҳ рафта наметавонист ё тарсида аз бими марг намерафт. Кӯшки доктор дуздхона шуда буд. Аз ин рӯ касе дилу гурдаи ба он макон рафта ё хаси он рабуданро надошт. Аммо валангор гашта буд; зеро зимистон сахт омад ва навхонаҳо дару тиреза ва вассаву чорчӯбаҳои барқади шишабандиро сӯхта, шишаҳоро шогирдон қатори чизу чораҳо

ба бозор бароварда буданд. Доктор, ки низ барои ризқу рӯзӣ китобҳои фарооварда ба бозор бароварда буд, баъзан гардиш мекард раста ба растаи кӯҳна ба рӯйи хоку лой густарда, то нишоне аз кӯшк дарёбад, пайдо накард. Бозори кӯҳнафурӯшӣ чизе аз нишонаҳои тоҷикӣ надошт. Бештар яҳудиёни борбаста маводи хона бароварда буданд. Дунёбохабарон зарфҳои мисиву симии онон савдо мекарданд. Касе ба дӯкони китоби Доктор нигоҳ намекард. Чунки дар он солҳо мардумро ғами зинда мондан буд; дӯстон якдигарро дар раҳу рӯ дучор оянд, пурси нахуст чунин буд: «Зиндайӣ?» Чун Доктор зинда буд, боре duздона ба баландии болои заводи семент баромад, то бубинад, ки кӯшк дар чӣ ҳол аст. Надид. Зеро ду пуштаи дигар буд, ки пеши чашмро мебаст. Нишасту нафас рост кард ва андешид, ки ба чӣ рӯз расидем? Сари пуштаи баланд ҷондоре мисли зоғи сиёҳ пайдо шуд, хам хӯрд, пас аз чанде муддат бар пуштаи наздик омад. Пасу паҳлӯро аз назар гузаронд. Бозомад. Мард ӯро дид, ӯ мардро надид, ки нишаста буд Доктор. Баччаи тақрибан даҳсолае буд, ки чанд чашми шишаи panҷара зери каш дошт ва бар нӯги остини рӯйи ангуштон қат гашта гирифта буд. Наздик омад. Марди нишаста ва ба адир паҳлӯзадаро дида, ларзид. Яке дасташ суст шуд, ки гурезад ё нагурезад. Чун Доктори доно вазъу ҳоли бачча дид, барои аз ҳолат баровардан «Салом писарҷон!» фармуд. Писарак, ки рӯ ба рӯйи офтоб дошт, чашм нимпӯш карда даҳон кушод, то хубтар бубинад мардро, лек посух ба салом нагардонд. «Сафар бахайр?!» Нашинохт бачча ӯро ва ба пурсаш сарфаҳм нарафт. «Магар роҳзан касе набояд бошад дар чунин бузраҳа». Аз он нашинохт, ки шояд замони дар бӯстонсаро буданаш, ин кӯдак кӯча набаромада ва мардро надида. Чун мард тан аз ёнбош бардошта, нишаст, тани ӯро ларза гирифт ва шишаҳо аз зери бағал андаке фурӯ рафт, ки остин набуд, афтида буд. Аз он ки дошта аз даст наравад, ба нӯги ангушту остин дошт.

– Аз куҷойӣ, бачча?

– Аз... аз вай...

– Мефурӯшӣ? – дида ба шишаҳо дӯхта пурсид мард.

Бачча ба маънии «бале» сар ҷунбонд.

– Чанд пул?

Бачча китфон дарҳам кашид.

– Пул надорам... насия медиҳӣ?

Бачча боз чашм нимпӯш ва даҳон воз дошта ба мард нигарист: «Чи хел? Бо чунин бузургӣ?» Аммо пурсида натавониста, чизи дигар гуфт: «Модарам рӯйи ҷогаҳ. Ман маҷбур шудам, ки шишаҳои тирезаро канда ба бозор барам... «Ин бор мард чашм нимпӯш карда ва даҳон во дошта ба писар нигарист: «Рост гӯйӣ?» Боз сар ҷунбонд бачча. Зеро ҳарос аз тан бурун нашуда буд ва аз дурӯғ рӯяш дуд кард; шояд кирдор аз зарурат бошад ё пайравӣ ба дигарон, ки рӯзашон ба нобакорӣ монда: ҳар кӣ бо умед ва ҳаваси фароғат сохта буд, харобаш карданд. Бозори кӯҳнафурӯшӣ ташкил шуд; мошинҳоро қисм-қисм ва хонаҳоро бомпӯш ҷудо, болор ҷудо, хишт ҷудо мефурӯхтанд...

– Намедиҳӣ-а, насия?

– Неъ...

Таҳдид пиндошт, ки ранги рӯяш канд, дастон ларзида шишаҳо раҳо шуданд ва ба сангчол бархӯрда шикастанд. Аз тарсу бемадорӣ, ё ноумед гашт, ки пушт ба мард гардонда нишаст ҷангиёна. Пасон лӯкка зад китфон, ҳиқ-ҳиқ баровард... гирист: «Очам бимирад...» магар садоҳо ба коми гушнагӣ рафтанд, ки олам оромӣ ёфт. Сояҳо гум шуданд. Фазоро абри сафед пӯшонд.

«Ма!»

Писар бо сари остин оби чашм ва оби биниро пок кард ва каҷ нигарист ба мард: «Чияй?»

– Пул.

– Пули мо инхелӣ нестай.

– Ин пули нав. Панҷсомонӣ. Ҳамин суратро шиносӣ?

Пул аз дасти мард рабуд. Ба диққат нигарист ва фармуд: «Бобойи Айнӣ».

– Офарин! Баччаи дуруст метобӣ. Баччаи кӣ?

– Бачаи... бачаи... бачаи ҳишкӣ! – чашм аз пул наканда, бепарво посух дод ӯ.

Хомӯшӣ. Заводи семент дуду гарди сафеди семент намебаровард, лек писарак орому сокит нигарист ба поён ва боз гирист.

– Гиряат барои чӣ?

– Падарам дар ҳамон завод кор мекард...

– Кор мекард?

– Ҳ-ҳа.
– Ҳоло куҷост?
– Куштанд...

Боз хомӯшӣ. Завод на дуд барорад, на садо. Вагончаҳои ҳавойии сангкашон ҳам дар симтаноби дутораи дуроҳа чун касони доркашида сарозеранд ва сокиту ором; беҷон. Аз тор фитодаҳо раҳораҳ каҷпаҳлӯ ё сарзеру сарболо мехобиданд, дархӯрди касе набуд. Ҳолиё нишоне аз онҳо низ нест. Кашонданд шермардон ва ба фисмирӣ ба куҷое фурӯхтанд (шояд Сайидаҳмади афғон дар амбору саҳни кушоди паси ВДНХа ғун оварда бошад).

– Кӣ?
– Чӣ, кӣ?
– Кӣ кушт?
– Очам гуфт, ки дар ҷанги Душанбе...
– Чӣ ном дошт?
– Лекин очам гуфт, ки ӯ падари ту набуд...
– Падари ту набуд?
– Падари ту одами калон, гуфт... Ӯро ҳам куштанд магар, ки даҳ сол боз намеояд, гуфт.

Мард хомӯш монд. Хомӯштар аз писарак, хомӯштар аз завод, хомӯштар аз сукути кӯҳҳо. Аммо писар бо атсаи хеш шишаи хомӯширо шикаст: сахт атса дод ва тугмаи кушодаи пешсинаро гузаронд. Магар сардии ҳамелҳои дӯлона атса оварда буд. «Майед». Панҷсомониро сӯйи мард дароз кард. Мард ҳайрон монд: «Бахшидам...» «Не. Очам фаҳмад, хафа мешавад».

– Аз чӣ?
– Аз он ки ман пули шуморо муфт гирифтам.
– Муфт не, сабабгори шикастани шишаҳоят шудам.
– Ин хел бошад, – фармуд ӯ ва бапо шуд. Пасон аз гардан баровард як ҳамели дӯлонаи зард ва андохт ба гардани мард. Шаддаи каҳрабои гардани модарро монад, ки барои радди гирифтории зардпарвин ё сил овехта гардад ба тасаллои дил. Табассум дамид дар лабон. Дар лабони мард низ табассум дамид.
– Чӣ қаҳрамонӣ кардам, ки...
– Чӣ қаҳрамонӣ? Аз қаҳрамонӣ болотар боз чизе ҳаст?
– Шояд бошад...

– Агар бошад. Шумо ҳамон.

– Балочае... Аз куҷо омӯхтӣ чунин муомиларо?

– Надонам аз куҷо... Лек модарам мудом як мардро ситойиш мекард. Дасташро тир карда бинои дуошёнаи паси токзори он сӯйи рудборро нишон медод ва мегуфт: «Он бӯстонсаройи як марди оқилу олим... Хоҳам, ки ту ба он монанд бошӣ...»

Гӯшҳои мард қуфл заданд. Ҳушу ёд ба куҷое рафт. Идомаи сӯҳбати писаракро нашунид. Лек медид, ки писар бо ҳавас, хандон дар бораи он мард кафку туф пош дода, мегуфт. Мегуфту мегуфт, ки чунин мардон кам рӯянд.

«Рӯ ба рӯйи хонаатон як хона ҳаст...»

«Дуздхонаро гӯед?»

«Чӣ хел дуздхона?»

«Бесоҳиб... Одамон аз дуздҳо тарсида ба он хона кордор нашуданд. Дигар ҳама бӯстонсароҳоро хароб карданд, сӯхтанд...»

Гӯшҳои мард кушода шуданд. Суханони писаракро хуб шунид. Ва ҳушаш ба бӯстони офаридааш рафт, ки ҷавонзани хонааш рӯбарӯйи он сӯйи руд ба офтобрӯяйи айвон баромада дер меистод нигарон ва чун мард аз кор сар бардошта, хамёза мекашид ва деҳи Ангонро аз назар мегузаронд ва гулобипӯши дуррабастаро медид, нигоҳаш ба он товуси хиромон дӯхта мешуд ва ӯ аз заҳри чашми бегонагон гурехта, ба хона медаромад ё ба ошхона ва дуди мӯрӣ боло шуда баландтар аз талу теппаҳои ангурзор мерафт ва аз миёни торҳои таранг кашидайи симтанобӣ сангкашони ҳавойӣ мегузашт... Пасон нигоҳҳойи хомӯш ва дилҳои гумзада чу вагончаҳои ба торҳои муҳаббат баста равуо карданд, ки мурғаки зебо аз он сӯйи руд ба ин сӯ парвоз кард ва бӯстони марди обрӯмандро зебу оро дод. Ҳоло писарак аз хусуси он мард бо забони модар сухан гӯяд: «Хоҳам ки мисли он мард бошӣ». Писар ҳам низ ҳавас кард, ки чу он мард бошад, аммо надида, дӯсташ дошт. «Падари ту ҳамон хел одам, аммо туро надидаст. Ту ҳам ӯро надидайӣ». Вале надонад, ки он ошиқ, марди дӯстдору дилсӯз куҷо шуд? Дер сол надид, пиндошт, ки ҳамонанди мардони ангуштнамо куштандаш. Хоса, пас аз он ки шавҳарашро куштанд аз рашки ҳусни зан. Шояд ошиқ низ бо чунин сабаб кушта шуда бошад. Зеро ӯ рафту барнагашт. Бӯстонсаро ҷангал

шуд ва дуздон зери хори марминҷон паноҳ мебурданд; гарчӣ касе дилу гурдаи ба ин макон омадан надошт; зеро поёнтари дара андар бӯстонсарои ҳукуматийи Деҳи Поён Офатсуми роҳзану одамхор маскан гузида буд ва касе намеёрист аз он ҷо гузар кунад. Овоза шуда буд, ки дастаи Офатсум ба куштани мардони номдори пойтахт машғул аст. Аммо кам касон донанд, ки Гулнорро ҳам аз сари чашмаи поёни ҳавлӣ ӯ рабуда буд. Афсона бофтанд, ки ба як нигоҳ Офатсум волаву шайдойи ҳусни ҷавонзан гашт ва дергоҳ ӯро дар он манзил нигаҳ дошт; чун ранги рӯяш коҳиду заъфаронӣ гашт, раҳош кард. Аз он рӯз то ин рӯз шаддаи каҳрабойи аз Латвия ҳадя овардаи Ошиқ ҳамойил дар гарданаш. Баъдтар ӯ пиндошт, ки Ошиқ чунин маломатро дарёфта, ор кард; аз ин рӯ майли бадара омадан надорад... Аммо чун Доктор бозорнишин шуд, пояш накашид, ки ба он манзил равад; гумон, аз китфаш дошта пас мекашид: «Марав!» Дар асл номус кард, ки наравад ба он ҷо, то ангуштнамо нагардад – ба ишораи ангушт нагӯянд: «Докторро бубин, рӯзаш ба чӣ мондаст?»

«Чӣ гуфтӣ?»

«Ҳиччӣ, тағa...»

Мард, ки майли бо ӯ боло рафта, сари баландӣ баромада, Ангонро дидан дошт, баробари шунидани ҳарфи вайрони «тағa» зуъмаш гирифт ва ба по хеста, доман афшон ва поёнрӯ нишеб шуд. «Шумо, ки намедонистед ин талафузро, «тағойӣ» мегуфтед, аз куҷо омӯхтӣ?» андешид марди аз рафтору гуфтори нозебу фач ҷон ба лаб омада ва гирифтагулӯву ларзонпо сӯйи заводи хомӯш нишеб шуд. Писарак рӯйи рангпарида ва лабулунҷи овезон, паридани чашму абрӯ ва ваҷоҳати ноумедонаи ӯро набинад ҳам, мушоҳида дошт, ки чун печида ба худ хурд шуд, пойҳо каҷу ларзон ва монои пойҳои бузкашҳо нимдойира, гомзаниаш монанд ба маймуни одамшакл, ки даст ба замин нарасонида, лап-лап равад. Ӯ ба думба нишаст ё аз бемадорӣ ва ё фишори баланди андешаву қаҳру ғазаб ба танг омад, ки чукка зад.

«Амакӣ! Маҳ пулатро гир!» Ин бор ба шевайи Ангониҳо сухан гуфт, магар «амакӣ» нашунид, ки нигоҳ накард ё мадори гардан тоб додан надошт ва ё нигоҳ кардан ё шунидан нахост. Писарак дер истод даст сӯйи мард ёзида нигоҳ дошт. Пасон чӣ

ҳолат гирифт, ки пул аз даст раҳо хӯрд ва боди Ангон паррон-да бурд. «Пулатро бод бурд, амакӣ, бигир!» Амакӣ шунид, лек нигоҳ накард. Ба сар омад: «Кори хуб нашуд. Шояд биангорад, ки барои ҳамон пул ман чунин рафтор кардам?»

– Чӣ гуфтӣ?!

– Пулатро гир, гуфтам!

– Не-не, чӣ гуфтӣ?

– Амакӣ, пулатро гир, гуфтам!

– Метонистайӣ-ку ба забони модарат гап задан!

– Чаро не?

– Пас чаро маро «тағa» гуфтӣ?

– Ҳама ҳамин хел мегӯянд-ку?! Мӯйсафедон «Шаҳри якчашмон равӣ, якчашма шав» гӯянд. Хиёл кардам, ки шумо ҳам...

– Маҳмаддоно намойӣ... Маҳ, ҳадяатро бигир! Ё бурда ба гардани модарат андоз!

– Бо модари ман кордор нашав. Хубашро дорад!

– Каҳрабояшро?!

Писарак даҳон кушоду сухан гуфта натавонист. Теғи офтобро гунаҳгор дониста даст болои чашм лапар кард ва даҳон кушода нигарист, ки мардро бо дандонҳо медида бошад.

– Модар нагӯ, ки...

Алам тоза кард, ки санг бардошт аз замин ва андохт ҷониби мард. «Модар нагӯ! Оча нагӯ! Ба ӯ кордор нашав! Вай модари ман! Очайи ман! Худаш базӯр истодаст... Нагӯ!» Ҳар бори сухан гуфтан як санг меандохт ҷониби мард ва алам тоза мекард, ки аз куҷо пайдо шуд ин роҳзан, ки ӯро роҳу савдо боздошт, ноумедаш гардонд. Як алами писарак сад алам шуд ва дар наздаш дигар санг намонд, то сӯйи ӯ андозад. Риштаи ҳамели дӯлонаро бо дандон канд ва дона-дона бар ӯ андохт.

– Ман туро бачаи хуб пиндошта будам...

– Вақте ки очаву модарро ном гирифтанд, бачаи хуб ҳам хук гардад.

Мард чӣ андеша дошт, ки табассум кард. Ҳамели дӯлона дар даст ҷониби писарак по зад. Писарак аввал писанд накарда истод, сонӣ гумонаш, мард дошта гӯштоб бикунад ё зери лағат гирад, ба ҳамели монда, ба пули бодбурда, шишаҳои шикаста нигоҳ накарда, пас-пас рафт.

– Ист, гап дорам.

– Медонам чӣ гап дорӣ!

– Не, надонӣ. Ғалат фаҳмидӣ нияти маро. Ман гуфтанӣ, ки агар модарат зардпарма бошад, шаддаи каҳрабо ё дӯлонаи зард шифо бахшад. Ба модарат бигӯй, ки ҳамсояйи он сӯйи рудбор чунин маслиҳат дод. Ба наздикӣ кӯчида меомадаст ба бӯстонсаро, гӯй, аз ҳоли мо хабар мегирифтаст...

16.09.10.

## БОЗӢ БА БОЗӢ

Модар ӯро дар сайисхона зойид, рӯйи нӯшхӯрди асп, ки дар бурчак рехта буданд. Аз бепадарийи тифл чунин рафтор кард; зеро дилаш нашуд, ки зери порӯ гӯр бикунад; чунки синаи раҳм сих зад гоҳе ки ба хулосаи қатъӣ наомада буд. Тифл барои дигарон бепадар, аммо зан донад, ки тӯдаи нӯшхӯрд бистари нози ӯву Сайис буд. Аз чӣ рӯ Сайис ғайб зад, касе надонад. Арча ба ҳама миш-мишу гуфтори мардуми деҳ гӯш дод, аммо надонист, ки куҷо шуда Сайис. Куштаанд ва ё тарки диёр карда, рӯшан нест. Кушта бошанд, барои чӣ куштаанд? Рафта бошад ҳам чаро? Наход барои дамидани шиками зан, ки безурёт ном бардошта аз даргоҳи шавҳар ронда шуда, дар хонаи падару модар умр ба сар мебурд? Таънаву маломат ҳам дошт, вале рӯз надошт. Рӯ панаҳ карданд дар коҳдони паси сайисхона. Писарро Сайисалӣ ном ниҳод ба таври хеш, то зодаи Сайиси ғайбзада буданаш аён гардад, аммо аз рӯшод гуфан шарм дошт. Дар ин миён модиёни зарринёл низ зойид ва курра чорпо мегашт. Модар, ки шири киройӣ надошт, писарро ба асп гиронд; чочҳои модиёнро шушт, чанд гоҳ эдир карду дӯшид, то ба дасту панҷаи ӯ хӯ гирад ва гоҳи ба сина расидани даҳони бегона лагад наандозад. Баччаи асп зуд бузург мешуд, баччаи одам дер. Касе аз дилу ният, азоби рӯҳиву ботинийи ӯ огаҳ набуд, аммо чун офтобро бо домон пӯшида нашавад, ҳама аз ӯ сухан мегуфтанд, ки аз худаш бештар медониста бошанд. Кирдори ӯро ба ҳама мардони бадкору бадахлоқ часпонданд, ки бадкорӣ карда бошанд ва ё бо андак чиз фирефта бошанд: зеро зан ниёз дошт ба чиз ва рӯзиву рӯзгор. Вале ғурури инсонӣ, занӣ, модарӣ ва покийи инсонӣ иҷозат надод, ки дасти ниёз барад пеши касе. Димоғи сӯхтаи падару модар, ки замони зани

Ворух будан аз Худованд як пора гӯшт талаб доштанд, низ кушода нашуд ба мустаҷоб гаштани дуъояшон ба даргоҳи бахшандаи меҳрубон. «Ман ҳалолашро талаб карда будам?!» чун фарёди падари худотарс ва безор аз гапу калочаи мардум сахт расид духтарро ва пазируфт чунин манзили муносиб ба ҳайвонро: «Сазойи сарам...» Ҷамъбаст кард ба назари хеш, ки Худованд дер муносиб дид. Аммо чаро Сайиси занкалон сирру савдояш ба касе рӯшод нашуда, ғайб зад? Надонад. Оварданд мардум, ки шӯйи аввалаи Арча сайисро чунон нобуд сохта, ки саг аз бӯяш наёбад. Дертар овоза шуд, ки Маҳмуди Кошонагӣ Сайисро дар Уфа дучор омадаст, ки бозор мерӯфтаст; дигаре тасдиқ накард ин овозаро, ба вижа ҳамдиёрони худаш. Ин ҳама тахмину овозаҳо Арчаро водор кард, ки кӯч бандад аз ватан. Лек надонад куҷо равад? Як зани карру кӯру шаллу гунг; ҳеҷ ҷой ва ҳеҷ касро надонад. «Кори шӯям». Номус карда, ки безурётиаш фош шуд. Чунки ӯ занро безурёт дониста, сар дод; бевазани зо гирифт. Фарзанд нашуд. Боз майли зани нахуст карда, талабгор гашт, вале зан фарзанд оварда буд. Аз ин рӯ нобудии Сайисро кори шавҳар донистанд... Чун касе ӯро бо Сайис надида, Арча ба кормандони ферма гуфта, ки баччаро дар қадаш оварда аз хонаи шӯ. Ин ҳарф хоҳар ба бародар овард, ки зоро бовар кунад, ӯ моҳу рӯз шумарид; бовар накард. Хоҳар гуфт: «Тифл дар камари Арча часпида будаст, баъд ковок шудаст». Боз бовар накард... Чун бенишон рафтани Сайисро ба пойи ӯ бастанд, дудила шуд. «Зан баргардад, зоро даҳони мардум баста шавад?» Лек рӯзшуморӣ ба дил зад, мушкилотро яксара карданӣ шуд шӯ: «Раваму писарро бағал гирифта оварам». Арча ба ин шунида майл кард, ки аз нав дар дили шавҳар ҷой шавад, зоро рӯзе иқрор бикунад: «Аз рашку ор Сайисро куштам»... Арча миёни обу оташ буд, шӯ зани дигар гирифт. «Занҷаллоб». Ҳарфи Арча буд ё каси дигар зери лабу дандон фармуд, ба ҳар ҳол ин лақаб ба ӯ часпид.

Сайисалӣ забон баровард: «Оча, ман падал долам?»

«Бале бачам. Падарат мардикорӣ рафта. Рӯзе хоҳад омад; кисаҳо пури доллар, бӯғчаҳо пури либос, зери пой мошин; туро тӯйу тамошо хоҳад дод.»

«Кай? Кай? Кай?!»

«Пеш аз мактаб рафтанат...»

«Уллааа!!!»

Сайисалӣ мактабрав шуд, лек нарафт. Зеро умедвор буд, ки падар ояду мисли дигарон аз дасти писар гирифта, аз остонаи мактаб дарун кунад ва ҳама шиносанд, ки падари Сайисалӣ кист.

«Оча, падар наомад-ку?»

«Падарро роҳзанҳои дашти Қазоқ дастгир карда, мошинашро кашида гирифтаанд, пулашро низ... Пиёда ояд... дер ояд. Ту бояд ба мактаб биравӣ, то омадани падар, хондаву навишта тавонӣ; ӯро нома нависӣ, ки калон шудайӣ, зудтар қадам бардорад... Худам туро ба мактаб барам. Бояд бо ҳама дӯст бошӣ, якранг муомила бикунӣ. Хуб хонӣ, сухани ноҷо нагӯйӣ, то наранҷонанд».

«Чи хел?»

«Чӣ хеле, ки ҳастӣ: орому ботамкин, андешаманд; тозаву озода, хушлибос. Дафтару китобро ранг накунӣ, хат накашӣ, сухани ноҷо нанависӣ; ба ҳарфи устод гӯш бидиҳӣ. Ҷабри устод беҳ аз меҳри падар».

«Ҷабри устод беҳ аз меҳри падар... Ҷабри устод беҳ аз меҳри падар... Куҷо падар?»

«То сарҳади Ӯзбакистон омадаст. Роҳбонҳо нагузоштаанд, ки биёяд».

«Золиманд онҳо?»

«Бахил».

Шояд ба маънии баъзе калимаҳо сарфаҳм наравад, лек хаёл кунад, ки зери он чизе ҳаст: «Чаро роҳзанӣ кунанд?» «Бахил»-ро чунин пиндошт ва аз модар пурсид: «Омадан намонанд?»

«Не, худаш чаппа гашта боз Русия рафтаст, ки дасти хушк аз дар даромадан хуб нест. Бо чӣ ниятҳо рафта буд, ки пул кор карда ояду туро тӯй диҳад...»

Ин бор писар модарро то охир гӯш кардан нахост. Дурӯғ ё фиреберо эҳсос кард. Бе дафтару китоб аз сарой бадар рафт ва баъди фурсатҳо мисли худ ҳамсинфи фақирак писари Сабриддини сартарошро ҳамроҳ овард ва ба коҳдон дароварда чиҳоеро нишон доду чиҳое гуфт, ки хандон баромада, боз кӯча рафтанд. Баъди рафтанашон модар низ коҳдон даромад ва ҳама ҷоро аз назар гузаронд, дигаргуние надид, ҷуз ҷодуе, ки зери дори шировез кашидаанд. Модар дер ба хаёл рафт ва пиндошт,

ки писар ҷойи зодашудааш – тӯдаи паходу нӯшхӯрдро наму-даст ба Ҷӯра.

– Падари ман пул фиристод, ки либоси мактабӣ, дафтару китоб харам...

– Падари ман... падари ман... падари ман ҳам... фирис-тоданӣ... не, оварданӣ буд... Роҳзанҳо кашида гирифтаанд... Баргашта Русия рафтаст, ки пул кор карда орад; ҳам дастамро ҳалол кунаду ҳам дафтару китоб харад.

– Ҳоло дастат ҳаром аст?

– Дастам ҳаром нею чукам нобурида... Беҳтар агар бозӣ ку-нем.

– Ман бо ту бозӣ накунам... Даст ба даст вохӯрдӣ ҳам наку-нам.

Сайисалӣ чашм танг дошта, даҳон кушода, ҳайрон ба ӯ ни-гарист, ки як ҷӯраи дилхоҳ пайдо кард, он ҳам гурехтанист. Сар андохт ва андешид ҳама муносибатҳоро: «Шояд ҳамсинфон ҳам мисли Ҷӯра андеша дошта бошанд?» «Чу!» гӯянд, шиҳа кашанд: «Ҳиинн... ҳӣ-ҳӣ-ҳӣ!» чу асп ва завқ ба-ранд аз карда.

«Сериалро тамошо кардӣ?»

Сайисалӣ аз ӯ дил канданӣ набуд, балки бо ӯ бозӣ хост. Бо-зие, ки аз филм омӯхта буд: «Мурда, аз нав зинда гаштан». Чун Ҷӯра дар дил ғубор дошт, чизе нагуфта равон шуд. Сайисалӣ дари коҳдон ӯро боздошт:

– Нахоҳӣ, ки мурда, аз нав зинда шавем?

– Ранги кино?

– Ҳо. Бозӣ. Аввал ман мураму зинда шавам. Пас ту. Пасон ба якдигар қисса кунем, ки чӣ дидем дар он дунё.

– Чӣ, мо дар он дунё ҳамдигарро намебинем?

– Умм... Умм, надонам... Шояд бинем, шояд набинем...

– Чӣ лозим чунин бозӣ?

– Агар хуб бошад, нахоҳем баргаштан. Аз зиндагии имрӯзаамон батар бошад, хоҳем баргашт.

Ҷӯра сар хорид. Чанд бор чашм танг карда нигарист, лаб ле-сид, ки чизе гӯяд, натавонист. Сонӣ ба пасу пеш нигарист сар фарогӯши ӯ овард: «Зиндагӣ аз ин батар ҳам шавад?» Сайисалӣ ҳам ба гӯши ӯ гуфт: «Нашавад». Дар лаби ҳарду та-

бассум дамид, ки заб мавзӯъи сӯҳбат ёфтанд, вале ҳамон лаҳза шикаст андар лабашон табассум.

«Дар ин дунё, дар он дунё... Дар он дунё, дар ин дунё...» фармуд. Аммо нагуфт, ки чӣ хоҳад. Даст афшонд. Ба назар ҳама андешаи нохуб, дилгиру дилбазан ва азобҳои ҷаҳаннамона, симоҳои зишту каҷу килеб, дандонҳои дарози шеру палангона, чашмони бумона, андоми боғуруру пуч ва шикамҳои монанд ба деги пасрӯро аз назар дур андохт ва завқманд сӯйи ҷоду, шировези чӯби кафтарнишин, тӯдаи ношхӯрду пахоли нимпӯсидаи шолӣ, меху охури модиёни беному нишон ва ба суроби гумгаштаи курраи ширхора нигарист ва гӯшаи чашм ба Ҷӯра андохт, ки чизе пай барад ё на? На. Чизе надонад. Ҳайрон аз паси нигоҳи ӯ дида давонад; ҷоду, шировезу дорчӯб бинад ва бӯйи порӯйи асп, коҳу пахоли пӯсида, бӯйи тамоку шунавад.

– Ин шировез боби бозии мо нест. Канда нашавад. Буриданаш ҳам душвор... Ин шавнӣ ҳам борик, ҳам зуд канда шавад, – пешбиние буд.

Шавнӣ – ресмони борики табакгузаронӣ, ки аз замони шӯравӣ боқӣ монда ва занони ферма, барги тамоку ҳамел мекарданду Сайис аз сутун то сутун мебаст. Ҳолиё Сайисалӣ як нӯги шавнии аз охур пайдошударо ба рави кафтарнишин бандад ва нӯги дигарро ҳалқадав овезон ба тори ҷоду кунад: «Мо чиҳое бинем дар он дунё, ки дар ин дунё надидаем... Агар падарамро бинам, туро гӯям, ки чӣ кас аст? Чун падари ту навчаи хандон ё мисли падари Раҷаби Кабуд – кабуди кабуди лабчок... лаънат ба ӯ...»

– Чаро?

– Ҳамун маро «ҳаромӣ» гуфт... Ҳатман аз дасташ гирифта пешат орам.

– Кабудро?

– Не... Падарро.

Ин бор Ҷӯра ба Сайисалӣ нигарист; чунон ки ӯ нигариста буд ба Ҷӯра: даҳон воз; дандонҳои фитодаи пеш дарича гашта ба даҳон, чашмон нимпӯш, ки теғи офтоб кӯр мекарда бошад.

– Ана ин хел, Ҷӯраҷон: рӯйи ҷоду мебаройӣ, ҳалқаи хафадаввакро ба гардан меандозӣ, ҷодуро ба пой мезанӣ... вассалом... Ҳоло ҳавойӣ машқ мекунем. Ман гӯё ҳалқаро ба гардан

андохтам. Ҷодуро пой задам ё тела додам... Кашол шудам. Ту танобро буридӣ. Ман афтидаму мурдаму зинда шудам.

– Чӣ дидӣ, дар Биҳишт?

– Ҳоло намурдаам-ку! Ин машқ... Акнун навбати ту, Ҷӯра.

Ҷӯра низ худро кашол кард ончунон хаёлӣ. Ҷоду аз зери пояш гурехт... Афтоду мурд... ва хест.

– Ту чӣ дидӣ, Ҷӯра?

– Ман ҳам нарафтаам ба дӯзахат. Чунки тарсидам. Ҳалқаи каманд гулӯмро гирифт, нафасам гашт. Мурдам...

– Чӣ тарсончакӣ... Машқ тамом. Инак навбати мурда, аз нав зинда гаштан ва дигар бора намурдан. Ана, ҳалқаи дор ба гардан андохтам. Ҷодуро по занам. Ту ресмонро бибур... Баъд ман ресмони гардани туро буррам...

Ӯ ҷодуро позад. Овезон шуд. Ҷӯра корд надошт. Каманд канда нашуд. Сайисалӣ садо надошт. Чанде пой зад. Пасон бо ҳама вазн кашол шуд. Дастон ба қадаш ёзиданд... Ҷӯра тавонист фарёдзанон аз дари сайисхона барояд: «Сайисалӣ-ӣ-ӣ!!!»

30.10.11.

## САДАИ ОДИНА

Одина Ҳошим соли 1990 ба Қосимободи Панҷекат омад. Аз наҳри Марғедар поён мардум ниҳол мешинонданд. Одинаро ҳавас омада наздик ба эшон шуда «Худо ёр!» гуфт ва остин бар зад, то ниҳоле шинонад. Ӯро ниҳоле сада доданд. Нишонд. Сабз ва овоза шуд. Ҷанги бародаркушӣ сар зад дар ҷанубии Тоҷикистон. Аз воҳима касе ба ниҳолҳо об надод. Сада хушк шуд. Рӯзе аз рӯзҳо чаҳор тан низомипӯш ба Қосимобод омада пурсиданд:

– Садаи Одина кадом?

Писари Қосим Шариф чӣ гуфтанро надонист: «Росташро гӯям чӣ шавад?» аз дил гузаронд. Чун ҳайбату сиёсаташон зӯр буд, фармуд: «Ба пойи худ омадед чу Одина. Як дам шинед, нафас рост бикунед. Як пиёла чой...»

– Мо вақт надорем! – фармуд сардорнамояшон.

Писари Қосими ободгари ин диёр Шариф хеле андешид ва чора ҷуст. Пасон онҳоро ба ҷойи беҳтарини канори «Шаршар» бурд. Беҳтарин садаи боғро нишон дод:

– Ана ҳамин...

Меҳмонон садаи ғуппаи монанд ба гулдастаи азим ё монои мусаввираи беҳамторо, ки нури офтоб аз миёни баргҳои анбӯҳ убур карда наметавонист; чатри осмонӣ дониста, бо шавқу завқ тамошо карданд: «Монанд, ба тори рост гузоштаи Одина монанд, ба садои ҷонбахшу рӯҳнавозаш ҳам... «Он, ки сардор буд ба китфи Шариф каф зада фармуд:

– Офарин. Бори нахуст дидем, ки дарахт ба соҳибаш монанд мешудааст.

## НИЁЗИ ПАШМАК

Ниёзи Пашмак се зан гирифт: Зани аввал Зайнаб ҳамсолаш буд. Солиму бардам; дандони зану шӯй барҷо. Ҳар кас бо дандони хеш мегазиду мехойид. Чун Зайнаб даргузашт, дандонҳои шӯй фурӯ рехт. Зани дуввум Сафӯро бодандон буд. Нон ва дигар чизҳоро хойида ба даҳони шӯй мениҳод. Чун Сафӯро даргузашт, шӯй ҳар рӯз ба гӯристон рафта, гӯри зан оғӯш карда мегирист, ки особи бемалолаш буд. Ниёз Пашмак зани саввум гирифт. Райҳон низ дандон надошт. Нони хушк, мағзу мавизу набот дар ҳован кӯфта, ба шӯй мехуронд. Ниёз Пашмак маззаву лаззати хӯрданӣ дарёфт ва ба гӯристон рафта гӯри зани дуввум Сафӯроро се лагад зад.

Пурсиданд: – Чаро чунин кунӣ?

Фармуд: – Гӯрсӯхта ҳама лаззати моли дунё худ чашида, тилфи он маро медод.

## САНГКӮБАК

Тик-тик баромад аз зери мармари бурида, ки бехи дарахт буд. Беш гӯш додам, нигаристам, чизе надидам, дарёфт ҳам накардам. Канортар шудам. Аз зери санги дигар омад садо. Аҷаб намуд. Лек зӯре набуд, то санги гаронвазнро рӯ гардонда бубинам, ки чӣ асрорест? Дер истодам ҳайрон. Тик-тик пайваста меомад. Ба сар афсонаи кӯли Искандар ва дурдонаи зери об омад: ҳар рӯз теғи офтоб дурдонае зери об метофт. Чун ғаввосон зери об раванд гум мешуд. Искандар асрор аз ҳакиме пурсид. Ҳаким пурсид: «канори истахр дарахте ҳаст?» Гуфтанд: «Ҳаст». Ҳаким фармуд: «Шохи дарахт мурғе лона монда ва тухме гузошта, ҳар теғи офтоб акси тухм ба об занад ва дурдона тобад». Низ ба сафедори хушк нигаристам аз ҳар ҷониб

ва паррандае эзорсурхак дидам, ки нӯли дирафшӣ ба танаи дарахт мекӯфт ва акси зарба аз реша меомад.

16.07.11.

## ДУ ТАБОР

Ду табори ҳамдеҳа сахт ҷангӣ буданд ва адоват доштанд бо ҳам, вале илоҷу роҳи ҳамдигарро нобуд сохтан надоштанд. Чун фарзандон ба воя расиданд, хонадони писардор андешид, ки духтари табори ҷангӣ ба арӯсӣ гиранд. Баҳона: оштӣ шудан, то кину адоват дар миён намонад. Паймон бастанд ва гӯйӣ дӯст шуданд; арӯс ба хонаи домод оварданд. Фардо овоза шуд, арӯс ворафта баромад. Аз нав ҷангҷол ба миён омад. Падари домод иддаъо кард, то падари арӯс хароҷоти базму сур баргардонад. Кор то додситон расид. Арӯс, ки дергоҳ ба худ наомада буд аз шармандагӣ, яке ҳуш ба сар зад ва фармуд: «Ман духтари хонаам. Домод ба ман нарасидаст. Маро бубаред, ташхис бикунанд!» Чун ташхис шуд, духтар бокира баромад... Онҳо аз нав ҷангӣ гаштанд на ба суди домод.

19.07.11.

## ИШҚИ КӮДАКӢ

Модар сафар бирафт ва писар ба хонаи амма гузошт. Амма наберае дошт Ёсуман. Писарак Некрӯ. Ёсуман баррачае дошт зебову хушрӯй, ҳушёру шӯх ва ҷаъдмӯйи кабудранг. Некрӯро сахт хуш омада буд. Ҳавасе пайдо шуд, ки низ чунин баррача дошта бошад. Аммо Ёсуман зеботар ва дилработар аз барра буд. Некрӯро боз ҳавасе пайдо гашт, ки ҳар дуро дошта бошад. Кӯдак дурудароз зери абрӯ ба Ёсумани қадрас менигарист, лек изҳори дил карда наметавонист. Зеро сухани мувофиқ пайдо набуд; хоҳиши дил гуфта наметавонист. Нигоҳ мекарду дида медуздонд, то духтар гумоне накунад. Агар Ёсуман сӯяш нанигарад, дер зеҳн мемонд ба ӯ; аз дилу мағзи сар хаёлҳои зиёд мегузашт, лек лол буд писарак; чунки чӣ гуфтанро намедонист; ҳатто сарфаҳм намерафт, ки ин ҳама чӣ маънӣ дорад. Чизе аз дарун пур шуда то гулӯ меомад ва ӯ мехост, ки чун бузургсолон шеъри зиёд донаду дам нагирифта ба Ёсуман хонаду хонад, то ӯ пай барад, ки нигоҳаш чӣ маънӣ дорад, буғзи гулӯй низ кушода шавад. Ёсуман гоҳе ширинтар гардад, ки сар шӯяд

ва ба ҷойи собун ҷурғотро кор фармояд; мӯяш сиёҳи равғанӣ гардад ва аз сарашу буни гӯшаш бӯйи ҷурғот ояд. Инро гоҳе дарку эҳсос мекард, ки аз ду тараф баробар гардани баррачаро доранд. Ёсуман бояд синфи даҳро тамом кунад ва Некрӯ бори нахуст ба мактаб равад. Писарак ҳоло ин чизро надонад ва хаёл кунад, ки ё ба хонаи амма гардад ва ё Ёсуманро ба хонаи худашон барад, то ҳамроҳ мактаб раванду ба хона оянд. Бояд мудом ҳамроҳ бошанд.

– Ёсуман, баррачаро ба ман диҳӣ, чӣ шавад?

Ҳама орзуву ҳавас ва хоҳиши дилро гӯё гуфт Некрӯ ва Ёсуман бояд фаҳмаду хулоса барорад. «Намедиҳам, то чизе нашавад». Некрӯ, ки чунин умед надошт, ҳайрон ба чеҳраи зебойи духтар нигарон монд ва чашмони мисли чашмони барра зебо ва гунаи чашмони Ёсуман заботараш пур аз об гашт.

– Ту хафа нашав, Некрӯ. Ин баррароро калон кунам ва ба номи падари шаҳидам қурбонӣ диҳам... – гоҳе ки гардани баррароро сила мекарду мегуфт, Некрӯ бехуд шуд ва пой дароз карда ба замин нишаст, ки ҳама орзуҳояшро кушт Ёсуман ва ҳеҷ гоҳ ба ӯ раҳм накунад. – Рангашро бин, айнан ранги ҳамон гӯсфанде, ки ба роҳи Худо қурбон карда буданд...

– Не! Накуш ин ширинакро! – Ба замин дароз кашида пой зад Некрӯ. Баррача тарсида гурехт. Ёсуман писаракро бағал бардошт. Некрӯ сахт гардани ӯро оғӯш карда, бӯйи саршӯйиро шамид. Нафаси гарми писарак хадуки духтарро овард ва ҳиссеро бедор сохт. Ӯ Некрӯро ба замин гузошт. Некрӯ кокули пешҳамойилгаштаи духтарро дошта боло нигарист:

– Ёсуман, баррачаатро ба ман деҳ, калон шавам, ба ту ду баррача диҳам.

– Даркор не! Баррачаи худам ширин.

– Худат ҳам ширин, баррачат ҳам ширини ширин... Баррачаро бо очааш гирифта ба хонаи мо биё. Ман туро мегирам. Моламон зиёд мешавад.

Ёсуман сахт хандиду гурехт. Аз даруни хона садойи хандааш омад. Садойи хандаи модараш ҳам. Сонӣ овози дилдориаш: «Ӯро наранҷон, хуб гӯй, то дилаш озурда нагардад». Некрӯ чунин ҳарфро шунида, шерак гашт ва паси дар омад. Садойи Ёсуман: «Афсар шунавад, чӣ мегуфта бошад?» Посухи модар: «Афсар шунавад, баччагиаш ёд ояд, ки ба арӯси ҳамсоя чӣ

гуфта буд: «Аз шӯт бурою мана гир!» Ёсуман баланд хандид бе ҳеҷ андешаву мулоҳиза. Бурун омад, ки Некрӯ нест. Зеро ӯ кӣ будани Афсарро медонист: нисбати Ёсуман. Бояд аз хидмати ҳарбӣ биёяду базм ороста, Ёсуманро дар мошинаш савор карда, барад. Аммо ишқи кӯдакии поку соф, вале армониву хаёлии Некрӯ набояд ба ин кор роҳ диҳад. Ӯ бояд диловарӣ бикунад ва чун қаҳрамонҳои афсонавии бобояш ба ин кор роҳ надиҳад; Афсари ҷавону болобаланду тануманд ва абрӯсиёҳи хандонрӯро бояд аз миён бардорад. Ва Ёсуманро бигирад. Ангушт мушт кард, бозӯ дамонд, қад кашид. Аммо ақлаш ба коре надавид; аз дасташ чизе наомад, боз давид сӯйи хонаи Ёсуман. Дами дарвоза такрор кард: «Ёсуман, барраву очаашро гирифта ба хонаи мо биё!».

Модари Ёсуман пайдо шуд ба дарвозахона. Наздик омада сари ӯро сила кард:

– Некрӯҷон, Афсар аз аскарӣ омадаст. Ёсуманро мебарад...

Шакарханда гуфтани модар теғе буд, ки дили нозуки писаракро чок кард. Ӯ хомӯши хомӯш монд дурудароз ва зери абрӯ теғ кашида ба Ёсуман нигарист, то чӣ фармояд. Аммо худи ӯ дар чашми Ёсуман об гашт; хурд буд, хурдтар шуд; ба замин фурӯ мерафт; гӯё хок мекашид. Духтар аз тарс ё нобуд гаштани писараки ширинаки монанд ба барраи ӯ худдорӣ карда натавониста фарёд зад: «Некрӯӯӯӯӯ!!!»

Некрӯ завқ кард ба ҳоли ӯ, ки аз сари кӯҳи баланд парвоз кард аҷиб, вале ҷарии бетаҳро надида, болҳояшро ҷамъ кард ва ба варта фурӯ рафт...

Некрӯ чашмон бо кафи даст пӯшид ва низ фарёд зад: «Ёсумааааан!!!»

23.07.11

# МУНДАРИЧА

Дида ва шунида....................2
Айби дандони фитода....................4
Бистари марг....................8
Бочӯрабой....................10
Ҳар лаҳза мекушанд, боз зинда мешавем....................12
Гӯяйи сари гӯр....................13
Санги сарсахт....................14
Ду дӯст....................14
Хурӯси ҳамсоя....................15
Насиҳат....................17
Баъди понздаҳ сол....................18
Ишқи ӯ маро кушт....................19
Шавқангез....................20
Модари пир....................21
Гадо....................21
Базм баройи ду кас....................23
Худо ҷонамро намегирад, ки.......................26
Ҳайкали Сино....................27
Подабон....................27
Чилтоҷ....................28
Шоъир машраб....................29
Япончa....................32
Говамон зойид....................34
Ё-ё....................34
Одамшиносӣ....................34
Баҳона....................35
Бӯйи Ватан....................35
Меҳри Ватан....................37
Кӯза....................39
Говхӯр....................42
Вопасин....................43
Хонуми қашанг....................43
Асалро гург бурд....................44
Овозхон ва раққоса....................45
Ҳақгӯяк....................46
Базми зоғон....................47
Саге ёри рӯбоҳ....................48

Дузд.......................................................................................48
«Одам мурд» .........................................................................50
Ёру чӯра..................................................................................51
Ҳоҷийи чавон .........................................................................52
Дил гум зад.............................................................................53
Домод......................................................................................53
Малахи бегона .......................................................................54
Магас.......................................................................................54
Санги гӯр ................................................................................55
Ало!.........................................................................................55
Ҳавойи сард............................................................................55
Буксир......................................................................................55
Осиёйи миёна..........................................................................56
Баҳойи 2..................................................................................56
Мардзанак ..............................................................................56
Се бор......................................................................................56
Муҳаббат ...............................................................................56
Занмурда..................................................................................57
Нӯшбоди вопасин ...................................................................66
Имшаб тамоми шаб... ............................................................68
Маҳмудбек .............................................................................69
Тоҷик .......................................................................................70
Кош зода нашудам-э! .............................................................71
Сангфарсо...............................................................................73
Пешмарги писар .....................................................................81
Гӯр роҳ намедиҳад.................................................................83
Нишони шоъир .......................................................................85
Ҷанг.........................................................................................87
Паймон....................................................................................88
Шохи шикаста.........................................................................90
Байтҳойи Соҳиб ......................................................................92
Ёликча.....................................................................................93
Паҳлавон..................................................................................93
Вазир меояд! ..........................................................................94
Тоҷивор....................................................................................96
Пиёла .......................................................................................96
Мазор ......................................................................................98
Ман – манам!.........................................................................100
Бадбахтӣ ................................................................................101
Даҳони маро дӯзед................................................................101

Ҷӯрабек гӯяд: ........................................................ 102
Фотимайи аждар ........................................................ 102
Чароғи фурӯзон ........................................................ 104
Шутурнон ........................................................ 105
Суфрадузд ........................................................ 106
Одами рост ........................................................ 107
Айёми шум ........................................................ 108
Заҳри мор ........................................................ 109
Дугонагӣ ........................................................ 109
Замоне ........................................................ 110
Сагҷанг ........................................................ 110
Хонаравшанкунӣ ........................................................ 113
Шикастапо ........................................................ 117
Саргираки ҳамранг ........................................................ 122
Гарав ........................................................ 123
Гӯсолайи худамон ........................................................ 124
Рӯ ба рӯйи гӯристон ........................................................ 126
Пешпардохт ........................................................ 128
Харитайи олам ........................................................ 131
Шамшер ........................................................ 132
Мунда ........................................................ 133
Мурдашӯ ........................................................ 133
Гови порагӣ ........................................................ 135
Сайёди навкор ........................................................ 136
Нодида ........................................................ 136
Ҷанги майнаву зоғ ........................................................ 137
Аз бало ҳазар ........................................................ 137
Шикоят ........................................................ 138
Судхӯр ........................................................ 138
Мурғи гушна ........................................................ 138
Пурсу посух ........................................................ 138
Дилсӯзӣ ........................................................ 138
Мо ........................................................ 139
Орзӯ ........................................................ 139
Рӯдакивор кӯрам накунӣ ........................................................ 139
Аҷалрасида ........................................................ 139
Тори дил ........................................................ 140
Аҳд ........................................................ 142
Дузд ........................................................ 145
Сангро шиканад санг ........................................................ 146

Бобо ва наберахо....147
Мантиқ – муаллим....151
Тағову ҷиян....151
Сайёд ва хирс....154
Ҷав корида будӣ ё гандум?....154
Ҷазза....155
Гӯшти хом....156
Картошкадузд....157
Чӣ фарқ дорад?....158
Даҳана....159
Эътироз....159
Говбизнес....159
Ҳеҷ чӣ....162
Пеш аз ҷаноза....162
Шумо дар куҷо....163
Кӯчарӯб....163
Он тараф ҷарӣ....165
Холдор....166
Дар қасри фарҳанг....167
Курсийи якум....168
Гилагузорӣ....169
Номи ман чӣ буд?....170
Кори шайтон....171
Эҳтиёт бикунед....171
Гӯсфанди даруни дег....172
Дилум, дилум, дилум-э!....173
Нобакор....175
Чапағай....176
Ҷанги обу....184
Усто – монтёр....186
Дастнорас....188
Нон бошад.......188
Дасти холӣ....189
Сари бора....189
Андаруни қоб....190
Оҳанги фармуда....192
Зонушикан....193
Обсофкунак....197
Як мушти обдор....203
Ду девона....206

Мадду ҷазр ....................................................................................212
Заъфи пирӣ ....................................................................................216
Русбачча.........................................................................................222
Тана ...............................................................................................227
Регби ..............................................................................................229
Модари кӯчарӯб ..............................................................................231
Душман ..........................................................................................235
Шоҳмоти устод ...............................................................................238
Як чика борон.................................................................................240
Бало занад ......................................................................................244
Ромишгари хунхор...........................................................................246
Чиллагурезон...................................................................................248
Бевазан ...........................................................................................251
Эээ... ...............................................................................................252
Ғӯлунг ............................................................................................252
Оби тоза ..........................................................................................252
Дуъои гурба ....................................................................................254
Кӯрроҳа...........................................................................................254
Шоҳидони дузд ...............................................................................259
Агар бобом намебуд... .....................................................................262
Савдои умр .....................................................................................264
Дом ................................................................................................269
Дуздӣ..............................................................................................270
Гурги мода.......................................................................................274
Мусичаи бегуноҳ .............................................................................279
Ташаккур ба дандонпизишк ............................................................281
Кӯрофтоб ........................................................................................282
Осон бикун!.....................................................................................291
Гаҳворачунбон ва малах .................................................................297
Гӯристони ғарибон ..........................................................................301
Халтаи шаффоф ..............................................................................304
Рақси ситораҳо................................................................................306
Даргузашти нависандаи нотакрор.....................................................307
Каллапӯши сархӯр ...........................................................................309
Ду дардманд ...................................................................................311
Мӯкиҳои дарида...............................................................................317
Модар.............................................................................................324
Хирси пир........................................................................................326
Ангон ..............................................................................................330
Бозӣ ба бозӣ....................................................................................337

Садаи Одина..........342
Ниёзи пашмак..........343
Сангкӯбак..........343
Ду табор..........344
Ишқи кӯдакӣ..........344

**СОРБОН**

**МАҒЗРЕЗА**
*(Дида ва шунида)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири сафҳабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 17.10.2012 супорида шуд.
Ба чопаш 14.12.2012 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/16.
22,0 ҷузъи чопӣ. Адади нашр 1000 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.

Дар матбааи КММИИ «Аршан» ба табъ расидааст.
ш.Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов, 73/1
E-mail: varz.tm@mail.ru